ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2021. №3

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2021. №3

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2021. No.3

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2021

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 6 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Исмонов Карометулло — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Юсуфзода Носирҷон Салимӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Раҳматуллозода Сахидод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Назарзода Сайфиддин — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АИ ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ*

Гулназарова Ҷило — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода*

Абдуллозода Масрур Аҳмад — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*

Сироҷиддини Эмомалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Кучарзода Аламхон — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АИ ҶТ*

Саидов Ҳалимҷон Азизович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Муродов Мурод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Хоҷаев Давлатбек — *Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Дӯстзода Ҳамрохон Ҷума — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои филологӣ
– 2021. – №3. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №182/ЖР-97
ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: **10.01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.**

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд. Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).

© ДМТ, 2021

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК
Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 6 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт	*Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	*Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Исмонов Карорматулло	*Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали	*Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*
Юсуфзода Носирджон Салими	*Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан*
Рахматуллозода Сахидод	*Доктор филологических наук, профессор, член-корреспондент Академии наук Республики Таджикистан*
Назарзода Сайфиддин	*Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*
Гулназарова Джило	*Доктор филологических наук, профессор Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзаде*
Абдуллозода Масрур Ахмад	*Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета*
Сироджиддини Эмомали	*Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*
Кучарзода Аламхон	*Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондентАкадемии наук Республики Таджикистан*
Саидов Халимджон Азизович	*Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета*
Мамадназаров Абдусалом	*Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета*
Муродов Мурод	*Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета*
Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна	*Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета*
Ходжаев Давлатбек	*Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета*
Дустзода Хамрохон Джума	*Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета*

Вестник Таджикского национального университета.
Серия филологичесих наук.
– 2021. – №3. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №182//ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

© ТНУ, 2021

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SERIES OF PHILOLOGY
Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 6 times a year.

CHIEF EDITOR:

Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht *Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo *Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Imomzoda Muhammadusuf Saidali *Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*

Yusufzoda Nosirjon Salimi *Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*

Khorkashev Sakhidod *Doctor of Philology, Professor, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*

Nazarzoda Saifiddin *Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*

Gulnazarova Jilo *Doctor of Philology, Professor of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda*

Abdullozoda Masrur Akhmad *Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University*

Sirojiddini Imomali *Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*

Kucharzoda Alamkhon *Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*

Saidov Khalimdzhon Azizovich *Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University*

Mamadnazarov Abdusalom *Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University*

Murodov Murod *Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*

Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna *Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*

Khodzhaev Davlatbek *Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University*

Dustzoda Khamrokhon Dzhuma *Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University*

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2021. – №3. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science: **10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.**

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.

The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.© TNU, 2021

УДК: 811.21/22-56:891.550

ВОЖАИ “ТОҶИК” ВА ЗАБОНИ БОХТАРӢ

Назарзода С.
Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АМИТ

Сарзамини Бохтар, ки гаҳвораи тамаддуни ориёӣ шумурда мешавад, аз нуқтаи назари забоншиносӣ мавриди пажӯҳиши амиқ қарор нагирифтааст. Аз забони бохтарии давраи бостонии рушди забонҳои эронӣ иттилооти мушаххас дар даст нест. Бархе аз донишмандони аврупоӣ забони авестоиро бархоста аз ин сарзамин медонанд. Муҳаққиқони муътабари забони авестоӣ П. Тедеско ва А.Мейе ин забонро ба гурӯҳи шимоли ғарбии эронӣ дохил намуда [18, с.255; 7, 123] дар аввал номи ин забонро бо номи забони бохтарии қадим муаррифӣ кардаанд [7, с.133]. Зеро аз назари аксарияти авестошиносон бахшҳои аввали он дар Бохтар пайдо шуда, баъдан ба Мод ва марказҳои дигари тамаддуни ориёӣ паҳн шудааст [7, с.131]. Забони бохтарии миёна, ки бо номҳои тахорӣ ва балхӣ низ маъруф аст, хеле камомӯхта мебошад. Аз рӯи маълумоти пажӯҳишгарони таъриху фарҳанги мардуми Бохтар ва забони бохтарӣ 50-60 сол пеш дар бораи забони бохтарии миёна ба ғайр аз чанд маълумот болои сиккаҳо оид ба шоҳони Кушон ва ҷонишинони онҳо амалан ҳеҷ иттилои дигаре вуҷуд надошт. Тангаҳои кушонӣ навиштаҳои шакли мураббаъ дошта, бо алифбои юнонӣ ва бо тақлид ба шакли сангнавиштаҳои бохтарӣ сикка зада шуда буданд. Бозхонии ин навиштаҳо чандон душвор набуд, вале дар онҳо фақат ном ва унвонҳои ифтихории шоҳон ва номи Худоён дарҷ ёфта буданд. Тангаҳои ҳукмронҳои баъдии Бохтар сиккаҳои Сосонӣ-Кушонӣ, Кидориҳо ё Кушониёни сағир, ҳайтолиҳо ва туркҳо хатти шикаста дошта, бозхонии онҳо хеле душвор буд. Инчунин якчанд порчаи дастхат бо хатти шикаста вуҷуд дошт, ки бо сабаби камшуморӣ ва яклухт набудани онҳо бозхонии дақиқ ва дурусти ин матнҳоро душвор мекард. Таҳқиқи аломатҳои ҳарфии сиккаҳои шоҳони кушонӣ ва ҳайтолӣ имкон медиҳад, ки густариши алифбои юнониасоси бохтариро аз шакли навиштории сангнавиштаҳо то хатти шикастаи болои сиккаҳои ҳайтолиҳо ва хатти навиштаҳои ёфтшуда аз Лоу-Лан (Чин) мавриди баррасӣ қарор диҳем. Рӯҳонӣ ва сайёҳи чинӣ Сюан Сзан дар нимаи аввали асри VII аз сарзаминҳои болооби рӯди Омӯ дидан карда, иттилоъ медиҳад, ки алифбои мардуми Ту-ху-ло (Тохаристон) аз алифбо ва хатти мардуми Су-ли (Суғд) ба куллӣ фарқ дошта, аз 25 ҳарф иборат аст. Самти навишти ин алифбо амудӣ буда, аз чап ба рост навишта мешавад. Тасвири алифбо ва хатти тохарӣ аз тарафи Сюан Сзан ин нуктаро собит месозад, ки ҳанӯз дар асри VII солшумории мо дар Тахористон алифбои юнонии мутобиқшуда ба забонҳои эронӣ истифода мегардид. Ин алифбо аз 25 ҳарф, бо иловаи як ҳарфи хоси овози бохтарии **ш**, ки бо ҳарфи юнонии ипсилон ифода мегардид, иборат буд. Ин аломат ҳарфи **сан** буда, аз алифбои юнонӣ дар асри VI пеш аз мелод бароварда шуда буд, вале маълум мегардад, ки барои дабирону котибон ҳамчун рақам дар адабиёт оид ба мусиқӣ ва инчунин дар доғгузори аспҳо ошно будааст. Ҳамин тариқ, масъала сари илова кардани аломати нав дар алифбои юнонӣ нест (гоҳо дар ин бора низ дар пажӯҳишҳо оид ба забони бохтарӣ сухан меравад), балки сухан дар бораи барқарор кардани аломате меравад, ки пештар аз алифбои юнонӣ бароварда шуда буд. Самти навишти ин хат аз чап ба рост низ аз алифбои юнонӣ гирифтани алифбои бохтариро нишон медиҳад. Алифбои оромиасосӣ суғдӣ самти баръакс дошта, аз рост ба чап навишта мешуд ва бо як силсила вижагиҳо аз алифбои бохтарӣ фарқ мекард, ки ин рӯҳонии чинии мушоҳидакор ҳангоми таъкиди фарқиятҳо байни алифбои суғдӣ ва бохтарӣ онҳоро дар назар дошт. Аз рӯйи осори мавҷудбуда ва иттилооти Сюан Сзан тахмин кардан мумкин аст, ки ин алифбо ва хатти тохарӣ то асри VIII мелодӣ (ҳатто дар Тахористон дар асрҳои баъдӣ) дар сарзамини Бохтар бо шумули Хутталон, водии Ҳисор, Помири ғарбӣ (Шуғнон ва ғайра), вилояти Бомиён (шимоли Афғонистон) ва ҳоказо то ҳудуди Систон мавриди истифода будааст. Тибқи иттилооти Симс-Вилямс, пажӯҳишгари забони бохтарӣ аксарияти навиштаҳо ба забони бохтарӣ баъд аз ёфт шудани сангнавиштаи Сурхкутал пайдо гардид. Вале,

мутаассифона, ба гуфтаи ӯ аксари онҳо порча-порча ва дар ҳолати нохуб боқӣ мондаанд. Ба ҳар ҳол бозёфти тасодуфии сангнавиштаи наве дар шаҳраки Работак, каме дуртар аз Сурхкутали вилояти Самангон аҳаммияти усулӣ ва таърихӣ дошт. Сангнавиштаи Работак, ки ба ҳодисаҳои соли аввали ба тахт нишастани Канишка иртибот дорад, аз лиҳози услуб ба таври хеле аҷиб ба сангнавиштаи Беҳистуни Дориюши кабир монандӣ дорад. Дар сатрҳои аввали сангнавиштаи Канишка ҳамчун «Наҷотбахши бузург Канишкаи кӯшонӣ, Худо Ҳокими мутлақ (сатри 2), Сазовори парастиш, Додрас, Одил, ки шоҳиро аз Нана ва ҷомеи Худоён гирифтааст, ба соли якуми (сатри 3) [ҳукмронии ҳуд] чун худоҳо розӣ буданд, шурӯъ намуд ва он маншури [худро] ба юнонӣ бароварда [ва] баъд онро ба забони ориёӣ гардонид» [3, с.10]. Маводи сиккашиносӣ нишон медиҳад, ки ин ҳодиса дар соли аввали тоҷгузории Канишка сурат гирифта, онро метавон оғози соли аввали ҳукмронии ӯ қаламдод намуд.

Кашфи ин сарчашмаи муҳимми таърихӣ барои пажӯҳиши муассири забони бохтарӣ аҳамияти калоне дошт, вале бозёфтҳои нав, ки дар 4-5 соли охир пайдо гардид, дар пажӯҳиши забони бохтарӣ марҳилаи нав ҳисоб мешавад. Дар натиҷа, танҳо феҳристи санадҳои боқимонда аз забони бохтарӣ зиёда аз 100 дастхатро ташкил дода, аксарияти онҳо дар шаҳри Лондон дар феҳристи шахсии осори бохтарӣ, ки ба доктор Давид Халилӣ тааллуқ дорад, нигаҳдорӣ мешаванд. Аксарияти онҳо аз як маҳал пайдо гардидааст. Ба ҷуз аз санаду номаҳо гурӯҳи муҳимми дигарро ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, ки қарордодҳо, шартномаҳои фурӯш ва иҷораи замин, замонатномаҳо, санадҳо оид ба туҳфа ё озод карданро дар бар мегирад, ташкил медиҳад. Бархилофи номаҳо ҳамаи ин ҳуҷҷатҳо санаи таҳия доранд. Аз рӯйи маълумоти Симс Вилямс дар соли 1996 зиёда аз 20 ҳуҷҷат барои ӯ маълум буд, ки санаи таҳияи онҳо байни солҳои 110 то 549 солшумории кушонӣ, ки баробар ба 342-781 милодӣ мебошад (агар оғози солшумории кушониҳо соли 233 милодӣ гирифта шавад). Ин марҳилаи таърихӣ даврaҳои Хионихо (Кушониҳо), Кидориҳо (Кушониёни сағир), Ҳайтолиҳо ва туркҳо, инчунин оғози даврaи исломиро фаро мегирад [9, с.3].

Ба ҳамагон маълум аст, ки бо омадани тахориён ба минтақаи Бохтар номи ин сарзамин дигар шуд ва минбаъд Тахористон ба ҷойи Бохтар истифода гардид ва забони ин минтақа ҳам дар баробари истифодаи номи бохтарӣ ё кушонӣ забони тахорӣ номгузорӣ шуд, ки баъдан ба ақидаи баъзе муҳаққиқон [1, с.140] ҳам вожаи «тоҷик» ва ҳам вожаи «дарӣ» аз ҳамин калима маншаъ гирифтаанд, ки минбаъд мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт. Акнун, дар натиҷаи пажӯҳиши сарчашмаҳои тоисломӣ, ки бо забонҳои бохтарӣ, портӣ ва суғдӣ пайдо шудаанд, мо метавонем сари масъалаи пайдоиши вожаи «тоҷик» бештар равшанӣ андозем. Ин сарчашмаҳо аз тарафи донишманди олмонӣ Ҳелмут Ҳумбох ва Ғулом Ҷелонии Доварӣ аз нав бозхонӣ шудаанд, ки дастоварди ахири забоншиносии эронӣ оид ба ин мавзӯъ мебошад. Ин сарчашмаҳои муҳим деворнавиштаи Яковланг ба забони бохтарӣ дар вилояти Бомиёни Афғонистон, сиккаҳои як шоҳ бо номи «Қайсари Рум – шоҳи тоҷикон» ба забони бохтарӣ ва матни якчанд ҳуҷҷат аз феҳристи «Ҳуҷҷатҳои бохтари»-и Симс-Вилямс мебошанд.

1. Сангнавиштаи Яковланг. Ин сангнавиштаи бохтарӣ ба рӯйи як оҳаксанги бо андозаи 25х33 см. ҳаккокӣ шуда, 13 сатр дорад. Қисмати калони сатри аввал (ки таърихи сангнавишта ҳам шомили он аст) ва қисмате аз сатри дувум бар асари ҷудо кардани сангнавишта аз девори маъбад зарар дида, нохоно шудааст. Симс-Вилямс таърихи тадвини ин сангнавиштаро соли 492 таърихи бохтарӣ (=724 милодӣ) медонад. Ҳарфҳои ин соли бохтарӣ ба ақидаи вай иборатанд аз: BQY=400+90+2. Вай соли бохтариро бо ин далел чунин хондааст, ки боварӣ дошт, зикри номи қавми тоҷик, ки дар сатри чаҳоруми сангнавишта зикр шудааст, иборат аз номи «тозӣ», яъне араб мебошад. Ба ақидаи вай таърихи тадвини сангнавишта дар соли 724 милодӣ баробар бо ҳуҷуми арабҳо ба Хуросон аст. Хониши Ғулом Ҷелонии Доварӣ на танҳо аз рӯйи аксҳо, балки бо истифода аз таҷҳизоти лабораторияи хатшиносӣ ва осебшиносӣ, ки дар ҷусторҳои чиноӣ истифода мешавад, сурат гирифтааст.

Натиҷаи ин баррасӣ нишон медиҳад, ки ин таърихро бояд соли 392 тақвими бохтарӣ (624 милодӣ) хонд, яъне адади аввали сангнавишта T=300 мебошад. Пас мо бо ин хониш дар охири даврaи сосонӣ, яъне дар замони инқирози давлати Сосониён қарор мегирем, ки Эрон, аз як тараф бо империтории Руми шарқи дар ғарб ва, аз ҷониби дигар, бо давлати

туркон дар шарқ машғули ҷангҳои хунин буд ва бар асари ин набардҳо хеле заиф гардида буд.

Дар оғози сатри чаҳоруми сангнабишта номи ду қавм зикр мешавад. Симс Вилямс номи қавми аввалро **Дурку** (Dorko) мехонад (яъне ҳарфи аввалро дол мехонад) ва дар ин бора тавзеҳоти муфассал низ пешниҳод мекунад. Тавре вонамуд мекунад, ки дар он замон бино ба асноди Осиёи Миёна ба **турк дурку** мегуфтанд. Номи қавми дувум яъне **tazigo**–ро **тозик** ба маънои тозӣ=араб тарҷума мекунад, ки иштибоҳ аст. Таҳқиқоти лабораторӣ, ки аз тарафи Ғулом Ҷелонии Доварӣ сурат гирифт, ба равшанӣ нишон медиҳад, ки ҳарфи аввали калима дар қисмати поинӣ комилан баста набуда, балки каме боз аст, яъне ҳарфи аввал аз назари расмулхати бохтарӣ «т» аст, на ҳарфи «дол». Илова бар он ҳарфи аввали калима аз ҳарфи баъдӣ бузургтар аст ва ба ҳарфи аввали номи **tazigo** шабоҳат дорад. Бо ин тартиб хониши дурусти ин калима иборат аз Torko «қавми турк» аст, ки мантиқан хониши дуруст барои ин қавм мебошад. Пас тарҷумаи дурусти ин ҷумла дар сатри чаҳорум аст: **«kaldo torko xaro (o)do tazigo xaro stado. Вақте ки ман подшоҳи турк ва подшоҳи тозик (=тоҷик) шудам»** [5].

Аз ҷониби дигар зикри номи як подшоҳи араб (Tazigo Xaro) наметавонад ҳеҷ гуна иртиботе бо маъбади буддоӣ дошта бошад. Чӣ гуна як ҳукмрони араб ва мусулмоне ҳозир шудааст, ки дар маросими ифтитоҳи як маъбади буддоӣ ширкат кунад ва ё чӣ тавр шуда метавонад, ки араб дар он ҷо подшоҳ бошад. Мо дар шарқ дар оғози ҳуҷуми араб бо фармондеҳони низомӣ сару кор доштем ва арабҳо дар он замон хилофат доштанд, на шоҳигарӣ. Давраи ҳуҷуми арабҳо дар шарқи Эрон як давраи хунин буд. Арабҳо ба унвони истилогарон ва таблиғкунандагони як дини нав вориди сарзамини Хуросон шуданд. Ҳадаф ва мақсади онҳо паҳн кардани дини ислом ва нобуд сохтани динҳои дигар буд, ки бо хунрезӣ ва нобуд кардани фарҳанги мардумони ин сарзамин ҳамроҳ буд.

Бинобар он, ба таври куллӣ таъбири тозик **Tazigo** ба ҳайси араб ва санагузории сангнавиштаҳо бо соли 492 бохтарӣ (724 милодӣ) аз тарафи Симс-Вилямс ба назар дуруст намерасад. Агар фарзан қабул кунем, ки ин таърих дуруст аст, боз ҳам дар он замон дар минтақаи Бомиён арабҳо ҳанӯз вуҷуд надоштанд. Дар он вақт дар шимоли Ҳиндукуш хонаводаи салтанатии Тегиншоҳиён ҳукмфармоӣ мекард. Дар минтақаи Бомиён хонаводаи салтанатии дигаре бо номи **Шер** (таваҷҷуҳ шавад ба унвони «Шери Хатлон ва Бомиён» дар ин давра) ва дар минтақаи ҳамҷавори он, яъне дар Ғур хонаводаи дигари шоҳӣ салтанат мекард, ки лақаби худро **шор** меномиданд. Хеле баъдтар, яъне дар замони халифаи Аббосӣ мансур (753-774 милодӣ) шери Бомиён ба дини ислом гаройид. Ғулом Ҷелонии Доварӣ баъд аз хониши комили ин матн мегӯяд: «Ба ақидаи ман калимаи **Tazigo** дар сангнавиштаи бохтарӣ ҳеҷ чизи дигаре наметавонад бошад, ғайр аз номи қавми тоҷик, қавме, ки дар сарзамини Хуросони бостон (Афғонистони имрӯза) ва Осиёи Миёна маскангузин буданд. Аз рӯйи ин дарёфтҳои тоза метавон акнун қисмати фавқонии сангнавиштаи Яковлангро ин тавр тарҷума кард: «Дар соли 392 (624 милодӣ) моҳи сабул буд, ки обод шуд бунёди ин ступа (маъбади буддоӣ) аз тарафи ман Алхис – писари Харос Хидеви Газон аз Роғи Замангон, вақте ки **ман подшоҳи турк ва подшоҳи тозиг (тоҷик) шудам**» [4, с.54.]

2. Этноними тоҷик дар ҳуҷҷатҳои бохтарӣ. Номҳои тоҷику арабу турк дар санаду ҳуҷҷатҳои дигари бохтарӣ, ки акнун кашф шуда ва аз тарафи Симс Вилямс хонда ва чоп шудаанд, омадаанд [16, с.127, 131, 133] Аммо дар ин маврид ҳам Симс Вилямс иштибоҳ карда номи тозикро ба «араб» таъбир мекунад. Боз ҳам ба қавли Ғулом Ҷелонии Доварӣ, аз ҳамин аснод низ метавон номи **тозик** ва **тозӣ** (**=араб**)-ро возеҳан аз ҳамдигар фарқ кард, ки Симс Вилямс ба он мутаваҷҷеҳ нашудааст. Ғулом Ҷелонии Доварӣ барои исботи фикри худ чунин намунаҳоро аз ҳуҷҷатҳои бохтарӣ пешниҳод мекунад:

1. Ба маънои мардуми тоҷик. Alo rōbigo odo alo bamoianigo alo **torko** alo **tazigo** alo ōdagosigo alo andaro uarso kiso «ҳамчунон рӯбӣ (яъне мардуми руй дар шимоли Афғонистон) ҳамчунон бомиёнӣ, ҳамчунон турк, ҳамчунон тозиг, ҳамчунон мардуми бумӣ ва касони дигар.(Санади ВВ с. 131 сатри 25) Ё «Ҳеҷ кас набояд (чизеро) нигаҳ дошт ва ё мутолиба кард ва ё зӯрманд шуд ва ҳақ ҳам надорад, на рубӣ (яъне мардуми Руи имрӯз), ва на бомиёнӣ (мардуми Бомиён), на турк, на тозиг, на бумиён (мардуми бумӣ) ва на ҳеҷ каси дигаре…» (Санади ВВ, с. сатрҳои 20-21). Дар «Асноди бохтарӣ»-и Симс Вилямс, ки соли 2000 дар як ҷилд чоп шудааст, боз як матн пешниҳод мешавад, ки тарҷумаи он чуни наст:

«Умед аст, ки мардуми Бомиён, турк, тоҷик ва маҳал… розӣ бошанд». Ин санад дар бораи фурӯши замин аст, ки соли 525 бохтарӣ баробар ба 758 милодӣ таҳия шудааст. Дар ин ҷо ҳам муҳаққиқи олмонӣ вожаи «тоҷик»-ро ба маънои «араб» тафсир кардааст, ки тавре аз намунаҳои боло мушоҳида кардем, ба ҳақиқат дуруст намеояд.

2. Ба маънои араб. Storgo **taziiaggo** gazito odo barito lado «Бояд ҷизяи бузург ва бароати тозӣ (=арабӣ) пардохт шавад» (Санади ВВ, с.127, сатри 6). Ё «Пас, моро дар хона дигар чунин тавони молӣ набуд, ки бо он (мо) ҷизяву бароати арабиро тавонист пардохт. (Санади ВВ, с. 127, сатрҳои 6-7).

Дар асоси ин ҳуҷҷату санадҳои нав метавон ҳоло номи ҳар ду қавми тоҷику тозӣ (араб)-ро ба сурати навишторӣ ва гуфторӣ возеҳу равшан аз ҳамдигар чунин ҷудо кард:

1. Tazigo = Тозик (ручӯъ шавад ба калимаи портӣ-суғдӣ = тожик) яъне номи қавми тоҷик;

2. Taziio=тозӣ (ки дар матни аснод ба сурати сифати **taziiaggo=**тозиянг омадааст), яъне араб.

Пас метавон чунин хулоса кард, ки шабоҳат ва монандии шаклии номи ин ду қавм ва омехта кардани онҳо бо ҳамдигар дар матнҳои осори адабӣ – таърихии давраи исломӣ ба матнҳои осори бохтарӣ ва форсии миёна (ручӯъ шавад, масалан ба Бундаҳишн), ки дар он номи ин ду қавм тавре ки мебинем, хеле бо ҳам наздик будаанд, бармегардад. Дар ин матн як калимаи дигар ҳам ба ду шакли мухталиф мисли **tazauo** ва **tazago** (ки аз назари забонӣ шакли аввалӣ «бостонӣ» ва шакли дувумӣ «нав» аст) зикр мешавад, ки Симс Вилямс инро ҳам иштибоҳан «араб» тарҷума мекунад. Аммо маънои ин калимаи бохтарӣ «тоза» мебошад. Яъне «draxmo **/tazago** simiggo» ба маънои «дирҳами тозаи симин (нуқрагӣ)» аст [5] (Санадҳои В (с.739), с. 117 сатри 10, В, с. 129, сатрҳои 9-10, ВВ, с. 135 сатри 31). Тавре ин мисолу намунаҳо нишон медиҳанд, дар санаду ҳуҷҷатҳо ва тангаҳои нав пайдошуда ба забони бохтарӣ вожаҳои «тоҷик», ҳамчун этноним, «тозӣ» дар шакли ҷамъ ва сифат ба маънои «араб» ва «арабӣ» ва инчунин вожаи «тоза» дар шакли «тозаго» ба маънои «пок» аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Тавре пажӯҳишгарон қайд мекунанд, ин вожа ҳамчун сифат ба маънои «зӯр, ҷасур, диловар» аз руи решашиносӣ ба ҳамин вожа иртибот дорад. Бо гузашти замон овози «ч» ба «з» табдил ёфта, пасвандҳои мухталифе ба монанди -а, -ак, қабул карда, дар форсии миёна шаклҳои нави тозак, кавозакро гирифтааст. Дар санскрит маънои пешини худро «тоза» – зебо хуб ва дар форсии миёна маъноҳои «пок, беолоиш, дуруст» -ро нигоҳ дошта, дар забони тоҷикии имрӯз ҳам маънои аслии худро нигоҳ дошта, дар зимн маънои «нав, тару тоза»-ро низ касб кардааст.

3. Сиккаҳои Тегиншоҳиён. Донишманди фаронсавӣ Эдвард Шоун дар китоби худ бо номи «Аснод дар бораи туркони ғарбӣ» (1903) дар робита бо муносибатҳои сиёсии сулолаи Ханҳо (Ҳонҳо)-и Хитой дар минтақаи марзҳои ғарбии онҳо дар Бохтар дар бораи шоҳони Хуросон бо номи «Тегиншоҳон» маълумот медиҳад. Яке аз шоҳони ин сулола дар солномаҳои чинӣ соли 745 милодӣ бо номи Пуфу-Чуан бо сиккаҳои ӯ ёд шудааст. Сиккашиноси маъруфи Австрия Роберт Гебл дар рисолаи бузурги хеш «Аснод дар бораи таърихи хунҳои эронӣ дар Бохтар ва Ҳинд» (ҷилдҳои 1-4, 1967) чанд сиккаи шоҳи дувуми Тегиншоҳиёнро чоп кард, ки ҳанӯз нопурра буданд ва хондани ин сиккаҳо низ душвор буд. Бо пайдо шудани тангаҳои нави ин шоҳ эроншиноси олмонӣ Ҳелмут Ҳумбох онҳоро бозхонӣ кард.

Дар ин сиккаҳо номи тозик бо ҳарфи «к» дар сиккаҳои арабӣ-сосонӣ дида мешавад, ки матни аслии сиккаҳо аз тарафи яке аз шоҳони сокини Хуросон, ки бо арабҳо мухолиф буд, ҳаккокӣ шуда ва ба ҷойи он лақаби хешро ба забони бохтарӣ рӯйи сиккаҳо сабт кардааст. Дар ин сиккаҳо вай лақаби ифтихоромези **қайсари Рум (fromo kēsaro**) дорад. Ин сиккаҳо, ки дар солҳои 60 асри ХХ кашф шуданд, шомили маҷмӯае аз сиккаҳое аст, ки хониши панҷ адади онро олими олмонӣ Ҳелмут Ҳумбох ба донишмандон пешниҳод кард [15, с.81-85]. Дар ин сиккаҳо номи ин шоҳ нахуст ба сурати хулоса ин тавр омадааст: **fromo kēsaro bago xoadēo «қайсари Рум, Худои бузург**». Ин донишманд баъдан номи Taziko= тозикро дар маҷмуаи дигаре дар «Феҳристи сиккаҳои Порис» кашф намуд ва тавонист чаҳор адади қобили хониши онро дар соли 1982 мунташир намояд [14, с.303-309]. Вай дар ин сиккаҳо дарёфт, ки номи ин қавм дар ҳолати ҷамъ Tazikano = тозикон (бо ҳарфи к) омадааст ва баъд аз он як калимаи дигар ҳам дида мешавад, ки назар ба заифии ҷой ва дар асари тахриби канори сиккаҳо нохоно маълум мешуд. Ҳелмут Ҳумбох хониши xaito ва

xaigo –ро пешниҳод кард, аммо баъдан дар ҷойи дигаре вай хониши xoago-ро ишора мекунад ва дар натиҷа онро xoago Tazikano мехонад ва бо «**фотеҳи аъроб**» тарҷума мекунад. Аммо тибқи катибаи бохтарии Яковланг ва таҳқиқоти лабораторӣ, акнун собит шудааст. ки калимаи охирӣ дар ҳар чаҳор сиккаҳои охир иборат аз лақаби **xaro = хар** ба маънои «**шоҳ**» мебошад, ки дар асари заифии ҷой аз тарафи зарроб дуруст нақш нашудааст. Пас хониши дурусти рӯйи сиккаҳо чунин ба назар мерасад: **fromo kēsaro bago xoadēo tazikano xaro - Қайсари Рум, Худои бузург. Шоҳи тозикон.** Дар рӯи яке аз сиккаҳои ин шоҳ матни дар боло зикршуда боз ҳам муфассалтар ва дақиқтар омадааст. «**Кайсари Рум, баѓи хадю – касе, ки шоҳи тоҷикон аст**». Пушти ин сикка низ як маълумоти муҳимми таърихӣ омадааст. «**Ва сова (хироҷ) ҳосилоти кишоварзӣ буд, ки онро пардохтанд**» [4, с.52]. Ҳамин тариқ, далели пирӯзии бохтариён аз болои арабҳо ва гирифтани товони ҷанг аз онҳо бо сикка задани тангаҳои махсус ба ифтихори ин пирӯзӣ тасдиқ мегардад.

Пас ин сиккаҳо дар бораи вуҷуди подшоҳе бо лақаби **Tazikano Xaro,** яъне «шоҳи тоҷикон» шоҳиди таърихии муҳиманд, ки **Tazigo Xaro** дар катибаи бохтарии Яковланг ҷуз аз шоҳи тоҷик (бояд донист, ки калимаи **хар=xaro** аз калимаи xšθriyo омадааст ба маънои «**шоҳ**») ба маънои дигаре таъбир кардан ғайриимкон аст.

Дар қисмати гуногунии талаффузи ин калима дар лаҳҷаҳо метавонем натиҷагирӣ кунем, ки номи **Tazigo** дар сангнавиштаи Яковланг баробар аст бо номи **тожик** дар лаҳҷаи монавӣ-портӣ ва номи **тозик** дар рӯйи сиккаи қайсари Рум бо лаҳҷаи суғдии **тозик** баробар аст [4].

Дар бораи нисбат ба худ раво дидани унвони «**қайсари Рум**» ҳамин қадар бояд гуфт, ки вай бо подшоҳи Чин робита дошт ва дар як эътилофи сиёсиву низомӣ ба муқобили арабҳо ҷангида ва ба пирӯзиҳое низ ноил шудааст. Интихоби лақаби «**Қайсари Рум**» аз он хабар медиҳад, ки ин шоҳ дар қаламраваш қудратманд буда, тавониста буд, ба арабҳо шикастҳое расонда ва онҳоро маҷбур ба пардохтани боҷ кунад (тавре ки аз рӯйи матни ақиби сикка собит мешавад). Ба монанди ҳамтои муосираш дар ғарб, яъне Лиони Савум, қайсари Рум (яъне Византия), ки арабҳоро дар вақти муҳосираи Константинопол дар солҳои 726, 739 ва 740-и мелодӣ шикастҳои сахт дод. Дар ин маврид муаррихони араб хомӯш мондаанд.

Бояд қайд кард, ки сиккаҳои давлати Кушониҳо маълумотҳои ҷолибе доранд. Аз ҷумла подшоҳони кушонӣ дар ин сиккаҳо бар фарози кӯҳҳои Помиру Ҳиндукуш тасвир шудаанд, ки бо ин амал онҳо сарзамини аслӣ ё бумии хеш, яъне меҳани обоии худро дар сиккаҳои хеш ба тасвир кашидаанд.

Ё дар яке аз сиккаҳо тасвири шоҳаншоҳи афсонавӣ ё ривоятии мардуми тоҷиктабор Йимо ё Ҷамшед омадааст, ки ин гуна тасвир умуман дар таърихи мардуми тоҷик бори аввал вомехӯрад. Аз ин тасвир бармеояд, ки Ҷамшед дар ҳақиқат дар сарзамини мо эҳтироми зиёде дошта, шахси муқаддас ҳисоб мешудааст.

Аз ин матнҳо бармеояд, ки вожаи «тозиг» ба араб ва шоҳи араб ҳеҷ иртиботе надорад. Дар ин давра дар байни исломиён вожаи «шоҳ» ҳамчун истилоҳи расмӣ вуҷуд надошт. Аз ин матн чунин хулоса кардан мумкин аст, ки сухан дар бораи шоҳони маҳаллии тоҷикон меравад (масалан шоҳони тоҷики Бомиёну Хатлон), ки дар ин сарзамин то омадани арабҳо ҳукмронӣ мекарданд. Ин санади нави тоза дар бораи маъмул будани истилоҳи тожик/тозик/тоҷик гувоҳи он аст, ки забони тахории бохтарӣ оҳиста-оҳиста ба забони тоҷикӣ ва қавми бохтариҳои ин сарзамин ба халқи тоҷик табдили ном кардааст. Фақат истилои араб ва турктозиҳои ин давра тавонист пеши роҳи ин ҷараёнро, яъне ҷараёни ташаккули халқи тоҷикро гирад, ки бо омадани сулолаҳои тоҷиктабори Тоҳириёну Саффориёну Сомониён ин ҷараён аз нав ҷон гирифт ва дар давраи Сомониён ҷараёни ташаккули халқи тоҷик, ки дар давраи Кушониёни Кабир оғоз шуда буд, ба анҷом расид.

Забони бохтарӣ дар давраи миёнаи рушди забонҳои эронӣ, аз рӯйи истилоҳоти қабулшуда барои забонҳои эронии миёна, забони бохтарии миёна, ки дар сарзамини Бохтари таърихӣ, вилоятҳои имрӯзаи шимол ва маркази Афғонистон, минтақаҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон, ҷануби Узбекистон паҳн шуда буд, дар байни забонҳои эронии миёна ҷойи махсусеро ишғол мекунад. Вижагиҳои хоси забони бохтарӣ дар муқоиса бо забонҳои дигари эронӣ чунинанд:

1. Забони бохтарии миёна аз лиҳози надоштани ҷинсият, ҷамъи сегона ва бархе хусусиятҳои дастурӣ аз забонҳои эронии миёнаи шарқӣ ба куллӣ фарқ карда, бештар хусусиятҳои забонҳои эронии ғарбии давраи миёнаро доро мебошад. Бинобар ин масъалаи ба гурӯҳи забонҳои эронии шарқӣ мансуб будани забони бохтарӣ бознигарӣ мехоҳад. Он бояд дар баробари забонҳои портӣ ва форсии миёна ба гурӯҳи забонҳои эронии ғарбӣ мансуб дониста шавад. Ин масъала пажӯҳиши иловагии забоншиносиро талаб дорад.

2. Забони бохтарии миёнаи нисбат ба забонҳои эронии давраи миёна, ки бо номҳои халқҳои соҳиби ин забонҳо (парсиг – форсӣ, суғдӣ, хоразмӣ, портӣ) ёд мешуданд, номи таърихии худро дар шакли «ориёӣ» нигоҳ доштааст. Дар ин бора сангнавиштаи Работаки давраи Кушониёни Кабир иттилоъ медиҳад. Дар ин сангнавишта аз ҷумла эълон шудааст: «Наҷотбахши бузург, Канишкаи Кушонӣ, ростин, боадолат, Шоҳи шоҳон, худованд, сазовори ибодат, шоҳиро баргирифта аз Нана ва дигар худоён, пояи соли аввали ҳукмронии худро мувофиқи хоҳиши худоён ба роҳ монд.Ва ӯ ин фармонро аввал ба юнонӣ ва сипас ба забони ориёӣ навишт. Ӯ фармон дод, ки тасвири ин шоҳон сохта шавад: Шоҳ Куҷула Катфиз, бобокалони ӯ ва шоҳ Вима Такту падарбузурги ӯ ва шоҳ Вима Катфиз, худи шоҳ Канишка» [9, с.4]. Донишманди машҳур, коршиноси сарчашмаҳои бохтарӣ Симс-Вилямс ҳангоми бозхонии матни катибаи Работак қайд мекунад: «Баъдан, дар ин матн эълон мегардад, ки ӯ ин фармонро аввал бо юнонӣ ва баъдан бо забони ориёӣ таҳия кард». Усулан, ҳамаи забонҳои гурӯҳи ҳиндуориёро метавон забони ориёӣ номид. Вале, дар ин ҷо равшан аст, ки Канишка дар бораи «забони ориёӣ» сухан гуфта, ӯ забони бохтариро, яъне забони сангнавиштаи Работакро дар назар дорад. Тавре, ки Дориюши Кабир дар сангнавиштаҳои форсии қадим чунин дар назар дошт»: «Мувофиқи хоҳиши Аҳурамаздо ман матни дигареро ба забони ориёӣ тартиб додам, ки пештар вуҷуд надошт. Душвор аст, ки ба ин масъала таваҷҷуҳ накунем, ки Канишка лозим донист, ки дар замони табдили забони юнонӣ ба забони бохтарӣ дар сиккаҳо ӯ истифода истилоҳи «забони ориёӣ»-ро зарур донад» [9, с.3].

Ҳамин тариқ, бо ин намунаву шоҳидҳо мо оид ба ягонагии забонӣ ё забони умумие сару кор дорем, ки шартан ва расман забони ориёӣ ном дошта, дар муддати тулонии таърихи забонҳои эронӣ, аз забони авестоӣ ва форсии бостон то забони бохтарии миёна идома доштааст. Ин ягонагӣ ва умумияти забонӣ баъдан ба таври равшан ҳангоми пайдоиш ва ташаккули «забони форсии нав» ва аниқтараш «забони тоҷикӣ-форсӣ-дарӣ» инъикос меёбад.

3. Забони бохтарии миёна дар байни забонҳои эронии миёна ягона забонест, ки аз алифбои юнонӣ барои сабт истифода кардааст. Ин алифбо аз 25 ҳарфи алифбои юнонӣ иборат буд. Тавре, ки Симс Вилямс қайд мекунад: «Кушониҳо фармондорони нави кишвар аввал забони юнониро ҳамчун забони асосии маъмурии шоҳаншоҳӣ нигоҳ дошта, баъдан бисёр зуд барои сабти вожаҳои забони бохтарии маҳаллӣ ба истифодаи алифбои юнонӣ гузаштанд. Лаҳзаи гардиши муҳим дар таърихи ин забон вақте шуруъ шуд, ки шоҳи кушонӣ Канишкаи 1 барои бори аввал забони бохтариро ҳамчун забони расмӣ дар сиккаҳои худ истифода кард. Баъди ислоҳоти пулии аввали Канишка дар ин бахши Осиё забони юнонӣ тамоман аз истифода дар сиккаҳо баромад ва ба ҷойи он забони бохтарӣ истифода гардид» [9, с.3].

4. Забони бохтарии миёна дар давраи ҳукмронии дудмони кушониҳо, на танҳо забони расмӣ ва давлатии ин шоҳаншоҳии бузург, балки забони осори адабӣ, динӣ, таълим ва илм гардид. Тавре Симс Вилямс қайд мекунад: «Дар асрҳои аввали солшумории мо забони бохтарӣ бо боварии комил яке аз забонҳои муҳимми дунёи қадим шумурда мешуд. Ин забон забони шоҳони кушонӣ буда, барои тамоми мардумони шоҳаншоҳии бузурги Кушониён, ки Афғонистони муосир, шимоли Ҳиндустон ва як бахши бузурги Осиёи Миёнаро дар бар мегирифт, фаҳмо буд. Ҳатто, баъд аз инқирози шоҳаншоҳии Кушон ҳадди ақал шаш садсола ба забони бохтарӣ менавиштанд. Бозёфтҳои навиштаҳои бо забони бохтарӣ дар асри IX дар водии Тучии Покистон ва инчунин дастхатҳои будоӣ ва монавӣ ба забони бохтарӣ дар воҳаи Турфони Чини ғарбӣ далели ин гуфтаҳост. Ҳамин тариқ, истифодаи забони адабии бохтарӣ қариб 1000 сол идома пайдо кардааст» [9, с.3].

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулҳай Ҳабибӣ. Забони дуҳазор сол қабли Афғонистон ё модарзабони дарӣ (Таҳлили катибаи Сурхкӯтали Бағлон) / Ҳабибӣ, Абдулҳай. – Душанбе: «Меҳрона- 2017», 2019. - 152 с.
2. Бернштам А.Н. Тюрки и Средняя Азия в описании Хой Чао (726) / А.Н. Бернштам // Вестник древней истории. – 1952. - №1. - С.186-194.
3. Ғолибов Г. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз / Г.Ғолибов. - Душанбе: Дониш, 2006. - 906 с.
4. Ғулом Ҷелонии Доварӣ. Чакидаҳое аз таърихи тожикон бар мабнои осори кашфшуда / Ҷелонии Доварӣ, Ғулом. - Душанбе: Эр-граф, 2016. - 174 с.
5. Дандамаев М.А. Культура и экономика Древнего Ирана / М.А. Дандамаев, В.Г. Луконин. - М.: Наука, 1980. - 416 с.
6. Назарзода С. Забон ва истиқлол / С.Назарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2011. - №6(70). - С.306-311.
7. Оранский И.М. Введение в иранскую филологию / И.М. Оранский. – М.: Наука, 1988. - 390 с.
8. Основы иранского языкознания. Древнеиранские языки. – М.: Наука, 1979. – 388 с.
9. Симс-Вильямс Н. Новые бактрийские документы / Н.Симс-Вильямс // Вестник древней истории. - М., 1997. - № 3. - С.3-10.
10. Стеблин-Каменский И.М. Бактрийский язык.Основы иранского языкознания / И.М. Стеблин-Каменский. – М., 1981. - С.314-346.
11. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат-ҳастии миллат / Раҳмон, Эмомалӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2016. - 491 с.
12. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм. Аз Ориён то Сомониён / Раҳмон, Эмомалӣ. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 704 с.
13. Ethnologie und Geschichte. Festschrift für Karl Jettmar. - Wiesbaden, 1983. – P.303-309.
14. Helmut Humbach: Bactrian kidabo, odabo, malabo/malbo. In: Etudes irano-aryennes offertes à Gilbert Lazard. Paris 1989.- P. 210-215.
15. Helmut Humbach. New coins of Fromo kēsaro. In: G. Poller (ed.*): India and the Ansient World. Professor P. H. L. Eggermont Jubilee Volume*. –Leuven, 1987.- P.303-309.
16. Nicholas Sims-Williams. Bactrian Documents I (Studies in the Khalili Collection, Vol III). Oxford University Press, 2000. -215 p.
17. Tarn W.W. The Greeks of Bactria and India.– Cambridge, 1951.-510 p.
18. Tedesco P. Dialektologie der westiranischen Turfantext. MO, 1925. - 255 p.

ВОЖАИ “ТОҶИК” ВА ЗАБОНИ БОХТАРӢ

Забони бохтарӣ дар давраи миёнаи рушди забонҳои эронӣ, аз рӯйи истилоҳоти қабулшуда барои забонҳои эронии миёна, забони бохтарии миёна, ки дар сарзамини Бохтари таърихӣ, вилоятҳои имрӯзаи шимол ва маркази Афғонистон, минтақаҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон, ҷануби Узбекистон паҳн шуда буд, дар байни забонҳои эронии миёна ҷойи махсусеро ишғол мекунад. Забони бохтарии миёна аз лиҳози надоштани ҷинсият, ҷамъи сегона ва бархе хусусиятҳои дастурӣ аз забонҳои эронии миёнаи шарқӣ ба куллӣ фарқ карда, бештар хусусиятҳои забонҳои эронии ғарбии давраи миёнаро доро мебошад. Бинобар ин масъалаи ба гурӯҳи забонҳои эронии шарқӣ мансуб будани забони бохтарӣ бознигарӣ мехоҳад. Он бояд дар баробари забонҳои портӣ ва форсии миёна ба гурӯҳи забонҳои эронии ғарбӣ мансуб дониста шавад. Ин масъала пажӯҳиши иловагии забоншиносиро талаб дорад. Забони бохтарии миёнаи нисбат ба забонҳои эронии давраи миёна, ки бо номҳои халқҳои соҳиби ин забонҳо (парсиг – форсӣ, суғдӣ, хоразмӣ, портӣ) ёд мешуданд, номи таърихии худро дар шакли «ориёӣ» нигоҳ доштааст. Дар ин бора сангнавиштаи Работаки давраи Кушониёни Кабир иттилоъ медиҳад. Ҳамин тариқ бо ин намунаву шоҳидҳо мо оид ба ягонагии забонӣ ё забони умумие сару кор дорем, ки шартан ва расман забони ориёӣ ном дошта, дар муддати тулонии таърихи забонҳои эронӣ, аз забони авестоӣ ва форсии бостон то забони бохтарии миёна идома доштааст. Ин ягонагӣ ва умумияти забонӣ баъдан ба таври равшан ҳангоми пайдоиш ва ташаккули «забони форсии нав» ва аниқтараш «забони тоҷикӣ-форсӣ-дарӣ» инъикос меёбад. Забони бохтарии миёна дар байни забонҳои эронии миёна ягона забонест, ки аз алифбои юнонӣ барои сабт истифода кардааст. Ин алифбо аз 25 ҳарфи алифбои юнонӣ иборат буд. Забони бохтарии миёна дар давраи ҳукмронии дудмони кушониҳо, на танҳо забони расмӣ ва давлатии ин шоҳаншоҳии бузург, балки забони осори адабӣ, динӣ, таълим ва илм гардид. Дар асрҳои аввали солшумории мо забони бохтарӣ бо боварии комил яке аз забонҳои муҳимми дунёи қадим шумурда мешуд. Ин забон забони шоҳони кушонӣ буда, барои тамоми мардумони шоҳаншоҳии бузурги Кушониён, ки Афғонистони муосир, шимоли Ҳиндустон ва як бахши бузурги Осиёи Миёнаро дар бар мегирифт, фаҳмо буд. Ҳатто, баъд аз инқирози шоҳаншоҳии Кушон ҳадди ақал шаш садсола ба забони бохтарӣ менавиштанд. Ҳамин тариқ, истифодаи забони адабии бохтарӣ қариб 1000 сол идома пайдо кардааст.

Калидвожаҳо: забон, забони бохтарӣ, тоҷикӣ, дастхат, сикка, давраи миёнаи забонҳои эронӣ, забони адабӣ, бозёфт, кофтуков, пажӯҳиш.

ЭТНОНИМУ «ТАДЖИК» И БАКТРИЙСКИЙ ЯЗЫК

Язык Бактрии в среднем периоде развития иранских языков,по принятой в иранистике современной терминологии, среднебактрийский язык, распространившийся на территории современного Северного Афганистана, южной и центральной части Таджикистана и южной части Узбекистана, занимает особое место среди среднеиранских языков. В настоящее время бактрийский язык остаётся самым неизученным языком группы среднеиранских языков. Тщательное исследование бактрийского языка может пролить свет на многие вопросы развития не только этого языка, но и этого периода. Вопрос о принадлежности средне бактрийского языка к

восточноиранской группе иранских языков также вызывает сомнения. Отдельного исследования требует взаимосвязь бактрийского языка с авестийским языком, как языка предшествующего, и таджикского-дари как языка нового периода на ареале распространения бактрийского языка. Единственный язык среди среднеиранских языков, для записи которого использовался греческий алфавит. Этот алфавит состоял из 25 греческих букв. Среднебактрийский язык, в отличие от иранских языков среднего периода, которые назывались по имени этнонимов своих народностей (парсиг-персидский, согдийский, хорезмийский, парфянский), сохранил свое историческое название «арийский», о чем свидетельствует Рабатакская надпись эпохи Кушан. Таким образом, этим доказательством мы имеем свидетельство об идентичности языков или об общем языке, который, хотя формально, официально назывался «арийским» в течение долгого периода истории иранских языков от авестийского и древнеперсидского до среднебактрийского языков. Эта идентичность или общность языка позднее ярко проявляется при появлении и становлении так называемого «новоперсидского», а точнее, «персидского-таджикского-дари» языка. Среднебактрийский язык в периоде правления кушанской династии становится не только официальным и государственным языком огромной империи, но и языком художественной, религиозной, учебной и педагогической литературы. Бактрийский мог быть с полным основанием назван одним из важнейших языков древнего мира. Будучи языком кушанских царей, он несомненно был понятен народам всей огромной Кушанской империи, включавшей территории современного Афганистана и Северной Индии, а также части Средней Азии. Даже после распада Кушанской империи по-бактрийски продолжали писать, по крайней мере, еще шесть столетий. Таким образом, использование литературного бактрийского языка продолжалось около тысячелетия.

Ключевые слова: язык, бактрийский язык, таджикский язык, иранские языки, среднеиранские языки, рукопись, монеты, литературный язык, государственный язык, надпись, империя.

ETHNONYM "TAJIK" AND THE BACTRIAN LANGUAGE

The Bactrian language in the middle period of the development of Iranian languages, according to the modern terminology used in Iranian studies, the Middle Bactrian language, which spread throughout the territory of modern Northern Afghanistan, southern and central parts of Tajikistan and southern Uzbekistan, occupies a special place among the Midlde Iranian languages. At present, the Bactrian language remains the most unexplored language of the group of Middle Iranian languages. A thorough study of the Bactrian language can shed light on many questions of the development of not only this language, but also of this period. The question of whether the Middle Bactrian language belongs to the East Iranian group of Iranian languages also raises doubts. A separate study requires the interconnectedness of the Bactrian language with the Avestan language, as the language of the preceding, and Tajik-Dari as the language of the new period on the area of distribution of the Bactrian language. Only language among the Middle Iranian languages for the recording of which the Greek alphabet was used. This alphabet consisted of 25 Greek letters. The Middle Bactrian language, unlike the middle-Iranian languages, which were named after the ethnonyms of their nationalities (Parsig – Persian, Sogdian, Khorezmian, Parthian), retained its historical name “Aryan”, as evidenced by the Rabatak inscription of the Kushan era. Thus, with this evidence there is a testimony of the identity of languages or of a common language, which, although formally, was officially called “Aryan” for a long period of the history of Iranian languages from Avestian and Ancient Persian to Middle Bactrian. This identity or community of language later clearly manifests itself in the emergence and formation of the so-called "New Persian", or rather, "Persian-Tajik-Dari" language. The Middle Bactrian language during the reign of the Kushan dynasty became not only an official and state language of the vast empire, but also the language of fiction, religious, educational and pedagogical literature. Bactrian could justifiably be called one of the most important languages of the ancient world. Being the language of the Kushan kings, it was undoubtedly understood by the peoples of the entire vast Kushan empire, which included the territories of modern Afghanistan and Northern India, as well as parts of Central Asia. Even after the collapse of the Kushan empire, they continued to write Bactrian for at least six more centuries. Thus, the use of the literary Bactrian language lasted about a millennium.

Key words: language, literary, literary language, Persian-Tajik-Dari, middle-Iranian languages, Bactrian language, East Iranian group, Avestan language, Rabatak, Greek letters, manifests.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Назарзода Сайфиддин*** - Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакӣ, узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи лексикография ва истилоҳот. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 21

Сведения об авторе: ***Назарзода Сайфиддин*** - Институт языка и литературы им. А.Рудаки, член-корр. НАНТ, доктор филологических наук, профессор, заведующий отдела лексикографии и терминологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 21

Information about the author: ***Nazarzoda Sayfiddin*** - Institute of Language and Literature named after Rudaki, corresponding member NANT, Doctor of Philology, Professor, Head of the Department of Lexicography and Terminology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21

УДК: 491.550-400

НАХУСТИН САРЧАШМАҲОИ ХАТТИИ ЭТНОЛИНГВИСТИКАИ ТОҶИК

Матробиён С.Қ.
Донишкадаи давлати забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода

1. Ташаккули этнолингвистика дар даврони оғозини афкори миллии забоншиносии тоҷик (то асрҳои VIII-IX)

Забоншиносии тоҷик таърихи хеле қадимӣ дорад. Маводи хаттӣ ё худ нахустрисолаҳое, ки ҳамчун як асари мустақил эҷод шудаанд ва ё дар асоси ривоёту нақлҳо ҷамъоварӣ ва таълиф гардидаанд, дар забоншиносии тоҷик, новобаста аз мустақиман ба илми забоншиносӣ бахшида шудан ё нашуданашон, нақши муҳимме доранд. Вале дар мақолаи мазкур мо асарҳоеро мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор медиҳем, ки онҳо бевосита ба забоншиносии тоҷик, хусусан ба қисмати этнолингвистика рабт доранд. Бояд ёдовар шуд, ки таърихи афкори забоншиносии тоҷик аз ҷониби забоншиносони зиёде мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар ин ҷо рисолаи пуразиши донишманди тоҷик профессор Д. Хоҷаевро махсус бояд қайд кард [24]. Мавсуф дар асараш ёдовар мешавад: «Ҳарчанд ки аз давраи қабл аз ислом барои равшан сохтани саҳифаҳои таърихи илми забоншиносии тоҷик маводи зарурӣ дастрас нест, аммо ба асоси рисолаю дастурҳои забони арабӣ, ки бинобар шаҳодати сарчашмаҳои таърихӣ, аксар муаллифонашон мардуми эронӣ, аз ҷумла тоҷикон, буданд ва маълумоти хеле муътамаду муфассале, ки дар рисолаҳои фалсафӣ, арӯз, нақди адабӣ ва мусиқӣ дар аҳди ислом бо забони тоҷикӣ таълиф шудаанд, метавонем итминони комил дошта бошем, ки илми забоншиносии мо решаҳои таърихӣ доштааст» [24, с.4]. Воқеан, дуруст қайд мекунад Хоҷаев Д., ки илми забоншиносии тоҷик решаи хеле қадимӣ дорад. Ба қавли иддае аз муҳаққиқон [8] хатти оромӣ решаи ориёӣ дошта, тавассути қавми хетҳо ба Байнаннаҳрайн интиқол ёфтааст. Ба ҳамин ақидаи Дандамаев М.А. Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ дар асари «Забони миллат – ҳастии миллат» ишора намуда, таъкид кардаанд: «Бисёре аз муҳаққиқон бар онанд, ки хатти оромӣ, ки дар асоси он хатҳои дигар ба вуҷуд омадаанд, решаи ориёӣ дошта, ба воситаи хетҳо ба Байнаннаҳрайн оварда шудааст». Ташаккули хат дар забоншиносӣ зинаи нахустини шаклгирии илми забоншиносӣ маҳсуб меёбад [26]. Аз ин бармеояд, ки гузаштагони тоҷикони ориёӣ яке аз ихтироъкорони хат буда, дар даврони пеш аз мелод ба забоншиносии миллӣ замина гузоштаанд.

Нахустманбае, ки ҳамчун маводи этнолингвистӣ доир ба забону урфу одати миллати тоҷик иттилоъ медиҳад, устураҳои то замони мо дар шакли ривояту афсонаҳо омада расида мебошанд. Албатта, доир ба мифология тоҷик ва ривояту афсонаҳо ё дигар жанрҳои фолклории ин мардум, инчунин нахустнигораҳои хаттии забонҳои қавми ориёӣ муҳаққиқони зиёде иттилоъ додаанд. Аммо, махсус бояд таъкид кард, ки ҳамаи ин маводе, ки номбар мешаванд, аз назари илмҳои гуногун ва соҳаҳои мухталифи забоншиносӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, вале доир ба аҳаммияти этнолингвистии онҳо то ҳол маълумоти хеле каме мавҷуд аст, ки барои таҳқиқи этнолингвистӣ кофӣ нестанд.

Бояд гуфт, ки барои таҳқиқи тасвири ҷаҳони ниёгони тоҷикон маводи фаровоне, чи дар шакли хаттӣ ва чи шифоҳӣ, мавҷуд аст, ки тавассути онҳо мо метавонем, бо зисту зиндагӣ ва фарҳангу урфу одати онҳо ва, муҳимтар аз ҳама, андешаи ҷаҳони онҳо бо роҳи ковишҳои этнолингвистӣ огоҳӣ пайдо намоем.

Бинобар ин, нахустманбаъ ва сарчашмаҳои таҳқиқоти этнолингвистии тоҷикро мо ба се қисм тақсим мекунем:

1. Манбаъҳои шифоҳӣ: ривояту устураҳо, зарбулмасалу мақол, фразеологизмҳо, персонажҳои мифологӣ, ҷойномҳо (топонимҳо) ва номҳои ашхос (антропонимҳо), номҳои олами ҳайвоноту наботот, вожагони шеваҳо ва ғ.

Маводи зикршуда ҳарчанд дар даврони баъдина гирдоварӣ шуда, китобат гардиданд ва имрӯз ҳамчун маводи муҳим мавриди таҳқиқот қарор доранд, аммо муҳтавои онҳо ҳамчун маводи хеле қадимии этнолингвистӣ боқӣ мондааст. Ин мавод то ҳоло забони гӯёи расму анъана ва андешаву тафаккури гузаштагон мебошанд ва дар таҳқиқоти этнолингвистӣ метавонанд нақши хеле боризе дошта бошанд.

2. Ҷашну анъанаҳои миллӣ: Баргузории ҷашнҳои миллӣ, хусусан Сада, Наврӯз, Тиргон, Меҳргон ва дигар ҷашну идҳо намунаи барҷастаи андешаи ниёгони миллати тоҷикон маҳсуб меёбанд. Он ҷашнҳое, ки дар гузашта мавҷуд будаанд, албатта, дар таърихномаҳо китобат шудаанд (ҳарчанд иддае аз онҳо то имрӯз боқӣ намондаанд ва касе онҳоро истиқбол намегирад) ва ё дар тафаккури миллат аз насл ба насл интиқол ёфта, то замони мо расида омадаанд. Нақши ҷашнҳои миллӣ дар эҳёи андешаи миллӣ хеле баланд мебошад, ки он муҳимтарин мавзӯи баҳси этнолингвистика ба шумор меравад. Зеро дар ин гуна ҷашнҳо вожаҳои хеле қадимӣ, ки эҳёгари тасвири забони ҷаҳони ҳамон мардум мебошанд, боқӣ мондаанд ва ё бо таҳаввули забон шакли нав гирифтаанд. Шинохти этимологии онҳо қадаме ба сӯйи шинохти зиндагӣ ва урфу одати гузаштагон аст.

3. Манбаъҳои хаттӣ: Аз «Авасто»-ю сангнабиштаҳо ва катибаҳои боқимонда то таълифи фарҳангномаҳо ва дигар осор беҳтарин ва гаронмоятарин манбаи таҳқиқот ва асари пуразиши этнолингвистӣ дар забоншиносии тоҷик мебошанд. Аз ин рӯ, манбаъҳои хаттиро, ки дар онҳо андешаҳои этнолингвистӣ ташаккул ёфтааст, ба се давра ҷудо мекунем:

- манбаъҳои хаттии даврони оғозини анъанаҳои миллӣ (то асрҳои VIII - IX);
- манбаъҳои хаттии даврони нав (асрҳои X – XIX)
- манбаъҳои хаттии даврони навин (асрҳои XX – XXI)

Ҳар кадоми ин манбаъҳои хаттӣ дорои хусусиятҳои хосси худ мебошанд, ки ба таври ҷудогона метавонанд мавриди таҳқиқоти этнолингвистӣ қарор гиранд.

Дар зер мо мурӯре ба манбаъҳои хаттии даврони оғозини афкори миллии забоншиносии тоҷик (то асрҳои VIII-IX) ва манбаъҳои хаттии даврони нав (асрҳои X-XIX) мекунем, зеро ғунҷоиши мақола ҳамин андозаро тақозо мекунад.

Аз замоне ки ҳанӯз нахустин нишонаҳои нигориш дар миёни мардуми ориёитабор ба вуҷуд омада буд, дар катибаҳо, пеш аз ҳама, дар бораи зисту зиндагӣ ва ҳаёту рӯзгори шоҳон ва давлату давлатдории онҳо маълумот дода шудааст. Нахустнабиштаҳои кӯҳи Бесутун, ки ба даврони шоҳони Ҳахоманишӣ мутааллиқ мебошанд, бевосита бозгӯйи фарҳанги қадимии ҳамон давр маҳсуб меёбанд. Сатри дувуми катибаи Дориёш аз кӯҳи Бесутун, ки дар он шоҳ Дорои 1 аз шаҷараи худ ёдоварӣ намудааст, бо матлаби зерин оғоз мегардад: «ʋāti Dārayavauš xšāyaʋiya manā pitā Vištāspa Vištāspahyā pitā Aršāma Arš āmahyā pitā Ariyāramna Ariyāramnahyā pitā Čišpiš Čišpiš pitā Haxāmaniš// тарҷума: Шоҳ Дориюш гӯяд: падари ман Виштосп, падари Виштосп – Аршома, падари Аршома – Ариярамна, падари Ариярамна – Чишпиш, падари Чишпиш – Ҳахоманиш» [21, с.68].

Гузашта аз ин, мавриди зикр аст, ки нахустманбаъҳое, ки доир ба қавмҳои ориёӣ маълумот додаанд, навиштаҷоти мехии урартӣ ва эломӣ мебошанд. Дар асоси навиштаҷоти ба забони эломӣ боқимонда метавон ҳудуди густариши этнолингвистии қисмати ҷануби ғарбии Эрони Бостонро дар ҳазораи 1-и пеш аз милод муайян намуд. Дар ин бора шарқшиноси маъруф Оранский И.М. чунин менигорад: «дувумӣ (*яъне забони эломӣ – шарҳи М.С.*) маводи маъмулро барои муҳокима оид ба харитаи этнолингвистии вилоёти ҷануби ғарбии Эрон дар як ҳазорсолаи пеш аз мелод медиҳад. Таҳияи (ё тарҷума аз забони порсии қадим) навиштаҷоти муҳим ва ҳуҷҷатҳои хоҷагидорӣ ба забонҳои эломӣ ва бобулӣ дар замоне ки Элом ва Бобул ба ҳайати империяи Ҳахоманишиҳо ҳамроҳ шуда буданд ҳам идома ёфтанд» [14, с.61].

Ҳарчанд манбаи таҳлили этнолингвистии даврони қадими забони муосири тоҷик хеле фаровон аст, аммо ҳамчун маводи таҳқиқотие, ки маҳз ба масъалаҳои этнолингвистӣ бахшида шуда, бар мабнои равишҳои этнолингвистӣ эҷод гардидаанд, пеш аз ҳама, фарҳангномаҳо («Фарҳанги ойим евак» ва «Фарҳанги паҳлавиг») ва рисолаҳои («Шаҳристонҳои Эроншаҳр», «Аҷоибу ғароиби Сакистон» ва ғ.) даврони сосониро метавон ном бурд. Зикр бояд кард, ки дар ин осори хаттӣ доир ба забону фарҳанги баъзе аз мардумони ориёитабор ишораҳо вуҷуд доранд.

Фарҳангномаҳо на танҳо тафсирдиҳандаву интиқолдиҳандаи вожаҳоянд, балки дар онҳо андешаҳои куҳан ва тасвирҳои гуногуни забонии гузаштагон нуҳуфтааст. Бинобар ин, фарҳангҳо яке аз роҳҳои таҳқиқоти этнолингвистӣ ба шумор мераванд, ки дар онҳо метавон асолати андешаи гузаштагонро пайдо кард, доир ба расму анъана ва урфу одати мардумони гузашта иттилоъ гирифт. Этнолингвисти маъруфи рус Толстой Н.И. дар яке аз мақолаҳояш қайд мекунад: «Фарҳангномаҳо доир ба … он шаклҳо ва воҳидҳои

фарҳангие маълумот медиҳанд, ки то замони мо ё замони начандон дур омада расиданд… Ин набзи бузурги этнолингвистика дар самти мифологияи мардумони славянӣ, ҳундуаврупоӣ ва дигар халқҳо омӯзиши шакли қадимии тафаккури динии мардумро дар бисёр вақт ба маълумоти забонӣ такя карда, таҳқиқ мекунад. Забон, ки воҳидҳои куҳнашудаи ҷаҳонбинӣ, равонӣ ва фарҳангиро дар худ мепӯшонад, яке аз сарчашмаҳои бисёр ғановатманд ва устувор барои эҳёи фарҳанги моқабли таърихӣ ва аз маводи дорои маълумоти хаттӣ маҳруммондаи башарӣ мебошад. Аз ин рӯ, интихоби фарҳангномаҳо барои таҳлили чунин қабил корҳо тасодуфӣ нест» [22, с.83-84].

Дар иртибот ба ҳамин, метавон гуфт, ки ҳар як вожаи фарҳангномаҳо пайи гузаштаро дар худ ҳифз мекунад. Дар вожаҳои куҳан таассуроти наслҳои гузашта нақш баста, аз он метавон чизҳои зиёдеро дар бораи чӣ гуна ҳаёт ба сар бурдани ниёгонамон ва чӣ тавр ба дунё назар кардани онҳо маълумот пайдо кард.

Аз ин рӯ, фарҳангномаҳои «Фарҳанги ойим евак» ва «Фарҳанги паҳлавиг»-ро метавон нахустасари этнолингвистӣ доир ба забон ва фарҳанги мардуми ориётабори тоҷик донист, ки дар аҳди Сосониён эҷод шудаанд. Зеро ин фарҳангҳо маҳз ҳамон тавре таҳия шудаанд, ки дар замони муосир фарҳангҳои этнолингвистии мардумони гуногун таълиф шуда истодаанд.

Доир ба «Фарҳанги ойим евак» муҳаққиқи барҷастаи таърихи забони тоҷикӣ Саймиддинов Д. маълумоти хеле дақиқ медиҳад [19, с.62-65], [17, с.204-207], [7, с.96-115], [20]. Аз рӯйи иттилои Саймиддинов Д.: «Муаллиф ва замони таълифи фарҳанг маълум нест. Аммо бо назардошти мавзӯъ ва матолиби фарҳанг замони таълифи онро метавон ба давраи тарҷумаҳои паҳлавии «Авасто» дар аҳди Сосониён мансуб донист» [19, с.62].

Бояд қайд кард, ки яке аз матолиби муҳимми Фарҳанги мазкурро дар баробари вижагиҳои ташреҳи масоили грамматикии забони «Авасто» тафсири истилоҳоти гуногуни диниву фалсафии оини зардуштӣ, истилоҳоти идориву маъмурӣ, ҳуқуқӣ ва баъзе вожаҳои этнографӣ ташкил медиҳанд. Хусусан, дар асоси андешаи даврони сосонӣ ва пас аз сосонӣ тафсир шудани бархе аз вожаҳои дини зардуштӣ, инчунин вожаҳои марбут ба узвҳои бадан, мӯй ва гунаҳои он, сифатҳои пӯсти мардумон, вожаҳои дар мавриди гуноҳ, каффораи гуноҳ, ҷоду, замону ҳангоми шабонарӯзӣ ва сухану гуфтор хеле ҷолиб мебошанд. Тафсирҳои Фарҳанг таҷассуми ҷаҳони андеша ва олами атрофи ниёгон мебошад, ки ҳазорсолаҳо маҳфуз мондаанд.

Дувум маводи этнолингвистие, ки дар даврони оғозини анъанаҳои миллӣ аз ҷониби ориётаборон эҷод шудааст, фарҳангномаи «Фарҳанги паҳлавиг» мебошад. Ба қавли Саймиддинов Д.: «Муаллиф ва замони таълифи фарҳанг маълум нест. Гумон меравад, ки шакли кунунии фарҳанг дар даврaҳои охири аҳди Сосонӣ танзим шудааст» [19, с.65]. Дар фарҳангномаи мазкур низ маводи ҷолиби этнолингвистӣ сабт шудаанд, ки барои таҳқиқоти андешаи мардумони даврони Сосонӣ ва қабл аз онҳо доир ба ҷаҳони атроф хеле арзишманд ва гиромӣ мебошад. Дар фарҳангнома, ки аз 31 бахш мураттаб шудааст, доир ба номи яздону фариштагон ва чанд истилоҳи кайҳонӣ, ҷаҳон ва маъниҳои бум, замин, хок, шаҳр, русто, деҳ, хона ва ғ., обҳо, донаҳову меваҳо, хӯрокиҳо ва майгусорӣ, сабзиҷот ва гиёҳон, чаҳорпоён ва гӯшту ширии онҳо, мурғон ва парандагон, ҷонварон ва дарандагон, узвҳои бадан, вожаҳои марбут ба инсон ва ҷинси марду зан, истилоҳоти хешӣ, рутбаҳо ва истилоҳоти марбут ба дарбор, мақомоти оини зардуштӣ ва сифатҳои неку бад, истилоҳоти низомӣ (аз ҷумла, аспсаворӣ ва ҷанговарӣ), истилоҳоти дафтардорӣ, дороӣ (арзиш ва зиму зар), ҷазо ва уқубати зиндон, солу моҳ, шабу рӯз ва фаслҳои сол, номҳои моҳҳои тақвими зардуштӣ ва ғайра маълумоти ҷолиб фароҳам оварда шудааст.

Як масъалаи бисёр муҳимми этнолингвистикаро ономастика ташкил медиҳад. Бояд қайд кард, ки дар ономастика, яъне дар номҳо – хоҳ дар номҳои одамон ҳоҳ дар ҷойномҳо маълумоти арзишманде доир ба мероси маънавии ин ё он мардум ё қавму миллате нуҳуфтааст. Ба гуфти Березович Е.Л. «Маводи номшиносӣ (ономастикӣ), аз як тараф, метавонад майдони хубе барои мукаммал намудани равишҳои таҳқиқоти этнолингвистӣ бошад. Аз тарафи дигар, таҳқиқоти этнолингвистӣ бисёр муҳим аст барои коркарди омӯзиши маъноии топонимҳо, ки дар гурӯҳбандии «сӯзон» фурӯ рафтааст» [5, с.135].

Дар пайравӣ ба ҳамин гуфтаҳо, рисолаи «Шаҳристонҳои Эрон»-ро, ки тахминан дар асрҳои VIII-IX таълиф шудааст, метавон ҳамчун «майдони хубе барои мукаммал намудани равишҳои таҳқиқоти этнолингвистӣ» муаррифӣ намуд. Рисолаи мазкур шомили

880 вожа буда, бештар луғати матнро номи ашхос ва номҳои ҷуғрофиёӣ ташкил медиҳанд. Мувофиқи маълумоти Саймиддинов Д. «Бархе аз шаҳрҳову кишварҳо чун Суғд, Марв, Балх, Ҳирот, Хоразм, Заранг ва чанде дигар ҳанӯз дар «Авасто» (ба вижа бахши нахусти «Видевдод») ва катибаи Дориюш шоҳи ҳахоманишӣ дар Бесутун ёд шудаанд. Дар матн якҷо бо ашхоси таърихӣ аз чанд тан ашхоси асотирӣ чун Йам (Ҷамшед), Ажи-Даҳок (Заҳҳок), Тӯс ва ғ. низ зикр шудааст. Маълумоти матн дар мавриди бунёди чанде аз шаҳрҳо асотирӣ ва ғайривоқеӣ мебошад» [18, с.78]. Маҳз ҳамин ҷанбаҳои мифологии онҳо айни таҳқиқоти этнолингвистӣ маҳсуб меёбад.

Ҳамин тавр, манбаҳои даврони оғозинро осори динӣ, ғайридинӣ, андарзномаҳо, афринҳо, фарҳангномаҳо, матни «Авасто», тарҷумаҳои паҳлавии матни «Авасто» ва ғайра ташкил медиҳанд, ки зикру таҳлили ҳар яке аз онҳоро мо дар ин ҷо зарур намешуморем. Барои шиносоии бештар нигаред ба [19, с.13-79] дигар адабиётҳое, ки дар ҳамин китоб қайд шудаанд.

Тазаккур бояд кард, ки манбаъҳои зерин новобаста аз осори динӣ ё ғайридинӣ буданашон, чун роҳи ҳазорсолаҳоро тай намуда, то ба мо омада расидаанд, имрӯз мо онҳоро бе ҳеҷ шакку шубҳа ҳамчун маводи барҷастаи этнолингвистӣ меҳисобем, зеро ин осор қисмати муҳимми нигорандаи урфу одат ва фарҳангу таърихи ниёгони тоҷикони имрӯз – ориёиҳо дар шакли забони хаттӣ маҳсуб меёбад. Бо истифода аз ин мавод мо дар бораи ҳаёти гузаштагони тоҷикон ва фарҳангу маданияти онҳо, хоссатан, доир ба мероси маънавии ин мардум бидуни тасҳеҳе иттилоъ ба даст меоварем, зеро онҳо воқеияти зиндагии ҷомеаи ҳамон замонро ҳамчунон ки ҳаст, инъикос мекунанд.

2. Ташаккули этнолингвистикаи тоҷик дар луғатнигории асрҳои X-XIX

Фарҳангномаҳо ягона асарҳое мебошанд, ки тавассути шарҳу тафсири ин ё он моддаи луғавӣ, тасвири ҷаҳон ва мероси маънавии гузаштагонро ҳамчун мероси фарҳангӣ дар худ ҳифз намудаанд. Ончунон ки дар боло дида баромадем, ҳамин рисолатро дар даврони оғозин фарҳангномаҳои «Фаҳанги оим евак» ва «Фарҳанги паҳлавиг» иҷро намудаанд.

Дар давраи нав тамоми фарҳангномаҳоеро, ки аз асри XI – аз талифи «Луғати фурс» шурӯъ намуда, то фарҳангномаҳои ибтидои асри XX таълиф гардидаанд, метавонем ҳамчун фарҳангномаҳои бузурги этнолингвистӣ дар забоншиносии тоҷик номем.

Забоншиносони аврупоӣ муҳиммияти фарҳангномаҳоро дар таҳқиқоти этнолингвистӣ дарк намуда, дар Олмон аз нимаи дуюми солҳои бистуми асри XX дар тайи чанд даҳсола бори нахуст силсилаи «Луғати рӯйимизии борвариҳои мардумии олмонӣ» (ниг. *Handwörterbuch des deutschen Aberglaubens. Herausgegeben von H. Bächtold-Stäubli, E. Hofman-Krayer. Bd. 1–10. Berlin; Leipzig, 1927 – 1942*) байни солҳи 1927 -1942 чоп мешавад. Албатта, чунин луғатҳоро сирф луғати этнолингвистӣ маънидод набояд кард, аммо онҳо ба фарҳангномаҳои этнолингвистӣ хеле наздикӣ доранд.

Ҳамчун фарҳангномаи этнолингвистӣ нахустин маротиба дар «Анҷумани якуми байналмилалии славяншиносон», ки соли 1929 дар Прага баргузор гардида буд, лоиҳаи луғатномаи этнолингвистии мардумии славянҳои қадимро профессор Эдмунд Шнеевайс пешниҳод мекунад. Луғати пешниҳодшудаи ӯ таҳти унвони «Луғати рӯйимизии урфу одатҳои мардумии славянӣ» дар Прага чоп мешавад [27]. Баъдан дар анҷуманҳои II ва IV дар Варшава (1934) ва София (1936) таҳияи чунин луғатҳо дастгирӣ ёфта, дар онҳо мавзӯъҳои марбут ба анъанаҳо ва бовариҳои хонаводагӣ, хоҷагидорӣ, тақвими миллӣ, олами растаниҳо ва ҳайвонот низ ворид гардиданд.

Дар забоншиносии рус таҳти роҳбарии Толстой Н.И. соли 1984 луғатномаи «Луғати этнолингвистии даврони қадими славянӣ» ҳамчун лоиҳа ба табъ мерасад. Баъдан зери таҳрири Толстой Н.И. фарҳангномаи «Даврони славянии қадим. Луғати этнолингвистӣ» дар 5 ҷилд дар байни солҳои 1995 – 2012 чоп мешавад. Доир ба луғати мазкур Толстой Н.И. дар яке аз мақолаҳояш чунин менависад: «Луғат доир ба «замонҳои қадим»-и славянӣ, яъне доир ба он шаклҳо ва унсурҳои фарҳанги славянии асримиёнагӣ, ки то замони муосир боқӣ мондаанд ё дар даврaҳои начандон дур аз байн рафтаанд ва маводи таҳқиқи донишмандони асри XVIII гаштаанд, маълумот медиҳад. Вазифаи луғат – на танҳо ҷамъоварӣ ва тафсири боқимондаҳои даврони қадим, балки вобаста ба вазъият дар асоси онҳо барқарор сохтани «тасвири ҷаҳон»-и пурра ва анъанавӣ, ҷаҳонбинии

славянҳои қадим, тасаввурот ва бовариҳои кайҳонӣ, мифологӣ ва воқеии онҳо… мебошад» [22, с.83].

Агар ба фарҳангномаҳои мардуми тоҷик нигоҳ кунем, ҳанӯз аз давраҳои аввали таълифи онҳо муаллифон ба мавзӯъҳои дар боло қайдшудаи этнолингвистӣ таваҷҷуҳ намудаанд.

Фарҳангномаи «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ ба гуфти Капранов В.А., – яке аз муҳаққиқони барҷастаи «Луғати фурс»: «Аз қадимтарин луғатҳои тафсирии тоҷику форс мебошад, ки то замони мо омада расидааст. Луғати мазкур дар Озарбойҷон дар нимаи дуюми асри XI таълиф ёфтааст. Муаллифи он Абу Мансур ибни Аҳмад ал-Асадӣ ат-Тӯсӣ калимаҳои барои мардуми Эрону Озорбойҷон нодиру нофаҳморо, ки дар осори шоирони шарқи Хуросон ва Осиёи Марказӣ, хусусан шоирони даврони Сомонӣ ва Ғазнавӣ вомехӯранд, шарҳ додааст. Тафсирҳо бо шоҳидҳо аз осори назмии Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Абӯшакур, Шаҳиди Балхӣ, Фирдавсӣ, Унсурӣ, Лабибӣ ва шоирони дигар оварда шудаанд» [9, с.6].

Чӣ тавре ки муҳаққиқи забонҳои туркӣ Ҳисомиддинова Ф.Г. таъкид мекунад: «Ҳанӯз дар осори муаллифони атиқа ва асрҳои миёна элементҳои равиши этнолингвистиро доир ба забон метавон дид. Барои мисол метавонем фарҳангномаи «Девони луғот-ут-турк»-и луғатнигори бузурги турк дар асри XI Маҳмуди Қошғариро номбар кард, ки ҳар калима, байт ва мақол бо ишораи мансубияти забонӣ ва этникӣ қайд шудаанд» [23, с.759-766].

Айни ҳамин воқеият дар «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ аст, ки тахминан чанд сол пеш аз «Девони луғот-ут-турк»-и М.Қошғарӣ таълиф шудааст. Дар «Луғати фурс» муаллиф бештар антропонимҳо (зиёда аз 50 номи ашхос шарҳ дода шудааст), топонимҳо, вожаҳои марбут ба номи асбобу анҷоми меҳнат, хоҷагидорӣ, кишоварзӣ, номҳои либосворӣ, хӯрокворӣ, олами наботот ва ҳайвонотро тафсир намуда, мансубияти ҳар як вожа нишон дода шудааст ва дар мавридҳои ҷудогона шаклҳои шевагии онҳо оварда шудааст. Инчунин, барои исботи фикр аз ашъори шоирон мисол овардааст. Дар тафсир номҳои растаниҳо, хусусиятҳои номҳоро низ шарҳ медиҳад. Тавассути луғати мазкур метавон таассуроти мардумони қадим ва олами зеҳнии онҳоро дарёфт. Бинобар ин, «Луғати фурс» барои этнолингвистикаи тоҷик маъхази бунёдӣ ва маводи қадимиеро медиҳад, ки чунин маъхазу маводро, ба ҷуз аз забонҳои юнониву римӣ, қариб ҳеҷ як забони дунё надорад. Доир ба қадимият ва муҳиммияти фарҳанги мазкур Саид Нафисӣ менависад: «Иҷолатан қадимтарин китобе, ки дар ин замина ҳаст, «Луғатнома» таълифи Абумансур Алӣ ибни Аҳмади Асадии Тӯсист, ки ба номи «Фарҳанг» ё «Луғати фурс» маъруф аст… китоби бисёр ҷолиб ва бисёр судмандест, ки асос ва мабнои ҳамаи луғатнависонест, ки пас аз Асадӣ омадаанд. Зоҳиран пас аз таълифи «Луғатномаи»-и Асадӣ то муддатҳои мадид дар Эрон дигар китобе назири он таълиф накардаанд ва ҳамин китоб марҷаи ҳама будааст» [13].

Аҳаммияти фарҳангномаҳои таърихии дар даврaҳои гуногуни таърих таълифшударо муҳаққиқи рус Любимова Л.М. хеле барҷаста зикр мекунад: «Луғатҳои таърихӣ, ки дар асоси маводи ёдгориҳои куҳна таълиф гардидаанд, муҳим аз он ҷиҳат мебошанд, ки бо худ муҳри замони худро оварда, роҳҳои инкишофи иқтисод, хоҷагии деҳқонӣ, умури ҳарбӣ ва масъалаҳои идории давлатиро инъикос мекунанд ва аз рӯйи воқеият оинаи фарҳанг ва таърихи миллӣ мебошанд» [11, с.150]. Муҳиммияти дигари ин фарҳангномаҳоро Толстой Н.И. низ қайд намуда, таъкид кардааст, ки аксарияти фарҳангномаҳо як ҳудуд ё доираи муайянеро дар бар мегиранд, ки маҳз барои таҳқиқоти этнолингвистӣ хеле муҳим арзёбӣ мегарданд.

Ҳамин асолатҳоро, албатта, тамоми фарҳангномаҳои тоҷикӣ-форсӣ бар дӯш дошта, дар онҳо маълумоти хеле фарох ва муътамадеро доир ба ҳаёти моддиву маънавии мардумони ҳамон давра, доир ба ташаккулу инкишофи ҳувияти миллӣ ва забонӣ, инчунин, ҳаёти наслҳои пеш аз онҳо метавон баргирифт, ки барои омӯзиш ва дарки фарҳанги мардумони гузашта аҳаммияти хоссаеро доро мебошад.

Чӣ тавре ки маълум аст, дарки тасвири ҷаҳони ин ё он давраи муайян ва унсурҳои фарҳангии онро мо метавонем танҳо ба воситаи семантикаи лингвистӣ, ки имкон медиҳад ҷанбаҳои семантикаи фарҳангиро беҳтару хубтар аз худ кунем, муайян намоем. Аммо барои анҷоми ин рисолат маҳз фарҳангномаҳо метавонанд ба мо кумак намоянд. Яъне, дар фарҳангномаҳо мавҷудияти ашёҳо ва ҳодисаҳои воқеиро, ки реалияҳои

этнографӣ мебошанд, вожаҳо ё худ моддаҳои луғавӣ муайян мекунанд, вале хусусиятҳои этнофарҳангии вожаҳоро бошад, фаъолияти амалии одамон, ки дар як муҳити муайян зиндагӣ кардаанд, равшан инъикос мекунанд ва ҳардуи инҳо дар фарҳангномаҳо фароҳам омадаанд.

Бинобар ин, тамоми фарҳангномаҳои тоҷикӣ-форсӣ, ки дар тӯли асрҳои X – XX таълиф шудаанд, аз қабили маъруфтарини онҳо «Луғати фурс»-и Абу Мансур ибни Аҳмад ал-Асадӣ ат-Тӯсӣ (нимаи дуюми асри XI), «Меъёри Ҷамолӣ»-и Шамсиддин Муҳаммад Фахрии Исфаҳонӣ (Луристон, солҳои 1333-1334), «Адот-ул-фузало»-и Қозихон Бадр Муҳаммади Деҳлавӣ (Ҳиндустон, соли 1419), «Уммон-ул-маонӣ»-и Саид Иброҳим Муҳаммад Саъду Сууд Амираки Балхӣ (соли 1455), «Шарафномаи Аҳмади Мунярӣ» (ё «Фарҳанги Иброҳимӣ»)-и Иброҳим Қивоми Форукӣ (соли 1466), «Муҷмал-ул-Аҷам»-и Осим Шуайб (Ҳиндустон, 1494), «Туҳфат-ус-саодат» (ё «Фарҳанги Сикандарӣ»)-и Маҳмуд ибни Зиёуддин Муҳаммад (соли 1511), «Муайид-ул-фузало»-и Муҳаммад ибни Лоди Деҳлавӣ (соли 1519), «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Ҳофизи Убаҳӣ (соли 1530), «Мадор-ул-афозил»-и Файз ибни Асад-ул-Уламо Алишер Ас-Сирҳиндӣ Раъфат (Илаҳдоди Сирҳиндӣ), «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Муҳаммадқосим ибни Ҳоҷимуҳаммади Сурурии Кошонӣ (солҳои 1599-1600 ё 1608), «Кашф-ул-луғот в-ал-истилоҳот»-и Абдурраҳим ибни Аҳмад Сури Биҳорӣ (соли 1650), «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-и Ҷамолиддин Ҳусайн Инҷу ибни Фахрулҳасан (соли 1608), «Латоиф-ул-луғот»-и Абдуллатиф ибни Абдуллоҳ Кабир (тахминан солҳои 1610-1630), «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммад Ҳусайн ибни Халаф ат-Табрезӣ мутахаллис ба Бурҳон (Ҳиндустон, соли 1652), «Фарҳанги Рашидӣ»-и Абдуррашид ибни Абдулғафур ал-Ҳусайнӣ ал-Маданӣ ат-Таттавӣ (соли 1654), «Баҳори Аҷам»-и Рой Текчанд Баҳор (соли 1739), «Чароғи ҳидоят»-и Сироҷиддин Алӣ Орзу (ваф.1756), «Мусталаҳот-уш-шуаро»-и Вораста (соли таълиф 1767), «Ҳафт қулзум»-и Ғозиуддин Ҳайдар Бодшоҳи Ғозӣ (Лакнау, соли таълиф 1815), «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсуддин ибни Ҷалолиддин ибни Шарафиддин (соли таълиф 1827), «Фарҳанги Онандроҷ»-и Муҳаммад Подшоҳ (соли таълиф 1896) ва ғ. маводи фаровони этнолингвистиро фарогир мебошанд ва тавассути ин фарҳангномаҳо тасвири ҷаҳонии тоҷиконро дар гузаштаи таърих метавон муайян сохт.

Моддаҳои луғавии фарҳангномаҳои тоҷику форсро, ки мавзӯъҳои гуногунро дар бар мегиранд ва пораеро аз тасвири мардуми ҷаҳон инъикос менамоянд, дар маҷмӯъ ба категорияҳои зерин метавон ҷудо кард (гурӯҳбандии зерин дар асоси таснифоти Толстой Н.И ва Толстая С.М. бо баъзе тағйироту иловаҳо анҷом пазируфтааст [22, с.91]:

I.НОМИ АБЗОР: 1. Олоти меҳнат; 2. Зарфҳо, асбобу анҷоми рӯзгор; 3. Либосворӣ; 4. Хӯрокворӣ; 5. Узвҳо ва дигар муҳиммиятҳои бадани одаму ҳайвон; 6. Ашёҳои маросимҳо (маросими мотам, тӯй, хатна ва ғ.); 7. Моддаҳо (органикӣ ва ғайриорганикӣ);

II. УНСУРҲО ВА ҲОДИСАҲОИ ТАБИАТ.

III. РАСТАНИҲО.

IV. ҲАЙВОНОТ. ПАРАНДАҲО. МОҲИЁН. ҲАШАРОТ.

V. ШАХСИЯТҲО. СИМОҲО. НОМҲО: 1. Шахсиятҳои воқеӣ: а) аз назари хешутаборӣ; б) мақоми иҷтимоӣ (муаллим, чӯпон); в) иҷрокунандагони расму русум (мулло, мурдашӯй, гӯркан ва ғ.); 2. Симоҳои фолклорӣ ва шахсиятҳои таърихӣ; 3) Шахсиятҳои динӣ; 4) Деву аҷина.

VI. ЗАМОН ВА ТАҚВИМИ МАРОСИМӢ: а) фаслҳои сол ва рӯзҳои тақвимӣ; б) ҳафта; в) гоҳҳои шабонарӯзӣ;

VII. МАКОНҲО. 1. Фазо (чапу рост, болову поён, Шарқу Ғарб ва ғ.); 2. Объектҳои ҷуғрофӣ (кӯл, дарё, кӯҳ, ғор ва ғ.); 3. Маконҳои муқаддас (қадамҷо ва зиёратгоҳҳо); 4. Хона ва қисматҳои он; 5. Маконҳои мифологӣ.

VIII. АЛОМАТҲО ВА ХУСУСИЯТҲО. 1. Хусусият ва қобилияти инсону ҳайвон; 2. Ҳисоб ва тартиб (шумора); 3. Рангҳо; 4. Дигар аломатҳо;

IX. АМАЛУ РАФТОР. 1. Расму русум, оинҳо, бозиҳо; 2. Амалҳои маросимӣ; 3. Жанрҳои шифоҳӣ (доду фарёд, гиря, дашном, дуои бад ё нек, савганд, ханда ва ғ.); 4. Эҳтиёт ва ҳазар; 5. Бовариҳо ва мамнӯъҳо; 6. Ҷоду ва чашмзахм; 7. Воқеаҳо (тӯй, марг, никоҳ, хоб, муъҷиза, касал ва ғ.); 8. Ном ва номгузорӣ.

Вобаста ба таснифоти мавзӯӣ чанд намунаеро аз фарҳангномаҳои классикии тоҷик чун муште аз хирвор мавриди таҳлил қарор медиҳем.

1. НОМИ АБЗОР:

1.1. Олоти меҳнат

КУЛУНГ – дастафзорест, ки бад-он замин ва девор кованд [«Ғиёс-ул-луғот», с. 174];

ГИРДБУР – асбоби наққорон [«Ғиёс-ул-луғот», с. 190];

ШОҚУЛ – яке аз олот ва адавоти меъмор ва банноён ва он сангест ба ришта баста [«Чароғи ҳидоят», с. 78].

1.2. Зарфҳо, асбобу анҷоми рӯзгор

МОНМИН – ба луғати Занду Позанд ҷоме бошад, ки бад-он шароб ва об ва амсоли он хӯранд [«Бурҳони қотеъ», с. 78];

НАМАТ – фарш ва бисоти рангин ва бисоти шатранҷ ва равиш ва дастур [«Ғиёс-ул-луғот», с. 354];

КАҶКУЛ – косаи гадоён [«Ғиёс-ул-луғот», с. 162];

ВАРДАНА – чӯбе бошад ҳар ду сар борик ва миён гунда, ки хамири нонро бад-он паҳн созанд [«Бурҳони қотеъ», с. 172].

1.3. Либосворӣ

ЛОД – дебои нарму тунук бошад, яъне ҷомаи абрешимин, ки занон пӯшанд [«Луғати фурс», с. 105]; [«Туҳфат-ул-аҳбоб», с. 66]; [«Бурҳони қотеъ», с. 50];

ГАПР [«Луғати фурс», с. 105] – *КАБР – ҷомаест, ки дар ҷанг пӯшанд, мисли хафтон ва карокан низ гӯяндаш* [«Туҳфат-ул-аҳбоб», с. 77].

1.4. Хӯрокворӣ (навъи нон)

БЕҲНОНА – қуличаи нони исапед бошад, яъне нони беҳ [«Луғати фурс», с. 497];

НАҲНОНА– қулича ва нони сафед бувад [«Туҳфат-ул-аҳбоб», с. 120];

САНГАК – навъе аз нон [«Чароғи ҳидоят», с.133];

ЗАҒОРА - нони арзан ва говарсро гӯянд [«Луғати фурс», с.436], [«Туҳфат-ул-аҳбоб», с.67].

1.5. Узвҳо ва дигар муҳиммиятҳои бадани одаму ҳайвон

ЛУНҶ – беруни рӯй бошад (мисол аз Имора) [«Луғати фурс», с.58]; *ЛУНҶ* – беруни рӯю рух ва беруни лабро гӯянд [«Туҳфат-ул-аҳбоб», с.100];

ЛУНҶ – лабро гӯянд… ва ба маънии андаруни рухсора бошад, ки гирд бар гирди даҳон аст аз ҷониби дарун ва баъзе гӯянд беруни рӯй аст, яъне бар даври бинӣ ва порае аз рӯй ва тамоми чона ва занах [«Бурҳони қотеъ», с.63].

1. 6. Ашёҳои маросимҳо

БАРСАМ – шохҳои борики бе гиреҳ бошад ба миқдори як вақаб, ки онро аз дарахти ҳум бибуранд. Ва он дарахтест шабеҳ ба дарахти газ. Ва агар ҳум набошад, дарахти газ ва илло дарахти анор. Ва расми буридани он чунон аст, ки аввал корде, ки дастаи он ҳам оҳан бошад ва онро **барсамчин** хонанд, подёвӣ кунанд, яъне покиза бишӯянд ва об кашанд. Пас замзам намоянд, яъне дуое, ки дар вақти ибодати оташ ва бадан шустан ва чизе хӯрдан мехонанд, бихонанд. Ва барсамро бо барсамчин бибуранд. Пас **барсамдонро** низ об кашанд. Ва он зарфе бошад монанди қаламдон ва онро аз тиллову нуқра ва амсоли он созад ва барсамҳоро андаруни он гузоранд. Ва ҳар гоҳ хоҳанд бадан бишӯянд ё чизе бихӯранд, ё ибодате кунанд, ё нуске аз нускҳои Занд, яъне қисме аз ақсоми китобҳои Занд бихонанд, чанд адад аз он барсам, ки ба ҷиҳати он кор ва он феъл муайян аст, ба даст гиранд. Чунончи ба вақҳи хондани нуски «Вандидод», ки яке аз нускҳои машҳури Занд аст, сию панҷ барсам ба даст гиранд [«Бурҳони қотеъ», с.166].

1.7. Ономастика

ЛОФИС – номи девест, ки мардумро дар намоз васваса кунад [«Бурҳони қотеъ», с.52];

СУРУШ – номи фариштa бошад [«Луғати фурс», с.58]; [«Туҳфат-ул-аҳбоб», с.100].

1.8. Дашном

МОДАРБАХАТО – дашноми машҳур; ва модарбахутан, ки ҳарфест муҳмал ба муқобилаи он курсинишин [«Ғиёс-ул-луғот», с.217].

1.9. Номи бозиҳо

ЗОБКУР бозии кӯдакона – он бошад, ки касе даҳон пурбод кунад, касе дигар даст бар даҳонаш занад, чунон ки бод аз даҳонаш берун ҷиҳад [«Туҳфат-ул-аҳбоб», с. 68], [«Ҷаҳонгирӣ», с.105];

ИШТОЛАНГБОЗӢ – буҷулбозӣ [«Бурҳони қотеъ», с.98].

Намунаҳои боло ба қавли гузаштагон «муште аз хирвор» мебошанд, ки танҳо барои шиносоии мавзӯъҳои фарогири фарҳангномаҳои классикӣ, хусусан бархе аз гурӯҳҳои исмӣ оварда шуд. Ҳам моддаҳои луғавӣ ва ҳам тафсирҳои фарҳангномаҳои классикӣ маводи арзишманде барои таҳқиқи ҷаҳонбинӣ ва дарки олами атроф, биниши мардумони дар қаъри асрҳо зиндагӣ ба сар бурда ва муносибати онҳо бо табиат ва, билохир, ҳаёти рӯҳонии онҳо мебошад. Моддаҳои луғавии дар боло зикршуда вожаҳо ё этнографизмҳое мебошанд, ки имрӯз дар истифода нестанд, вале бо шарофати фарҳангномаҳои қадим ин вожаҳо, ки ифодакунандаи урфу одат, нишондиҳандаи зисту зиндагии рӯзмарраи мардумони гузашта мебошанд, то замони мо боқӣ мондаанд. Муҳимтарин дастоварди фарҳангнигорон ин аст, ки онҳо ҳар як моддаи луғавии луғатномаашонро бо овардани намунаи порчаҳои назмию насрӣ аз шоирону адибони гузашта ё замони худ собит намудаанд. Ин амали муаллифони фарҳангномаҳо имрӯз ба муҳаққиқон имкон медиҳанд, ки бо далели мустанад метавонад ҳар як вожаҳои куҳнашударо мавриди таҳлил, аз он ҷумла таҳлили этнолингвистӣ қарор диҳад, зеро мавҷудияти он дар гузашта дигар шакку шубҳаеро ба вуҷуд намеоварад. Бинобар ин, метавон гуфт, ки агарчи муаллифони фарҳангномаҳо фарҳангҳои худро этнолингвистӣ ном наниҳодаанд, аммо дар асоси хусусият ва мазмуну муҳтавои ин фарҳангномаҳо метавон онҳоро, бешубҳа, фарҳангномаҳои этнолингвистӣ ном бурд.

Доир ба моҳият ва аҳаммияти фарҳангномаҳо Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби худ «Забони миллат – ҳастии миллат» хеле батафсил маълумот дода, қайд мекунанд: «Хидмати тоҷикинависони Ҳинду Покистон дар офаридани фарҳангҳо низ бузург мебошад.

Бояд гуфт, ки замони авҷу густариши фарҳангнигорӣ ба давраи навини таърихи забони мо, ки бо номҳои тоҷикӣ, дарӣ ё форсии нав машҳур аст, рост меояд. Тавре ки маълум аст, аз асри XI сар карда ба забони мо фарҳангҳои сершуморе, аз қабили «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ, «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-и Ҳусайни Инҷу, «Баҳори Аҷам»-и Рой Текчанд Баҳор, «Фарҳангнома»-и Ҳусайни Вафоӣ, «Фарҳанги Рашидӣ»-и Абдуррашиди Татавӣ, «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммадҳусайн Халафи Табрезӣ, «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсиддин, «Чароғи ҳидоят»-и Алихони Орзу ва даҳҳо луғатномаҳои дигар таҳия ва тадвин шудаанд» [15, с.138-139].

Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба фарҳангнигорӣ дар Ҳинд иттилоъ дода, фарҳангҳои бо забони тоҷикӣ, дарӣ ва форсӣ таълифшударо дар Ҳинд ба се давра: 1. Давраи пеш аз ҳукумати Темуриёни Ҳинд (асрҳои XIII – XVI), 2. Давраи ҳукумати Темуриёни Ҳинд (асрҳои XVI –XIX) ва 3. Давраи нав (асрҳои XIX–XX) гурӯҳбандӣ намудааст [15, с.139]. Муаллифи китоби «Забони миллат – ҳастии миллат» доир ба дастовардҳои фарҳангнигорӣ дар давраи дуюм муфассал маълумот дода, таъкид мекунад: «Давраи дуюми таълифи фарҳангҳои тоҷикӣ аз лиҳози замонӣ тӯлонитарин ва аз нигоҳи муҳтаво пурмаҳсултарин давраи эҷоди фарҳангҳо дар ин сарзамин ба шумор меравад… Дар ин давра дар ҳамаи соҳаҳои илм ба забони тоҷикӣ осори зиёде навишта шудаанд. Ин ба анъанаи фарҳангнигорӣ таъсири амиқ расонид. Фарҳангҳо воситаи беҳтарини омӯхтани захираи луғавии забон гардиданд ва ҳамчун дастури асосии истифода аз забони адабӣ шуҳрат пайдо карданд» [15, с.142].

Ҳамчунин, таъкид ба ёдоварист, ки фарҳангномаҳои қадим аз аҳди Сосониён («Фарҳанги ойим евак» ва «Фарҳанги паҳлавиг») то асрҳои XIX–XX аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик, аз қабили Саймиддинов Д. [20], Воҳидов А. [6], Рауфов Ҳ. [16], Аҳадов Ҳ. [2], Баҳриддинов Д. [4], Абдулманони Н. [1], Сангинов А., Нуров А. [12], Кенҷаева М.С. [10] ва олимони рус Капранов В.А. [9], Баевский С.И. [3] мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтаанд. Ҳарчанд муҳаққиқони болозикр таваҷҷуҳи бештар ба хусусиятҳои лексикографии фарҳангномаҳо додаанд, аммо бархе аз муҳаққиқон ба ҷанбаҳои этнолингвистии луғатномаҳо низ диққати худро равона намудаанд.

Рауфзода Ҳафиз дар муқаддимаи «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Ҳофизи Ӯбаҳӣ доир ба хусусиятҳои лексикографии луғатномаи мазкур маълумот дода, ҳамчунин, аз захираи

луғавии фарҳангнома ёдрас шуда, таъкид кардааст, ки «қисми зиёди захираи луғавии фарҳанг иборат аз калимаҳоест, ки асосан номҳои предметҳои табиӣ (наботот, ҳайвонот) ва предметҳои ба фаъолияти меҳнатии одамон вобастабударо ифода мекунад» [25, с.8]. Дар асоси ҳамин хулосааш ӯ калимаҳои мавҷудаи фарҳангномаро ба гурӯҳҳои зерин тақсим намудааст: 1. Луғатҳое, ки номи шахс, касб, макон ва ғайраро ифода мекунанд: Сиёвуш, Завора, Хусрав, Сато, Танҷ, Ҷайҳун, Афшаргар, шабон, сарҳанг, шаҳриёр, реҳа, роишгар, хунёгар ва ғ.); 2. Калимаҳое, ки ба предметҳои хонагӣ, навъи таом, пӯшок, ашёҳои зебу зиннат, асбобҳои ҳунармандӣ, деҳқонӣ ва ғайраро ифода мекунанд: сабӯй (зарф), зукинҷ (зарф), хайин (табақ), табанга (табли нон), тарбон (табақи аз шохи дарахт бофта), таҳанбан (сари дег), занбил афроҳ (таом), армағонӣ (роҳовард), басоҷ (хироҷ), полуда, ғармаг (таом), шора (навъҳои пӯшок), сиёза, ранда ва ғ.; 3. Ҷирмҳо ва ҳодисаҳои табиӣ: боҳу (манзили Уторуд), тавқи бухор (тиру камон), пасангак (жола), тагарак, барх (бурҷ) ва ғ.; 4. Калимаҳое, ки анвои ҳайвонот, паранда ва ғайраро ифода мекунанд: навъи аспҳо – саманд, баром, бур, полоза, ҳарун; навъи парандаҳо – чукук, ҷазд, тиҳу, чирк, залзал, сангхор, зандарон, саторӣ, шихнишор, шағона, сихул, ташӣ; навъи кирмҳо – бодома, пила, бухла ва ғайра; 5. Калимаҳое, ки навъи набототро ифода мекунанд: дарахтони бемева ва мевадор – ханҷак, сутранг, сарви сиҳӣ, тӯж, шелон, шалер, арар, боғинҷ, боғич, соруна; номи гулҳо – шубӯй, озарюн, озаргун; номи гиёҳҳо – чина, тартоҷ, хаядес, ғуруна ва ғайра; 6. Соматизмҳо (узви бадани инсон) ва бемориҳои марбут ба одам: дара (шикам, шиканба), патфуз (перомани даҳон), ғабғаб, буҷ (даруни даҳон), пунҳа (пешонӣ), карв (дандони фарсудаи ковокшуда), чин, доғ, омос, ситам (ҷароҳати хун дар вай карахт шуда) ва ғ. [25, с.8-11].

Воқеан, дар фарҳангномаҳои қадим вожаҳое фароҳам омадаанд, ки онҳо на танҳо барои насли имрӯз, балки барои гузаштагон – ҳамасрони муаллифони фарҳангномаҳо низ нофаҳмо ва ё хеле камистеъмол будаанд. Ин аст, ки чунин вожаҳо аз ҷониби соҳибони фарҳангномаҳо ҷамъоварӣ гардида, тасвири забонии гузаштагонро нишон додаанд. Масалан, калимаи «*озодӣ»*-ро муаллифони фарҳангномаи «Туҳфат-ул-аҳбоб» ва «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» чунин тафсир кардаанд: **озодӣ** – шукр гуфтан [25, с.130], [Ҷаҳонгирӣ (нусхаи дастӣ)]. Вале дар фарҳангномаҳои баъдӣ ва муосир ин вожа бо чунин маънӣ шарҳ наёфтааст, зеро дар забони имрӯза он корбаст намешавад ва дар асрҳои миёна низ маънои «шукр кардан»-и вожаи «*озодӣ»* ба қатори маъноҳои архаистӣ гузашта буд. Вале он дар тасвири забонии мардум боқӣ монда буд. Аз он ҷумла, дар гӯйиши вахонӣ ва ғоронии лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ ва дар забони тоҷикони вахонизабон вожаи «*озодӣ»* ба маънои «шукр кардан» ҳоло низ васеъ истифода мешавад.

Ҳамзамон, фарҳангномаҳои тафсирии фразеологӣ қимати зиёдро дар доираи фарҳангномаҳои қадимӣ касб кардаанд, ки онҳо барои таҳқиқоти этнолингвистӣ низ хеле гаронарзиш маҳсуб меёбанд. Аз он ҷумла, фарҳангномаи «Чароғи ҳидоят»-и Алихони Орзу, ки дар асри XVIII таълиф шудааст, миқдори зиёди зарбулмасалу мақол ва ибораҳои рехтаро дар бар мегирад, ки барои фаҳмиши тасвири забонии ниёгон аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таркиби фарҳанг назар намуда, зикр мекунанд: «Дар ин фарҳанг асосан, калимаву ибораҳои рехтаи душворфаҳми шоирони муосири муаллиф шарҳу эзоҳ ёфтаанд. Инчунин, калимаҳои зиёди иқтибосии ҳиндӣ, урду, арабию туркӣ, моддаҳои луғавии нав, мафҳумҳои таърихӣ, мардумшиносӣ, ҷуғрофӣ ва истилоҳоти соҳаҳои дигарро низ фарогир аст» [15, с.142].

Ҳамин тавр, фарҳангномаҳои қадим (аз асри X1 то асри X1X) саршор аз маводи этнолингвистӣ буда, барои омӯзиш ва таҳқиқи забон ва таърихи он, феълу атвор, табиат, урфу одат, расму анъана, фолклор, образҳои устуравӣ, ономастика ва зарбулмасалу мақоли мардуми тоҷик, ки дар маҷмӯъ тасвири забонии ин мардумро ташкил медиҳанд, маълумоти фаровонеро метавон ба даст овард. Фарҳангномаҳои қадим, ки оинаи қаднамои ҳаёт ва зисту зиндагии мардуми тоҷик мебошанд, хусусан, барои муҳаққиқони забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ роҳи фарохеро дар пажӯҳиши этнолингвистӣ боз кардаанд.

Муқарриз: ***Абдулҳадов Ҷ.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулманони Н. Фарҳанги тафсирии «Шамс-ул-луғот» (сарчашмаҳо, лексика, хусусиятҳои лексикографӣ) / Н. Абдулманон // Куллиёти осор, ҷилди панҷум. – Хуҷанд, 2013. - С.419-582.
2. Аҳадов Ҳ. «Фарҳанги Рашидӣ» ҳамчун асари лексикографӣ / Ҳ.Аҳадов. – Душанбе: Дониш, 1981. – 81 с.
3. Баевский С.И. Ренняя персидская лексикография XI-XV вв. / С.И.Баевский. – М.: Наука. Главная редакция Восточной литературы, 1989. – 235 с.
4. Баҳриддинов Д. «Чароғи ҳидоят»-и Сирочиддин Алмхони Орзу ва муқоисаи он бо лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик: диссертатсияи номз. илм. фил. таҳти рақами 28, китобхонаи ИЗА ба номи Рӯдакӣ) / Д. Баҳриддинов. - Душанбе, 1981. – 178 с.
5. Березович Е.Л. Этнолингвистическая проблематика в работах по ономастике (1987-1998) / Е.Л. Березович // Известия Уральского государственного университета. - 1999. - № 13. - С.128-141.
6. Воҳидов А. Аз таърихи луғатнависии тоҷику форс / А. Воҳидов. - Самарқанд, 1980. - 123 с.
7. Герценберг Л.Г., Саймиддинов Д. Лингвистическая мысль и языковедческая практика в Иране в домонгольское время / Л.Г. Герценберг, Д.Саймиддинов. // История лингвистических учений. Средневековый Восстон. – М., 1981. – С.96-115.
8. Дандамаев М.А. Вавилонские письцы / М.А. Дандамаев. – М.: Наука, 1983.
9. Капранов В.А. «Лугати фурс» Асади Туси и его места в истории таджикской (фарси) лексикографии / В.А. Капранов. - Душанбе, 1964. - 212 с.
10. Кенҷаева М.С. Структурно-семантические особенности фразеологических единиц в словаре «Гияс-ул-лугот» Мухаммад Гиясиддина Ромпури / М.С. Кенҷаева. - Душанбе, 2017.
11. Любимова Л.М. Исторические словари как этнолингвистический источник / Л.М. Любимова // Традиционная культура: региональный аспект. - М.: Прометей, 2005. - С.147-154.
12. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ (таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳрист Амон Нуров) / Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. – Душанбе: Адиб, 1993. – 416 с.
13. Нафисӣ С. Фарҳангҳои порсӣ / С.Нафисӣ // Фарҳанги «Бурҳони қотеъ». Ҷ.3. – Душанбе: Адиб, 2014. – С.371-372.
14. Оранский И.М. Введение в иранскую филологию (издание 2-е, дополненное) / И.М. Оранский. – Москва: Наука, 1988. – 390 с.
15. Раҳмон Э. Забони миллат – ҳастии миллат. Китоби 2. Забон ва замон / Э.Раҳмон. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 432 с.
16. Рауфов Ҳ. «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ҳамчун сарчашмаи лексикографияи тоҷику форс / Ҳ. Рауфов. – Душанбе, 1973.
17. Саймиддинов Д. Farhang i oim -evak как лингвистический источник / Д. Саймиддинов // ЛИ 1976. Вопросы фонетики, диалектологии и истории языка. – М., 1980. – С.204-207.
18. Саймиддинов Д. Адабиёти паҳлавӣ / Д.Саймиддинов. – Душанбе: Пайванд, 2003. – 232 с.
19. Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна / Д.Саймиддинов. -Душанбе, 2001. -310 с.
20. Саймиддинов Д. Фарҳангномаҳои форсии миёна / Д. Саймиддинов. – Душанбе, 1994. – 87 с.
21. Саймиддинов Д. Форсии бостон / Д.Саймиддинов. – Душанбе, 2007. – 190 с.
22. Толстой Н.И., Толстая С.М. О словаре «Славянские древности» / Н.И. Толстой, С.М. Толстая // Славянская этнолингвистика: вопросы и теории. – Москва, 2013. – 240 с.
23. Хисамитдинова Ф.Г. Этнолингвистические исследования в тюркологии / Ф.Г. Хисамитдинова // Международный конгресс по изучению Азии и Северной Африки: сб. статей. - Анкара, 2011. - Т.2. - С.759-766.
24. Хоҷаев Д. Ташаккул ва таҳаввули илми забоншиносии форсу тоҷик дар асрҳои миёна / Д. Хоҷаев. – Душанбе, 1998.
25. Ҳофизи Ӯбаҳӣ. Туҳфат-ул-аҳбоб (таҳиякунандаи нашр ва муаллифи муқаддима Ҳ.Рауфзода) / Ӯбаҳӣ, Ҳофиз. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 288 с.
26. Сусов И. История лингвистических учений / И. Сусов. – Москва: Наука, 2007. - 520 с.
27. Schneeweis E. Sur l'élaboration d'un dictionnaire-manuel des croyances et des usage populaires slaves / E. Schneeweis // I Sjezd slovanských filologů v Praze 1929. These a poznámky k diskusi. Propositions. Sekce I. - Praha, 1929. - № 12.

НАХУСТИН САРЧАШМАҲОИ ХАТТИИ ЭТНОЛИНГВИСТИКАИ ТОҶИК

Дар мақола доир ба манбаъҳои нахустине, ки дар забоншиносии тоҷик, бахусус дар этнолингвистика анҷом пазируфтаанд, маълумот дода мешавад. Зикр мегардад, ки таълиф гардидани аввалин фарҳангномаҳо дар забоншиносии тоҷик қадами нахустине дар таҳқиқотҳои этнолингвистӣ маҳсуб меёбанд. Зеро дар фарҳангномаҳои таълифшуда, моддаҳои луғавӣ батафсил тафсир мешаванд, ки тамоми паҳлуҳои зиндагии мардуми ҳамон замон ва расму анъана, урфу одати онҳоро фаро мегиранд. Ҳамзамон, дар аксарияти моддаҳои луғавӣ фарҳанги маънавии мардум ифода ёфта, таассуроти онҳо доир ба чаҳони атроф дар устураҳо, бахусус дар симои персонажҳои мифологӣ инъикос меёбад. Дар мақола зикр мегардад, ки нахустманбаъҳои хаттиро, ки дар онҳо андешаҳои этнолингвистӣ ташаккул ёфтааст, ба се давра ҷудо мекунем: 1) манбаъҳои хаттии даврони оғозини анъанаҳои миллӣ (то асрҳои VIII - IX); 2) манбаъҳои хаттии даврони нав (асрҳои X – XIX); 3) манбаъҳои хаттии даврони навин (асрҳои XX – XXI). Аз «Авасто»-ю сангнабиштаҳо ва катибаҳои боқимонда то таълифи фарҳангномаҳо ва дигар осор беҳтарин ва гаронмоятарин манбаи таҳқиқот ва асари пуарзиши этнолингвистӣ дар забоншиносии тоҷик мебошанд. Ҳар кадоми ин манбаъҳои хаттӣ дорои хусусиятҳои хосси худ мебошанд, ки ба таври ҷудогона метавонанд мавриди таҳқиқоти этнолингвистӣ қарор гиранд. Дар мақола танҳо мурӯре ба манбаъҳои хаттии даврони

оғозини афкори миллии забоншиносии тоҷик (то асрҳои VIII - IX) ва манбаъҳои хаттии даврони нав (асрҳои X – XIX) мешавад.

Калидвожаҳо: этнолингвистика, фарҳанги миллӣ, фарҳангномаҳо, сангнабиштаҳо, манбаи хаттӣ, маводи луғавӣ, катибаҳо, «Авасто».

ПЕРВЫЕ ПИСЬМЕННЫЕ ИСТОЧНИКИ ТАДЖИКСКОЙ ЭТНОЛИНГВИСТИКИ

В статье приводятся сведения о первоисточниках таджикской лингвистики, особенно этнолингвистики. Отмечается, что составление передовых словарей в таджикской лингвистике является первым шагом в этнолингвистических исследованиях. Потому что в составленных словарях подробно описаны лексические единицы, охватывающие все стороны жизни людей того времени, их традиции и обычаи. В то же время большинство лексических единиц выражали духовную культуру народа, а их впечатления об окружающем мире отражались в мифах, особенно в образе мифологических персонажей. В статье отмечается, что первые письменные источники, в которых формируются этнолингвистические идеи, можно разделить на три периода: 1) письменные источники начала национальных традиций (до VIII-IX вв.); 2) письменные источники новой эпохи (X-XIX вв.); 3) письменные источники новейшей эпохи (XX-XXI вв.). От Авесты и надписей на камнях, сохранившиеся образцы письменности, словари и другие произведения являются самым лучшим, ценным источником исследований и значимой этнолингвистической работой в таджикском языкознании. Каждый из этих письменных источников имеет свои особенности, которые могут быть исследованы как самостоятельно, так и с точки зрения этнолингвистики. В статье уделяется внимание только обзору письменных источников начала таджикской национальной языковой мысли (до VIII-IX вв.) и письменных источников нового периода (X-XIX вв.).

Ключевые слова: этнолингвистика, нацональное культура, словари, питроглиф, письменный источник, лексический материал, надписы, «Avasto».

THE FIRST WRITTEN SOURCES OF TAJIK ETHNOLINGUISTICS

The article provides information on the primary sources of Tajik linguistics, especially ethnolinguistics. It is noted that composing of the foremost dictionaries in Tajik linguistics is the first step in ethnolinguistic research. Because in the compiled dictionaries, lexical items are described in detail that covering all aspects of life of the people of that time and their traditions and customs. At the same time, most of the lexical items expressed the spiritual culture of the people, and their impressions of the world around them are reflected in the verses, especially in the image of mythological characters. It is noted in the article that the first written sources, in which ethnolinguistic ideas are formed in, can be divided into three periods: 1) written sources of the beginning of national traditions (up to VIII-IX centuries); 2) written sources of the new era (X-XIX centuries); 3) written sources of the new era (XX-XXI centuries). Avesta and the inscriptions, compilation of dictionaries and others are the best and most valuable source of research and precious ethnolinguistic works in Tajik linguistics. Each of these written sources has its own characteristics that can be ethnolinguistically and separately studied. The article pays attention only to a review of the written sources of the beginning of the Tajik national linguistic thought (up to VIII-IX centuries) and the written sources of the new period (X-XIX centuries).

Key words: ethnolinguistics, national culture, dictionaries, pitroglyph, written source, lexical material, inscriptions, "Avasto".

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Матробиён Саодатшо Қосимзода*** - Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев, 17/6. E-mail: **s.matrobov@mail.ru**. Тел.: **(+992) 93-508-71-38**

Сведение об автора: ***Матробиён Саодатшо Косимзода*** - Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзода, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. E-mail: **s.matrobov@mail.ru**. Тел.: **(+992) 93-508-71-38**

Information about author: ***Matrobiyon Saodatsho Kosimzoda*** - Tajik State Institut of languages named after S.Ulughzoda, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Tajik Language. **Address**: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str. 17/6. E-mail: **s.matrobov@mail.ru**. Тел.: **(+992) 93-508-71-38**

УДК: 4+42

ХУСУСИЯТҲОИ СЕМАНТИКИИ ҶУМЛАҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Шарипов Р.С., Наврузшоев Б.Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Омӯзиши муқоисавии забонҳо, ки сохтори бисёрсистемавӣ доранд, дар заминаи муайян кардани мушкилоти мубрами забоншиносии муосир амалӣ карда мешавад. Таҳлили муқоисавии системаи фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳам барои таҳияи назарияи умумии фразеология ва ҳам барои муайян кардани хусусиятҳои муштараки ҳамзабони забонҳои омӯхташуда аҳаммияти калони илмӣ дорад.

Умуман, зарурати омӯзиши муқоисавии забонҳо аз он имкониятҳое ба амал омадааст, ки омӯзиши муқоисавии забонҳо дар ошкор намудани хусусиятҳои фаъолияти системаи забон ва унсурҳои алоҳидаи он фароҳам овардаанд. Ҳамчун объекти таҳлили он, забоншиносии муқоисавӣ - типологӣ он масъалаҳоеро интихоб мекунад, ки дар забоншиносии муосир ҳатмӣ мебошанд. Он беш аз пеш ба таҳкими асосҳои назарияи умумиҷаҳонии таҳлили муқоисавӣ-типологӣ мусоидат мекунад. Дар пайдоиши ин илм чунин муҳаққиқони барҷастаи асри XX, ба монанди Э.Д. Поливанов, Т.Б. Шерба, И.И. Мещанинов ва дигарон саҳми худро гузоштаанд. Дар таҳқиқоти минбаъдаи ин самт дар асарҳои В.Н. Ярцева, А.И. Смирницкий, В.А. Звегинцева, В.Г. Гак ва бисёр дигарон, доир ба усулҳо ва ҷанбаҳои татбиқи таҳлили муқоисавии типологӣ, аҳаммияти он барои назарияи умумии забон, таҳияи роҳҳои универсалии ифшои ҷанбаҳои гуногуни омӯзиши воҳидҳои забонӣ ва системаҳои онҳо доираи васеи масъалаҳо таҳия карда мешаванд.

Омӯзиш ва таҳлили муқоисавӣ - типологии воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ яке аз мавзӯъҳои муҳим ба шумор меравад. Масъалаи омӯзиши муқоисавии воҳидҳои фразеологӣ дар забоншиносии тоҷик солҳои охир хеле хуб ба роҳ монда шудааст, ки асарҳои тадқиқотии олимон З. Муллоҷонова, М. Азимова, М. Мирзоева ва Б. Наврузшоев, ба ҳамин самт бахшида шудаанд.

Муқоисаи як падидаи лингвистӣ дар забонҳои гуногун имкон медиҳад, ки моҳияти падидаи мавриди омӯзиш возеҳтар ва визуалӣ кушода гардида, хусусияти он ҳам дар ҷабҳаҳои забонӣ ва ҳам нутқӣ, ҷанбаҳои функсионалӣ ошкор карда шавад.

Яке аз ҳамин гуна сатҳҳои баҳсноки онро фразеология ташкил медиҳад, ки воҳидҳои онро ба истилоҳоти фразеологизмҳо, таъбироти фразеологӣ, воҳидҳои фразеологӣ ва амсоли инҳо ном бурдаанд: «Фразеология аз калимаҳои юнонии frasis «ифода» ва logos «таълимот» гирифта шудааст.

Воҳидҳои фразеологӣ бо обуранги махсуси худ, таровату нишонрасии нутқро таъмин менамоянд. Нависандагону шоирон ҳангоми баёни ягон ҳодиса барои бештар пуртаъсиру образнок баромадани фикрашон аз ин воситаҳои муҳимми забонӣ истифода мебаранд, зеро ки воҳидҳои фразеологӣ маъноро пардапӯшона, пуртароват, таъсирбахш ва бо як ҷилои махсуси ба худашон хос баён мекунанд: «Воҳидҳои фразеологӣ воситаи муъҷаз, образнок ва таъсирбахш баён намудани фикр мебошанд».

Ҳарчанд воҳидҳои фразеологӣ аз ҷиҳати ифодаи маъно, мавқеи истеъмол ва вазифаҳои синтаксисии худ ба калимаҳо наздикӣ дошта бошанд ҳам, аз ҷиҳати сохти таркибии худ аз онҳо фарқ мекунанд ва таркиб, ибора ва ҷумлаҳои озодро ба хотир меоваранд. Сабаби чунин духӯрагии онҳо ба табиати махсуси забонӣ ва таърихи пайдоиши онҳо вобастааст.

Воҳидҳои фразеологӣ дар заминаи таркиб, ибора ва ҷумлаҳои озоди синтаксисӣ ба вуҷуд омада, дар ҷараёни таърихӣ оҳиста-оҳиста рехтаву устувор гардидаанд, ки бисёри онҳоро аз калимаҳои одӣ фарқ кардан мушкил мешавад. Аз ин рӯ, бояд воҳидҳои фразеологиро аз таркиб, ибора ва ҷумлаҳои синтаксисӣ фарқ кунем ва онҳоро бо якдигар омехта накунем, зеро онҳо ҳамчун воҳиди тайёри забон бо бисёр хусусиятҳои хосси худ фарқ мекунанд.

Масалан, воҳидҳои фразеологии дилу бе дил - бо *дили нохоҳам*, буррандаи дарранда - *қобил*, аз бим қолаб тиҳӣ кардан - *аз тарс мурдан*, аз нӯги хамир фатир - андаке аз чизе,

дил бастан - мафтун шудан, даҳан задан- ба маънои шир хӯрдан дорои чунин хусусиятҳо мебошанд ва ин хусусиятҳояшон дар матн бештар равшану возеҳ баён меёбанд:

Дигарон *дилу бе дил* ба табақ даст бурда, оварда... кам- кам мегирифтанд [15, с.113]. ... он фармонро бо мулозим ва шогирдпешагони *буррандаи дарранда* фиристонанд... [14, с.187]. …бачагони инҳо ҳар замон як бор ба синаи модарҳояшон даҳан зада, ба хоби роҳати онҳо халал мерасониданд [14, с.215]. ...вақте ки садои кушодани қулфи дари зиндонро шунид, қариб буд, *аз бим қолаб тиҳӣ кунад* ва аз тарс худро ба паси бандиён пинҳон кард [14, с.322].– Нӯги қини подшоҳиро дидӣ, ин *аз нӯги хамир фатир аст* [14, с.297]. Ҳасан кайҳо умеди худро аз озодӣ канда ва *ба асирӣ дил баста* буд [14, с.28].

Дар ташаккули ҷумлаҳои фразеологӣ махсусиятҳои синтаксисӣ, воситаҳои ифоданок ва услубӣ низ мақоми худро доранд. Мансубияти луғавию грамматикии ҷузъҳои ҷумлаҳои фразеологӣ ба ташаккули семантикаи маъмули ҷумлаҳои фразеологӣ, хусусиятҳои семантикии он таъсири назаррас мерасонад. Семантикаи ягонагиҳои фразеологиро образнокӣ, инчунин як қатор воситаҳои услуби бадеӣ ва назмӣ, алалхусус, эфоникӣ муайян мекунанд. Дар ташаккули семантикаи ягонагиҳои фразеологӣ хусусиятҳои семантикии мансубияти лексикӣ ва грамматикии воҳидҳои фразеологӣ нақши муҳим доранд.

Дар забоншиносӣ ҷумлаҳои фразеологӣ доираи васеи семантикиро фаро мегиранд. Дар байни онҳо зарбулмасалҳо, ибораҳои дорои хусусияти эвфемистӣ, муқоисаҳо, ибораҳо мебошанд, ки дар асоси образҳои адабиёти бадеӣ ё аз рӯйдодҳои таърихӣ, урфу одатҳо ва эътиқодот бармеоянд. Дар байни онҳо инчунин ибораҳои касбӣ-соҳавӣ низ ба мушоҳида мерасанд, ки ба маънои маҷозӣ истифода мешаванд.

Ҷумлаҳои фразеологӣ чун навъи махсуси ВФ, вижагиҳои муайянеро ифода намуда, табиати ба худ хоссеро дороанд. Ин хусусиятҳои хосси ҷумлаҳои фразеологӣ, ба табиати забонии онҳо вобастагии зич дошта, муддати солҳои тӯлонӣ рехта шуда аз ҷиҳати таркиби луғавӣ тағйирнаёбанда боқӣ мондаанд. Айни замон масъалаи махсусиятҳои хосси ҶФ, чун воҳидҳои забонӣ то ҳол баҳснок боқӣ мемонад. Фикру ақидаи забоншиносон оиди вижагиҳои хосси ҶФ як хел нестанд.

Муҳаққиқ В.В. Виноградов роҷеъ ба ин навъи ибораҳои рехта чунин ибрози ақида мекунанд: ҷумлаҳои фразеологӣ ин таркиби маъмулии калимаҳо, инчунин штампҳо ва клишеҳои иборавӣ мебошанд, ки аз ҷиҳати маънои фразеологӣ алоқамандӣ надоранд, масалан: *чизеро об кардан, шамол хӯрдан, ҷоғ задан, ба сари касе об рехтан* - you know, not that I know и др ... After that do you think I could marry you? Not if I know it [1, с.161].

Қисми махсуси ин навъи ягонагиҳои фразеологӣ аз истилоҳҳо иборат аст, ки маънои ҷузъҳои он аз ҷиҳати фразеологӣ маҳдуд нестанд. Ибораҳои истилоҳотӣ дар илм, сиёсат, дар ҳаёти ҳаррӯза истифода мешаванд, ки аксар вақт номҳои топонимикӣ мебошанд, муқоиса кунед: gum up the works - тамоми корро хароб кардан; Not to know if one is standing on one's head or one’s heel - худро гум кардан; дасту по гум кардан, add fuel to the fire - (таҳтул: болои оташ равған рехтан) - ба болои сӯхта намакоб, кореро расво кардан.

ҶФ дар ҳолати воқеии худ, чун дигар воҳидҳои забонӣ, дорои хусусиятҳои хосси худ мебошанд. Онҳо бо таркиби луғавӣ-сохтории муайян ва ифода намудани маънои образҳои муайян ва грамматикӣ ва мутаносибии ВФ фарқ мекунанд [4].

Масалан: **дили касе кашол** (ба касе, чизе дил кашол шудан) - ба чизе ва ё касе моил, толиб, орзуманд шудан [13, с.374]; **хоби касе гурехт** (хоби касе гурехт) - хоби касе набурдан, бехоб шудани кассе [13, с.275], **гапи касе гурехт** (гап гурехтан) - дар байн норизогӣ, нохушӣ, ҷанҷол рӯй додан [13, с.275].

Забоншинос Я. И. Рецкер ибораҳоро ҳамчун таркибҳои луғавӣ (таркибҳои ғайриозод, ки саъй доранд ба як калима табдил ёбанд), аз қабили роҳи оҳан, музди меҳнат, бепарвоёна, шитобон, саросемавор (сари касеро гаранг (гиҷ) кардан) ва калимаҳои алоҳида, ки дар маънои маҷозӣ истифода мешаванд, номидааст [8, с.33].

Масалан, **мусофири беҷой** ибораест, ки ба забонҳои гуногун бо тарзҳои гуногун тарҷума мешавад: **фаронс:** voyageur en contrabande - *мусофири қочоқӣ*, **олмн**: blinder passagier - *мусофири нобино*, **англ:** quickfellow - "рафиқи чолок".

Байни ҷумлаҳои фразеологии **to pass to the better world** ва **to kick the bucket**, *ба он дунё рафтан* ва *пой дароз кардан*, *аз олам гузаштан*, тафовути услубӣ мавҷуд буда, мавқеи

истифодаи онҳо гуногун аст. Ифодаи лаҳҷаи **there is no love lost between them** (дар байни онҳо муҳаббати гумшуда нест) - дар фарҳангҳои фразеологӣ бо ду маъно ифода ёфтааст: *онҳо якдигарро бад мебинанд* ва *онҳо якдигарро дӯст намедоранд* [10, с.202]. Ибораи **to take the floor** - барои гирифтани сухан вобаста ба доираи истифода метавонад маънои ҳам "ошёна гирифтан" ва ҳам " рақс кардан " -ро дошта бошад.

Хусусияти дигари назарраси ҷумлаҳои фразеологӣ дар он аст, ки тағйирот дар сохтори грамматикии унсурҳо тағйироти бори семантикии матнро ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, ҳангоми тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ ҳиссаи зиёди масъулият ба касбияти тарҷумон вогузор карда мешавад, тарҷумон барои интихоби оптималии воситаҳои тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ масъул аст. Барои ноил шудан ба воҳиди мувофиқи фразеологии наздик ба манбаи тарҷума, дар матни забони мавриди ҳадаф таркибҳои устувори калимаҳои сатҳҳои гуногунро моҳирона истифода бурдан лозим аст [7, с.117].

Эквиваленти фразеологӣ - ин воҳиди фразеологӣ дар забони тоҷикӣ мебошад, ки аз ҷиҳати маъно ба баъзе воҳиди фразеологии англисӣ комилан мувофиқ аст ва дар ҳамон сурат бо он асос ёфтааст: **to shed crocodile tears**.- *ашки тимсоҳро рехта*, *барзаговро аз шохҳо гирифтан.* А **drowning man will catch at a straw** .- Одами ғарқшаванда аз хас умед дорад. **There is no smoke without fire.** - (бе оташ дуд намешавад) Муқовиматҳои тоҷикӣ асосан дар ибораҳои ба истилоҳ байналмилалӣ, ки дар аксари забонҳои аврупоӣ мавҷуданд, вомехӯранд.

Интихоби аналоги фразеологӣ воҳиди маҷозии фразеологӣ ба забони русӣ мебошад, ки аз ҷиҳати маъно ба ибораи англисӣ шабоҳат дорад, аммо бар асоси тасвири дигар: **to be born with a silver spoon in the mouth** - (таҳт: бо қошуқи нуқра дар даҳон таваллуд шудан) - дар курта таваллуд шудан, хуштолеъ (бобахт) будан, толеи хуб доштан; а **bird in the hand is worth two in the bush** - (*парандаи дар даст буда, беҳтар аз дутои он дар пушти бутта)* - ними нон роҳати ҷон.

Масалан, ҷумлаи фразеологии англисии **to kill the goose that lays the golden eggs** (таҳт: куштани ғозе, ки тухми тиллоӣ мегузорад) ба назар мерасад. Тарҷумаи ибораҳо бо истифодаи эквивалентҳо содатарин ҳолат аст ва дар тарҷума ва ё ёфтани муодили он душворӣ ба бор намеорад.

Ҳамин тариқ, луғати англисӣ - русии Мюллер ва луғати фразеологии А. В. Кунин воҳидҳои фразеологии англисиро пешниҳод мекунанд. **Хайрия аз хона** ҳамчун аналоги воҳиди фразеологии русии «Ҷомаи шумо ба бадан наздиктар аст» оғоз меёбад [10, с.121].

Бо ёрии тарҷумаи таҳтуллафзӣ (калка) зарбулмасалу, мақолҳо дар шакли таркибу ибора ва ҷумлаҳои англисӣ хеле ифоданок тарҷума карда мешаванд.

Масалан: **Half a loaf is better than no bread**. - *Нисфи нон беҳтар аз нон набудан аст*. **I shall cut you off with a shilling.** – Ман шуморо аз мерос маҳрум мекунам. Дар матн, ки ҳарчанд аз ҷиҳати маъно ба воҳиди фразеологии англисӣ мувофиқат намекунад, дар алоҳидагӣ гирифта шудааст, аммо аз ҷиҳати хусусиятҳои маъноӣ ва услубӣ мундариҷаи онро дар ин замина баён мекунад.

You can't eat your cake and have it. - *Шумо наметавонед торти худро бихӯред ва бигиред*. Ин ҷумлаи фразеологии англисӣ на муодил дорад ва на аналог, ифодаи бофташуда фақат нофаҳмо ва ҳатто тарҷумаи тавсифӣ дорад (Шумо наметавонед ду корро яквақт иҷро кунед) душвор аст, ки оё он метавонад бо сабабҳои услубӣ татбиқ карда шавад.

Масалан, ҷумлаҳои фразеологии тоҷикии **чизеро аз даст гурезондан** - *аз чизе маҳрум шудан, бе насиб мондан, ба мақсад нарасидан* [15, с.303], *аз байн рафт*. Ин шабеҳи ҷумлаҳои фразеологии тамоман дигари англисист - **It's no use crying over spilt milk**, (Гиря кардан аз шири рехта фоида надорад),- *ширри рехтарро ҷамъ намуда намешавад*, аммо инҷо муҳим он аст, ки дар ин замина маҳз ҳамин тобиши маънои суханони персонаж ва эмотсионалии онҳоро хубтар баён мекунад.

Аммо ибораҳои фразеологӣ аз ибораҳои "озод" маҳз бо он фарқ мекунанд, ки аксар вақт фикри комилро ифода мекунанд ва сипас ба ҷумла баробаранд. Аз ин рӯ, дар ин ҷо ягон сатр вуҷуд надорад.

Ҷумлаҳои фразеологии феълӣ метавонанд пурра ё қисман ибораҳои бознигаришудаи далелнок бошанд. Намудҳои асосии бознигарӣ маҷозӣ, метонимия ва муқоиса мебошанд.

Ҷумлаҳои фразеологии метафорӣ бештар дар навъи гиперболӣ ва ё эвфемистӣ зоҳир мегарданд. Аксари ҷумлаҳои феълӣ ба шахс, ба амалҳои иҷрокардаи шахс ё ҳолате, ки ӯ дар он аст, ишора мекунанд. Ҷумлаҳои фразеологӣ, ки ба одам ишора намекунанд, камтар маъмуланд, масалан: **blow great guns** – ғуррос задан, бозӣ кардан (дар бораи тӯфон; ғурриши тӯфон ба монанди садои тӯпхона аст); либос афшондани кампирак (момоқулдуроқ) - раъд (ба маънои аслӣ: "либосафшонии пиразан" (раъд)).

Қисми зиёди ҷумлаҳои фразеологии маҷозӣ, ки ҷузъҳои асосии онҳо феълҳои **be and have** дар забони англисӣ ва будану шудан дар забони тоҷикӣ мебошанд, ба ягон ҳолат гирифтор шудани шахсро ифода мекунанд, масалан: **be in smooth water** - рафъи мушкилот расидан ба "бандари ором"; **be on one's bones** (гуфтугӯӣ) - дар ҳолати душвори молиявӣ қарор доштан, ба ҳадди ниҳоӣ рафтан; расидан ба нуқтаи охир; **be (или have) one's head in the clouds** - сар ба осмон расидан; **have a bone in one's (или the) throat** (гуфтугӯӣ, ҳаҷв), чизе гуфта натавонистан (устухон дар гулӯ дармонд); - моту мабут шудан; бе чизу чора шудан - бенаво шудан; ҳалқ (зунук) гирифта (яҳ) шудан; гулӯгир шудан; дар ҳалқ пешидан - сухане гуфта натавонистан.

Ибораҳои фразеологӣ низ метавонанд ҷумлаҳои пурра бошанд. Аммо, фразеология аз лексикология ва синтаксис дар канори маводи асосии таҳқиқот ҷудо шуда, аз онҳо дар самти аслии таҳқиқот фарқ намекунад. Ифшои таркиби луғавӣ ва маъноии ибораи фразеологӣ ва муайян кардани сохтори синтаксисии он, агар он то андозае ҷудошуда бошад, ин аввалин амалиётҳои фразеолог, шарти ҳатмии ҳаргуна тафсир, ҳар гуна систематсия мебошад. Методологияи ин марҳилаи аввали ташаккули ибораҳои ғайриозод аз усулҳои муқаррарии кори лексиколог, лексикограф ва синтаксис фарқ намекунад - чанд муддат роҳи онҳо як аст, онҳо ба ҳамдигар кумак мекунанд.

Барои забони тоҷикӣ муносибатҳои синонимии феълҳои мураккаби номӣ, бо будан, шудан ва феълҳои дигар як падидаи маъмулӣ мебошанд. Аз ҷумла барои ифодаи семантикаи доштани ҳолати муайян ё тавлиди ин ҳолат. Ягонагиҳои фразеологии ҷуфтро муқоиса кунед: be in hot water - ба душворӣ дучор шудан; get into hot water - ба бадбахтӣ дучор шудан; be in somebody's bad books - ба қаҳру ғазаби касе дучор шудан - дар ҳисоби бад будан бо касе - get into somebody's bad books - ба қаҳру ғазаби касе дучор гаштан - ба расвоӣ афтодан, аз даст додани лутфи касе.

Асоси бознигарии метафорӣ дар чунин ягонагиҳои фразеологӣ муқоисаи ҷузъҳои ягонагиҳои фразеологии феълӣ бо ҳамон калимаҳо берун аз воҳиди фразеологӣ мебошад, муқоиса кунед: аз осмон ситора чидан - ситораҳоро аз осмон гирифтан; аз пашша фил сохтан; - hitch one's wagon to a stat - шуҳратпараст будан, ба орзуҳо дохил шавед (таҳтуллафзӣ: "аробаи худро ба ситора пайваст кардан"); make a mountain out of a molehill - аз пашша фил сохтан; twist smb. round one's little finger – аз касе ресмон бофтан ва ғ.

Бисёр ибораҳои метафорӣ характери эвфемистӣ доранд. Хусусан онҳо дар байни ҷумлаҳои фразеологӣ бештар ба мушоҳида мерасанд, ки маънои «мурдан» -ро доранд; **go the way of all flesh** - "тағрибаи ҳама чизи заминиро кардан"; **go to one's account** - худкушӣ кардан; **go to one's long rest** - "ба нафақа баромадан"; саҳнаро тарк кардан - "аз саҳна рафтан" – харҷи роҳ шудан - ҳангоми саёҳат мурдан; ҷон ба Ҷаббор супоридан - ҷони худро ба Худо додан; тарки ҳаёт кардан.

Аз таҳлили сохтории ҶФ бармеояд, ки дар забони англисӣ, фақат дар сохтори тобеъкунандагӣ шакли сохториашон мураккаб буда, одатан бисёраъзогӣ мешаванд ва дар забони тоҷикӣ бошад дуаъзогӣ ё сеаъзогӣ мешаванд. Аз таҳлили лексикӣ-маъноии ҶФ бармеояд, ки бидуни семантика мавҷудияти ҳама гуна забон имконнопазир аст. Аз ин рӯ, омӯзиши намудҳои маъно дар доираи фразеология натанҳо барои назарияи фразеология, балки дар умум барои пешрафти илми забон низ зарур аст.

Муқарриз: ***Абдулфайзов С.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Виноградов В.В. Об основных типах фразеологических единиц в русском языке. Лексикология и лексикография / В.В. Виноградов // Избр. Труды. – М.: Наука, 1977. – 161 с.
2. Кунин А.В. Основные понятия фразеологии как лингвистической дисциплины и создание англорусского фразеологического словаря: автореф. дис. ... д-ра филол. наук / А.В. Кунин. - М., 1964.
3. Кунин А. В. Фразеология английского языка / А.В. Кунин. - М., 1970. - 343 с.

4. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ.Маҷидов. - Душанбе: ДДТ, 1982. - 104 с.
5. Маҷидов Ҳ. Иқтибосоти фразеологӣ аз забони русӣ дар забони тоҷикӣ / Ҳ.Маҷидов // Забон ва адабиёти русӣ дар мактабҳои тоҷикӣ. - 1981. - №2. - С.20-23.
6. Наврузшоев Б.Х. Махсусиятҳои маъноиву услубии тарҷумаи тасвирии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ ба забони англисӣ / Б.Х. Наврузшоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2019. - №3. - С.128-131.
7. Наврузшоев Б.Х. Масъалаи тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ / Б.Х. Наврузшоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). - Душанбе, 2020. - №1.
8. Рецкер Я.И. Теория и перевода и переводческая практика / Я.И. Рецкер. - М.: Наука, 1974. – 451 с.
9. Телия В.Н. Фразеология: семантический, прагматический и лингвокультурологический аспект / В.Н. Телия. - М, 1996.

Л У Ғ А Т

10. Кунин А.В. Англо-русский фразеологический словарь / А.В. Кунин. - М.: Советская энциклопедия, 1984. - Ч.1-2. - 942 с.
11. Мамадназаров А. Англо-таджикская словарь / А. Мамадназаров. -Душанбе: ЭР-граф, 2015. -1025 с.
12. Оксфордский англо-русский словарь. - 2000. – 1293 с.
13. Фозилов М. Фарҳангӣ ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик / М.Фозилов. - Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. - Ҷ-1; - 1964. - Ҷ-2.

С А Р Ч А Ш М А

14. Айнӣ, С. Ғуломон/ С. Айни. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1949. – 253 с.
15. Айнӣ, С. Одина/ С. Айни. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1931. – 192 с.

ХУСУСИЯТҲОИ СЕМАНТИКИИ ҶУМЛАҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Ин мақола ба масъалаи хусусиятҳои семантикии ҷумлаҳои фразеологӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст. Масъалаи мазкур барои таҳлили илмии махсусиятҳои луғавию сохтории ҷумлаҳои фразеологӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ хеле аҳаммиятнок ба шумор меравад. Таҳлили муқоисавии системаи фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳам барои таҳияи назарияи умумии фразеология ва ҳам барои муайян кардани хусусиятҳои муштараки забонҳои омӯхташаванда аҳаммияти калони илмӣ дорад. Дар забоншиносӣ ҷумлаҳои фразеологӣ доираи васеи семантикиро фаро мегирад. Дар байни онҳо зарбулмасалҳо, ибораҳои дорои хусусияти эвфемистӣ, муқоисаҳо, ибораҳо мебошанд, ки дар асоси образҳои адабиёти бадеӣ ё аз рӯйдодҳои таърихӣ, урфу одатҳо ва эътиқодот бармеоянд. Дар байни онҳо инчунин ибораҳои касбӣ-соҳавӣ низ ба мушоҳида мерасанд, ки ба маънои маҷозӣ истифода мешаванд. Хусусияти дигари назарраси ҷумлаҳои фразеологӣ дар он аст, ки тағйирот дар сохтори грамматикии унсурҳо тағйироти бори семантикии матнро ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, ҳангоми тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ ҳиссаи зиёди масъулият ба касбияти тарҷумон вогузор карда мешавад. Тарҷумон барои интихоби оптималии воситаҳои тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ масъул аст. Ҷумлаҳои фразеологӣ чун навъи махсуси ВФ, вижагиҳои муайянеро ифода намуда, табиати ба худ хоссеро дороанд. Ин хусусиятҳои хосси ҷумлаҳои фразеологӣ ба табиати забонии онҳо вобастагии зич дошта, муддати солҳои тӯлонӣ рехта шуда аз ҷиҳати таркиби луғавӣ тағйирнаёбанда боқӣ мондаанд. Айни замон масъалаи махсусиятҳои хосси ҶФ, чун воҳидҳои забонӣ то ҳол баҳснок боқӣ мемонад.

Калидвожаҳо: ҷумлаҳои фразеологӣ, таҳлили муқоисавии хусусиятҳои семантикӣ ва грамматикӣ, таҳқиқоти муқоисавӣ, ибораҳои синтаксисӣ, забонҳои генетикӣ, сохтори фразеологии забонҳо.

СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ НА АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Данная статья посвящена семантическим особенностям фразеологических предложений в английском и таджикском языках. Этот вопрос очень важен для научного анализа лексических и структурных особенностей фразеологических предложений в английском и таджикском языках. Сравнительный анализ фразеологической системы таджикского и английского языков имеет большое научное значение, как для разработки общей теории фразеологии, так и для выявления общих черт изучаемых языков. В лингвистике фразеологические выражения охватывают широкий диапазон семантики. Среди них пословицы, фразы эвфемистического характера, сравнения, фразы, основанные на образах художественной литературы или из исторических событий, обычаев и верований. Среди них есть и профессионально-отраслевые выражения, употребляемые в переносном смысле. Еще одна примечательная особенность фразеологических выражений - изменение грамматической структуры элементов вызывает изменение смысловой нагрузки текста. Фразеологические предложения, как особый вид ФЕ, выражают определенные черты и имеют свою природу. Эти особенности фразеологических предложений тесно связаны с их лингвистической природой и остаются неизменными на протяжении многих лет, а их лексическая структура не меняется. В настоящее время специфика фразеологические предложения как языковой единицы все еще остается спорной.

Ключевые слова: фразеологические предложения; сравнительный анализ семантических и грамматических особенностей; сравнительные исследования; синтаксические выражения; генетические языки; фразеологический состав языков.

SEMANTIC FEATURES OF PHRASEOLOGICAL PRESENTATIONS IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

This article is devoted to the semantic features of phraseological sentences in English and Tajik languages. This question is very important for the scientific analysis of the lexical and structural features of phraseological sentences in the English and Tajik languages. Comparative analysis of the phraseological system of the Tajik and English languages is of great scientific importance, both for the development of a general theory of phraseology, and for identifying common features of the studied languages. In linguistics, phraseological expressions cover a wide range of semantics. Among them are proverbs, euphemistic phrases, comparisons, phrases based on images of fiction or from historical events, customs and beliefs. Among them there are professional and industry expressions used in a figurative sense. Another remarkable feature of phraseological expressions is that a change in the grammatical structure of elements causes a change in the semantic load of the text. Phraseological sentences, as a special type of phraseological units, express certain features and have their own nature. These features of phraseological sentences are closely related to their linguistic nature and remain unchanged for many years, and their lexical structure does not change. Currently, the specificity of phraseological sentences as a linguistic unit is still controversial.

Key words: phraseological sentences; comparative analysis of semantic and grammatical features; comparative studies; syntactic expressions; genetic languages; phraseological composition of languages.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Шарипов Рустамҷон Саидбекович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D, кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултаи забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ 17. E-mail: **sharipov rustam95 @ mail.ru.** Тел.: **(+992) 885-11-11-12**

Наврӯзшоев Баҳридин Хушхолович - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултаи забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ 17. E-mail: **-bakhakhush @ mail.ru.** Тел.: **(+992) 933-98-80-45**

Сведения об авторах: ***Шарипов Рустамджон Саидбекович*** **-** Таджикский национальный университет, докторант Ph.D, кафедра английского языка и сравнительной типологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **sharipov rustam95 @ mail.ru.** Тел.: **(+992) 885-11-11-12**

Наврузшоев Бахридин Хушхолович - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры английского языка и сравнительной типологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17. E-mail: **-bakhakhush @ mail.ru.** Тел.: **(+992) 933-98-80-45**

Information about the authors: ***Sharipov Rustamjon Saidbekovich*** - Tajik National University, doctoral Ph.D, Department of English Language and comparative typology of the faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **sharipov rustam95 @ mail.ru.** Тел.: **(+992) 885-11-11-12**

Navruzshoev Bakhridin Khushkholovich - Tajik National University, candidate of philological sciences, associated professor of the department of English language and comparative typology of the faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **-bakhakhush @ mail.ru.** Тел.: **(+992) 933-98-80-45**

УДК: 491.550-400

ХУСУСИЯТҲОИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ КАЛИМАЮ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ ҚАННОДӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ВОДИИ ҲИСОР

Абдуллоева Г.З.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Таркиби луғавии шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ниҳоят мукаммал ва муқтадир аст. Воҳидҳои луғавие, ки хусусияти лаҳҷавӣ доранд, моро бо урфу одат, расму оин ва суннату анъанаҳои мардуми тоҷик ошно месозанд. Дар таркиби луғавии лаҳҷаҳо вожаҳое маҳфуз мондаанд, ки инъикосгари тамаддун, илму фарҳанги мардуми тоҷик буда, аз қарни асрҳо ба мерос мондаанд. Шеваҳои забони тоҷикӣ манбаи асосии лексикаи забони адабии тоҷик ба ҳисоб мераванд. Омӯзиши муқоисавии шеваҳои тоҷикӣ, ки профессор В.С. Расторгуева бо асари худ “Опыт сравнительного изучения таджикских говоров”, ки соли 1964 ба асос гузоштааст, ҳамчун марҳилаи нави инкишофи илми шевашиносии тоҷик муҳаққиқони ин соҳаро ба ҳалли масъалаҳои тоза водор менамояд [4, с.3]. Водии Ҳисор аз қадимулайём маркази бузурги ҳунармандӣ ба шумор меравад. Муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши ин мавзеъ даст задаанд, бештар диққати хешро ба соҳаи ҳунармандии ин водӣ равона сохтаанд, зеро соҳаи ҳунармандӣ ин мавзеъро шуҳратмандтар гардонида буд.

Пас аз солҳои сиюми асри XX лаҳҷаҳои водии Ҳисор аз ҷониби муҳаққиқон ба риштаи тадқиқ кашида шуда бошад ҳам, аммо бештар ба хусусиятҳои фонетикиву морфологии лаҳҷаҳои мазкур даст зада, оид ба луғати ҳунармандии ин мавзеъ маълумоте надодаанд. Дар солҳои охир бошад, ба ин масъала забоншиносони тоҷик нисбатан ҷиддитар назар афканда, оид ба лексикаи лаҳҷаҳои мазкур мақолаву рисолаҳо навишта истодаанд.

Гарчанде дар забоншиносии тоҷик оид ба ҷанбаҳои этнолингвистии лексикаи соҳаҳои гуногуни ҳунармандӣ рисолаву мақолаҳо аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ба назар мерасанд, аммо то ҳанӯз лексикаи соҳаи қаннодӣ на аз тарафи забоншиносон ва на аз тарафи лаҳҷашиносон, ба ғайр аз қайду ишораҳое, ки муҳақиқон дар дохили мақолаву рисолаҳои худ овардаанд, ба пуррагӣ ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст.

Ҳол он ки омӯзиши ҷанбаҳои этнолингвистии калимаву истилоҳоти лексикаи соҳаи қаннодӣ яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ба ҳисоб меравад. Тавре ки маълум аст, этнолингвистика ҳамчун илм дар замони ҳозира рушду такомул ёфта, дар ин бахш низ аз тарафи забоншиносони тоҷик рисолаву мақолаҳои зиёде нашр гардида истодаанд. Этнолингвистика чун шохаи ҷудогонаи забоншиносӣ хеле барвақт, аниқтараш дар анҷоми асри Х1Х ва ибтидои асрӣ ХХ ба вуҷуд омадааст, ки ба омӯзиши робитаи забон ва фарҳанг, инчунин хусусиятҳои дарки ҷаҳон аз тарафи гурӯҳҳои гуногуни этникӣ шуғл меварзад.

Мусаллам аст, ки бо вуҷуди раванди тези ҷаҳонишавии фарҳангу тамаддунҳо мардуми мо бо тамоми ҷидду ҷаҳд он суннату анъанаҳое, ки аз гузаштагони мо ба мерос мондаанд, ҳифз менамоянд. Дар чунин раванди босуръати ақлонӣ комёбӣ насиби он давлату миллат мегардад, ки илму маорифи пешрафт ва фарҳанги волои қадимаю ҳозира дошта бошад ва арзишҳои милливу таърихии хешро ҳифз ва густариш дода, бо арзишҳои умумибашарӣ пайванд дода тавонад [20, с.369]. Ҳангоми риояи урфу одат ва суннату анъанаҳо мо метавонем, он калимаву истилоҳотеро, ки ҳангоми гузаронидани маросимҳо истифода мешаванд ҳифз намуда, таркиби луғавии забонамонро бою ғанӣ гардонем. Рушди забон бо таърихи халқ, бо фарҳанги он, бо санъат, бо анъана, бо урфу одат ва расму оини он алоқаи ногусастанӣ дорад. Забон дар маҷмӯъ як қисмати муҳим ва ё бо иборати дигар, як бахши нигорандаи таърихи халқи мо буда, оинаест, ки дар он роҳи дуру дарози тайкардаи халқи тоҷик бо ҳама шебу фарози он инъикос ёфтааст [18 , с.13].

Дар таркиби шеваҳои мардуми мо ҳазорон калимаҳои асилу ноби тоҷикӣ мавҷуданд, ки бо сабабҳои гуногун аз доираи истеъмол берун мондаанд. Вазифаи аввалиндараҷаи забоншиносону фолклоршиносон ин аст, ки зимни тадқиқоту ҷустуҷӯйҳои илмӣ чунин калимаҳоро аз шеваҳо дарёфт карда, онҳоро ба доираи муомилоти забони адабии тоҷикӣ ворид намоянд. Забон инчунин падидаи фарҳанги миллӣ буда, ба воситаи он ҳар як шахс

ҳувияти хешро мешиносад, ҷаҳонбиниашро васеъ менамояд ва ҳофизаи маънавиашро қавӣ мегардонад [19, с.5].

Калимаву истилоҳоти соҳаи қаннодӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор хеле зиёд ба назар мерасанд, зеро ин навъи соҳаи ҳунармандӣ солҳои зиёд инҷониб дар ин мавзеъ вуҷуд дорад ва бо гузашти солҳо рушду такомул ёфта истодааст. Махсусан, дар Қаратоғ қаннодҳои машҳури водии Ҳисор истиқомат менамуданд. Қаратоғ бо ҳавлою қандфудҳои лазизаш кайҳо боз байни мардуми водии Ҳисор ном бароварда [17, с.56]. Ширинихое, ки дар ин мавзеъ истеҳсол менамоянд дар тамоми манотиқи кишвари мо ва берун аз он харидорони худро доранд. Албатта, ин раванд агар аз як ҷиҳат, боиси рушду такомули ин соҳа гардад, аз тарафи дигар, боиси паҳн гардидани калимаву истилоҳоти ин соҳа мегардад. Ҳатто дар асри XIX савдогарони Самарқанду Бухоро аз ҳалвою ширинихои Қаратоғ барои худ тӯшаи роҳ мегирифтаанд. Дар гузашта ва имрӯз ҳам ин касб миёни косибони Қаратоғ бисёр маъмул аст. Қаннодон дар Қаратоғ чунон зиёд буданд, ки дар ҳар як маҳаллаи Қаратоғ растаи ҳавлогарон вуҷуд дошт [2, с.58].

Тавре маълум аст, ҳар як ширинie, ки дар ин мавзеъ тайёр менамоянд бо як анъанаи мардуми маҳаллӣ вобастагии сахт дошта, ифодагари расму русум ва урфу одати хос мебошад. Масалан, дар маросими чил омода намудани *тарҳавло* ҳатмист, бо ин навъи ширинӣ даҳони шахсони азодорро ширин менамоянд. Пас аз фотиҳатӯй маросими *тагилаълигардонӣ* оғоз мегардад, ки ҳатман дар ин маросим *ӯмочҳавло* тайёр намуда, бо кулча ба хонаи домод равон месозанд, то ин ки модари домод ба хешу ақрабои хеш тақсим намуда аз хонадоршавии писараш дар рӯзҳои наздик хабар диҳад. Вақтҳои охир таваҷҷуҳи муҳаққиқон, забоншиносон ва фолклоршиносон бештар ба доираи луғати ифодакунандаи расму оин ва урфу одатҳои халқӣ, касбу ҳунарҳои мардумӣ ҷалб гардида истодааст [13, с.27].

Мусаллам аст, ки бо вуҷуди моли забони арабӣ буданаш истилоҳи "*қанд"* дар дохили забони мо чунон ҳазм шудааст, ки танҳо ҳангоми таҳқиқоти решашиносӣ мо метавонем инро муайян созем. Илова бар ин, бояд ҳаминро дарҷ намоем, ки истилоҳи "*қанд"* бештар дар таркиби синонимии ҷуфти "*қанду қурс*" низ ба назар мерасад.

Дар забони тоҷикӣ баъзе бовару хурофотҳо ҳам вуҷуд доранд, ки дар иртибот бо вожаи *қанд* ба зуҳур омадаанд. Масалан, ҳангоми овардани арӯс ба хонаи домод, ё баръакс рафтани домод ба хонаи арӯс ба сари онҳо *қанд* мепошанд, то ин ки зиндагиашон ба мисли қанд ширин шавад. Ё ин ки ҳагоми ба никоҳ омадани домод аввал ба вай қандчой нӯшонида баъд ба никоҳ кардан оғоз менамоянд, ки қариб дар ҳама мавзеъҳои кишвар инро мушоҳида кардан мумкин аст. Занҳои Бадахшон домодро ҳангоми ба хонаи арӯс омаданаш бо нони safedtaīaq nīvarŕk (дар рӯйи нон гузоштани қандҳо ва равғанҳои пора мегузоранд) ва širŕγan (ширавған) пешвоз мегиранд[8, с.471].

Бо рушди соҳаи қаннодӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор калимаву истилоҳоти зиёд пайдо шудаанд ва то имрӯз дар шакли аслии худ мавриди истифода қарор доранд.

Истилоҳоти ин бахши ҳунармандиро метавонем ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намоем:

1. Номи олотҳое, ки қаннодон дар истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ ба кор мебаранд*: чахдег* (деги махсуси калон*), кавча* (ба кавлез шабоҳат дорад, аз чӯб тайёр карда мешавад ва ба воситаи он ҳалворо мекӯбанд), *чилчӯw* (аз дарахти юлғун тайёр мекунанд, ки ба мисли пружина қату рост мешавад ва барои расонидани бех лозим аст), *элак* (ордбез), *оташгирак* (асбоби оташгирӣ), *таҳгиронӣ* (оташафрӯзанда) ва ғ.

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки аксарияти муодилҳои ин калимаҳо дар луғати «Бурҳони қотеъ» оварда шудааст, ки ин аз ғановатмандии забони тоҷикии мо дарак медиҳад. Ва баъзе аз онҳоро лозим донистем чун намуна орем*: парвезан* бар вазни сафшикан; мухаффафи *парвезан* бошад, ки ордбез аст, ҳар чизи сӯрох-сӯрохро гӯянд [7, с.235], *оташгирак* ҳар чиз, ки бад-он оташ тувон бардошт; ва он чӣ бар он оташ афрӯзанд [7, с.43], *оташафрӯзанда таҳгиронӣ* (ҳар чиз, ки бад-он оташ афрӯзанд, ҳамчу хасу хошок ва монанди он.

Гарчанде дар ин мавзеъ истилоҳи *чилчӯw* дар ифодаи "*асбобе, ки мисли пружина қату рост мешавад ва бо он бехро то тайёр шуданаш мекобанд"* корбаст шавад хам, аммо аз рӯйи қайди Р. Сангинова маълум мешавад, ки вожаи *чилчӯw* дар лаҳҷаи Конибодом ба маънии «ҷорӯбе, ки барои рӯфтани танӯр лозим аст», ба кор меравад [10, с.68]. Ин намуди

ҷорӯбро дар лаҳҷаи Қаратоғ истилоҳи *ҷорӯwи кундӣ* иваз мекунад. Мардуми Ҳисор бошад, онро *ҷорӯби мутта* меноманд.

2. Номи маҳсулоте, ки аз онҳо қаннодон маҳсулоти қаннодӣ тайёр мекунанд: *рӯған/ равған***,** *шакар, ҷавҳари лумӣ* (лиму), *бех, кунҷит, тухм, чомоқ, бодом, писта, кунҷит, тухм, ранг* ва ғайра.

Калимаи "*чомоқ"* ин шакли лаҳҷавии вожаи чормағз аст. Барои тайёр намудани навъҳои ҳавло дар ин мавзеъ ордҳои махсусро истифода мебаранд, ки чунин номгузорӣ шудаанд: *орди осиёгӣ, орди ҷуворигӣ, орди ҷавӣ, гули орд* ва ғ. Бояд ҳаминро қайд намоем, ки дар ин мавзеъ калимаи "*гул"* ба ғайр аз маънои аслии худ инчунин ба маънои "чизи аз ҳама беҳтарин" низ истифода мешавад. Масалан, *гули орд, гули либос, гули палос* ва ғайра.

3. Номи маҳсулоте, ки қаннодон истеҳсол мекунанд: *ҳавлои пашмак, ҳавлои сурхак/ ӯмочҳавло, ҳавлои кунҷитӣ, ҳавлои лawз, ҳавлои сафедак/ ҳавлои малакодорак, нишоло, қанди кокулдорак, қанди мак-макак/ қанди фучфучак/, қанди хурӯсак, қанди обидандон, қанди бодомдорак, нawот, парварда, печак, пахтақанд, сеwқанд, гулқанд, калақанд, похсақанд*, *қандалот, малмалот*.

Мусаллам аст, ки дар ҳар як лаҳҷаи забони тоҷикӣ дар ифодаи номи ҳавло истилоҳоти гуногун истифода бурда мешаванд. Масалан, дар лаҳҷаи Бухоро истилоҳоти *ҳалвои яхак, ҳалвои рӯганин, ҳалвои пистамағз, ҳалвои собунӣ* маъмул аст [6, с.267]. Аксарияти ин урфу одатҳо ва вожаю истилоҳоте, ки дар иртибот бо ин анъанаву суннатҳои мардумӣ пайдо шудаанд, аз ниёгон ба мерос монда, дар тӯли асрҳо бе ягон тағйирот ба мо омада расидаанд. Масалан, яке аз ин анъанаҳо дар идҳо омода намудани *ҳалвои лавз* мебошад, ки боиси пайдо шудани истилоҳоти "*ҳавлои лавз"* гаштааст. Дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" ин истилоҳ чунин маънӣ шудааст: *лавз* (арабӣ)-бодом, *лавзина* (арабӣ) -ҳалвои аз мағзи бодом тайёр кардашуда [15, с.583].

Истилоҳи *"гулқанд*" аз даврaҳои аввали рушди забонамон маншаъ гирифта, дар осори ниёгонамон айнан дар ҳамин шакл корбаст шудааст:

Гулашро хонда ширинтар зи *гулқанд,*
Ниҳоли гул асоси лаълпайванд аст [11, с.235].

Гарчанде истеъмоли истилоҳи *гулқанд* аз даврaҳои аввали рушди забонамон маншаъ мегирад ва доираи истеъмолаш дар ин мавзеъ фарох аст, аммо доираи истеъмоли калимаи калақанд оҳиста- оҳиста танг шуда, танҳо дар нутқи мардуми куҳансол корбаст мешавад.

Инчунин, дар ин мавзеъ тавассути пасванди - ба сохта шудани калимаҳо дар ифодаи номи ширинихои хеле зиёд ба назар мерасад: *ҳавлои башир, ҳавлои бачомоқ, ҳавлои бабодом, ҳавлои баписта, ҳавлои бакунҷит, ҳавлои баравғани зард* ва ғайра. Илова бар ин, бояд ҳаминро қайд намоем, ки шир дар тайёр кардани маҳсулоти қаннодӣ дар ин мавзеъ аҳаммияти хосса дошта, барои пайдоиши баъзе истилоҳоти соҳаи қаннодӣ саҳми босазое гузоштааст, аз қабили *ҳавлои башир, кулчақанди башир, бӯлушки(булочка) башир.* Шир ва маҳсулоти ширирo дигар қавму қабилаҳо низ ғизои асосии худ меҳисобанд. Маҳсулоти ширӣ дар ғизои мардуми қалмиқ ғизои асосӣ ба ҳисоб меравад [9, с.93].

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки истилоҳи "*обидандон*" на танҳо дар ин мавзеъ дар ифодаи як навъ қанд хеле сермаҳсул аст, ин истилоҳ инчунин дар дигар лаҳҷаҳу шеваҳои забони тоҷикӣ ва дар осори пургановати шоиру нависандагони тоҷик низ мавриди истифода қарор дорад. Устод Садриддин Айнӣ ҳам дар қиссаи "Марги судхӯр" барои тасвири ҳақиқати воқеӣ хеле моҳирона ин истилоҳро истифода намудааст: ... Ба тарафи дигари лаълӣ конфетҳои арзонбаҳо ва *обидандонҳоро*, ки аз лойшакар сохта мешуданд, рехта ба ҳар кадоми онҳо ҳам як пулӣ дупулӣ нарх мемонд [1, с.62].

Аммо бар хилофи вожаи "*обидандо*н" таркиби луғавии "*қанди кокулдорак"* дар ифодаи "номи қанд" ба намояндагони ҳамаи лаҳҷаву шеваҳо ошно нест, зеро танҳо қаннодони ин мавзеъ ин намуди қандро омода месозанд. Инчунин, бояд ҳаминро иброз намоем, ки номи қанд бо маззаву тарзи тайёркуниаш ягон иртибот надорад. Истилоҳи *"қанди кокулдорак*"аз сабаби ба кокул шабоҳат доштани қоғазе, ки онро мепечонад пайдо шудааст. Аслан, қоғази ин қандро қаннод ба тариқи дастӣ ранг мекунад, сипас қоғазро ду баробар намуда қад менамояд, пас аз қад намудан қисми болоии қоғазро моҳирона мебурад, ки ба кокул шабоҳат пайдо кунад. Ва пас аз он дар қисми поёнии қоғаз қандро гузошта мепечонад. Қаннод дар ин маврид диққати харидоронро на бо лазизии маҳсулоташ, балки бо зебогии ин навъи ширинӣ ҷалб менамояд. Илова бар ин, бояд

ҳаминро зикр намоем, ки дар ин мавзеъ инчунин калимаи иқтибосии канфет (конфет) дар ифодаи мафҳуми “қанд” мавриди истифода қарор дорад, ки дар нутқи мардуми куҳансол дар шакли қандфут низ дар истифода аст. Забоншиносони рус баромади калимаи “*канфет*”-ро гуногун овардаанд. Масалан, забоншинос Г.Крылов овардааст, ки *конфет* дар забони итолиёвӣ шакли konfetto – ро дошта, ба ин забон аз забони олмонӣ дар шакли konfekt омадааст, ки решаи ин калима ба калимаи лотинии confektғm- «дору» рафта мерасад [5, с.165]. Калимаҳои иқтибосии шакалот (шкалад), малмалот (мармелад), манппасин (мапаси), *тортак (торт), бисикивит (бисквит)*, *пичинак* (печенье), *кекис* (кекс), *пирожни* (пирожное), *хиворост* (хворост) ворид шуда, таркиби луғавии лаҳҷаҳои мазкурро бою ғанӣ гардонидаанд.

4. Номи ашхосе, ки ба ҳавлогариву қаннодӣ машғуланд: *ҳавлогар /ҳалвопаз/ ҳавлотарош, навотпаз, парвардапаз, нишолоҳпаз, қаннод, қандпаз, пичинпаз, тортпаз.*

Илова бар ин, бояд ҳаминро қайд намоем, ки ин бахши соҳаи ҳунармандӣ дар ин мавзеъ нозукиҳои худро дошт, ки дар робита бо он боварҳои махсус дар ин минтақа пайдо шудаанд. Масалан, дар ин мавзеъ воҳиди луғавии “*пайғалтӣ”* истифода мегардад, ки вобаста ба ин мафҳум боваре миёни ҳавлогарони ин минтақа вуҷуд дорад, ки гӯё: «*дар вақти тайёр намудани ҳалво бояд одами бетаҳорат ба хона надарояд, ки пай мегалтад ва ҳалво сафед намешавад”.*

Бояд қайд намоем, ки истилоҳоти ин бахши ҳунармандӣ аксаран таърихи куҳан дошта, дар тӯли асрҳо бе ягон тағйироти шаклу маънӣ дар лаҳҷаи мардуми Қаратоғ мавриди истифода қарор доранд.

Дар ин бахши ҳунармандӣ пайдоиши истилоҳи «пашмак», каме аҷоиб ба назар менамояд. Аз ин лиҳоз, лозим донистем, ин калимаро каме тафсир диҳем. Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” вожаи **пашмак** чунин маънидод шудааст: “навъе аз ҳалвое, ки мисли мӯй тор-тор, вале сафед аст” [16, с.47]. Барои тайёр намудани ин ҳалво чунин корҳоро ба анҷом мерасонанд. Аввал аз шакар ва бех (як навъи растанӣ) қиём омода менамоянд. Дар як деги алоҳидаи сафед ордро бо рағани зард то каме зардча шуданаш бирён мекунанд, аммо нозукиаш дар он аст, ки бояд орд аз ҳад зиёд зард нашавад. Сипас, қиёмро бо орди бирёншуда омехта карда, хуб молиш медиҳанд. Баъд омехтаи ҳосилшударо дар мехҳое, ки дар девор зада шудааст меовезанд. Оҳиста -оҳиста ранги омехта сафед мешавад. Сипас, онро ба болои лаълии калон гузошта аз чор тарафаш мекашанд, то даме ки дар омехта торҳо пайдо гарданд. Вақте ки ҳалво шакли мӯякро гирифт, онро аз рӯйи андозаи муайян бурида қоғазпеч менамоянд ва барои хушбӯ шуданаш каме ҷавҳари лимӯ ҳамроҳ мекунанд.

Инчунин, барои намояндагони ин мавзеъ ибораҳои *ширинии ангурӣ ва ширинии тутӣ* ошност. Инчунин калимаи *шарбат* ва *шаҳдоб*, ки дар забони адабии тоҷик низ дар ҳамин шакл истифода мешаванд, хосси намояндагони ин лаҳҷаҳоянд. Аммо бояд ҳаминро иброз намоем, ки калимаи *шаҳдоб* маҳфуми “обе, ки дар маросими тӯйи арӯсӣ ба домоду арӯс менӯшонанд” синонимҳои худро доро мебошад, аз қабили *қандоб, ширинаб* ва ғ.

Истилоҳи *шарбат* низ дар аксари ҳолатҳо дар шакли аслии худ корбаст мешавад.

Ҳангоми таҳлили маводи мазкур собит намудем, ки аксарияти вожаҳои мансуб ба ҳунари қаннодӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор шакли якхела дошта умумиистеъмоланд. Сабаби як хел истифода шудани ин калимаҳо дар ин минтақа дар он аст, ки дар водии Ҳисор шеваи шимолӣ бо шеваи ҷанубӣ омезиш ёфтааст. Шохаи ҳисории лаҳҷаи ҷанубӣ, ки дар давоми солҳои зиёд дар муҳити лаҳҷаҳои дигар амал мекунад, тағйироти муайянеро аз сар гузаронидааст. Дар натиҷа, баъзе калимаҳои хосси он аз байн рафтаанд [2, с.240]. Албатта, то ин замон аксарияти калимаҳое, ки сирф хусусияти лаҳҷавӣ доранд дар нутқи мардуми куҳансоли ин мавзеъ ҳифз шудаанд, аммо дар нутқи насли наврас бештар калимаҳои умумиистеъмолӣ ба назар мерасанд. Ҳаминро ба назар гирифта, профессор Л.В. Успенская навишта буд: “Лексикаи ҳар ду лаҳҷаи Ҳисор, асосан умумитоҷикист [14, с.226].

Ба ин тариқ, калимаву истилоҳоти бахши қаннодӣ дар таркиби луғавии лаҳҷаҳои водии Ҳисор як қабати махсусро ташкил медиҳанд ва маводи ғановатмандеро фаро мегиранд. Ғановат, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки дар онҳо вожаҳои ҳам умумитоҷикиву лаҳҷавӣ ва ҳам унсурҳои иқтибосӣ амал мекунанд. Вожаҳои иқтибосӣ

чандон фаровон набошанд ҳам, дар нутқи сокинони мавзеъ ҳазм шуда, бо вожаҳои тоҷикӣ дар як радиф истеъмол мегарданд.

Муқарриз: ***Назарзода С.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессор.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Марги судхӯр / С. Айнӣ. - Душанбе, 2015. – 561 с.
2. Аттобуллоев С. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ (синтаксис) / С. Аттобуллоев. - Душанбе, 1984. -Ҷ.4. -249 с.
3. Ершов Н.Н. Каратаг и его ремесло / Н.Н. Ершов. - Душанбе: Дониш, 1984. - 100 с.
4. Ғаффоров Р. Шеваи ҷануби забони тоҷикӣ / Р.Ғаффорова, Р.А. Неменова. -Душанбе: Дониш, 1973. -201 с.
5. Крылов Г.А. Этимологический словарь русского языка / Г.А. Крылова. - СПб. : Полиграфуслуги, 2005. - 432 с.
6. Маҳмудов М. Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро / М. Маҳмудов, Б Бердиев. – Душанбе, 1989. – 278 с.
7. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ.1. / Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. - Душанбе: Адиб, 1993. -280 с.
8. Назарова, З.О. Этнолингвистический анализ лексики связанной со свадебным обрядом" (на материале помирских языков) / З.О. Назарова // Российский гуманитарный журнал. Том 4. - М., 2015. - №6. - С.471-486.
9. Очирова Н.Ч. Лексика, отражающая традиционную пищу калмыков (этнолингвистический аспект) / Н.Ч. Очирова, Ж.А. Мукабенова, Н.Н. Шарапова // Вестник Калмыцкого унверситета. – Калмыцк, 2019. - № 4(44). - С.93-97.
10. Сангинова Р. Лексикаи лаҳҷаи тоҷикони Конибодом / Р. Сангинова. - Душанбе, 2017. -198 с.
11. Сайидои Насафӣ. Асарҳои мунтахаб / Насафӣ, Сайидо. - Душанбе: Ирфон, 1977. - 702 с.
12. Сирочуддин Алихони Орзу. Чароғи ҳидоят / Орзу, Сирочуддин Алихон. – Душанбе, 1992. - 238 с.
13. Суфиева, Г. Баъзе суннатҳои мардумӣ дар ашъори Лоиқ Шералӣ / Г. Суфиева // Маводи конференсияи байналмилалии ДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино. – Душанбе, 2018. – С.227-230.
14. Успеская Л.В. Говоры таджиков Гиссарского района / Л.В. Успеская. - Душанбе, 1962. - 170 с.
15. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М., 1969. - Ҷ.1. - 951 с.
16. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М., 1969. - Ҷ.1. - 947 с.
17. Ҷӯрабоев Р. Диёри шоир / Р. Ҷӯрабоев. - Душанбе, 1991. - 225 с.
18. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат ҳастии миллат. Китоби 1 / Раҳмон, Эмомалӣ. - Душанбе, 2016. – 516 с.
19. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат ҳастии миллат. Китоби 2 / Раҳмон Эмомалӣ. - Душанбе, 2020. – 431 с.
20. Эмомали Рахмон. Независимость Таджикистана и возрождение нации Т.4 / Раҳмон Эмомали. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 472 с.

ХУСУСИЯТҲОИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ КАЛИМАЮ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ ҚАННОДӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ВОДИИ ҲИСОР

Дар мақола оварда шудааст, ки этнолингвистика ҳамчун илм дар замони ҳозира рушду такомул ёфта, дар ин бахш дар забоншиносии тоҷик низ рисолаву мақолаҳои нав нашр гардида истодаанд. Этнолингвистика чун шохаи ҷудогонаи забоншиносӣ хеле барвақт, аниқтараш дар анҷоми асри XIX ва ибтидои асрӣ XX ба вуҷуд омадааст. Муаллиф бо факту далелҳо исбот намудааст, ки истилоҳоти соҳаи қаннодӣ як қисми асосии луғати лаҳҷаҳои мазкурро ташкил диҳад. Инчунин, дар мақола оварда шудааст, ки баъзеи ин гурӯҳи калимаҳо дар лаҳҷаҳои мазкур шакли лаҳҷавиро гирифтаанд. Ҳамин тавр, муаллиф оид ба куҳан будани баъзе калимаву истилоҳоти ин гурӯҳи калимаҳо маълумоти муфассал додааст. Баъзе аз калимаҳое, ки дар лаҳҷаҳои мазкур дар ин бахш вомехӯранд, ҳам дар забони адибони классик ва ҳам дар забони адибони муосир дучор мешаванд. Ҳамин тариқ, калимаву истилоҳоти бахши қаннодии соҳаи ҳунармандӣ дар таркиби луғавии лаҳҷаҳои водии Ҳисор як қабати махсусро ташкил медиҳанд ва маводи ғановатмандеро фаро мегиранд. Ғановат, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки дар онҳо вожаҳои ҳам умумитоҷикиву лаҳҷавӣ ва ҳам унсурҳои иқтибосӣ амал мекунанд. Вожаҳои иқтибосӣ чандон фаровон набошанд ҳам, дар нутқи сокинони мавзеъ ҳазм шуда, бо вожаҳои тоҷикӣ дар як радиф истеъмол меёбанд.

Калидвожаҳо: қаннодӣ, қанд, лаҳҷа, шева, забон, таркиби луғавӣ, водии Ҳисор, забони адабӣ, луғат, истилоҳ.

ЭТНОЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ЛЕКСИКИ И ТЕРМИНОВ КУЛИНАРНОЙ СФЕРЫ В ГОВОРАХ ГИССАРСКОЙ ДОЛИНЫ

В статье отмечается, что этнолингвистика как наука в современном времени развивается и в этой сфере в таджикском языкознании издано много новых диссертаций и статей. Этнолинвистика как отдельная отрасль языкознании складывалась очень рано, вернее, в конце XIX и начале XX вв. Автор на конкретных фактах доказывает, что кулинарная сфера является частью лексики данных говоров. Также в статье отмечается, что некоторые из этих слов в гиссарских говорах получают диалектную форму. Таким образом автор подчеркивает древность некоторых слов и терминов. Часть данных говоров отмечается и в творчестве классиков и в творчестве современных поэтов и писателей. Итак, лексика и термины кулинарной сферы в лексическом составе говоров Гиссарской долины составляют особенный слой и служат для создании богатого материала. Богатство, скорее всего, заключается в том, что в нем действуют и общетаджикские диалектизмы и заимствованные слова. Хотя заимствованных слов немного, но в речи жителей данной местности часто употребляются и в результате превращаются в ежедневно используемую лексику.

Ключевые слова: кодитерский, сахар (конфет), говор, диалект, язык, пласт языка, Гиссарская долина, современный язык, лексика, термин.

ETHNOLINGUISTIC FEATURES OF THE VOCABULARY AND TERMS OF THE CULINARY SPHERE IN THE DIALECTS OF THE HISSAR VALLEY

Ethnolinguistic features of the vocabulary and terms of the culinary sphere in the dialects of the Hissar valley The article notes that ethnolinguistics as a science in modern times is developing and in this area in Tajik linguistics many new dissertations and articles have been published. Ethno-linguistics as a separate branch of linguistics took shape very early, or rather at the end of the 19th and the beginning of the 20th centuries. The author proves with concrete facts that the culinary sphere is part of the vocabulary of these dialects. Also in the article it is noted that some of these words in the Hissar dialects get a dialectal form. Thus, the author emphasizes the antiquity of some words and terms. Some of these dialects are outlined in the work of the classics and in the work of modern poets and writers. So, the vocabulary and terms of the culinary sphere in the lexical composition of the dialects of the Gissar valley constitute a special layer and serve to create rich material. The wealth, most likely, lies in the fact that both common Tajik dialectisms and borrowed words operate in it. Although there are few borrowed words, they are often used in the speech of the population of a given area and, as a result, turn into a daily used vocabulary.

Key words: coding, sugar (candy), dialect, dialect, language, linguistic layer, Gissar valley, modern language, vocabulary, term.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна*** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч.Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: **(+992) 917-11-64-26**

Сведения об авторах: ***Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна*** – Таджикский государственный институт языков им. Сотима Улугзаде, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. Тел.: **(+992) 917-11-64-26**

Information about the authors: ***Abdulloeva Gulrukhsor Ziyodulloevna*** - Tajik State Institute of Languages named after Sotima Ulugzade, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Tajik language. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Muhammadiev 17/6. Tel.: **(+992) 917-11-64-26**

УДК: 491.55

МУЛОҲИЗАЕ ЧАНД ПЕРОМУНИ ИСТИЛОҲОТИ СИЁСИИ ЗАБОНИ ФОРСӢ ВА ТАРИҚАҲОИ ПАЙДОИШИ ОНҲО

Муҳаббатов А.,Маҷидов Ғ.
Донишгоҳи миллииТоҷикистон

Илми забоншиносӣ ба исбот расонидааст, ки дар даврони муосир ҳеҷ забоне наметавонад бидуни вомвожа ва бавижа, вомвожаҳои фарангӣ вуҷуд дошта бошад. Илали инро ҳама пажӯҳишгарон дар он мебинанд, ки тақрибан ҳамаи давстовардҳои қарни XX ва XXI моли аврупоиён буданд ва ҳастанд.

Забони форсии имрӯзӣ, ки ҳам аз тарафи давлат ва ҳам аз сӯйи дӯстдорони ин забон нигаҳбонӣ мешавад, хеле талош ба харҷ дода шудааст, то ҷое, ки зарфиятҳои дохилии забон имкон медиҳанд, вомвожаҳои аврупоиро бозгардон ба форсӣ намоянд. Дар ин фароянд мо тасмим гирифтем бархе аз истилоҳоти сиёсии забони форсиро, ки ғолибан аз роҳигертабардорӣ ё «калка» ва бо истифода аз захоири дохилии забон тадриҷан дар ҳоли маъмул шудан ҳастанд, мавриди пажӯҳиш қарор диҳем.

Бояд таъкид кард, ки дар пайдоиши истилоҳоти сиёсӣ нақши чанд вожа, аз қабили سالاریsālāri, گراییgarayi, پرستیparastiва ғайра хеле бориз ва чашмрас аст.

Нахуст бибинем, ки маънии луғавии «солор» чист ва чи мафҳумро ифода мекунад. Дар «Фарҳанги Амид» чунин омадааст:

"کلمه: سالار ترجمه:
۱. [عامیانه] دارای ویژگی های ممتاز برجسته.
۲. [اسم] بزرگ و مهترقوم
۳. [اسم] بزرگ و پیشرو قافله یا لشکر، سردار.
٤. [اسم، صفت] کشاورزی [قدیمی] دهقان آگاه و کاردیده که به امر آبیاری، وجین کردن و کود دادن زمین رسیدگی کند..." [151].

Аз тавзеҳоти боло ду истилоҳ ниёз ба тавзеҳ доранд. "کود دادن", аввалӣ ва"وجین کردن" дар забони тоҷикии имрӯз ба маънии кандан ва дур андохтани растаниҳои ҳарза ва дувумӣ ба маънои «неруҳои минералӣ додан» фаҳмида мешавад. Агар ба«Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» (соли 2010) бингарем, ҳеҷ тавзеҳе дар бораи истилоҳи мазкур дарҷ нагардидааст. Дар забони имрӯзаи тоҷикӣ истилоҳи کود دادنтавре ки таъкид шуд, ба маънои «неруҳои минералӣ ва маҳалӣ» фаҳмида мешавад…

Дар забони форсии муосир чунин истилоҳоте бо истифода аз سالار сохта шудааст, ки ҳамагӣ аз ҷумлаи вожаҳо ё истилоҳоти навини забон шумурда мешаванд:

ارتش سالاری، دژسالاری، سپه سالار، زن سالاری، مردم سالاری...

Истилоҳи «arteššālāri», ки аз роҳи вожасозии мураккабшавӣ сохта шудааст, аслан калка барои истилоҳи «милитаризм» аст:

"میلیتارزم به معنای ارتش سالاری می باشد. به چهار حالت در سازمان ارتش مانند جنگجویی، سیروری ارتش بر دستگاه دولت، بزرگداشت سپاهگری و بسیج کشور برای هدف های نظامی را ارتش سالاری گویند"[16.] [http://estelahfarsu]

Ба назари мо истилоҳи «arteššālāri» хеле муносиб ва дар айни ҳол, албатта, бо тавзеҳоташ комилан мафҳуми вомвожаи аврупоиро метавонад иваз кунад.

Дигар аз истилоҳе, ки бо истифода аз «sālāri» сохта шуда, ҷалби таваҷҷуҳ мекунад, истилоҳи «mardumsālāri» аст, ки имрӯзҳо дарзабони тоҷикӣ низ ба кор бурда мешавад:

Дар «Фарҳанги вожаҳои мусавваби Фарҳангистон» дар дафтари шашум ин истилоҳ ин гуна тавзеҳ шудааст:

"مردم سالاری democracy
[سیاسی] نظامی سیاسی که در آن برگزیدگان مردم حکومت میکنند" [278, c.14] (6, c.9)

Ҳамчунон ки аз тавзеҳот бармеояд, масъулон ва дастандаркорони Фарҳангистон дар ин маврид низ муваффақ будаанд ва тавонистанд ба ҷои «демократия» чунин як истилоҳи дархӯру мувофиқи забони форсӣ бисозанд.

Истилоҳи دژسالاریтавре таъкид шуд, аз ҷумлаи навтарин истилоҳи забони форсӣ шумурда мешавад, ки дар фарҳангҳои муътабар дарҷ нагардидааст. Дар «Фарҳанги форсӣ ба русӣ»-и таҳти назари Ю.А.Рубинчик دژ чунин ташреҳ шудааст:

دژ [деж] крепость, укрепление, бастион; замок…» (с.628).

Бо таваҷҷуҳ ба тавзеҳоти фавқ метавон пиромуни маонӣ ва мафоҳими دژسالاری чанд нукотеро ироа кард.

Истилоҳи мазкур аз роҳи вожасозии мураккабшавӣ ба вуҷуд омада, ба назари бархе аз донишмандони эронӣ дорои маонии зер аст:

"دژسالاری: نام و اصطلاهی برای حکومت های که با روش استبدادی و و ترور بر سر کار می آیند" [16][http://estelahfarsi.eu]

Чунонки аз тавзеҳ бармеояд, миёни вожаҳои دژ ва دژسالاری як иртиботи нозуки маъноӣ дида мешавад, ки ба назари мо хеле моҳирона ва бо дарки амиқи мафҳуми аслии دژ сохта шудааст.

Истилоҳи زن سالاری зоҳиран ҳеҷ иртиботе бо истилоҳоти сиёсӣ надорад. Вале фаъолияти аъзои он маҳз ҳангоми баргузории мафоҳили сиёсӣ ва ҳатто дар сатҳи олӣ сурат мегирад. Пас, бибинем, ки زن سالاری барои кадом истилоҳ-вомвожаи аврупоӣ пешниҳод шудааст:

"فیمینیسم (زن سالاری)

مرکب از دو کلمه Feminineبه معنای مؤنث و زنانه با پسوند ismمی باسد که اولین بار سال 1837 وارد لغت فرانسوی شد. ر در اصطلاح به آنچه در قرن نوزدهم در آمریکا تحت عنوان جنبش زنان معروف بود گفته می شود. [16]

Ин ҷо ин нукта шоёни таъкид аст, ки «ҷунбиши фимунизм» дар ибтидо саъй бар он мекард, ки ҳуқуқи марду зан дар ҳама умури ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ баробар бошад, чун дар он айём занҳо дар Ғарб дар бисёре аз корҳои давлатдориву идорӣ дар канор буданд:

"غرب با ترویج فرهنگ زنگرایی و با کشاندن زنان به کارخانه ها و کارگاهها به تجارت بازار سرمایه داری رونق خاصی داد"[16].

Ба андешаи муаллифони мазкур ин боис бар он шуд, ки

"در نتیجه تباهی و از بین رفتن هویت زن و فرو باشی کانون خانواده را به همراه داشت" [16].

Аммо ин нуктаи назар хеле баҳсангез аст, зеро намунаҳои зиёде вуҷуд доранд, ки занҳо чӣ дар умури сиёсиву иҷтимоӣ ва чи дар умури хонаводадорӣхеле муваффақ буданд ва ҳастанд.

Ҳамчунон ки таъкид шуда буд, масъулину дастандаркорони забони форсӣ ҷиҳати пойдорӣ ва нигаҳдории забони форсӣ аз тамоми имконот ва захоири забон барои сохтани истилоҳи нав дар муқобили истилоҳи бегона истифода мекунанд. Тавре ки пажӯҳишгарон забони форсӣ ба дурустӣ аз нақши рӯзафзуни گرا ва گرایی таъкид намуда буданд, баррасӣ ва таҳлили истилоҳоти сиёсӣ метавонанд далели муътамади ин гуфтаҳо бошанд:

فردگرایی، ملی گرایی، کثرت گرایی، انسان گرایی، وحشت گرایی...

Мулоҳиза шавад, истилоҳоти фавқуззикр аз ҷумлаи навтарин вожаҳои забон буда, ахиран пайдо ва маъмул шудаанд. Агар аз лиҳози сохторӣ назар афканем, дида мешавад, ки ҳамаи онҳо аз роҳи вожасозии нимвандӣ сохта шудаанд. Истилоҳи ملی گرایی барои истифодаи мафҳуми ناسیو نالیسم сохта шуда ин гуна ташреҳ шудааст:

"ناسیونالیسم: عبارت است از اعتقاد به برتری یک ملت و قوم بر تمام ملل و اقوام دیگر... بنابراین ناسیونالیسم (ملی گرایی) خودرا از همه برتر و دیگران را پایین تر از خود می دانند" [16].

Қобили зикр аст, ки истилоҳи انترناسیولیسمчун мутазоди ё антонимии истилоҳи ناسیونالیسمба кор бурда мешавад.

"انترناسیونالیسم: در برابر ناسیولیسم انترنالیسمانترقرار دارد که معتقد است خیر و سعادت بشر اقتضامیکند که ملت ها بدون در نظر گرفتن تعصب های قومی با هم همکاری داشته باشند" [16].

Яке дигар аз истилоҳе, ки бо «солорӣ» сохта шудааст, ин истилоҳи сиёсии دیوانسالاری мебошад, ки ахиран аз сӯи Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ ба тасвибрасида, дорои маъниҳои зер аст:

"دیوانسالاری

[ع. سیاسی] ادارهٔ امور کشور از طریق تشکیلات متمرکز و مر تبط ، بر اساس نظام سلسله مراتبی اداره" [331-13].

Ҳамин истилоҳи «девонсолорӣ» дар фарҳангҳои машҳури форсӣ, аз қабили «Луғатномаи Деҳхудо», «Фарҳанги Муин» ва «Фарҳанги Амид» дарҷ нашудааст. Зимнан, истилоҳи дигари сиёсӣ, к ибо истифода аз «девон» сохта шудааст, истилоҳи دیوانی аст, ки чунин тавзеҳ шудааст:

"دیوانی –

[ع. سیاسی] کارمند دفتری دولت که به شدت پای بند قواعد دفتری باشد" [331-31].

Чун сухан аз истилоҳи сиёсии навин забон форсӣ бо истифода аз «девон» рафт, набояд фаромӯш кард, ки худи истилоҳи «девон» аз дер замоне чун истилоҳи сиёсӣ ба кор бурда мешудааст. Масалан, дар «Луғатномаи Деҳхудо» ин гуна тавзеҳ ёфтааст:

"کلیمه: دیوان [دی] (اِ) محل گردآوری دفاتر (محمعا ...) فارسی معرب است و کسا یَ آن را به متح دال و مولد دانسته است... در تشکیلات اداری عهد خلفا و سلاطین ممالک اسلامی عنوان اداره کل محاسبات مملکت و دفتر محاسبات و همچنین به معنی مطلق اداره و تشکیلات اداری و کلمه ظاهراً ارانی است..." [15].

Истилоҳи ҷиҳати баён намудани мафҳуми вомвожаи аврупоӣ اندیوالیسم сохта шуда, тавзеҳоти зер аст:

"اَندیوالیسم (فردگرایی): به معنای اصالت دادن به فرد است و معتقدند که سعادت یک فرد سودجویی او باعث سعادت جامعه می گردد" [16].

Имрӯзҳо дар расонаҳои гурӯҳии Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон аз истилоҳи «ваҳшатгароӣ» ба таври қобили мулоҳиза ба кор бурда мешавад. Пас, бибинем, ки ин истилоҳи тозазуҳур чӣ маъно ва мафҳумеро ифода мекунад:

"تروریسم Terrorism

واژهٔ تروریسم در فرهنگ فرانسه نظام یا "رژیم وحشت" تعریف شده است. پس از انقلاب فرانسه ان واژه با نوشتاری از ادمندبرک در سال 1795 وارد انگلستان گردید و از آن به عنوان دشمن مردم و سنت یاد شد" [16].

Пас аз ин тавзеҳ маънӣ ва мафҳуми ваҳшатгаро ва «ваҳшатгароӣ» комилан равшан мешавад.

Аз лиҳози сохторӣ, агарчи истилоҳоти фавқ аз роҳи вожасозии омехта, яъне «арабӣ+форсӣ» сохта шудаанд, боз ҳам дархӯри забони муосири форсӣ бад-ин далел аст, ки вомвожаи арабии «ваҳшат» аз дер замоне дар забон роиҷ буда, барои соҳибзабонон беҳтар ва равшантар аз вомвожаи аврупоии «террор» ва «террорист» ҳастанд.

Ҳамзамон бо ин чанд истилоҳи тозае аз роҳи вожасозии мураккабшавӣ сохта шудааст, ки қабл аз ҳама аз нигоҳи маъноӣ ва дуруст расонидани мафҳум хеле ҷолиб ба назар мерасанд. Ин ҷо барои тақвияти гуфтаҳои боло танҳо ду намунаро мехоҳем ироа намоем.

Болотар тавзеҳ шуда буд, ки истилоҳи «мардумсолорӣ»-и чи маънӣ ва чи маҳуме дорад. Ҳоло биёед бибинем, ки истилоҳоти «мардумбоварӣ» ва «ҷомеабоварӣ» дорои чи вижагиҳое ҳастанд ва аслан агар онҳоро бидуни тавзеҳоти ҳирфавӣ аз назар бигузаронем, қасд ва ҳадафи чун истилоҳ будани онҳо равшан мегаврдад ё хайр?

Истилоҳи «мардумбоварӣ» ҷиҳати ифодаи мафҳуми вомвожаи аврупоии «популизм» сохта шуда, дорои маъноҳои зер мебошад:

"پوپئلیسم: پوپولیسم به معنای مردم باوری است. به اینکه هدف های سیاسی را باید بر اساس خواست مردم جدا از احزاب و نهادها پیش برد و خواست مردم عین حق و اخلاق است. به عبارت دیگر هر چه مردم خواستن همان حق و اخلاق می باسد" [16].

Баназаримуаллифонимазкур «болшевизм», кибахшеаз «марксизм» аст, «популизм» мебошад. Роҷеъ ба ин қазовати онҳо беҳтар аст, ки коршиносони сиёсӣ вориди баҳс гарданд, вале ба назари мо ин гуна қазовати қатъӣ дар бораи «болшевизм» ҳадди аққал дур аз инсоф аст. Агар аз ин нуктаи назар ба режимҳои имрӯзаи кишварҳои ҷаҳон баҳо дода шавад, пас режими кунунӣ, ки дар Эрон ҳанӯз ҳам побарҷост, метавонад намунаи хуби «популизм» бошад.

Истилоҳи جامعه باوری барои баёни истилоҳи سوسیانیسم сохта шуда, ба сурати зер тавзеҳ ёфтааст:

"سوسیالیسم (جامعه باوری) در زبان فرانسه به معنای اجتماعی باشد و در انگلیسی (سوسیالیسم سیاسی که هدف آن نظارت جامعه بر وسایل تولید و اداره آنها به سود همگان است)..." [16].

Рӯи ҳам рафта баррасӣ ва таҳлили истилоҳоти навини сиёсии забони форсӣ хеле густурда ва фаррох аст, ки роҷеъ ба онҳо чи аз лиҳози луғавӣ ва чи аз диди сохторӣ метавон кори мукаммалеро анҷом дод.

Дар миёни истилоҳоти навини забони форсӣ истилоҳиebāhigariباحی گری ба мушоҳида мерасад, ки аз лиҳози сохторӣ аз роҳи вожасозии нимвандӣ бо истифода аз рӯи қолаби «арабӣ+форсӣ» сохта шудааст. Аввал бибинем, ки باحی чи мафҳумеро ифода мекунад. Дар фарҳангҳо вожаи باحی мутародифи вожаи باحتی нишон дода шудааст, ки ба таври зайл тавзеҳ ёфтааст:

"ملحدی که همه چیزرا مباح شمارد و انجام محرمات را جایزی داند" [15].

Дар «Фарҳанг» вожа-истилоҳи باحت ин гуна маънидод шудааст:

"... ۱- حلال کردن، روا دانستن. ۲- جایز. ۳- به تکلیف اعتقادی نداشتن و انجام محرمات را جایز دانستن" [فرهنگ جامعج] (آفلاین).

Пас, зарурӣ аст, ки истилоҳи اباحه گری-ро, ки пажӯҳишгарони забони форсӣ аз ҷумлаи истилоҳоти сиёсӣ медонанд, чи мафҳумеро дар худ нуҳуфтааст:

"اباحی گری به معنای حلال و حرام الهی و پایبند نبودن به دستور دین در زندگی اجتماعی می باشد. و این فکر در راستای نشر بی دینی و ترویج بی بندو باری در بین مردم بر میدارد" [16].

Муаллифони мазкур اباحی گری-ро натиҷаи фаъолияти либерализм медонанд. Тавре ки аз тавзеҳоти фавқ бармеояд, ин истилоҳ бо ملحدmolhed, ки аз решаи он аст, низ тақрибан ҳаммаъно омадааст. Дар «Фарҳанги Амид» дар мавриди вожа-истилоҳи ملحد ин чунин тавзеҳ дода мешавад:

"ملحد منکر خداوند [15].

Ҳамон тавре ки дида мешавад, истилоҳоти мазкур реша аз الحاد elhad мегиранд. Вожа-истилоҳи мазкур дар фарҳангҳои машҳур бад-ин гуна ташреҳ шудааст:

"از دین برگشتن، انکارخداوند کردن، کفرو بی دینی" [15].

Истилоҳи اباحی گری аз роҳи вожасозии нимвандии қолабӣ (блокӣ) дар як амали вожасозӣ сохта шудааст, чун дар забон вожа истилоҳи اباحی گر ба мушоҳида нарасид. Аммо ин қазоват ба таври қатъӣ нест, зеро ҳар лаҳза ба вуҷудомадани он дар забон дурр аз эҳтимол нест.

Миёни истилоҳоти сиёсии забони форсӣ ду истилоҳ, ки ҳар ду аз роҳи вожасозии нимвандии навъи қолабӣ (блокӣ) сохта шудаанд, ҷалби таваҷҷӯҳ мекунанд:

واقع پرستی ва خیال پرستی. Дар тавзеҳоти зер дар бораи ҳар ду истилоҳи мазкур чунин омадааст:

"اید آلیسم (ایده آلیسم=ideaeime) به معانی خیال پرستی است و اسد آلیست کسی را گویند که سیاست باید تابع آمال یا اید آل های انسانی گردد. این مسلک در برابر ریالیسم یا واقع پرستی و رصالت دادن به واقع قرار دارد" [16].

Ҳамчунон ки аз тавзеҳоти фавқ бармеояд, саъй шудааст, ки ба ҷойи «идеализм» аз «хаёлпарастӣ» ва ба ҷои «реализм» аз «воқеъпарастӣ» истифода шавад.

Маълум аст, ки дар забони имрӯзаи форсӣ ва тоҷикӣ вожаи «параст» ба сурати мустақил ба кор бурда намешавад ва дар таркиб мавриди истифода қарор мегирад: худопараст, бутпараст, оташпараст, майпараст, офтобпараст, ситорапараст, худпараст…

Ин ҳама далел бар он аст, ки дар намунаҳои боло ва хеле дигар «параст» чун нимванд дар фароянди вожасозӣ ширкати фаъоле дорад.

Истилоҳи сиёсии «либерализм» чун «озодихоҳӣ» ба форсӣ баргардон шудааст. Дар фарҳангҳои машҳури тафсилии забони форсӣ истилоҳи «либерализм» шарҳу тавзеҳи хубе дорад. Масалан, дар «Фарҳанги Амид» дар мавриди ин истилоҳ чунин зикр шудааст:

"کلمه: لبرالیسم

نظریه سیاسی و اقتصادی که خواهان آزادی فرد در امور سیاسی، اجتماعی، اقتصادی، مذهبی و فرهنگی است و لزوم دخالت دولت را در آنها رد می کند" [15].

Бо таваҷҷуҳ ба тавзеҳоти мазкур истилоҳи «озодихоҳӣ» баёнгар ва истифодакунандаи мафҳуми «либерализм» буда, ба гумони қавӣ дар ояндаи наздик метавонад ҷойгузини вомвожаи аврупоӣ гардад:

"لیبرالیسم یا آزادی خواهی

مجموعه ای از روش ها و سیاست ها که هدفشان فراهم کردن آزادی هرچه بشتر برای فرد و جامعه است" [16].

Фарҳангистон бо истифода аз «назария» чанд истилоҳи сиёсӣ сохтааст, ки ба қарори зайланд: назарияи чоназанӣ, назарияи омми сомона ва назарияи сомона.

Акнун бибинем, ки истилоҳи аввалӣ, яъне «назарияи чоназанӣ» чи маъно ва дар чи мавриде истифода мегардад:

"نظریه ای نظر بر روشی در تصمیم گیر برای وضعیت هر یک از طرفهارا بهبودی میبخشد و موجب زیان هیچ یک نمیشود" [13.653].

Аммо истилоҳи дуввумӣ – «назарияи омми сомона» ин гунашарҳу тавзеҳ ёфтааст:

"نظریه عام سامانه –general systems theory

[ع. سیاسی] نظریه ای باید به طور عام به برسی سامانه ها میپرداخت، اما در عمل ناکام ماند" [13.653].

Вале истилоҳи севумӣ, яъне نظریهٔ سامانه дар Фарҳанг ба қарори зер ташреҳ шудааст:

" نظریهٔ سامانه - systems theory

[ع. سیاسی] از دیدگاه سیاسی، نظریه ای که سامانه را ساختار و سازوکاری می داند که در آن مجموعهٔ خواسته ها و حمایت های مردم از حکومت موجب اتخاز سیاست ها یی میشود که به بهترین وجه ثبات سامانهٔ سیاسی را تضمین می کند" [13.653].

Тавре ки дида мешавад, ҳар се истилоҳи навини сиёсии забони форсӣ ба василаи табдил шудани ибораҳои изофӣба истилоҳ ба вуҷуд омадаанд.

Масъулон ва дастандаркорони забони дар чанд мавриди дигар талош бар он кардаанд, ки бархе дигар аз истилоҳоти сиёсии аврупоиро ба истилоҳоти забони форсӣ иваз кунанд. Истилоҳоте чун «капитализм», «коммунизм», «империализм», «фашизм», «макиёулизм», «мултипортизм», «материлизм», «умонизм», («инсонгарой» ё «инсонмадорӣ»)… ба форсӣ баргардон шудаанд.

Ҳоло чанде аз онҳоро мехоҳем мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор диҳем. Нахуст бибинем, ки истилоҳи «капитализм»дар забони муосири форсӣ ба чи истилоҳе баргардон ва дорои чи мафоҳиме мебошад:

"کاپتالیسم یا نظام سرمایه داری: نظام اقتصادی که انقلاب صنعتی نخست در آمرکا و اروپا پدید آمد، در نظام کاپیتالیسم از نظر ابزار های تولید و سایل مکانیکی، ماشین ها به نیروی کار انسان و حیوان در شیوه های ساده تر تولید نقش درجهٔ اول دارد و بخش عمدهٔ تولیدات و صنایع در دست بخش های خصوصی و غیردولتی که از راه رقابت اقتسادی در جهت کسب سود رهبری می شود" [16].

Ба назари мо наметавон таърифе беҳтар аз ин барои истилоҳи «капитализм», ки онро бар форсӣ чун «низоми сармоядорӣ» интихоб карда номгузорӣ кардаанд, ёфт.

Дар тавзеҳоте, ки барои истилоҳи «комуннизм» дода шудааст, метавон ҳамаи мушаххасоти онро пайдо кард. Саъй шудааст, ки истилоҳи мазкур бо истилоҳи «иштирокталабӣ» дар форсӣ мутадовил гардид:

"کمونیسم یا اشتراک طلبی: واژه ی کمونیسم که از ماژه لاتین (communis) یا انگلیسی (common) به معنی اشتراک گرفته شده است رسته آی از ایده های اجتمای را در بر می گیرد که غایت آنها غایٍت ما... اشتراکی را دارایی هاست. بدین ترکیب کمونیسم معنی جامع ای که در آن همهٔ منابع اقتصادی مانند زمین، کارخانه، نفت و غیره به تمامی جامعه تعلق داشته باشد و نه به شخص یا خانواده" [16].

Истилоҳи امپریالیسمчун «ҳукумат (импротурӣ) боварӣ» таърифи ҷолибе дорад:

"امپریالیسم (imperialism) به طور کلی عناونی است برای قدرت، دولت یا حکومتی که بیرون از حوزهٔ ملی خود به تصرف سرزمین های دیگر بپردازدو مردم آن سرزمین هارا یه زور وادار به فرمانداری از خود کند و از منابع اقتصادی و انسانی آن به سود خود بهره برداری کند و یا به طور کلی آنهارا یه یستعمار نمود در بیاورد" [16].

Дар миёни истилоҳоти сиёсии забони форсӣ истилоҳи ماکیاولیسم дида мешавад, ки ба форсӣ онро «استبداد جدید» баргардон кардаанд.

Пас, бибинем, истилоҳи мазкур дорои чи маъниҳое мебошад. Мактаби мокиёулизм, ки онро «фалсафаи истибдоди ҷадид» низ медонанд, аз маҷмуаи усул ва дастурҳое аст, ки Мокиёули-файласуф ва сиёсатмадори итолёӣ (1469-1527) барои давлатдорӣ эҷод кардааст. Ба таври фишурда ҳадафҳои ин мактаб таъсиси давлатҳои муттаҳид ва қавӣ, ки тобеи калисо ва дин набошанд, мебошад. Ҳамзамон бо ин мактаби мазкур аз зулм, истибдод ва ҳукумати номаҳдуд тарафдорӣ мекард. Чун:

"انسان موجود سیاسی و فطرتاُ شرور (بدکار) است لذا برای علاج شرارت انسان حکومتی مقتدر و مستبد لازم است..." [16].

Аз диди ин мактаб ахлоқ ва мазҳаб тобеи сиёсати зимомдор ба манзалаи қонун аст, ки истисно аз қонун аст ва аммо мардум бояд аз қонун итоат кунанд.

Истилоҳи сиёсии مولتی پاریسم аз ҷумлаи он истилоҳоти сиёсии забони форсӣ аст, киба форсӣ чун «чандҳизбӣ» тавзеҳ шудааст. Имрӯза истилоҳи мазкур чи дар Эрону Тоҷикистон ва Афғонистон корбурду қобили чашмрасеро ба худ касб кардааст:

"مولتی پارتیسم (چندحزبی):

به معنای چندحزبی است که در دموکراسی غرب تولد یافته است و در نظام سیاسی احزاب متعدد و خود دارد که در قدرت سهیم هستند و هیچ یک از این احزاب یه اکثریت مطلق دست پیدا نمی کند و کشور براساس چندحزبی اداره می گردد..." [16].

Дар идомаи ин тавзеҳ гуфта мешавад, ки дар бархе маворид ҳизбҳои гуногун ҷиҳати он ки курсиҳои бештареро дар парлумон ба даст оваранд, даст ба эътилоф (коолитсия) мезананд. Вале ин эътилоф устувор нест, аз тарафи дигар миқдори зиёди ҳизбҳо ҳам сабаби зарба ба иқтидори миллӣ намешавад. Тавре ки дида мешавад, истилоҳи «чандҳизбӣ» аз роҳи вожасозии «мураккабшавӣ» сохта шудааст ва ҳамон тавр ки таъкид шуд, хеле зуд ба забонҳои тоҷикӣ ва дарӣ роҳ ёфт.

Бархе аз истилоҳоти сиёсии забони форсӣ вомгирифта аз забонҳои аврупоӣ ифодакунандаи замони мушаххас ва даврони мушаххас мебошанд. Агар чи онҳо дар забони муосири форсӣ ба кор бурда намешаванд, вале баёнгари як даувраи рушди таърихии на танҳо забони форсӣ, балки ҳамаи забонҳои дигар мебошанд. Аз ҷумлаи чунин истилоҳот метавон аз истилоҳи «ناسیسم» «nāzism» ёдовар шуд, ки бозтобкунандаи як давраи мудҳиши башариест, яъне ба сари қудрат омадани Адолф Ҳитлер дар раъси ҳизбаш мебошад:

"نازیسم":

عناونی است برای حکومت آلمان در دورة "آدولف هیتلر" و گاهی هم ردیف معنای فاشیسم می یاشد" [16].

Ин истилоҳ ба василаи ихтисоршавӣ аз «ҳизби насионал-сосиалисти коргарони Олмон» ба роҳбарии Ҳитлер ба вуҷуд омадааст. Аз ин гуна намуна мешавад аз истилоҳи "نیهیاسیسم"”nihālism” таъкид кард, ки саъй шудааст ба истилоҳи форсии «ҳеҷангорӣ» баргардон кунанд:

"نهیلیسیم":

نهیلیسم یا هیچ انگاری، این اصطلاح از واژه (نهیلد در زبان لاتینی به معنای هیچ آمده است) ونهلیسم مکتبی فلسفی است که منکر هر نوع ارزش اخلاقی ومبلغ شکاکیت و نفی وجود است" [16].

Бархе аз пажӯҳишгарон «анархист»-ҳои қарни X1X Руссияро аз ҷумлаи ин мактаб хонда ва Михаил Бакунинро (1814-1876) яке аз муассисони ин мактаб медонанд. Тавре ки мебинем истилоҳи сиёсии «ҳеҷ ангорӣ» бар асари калка ё гертабардорӣ ва ё тарҷумаи калима ба калима барои забони форсӣ сохта шудааст.

Истилоҳи «коммунизм» ба насли куҳансол ва миёнсоли тоҷик то андозае ошно аст. Дар забони форсии кунунӣ он ба шакли «کمونیسم» қабул гардида, дорои вижагиҳои зер аст:

"کمونیسم:

کمونیسم این اصطلاح از ریشهٔ لاتینی (کمونیس) به معنای اشتراک گرفته شده است. و این عقیده از سال 1840 م. رواج یافت [16].

Агар истилоҳи «суфизм» то андозае ба форсӣ баргардон шуда бошад, пас, истилоҳе чун «марксизм», «ленинизм», «сталинизм», «атеизм», «буржуо», «буржуазӣ», «попуртенизм», «анархизм», «феодализм», «фоксиюнализм», «догматизм», «диалектика», «радикализм»… ба ҳамаи шакли аврупоӣ, вале дар мутобиқат ба қавоиди дастурии забони форсӣ пазируфта шудаанд ва метавон гуфт, ки ҳамаи онҳо вомвожаҳои аврупоии забони форсӣ шумурда мешаванд.

Аз миёни ин ҳама истилоҳот чанд намунаеро бо тавзеҳоташон баррасӣ ва мавриди таҳқиқ қарор додем.

А Д А Б И Ё Т

1. Алиев С.А. Полуаффиксация в системе словообразования современного персидского языка: автор. канд. дисс / С.А. Алиев. - М., 1985. - 21 с.
2. Амонова Ф.Р. Именное аффиксальное словообразование в современном персидском и таджикском языках / Ф.Р. Амонова. - Душанбе: Дониш, 1982. - 55 с.
3. Байзоев А.М. Истилоҳот ва калимасозӣ дар «Донишнома»-и Абӯалӣ ибни Сино / А.М. Байзоев. – Душанбе, 2016. - 196 с.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. Фонетика ва морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. - 356 с.
5. Земская Е.А. Современный русский язык. Слообразование / Е.А. Земская. – М.,: Наука, 1973. - 303 с.
6. Основы иранского языказнания. Новоиранские языки. – М.: Наука, 1997. - 573 с.
7. Пейсиков Л.С. Очерки по словообразованию персидского языка / Л.С. Пейсиков. – М., 1973. - 199 с.
8. Пейсиков Л.С. Лексикология современного персидского языка / Л.С.Пейсиков. – М.: Издатель. МГУ, 1975. - 203 с.
9. Рубинчик Ю.А. Грамматика современного персидского литературного языка / Ю.А. Рубинчик. – М.: Восточная литература, 2001. - 601 с.
10. Рустамов Ш. Исм (категорияи грамматикӣ, калимасозӣ ва мавқеи исм дар системаи ҳиссаҳои нутқ) / Ш.Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1981. – 218 с.
11. حق شناس محمد. دستور زبان فارسی، تهران، ۱۳۸۵ ص. ۳۱۳.
12. خانلری، پرویز تائل، دستور زبان فارسی، تهران، ۱۳٤۸ ص. ۲٦٤ ص.
13. فرهنگ وژه های مصوب فرهنگستان، دفتر ۱-٤، تهران، ۱۳۸۷، ۷۳۱ ص.
14. فرهنگ وژه های مصوب فرهنگستان، دفتر ششم، تهران، ۱۳۸۸، ۳٤۲ ص.
15. فرهنگ جامع آفلاین(play market).
16. http: \\ estehfarsi. eu[21 январисоли 2021].

МУЛОҲИЗАЕ ЧАНД ПИРОМУНИ ИСТИЛОҲОТИ СИЁСИИ ЗАБОНИ ФОРСӢ ВА ТАРИҚАҲОИ ПАЙДОИШИ ОНҲО

Мусаллам аст, ки забон чун падидаи иҷтимоӣ ба ҳар дигаргуниву таҳаввули ҷомеа вокунише аз худ нишон медиҳад. Ба вижа, дар қарни кунунӣ, ки башарият ба дастовардҳои беназири илмиву фановарӣ ноил гаштааст, масъулон ва дастандаркорони ҳар забонеро водор ба пойдорӣ ва нигаҳдошти забони миллии хеш мекунанд. Албатта, ин нукта қобили таъкид аст, ки тақрибан ҳамаи дастовардҳои бузурги илмӣ, фаннӣ ва фановарӣ марбут ба Ғарб, ба вижа ба забони англисӣ буда, ҳар кадом забонеро метавонанд таҳти таъсири қобили мулоҳиза ва ҳатто ба нестӣ расонанд. Аз ин ҷост, ки масъулин ва дастандаркорони забони форсӣ даст ба иқдомоте задаанд, ки то ҷое имкон дорад барои истилоҳоти бегона аз роҳҳои мухталфи вожасозӣ ва гертабардорӣ, истилоҳоте ба забони форсӣ офаранд. Метавон гуфт, ки дар бисёр маврд хеле муваффақ будаанд. Лозим ба зикр аст, ки дар фароянди истилоҳсозии сиёсии забони форсӣ ҷойгоҳи чанд нимванд, аз қабили «солорӣ», «гароӣ», «парастӣ» ва ғайра хеле бориз ва чашмрас аст. Дар мақола намунаҳои зиёде бо ин нимвандҳо оварда шудааст, ки аз нақши муассири онҳо дар фароянди вожасозии забони форсӣ дарак медиҳанд.

Калидвожаҳо: истилоҳ, сиёсӣ, фаннӣ, фановарӣ, мардумсолорӣ, артишсолорӣ, дежсолорӣ, миллигароӣ, фардгароӣ.

НЕКОТОРЫЕ ВЗГЛЯДЫ НА ПОЛИТИЧЕСКИЕ ТЕРМИНЫ ПЕРСИДСКОГО ЯЗЫКА И ПУТИ ИХ ОБРАЗОВАНИЯ

Естественно, что язык, как общественное явление, не может быть в стороне от преобразований и эволюции общества. Особенно в нынешнем веке, когда человечество достигло больших успехов в области науки, техники и технологии, что вынуждает ответственных лиц и компетентные органы предпринимать соответствующие меры для сохранения своего национального языка. Известно, что почти все эти достижения человечества относятся к Западу, и в особенности к английскому языку, и они могут привести к заметному влиянию английского языка, и даже к исчезновению своего языка. Исходя из этого, ответственные лица и компетентные органы персидского языка делают все возможное, чтобы не допустить иноязычных слов и терминов, а образовывать термины, пользуясь внутренними ресурсами языка, из исконных слов персидского языка различными словообразовательными способами и путем калькирования. Можно сказать, что во многих случаях данные попытки были успешными. В этом процессе наблюдаются как и различные способы словообразования так и другие средства пополнения языка, а в данном случае - кальки. Нужно отметить, что в процессе терминобразования персидского языка очень важную и значительную роль и влияние несут некоторые полуаффиксы, такие как «солори», «гарои», «парасти» и др. В статье приводится много примеров с данными полуаффиксами, которые свидетельствуют о возрастающей их роли в процессе словообразования персидского языка.

Ключевые слова: термин, политический, технический, технология, демократия, милитаризм, деспотический, национализм, идеализм.

SOME VIEWS ON THE POLITICAL TERMS OF THE PERSIAN LANGUAGE AND THE WAYS OF THEIR FORMATION

Naturally, the language, being a social phenomenon, will not be able to stay away from any transformations and evolutions of the society. Especially in the century, where humanity has achieved incomparable great achievements in the field of science and technology, it makes responsible persons and competent authorities to take appropriate measures to preserve their national language. It is known that almost all of this achievement of the humanity belongs to the West, and especially to the English language, which can lead to a great influence of the English language, and even to the disappearance of the language. Based on this, the responsible persons and competent authorities of the Persian language do everything possible to prevent entering borrowed words and terms to the language and to form terms using the internal resources of the language, from the original words of the Persian language in various word-forming ways and by loan translation. We can say that in many cases these attempts were successful. In the process of word formation, you can see as ways of word-building so the other ways of enriching of the vocabulary, and in this case – loan translation. It should be noted that in the process of term formation of the Persian language, some semi-suffixes, such as "solori", "garoi", "parasti", etc., play a very important and significant role and influence. The article provides many examples with these semi-suffixes, which indicate their increasing role in the process of word formation of the Persian language.

Key words: term, political, technical, technology, democracy, militarism, despotic, nationalism, idealism.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Муҳаббатов Абулфаз***л - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи Эрон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: (+992) 93-555-16-57
Маҷидов Ғолибшоҳ Мавҷудович – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи филологияи Эрон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 50-111-18-11**

Сведения об авторе: ***Мухаббатов Абулфазл*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры иранской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 93-555-16-57**
Маджидов Голибшох Мавджудович – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры иранской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 501-11-18-11**

Information about the author: ***Muhabbatov Abulfazl*** – Tajik National University, candidate of philological sciences, docent Department of Iranian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 93-555-16-57**
Madzhidov Gholibshoh Mavjudovich - Tajik National University, doctorant Deportment of Iranion Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 501-11-18-11**

УДК: 491.550-5

АЛОМАТҲОИ ГРАММАТИКИИ АЛОҚАИ МУАЙЯНКУНАНДА БО МУАЙЯНШАВАНДА ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

(дар асоси маводи насри бадеии адабиёти муосир)

Кенҷазода М.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

“Он аъзои пайрав, ки шахс ё ашёи муайяншавандаро аз ҷиҳати аломатҳои зоҳириву ботинӣ ва соҳибият эзоҳ медиҳад, муайянкунанда номида мешавад” [10, с.30]. Муайянкунанда, пеш аз ҳама, бар эзоҳи исм меояд. Азбаски ифодаи аломат ва хосият махсуси сифат аст, муайянкунанда бештар бо ҳамин ҳиссаи нутқ ифода меёбад: *Чобуксаворони аспи* ***масти худхоҳӣ, салладору баришу фаш, шаробиву кулоҳпӯш,*** *савори* ***тавсани ҷаҳолату ғурур, шуҳрату ҳирс, маҳалгарову дасисакор*** *бо ҳар унвон дар ниқоби ҳизбу ҳаракат, дар нӯги забоншон дирафше аз миллату меҳан, додрасиву ҳақиқатхоҳӣ дар майдон ва кӯчаву бозор бо сад рангу ҷилва бо баландгӯяк аз тариқи радиоҳо ҷор мезананд [11, с.10]. Айёми мактабхонӣ ана ҳамин Салим ҳангоми дарсҳои* ***риёзиёту физика*** *муши мурда мешуд ва худро паси ҳамдарси дар курсии пеш нишаста пинҳон мекард [11, с.6]. Ин давлати* ***нозанину сағираву мардумпарвара*** *соҳибонаш буғӣ карда куштанд [11, с.12]. Ҳам роҳбару ҳам авом ба дасти тӯдаи* ***ғоратгару найрангбоз, оқипадару дасисакор*** *афтод [11, с.14]. Ҳангоми ба ёд овардани рӯзҳои* ***талху мудҳиш*** *якбора сафи чинҳои пешонии мӯйсафеди Дилёб афзуд [11, с.15].*

Муайянкунанда аъзои пайрави ҷумла буда, бо роҳу воситаҳои гуногун бо муайяншаванда алоқаманд мегардад. Дар мавриди алоқаи грамматикии муайянкунанда ва муайяншаванда дар забоншиносии тоҷик мақола ва рисолаҳо омода гардида, роҳҳои ифодаи онҳо зикр гардидааст. Дар байни ин ковишҳои илмӣ назарияи нисбатан саҳеҳу дақиқ ба қалами забоншинос Д. Тоҷиев тааллуқ дорад. Д. Тоҷиев дар асараш “Тарзҳои алоқаи муайянкунанда бо муайяншаванда дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ” [таҳр.нав. 2015] ба даврaҳои қадимии забон сайр намуда, бо мисолҳои зиёд исбот намудааст, ки дар забонҳои қадимаи эронӣ муайянкунанда бо муайяншаванда асосан бо ду роҳ, ду воситаи алоқаи грамматикӣ васл гардидаанд ва ин анъана дар даврaи навини забони форсӣ-тоҷикӣ низ мавҷуд аст. “Маводи инкишофи марҳилаи забони форсии миёнаи забонҳои тоҷикию форсӣ, аллакай, тасдиқ намуданд, ки бандаки изофӣ чун воситаи асосии ифодакунандаи алоқаи муақянкунандагӣ таърихан аз ишораҷонишини нисбӣ пайдо шудааст. Чунин навъи махсуси сарфию наҳвии алоқаи муайянкунандагиро қолаби изофӣ меноманд, ки дар он муайянкунанда пас аз муайяншаванда омада, бандаки изофии –и ба ҷузъи муайяншаванда васл мегардад” [12, с.12-13]. Роҳи дуюми алоқаи байни муайянкунанда ва муайяншаванда алоқаи ҳамроҳӣ мебошад, ки Д. Тоҷиев дар ин асараш доир ба ин тарзи алоқа ибрози андеша намудааст.

Аломати грамматикии муайянкунанда бо муайяншаванда бо ёрии чунин воситаҳои синтаксисӣ сурат мегирад:

Бандаки изофӣ. Бандаки изофӣ, ки аз ҷумлаи асоситарин ва мумтозтарин воситаҳои алоқаи наҳвӣ ба шумор меравад, дар алоқамандии муайянкунандаву муайяншаванда нақши муҳим мебозад. Забоншинос Д. Тоҷиев бандаки изофиро “муҳимтарин воситаи алоқаи муйянкунанда ва муайяншаванда” номидааст. Чунончи: *Насим баъзан аз ин ҳам суханҳои* ***нешдору заҳрогин*** *мешуниду музтар мемонд [11, с.30]. Вай ба пали* ***пиёзу гашниз,*** *ҷӯйҳои* ***бодирингу каду, лӯбиёву помидор, ҷуворив карам ва дарахт****он об мемонад [11, с.31]. Дар ин айём ҳоли оилаҳои* ***серфарзанд*** *табоҳтар шуд [11, с.18]. Эҳе, пеш болои дастархонаш нонҳои* ***чаппотиву гирда, фатиру кулча****, меваҳои* ***хушку тар,*** *ширу маска, пиёлаҳои* ***пурасалу*** *қандинаҳои* ***рангобаранг*** *намегунҷиданд... [11, с.19].*

Дар ҷумлаи зерин бандаки изофӣ ба муайяншаванда [фарзанд] васл гардида, чанд муайянкунанда (нохалаф, сиёҳкору бадрафтор)-ро ба худ тобеъ намудааст: *Фарзанди* ***нохалаф, сиёҳкору бадрафтор*** *ҳамон меваи* ***талх,*** *захми* ***носур****, доғи* ***рӯзгори падару модар*** *ва*

пайвандону як диёр мешавад [11, с.23]. Айёми ***кӯдакиву наврасӣ*** *рӯзи дароз онҳо бо ҳам бозиву шӯхикунон боғ ба боғ мегаштанд [11, с.24].*

Бояд зикр намуд, ки муайянкунандаҳои тафсилӣ асосан бо ёрии бандаки изофӣ алоқаманд мегарданд.

Муайянкунандаҳои тафсилӣ бо ду ва ё зиёда калимаҳо ифода меёбанд. Калимаҳои мустақилмаъно бо алоқаи синтаксисӣ васл гардида, мафҳуми мураккабро мефаҳмонанд. Чунин навъи муайянкунандаҳо дар насри бадеии муосир зиёд мушоҳида гардиданд. Ин навъи муайянкунандаҳо дар нутқи тасвирии нависанда нақши муҳим дошта, барои муассир ва хотирмон нишон додани образҳо, тасвири табиат, ҳодисаву воқеаҳо, симои персонажу қаҳрамонҳо истифода мегарданд: *Гурӯҳи бачаҳо ҳоло дар даст гулдастаҳои нофармони зарду сиёҳгӯшу бойчечак шӯру гавго барпо сохта поён омаданд (Б.Ф. Ғ. С.177). Раис дар сараш рӯмоли гиҷими сапсафед, дар тан камзӯли мовутии ҳаворанг, дар пояш мӯзачаи хиром, бо тозиёнаи пӯпакдори гулкорӣ ба соқи мӯзааш тап-тап зада, суханони Худоёрро бераҳбат гӯш медод (Б.Ф. Ғ. С.177). Торҳои мӯйи сиёҳи ӯ аз таги рӯймол баромада бо рӯйи сафедаш ҷанг дошт (Б.Ф. Ғ. С.177). Аҳли деҳоти Гуҷумак аз қадимулайём рӯзи Наврӯзро дар Хирманҷо ном пуштаи баланди болояш нисбатан ҳамвор ва қафояш ба пуштаҳои дигар часпидагӣ ҷашн мегирифтанд (Б.Ф. Ғ. С.178). Бурутҳои сиёҳи вай хор барин рост-рост гашта ба ранги сиёҳи чашмони ҳамранги бируташ як навъ мувофиқат доштанд. Фақат торҳои мошубиринҷи ришаш дар ин миён ҷудо шуда, монанди мӯйи бегона ба ин тирагии андоми ӯ намечаспид(Б.Ф. Ғ. С.180). Лабҳои нозуки вай агар ба табассум моил гарданд, анори аз ширинию серобӣ дарз хӯрдаро монанд буданд (Б.Ф. Ғ. С.182). Ду бор ба воситаи одамони дилпурӣ доштагишон кам-кам пул фиристоданду дигар бедарак рафтанд (Б.Ф. Ғ. С.188). Солҳои ҷанг шаҳрҳои Осиёи Миёна аз оворагардҳои бенавоёни қисмати харобгаштаи Аврупо пур гашта буд (Б.Ф. Ғ. С.188). Аммо ин дам аз қафо айгир расида омаду аз ёли гурги ба ҳалқи асп часпидагӣ газида онро озод ба ҳаво бардошт (Б.Ф. Ғ. С.188). Худо дар тори сарам, агар хушрӯтарин духтари дунё ба ман расиданӣ бошад ҳам, ман ӯро ба ту иваз намекардам. (Б.Ф. Ғ. С.188). Аспе дошт саманди қашқа, тезтаки пӯлодсуми фарбеҳсинаи пуштфарох, ёлдарози гавдум ...(С.У. РС. С. 19).*

Муайянкунандаҳои изофии сифатӣ бо шакли қиёсии сифатҳои аслӣ низ фаровон истифода мешаванд. Сифатҳои дараҷаи қиёсӣ дар ин вазифа ҳам ба сурати холис ва ҳам бо ҳиссаҳои таркибии “боз”, “ҳам” ба сурати тафсилӣ кор фармуда мешаванд. Шакли тафсилии муайянкунандаҳо аз шакли холис фарқи нозуки маъноӣ дорад: вай муайяншавандаро аз он ҷиҳат эзоҳ медиҳад, ки аломати ҳозираи он назар ба аломати пешинааш ба андозае бештар мебошад: *Насим бо оҳанги боз ҳам* ***нармтар*** *ҷилави суханро дигар сӯ кашид (А.С. ГД. С.36). Баъди пушти сар мондани теппаи рӯбарӯ пеши чашми мо манзараи боз ҳам* ***ҳайратангезу аҷибтар*** *намоён шуд (А.С. ГД. С.288). Барои ман аз ин бахти баландтар нест(Б.Ф. Ғ. С.388). Албатта, ӯро ба муҳокимаи ҳамсинфон мегузошт ва бо суханҳои* ***тундтар*** *сурху сафедаш мекард (А.С. ГД. С.28).*

Бо алоқаи изофӣ сифатҳои нисбӣ низ ба вазифаи муайянкунанда омада метавонанд. Ин гуна муайянкунандаҳо аломати муайяншавандаро дар заминаи нисбат додан ба ашёи дигар таъйин менамоянд. Ба ин вазифа омадани сифатҳои нисбӣ дар маводи мо камистеъмоланд: *Оби софу ширини чашма бо* ***тарнови чӯбин*** *омада ба ҳавзчае мерезад (С.У. СҶ. С. 4). Айёми* ***кӯдакиву наврасӣ*** *рӯзи дароз онҳо бо ҳам бозиву шӯхикунон боғ ба боғ мегаштанд (А.С. ГД. С.24). Ҳадафи* ***нимчамуллоҳои хасакӣ*** *бо сеҳру ҷоду ва зикри дунёву қиёмат мардуми авомро дар чанги худ нигоҳ доштан аст (А.С. ГД. С.37). Вай Кали Ашӯр ном қиморбозу* ***бедонабози гиждувониро*** *мешинохт (С.У. В.С 20). Оби дидаи занҳо* ***мисли борони баҳорӣ*** *мешорид(А.С. ГД. С.144).*

Муайянкунандаҳое, ки бо исм ифода меёбанд, маъноҳои басо гуногунро далолат мекунанд. Дар байни ин муносибатҳо ҳам муносибатҳои муайянкунандагии хосса, ҳам муносибатҳои ғайрихоссаи муайянкунандагӣ мавҷуданд, ки дорои тобишҳои хеле гуногун мебошанд. Муҳимтарини онҳоро метавон ба таври зер зикр кард:

1.**Муайянкунандаҳое, ки мансубиятро далолат мекунанд**. Ин муайянкунандаҳо маънои васеи грамматикиро фаро мегиранд. Бо исми мушаххас онҳо предметҳои шахс, ғайришахс ва мисли инҳоро ифода мекунанд, ки исми муайяншаванда ба онҳо тааллуқ

дорад: *Маросимҳои **хайру худоӣ** низ ба намоиши пурии дастархону дег-дег пухтани оши палав ва шикамчаронӣ табдил ёфтанд (А.С. ГД. С.147). Вай аз дилу ҷон ба базми ҳ**амдиёрон** шарик мешуд (А.С. ГД. С.148). Шукри ҷони **набераву чаберахо**, мисли мағзи нон ҳурматам мекунанд (А.С. ГД. С.149). Духтаракон ҳадаҳа асои дасти кампири **Зикамоҳ** шуда, гӯё рӯ-рӯйи даст ӯро ба минбар мерасонанд (А.С. ГД. С.149). Ӯ аз лофу газофи зани **Мири ғавғо – писари Азизи** майлис дар ҳайрат, балки дар таҳлука афтод. Ҳамсари **мири Ғавғо** – Бӣ-бӣ-сӣ бо шӯру шавқ гуфт (А.С. ГД. С.150). Масофаи **роҳ** аз Ховалинг то Балҷувон камобеш чор фарсанг аст (С.У. В.С 320). Шогирдпешагони **ҳоким** пагоҳирӯз ҳанӯз офтоб набаромада аз хоб бархостанд (С.А. О. 327). Нони **маълиму коммунисту комсомол** ҳаром аст (А.С. ГД. С.37).*

Агар муайяншаванда исми маънии сифатӣ бошад, муайянкунанда предмет ва ҳодисаҳоеро нишон медиҳад, ки аломат ба он тааллуқ дорад: *Хайрияти сафар, **ҳазрати Хоҷаи Хизр** раҳнамову роҳбар, ободиву тинҷии сарзамину бақои кишвар, олам пури нур, чашми душман кӯр, умри ин ҷавонҳо ширину роҳашон бехатар... (А.С. ГД. С.149). Пиру кампир баъди ҳолпурсӣ ба ободии макону **хушбахтии аҳли хонадон** дуо карданд (АС. ГД. С.389). Дар он ҷо ба воситаи **гармии оташ** ба даруни деги бисёр калоне об ҷӯшида бухор пайдо мекунад ва ин бухор мошин ва чархҳоро дар ҳаракат меандозад (С.А. О. 45). Баъд аз он кишт аз гармии **офтоб** пажмурда шудан гирифт, як бор об дод (С.А. О. 45). Баъд аз ба хона даромада нишастани шумо ман ба пушти дари боло омада, аз тарқиши дар нигоҳ карда ва дар равшании **чароғ** шуморо шинохта хотирҷамъ шуда ба хона даромадам (С.А. Ё. 363).*

Бо исмҳои амал муайянкунанда ба ҳодисаҳое далолат мекунад, ки субъекти амал ба он нисбат дорад: *На ба пурсишҳои **зани саройбон** ҷавобе медод ва на хӯроке мехӯрд (С.У. В.С 92). Пурсишҳои ӯ ва ҷавобҳои **Восеъро** тотор ба якдигарашон тарҷума карда медод (С.У. В.С 320). То ба лаби рӯд омадани мо вазиши бод шиддат карда ҳаворо гарду губор фурӯ гирифт (С.А. Ё. 40); Ва ҳаво бо вазиши **шамолаке** аз атри ин гулҳо хушу гуворотар мешуд (А.С. ГД. С.389). Бе вазиши **бод** барг ҳам намеҷунбад (А.С. ГД. С.365).*

Муайянкунандаҳое, ки аломатро аз ҷиҳати маҳалли ҷойгиршавӣ эзоҳ медиҳанд. Агар исми муайяншаванда дорои мафҳуми ҳаракат бошад, муайянкунанда инчунин сӯйи ҳаракати онро мефаҳмонад: *Азми **сафари Душанбе** кард (А.С. ГД. С. 246). Шоҳроҳи **Норак-Кофарниҳон** дар ихтиёри муҷоҳиддин буд (А.С. ГД. С. 246)... Роҳбари **идора** дар ҳузури ҳамкорон аз рӯйи навбат бо чакчаку муборакбод ҳуҷҷати хонаву калиди дарро ба ӯ супурд (А.С. ГД. С. 229). То домани **кӯҳи Хоҷамуъмин** аз мактаби мо бист-сӣ километр масофа аст(А.С. ГД. С.280).*

Исм ба вазифаи муайянкунанда на фақат дар таркиби изофӣ, инчунин дар таркибҳои пешояндӣ ва пасояндӣ низ воқеъ мешавад. Таркибҳои пешояндӣ ҳам бевосита пас аз муайяншаванда ва ҳам баъди муайянкунандаи аввали он воқеъ мешаванд. Дар ҳолати дуюм онҳо тамоми сохтори пешинаро муайян мекунанд. Исми таркибҳои пешояндӣ низ, дар навбати худ, ҳиссаи эзоҳдиҳанда гирифта, ба сурати ибораи номӣ ба исми муайяншаванда тобеъ шуда метавонад: *Ҳавлии мо аз устохонаи **Дадабой** амак чор хона онсӯтар, дар рӯ ба рӯйи масҷид буд (С.У. СҶ. С. 9). Бештарини хӯроки мо он зимистон ҳалвоитари **ордичуворигӣ бо** загора буд (С.А. Ё. С. 223). Вазифаи Қорӣ дар ин кор – дар муомилаи **векселӣ** ба арбоб роҳбарӣ кардан ва роҳи **додугирифт** бо векселро ба ӯ нишон додан буд (С.А. МС. С. 162). ...дигарбора лашкари андуҳу алам ба ман ҳуҷум оварда, **тамоми хавосамро** фаро гирифт (С.А. Ё. С. 217). Барои гирифтор нашудан ба ҳуҷуми **дуздон** ё шӯрапуштон (хулиганҳо) акаамро ҳамроҳ бурд (С.А. Ё. С. 268).*

Баъзе муайянкунандаҳо бо муайяншавандаҳо бо ду воситаи алоқаи грамматикӣ - изофат ва пешоянд вобаста мешаванд. Дар ин вазифа пешояндҳои аслӣ ва номӣ серистеъмол мебошанд. *Вай Кабири бо мактуби **шайх** ва девонбегӣ ба Кангурт омадаро фақат дида буд (С.У. В. С. 9). Муаллим ба харсанги **бари роҳ** баромада, қоматашро рост кард (АС. ГД. С.282).*

Хусусияти сифатӣ ва феълӣ, ки сифатҳои феълӣ доранд, ба вазифаи наҳвии онҳо бетаъсир намондааст: муайянкунандаҳои бо сифати феълӣ ифодашаванда на аломати доимӣ, умумизамонӣ, балки аломатеро мефаҳмонанд, ки омехтаи маъноҳои сифат ва феъл буда, дар доираи яке аз замонҳо ба зуҳур меоянд. Чунин муайянкунандаҳо аломатро дар

замони муайяне ифода мекунанд, бинобар ин, як дараҷа хусусияти хабарӣ касб мекунанд: *Мугулони **зиндамондагӣ** пас гаштанд (С.А. Т. С. 65). Ҷавони **изо кашидагӣ** лабашро инҷ намуда, ба замин нигоҳ кард (С.У. В. С. 59). Шояд, барои ин кор аз додою очааш гап **шунидагӣ** барин… (БФ. Пеш.аз.ш. ар. С. 416). Ба ҳар як пора коғази ба хати арабӣ **навиштагӣ**, гӯё дунё ёфта бошанд, мечаспиданд (Б.Ф. Пеш.аз.ш. ар. С. 51). Вай ба абзори хари ман як назар карду бо ин таъбири аз солҳои **дарози ронандагӣ** одат гаштааш маркаби худро халачӯб зад ва мо ба раҳ даромадем (Б.Ф. Пеш.аз.ш. ар. С. 52).*

Мавқеи муайянкунандаҳое, ки бо сифати феълӣ ифода меёбанд, муқаррар аст. Онҳо ҳамеша пас аз муайяншаванда воқеъ мешаванд. Пеш аз муайяншаванда истифода шудани муайянкунандаҳои мазкур, ки аз талаби таъкид бармеояд, бисёр кам мушоҳида мешавад. Сифатҳои феълӣ дар ҳолати пешмавқеъ асосан ба сурати содда –яккалимагӣ вомехӯранд. Дар баробари ин гоҳо дар шакли тафсилӣ бо ҳиссаҳои эзоҳдиҳанда кор фармуда шудани онҳо низ ба назар мерасад, ки хосси забони зинда аст: *Ин ҷо **чим бастагӣ** як замини санглох буд (Б.Ф. Пеш.аз.ш. ар. С. 56). Ҳамон вақт раиси колхозамон Ҷавлон **гуфтагӣ** як ҷавонмарди содданамои дилсиёҳ буд (Б.Ф. Пеш.аз.ш. ар. С. 56). Ҳамаи ана ҳамин сангҳои тавораро аз ин замин якта-якта **дастони ман чидагӣ**! –гуфт пирамард ба қафо баргашта (Б.Ф. Пеш.аз.ш. ар. С. 56). Бемуҳобот, ҳар **каси дидагӣ** "ё тавба!" гӯён гиребонашро медоштаст (Б.Ф. Пеш.аз.ш. ар. С. 56). Кор катӣ **омадагӣ** одам дар кӯча наменомад, меҳмон мешавад (Б.Ф. Пеш.аз.ш. ар. С. 76). Маро ҷавонзани малларанги лоғарандом дар чеҳрааш табассуми **шармзадагӣ**, як навъ хиҷолатомез истиқбол карду марҳабо гуфт (Б.Ф. Пеш.аз.ш. ар. С. 78). Суратҳои хандаовари мардони шикамкалону портфелдори сахт ба курсии мансаб **нишастагӣ** пеши назарам меомад (Б.Ф. Пеш.аз.ш. ар. С. 80). Олимон **себи кирм намехӯрдагӣ** кашф кардаанд (Б.Ф. Пеш.аз.ш. ар. С. 96). Баъзе ҷавонони дар **шаҳр хондагӣ** "феълу хӯямон рост наомад" гӯён сабаб оварда, аз рӯйи қонуну қоидаи ҳукумат ба ин мардум гапу кори навро омӯхтанӣ буданд (Б.Ф. Пеш.аз.ш. ар. С. 126). Сонӣ, як одами **либоси урфи пӯшидагӣ** ду-се бор кофта омаду аз ман гап гирифт (Б.Ф. Пеш.аз.ш. ар. С. 136). Домани куртааш то **ба миён бардоштагӣ**, чашмонаш бечо, даҳонаш кафк мекард (Пеш.аз.ш. ар. С. 171); **Сухани менавиштагӣ** дигар аст (Б.Ф. Пеш.аз.ш. ар. С. 347**). Дар Конибодом будагӣ хоҳарашон** ба рӯзнома эълон дода, ҳамин Чангалукро дарак карда ёфт (Б.Ф. Пеш.аз.ш. ар. С. 350).*

1. Дар алоқаи изофӣ, асосан, ҷонишинҳои соҳибӣ, шахсӣ, ҷонишини таъйинии **ҳама** ва ҷонишини номуайянии **дигар** истифода мешаванд. *Хоҳари усто мисли ҳаррӯза омада, дар **хонаи дигар** менишаст (Б.Ф. Пеш.аз.ш. ар. С. 391). Сабо аз вай ноумед гашта бо як **ҷавони дигар** қавлу қасам карданаш мумкин (Б.Ф. Пеш.аз.ш. ар. С. 410). – Ҳозир ба **шалвори ҳамаи** пулдорҳо кайк даромад (Б.Ф. Пеш.аз.ш. ар. С. 64). **Ҳамаи дуди** мошинҳои кӯча рост ба ду сурохи бинии ман меомад (Б.Ф. Пеш.аз.ш. ар. С. 73). …вай чашмашро аз **чашми ман** гурезонду китф боло кашид ва хаёломез табассум кард (Б.Ф. Пеш.аз.ш. ар. С. 78). Дар **хотири ман** ҳамон симои ҷавонии тағоям сахт нақш бастааст (Б.Ф. Пеш.аз.ш. ар. С. 73).*

Ҷонишинҳои шахсӣ ва нафсӣ предмети муайяншавандаро аз бобати муносибати соҳибӣ эзоҳ медиҳанд. Ин қабил муайянкунандаҳо бо муайянкунандаҳое, ки ба маънии соҳибият бо исмҳои хоссу ҷинс ифода меёбанд, ҳаммаъно мебошанд: *Тағоям аз хурдӣ дар ишқи касбу кори боғбонӣ афтода, **умри худро** дар пайи ин пеша сарф мекард (Б.Ф. Пеш.аз.ш. ар. С. 90). Як тӯбча ниҳоли зардолу **баргҳои шафақранги худро** ба рӯйи устухони мурда мепошид (Б.Ф. Пеш.аз.ш. ар. С. 99). Хок бикашад ин **домоди дилозори туро**! (С.У.В.С. 58). – Барои дуруст кардани **камбудиҳои тӯйи бемаҳали шумо** ман боз бисёр вақт меҳнат кунам (С.У.В.С. 82). Ҳар кас ба **хонаи м**о барои келинбинӣ меояд (С.У.В.С. 82).*

Баъзан морфемаи -е вазифаи бандаки изофиро адо мекунад, вале камистеъмол аст, тобиши иловагии маъноиро соҳиб аст ва маънои номуайяниро ифода карда истодааст. Агар муайяншаванда бо артикли **–е** воқеъ гардад, изофат соқит шуда, алоқаи муайянкунанда бо он аз рӯйи тартиби калима сурат мегирад: *Марде **миёнаумр**, риши расидаву **мошубиринҷаш бетартиб**, чашмонаш **бечо**, аз дасти духтараки **ноболиге** маҳкам дошта каш-кашон бозор даромад [11, с.24]. Одамоне мисли онҳо ночор аз пиёдарав ва ё бо умеде аз роҳи мошингард ба пеш ё ба пас андешаманд қадам мезаданд[11, с.250].*

2. Пешояндҳо. Пешояндҳо назар ба изофат камистеъмолтар мебошанд ва дар забони адабии имрӯза беш аз пеш мавқеи устувор гирифта, дараҷаи истифодаашон пай дар пай

зиёд шуда истодааст, ки ин ҳодисаро дар насри бадеии муосир мушоҳида намудан мумкин аст. Чунончи: *Дар ин қаламрав **мисли ту** шиновари зӯру ҷасур нест [11, с.309]. Ошно, бисёр шаҳрнишинҳои **мисли ту чорпаҳлу, калакалон, хушмӯйсарро** дидаам [11, с.302].*

Дар маводи таҳлилнамудаи мо мушоҳида гардид, ки дар як ҷумла як муайяншаванда чанд муайянкунанда гирифтааст, ки бо ёрии воситаҳои гуногуни грамматикӣ алоқаманд гардидаанд: 1.бо ёрии алоқаи ҳамроҳӣ: ин калла; 2. бо ёрии алоқаи изофӣ: каллаи зормонда; 3. пешоянди мисли ва бандаки изофӣ: [каллаи] мисли харитаи ҷаҳон: *Ин каллаи **зормонда мисли харитаи** ҷаҳон ҳазору як нақш пайдо кардааст... [11, с.299].*

*Асламшоҳ кулоҳ аз сар гирифта дур мепартояду бо хашм сари **мисли шикамбаи гов лайсу сафедтобашро** намоишкорона бо каф мемолад 11299]. Туро бештар дар хоб дида, аз рухсораҳои **мисли барги гул** дилкашат мебӯсаму мебӯсам [11, с.242].*

3. Пасояндҳо. Бо чунин воситаи грамматикӣ муайянкунанда бо муайяншаванда алоқаманд мегардад, ки бештар дар забони зинда истифода мешавад. Дар асарҳои бадеӣ, ки омехтагии услубҳо ба назар мерасад, ки чунин ҳодиса барҷаста мушоҳида мегардад. Дар мисолҳои зерин пасоянди **барин** дар ин вазифа истифода шудааст: *Ҳозир ҳам дасташ гул асту **шаҳбача барин** озода мегардад [11, с.380]; – Рӯйи дурӯғгӯй сиёҳ, бо духтари фалонӣ фалониевич **зану шавҳар барин** шабу рӯз якҷоя мезияд [11, с.357]. Чӣ хел вазифадору мансабхоҳ **мӯру малах барин** пешпеши поҳомон бозӣ мекунанд [11, с.355]. Уқоб барин чашми тезбин дорад партия [11, с.348]. Ниҳоят, дар авҷи тобистону коҳдарав Сарлашкар бо дипломи забони **гов барин сурх** ба зодгоҳ баргашт [11, с.344]. Бо зардинаҳои рӯяшон моҳ, миёнашон химча, пошнаи кафшашон нӯли **зоғ барин** борик даст ба даст мегардад [11, с.311]. Яхпораҳо **дами теғ барин** тезанд [11, с.311].*

4. Ду воситаи грамматикӣ-бо изофат ва пешояндҳо ё баръакс. Дар чунин вазифа асосан пешоянду бандакҳои изофӣ омада, аломат, хусусияти ашёву шахс, мафҳумҳои гуногунро барҷаставу ҷолиб нишон медиҳанд. Чунончи: *Сарнавишт эшонро **чун намунаи хулқу атвори** бо ҳам мувофиқ дар як радиф гузоштааст [11, с.229]. Аммо кӯдак бо **дили чун булӯр соф кинаву адовати** ӯро аз куҷо донад? [11, с.210]. Рӯзҳои хушу гуворо **чун гавҳари ноёб** ғанимат будаанд ва акнун ба орзуву ҳавас табдил ёфтанд [11, с.187]. Ва боди **шӯху** дарахтони **ғарқи гул** аз ин саҳнаи **зебову нишотангез чун хушдомани некдилу баҳиммат** аз қадами мубораки гулдухтарони бебоку танноз шоду ҳайрон худро ларзондаву афшонда, бар сари онҳо панҷа-панҷа гулбарг мепошанд [11, с.187]. Баргҳои **нафиси гулҳо** дар болои мижгону абрӯҳои пайвандӣ, рӯйи қурси моҳу гардани шабеҳи фаввораи ширааш аз гулбаргҳо пурнақшу нигор, ӯро **чун ҳури биҳиштӣ** нишон медиҳанд [11, с.185].*

5.Алоқаи ҳамроҳӣ. Як қисми муайянкунандаҳо дар забони тоҷикӣ бо навъҳои гуногуни ҷонишинҳо, ба ғайр аз ҷонишинҳои шахсӣ, шумораҳо, ба ҷуз шумораҳои таркибӣ, ифода ёфта, пеш аз калимаи эзоҳшаванда ҷой мегиранд ва бо алоқаи ҳамрҳӣ ба муайяншаванда тобеъ мегарданд. Чунин тарзи алоқаи грамматикиро дар байни муайянкунанда ва муайяншаванда бо истилоҳи “муайянкунандаи беизофа” ном мебаранд. Муайянкунандаҳои беизофа низ предметро шарҳу эзоҳ медиҳанд. Онҳо ҳам аз ҷиҳати ифода ва ҳам маъно, ҳам аз рӯйи воситаи алоқа ва ҳам мавқеи худ аз муайянкунандаҳои изофӣ фарқ мекунанд: *Табъаш накашид ва назараш **ин хел** нонро нагирифт [11, с.19]. На **ҳамин бача** гоҳ-гоҳ ҳикоят мекард [11, с.19]. Лекин дар **ҳамин сафар** рӯзи аз ҳама сиёҳу бадро дидам [11, с.21]. Бе ин **бузургтарин шаҳр** мисли мазор холиву дилгир метобад [11, с.21]. Зиндагии ширини ана **ҳамон зану марда** бефарзандӣ талх кард [11, с.26]. Илоҳо, аз амали **ин кӯдак** обу замин, падару модар ва мардум хайру баракате бинанд [11, с.23]. Аз **ин фитнаву ошӯб, сӯхтору хунрезӣ, бераҳмиву пастфитратӣ**, ки номи тоҷикро бо сиёҳиву ҷаҳолат дар дунё паҳн кард, кӣ фоида мебинад? [11, с.10]. Одинаро ҳам **ягона орзу ҳамин** буд [1, с.3]. Одинаро **чорае ҷуз ин** набуд [1, с.90]. Раҳимабегимро **ягона муддао** ин буд [1, с.16]. **Ин андешаҳову мулоҳизаҳо** хирмани сабру шикебои Бибиошаро ба бод медод [1, с.28]. Ҳодисае се–чор рӯз пеш аз ин(27–28 феврал ба ҳисоби кӯҳна) дар Петроград рӯй дода буд [1, с.28*].

2. Бо роҳи алоқаи ҳамроҳӣ чунин ҷонишинҳо дар вазифаи муайянкунанда истифода мешаванд:

1. Ҷонишинҳои ишоратӣ: *Бо **ҳамин ҷиноят** чашми дигар шаккоконро тарсонда мондан будаст [3, с.102]. **Ҳамон сол** амаки Ҳаким аз дунё даргузашт [3, с.124].Маҳз, дар **ҳамон***

айём *ту ба луқмаи ҳаром даҳан олудӣ ва дигар ба кори ҳалол даст задан натавонистӣ [3, с.124]. Во, аҷабо,* ***чунин духтари*** *пурмутолиа, ҳассосу озодфикр ақидаи феодалонаи ин одамони аз маърифат ва тамаддуни замон дурро тарафдорӣ мекунад!.. [3, с.145]. Ана* ***ҳамин хел*** *моҷарову гирудорҳо қалби мардумро ба дахмаи оташ табдил дод [11, с.11].*

2. Ҷонишинҳои номуайянӣ: *Ӯ камақлу бефаҳм, девонамизоҷ,* ***ким-чӣ хе****л дарди сироятӣ дорад [3, с.170]. Аз сумкааш* ***ким-чӣ хел доруҳо*** *ёфтанашро гуфта, баъзе содалавҳонро ҳайрон кардаст [3, с.173].*

3.Ҷонишинҳои таъйинӣ: ***Ҳамаи ин*** *гирудор ва ҷоннисорӣ барои як баландӣ ё теппаи сарнавиштсоз – Сапунгара аст [11, с.60].*

Ин навъи ҷонишинҳо вобаста ба маънои худ исми муайяншавандаро ба тарзи гуногун шарҳ медиҳанд. Ҷонишинҳои ишоратӣ, ки калимаҳои **ин, он, ҳамин, ҳамон, чунин, таркибҳои ин хел, он хел, ин гуна, он хел, ин гуна, ин тавр, он таврро** дар бар мегиранд, масоҳат ва замони предметро аз бобати наздикӣ ё дурӣ таъйин мекунанд: – ***Ин хаёлҳои*** *талху ширин, ин гумонҳои неку бад ва ин васваҳои пурташвиш ҳеҷ ошиқи шайдоеро аз худ дураш карда наметавонад [1, с.73]. Ман* ***ин гапҳоро*** *худам бофта намегӯям [1, с.23]. Одина ба ҳамин гуна фикрҳову андешаҳо аз даҳшат ба даҳшат меафтод [1, с.12]. Зиндаву мурдаи моро* ***ҳамин замин****, ҳамин Ватан мебардорад! [11, с.90]. Аз* ***ин сафар*** *ба ҷуз хотираҳои талху мағшуш, дидани манзараҳои мудҳиш дастовезе наовард [11, с.92].*

Ҷонишинҳои номуайянӣ номуайянии предметро аз ягон ҷиҳат нишон медиҳанд ва ё мефаҳмонанд, ки предмети муайяншаванда аз ҷумлаи он предметҳост, ки ба гӯянда маълум намебошад: *Арбоб Камол дар муддати панҷсола айёми зиндагии худ* ***чандин нафар*** *монанди Одина бечорагони бекасу кӯро бо фиребу найранг ба доми хизматгории худ кашида буд [1, с.31]. – Ӯй Арбоб! писарамро худат кушта ба* ***кадом дара*** *гӯрондаӣ! [1, с.33]. Ун соҳибмансабҳои овозадор худро ба* ***кадом гӯри*** *куҳна пинҳон карда бошанд? [11, с.116].* ***Кадом падару модари*** *сарсахт ёду ҳасрати ҷигарбанди ғарибмаргро метавонад аз дил битарошад ё дар аъмоқи фаромӯшӣ гӯр бикунад? [11, с.146]. Солҳои Ҷанги ҷаҳонии дуюм падару модарашонро аз* ***кадом як вилояти*** *Россия ба Тоҷикистон, дурусттараш аввал ба ноҳияи Дарвоз, сипас ба Душанбе кӯчондаанд [11, с.131].*

Ҷонишини дигар мефаҳмонад, ки аломати предмети муайяншаванда тағйир ёфта хусусияти нав касб кардааст, ё он умуман маълум нест. Ҷонишини дигар пеш аз муайяншаванда низ воқеъ мешавад: *Ин манзара шуморо тамом ба* ***олами дигаре*** *сайр мекунонад. Чаҳ–чаҳи булбулон бо* ***нағмасароиҳои дигар*** *мурғон шуморо таъсире мебахшад [1, с.35]. Лекин ҳамроҳи як духтари қадрасидаи соҳибҷамол ба як роҳи хатарноки пурбало бе як мардинаи дигар баромадан аз маслиҳат набуд [1, с.93].*

Аз натиҷаи таҳқиқ ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Алоқаи изофӣ таърихи қадима дошта, дар забонҳои қадимаи эронӣ низ ҷойгоҳи махсус дорад ва давраи дурударозро паси сар карда, имрӯз низ серистеъмол мебошад. Он яке аз воситаҳоии муҳимми алоқаи байни муайянкунанда ва муайяншаванда маҳсуб меёбад.
2. Баррасӣ ва таҳлили маводи ҷамъомада нишон дод, ки ба вазифаи муайянкунанда ҳамаи навъҳои ҷонишинҳо омада метавонанд.
3. Ҷонишинҳои ишоратӣ ва номуайянӣ бештар бо алоқаи ҳамроҳӣ меоянд. Ҷонишинҳои шахсӣ, нафсӣ, таъйинӣ бо алоқаи изофӣ меоянд. Инчунин, баъзе ҷонишинҳо ҳам бо алоқаи изофӣ ва ҳам бо алоқаи ҳамроҳӣ меоянд.

Муқарриз: ***Мирзоева М.Ҷ.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Одина [повест] / С.Айнӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2012. - 176 с.
2. Белошапкова А.В. Современный русский язык. Синтаксис / А.В. Белошапкова. - М.: Выс. шк., 1977. – 248 с.
3. Баҳром Фирӯз. Пеш аз шаби арӯсӣ / Фирӯз, Баҳром. – Хуҷанд: Хуросон, 2019. – 484 с.
4. Бузургзода Л. Синтаксиси мухтасари забони тоҷикӣ. Барои хонандагони омӯзишгоҳҳои ғоибона / Л.Бузургзода. - Сталинобод, 1942. - С.36-55.
5. Виноградов В.В. Некоторые задачи изучения синтаксиса простого предложения / В.В. Виноградов // Вопросы языкознания. - 1964. - №1. - С.24.

6. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Синтаксис. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. - Душанбе: Нашдавлтоҷик, 1963. – 171 с.
7. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ибора ва синтаксиси ҷумлаҳои сода. - Душанбе: Дониш, 1986. - Ҷ.2. - 368с.
8. Исматуллоев М. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Синтаксис. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / М.Исматуллоев. - Душанбе, 1963. - 234с.
9. Камолиддинов Б. Наҳви забони тоҷикӣ / Б.Камолиддинов. -Душанбе, 2010. – 231 с.
10. Норматов, М. Ҷумлаҳои сода дар забони адабии ҳозираи тоҷик / М. Норматов. - Душанбе, 2015. – 234 с.
11. Самадов, А. Косаи давр / А.Самадов. - Хуҷанд: Меҳроҷ, 2015. – 304 с.
12. Тоҷиев Д. Тарзҳои алоқаи муайянкунанда бо муайяншаванда дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Д.Тоҷиев. - Душанбе, 2015.
13. Халилов А. Вазифаҳои грамматикии бандаки изофӣ [-и] дар забони адабии ҳозираи тоҷик / А. Халилов. - Душанбе: Дониш, 1969. – 119 с.
14. Шарифова, Ф. Таҳаввули ҷумлаи содаи забони тоҷикӣ. Қ.1 / Ф. Шарифова. – Душанбе, 2012. – 224 с.
15. Шахматов А.А. Синтаксис русского языка / А.А. Шахматов. –Ленинград, 1941. – 362 с.

АЛОМАТҲОИ ГРАММАТИКИИ АЛОҚАИ МУАЙЯНКУНАНДА БО МУАЙЯНШАВАНДА ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

(дар асоси маводи насри бадеии адабиёти муосир)

Дар маркази таҳқиқи мазкур мавқеи алоқаҳои грамматикӣ дар ташаккули муайянкунанда қарор дорад. Таҳқиқи муаллиф дар асоси радду бадали андешаҳои олимони соҳа бо овардани мисолҳои фаровон аз насри бадеии муосир асоснок карда мешаванд. Ҳамчунин дараҷаи омӯзиши масъала, таърихи он дар маркази таваҷҷуҳи муаллиф қарор гирифтаанд. Назар ва мавқеи муаллиф тавассути овардани мисолҳои муътамад, радду бадали андешаи олимон тақвият дода мешаванд. Дар мақола паҳлуҳои корбурди алоқаҳои грамматикӣ таҳқиқ карда мешавад, аз ҷумла, аз рӯйи тобиши маъно, муносибаташон бо амал ва истеъмоли воситаҳои грамматикӣ, хусусан алоқаи изофӣ ва ҳамроҳӣ. Муаллиф дар ин маврид бештар ба муайянкунандаҳои изофӣ ва беизофӣ таваҷҷуҳ менамояд, махсусияти алоқаҳои ҳамроҳӣ ва изофиро дар таҳқиқоти олимон баррасӣ намуда, хусусияти фарқкунандаи онҳоро бо мисолҳо аз адабиёти бадеӣ нишон медиҳад. Ба андешаи муаллиф муайянкунанда ҳамеша бар эзоҳи исм меояд ва ба вазифаи муайянкунанда доимо сифат меояд, зеро он аломат, хосият ва чигунагии ашёро мефаҳмонад. Муайянкунанда аз ҷиҳати воситаи алоқаи грамматикӣ бо ду роҳ пайваст мешавад: алоқаи изофӣ ва алоқаи ҳамроҳӣ. Дар мақола инчунин роҳу воситаҳои алоқаи грамматикӣ, нақши пасоянду пешояндҳо дар ифодаи муайянкунанда шарҳ дода шуда, аз насри бадеӣ мисолҳои фаровон ба таври муқоиса таҳлил мегарданд.

Калидвожаҳо: ҷумлаҳои сода, аъзои ҷумла, муайянкунанда, бандаки изофӣ, алоқаи ҳамроҳӣ, пешоянду пасояндҳо, сифат, исм.

ГРАММАТИЧЕСКИЕ ПРИЗНАКИ СВЯЗИ ОПРЕДЕЛЕНИЯ С ОПРЕДЕЛЯЕМЫМ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

(на основе материалов прозы современной литературы)

В центре данного исследования стоит позиция грамматических связей в формировании определения. Анализ автора основывается на основе рассмотрения взглядов ученых данной области с приведением многочисленных примеров из современной художественной прозы. Взгляд и позиция автора укрепляется посредством приведения достоверных примеров и рассмотрения различных мнений ученых. В статье также исследуются различные стороны употребления грамматических связей в том числе, по оттенкам значения, их отношения к действию и употребления грамматических средств, в особенности изафетной связью и примыканием. Автор в данном случае опирается на изафетные и безизафетные определения и рассматривая особенности изафетной связи и прымыкания в исследованиях ученых, показывает их отличительные свойства с приведением примеров из художественной литературы По мнению автора, определение всегда приводится для разъяснения существительного, а в качестве определения всегда приводится прилагательное, так как объясняет признаки и свойства предмета. Определение по своему способу грамматической связи соединяется двумя путями: изафетной связью и прымыканием. В статье также разъясняются пути и способы грамматической связи, роль послелогов и предлогов при выражении определения и для сравнения приводятся примеры из художественной прозы.

Ключевые слова: простые предложения, член предложения, определение, изафетная связка, прымыкание, предлоги и послелоги, прилаательное, существительное.

GRAMMATIC FEATURES OF RELATIONSHIP OF DEFINITION WITH DEFINED IN TAJIK LANGUAGE

(based on prose materials of modern literature)

At the center of this research is the position of grammatical relations in the formation of a definition. The author's analysis is based on an examination of the views of scholars in the field, citing numerous examples from contemporary fiction. The author's view and position is strengthened by giving credible examples and considering the various opinions of scholars. The article also examines various aspects of the use of grammatical connections, including, in terms of shades of meaning, their relationship to action and the use of grammatical means, in particular izafet connection and adjacency. In this case, the author relies on izafet and non-izafet definitions and, considering the features of izafet connection and puffing in the research of scientists, shows their distinctive properties with examples from fiction. as it explains the signs and properties of the object. The definition according to its method of grammatical connection is connected in two ways: izafet connection and pummeling. The article also explains the

ways and means of grammatical connection, the role of postpositions and prepositions in expressing a definition, and for comparison, examples from fiction are given.

Key words: simple sentences, a member of a sentence, a definition, an izafet link, a purge, prepositions and postpositions, an adjective, a noun.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторант. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **kenjazoda-1978@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Кенджазода Манучехра Солех*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, докторант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **kenjazoda-1978@mail.ru**

Information about the author: ***Kenjazoda Manuchehra Solekh*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, doctoral student. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **kenjazoda-1978@mail.ru**

УДК: 491.550-6

ҚАЙДҲОИ МУАЛЛИФИ «ҲАФТ ҚУЛЗУМ» ОИД БА НАҚШИ ПАСВАНДҲОИ ШАКЛСОЗУ МАЪНОСОЗ

Додаров О.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
Коллеҷи муҳандисию техникии ноҳияи Нуробод

Намояндагони миллати тоҷик дар гузашта ба бисёре аз улум ва фунун асос гузоштаанд, ки мероси онҳо имрӯз шоистаи таҳқиқ мебошад. Гузаштагони мо, пеш аз ҳама, ба масоили илми забон ҳамчун василаи худшиносии миллӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, аз худ афкор ва ақоиди арзишманде боқӣ гузоштаанд.

Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони аҳли зиё, маориф, илм, адаб ва фарҳанг ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ 4-уми октябри соли 2019 чунин таъкид намуданд: «Кайҳо вақти он расидааст, ки «Грамматикаи академии забони тоҷикӣ», ки дар гузашта бо номи «Дастури забон» ё «Дастури ҷомеи забон» китобҳои муътабаре таълиф шуда буданд, ба вуҷуд оварда шавад». Дар ҳамин замина омӯзиши масоили забоншиносии луғати «Ҳафт қулзум» имрӯз дорои аҳаммияти муҳим буда, он ба гурӯҳи луғатҳое дохил мешавад, ки дар онҳо шарҳи дастурии забон бахши алоҳидаро ташкил медиҳад ва барои шинохти асосҳои қавонини дастури забони тоҷикӣ маводи боарзиш медиҳад.

Омӯзишу таҳқиқи шарҳҳои дастурии «Ҳафт қулзум» ва ба он монанд фарҳангҳо барои таҳияи дастури ҷомеи забони тоҷикӣ маводи зарурӣ медиҳад.

Дар маъбари бисту ҳаштум, ки муштамил бар бисту се заврақ аст, муаллифи «Ҳафт қулзум» оид ба нақши пасвандҳои шаклсозу калимасоз дар забони тоҷикӣ изҳори назар кардааст. Масалан, дар заврақи аввал ӯ оид ба пасванди сифати нисбисози «ӣ» чунин тавзеҳ овардааст: «Ё»-и нисбат ва он ба авохири асмо ояд, масалан, **бандӣ, порсӣ, румӣ, туркӣ, лоҷвардӣ, бадахшӣ ва сабзворӣ**» [5, с.30].

Муаллиф дар навбати худ ин пасвандро аз рӯйи вазифа ба чанд қисм ҷудо мекунад. Аввал, «ё»-и нисбате, ки пас аз садоноки **о** ва ӯ омада, нисбатро мефаҳмонад, чунончи: **тиллоӣ, каҳрабоӣ, мусоӣ, исоӣ, канбуӣ, солуӣ** ва чун шоҳид байтеро меорад, ки ин аст:

Наравад чун сари ушшоқ ба ёд,
Баста чира ба сар солуӣ (Порчаи сафеди тунук, ки барои либоси занона ва дастор ба кор мерафтааст, дока).

Дуюм, - мегӯяд муаллифи фарҳанг, дар баъзе мақом агар ҳамза наёранд алифи моқаблро, яъне садоноки «о»-ро ҳазф созанд, чун Бухоро ва бухорӣ.

Сеюм, баъзан, аз охири калима пеш аз васл гардидани «ё»-и нисбат, садоноки «а» ҳазф мегардад, чунончи **макӣ** ба ҷойи **макаӣ** ё **банголӣ** ба ҷойи **банголаӣ**.

Чорум, дар калимаҳое, ки бо садоноки «а» тамом мешаванд, ин пасванди сифати нисбисоз гунаи «гӣ»-ро мегирад, чунончи: **хонагӣ**, **бегонагӣ.**

Дар заврақи дуюм дар баёни «ё»- и хитобӣ муаллифи фарҳанг оид ба бандаки феълӣ ва хабарӣ изҳори назар кардааст, чунончи, ӯ мегӯяд: «Ё»-и хитобӣ баъди асмо ва афъол ояд ва маънии ту диҳад. Баъди афъол чун **гуфтӣ, рафтӣ, хӯрдӣ, бурдӣ ва задӣ**». Воқеан, дар мисолҳои фавқ «ё»-и хитобӣ, ки муаллиф гуфтааст, бандаки феълӣ аст, ки ба шахси дуюми танҳо ишора кардааст. Дар ҳамин заврақ муаллифи «Ҳафт қулзум» вазифаи бандаки хабариро адо кардани «ё»-и хитобиро ҷудо карда таъкид менамояд, ки он баъд аз исмҳо омада, маънои ҳастӣ медиҳад, чун **тифлӣ, кӯдакӣ, бузургӣ ва шӯхӣ**, яъне ту тифл ҳастӣ, ту кӯдак ҳастӣ, ту бузург ҳастӣ, ту шӯх ҳастӣ. Муаллиф ҳамчун мисол байтеро овардааст, ки ин аст:

Бода бар хӯрдану ҳушёр нишастан саҳл аст,
Гар ба давлат барӣ, маст нагардӣ, мардӣ.

Дар заврақи сеюм вазифаи масдарсозии «ӣ»-ро таъкид карда, ба ақидаи ӯ, дар лафзи **бедорӣ** маънии масдарӣ додааст. Маънии лаёқат додани **ӣ**-ро донишмандони улуми сегонаи адабӣ ба мисли Шамси Қайси Розӣ, Насируддини Тусӣ, Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ ва мураттибони луғатҳои тафсирӣ Ҳусайни Инҷу дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», Муҳаммад Ҳусайн ибни Халафи Табрезӣ дар «Бурҳони қотеъ», Абдуррашиди Татавӣ дар

«Фарҳанги Рашидӣ» таъкид кардаанд ва муаллифи фарҳанги «Ҳафт қулзум» дар заврақи чаҳоруми маъбари бисту ҳаштуми қулзуми ҳафтуми «Ҳафт қулзум» қайд менамояд, ки «ё»-и лаёқат дар авохири масодир омада, маънои лаёқат медиҳад, чун **хӯрданӣ, бурданӣ, гаштанӣ, сӯхтанӣ, гардан заданӣ**, яъне лоиқи хӯрдан ва лоиқи гаштан ва лоиқи сӯхтан ва лоиқи гардан задан ва байте ҳам аз шоире овардааст:

Хун шуд дили ман хуб шуд, ин хун **шуданӣ** буд,
Сад шукр, ки аз дасти ту шуд, чун **шуданӣ** буд.

Дар заврақи панҷум муаллифи фарҳанг оид ба «ё»-и фоил ва дар заврақи шашум оид ба «ё»-и мафъул қайдҳо овардааст.

Дар заврақи ҳафтум муаллифи «Ҳафт қулзум» оид ба «ё»-и ваҳдат, ки маънии яке медиҳад, сухан ронда, барои мисол лафзи нигоҳеро овардааст ва шоҳид байти зеринро нишон додааст:

Сад нигаҳ ҳар ҷо, ки ӯ бошад ба ҳар сӯ мекунам,
То ба тақриби **нигоҳе** ҷониби ӯ мекунам.

Дар заврақи ҳаштум дар бораи «ё»-и таъриф, ки онро «ё»-и сифат ва «ё»-и ишорат низ мегӯянд, қазоват карда, ин байтро чун шоҳид овардааст:

Ёди **васле**, ки дил аз ҳаҷр хабардор набуд,
Дар миёни ин тани вайроншуда девор набуд.

Дар заврақи нуҳум муаллифи луғат оид ба «ё»-и тахсис ва танкир қазоват намуда, аз шоир Осафӣ байтеро овардааст:

Соз обод, Худоё, дили **вайронеро**,
Ё мадеҳ меҳри бутон ҳеҷ **мусулмонеро**.

Дар заврақи даҳум ва ёздаҳум роҷеъ ба «ё»-и шарт ва ҷазо мулоҳиза рондааст ва ин абётро аз Саъдӣ чун шоҳид оварда, дар мисраи аввал дар феъли будан «ё»-и шарт буда, дар мисраҳои дигар ба фикри муаллиф ё-и ҷазо аст. Чунончи:

Гар имрӯз **будӣ** худованди ҷоҳ,
Накардӣ худ аз кибр дар вай нигоҳ.
Бадар **кардӣ** аз боргаҳ ҳоҷибаш,
Фурӯ **куфтандӣ** бино воҷибаш.

Дар феъл ифодаи «ё»-и таманно ва ҳасрату орзу дар осори марбути забоншиносии донишмандони пешин таъкид шудааст. Муаллифи луғати «Ҳафт қулзум» дар заврақи дувоздаҳум дар ин бобат ин тавр овардааст: «Ё»-и таманноро дар мақоми ҳасрат ва орзу дар охири сиғаи феъли мозӣ дароранд, чунончи, дар лафзи **чӣ будӣ** ва **фурӯ рафтӣ** Саъдӣ гуфтааст, байт:

Чӣ будӣ, ки ёбам дар ин кор гил,
Ба ганҷ **фурӯ рафтӣ** аз коми дил».

«Ё»-и истимрорӣ дар забони адабиёти классикӣ хеле серистеъмол буда, донишмандони пешин оид ба саҳми ин воситаи дастурӣ қайду ишораҳои зиёде кардаанд. Муаллифи фарҳанги «Ҳафт қулзум» ин анъанаро идома дода, дар заврақи сездаҳум дар баёни «ё»-и истимрорӣ таъкид менамояд, ки «ё»-и истимрорӣ дар охири сиғаи воҳид ва ҷамъи ғоиби мозӣ ва воҳиди мутакаллим дарояд ва аз ӯ маънии мудом ва такрори феъл фаҳмида шавад, чун гуфтӣ, нахӯрдӣ ва надодӣ» ва барои тасдиқи мулоҳизааш байти зеринро аз Саъдӣ овардааст:

Нахӯрдӣ, ки хотир биосоядаш,
Надодӣ, ки фардо ба кор оядаш.

Дар бораи бандаки изофӣ ҳам донишмандони гузашта ва ҳам муосир маълумоти хеле густурда додаанд. Муаллифи «Ҳафт қулзум» дар заврақи чордаҳум онро бо истилоҳи «ё»-и изҳори изофат ифода намуда, баъд аз алиф ва вови сокин омадани онро таъкид намуда, мисолҳои зеринро овардааст: **чойи ӯ, пойи ӯ, рӯйи ӯ ва муйи ӯ**.

Дар осори илмии марбут ба дастури забони тоҷикӣ ва фарҳангҳои тафсирӣ оид ба «ё»-и таъзим қайду ишораҳои бисёре дида мешавад. Дар заврақи понздаҳуми қулзуми ҳафтуми «Ҳафт қулзум» муаллиф «ё»-и таъзимро қисме аз «ё»-и ваҳдат дониста, таъкид менамояд, ки он барои азамат ва бузургӣ меояд, масалан, дар ифодаҳои фалон шахсест ва фалон азизест ва фалон мардест, маънии фалон бисёр хуб шахсе аст, фалон бисёр муаззаз аст ва муҳтарам аст ва фалон бисёр баҳодур ва диловар аст. Бисёр ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки

муаллифи «Ҳафт қулзум» вобаста ба ҳамнишинии калимаҳо маънии таҳқир ва таъзим додани «ё»-ро таъкид кардааст. Масалан, дар байти зерини Ҳофиз:

Ёр дорад сари сайди гил Ҳофиз, ёрон,
Шаҳбозе ба шикори **магасе** меояд.

Дар лафзи магасе, - мегӯяд муаллифи фарҳанг, «ё»-и таҳқир аст ва дар лафзи шаҳбозе «ё»-и таъзим.

Дар заврақи ҳабдаҳум муаллифи фарҳанг «ё»-и муштаракро ҷудо намуда, барои сиғаи тасния ва ҷамъ миёни сиғаи мозӣ, музореъ, истиқбол ва «мим»-и мутакаллим муштарак медонад ва феълҳои **омадем, рафтем, оем, равем, хоҳем омад ва хоҳем рафт**ро мисол овардааст. Ва байтеро аз Ҳофиз чун шоҳид овардааст, ки ин аст:

Чандон, ки гуфтем ғамат бо табибон,
Накарданд дармони мискин ғарибон.

Чунон ки аз шарҳу тавзеҳ ва мисолҳои овардаи муаллифи фарҳанг дида мешавад, ӯ вазифаҳои дастурии «ё»-ро хеле нозуку муфассал нишон додааст, ки имрӯз низ аҳаммияти худро гум накардаанд.

Пас аз ин зимни истилоҳи «поёб» муаллифи фарҳанг оид ба як даста пасвандҳои калимасоз маълумот додааст. Албатта, ин маълумоте, ки муаллифи фарҳанг меорад, дар асоси донишмандони пешин низ дида мешавад. Масалан, поёби чаҳорум дар баёни калимоте ҳаст, ки маънои худовандро медиҳад. Ҳамчун **-манд**: **хирадманд, арҷманд ва мустаманд**, яъне соҳиби хирад, соҳиби арҷ ё мартаба бошад ва соҳиби муст, ки ғаму кина бошад; **-гор**: **хидматгор ва ситамгор ва гунаҳгор** [5, с.33].

Поёби панҷум дар баёни алфозе, ки маънои фоил диҳад. Чунончи: –**гар**: **камонгар, заргар, оҳангар, косагар**; –**ор**: **харидор, фурухтор** [5, с.33].

Ҳамчунин муаллиф таъкид мекунад, ки пасванди –**гор** маънои масдарӣ низ медиҳад, чун **гуфтор** ва **рафтор** ва гоҳе ба маънои мафъул низ мустаъмал мешавад, чун куштор ба маънои мазбуҳ ва кушташуда.

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки бо ҷузъи –**шор** ду калима оварда, онро ҳамчун пасванди калимасоз таъкид кардааст: **саршор ва обшор**. Вожаи **–шор** ҳамчун пасванди калимасоз дар асоси илмии гузашта ва дастурҳои муосир аз забони тоҷикӣ қайд нашудааст. Шояд, ба андешаи мо, **«шор»** аз масдари «шоридан» бошад ва дар вожаи «обшор» ин маънӣ равшан аст, ки шоридани об, яъне обе, ки аз баландӣ мерезад, аммо дар калимаи «саршор» ин маънӣ равшан нест.

Дар асоси илмии пешин ва фарҳангҳои тафсирӣ бо пасванди –**лох** гоҳе ду калима: **санглох, девлох** ва гоҳе се калима: **санглох, девлох** ва **рӯдлох** оварда шудааст. Муаллифи фарҳанги «Ҳафт қулзум» дар поёби шашум дар баёни алфозе, ки маънои анбуҳӣ ва бисёрӣ кунад, оид ба хусусияти калимасозии пасванди **лох** се калима: **санглох, девлох** ва **рӯдлохро** оварда ва аз Саъдӣ байти зеринро чун шоҳид нишон додааст:

Зи тоҷи малакзодаи дар малоҳ,
Шабе лаъле афтод дар санглох [5, с.33].

Оид ба дигар пасвандҳои маънои анбуҳӣ ва бисёридиҳанда низ мисолҳо оварда, хусусияти калимасозии онҳоро таъкид кардааст, чунончи **-сор: намаксор, шохсор, кӯҳсор; -зор: гулзор, лолазор, корзор; -бор: дарёбор, рӯдбор, ҳиндбор; -истон: гулистон, бӯстон, шабистон, дабистон** [5, с.33].

Дар ҳамин поёби шашум оид ба пасвандҳои исми маконсоз низ мисолҳо овардааст, чунончи, –**дон: қаламдон, сурмадон, наргисдон; -анд, чун ованд, ки дар асл обванд бувад; -када: майкада, ғамкада, табкада** [5, с.33].

Дар асоси марбути шарҳи дастури забони тоҷикии давраи классикӣ як даста пасвандҳое, ки маънии монанд карданро доранд, қайд гардидаанд, ки аксари онҳо имрӯз мустаъмал нестанд, ба мисли **-дас, -дес, -овон, -ван, -ванд, -ида, -осо** ва ғ. [5, с.33].

Муаллифи фарҳанги «Ҳафт қулзум» дар такя ба он осор ин пасвандҳоро дар поёби ҳафтуми қулзуми ҳафтуми «Ҳафт қулзум» ба ҳамин маънои монандкунӣ бо овардани мисоле аз осори манзуми гузашта таъкид кардааст, чунончи: дас ба сини муҳмала Унсурӣ гӯяд, байт:

Надид ва набинад туро ҳеҷ кас,
Гаҳ разммасалу гаҳ нармдас.

-дес – Саъдӣ гӯяд, байт:

Чи қадар оварад бандаи ҳурдес,
Ки зери қабо дорад андоми пес [5, с.33].

-ваш: Низомӣ гӯяд, байт:

Биёр соқӣ он май, ки **румиваш** аст,
Ба ман деҳ, ки табъам чу зангӣ хуш аст.

-овон: чун палвон, яъне канораҳои зироат, ки монанди пал баланд шавад, Хусрав гӯяд, байт:

Аҷаб набувад гар анбор фурӯ лағзад ба обу гил,
Ки бахти лук гардад чун гузар бошад ба палвонаш.

-ван: чун истерван, палван, форван;

-ванд: худованд, пӯлодванд, пайванд;

-ованд: чун хешованд;

-ида: таранҷида, яъне монанди таранҷ. Мавлавии Рум гӯяд, байт:

Гуфт шобошу фурӯ овехт ганҷ,
Шуд таранҷидатараш ҳамчу таранҷ.

-осо: чун шеросо ва мардосо;

-вор: чун ғуломвор ва хоҷавор;

-сон: чун шерсон ва бабрсон;

-сор: чун хоксор, намаксор, сангсор.

Дар поёби ҳаштум муаллифи фарҳанг оид ба пасвандҳое маълумот додааст, ки маънои лаёқат доранд. Ин пасвандҳо ҳам дар забони адабии классикии тоҷик ва ҳам забони адабии муосир нақши якхела доранд, чунончи, **-вор: шоҳвор, гӯшвор, ҷомавор; -она: шоҳона, бузургона, ҳакимона, мардона; -гон: шойгон, ройгон** [5, с.34].

Муаллифи фарҳанг дар поёби нуҳум пасвандҳоеро матраҳ сохтааст, ки ба фикри ӯ маънии муҳофизат медиҳанд, чунончи, **-бон: дарбон ва сорбон** ба маънои нигоҳдорандаи дар ва нигоҳдорандаи сор, яъне уштур; **-дор: чидадор ва роҳдор**; **-вон: паҳлавон, бандивон** ба маънои нигоҳдорандаи паҳла ва нигоҳдорандаи бандӣ [5, с.34].

Пасвандҳои **-нок, -гин** имрӯз ҳам дар забони адабии муосир серистеъмоланд ва муаллифи «Ҳафт қулзум» ин пасвандҳоро бо истилоҳи алфози иттисоф ном бурда, ба ҳар кадоме чандин калимаҳои бо ин пасвандҳо сохташударо овардааст, чунончи, **-нок: ғамнок, дарднок, бимнок, саҳмнок, хатарнок; -гин: ғамгин, андуҳгин, хашмгин ва саҳмгин.**

Дар поёби ёздаҳум муаллифи фарҳанг якчанд пасвандеро оварда, таъкид менамояд, ки онҳо маънои нисбат медиҳанд, чунончи **-ин: симин, зарин; -ок: фағок мансуб ба фағ, ки номи бут аст ва ҳамчунин мағок мансуб ба мағ; -он: турон, кошон, парон; -она: рӯзона, солона, моҳона, нурона, ҳисобона; -уба: Роҳуба** падари Исҳоқи муҳаддис мансуб ба роҳ, яъне дар роҳ таваллуд шуда буд; Мушкуба мансуб ба мушк, зеро ки хушхулқ буд.

Пасванди -уба, ки муаллиф овардааст, дар забоншиносии имрӯзаи тоҷик мустаъмал нест ва дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» ва дигар китобҳои забони тоҷикӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумию олӣ қайд нашудааст.

Ниҳоят, муаллиф як даста пасвандҳоеро меорад, ки маънои лавн доранд, чунончи, **-дом, -фом, -ём, -гуна, -гун, -ҷарна, -ҷарда**. Муаллиф таъкид мекунад, ки пасвандҳои **-ҷарда** ва **-ҷарна** танҳо бо калимаи сиёҳ ҳамнишин мешаванд, чунончи, **сиёҳҷарда ва сиёҳҷарна** ва байтеро аз Ҳофиз низ овардааст:

Он сияҳҷарда, ки ширинии олам бо ӯст,
Чашми майгун, лаби хандон, дили хуррам бо ӯст.

Пасванди **-ҷарна (-ҷарда)** низ имрӯз дар забони адабии муосири тоҷикӣ дар истифода нест.

Хулоса, дар шарҳи калимасозии пасвандҳо муаллифи фарҳанги «Ҳафт қулзум» анъанаи донишмандони пешинро идома додааст. Агар донишмандони пешин ва муаллифони фарҳангҳои тафсирӣ хусусияти шаклсозӣ ва калимасозии пасвандҳоро зимни шарҳи масъалаҳои қофия, санъатҳои лафзию маънавӣ бо истилоҳи ойин, фоида, оройиш шарҳ дода бошанд, муаллифи фарҳанги «Ҳафт қулзум» дар шарҳи пасвандҳо истилоҳи маъбар ва заврақро истифода кардааст. Аксари пасвандҳое, ки муаллиф шарҳу тавзеҳ додааст, имрӯз ҳам дар забони адабии муосири тоҷик мустаъмаланд.

Муқарриз: ***Хоҷаев Д.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҳадов, Ҳ. «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ҳамчун асари лексикографӣ / Ҳ.Аҳадов. - Душанбе: Дониш, 1981. - 122 с.
2. Ализода, С. Сарфу наҳви тоҷикӣ / С.Ализода. – Душанбе, 2006. – 79 с.
3. Воҳидов А. Аз таърихи луғатнависии тоҷику форс / А.Воҳидов. - Самарқанд, 1980.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Нашри академӣ. Ҷ.2. – Душанбе, 1989. – 220 с.
5. Ғозиуддин Ҳайдар Бодшоҳи Ғозӣ. Ҳафт қулзум. - Лакҳнав, 1822. - Қулзуми ҳафтум. – С.28-35.
6. Додаров О. Шарҳи изофат дар луғати «Ҳафт қулзум» / О. Додаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2020. - №7. - С.47-51.
7. Залеман, К.Г. Краткая грамматика новоперсидского языка / К.Г. Залеман, В.А. Жуковский. – СПб., 1890. – 111 с.
8. Насриддин, Абдуманнон. Фарҳанги тафсирии «Шамс-ул-луғот» (сарчашмаҳо, лексика, хусусиятҳои лексикографӣ) / Абдуманнони Насриддин // Куллиёти осор. - Хуҷанд, 2013. - 584 с.
9. Насриддинов А. Лексикаи «Шамс-ул-луғот» ва муносибати он ба забони ҳозираи тоҷик / А.Насриддинов // Забоншиносии тоҷик. - Душанбе; Дониш, 1984. - 296 с.
10. Сиёев Б. Аз таърихи ҷамъбандии исмҳо дар забони тоҷикӣ / Б.Сиёев // Масъалаҳои забоншиносии тоҷик. - Душанбе, 1967. - С.32-61.
11. Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI / Д.Хоҷаев. - Душанбе, 2013. - 343 с.
12. Хоҷаев Д. Донишномаи мухтасари таърихи афкори забоншиносии тоҷик / Д.Хоҷаев. - Душанбе, 2017. - 303 с.
13. Хоҷаев Д. Шарҳи ҳуруфи таҳаҷҷӣ (овозҳои ҳиҷосоз) дар фарҳанги «Ҳафт қулзум» ва арзиши забоншиносии он / Д.Хоҷаев О.Додаров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши филология (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2020. - №4. - С.51-55.
14. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат-ҳастии миллат. Китоби II. Забон ва замон. - Душанбе, 2020. - 431 с.

ҚАЙДҲОИ МУАЛЛИФИ «ҲАФТ ҚУЛЗУМ» ОИД БА НАҚШИ ПАСВАНДҲОИ ШАКЛСОЗУ МАЪНОСОЗ

Дар мақола муаллиф бори нахуст дар бораи арзиши шарҳу тавзеҳоти фарҳанги «Ҳафт қулзум» роҷеъ ба пасвандҳои шаклсозу калимасоз изҳори назар кардааст. Муаллифи мақола чандин маъбар ва заврақҳои қулзуми ҳафтуми «Ҳафт қулзум»-ро аз ин нуқтаи назар тафтишу баррасӣ намуда, арзиши забоншиносии шарҳу тавзеҳоти муаллифи фарҳангро дар ин бобат нишон додааст. Аз баррасиҳои муаллифи мақола чунин бармеояд, ки агар мураттиби фарҳанги «Ҳафт қулзум», аз як тараф, дар шарҳи пасвандҳои шаклсозу маъносоз анъанаи муаллифони фарҳангҳои тафсирии «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Бурҳони қотеъ», «Фарҳанги Рашидӣ»-ро идома дода бошад, аз тарафи дигар, дар шарҳу тавзеҳи баъзе пасвандҳо эҷодкорона муносибат карда, бисёр истилоҳу ифодаҳои тоза ворид намудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар шарҳи калимасозии пасвандҳо муаллифи фарҳанги «Ҳафт қулзум» анъанаи донишмандони пешинро идома додааст. Агар донишмандони пешин ва муаллифони фарҳангҳои тафсирӣ хусусияти шаклсозӣ ва калимасозии пасвандҳоро зимни шарҳи масъалаҳои қофия, санъатҳои лафзию маънавӣ бо истилоҳи ойин, фоида, оройиш шарҳ дода бошанд, муаллифи фарҳанги «Ҳафт қулзум» дар шарҳи пасвандҳо истилоҳи маъбар ва заврақро истифода кардааст. Аксари пасвандҳое, ки муаллиф шарҳу тавзеҳ додааст, имрӯз ҳам дар забони адабии муосири тоҷик мустаъмаланд.

Калидвожаҳо: фарҳанг, «Ҳафт қулзум», пасванд, калимасоз, шаклсоз, истилоҳ, маъбар, заврақ, қулзум, поёб, забон, шарҳ, муаллиф, байт, мустаъмал, арзиш, забоншиносӣ, баррасӣ.

ЗАМЕТКИ АВТОРА «ХАФТ КУЛЗУМ» ОТНОСИТЕЛЬНО РОЛИ ФОРМООБРАЗУЮЩИХ И СМЫСЛООБРАЗУЮЩИХ СУФФИКСОВ

В статье автор впервые выражает свои взгляды относительно ценности толкования и разъяснения словаря «Хафт кулзум» в отношении формообразующих и смыслообразующих суффиксов. Автор статьи перепроверил и рассмотрел несколько переправ и лодок седьмого тома «Хафт кулзум» с этой точки зрения и показал лингвистическую ценность толкования и разъяснения автора словаря с данной точки зрения. Из высказываний автора статьи исходит, что если составитель словаря «Хафт кулзум», с одной стороны при разъяснении формообразующих и смыслообразующих суффиксов продолжил традиции авторов толковых словарей «Словарь Джахонгири», «Бурхони котеъ», «Словарь Рашиди», с другой стороны, в толковании и разъяснении некоторых суффиксов проявив творческое отношение, внес новые термины и выражения. Автор отмечает, что при толковании словообразования суффиксов автор словаря «Семь кулзум» продолжил традиции предыдущих ученых. Если предыдущие ученые и авторы толковых словарей разъясняли формообразующие и словообразовательные функции суффиксов при разъяснении вопросов рифмы, использования художественные приемов с терминами обычай, польза, украшенияшарњ, автор словаря «Хафт кулзум» при разъяснении суффиксов применил термины переправа и лодка. Некоторые суффиксы, которые разъяснил автор статьи, и сегодня используются в современном таджикском языке..

Ключевые слова: словарь, «Хафт кулзум», суффикс, словообразующий, формообразующий, термин, переправа, лодка, том, мелководье, язык, толкование, автор, бейт, употребительныйл, ценность, языкознание, рассмотрение.

NOTES BY THE AUTHOR "HAFT KULZUM" REGARDING THE ROLE OF FORM-FORMING AND SENSE-FORMING SUFFIXES

In the article, the author for the first time expresses his views on the value of the interpretation and explanation of the dictionary "Haft kulzum" in relation to the formative and semantic suffixes. The author of the article rechecked and examined several crossings and boats of the seventh volume of "Haft kulzum" from this point of view and showed the linguistic value of the interpretation and explanation of the author of the dictionary from this point of view. From the statements of the author of the article, it is assumed that if the compiler of the dictionary "Haft kulzum", on the one hand, while explaining the formative and semantic suffixes, continued the traditions of the authors of the explanatory dictionaries "Jakhongiri Dictionary", "Burkhoni Kote", "Rashidi Dictionary", on the other hand, in the interpretation and clarification of some suffixes, showing a creative attitude, introduced new terms and expressions. The author notes that when interpreting the word formation of suffixes, the author of the Seven Kulzum dictionary continued the traditions of previous scholars. If previous scholars and authors of explanatory dictionaries explained the formative and derivational functions of suffixes when clarifying issues of rhyme, the use of artistic techniques with the terms custom, benefit, decoration of the ball, the author of the dictionary "Haft kulzum" used the terms ferry and boat when explaining the suffixes. Some of the suffixes explained by the author of the article are still used in the modern Tajik language today.

Key words: dictionary, "Haft kulzum", suffix, word-forming, form-building, term, crossing, boat, volume, shallow water, language, interpretation, author, beit, common language, value, linguistics, consideration.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Додаров Оятулло*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, докторант; Коллеҷи муҳандисӣ-техникии ноҳияи Нуробод, директор. **Суроға:** 737450, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Нуробод.Тел.: (**+992) 918-67-94-41**

Сведения об авторе: ***Додаров Оятулло*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, докторант; Инженерно-технический колледж района Нуробод, директор. **Адрес:** 737450, Республика Таджикистан, район Нурабад. Тел.: (**+992) 918-67-94-41**

Information about the author: ***Dodarov Oyatullo*** **-** Tajik National University, candidate of philological sciences, doctoral student; Engineering and technical college of Nurobod district, director. **Address:** 737450, Republic of Tajikistan, Nurabad district. Тел.: **(+992) 918-67-94-41**

УДК: 811.222.8+811.111-26

ТАВСИФИ ЭТИМОЛОГИИ ИСТИЛОҲОТИ ЖУРНАЛИСТИКА ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Раҳматуллоев М.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Инкишофи истилоҳоти миллӣ ҳарчи бештар аз пояи такомули раванди маърифат дар риштаи муайяни илм вобаста аст. Раванди фаъолияти нутқию тафаккурӣ ва маърифатии инсон донишро ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, танҳо ба воситаи фикр ва вожаҳо дар шуури ҷамъиятии халқ пайдоиш, гуволиш ва устувории дониши нав анҷом мепазирад. Пешрафти дониш на танҳо гирд овардан ва андӯхтани додаҳои илмист, балки тараққии мантиқии тафаккури илмӣ, яъне забони илмро тақозо мекунад. Пайдоиши мафҳумҳои нави илмӣ ҷустуҷӯйи ифодаи беҳтари вожавии ин мафҳумҳоро талаб мекунад, ки хоҳ-нохоҳ фаъолияти истилоҳоофариро бедор мекунад. Истилоҳоофарӣ ҳамеша раванди бошуур буда, дар рафти он бештар вожагони забони миллӣ ҳамчун маводи асосӣ корбурд мешаванд.

Забоншиносӣ маҷмӯи истилоҳоти забонро ба ду гурӯҳ тақсим менамояд: истилоҳоти умумӣ ва истилоҳоти вижа. Ба истилоҳоти вижа мафҳумҳои вижаи риштаҳои алоҳидаи истеҳсолот, илм ва техника дохил мешаванд. Бештар истилоҳ чун вожа эътироф мешавад, ва ҳамин тавр ҳам ҳаст, вале мазмунан ва аз рӯйи корбурд истилоҳ аз вожаи умумиистеъмол фарқ мекунад. Истилоҳ худ ҳамон вожа мебошад, вале бо корбурд дар чорчӯбаи вижа дар ягон риштаи фаъолияти инсон. Ин унсури зерзабонӣ тобишҳои маъноӣ, миллӣ ва таърихии худро гум кардааст ва вазифаи унвониро иҷро мекунад [3, с.62].

Барои тавсифи этимологии истилоҳоти журналистика дар забони англисӣ мо аз донишнома ва луғатҳои мавҷуда [2, 6, 8, 9] 881 адад истилоҳро интихоб намудем. Истилоҳҳо яквожагӣ ва бисёрвожа ҳастанд.

Ҳамаи истилоҳҳои интихобгардида аз ҷиҳати этимологӣ таҳлил гардиданд. Ҳангоми таҳлил барои ҷудо кардани намудҳои истилоҳот аз луғатҳои таърихӣ ва этимологӣ [17, с.18] истифода кардем. Таҳлил нишон дод, ки ба гуногун будани баромад ва таркиби этимологӣ нигоҳ накарда, истилоҳҳои журналистика ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо мешаванд: истилоҳҳои худӣ ё англисӣ ва истилоҳҳои иқтибосӣ.

Истилоҳоти журналистика дар забони асли англисӣ

Ҳангоми таҳқиқи натиҷаҳои тавсифи этимологӣ муайян гардид, ки дар истилоҳоти журналистикаи забони англисӣ истилоҳоти худӣ, яъне англосаксӣ, 7,26 дарсади ҳамаи истилоҳоти интихобшударо ташкил медиҳад.

Масалан: истилоҳи *plot* («сужа») дар *анг*. бостонӣ – *plot* маънои «парчаи хурди замин»-ро дошт. Соли 1551 маънои «нақшаи ошёнаи якум» -ро ба худ гирифта, ҳамчун «харита» истифода мешуд. Соли 1587 маънии «нақша»-ро гирифт [17, с. 589; 18, с. Pin-Plo].

Истилоҳи *talk* («суҳбат») дар асри Х11 дар шакли *talken* ба маънои «ҳикоят» истифода мешуд. Пасон дар анг. миёна ин исм ба феъл табдил ёфт. *To talk shop* («оиди касбу кори худ суҳбат кардан») – дар соли 1854 [17, с. 743; 18, с. T-Tat].

Ба монанди вожаҳои таҳлилшуда истилоҳоти дар зер номбаршуда вожаҳои решагии англосаксӣ буда, фақат ба хотири ифои вазифаи истилоҳ маънои худро тағйир додаанд ва мазмуни илмию касбӣ гирифтаанд: *awareness* («хабардоршавӣ»), *binding* («муқова»), *blackmail* («таҳдид»), *bluff* («фиреб»), *book* («китоб»), *byte* («байт»), *depth* («амиқӣ»), *draft* («мусаввада»), *earnestly* («яқинан»), *feedback* («аксулалоқа»), *file* («файл»), *film* («навор»), *foreshortening* («ракурс»), *frame* («порчаи алоҳидаи наворӣ», *jingle* («ҷингл»), *knowingly* («бошуурона») [2].

Бояд гуфт, ки чунин сохтори истилоҳот ибораҳоро низ дар бар мегирад. Масалан, *book chamber* («палатаи китоб»), *breadboarding* («амсиласозӣ»), *cat's whiskers* («бурутча»), *frame depth* («амиқии кадр»), *freedom of speech* («озодии сухан»), *handbook man* («китобсоз»),

hot-news («навигарии пурхурӯш»), *leader tape* («пайванд»), *playbill* («эълоннома»), *reading–book* («баёз») [2].

Истилоҳоти иқтибосии журналистика дар забони англисӣ

Масъалаи иқтибос дар вожашиносӣ ҳамеша мушкилоти пурихтилоф ба шумор меравад. Бархе аз донишмандон афзоиши теъдоди истилоҳоти иқтибосиро рӯйдоди ғайримеъёрӣ шумурдаанд, ки забонро олуда сохта, ба пешрафти раванди вожаофарии он монеъ мешавад. Баръакс гурӯҳе дигар бар онанд, ки иқтибос таркиби вожагонро фарох мекунад ва захираҳои дохилии вожасозии забонро ба кор меандозад. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, бештари забоншиносон чунин назар доранд, ки иқтибос ин ҷузъи раванди пешрафти табиии забон мебошад [1, с.40].

Забони англисӣ яке аз бойтарин забонҳои ҷаҳон мебошад, ки бештар аз 200 ҳазор вожаи фаъол дорад. Сабаби якум дар он аст, ки дар ин забон қобилияти хуби вожаофарӣ (калимасозӣ) инкишоф ёфтааст. Сабаби дигар, қобилияти баланди иқтибоскунии он аст. Маълум аст, ки таркиби луғавии забони англисӣ дар худ шумораи бузурги вожаҳои забонҳои гуногуни ҷаҳонро гирд овардааст. Мо дар боло зикр кардем, ки иқтибос раванди табиӣ, рӯйдоди муқаррарии забон аст. Вале дар забони англисӣ вожаҳои иқтибосӣ назар ба дигар забонҳо бахши бузургтарро ташкил медиҳанд, чунки дар муҳити таърихӣ он бо бисёр забонҳо тамос ва бархӯрди тӯлонӣ дошт [7, с.104].

Заминаҳои объективии рӯйдоди иқтибосро дар ҳама гуна забон донишманди тоҷик С. Назарзода дар шаш сабаби асосӣ муайян кардааст: сабаби иқтисодӣ, нуфузи динӣ, сабаби низомӣ, сабаби сиёсӣ, сабаби илмӣ ва адабӣ, сабаби фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, ки ин сабабҳо дар таърихи забони англисӣ низ ҷой доранд [10, с.60-64].

Тадқиқоти мо нишон дод, ки истилоҳоти иқтибосии журналистика дар забони англисӣ ҳаҷми бузург, яъне 92,74 дарсади маводи таҳлилшавандаро ташкил медиҳанд, ки 817 истилоҳро дар бар мегирад. Бахши асосии онҳоро иқтибосҳо аз забонҳои лотинӣ, юнонӣ ва фаронсавӣ ташкил медиҳанд.

а) Истилоҳоти иқтибосӣ аз забони лотинӣ. Истилоҳоти иқтибосӣ аз забони лотинӣ – забони илми Аврупо дар ташаккули истилоҳоти журналистикаи забони англисӣ ҳиссаи назаррас гузоштаанд. Чунки забони лотинӣ яке аз забонҳои бостонии ҳиндуаврупоист, ки дорои хат буд ва қариб тамоми осори илмӣ ба ин забон навишта мешуд. Нахустин ёдгориҳои хаттӣ ба ин забон ба асри VII то милод тааллуқ дорад [4, с. 154].

б) Иқтибосҳои бевосита аз забони лотинӣ. Дар ҳама давру замон ва бавижа дар се садаи охир бинобар созмон ёфтани нашрияҳои бузурги даврии «Дейли курант» (1702), «Таймс» (1785), «Дейли Экспресс» (1900), оҷонсии иттилоотии «Рейтер» (1851), ширкати «British Broadcasting Corporation» – BBC (1922), тараққиёти илму истеҳсолот ва техникаву технология, рушди бемайлони риштаи журналистика дар кишварҳои англисизабон зарурати иқтибосҳои нав ба миён меомад. Аз ҳамин сабаб бештари иқтибосҳои бевосита аз забони лотинӣ ба ҳамин минвол шакл гирифтаанд. Масалан: истилоҳҳои *edition* («нашр»), *editor* («муҳаррир»), *editor* («ношир»), *editorial* («сармақола») аз *лот. editionem* (nom. *editio*) «истеҳсол, тавлид» аз асоси *edere* «истеҳсол кардан, тавлид кардан» ба вуҷуд омадаанд. Соли 1791 *editor* маънои «ношир»-ро гирифт, ҳол он ки дар соли 1712 маънои «муҳаррир»-ро дошт. *Editorial* ба маънои «сармақола», «мақолаи рӯзнома аз муҳаррир» соли 1830 дар матбуоти англисизабони Амрико пайдо шуд [18, с.Ea-El].

Ҳамин тариқ, истилоҳоти дигари лотиниасос ба вуҷуд омаданд: *argument* («санад»), *argumentation* («санадноки»), *briefing* («кӯтоҳҷаласа»), *censor* («сензура»), *comment* («табсира»), *commentator* («шореҳ»), *correction* («тасҳеҳот»), *correspondence* («мухбирнома»), *creation* («эҷод»), *duplicate* («нусхаи дуюм») ва ғ. [2].

в) Иқтибосҳои лотинӣ ба воситаи забони фаронсавӣ (фр.<лот.) Иқтибосҳои лотинӣ ба воситаи забони фаронсавӣ сабабҳои таърихии худро доранд. Таъсири забони фаронсавӣ ба забони англисӣ бавижа дар давраи ҳукмронии фаронсавиҳо дар кишвар, ҳангоме ки забони миллии англисӣ ҳанӯз шакл нагирифта буд, пурзӯр гардид. Бо зӯрӣ даромадани фаронсавиҳо ба Англия дар соли 1066 оғози давраи забткориҳои нормандиҳо шуд. Забони фаронсавӣ дар давраи дуру дароз ба забони давлатии Англия табдил ёфт. Дар кишвар дузабонӣ ҳукмрон гардид. Ин замони иқтибосҳои англису фаронсавӣ буд.

Ҳукмронии забони фаронсавӣ дар нимаи дуюми асри XVI хотима меёбад, аммо бахши бештари иқтибосҳо аз ин забон маҳз ба ҳамин замон рост меояд – забони англисӣ, ки ба забони фаронсавӣ фишор меовард, ба ғанӣ гардонидани вожагони худ аз ҳисоби унсурҳои забони дуюмӣ эҳтиёҷ дошт.

Бояд гуфт, ки забони фаронсавӣ дар Англия сараввал дар шакли шеваи нормандӣ, ки бо унсурҳои шеваҳои фаронсавии шимолу шарқӣ омехта буд, паҳн гардид. Акнун дар садаи XIII забони фаронсавӣ дигар забони гуфтугӯйӣ набуд, балки ба забони анъанавии расмии ҳуҷҷатҳои байналхалқӣ табдил ёфта буд.

Аз ҳамин сабаб, иқтибосҳои фаронсавиро аз садаи XIII сар карда дигар наметавон иқтибосҳои англису фаронсавӣ номид. Бархе аз вожагони иқтибосӣ дертар баъд аз барқарории сулолаи Стюартҳо ва дар алоқа бо инқилоби буржуазии соли 1789-и Фаронса ба забони англисӣ гузаштаанд.

Дар давраи Эҳё забони лотинӣ забони байналмилалии илм буд. Осори файласуфони фаронсавӣ Декарт, Гассенди, ҳоландӣ Спиноза, англис Бэкон, Гоббс, Локк ва математики олмонӣ Лейбнитс ба ин забон навишта шудаанд [4, с.159]. Ва ҷойи тааҷҷуб нест, ки бисёр истилоҳҳо аз ин забон ба забонҳои дигари Аврупо, аз он ҷумла забонҳои фаронсавӣ ва англисӣ гузаштаанд.

Умуман, ҳоло дар журналистикаи англисизабон иқтибосҳои лотинии ҳам куҳна ва ҳам нави аз забони фаронсавӣ гузашта истифода мешаванд.

Масалан: *ability* («қобилият»), *abolition* («бекор кардан»), *absurd* («бемаънӣ»), *accent* («оҳанг»), *accreditation* («эътиборнома»), *action* («саҳмия») *action* («амал»), *adaptation* («мувофиқшавӣ»), *adjustor* («мусаҳҳеҳ»), *administration* («маъмурият»), *adventurism* («моҷароҷӯ») ва ғ. [2].

г) Иқтибосҳои лотинӣ ба воситаи забони итолиёвӣ. Иқтибосҳои лотинӣ, ки ба воситаи забони итолиёвӣ ба забони англисӣ гузаштаанд, инҳоанд: *abbreviation* («ихтисора»), *corridor* («даҳлез), *manager* («менеҷер»). Ин истилоҳҳо дар забони англисӣ ҳосила-истилоҳҳои зиёде пайдо кардаанд: *abbreviate, abbreviature, manageability, manageable, management, managed* ва ғ. [2, 17, 18].

д) Иқтибосҳои лотинӣ ба воситаи забони олмонӣ. Аз истилоҳоти журналистика дар забони англисӣ иқтибосҳои лотинии зерин аз забони олмонӣ гирифта шудаанд: *terminology* («истилоҳотшиносӣ») ва *ambivalence* («мухолифатнокӣ») [2, 17, 18].

а) Истилоҳоти иқтибосӣ аз забони юнонӣ. Истилоҳоти иқтибосӣ аз забони юнонӣ низ дар баробари иқтибосҳои лотинӣ дар ривоҷи истилоҳоти забони англисӣ саҳм гузоштаанд. Таркиби иқтибосҳои юнонӣ чунин аст:

б) Иқтибосҳои бевосита аз забони юнонӣ. *allegory* («маҷоз»), *apophthegm* («панд»), *chronicle* («кӯтоҳахбор»), *crisis* («буҳрон»), *demagogy* («авомфиребӣ»), *dilemma* («сари дуроҳа мондан»), *epigram* («эпиграмма»), *epigraph* («катиба»), *episode* («лаҳза»), *euphemism* («хушоҳангӣ») [2].

в) Иқтибосҳои юнонӣ ба воситаи забони лотинӣ (лот.<юн.) *analysis* («таҳлил»), *analytics* («таҳлилгарӣ»), *anthology* («баёз»), *apologia* («ҳимоя»), *apotheosis* («таҷлил»), *asterisk* («ситорача»), *barbarism* («барбарӣ»), *camera* («камера»), *catalogue* («номгӯйи предметҳои яктипа»), *consciousness* («маърифат»), *critic* («мунаққид») [2].

г) Иқтибосҳои юнонӣ ба воситаи забони лотинӣ ва фаронсавӣ (фр.<лот.<юн.) *air* («холигӣ»), *aphorism* («панд»), *apostrophe* («апострофа»), *apostrophe* («апостроф»), *architectonics* («сохту таркиб»), *archives* (in the internet) («хазина (дар Интернет)»), *archives* («бойгонӣ»), *authentication* («аутентификатсия») [2].

д) Иқтибосҳои юнонӣ ба воситаи забони фаронсавӣ (фр.<юн.) *archaism* («қадим»), *encyclopedia* («қомус»), *encyclopedist* («донишманди комил»), *ideal* («намуна»), *idealize* («аз будаш зиёд тасвир кардан»), *ideology* («мафкура»), *neologism* («неологизм»), *pornography* («фаҳшу фуҷур»), *pseudonym* («тахаллус») [2].

а) Истилоҳоти иқтибосӣ аз забони фаронсавӣ. Ба ғайр аз иқтибосҳои лотинӣ ва юнонӣ, ки ба воситаи забони фаронсавӣ ба забони англисӣ гузаштаанд, боз як гурӯҳ истилоҳҳои решагии фаронсавӣ мавҷуданд, ки дар ҳамон давру замон иқтибос шуда, номгӯйи истилоҳоти журналистикаи ин забонро пурра кардаанд. Ин иқтибосҳо 3,63

дарсади маводи таҳлилшавандаро ташкил мекунанд. Масалан: *address* («нишон», «унвон»), *approche* («фосила»), *argot* («арго»), *assortment* («маҳсулоти гуногун»), *attache* («атташе»), *banal* («сухани обшуста»), *booklet* («буклет»), *brochure* («брошюра»), *cliché* («клише») [2].

Истилоҳоти иқтибосӣ аз забони норвегӣ. Истилоҳоти иқтибосӣ аз забони норвегӣ инҳоанд: *casting* («кастинг»), *gap* («фосила»), *score* («хатқат»), *slang* («жаргон») [2].

Ба замми ин дар истилоҳҳои иқтибосии таркибию гуногунзабони зерин вожаҳои баромадашон норвегии **cast, clip, cut, law, link** корбурд шудаанд: *live broadcast* («пахши мустақим»), *broadcasting* («пахши барнома»), *hardwarily broadcast system* («таҷаммӯи таҷҳизоти студия») [2, 17, 18].

Истилоҳоти иқтибосӣ аз забони итолиёӣ. Истилоҳоти иқтибосӣ аз забони итолиёӣ инҳоанд: *motto* («шиор»), *pun* («таҷнис»). Ғайр аз ин дар истилоҳҳои иқтибосии таркибию гуногунзабони зерин вожаҳои баромадашон итолиёии **opera, relief, firm** ва лотинии итолиёишудаи **cartoon, manage, artistic** истифода шудаанд: *soap opera* («операи собунӣ») [2, 17, 18].

Истилоҳоти иқтибосӣ аз забони ҳоландӣ. Ин истилоҳҳо аз забони ҳоландӣ иқтибос шудаанд: *sketch* («лавҳа»), *cable* («кабел»), *landscape* («пейзаж»), *tick* («аломати қайд»). Вожаҳои ҳоландии **sketch, *cable*** дар таркиби истилоҳҳои мураккабу таркибии гуногунзабон низ корбурд мешаванд: *radio-sketch* («очерки радиоӣ»). Ба воситаи забони фаронсавӣ аз забони ҳоландӣ вожаҳои **block, boulevard,** инчунин истилоҳи **placard** («лавҳаи мусаввара») иқтибос шудаанд: *block programming* («барномасозии қишрӣ»), *boulevard journalism* («журналистикаи кӯчагӣ»). Вожаи **leakage** бошад, тавассути забони ҳоландӣ аз забони норвегӣ гузаштааст: *leakage of information* («ихроҷи маълумот») [2, 17, 18].

Истилоҳоти иқтибосии дигар. Дар ин истилоҳҳои иқтибосии гуногунзабон вожаи олмонии **key** ва вожаи лотинии олмонишудаи **format**, ки тавассути забони фаронсавӣ соли 1840 ба забони англисӣ гузаштааст, ҷузъи асосӣ мебошанд: *radio-format* («формати радио»), *key word* («калимаи асосӣ») [2; 17, с. 401; 17, с. 291; 18, с. Ka-Ku; 18, с. Fr-Fu]. Аз забони тоҷикӣ (форсӣ) ду истилоҳ иқтибос шудааст, ки он ҳам бо миёнаравии забонҳои лотинӣ ва туркӣ сурат гирифтааст: *algorithm* («алгоритм»), *kiosk* («киоск») [2; 17, с. 23; 17, с. 402; 18, с. Al-Am; 18, с. Ka-Ku]. Аз забони арабӣ ба воситаи забонҳои фаронсавӣ ва итолиёвӣ истилоҳи *magazine* («маҷалла») иқтибос шудааст [17, с. 437; 18, с. Ma-Man]. Аз яке аз забонҳои бумии гурӯҳи келтии Британия – забони гэлӣ як истилоҳ иқтибос шудааст: *slogan* («шиор») [17, с. 691; 18, с. Ski-Smu]. Аз забони ҷопонӣ истилоҳи *karaoke* («караоке») омадааст [18, с. Ka-Ku]. Истилоҳи *ombudsmen* («намоянда») аз забони шведӣ иқтибос шудааст [18, с. Oa-On].

Истилоҳоти иқтибосии мураккаб ва таркибии журналистика аз забонҳои гуногун

Ин гуна истилоҳоти иқтибосӣ ҳамагӣ 35,76 дарсади маводи таҳлилшавандаро дар бар мегиранд.

Таркибҳои анг.+лот. ва лот.+анг. *creeping line* («сатрҳои равон»), *hot-line* («хати пурҳарорат»), *misinformation* («гӯлзанӣ»), *news agency* («оҷонсии иттилоотӣ»), *no commen*t («бидуни шарҳ»), *on line* («дар алоқа»), *open transmission* («пахши мустақим») [2].

Таркибҳои анг.+фр. ва фр.+анг. *business press* («матбуоти тиҷоратӣ»), *foretitle* («авантитул», «сарсаҳифа»), *freedom of press* («озодии матбуот»), *full face* («анфас»), *mode of event* («тасвири воқеаҳо»), *news imbalance* («нобаробарии иттилоот»), *newspaper in newspaper* («рӯзнома дар рӯзнома»), *newspaper* («рӯзнома»), *spin control* («пахши гардон») [2].

Таркибҳои анг.+фр.<лот. ва фр.<лот.+анг. *business press* («матбуоти тиҷоратӣ»), *foretitle* («авантитул», «сарсаҳифа»), *freedom of press* («озодии матбуот»), *full face* («анфас») [2].

Таркибҳои анг.+фр.<лот.<юн. ва фр.<лот.<юн.+анг. *bury a talent* («истеъдодро ба бод дода»), *hot theme* («мавзӯи пурхурӯш»), *number of sheets* («ҳаҷм»), *style sheet* («дастурамали нашриёт») [2].

Таркибҳои анг.+юн. ва юн.+анг. – *bold type* («ҳуруфи ғафс»), *size of type* («кегл»), *underlying theme* («зермаъно»), *microphone folder* («ҷузвдони ровӣ») [2].

Таркибҳои лот.+фр. ва фр.+лот. *indexation of fonts* («нишонагузории ҳуруф»), *informational war* («ҷанги иттилоотӣ») [2].

Таркибҳои лот.+фр.<лот. ва фр.<лот.+лот. *civil position* («мавқеи шаҳрвандӣ»), *creative identity* («фардияти эҷод»), *creative process* («ҷараёни эҷодӣ»), *cultural pluralism* («фарҳанги гуногунандешӣ»), *digital compression* («омезиши рақамӣ»), *digital press* («чопи рақамӣ»), *editor column* («сутуни муҳаррир») [2].

Таркибҳои лот.+фр.<лот.<юн. ва фр.<лот.<юн.+лот. *informational policy* («сиёсати иттилоотӣ»), *mass culture* («фарҳанги оммавӣ»), *mass edition* («нашри оммавӣ») [2].

Таркибҳои лот.+юн. ва юн.+лот. *Dictaphone* («диктофон»), *autology* («автология»), *autonymous* («номи асл»), *informational mythology* («устурашиносии иттилоотӣ») [2].

Таркибҳои лот.<юн.+фр. ва фр.+лот.<юн. *analytical journalism and its genre* («журналистикаи таҳлилӣ ва жанрҳои он»), *electronic mail (e-mail)* («почтаи электронӣ»), *system of genre* («низоми жанрҳо») [2].

Таркибҳои лот.<юн.+фр.<лот. ва фр.<лот.+лот.<юн. *asymmetric pagination* («номутаносибии тарроҳӣ»), *dramatic effect* («таъсирнокӣ»), *icon-painting* («нусхабардории асл»), *lithoprint* («чопи сангӣ») [2].

Таркибҳои лот.<юн.+фр.<лот.<юн.+лот. *electronic mass media* («ВАО-и электронӣ»), *system of mass media* («низоми ВАО») [2].

Таркибҳои лот.<юн.+юн. ва юн.+лот.<юн. *electronic graphic* («ҷадвали электронӣ»), *methodology* («методология») [2].

Таркибҳои фр.<лот.+анг.+фр.<лот *internet service* («хизматрасонии Интернетӣ»), *joint-stock company* («ҷамъияти саҳҳомӣ») [2].

Таркибҳои фр.<лот.+фр. ва фр.+фр.<лот. *executive secretary* («котиби масъул»), *membership dues* («аъзоҳаққӣ»), *press-attache* («пресс–атташе») [2].

Таркибҳои фр.<лот.+фр.<лот. *author's agreement* («шартномаи муаллиф»), *double page* («пайванд»), *foreign reporter* («мухбири хориҷӣ»), *independent press* («матбуоти мустақил») [2, с.18].

Таркибҳои гуногуни лотинӣ-фаронсавӣ-юнонӣ. *feuilleton* («фелетони телевизионӣ»), *television genre* («жанрҳои телевизионӣ»), *TV journalist* («публитсисти телевизионӣ»), *television centre* («маркази телевизионӣ») [2].

Таркибҳои гуногунзабон бо вожаҳои лотинии фаронсавишуда. *civil-legal-agreement* («шартномаи ҳуқуқии шаҳрвандӣ»), *structure and function of mass communication* («сохт ва вазифаҳои иртиботи оммавӣ») [2].

Таркибҳои гуногунзабон бо вожаҳои юнонии фаронсавишуда. *number of sheets* («ҳаҷм»), *style sheet* («дастурамали нашриёт»), *stylistic analysis* («таҳлили услубӣ»), *epistolary genre* («жанри фиристонидашуда»), *ethics of journalism* («ахлоқи рӯзноманигорӣ») [2].

Таркибҳои гуногунзабон бо вожаҳои лотинию юнонӣ *literary hero* («қаҳрамони адабӣ»), *mediapolitics* («сиёсати медиа») [2, с.79].

Хулоса

Таҳқиқи этимологии истилоҳоти журналистика дар забони англисӣ нишон дод, ки:

- оғози пайдоиши истилоҳҳои журналистика дар забони англисӣ таърихи тӯлонӣ дошта, ин раванд то имрӯз давом дорад;
- гарчанде ки воситаҳои грамматикии вожасозӣ ва иборасозӣ асосан англисӣ бошанд ҳам, бештар аз 90 дарсади вожагони истилоҳот иқтибосӣ аст. Истилоҳоти аслии забони англисӣ бой ва ғанӣ нест, зеро истилоҳоти зиёди соҳаи мазкурро забонҳои лотинӣ, фаронсавӣ, олмонӣ ва якчанд забонҳои дигар ташкил мекунанд. Таҳқиқот муайян кард, ки наздики 53 дарсади вожагони истилоҳҳои таҳлилшаванда ба забони лотинӣ, 14 дарсад ба забони юнонӣ ва 11 дарсад ба забони фаронсавӣ, 15 дарсад ба забонҳои итолиёӣ, норвегӣ ва олмонӣ 7 дарсад ба забони англисӣ тааллуқ доранд. Ҳамаи ин вобаста ба замони инкишофу тараққиёт пас аз истилои англосаксонҳо ба амал омад.

Муқарриз: ***Мамадназаров А.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Бережанская И.Ю. Консубстанциональные термины в лингвистической терминологии английского и русского языков (сравнительный анализ): диссертация на соискание ученой степени кандидата филологических наук. Специальность: 10.02.20 – сравнительно-историческое, типологическое и сопоставительное языкознание / И.Ю. Бережанская. – М., 2005. – 311 с.
2. Иматшоева М. Луғати мухтасари тафсирии англисӣ-тоҷикии истилоҳоти журналистика / М.Иматшоева, А.Мамадназаров, М.Муродов. – Душанбе: Эр-граф, 2015. – 110 с.
3. Кесамирова С.Р. Истилоҳ яке аз падидаҳои воҳидҳои луғавии бемуодил (дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ) / С.Р. Кесамирова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ, № 6, 2020. – Душанбе, 2020. – С. 61-65.
4. Комилов М.М. Структурно-семантический анализ философских терминов в таджикском и английском языках: дисс. на соис.уч. степ.канд.фил.наук по специальности: 10.02.20 – сравнительно-историческое, типологическое и сопоставительное языкознание / М.М. Комилов. – Душанбе, 2020. – 224 с.
5. Маковский М.М. Историко-этимологический словарь современного английского языка / М.М. Маковский. – М.: Издательский дом "Диалог", 1999. - 416 с.
6. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ. Standart English-Tajik Dictionary (нашри такмилшудаи сеюм) / А. Мамадназаров. – Д.: ЭР-граф, 2015. - 1016 с.
7. Мирзоева М.М. Место заимствованной лексики в заголовках таджикской и английской прессы / М.М. Мирзоева, М.М. Абдуллаева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 1. - С.104-109.
8. Муродов М.Б. Донишномаи фарҳанги рӯзноманигорӣ / М.Б. Муродов. - Душанбе: Аржанг, 2016. – 480 с.
9. Муродов М. Краткий словарь терминов и понятий журналистики / М.Муродов. – Д.: Шуҷоиён, 2011. – 146 с.
10. Назарзода С. Забон ва истилоҳот: Андешаҳо дар атрофи забони тоҷикӣ ва ташаккули истилоҳот /С. Назарзода. – Душанбе: Дониш, 2003. – 148 с.
11. Нуров П. Истилоҳшиносӣ / П.Нуров. – Душанбе, 2018. – 133 с.
12. Раҳимбекова М. Корбурди истилоҳоти забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар соҳаи нақлиёти обӣ / М. Раҳимбекова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 3. - С.62-66.
13. Салихов Н.Н. Журналистика в терминах и понятиях: Энциклопедический словарь системы СМИ / Н.Н. Салихов, А.А. Афсаҳзод. – Душанбе., 2007. – 317 с.
14. Усмонов И.К. Назарияи публитсистика / И.К. Усмонов. – Душанбе: Шарқи Озод, 1999. – 100 с.
15. Ҷаматов С. Ҷойгоҳи истилоҳоти иқтибосии овошиносии аз забонҳои олмонӣ, юнонӣ ва лотинӣ воридшуда дар таркиби луғавии забони англисии даврaҳои миёна ва нав / С.Ҷаматов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 3(80). - С.12-17.
16. Ҷӯраев Х. Нақш ва ҷойгоҳи истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар илми забоншиносӣ / Х.Ҷӯраев // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – № 5(82). - С.13-17.
17. Klein Ernest. A Comprehensive Etymological Dictionary of the English Language. Unabridged, One-Volume Edition / Ernest, Klein. — Elsevier, 2003. — XXVI. - 844 p.
18. Захираи электронӣ: Online etymology dictionary by Douglas Harper, November 2001. Дар асоси An Etymological Dictionary of Modern English (Ernest Weekley, 1921, John Murray, 2 volumes, reprint 1967, Dover Publications), The Shorter Oxford English Dictionary (1933), The Barnhart Dictionary of Etymology (1988) сохта шудааст. Абарпайванд: https://www.twirpx.com/file/292708/ (феврали соли 2021).

ТАВСИФИ ЭТИМОЛОГИИ ИСТИЛОҲОТИ ЖУРНАЛИСТИКА ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақола истилоҳоти журналистикаи забони англисӣ аз ҷиҳати замони пайдоиш таҳлил гардида, сарчашмаҳои этимологии таркиби вожагони онҳо муайян карда шудааст. Воқеаву рӯйдодҳои сиёсӣ, тағйиротҳои иҷтимоӣ, номураттабии инкишофи иқтисодии ҷомеа аз умдатарин масъалаҳоянд, ки ҳамеша дар маркази диққати аҳли қалам қарор доранд, зеро ҳар як узви ҷомеа ба ахбори нав ва шарҳу тавсифи ҳақиқатнигоронаи воқеияти иҷтимоӣ ниёзманд аст. Аз ин назар соҳаи журналистика дар ҷамъияти мо вазифа ва масъулияти гаронро ба дӯш дорад. Имрӯзҳо вазорати ахбори оммаро бидуни истилоҳоти нав тасаввур кардан ғайриимкон мебошад. Дар ин ҷода барои хубтару нишонрастар инъикос ва пешкаши умум намудани ҳодисоту воқеот ва проблемаҳои доғи рӯз нақши истилоҳоти журналистика хеле калон аст. Масъалаи истилоҳ ва истилоҳгузинӣ каме ҳам бошад дар ин мақола дарҷ гардида, тавсифи этимологӣ бо якчанд забонҳо дар муқоиса бо мисолҳо нишон дода шудааст. Ногуфта намонад, ки истилоҳоти соҳаи журналистика таърихи ниҳоят бою ғанӣ дошта, аз якчанд забонҳо сарчашма мегирад, қисми зиёди ин соҳа ба забони англисӣ дахл дорад. Ҳадафи таҳқиқот, худи пешрафти илму техника низ имкониятҳои нав ба навро баҳри омӯзиш ба вуҷуд меорад. Ҳадафи асосии журналистика таъмини аҳли ҷомеа бо иттилооти аҳаммияти умумидошта аст.

Калидвожаҳо: истилоҳ, истилоҳсозӣ, истилоҳоти илмӣ, вожагузинӣ, тавсифи этимологӣ, истилоҳоти журналистика, истилоҳоти иқтибосӣ.

ЭТИМОЛОГИЧЕСКАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ТЕРМИНОВ ЖУРНАЛИСТИКИ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье рассматривается терминология английского языка по времени возникновения и определены этимологические источники состава их словарей и показано этимологическое описание нескольких языков с примерами. Политические события, социальные перемены, неравномерность экономического развития общества являются теми животрепещущими проблемами, которые всегда находятся в центре внимания творческих натур, так как каждый современный человек нуждается в новой информации и объективном комментировании социальной действительности. С этой точки зрения, в нашем обществе журналистика взяла на себя огромные задачи и ответственность. Сегодня невозможно предсавить медиа - министерство без новой терминологии. В этом плане, в полном и целенаправленном освещании событый, горячих проблем дня и их представлении массовой аудитории огромную роль играет терминиология журналистики. Терминология в сфере журналистики является историей, которая берет свое начало из нескольких языков, часть этой сферы касается и английского языка. Целю исследования является прогресс науки и техники, которые создают новые возможности для обучения. Основная цель журналистики в обеспечении общественности информацией, имеющей общее значение.

Ключевые слова: терминология, терминотворчество, научные термины, словосочетания, этимологическая характеристика, термины журналистики, заимствованные термины.

ETYMOLOGICAL CHARACTERISTICS OF JOURNALISM TERMS IN ENGLISH

This article deals with the terminology of the English language at the time of occurrence and identified the etymological sources of their etymological dictionaries, and shows multiple languages with examples. Political events, social variables, uneven economic development of society are the burning problems that modern people need new information and objective commentary on social reality. From this point of view, in our society, journalism has taken on huge tasks and responsibilities. Today it is impossible to imagine a mass media without a new terminology. In this regard, the terminology of journalism plays a huge role for the full and purposeful coverage of the hot issues of the day and their presentation to the mass audience. Terminology in the field of journalism is a history that originates from several languages part of this field also concerns the English language. The purpose of the study is to advance science and technology that create new learning opportunities. The main purpose of journalism is to provide the public with information of general importance.

Key words: terminology, terminological, scientific term, word stock etymological feature, terms of the journalism, unoriginal terms.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **rmahmadullo96@mail.ru**. Тел.: **(+992) 938-98-88-96**

Сведения об авторе: ***Рахматуллоев Махмадулло Саидуллоевич*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры английского языка и сравнительной типологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **rmahmadullo96@mail.ru**. Тел.: **(+992) 938-98-88-96**

Information about the author: ***Rakhmatulloev Makhmadullo Saidulloevich*** - Tajik National University, Doctoral Ph.D of Chair of English language and comparative typology of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **rmahmadullo96@mail.ru**. Tel.: **(+992) 938-98-88-96**

УДК: 491.550:42-6

СУФФИКСҲО ВА ПРЕФИКСҲОИ СИФАТСОЗ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Султонзода М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Суффиксҳо ва префиксҳо дар усули морфологии калимасозӣ мавқеи муайянеро ишғол мекунанд. Ҳангоми таъйин намудан вазифаи аффикс сермаъноӣ (омоморфемагӣ), инчунин аз кадом ҳиссаҳои нутқ ва аз чӣ хел асосҳо исм сохтани онҳо ба ҳисоб гирифта мешавад. Вақте ки суффиксҳо аз ин ҷиҳат аз назар гузаронида мешаванд, тафовути онҳо аз якдигар боз ҳам равшантар зоҳир мегардад. Дар забони тоҷикӣ ба воситаи суффиксҳо сохта шудани сифат воситаи сермаҳсули калимасозии ин ҳиссаи нутқ ба ҳисоб меравад. Чунончи, суффикси -чӣ аз исми трактор исми тракторчӣ месозад, ки касбу шуғли шахсро далолат мекунад. Мақсади таҳқиқи мавзӯъ нишон додани функсияҳои суффиксҳо ва префиксҳои исмсоз дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад. Ҳамин суффикс аз сифати аъло исми шахси аълочӣ месозад, ки на касбу кор, балки ба сифате молик будани шахсро мефаҳмонад. Дар забони англисӣ низ чунин мушоҳида мегардад: to buy – buyer, to direct – director, to invent – inventor, to produce – producer ва ғ. Дар исмсозии забони тоҷикӣ танҳо префикси **ҳам-** иштирок менамояд. Ин префикс аз исм исмҳое месозад, ки ҳамроҳӣ, шарикӣ ва муносибати дутарафаи шахс ва предметҳоро мефаҳмонад: ҳамроҳ, ҳамсоя, ҳамхона, ҳамдиёр, ҳамсуҳбат.

Суффикси **-ан (-ян).** Ба воситаи ин суффикс, ки серистеъмол аст, асосан аз исм ва зарф (хеле кам), инчунин сифат зарфи тарз, миқдору дараҷа, сабабу максад ва замон сохта мешавад: қасдан, калбан, хаёлан. Ба воситаи префиксҳои бе-, но-, ба-, бо-, бар-, дар-, то- аз дигар ҳиссаҳои нутқ зарф сохта мешавад. Аз инҳо префиксҳои бе- ва но- сермаҳсул мебошанд. Префикси бе- аз исм, сифат ва асоси феъл зарфи тарз, миқдору дараҷа ва сабабу мақсад месозад. Доираи истифодаи ҳиссаҳои нутқ дар сохтани зарф як хел нест. Исм дар ин вазифа хеле серистифода аст: бемалол, беист, бешитоб, бехато.

Муҳиммияти мавзӯъ: Мубрамияти мавзӯъ дар он зоҳир мегардад, ки забоншиносони муосир ба омӯзиши суффиксҳо ва префиксҳои исмсоз дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ хусусиятҳои синтаксисӣ ва фарқияти он бисёр ақидаҳо ва навгониҳоро гирд овардаанд.

Дар рафти кор бо қисмати морфологии забонҳои муқоисашаванда суффиксҳо ва префиксҳо мавқеи асосиро ишғол менамоянд, ки ҳангоми калимасози бештар кумак мерасонанд. Вобаста ба мақсади кори мазкур корҳои зерин ба анҷом расонида мешавад:

Фарқияти суффиксҳои сифатсоз, вазифаи суффиксҳо ва префиксҳои сифатсоз дар ҷумла ва хусусияти грамматикии ҳар ду забонро дар бар мегирад. Гузаронидани таҳқиқи фарқияти суффиксҳо ва префиксҳои сифатсоз дар забони англисӣ ва тоҷикӣ нишон додани хусусиятҳои синтаксиси онро ба худ ҷалб намудааст, ки ҳамчун предмети омӯзиши онҳо маҳз ҳамин таҳқиқотро қарор додаанд. Моҳияти олами таҳқиқот: Аз назар гузаронидан натиҷаи назараси таҳқиқот ҳамчун қисмати омӯзиши олами сохтори грамматикӣ мебошад.

Суффиксҳои сифатсоз дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ

Дар забони тољикї ба воситаи суффиксњо сохта шудани сифат воситаи сермањсули калимасозии ин њиссаи нутќ ба њисоб меравад [15, с.182].

Суффикси **-она, -ёна, -вона, -гона**. Дар истеъмоли ин суффикс ва вариантҳои он чунин қонуният дида мешавад: ракамҳои нуҳгона, қуттиҳои ҷудогона, гиреҳҳои дувоздаҳгона.

Суффикси **-она** дар калимасозии сифат сермаҳсул буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сифат месозад: мактаби духтарона, соддагии кӯдакона (аз исмҳои замон сифат сохтааст).

Суффикси **-нок.** Ин суффикс сермаҳсул буда, бештар аз исмҳои маънӣ сифати аслӣ месозад, ки предметро доро будани решаи калимаро мефаҳмонад: роҳи воҳиманок, оҳи аламнок, каси шубҳанок, пашшаҳои хартумнок, марғзорҳои қамишнок, оши ҷурғотнок.

Суффикси **-манд.** Ин суффикс сермаҳсул буда, аксар аз исмҳои маънӣ сифатҳои аслие месозад, ки ба аломат, хислат ва хосият доро будани предметро мефаҳмонанд: кампири дардманд, марди аёлманд.

Суффикси **-ин** (пас аз садонок ва ҳамсадоҳои «ҳ» ва «м» -гин): ранги зумураддин, бачаи ғамгин, одами хашмгин, ҷавони шармгин, нигоҳи заҳрин, зулфи анбарин, дастпонаҳои нуқрагин, купруки сангин, мулоқоти аввалин, дӯсти дерин, мактуби охирин.

Суффикси –**ина.** Ин суффикс дар сифатсозӣ сермаҳсул аст: дастшӯи мисина, ресмони пашмина, меҳмони мардина, асрҳои баъдина, ҷӯраи дерина, кори фардоина, хӯроки пешина.

Суффикси **-а(-я).** Ин суффикс нисбатан каммаҳсул буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ, сифатҳои аслию нисбӣ месозад, ки замон, ҷой ва ё аломати предметро ифода мекунад: боғчаи озода, шаҳри қадима, чораҳои лозима, куртаҳои ранга, таассуроти имрӯза, сумкаи овеза, марди гуреза.

Суффикси **-ак.** Ин суффикс дар сифатсозӣ каммаҳсул мебошад: пули пуччак, духтари хаппак, купруки ликқонак, лойи лағжонак.

Суффикси **-акӣ.** Ин суффикс аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сифатҳое месозад, ки ба хосияте доро будани предмет ва ё воситаи иҷрои амалро мефаҳмонанд: созиши хомакӣ, хандаи дурӯғакӣ, фармони даҳанакӣ, қандфурӯшии дастакӣ, сураткашии ҳавасакӣ, фармони рӯякӣ.

Суффикси **-чак** аз сифат ва сифати феълӣ сифате месозад, ки аломат, ё ба амал ва ё ҳолате моил ё доро будани предметро мефаҳмонад: шафтолуи луччак, одами тарсончак, духтари хандончак, гунчишки паррончак.

Суффикси **-они** каммаҳсул буда, аз исм ва сифат сифатҳои аслию нисбӣ месозад, ки ба аломат ва хосияти решаи калима молик будани предметро мефаҳмонад: пири нуронӣ, кори ҷисмонӣ, ҳаваси нафсонӣ, сухани ҳаққонӣ.

Суффикси **-вар** каммаҳсул буда, аз исмҳо сифате месозад, ки ба аломат ё хислате соҳиб будани предметро мефаҳмонад: ҷавони суханвар, марди ҳунарвар, духтарони номвар, дили донишвар, дасти ҳунарвар.

Суффикси **-вор** каммаҳсул буда, аз исм сифатҳои нисбӣ месозад, ки ба аломат ва хосияти дар реша номбаршуда аз ягон ҷиҳат муносибат дорад: ҳадяи сазовор, ошиқи умедвор.

Суффикси **-гун**. Ин суффикс каммаҳсул буда, аз исм ва сифат сифатҳое месозад, ки аз ягон ҷиҳат ба маънои дар реша баёншуда монанд будани ранги предметро ифода мекунад: рухсори лолагун, барги алмосгун, шуои заргун, рӯйи сафедгун.

Суффикси **-гар** исмсоз бошад ҳам, дар баъзе ибораҳо бо исм омада, ба аломату хусусияте соҳиб будани предметро мефаҳмонад: одами иғвогар, кампири ҳилагар, марди ҳасратгар, котиби ҷавобгар, шамоли шӯришгар, дасти хиёнатгар, зани афсунгар.

Суффикси **-ам, -ук, -ик.** Ин суффиксҳо низ каммаҳсул буда, аз исм, сифат ва феъл сифатҳои аслие месозанд, ки ба аломату хусусияте доро будани предметро мефаҳмонанд: боди форам, куртаи шинам, замини корам, дастони нозук, шаби торик.

Суффиксҳои **-огин, -осо (-со), -ваш, фом, -сор** каммаҳсуланд. Онҳо аз исмҳо сифат месозанд, ки ба маънои асосии калима монанд будани аломатро мефаҳмонанд: мӯйи атрогин, одами дарвешваш, духтари париваш, нигоҳи барқосо, мӯйи анбаросо, рухи гулфом, саҳрои зумрадфом, марди хоксор, зулфи сумансо.

Суффиксҳои **-о, -он.** Ин суффиксҳо аз асоси замони ҳозираи феъл сифатҳои аслие месозанд, ки ба хислате доро будани предметро мефаҳмонанд: судхӯри гузаро, суханҳои бурро, бозуи тавоно, деги ҷӯшон, кураи тафсон, дарёи хурӯшон.

Суффиксҳои сифатсози забони англисӣ

Суффиксҳои **-able, -ible** имконияти гирифтор шуданро ба амали мувофиқи феъл ифода мекунанд:

to change - иваз шудан	changeable - ивазшаванда
to eat - хӯрдан	eatable - хӯрданибоб
to compare - муқоиса кардан	comparable -муқоисашаванда
to convert - табдил шудан	convertible -табдилшаванда

Суффикси **-al** аз исм сифат месозад:

centre - марказ	central - марказӣ
culture - фарҳанг	cultural - фарҳангӣ
form - шакл	formal - шаклӣ
intellect - зеҳн	intellectual - зеҳнӣ

post - почта postal - почтавӣ

Суффиксҳои **-ant, -ent:**

to differ - фарқ кардан different - гуногун

to insist - исрор кардан insistent - исроршаванда

to resist - муқовимат кардан resistant - муқовиматкунанда

Суффикси **–ful** аз исм сифат сохта сифати ашёро мефаҳмонад. Аз рӯйи мазмун ба суффикси **-less**, мухолиф аст:

beauty - хушрӯгӣ beautiful - хушрӯй

саге - ғамхорӣ careful - ғамхор

doubt - шубҳа doubtful - шубҳанок

fruit - ҳосил fruitful - ҳосилхез

use - истифода useful - муфид

Суффикси **-ish** маъноҳои мутаалликӣ ба миллат ва дараҷаи муқоисавии сифатро мефаҳмонад:

Dane - данӣ Danish - даниягӣ

Pole - маҷор Polish - маҷорӣ

Scott - шотланд Scottish - шотландӣ

Swede - швед Swedish - шведӣ

red - сурх reddish - сурхча

brown - қаҳваранг brownish - қаҳварангтоб

Суффикси **-ive** одатан аз феъл ва исм сифат месозад:

to act - амал кардан active - боғайрат

to compare - муқоиса кардан comparative - муқоисашаванда

effect - амал effective - ҳақиқӣ

to restrict - маҳдуд кардан restrictive - маҳдуд

to talk - суҳбат кардан talkative - суҳбаторо

Суффикси **-less** аз исм сифат месозад:

hope - умед hopeless - ноумед

use - фоида useless - бефоида

fruit - самара fruitless - бесамара

shame - ҳаё shameless - беҳаё

home - хона homeless - бехона

help - кумак helpless - нотавон

Суффикси **-ous** аз исм сифат месозад:

courage - шуҷоат courageous - ҷасур

danger - хатар dangerous - хавфнок

fame - шараф famous - машҳур

glory - шаън glorious - бошараф

Суффикси **-y** аз исм сифат месозад:

cloud - абр cloudy - абрнок

dirt - ифлосӣ dirty - ифлос

fog - туман foggy - туманнок

frost - хунук frosty - хунукӣ

rain - борон rainy - боронӣ

sun - офтоб sunny - офтобӣ

thirst - ташнагӣ thirsty - ташна

wind - шамол windy - шамолнок

Префиксҳои сифатсоз дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ

Дар забони тоҷикӣ ба воситаи префиксҳо сохта шудани сифат низ воситаи сермаҳсули калимасозии ин ҳиссаи нутқ ба ҳисоб меравад [13, с.178].

Префиксҳои **ба-, бо-.** Ин префиксҳо сермаҳсул буда, аз исм сифати аслӣ месозанд, ки мазмунан ба ягон хосият ё аломат соҳиб будани предметро мефаҳмонад: фикри бамаънӣ, одами баобрӯй, духтари ботамкин, донаи бобаракат, хӯрдании болаззат.

Префикси **бар-** каммаҳсул буда, аз исм, сифат ва зарф сифат месозад: суханҳои бардурӯғ, ташвиши барзиёд, ақли баркамол, умри бардавом.

Префикси **бе-** сермаҳсул аст. Аз исмҳо сифати аслӣ месозад, ки ба аломати дар асос номбаршуда молик набуданро мефаҳмонад: муҳаббати бепоён, ҷойи бехатар, одами бетараф, хонаи бедаҳлез, нахудшӯрбои бегӯшт, либоси бедарбеҳ, ҳавлии бедевор.

Префикси **но-.** Ин префикс дар сохтани сифат нисбат ба префиксҳои дигар сермаҳсул ва серистеъмол мебошад: духтари номурод, зани ноумед, ҳамроҳи ноаҳл, вуҷуди нопок, корҳои нозеб, ҷойҳои ношинос, оши ногуфт, аспи ноозмуд, меҳмони нохонда, чизи ноарзанда, либоси нодӯхта.

Префикси **но-** антонимҳои сифатӣ месозад: бино-нобино, маълум-номаълум, қобил-ноқобил.

Префикси **дар-** каммаҳсул аст. Вай аз исм ва асосҳои феъл сифат месозад: абри даргузар, хасми дарпӯст, чойники дарҷӯш.

Префикси **то-** каммаҳсул буда, аз исм сифати нисбии маънои замонӣ дошта месозад: давраи тоалифбо.

Дар забони англисӣ бошад префиксҳои **un-, in-** ба сифати воситаи калимасоз хизмат мекунанд.

comfortable - қулай	uncomfortable - ноқулай
equal - баробар	unequal - нобаробар
expected - баумед	unexpected - ноумед
happy - хушбахт	unhappy - бадбахт
known - машҳур	unknown - номашҳур
limited - маҳдуд	unlimited - номаҳдуд
official - расмӣ	unofficial - ғайрирасмӣ
pleasant - форам	unpleasant - нофорам
in-	
ability - қобилият	inability - нотавон
adequate - кифоя	inadequate - нокифоя
capable - тавоно	incapable - нотавон
comparable - муқоисашаванда	incomparable - муқоисанашаванда
complete - комил	incomplete - нокомил
direct - мустақим	indirect - ғайримустақим
experienced - таҷрибадор	inexperienced - бетаҷриба
legal - қонунӣ	illegal - ғайриқонунӣ
logical - мантиқӣ	illogical - ғайримантиқӣ
regular - муқаррарӣ	irregular - ғайримуқаррарӣ
resolute - ҷасур	irresolute - бечуръат
responsible - масъул	irresponsible - бемасъулият
patient - батоқат	impatient - бетоқат
possible - имконпазир	impossible - имконнопазир
probable - эҳтимол	improbable - ғайриэҳтимол

Пажӯҳиши мазкур масъалаи мубрами забоншиносӣ – воситаҳои калимасозӣ тавассути суффиксҳо ва префиксҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳлилу тадқиқ қарор дода шудааст. Суффиксҳо ва префиксҳо дар заминаи усули морфологии калимасозӣ баҳогузорӣ шуда, вазифаи асосии ҳар як суффикс ва префикс бо он муайян карда мешавад, ки вай ба калимаи сохтааш чӣ гуна маъно мебахшад.

Инчунин масъалаи мубрами забоншиносӣ – воситаҳои калимасозӣ тавассути суффиксҳо ва префиксҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ низ мавриди таҳлилу тадқиқ қарор гирифтааст.

Таҳлилу омӯзиши мавзӯи мазкур ба таври муқоиса барои омӯзиши забонҳои гуногун муфид аст.

Омӯзиши префикс ва суффиксҳои сифатсоз дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавзӯи актуалӣ буда, дар доираи ду забон омӯхтани он кори басо муҳим аст.

Мо кӯшидем ҳангоми таҳлилу баррасии мавзӯъ аз методҳои таҳлилӣ - муқоисавӣ бештар истифода барем.

Дар забонҳои муқоисашаванда префиксҳои англисии сифатсоз пурра истифода шуда, баъзеашон маъмул ва баъзеашон камистеъмол мебошанд.

Бар хилофи забони англисӣ префиксҳои сифатсоз дар забони тоҷикӣ умуман камистеъмол бошанд ҳам, ифода меёбанд.

Дар забони англисӣ бо префиксҳо сохта шудани сифатҳо чандон сермаҳсул набошад ҳам, аҳаммияти калимасозии онҳо зиёд аст. Феълҳо дар забони англисӣ бо префиксҳои **de-, dis-, mis-, pre-, fore-, under-, over- , un-, re-, counter-**ва амсоли инҳо ҳамроҳ шуда, калимаи нав месозанд, ки инро дар забони тоҷикӣ низ мушоҳида кардан имконпазир аст.

Дар забони англисӣ префикси **de–** дар бисёр ҳолатҳо маънои муқобилро ифода намуда, дар баъзе мавридҳо аз исм феъл месозад, ки инро низ дар забони тоҷикӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Дар забони тоҷикӣ роҳҳои ифодаи ин гуна префиксҳои феълсоз гуногун сурат мегирад, яъне калима на аз асоси феъли пешина, балки аз решаи нав сохта мешавад.

Дар ду боби кори мазкур дар алоҳидагӣ тавассути суффиксу префикс роҳҳои исмсозӣ, сифатсозӣ, зарфсозӣ, феълсозӣ таҳлил ва тасниф карда шудаанд. Таснифот мувофиқ ба натиҷаи калимасозӣ гузаронида шудааст. Ҳамчунин таснифот бо дарназардошти доираи истифодаи суффиксу префиксҳо маълумотнигарӣ шудааст.

Муқарриз: ***Исмоилзода Э.*** – номзади илмҳои филологӣ, досенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Бархударов Л.С. Грамматика английского языка / Л.С. Бархударов, Д.А. Штейлинг. – М.: Русский язык, 1973. – 325 с.
2. Бархударов Л.С. Очерки по морфологии сов. англ. яз. / Л.С. Бархударов. - М.: Высшая школа, 1975. – 156 с.
3. Бархударов Л.С. Язык и перевод / Л.С. Бархударов. – М.: Высшая школа, 1975. – 350 с.
4. Блох М.Я. Теоретическая грам. англ. яз. – 3-е изд., испр. / М.Я. Блох. – М.: Высш. школа, 2000. – 380 с.
5. Брауннер К. История английского языка: в 2 томах / К.Брауннер; пер. с нем. с.х. Васильевой; под ред. и с пред. Б.А. Ильиша. - 2-е изд. – М.: Едиториал УРСС, 2003. – 391 с.
6. Варшавская А.И. Смысловые отношения в структуре современного английского языка / А.И. Варшавская // АКД. - Л.: Наука, 1985. - 237 с.
7. Воронцова Г.Н. Очерки по грамматике английского языка / Г.Н. Воронцова. - М.: Изд. лит. на иностр. яз., 1960. - 279 с.
8. Гузеева К.А. Справочник по грам. англ. яз. / К.А. Гузеева. - СП.: Союз, 1997. - 288 с.
9. Гуренко Л.И. Неопределенный артикль – маркер единичной расчлененности значения существительного под влиянием контекста / Л.И. Гуренко // АКД. – Одесса: Просвещение, 1978. – 429 с.
10. Иванова И.И. Теоретическая грамматика современного английского языка / И.И. Иванова, В.В. Бурлакова, Г.Г. Почепцов. – М.: Правда, 1981. – 297 с.
11. Ильиш Б.А. Значение и функции слов в предложении (на материале англ. яз.) / Б.А. Ильиш // Труды Горьковского пед. института ин.яз. Вып. XX. – Горький: Просвещение, 1960. – 342 с.
12. Каушанская В.Л. Грамматика английского языка. Пос. для студентов педагогических институтов и университетов. 7-е изд. / В.Л. Каушанская, Р.Л. Ковнер. - М.: Высшая школа, 2005. – 319 с.
13. Качалова К.Н. Практическая грамматика английского языка. В 2-х томах / К.Н. Качалова, Е.Е. Израилевич. – 8-е изд., перераб. и доп. К.Н. Качаловой. – К.: Методика, 2002. – 367 с.
14. Крылова И.П. Английская грамматика для всех / И.П. Крылова, Е.В. Крылова. – М.: Высшая школа, 1989. – 270 с.
15. Рустамов Ш. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш.Рустамов, Р.Ғаффоров.- Душанбе, Дониш, 1986-371 с.

СУФФИКСҲО ВА ПРЕФИКСҲОИ СИФАТСОЗ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Мақола ба таҳлилу баррасии заминаҳои назариявии масъалаҳои калимасозии забони тоҷикӣ бахшида шудааст, чунки ин масъала дар илми забоншиносии ватанӣ, аз ҷумла соҳаи сарфшиносии он камтар матраҳ гардидааст. Таҳлилу баррасии корҳои муҳаққиқон ва олимони кишвар дар ин ҷода барои беҳтар фаҳмидани механизмҳое, ки зимни сохта шудани вожаҳо ва маъниҳои нав дар доираи ин ё он ҳиссаи нутқ кор фармуда мешаванд, мусоидат мекунад. Равияи мазкури забоншиносии муосир собит месозад, ки забони муосири адабии тоҷикӣ яке аз забонҳоест, ки дорои воситаҳои сершумори калимасозӣ буда, пайваста дар ҳолати рушдёбӣ мебошад. Аффиксатсия яке аз усулҳои маъмултарин ва серҳосилтарини ба вуҷуд омадани шаклҳо ва маъниҳои нав ба ҳисоб рафта, на танҳо дар забони илмиву коргузорӣ, балки пеш аз ҳама, дар забони осори бадеӣ низ хеле фаъолона истифода бурда мешавад. Муаллифи мақола зимни баррасии корҳои илмии муҳаққиқони тоҷик раванди омӯхта шудани калимасозии чунин ҳиссаҳои калонтарини нутқро, аз қабили исм ва феъл дида баромада, ба чунин хулоса меояд, ки ин равия, хусусан дар риштаи типологӣ ва муқоисавии он, ҳанӯз таҳқиқоти амиқ ва доманадореро аз тарафи олимону муҳаққиқони ватанӣ интизор аст.

Калидвожаҳо: забоншиносии ватанӣ; забоншиносии хориҷӣ; муносибатҳои дохилизабонӣ; роҳи пешвандии калимасозӣ; роҳи пасвандии калимасозӣ; калимасозии морфологӣ; аффиксатсия; алломорфизм.

СУФФИКСЫ И ПРЕФИКСЫ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Статья посвящена теоретическому анализу вопросов словообразования таджикского языка, поскольку данный вопрос в отечественном языкознании, в частности его морфологии, изучен всё ещё недостаточно. Изучение научных работ исследователей и учёных страны в данном направлении способствует более лучшему пониманию механизмов, которые используются в процессе построения новых слов и их значений в рамках той или иной части речи. Данное направление современной лингвистики доказывает, что современный литературный таджикский язык является одним из языков с многочисленными средствами словообразования и находится в постоянном развитии и совершенствовании. Аффиксация служит одним из наиболее распространённых и эффективных способов словообразования и появления новых форм и значений, она используется не только в языке науки и делопроизводства, но, и прежде всего, очень активно задействована в языке художественного наследия. Автор статьи при рассмотрении научных трудов таджикских исследователей анализирует процесс изучения путей словообразования в таких больших частях речи, как существительное и глагол, и приходит к выводу о том, что данное направление, особенно в типологическом и сопоставительном направлении, всё ещё требует глубоких и обширных исследований со стороны отечественных учёных и исследователей.

Ключевые слова: отечественная лингвистика, зарубежная лингвистика, внутриязыковые взаимоотношения, префиксальный способ словообразования, суффиксальный способ словообразования, морфологическое словообразование, аффиксация, алломорфизм.

SUFFIXES AND PREFIXES OF ADJECTIVES IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The article is devoted to the theoretical analysis of the issues of word-formation of the Tajik language, since this issue in domestic linguistics, in particular its morphology, is still not sufficiently studied. Studying the scientific works of researchers and scientists of the country in this direction contributes to a better understanding of the mechanisms that are used in the process of constructing new words and their meanings within a particular part of speech. This direction of modern linguistics proves that the modern literary Tajik language is one of the languages with numerous means of word formation, and is in constant development and improvement. Affixation serves as one of the most common and effective ways of word formation and the appearance of new forms and meanings, it is used not only in the language of science and office work but first of all, it is very actively involved in the language of artistic heritage. The author of the article, when considering the scientific works of Tajik researchers, analyzes the process of studying word-formation paths in such large parts of speech as a noun and verb, and concludes that this direction, especially in the typological and comparative direction, still requires deep and extensive research by domestic scientists and researchers.

Key words: domestic linguistics; foreign linguistics; intra-linguistic relationships; prefix method of word formation; suffix method of word formation; morphological word-formation; affixation; allomorphism.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Султонзода Мартаба*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D, кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ 17. E-mail: **martabamirmadova@mail.ru.** Тел.: **(+992) 888-88-47-68**

Сведения об авторе: ***Султонзода Мартаба*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджкистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **martabamirmadova@mail.ru.** Тел.: **(+992) 888-88-47-68**

Information about the author: ***Sultonzoda Martaba*** **-** Tajik National University, Ph.D. doctoral student at the University-wide Department of English. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **martabamirmadova@mail.ru.** Tel.: **(+992) 888-88-47-68**

УДК: 491.550

МАХСУСИЯТҲОИ КОРБАСТИ ВОҲИДҲОИ ОДОБИ МУҲОВАРАТ ДАР «ПАЛАТАИ КУНҶАКӢ»-И Ф.МУҲАММАДИЕВ

Файзова Т.
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншо Шотемур

Одоби муҳоварат як соҳаи васеи қолабҳои маъмули муошират мебошад. Дар раванди тарбия ва мавқеи иҷтимоӣ пайдо кардани одам ҳангоми ба мақоми шахсият доро шудан ва ҳарчи бештар аз худ кардани забон ӯ меъёрҳои ахлоқии муносибатро бо атрофиён, аз ҷумла муносибатҳоеро меомӯзад, ки тариқи нутқ сурат мегиранд, ба ибораи дигар, фарҳанги муоширатро аз худ мекунад.

Агар таҳти мафҳуми одоби муошират тартиби муқарраршудаи рафтор фаҳмида шавад, пас мафҳуми одоби муҳоварат моҳиятан мафҳуми васеътар буда, якнавохт нест. Агар ба таври мухтасар баён кунем, мафҳуми одоби муҳоварат дар аснои муайяни нутқ ба таври автоматӣ ба кор бурдани қолабҳои устувор мебошад. Агар муфассалтар тафсир диҳем, одоби муҳоварат "интихоби воситаҳои муносибтарин ва мувофиқтаринро аз ҷониби адресант (гӯянда) нисбат ба адресат (шунаванда)-и мушаххаси худ дар ҳолати муайян, асно ва муҳити мушаххаси муошират танзим мекунад" [22, с.69-70].

Вобаста ба доираи татбиқ, маъмулан навъҳои зерини одоби муҳоваратро ҷудо мекунанд – расмӣ, дипломатӣ, саримизӣ, телефонӣ, ҳарбӣ, маъмулӣ ё ҳаррӯза. Маҳз одоби муоширати маъмулӣ қоидаҳои рафтори инсонро дар ҳаёти ҳаррӯза, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ намоиш медиҳад ва дар аснои нутқи аз ҷониби А.А. Акишина ва Н.И. Формановская [1] пешниҳодгардида амалӣ карда мешаванд. Ин асно бо қолабҳои ба онҳо алоқаманди муҳоварат нутқи одамонеро инъикос мекунанд, ки дар давраҳои гуногун зиндагӣ мекунанд, инчунин хусусиятҳои миллию фарҳангии онҳоро инъикос мекунанд.

Одоби муҳоварати тоҷикӣ дар муқоиса бо одоби муҳоварати Ғарб бо хушмуомилагии махсуси худ, яъне «хушмуомилагӣ бо нияти ҳамраъйӣ» фарқ мекунад, дар ҳоле ки дар Аврупои Ғарбӣ хушмуомилагии манфӣ ё «хушмуомилагӣ бо нигоҳ доштани масофа» маъмул аст. Дар муоширати тоҷикон ба аҳволи ҳамсуҳбат таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад ва масъалаи вазъи саломатии ӯ, одатан, ифодаи холӣ нест, бинобар ин, ҷавоби муфассал ҳам комилан мувофиқ хоҳад буд. Одоби муҳоварати шарқиёна ба расму оину одат тобеъ буда, аз меъёрҳои умумии қабулшуда берун баромаданро иҷозат намедиҳад. Ҳар як сухани гуфташуда, ҳар як амал аз нуқтаи назари ин меъёр баҳогузорӣ карда мешавад.

Тасаввуроте, ки дар тафаккури инсон оид ба хушмуомилагию нармгуфторӣ падид меояд, бештар ба меъёрҳои фарҳангию иҷтимоии ҷомеае, ки дар он умр ба сар мебарад, инчунин ба махсусиятҳои тарбия ва маърифати ӯ вобаста аст. Ба маълумоти мавҷудаи забон такя намуда, маърифати хушмуомилагии дар фарҳанги ҳар як миллати муайян ҷойдоштаро ташаккул додан мумкин аст. Риояи қоидаҳои хушмуомилагӣ калиди муоширати бомуваффақият ва хубу натиҷабахш мебошад.

Хушмуомилагии забонӣ ё нармгуфторӣ ба сатҳи муносибатҳои шарикони коммуникатсионӣ вобаста аст ва яке аз категорияҳои марказии прагматикаи лингвистӣ мебошад. Категорияи хушмуомилагӣ танзимгари рафтор мебошад. Риояи принсипи хушмуомилагӣ ба иштирокчиёни муошират (коммуникантҳо) имкони ба ҳадафҳои гузоштаашон расиданро медиҳад. Хушмуомилагӣ ва изҳори он нисбат ба ҳамсуҳбат заминаҳои асосии меъёри одоби муоширатро ташкил медиҳад. Этикет танҳо яке аз василаҳои муошират аст, ки одамон аз он истифода мебаранд. Муқоисаи он бо воситаи асосии муоширати инсон – забон – имкон медиҳад, ки на танҳо одоб, балки худи забон низ амиқтар дарк карда шавад.

Дар ҷараёни муошират иштирокчиёни коммуникатсия нақшҳои гуногунро иҷро мекунанд, ки ба ҳар кадоми он ҳуқуқу вазифаҳои муайяни коммуникантҳо ва имконияту маҳдудиятҳои рафтори коммуникативӣ вобаста мебошанд. «Нақшҳои асосии коммуникативӣ – нақшҳои адресант (гӯянда ё нависанда, эҷодкунандаи матн), адресат, адресати бавосита (дуюмдараҷа) ҳамчун иштирокчии фаъоли муошират ва

мушоҳидакунанда ё тамошобин ҳамчун иштирокчии ғайрифаъоли муошират ба ҳисоб мераванд» [22, с.66].

Адресант нутқи худро ба адресат ҳамчун объекти нутқи худ равона намуда, ба ин ё он андоза ба ӯ таъсир мерасонад. Ҳамзамон адресат аз тарафи адресант ҳамчун субъекти дуюми ҷараёни муошират, ҳамчун шарики суҳбат қабул карда мешавад.

Дар ҷараёни муошират ба адресант чунин хусусиятҳо хос мебошанд:

- нақшҳои шахсии иҷтимоӣ ва психологӣ (мақоми болоро ишғол намудан ва ё дар тобеият будан, калонсол ва ё хурдсол будан ва м.и.) –ро намоиш додан;

- дар қабули қарорҳо ташаббускор будан;

- масъулияти асосии коммуникативиро ба дӯш гирифтан;

- дар интихоби мавзӯъҳои муайян, стратегия ва тактикаи нисбат ба адресат муассир фаъол будан. Мувофиқи ақидаи забоншиноси рус Н.И.Формановская, «мафҳуми адресати нутқ муайян аст. Адресати нутқ шахсест, ки маҳсули нутқ ба ӯ равона гардида, ӯро ба муошират бевосита (ё тавассути нутқ ё тавассути матн) водор менамояд. Инчунин, ҳар шахси гирандаи мактуб низ адресат маҳсуб мешавад. Адресат ҳамчун ҳаммуаллифи ҳама гуна матни эҷодшуда баромад мекунад. Аслан ҳар як матн ба ин ё он андоза ба адресат нигаронида мешавад [21, с.99].

Адресат ҳамчун ҳаммуаллифи ғайриихтиёр маҷбур мекунад, ки адресант (гӯянда) бо назардошти хусусиятҳои фарқкунандаи фардию иҷтимоии ҳамсуҳбат (синну сол, ҷинсият, сатҳи маърифат) шаклу қолаби муоширатеро интихоб намояд, ки ба ҳамон вазъияту аснои нутқ бештар мувофиқ аст.

Забоншиноси рус В.Е. Гольдин қайд мекунад, ки нақши адресатро танҳо шахсе иҷро карда метавонад, ки адресати нутқи худро дошта бошад. Шахсе, ки матнро эҷод мекунад, вале намедонад, ки онро кӣ мутолиа менамояд, адресант ҳисоб намешавад. «Шахсоне, ки гуфтану навиштанро оғоз мекунанд, бешубҳа гӯянда ё нависанда маҳсуб меёбанд, вале шарт нест, ки ҳатман адресант бошанд» [8, с.35]. Масалан, шахсеро, ки барои худ дафтари хотира менависад, адресант номидан мумкин нест. Дар ин ҳолат вазифаи муаррифии шахсият амалӣ мегардад, на вазифаи ба роҳ мондани робита.

Хушмуомилагию нармгуфторӣ фазилати беҳтарини инсонист. Сухани нарму гуворо ва бо эҳтиром гуфташуда дар ҳама ҳолат ба кас рӯҳу неруи тоза бахшида, ба накукорӣ ҳидоят менамояд. Муҳаммад алайҳиссалом маҳз ҳамин нуктаро ба эътибор гирифта фармудаанд: «Гуфтори нарм занҷири дилҳост». Аз ин рӯ, таҳлилу таҳқиқ ва истифодаи бамавриди воҳидҳои одоби муҳоварат, аз ҷумла воситаҳои забонии ифодакунандаи эҳтирому самимият, махсусан, дар даврони мустақил гаштани давлати тоҷикон ва ба ин васила густариш ёфтани робитаҳои дипломатии байни Тоҷикистону давлатҳои дигари дунё дар ҳама соҳаҳои ҳаёт, хеле муҳим аст.

Масъалаҳои одоби муҳоварат ва ҷузъи асосии он хушмуомилагӣ ҳамчун мавзӯи омӯзиши илми забоншиносӣ борҳо таваҷҷуҳи муҳаққиқонро, аз он ҷумла забоншиносони рус А.А. Акишина [1], В.М. Алпатов [2], А.Г. Балакай [5, с.6], Т.Г. Винокур [7], В.Г. Костомаров [13], Л.П. Крысин [16], Н.И. Формановская [1, с.21, 22], Т.А. Ларина [15] ва дигаронро ба худ ҷалб карда, аз ҷониби онҳо ҳам ҷиҳатҳои умумии меъёрии нутқ ва ҳам ҷиҳати қолабҳои устувори муошират (пазиромӣ, хайрухуш, арзи миннатдорӣ, узрхоҳӣ, дархост) дар аснои муайяни нутқ дар ин ё он забон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар забоншиносии тоҷик қолабҳои устувори муошират ва воҳидҳои одоби муҳоварат, ҳамчунин ҷузъи ҷудонашавандаи одоби муҳоварат – самимияту эҳтиром ва хоксорию фурӯтанӣ аз ҷониби забоншинос М.Р. Ҷӯраева [26, с.9] ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст, ки дар заминаи асари Зайниддин Восифӣ «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ва матнҳои васоити ахбори омма сурат гирифтааст.

Ҳангоми муқаррар намудани меъёри забони адабӣ дар ҳар марҳилаи инкишофи забон, одатан, ба забони насри бадеӣ ва забони воситаҳои ахбори омма такя мекунанд.

Ба омӯзиши осори Ф.Муҳаммадиев дар илми филологияи тоҷик як қатор асару таҳқиқоти илмӣ бахшида шудаанд. Муҳаққиқони осори Ф.Муҳаммадиев Турсунов Ф.М. [18], Шоев М.Э. (24), Ҳомидова М.И. [23], Бакаева М.Т. [4] ва дигарон асосан ба таҳлили асолати жанрии эҷодиёти адиб, хусусиятҳои лексикӣ ва грамматикии асарҳои ӯ диққати зиёд додаанд. Забони персонажҳои асарҳои Ф.Муҳаммадиев бошад, бо мақсади муайян кардани услубҳои иҷтимоӣ ва бадеӣ, инчунин муайян кардани нақши эшон дар тавсифи

хусусиятҳои иҷтимоӣ ва фардии персонажҳо баррасӣ карда шудаанд. Аммо аз нуқтаи назари функционалӣ-семантикии одоби муошират ва корбурди воҳидҳои одоби муҳоварат забони персонажҳои асарҳои Фазлиддин Муҳаммадиев, ки меъёри забони тоҷикии нимаи дуюми асри ХХ-ро инъикос мекунад, умуман таҳқиқ карда нашудааст. Танҳо дар рисолаи диссертатсионии Ҷӯраева М.Р., ки бевосита ба мавзӯи матраҳшаванда алоқаманд аст, якчанд ишораеро ба нутқи персонажҳои «Палатаи кунҷакӣ» дучор омадем, ки вобаста ба ин ё он воҳиду аснои нутқ мавриди корбаст қарор ёфтаанд: «Нишондиҳандаҳои мавқеи гӯянда дар ҷомеа стратегияҳои забонӣ ва ғайризабонии гӯянда мебошанд, ки тавассути онҳо ӯ фосилаи мавҷудаи байни коммуникантҳоро нишон медиҳад. Дар ҳалқаи наздикон [дар оила, дар байни дӯстон] зоҳир намудани хушмуомилагӣ муҳим нест, зеро дар ин ҷо мафҳумҳои нисбатан олитар, аз қабили муҳаббат ва самимият бартарӣ доранд:

– Офарин! Ман, ошно, хурсанд, мисли пештара ба гап даромадӣ. Акнун ин тарафаш чор амал [ФМ, ПК, 32].

– Аз суҳбат карданатон дар ин хусус маълум, ки чанд дақиқа вақти холӣ доред. Иҷозат диҳед, ***муаллим,*** *ба Шумо бо мисоле ҷавоб гардонам.*

– Марҳамат, ***азизам Алихон!*** *Дар суҳбат мисол овардан бакуллӣ ҷоиз бувад* [ФМ, ПК, 191] [8, с.49].

Зикр кардан зарур аст, ки дар романи «Палатаи кунҷакӣ»-и Ф. Муҳаммадиев қобилияти таҳаммулпазирӣ нисбат ба атрофиён ва роҳандозӣ шудани муносибатҳои неку самимӣ дар байни коммуникантҳо нақши назаррас дорад. Тарбияи таҳаммулпазирӣ бевосита бо ҳосил намудани малакаҳои одоби муоҳоварат ва фарҳанги муошират алоқаманд аст. Аз ин рӯ, хушмуомилагӣ ва таҳаммулпазирӣ дар рафтори коммуникатсионӣ механизмҳои коҳиши хашму ғазаб ва рафъи дағалгуфторӣ мебошанд. Дар ин гуна аснои нутқ интихоби дурусти воситаи муроҷиати мувофиқ хеле муҳим аст. Чунончи:

– Қариб тамом шуд? – дилтангона мепурсид Иброҳимҷон.

– Қариб, ***азизам****, қариб… Дила васеъ кун,* ***ошно****!. Гуфтаанд-ку оқилон: духтари саросема ба дасти шавҳари ноаҳл меафтад.*

– ***Ҳой Кармен****, ту аз афташ хаёл мекунӣ, ки ин ҷонварон аз суратказиши ту шод шуда сар бар осмонҳо месоянд. О, мон бечораҳо камтар чаро кунанд, вақти нӯшхорашон мегирӣ.*

–Мекунанд, ***чӯраҷон****, ҳар кор вақту соат дорад. Санъат қурбонӣ металабад, гуфтаанд* [ФМ, ПК, 28].

Аз матни боло маълум мешавад, ин ҷо гуфтугӯйи ду рафиқи ба ҳам наздик Иброҳимҷон ва Қамар ҳангоми ба навор гирифтан тасвир шудааст. Иброҳимҷон, ки аз давутози рафиқаш дилаш ба танг омада буд, изҳори норозигӣ мекунад ва маҳз аз ҷониби ҳамсуҳбати ӯ – Қамар бо оҳанги ҳазломез ба кор бурда шудани мухотабҳои ***азизам, ошно, чӯраҷон*** ба оҳанги гуфтор як навъ самимият ворид карда, дилтангии ҳамсуҳбати ӯро аз байн мебарад.

Дар «Палатаи кунҷакӣ» ҳамчунин матнҳое низ дучор мешаванд, ки консепти таҳаммулпазирӣ дар шакли мулоҳизаронии персонажҳо баён мегардад, ба ибораи Н.И Формановская тавассути «тасвири нарративии одоби муҳоварат» [23, с.69-70] ифода меёбад. Чунончи:

Тоифае ҳастанд, ки махсус машқҳо карда, овози худ, оҳанги гуфтори худро сайқал медиҳанд, «беҳтар» мекунад. Чунон ки баъзеҳо гашт, нишасту хези басавлат, чандин шакли дастфишорӣ, саҳеҳтараш, тариқи дастдиҳиро ҳангоми вохӯрӣ аз худ мекунанд. Иброҳимҷон ошное дорад, хоҳ дар сари кор бошад, хоҳ дар кӯчаю бозор, – оҳанги гуфтораш ба монанди малакест, ки ҳамин ҳоло аз осмон афтодааст, махсус барои он фуруд омадааст, ки ҳусну қубҳи ин оламро ба чашми нобинои дигарон кушода диҳад ва ононро ба ягона роҳи дурусти зиндагонӣ ҳидоят кунад, ки онро фақат ӯ медонаду Худо. Ба меҳмон вай «Марҳамат, биёед» мегӯяд. Вале аз оҳангаш маънии зайл хонда мешавад: «Худат мебинӣ, ки ба шарафи мусоҳибаи ман чандон муносиб нестӣ.

Аммо чӣ тадбир? Модом ки ба остонаи хона омадаӣ, акнун ворид бишав, майлаш чанд дақиқаи гаронбаҳоро ба садақа додан лозим меояд…» [ФМ, ПК: 70].

Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ, ки бо ақидаҳои ибратбахши хеш дар адабиёти тоҷику форс мақоми хосса дорад, дар боби хушмуомилагиву нармгуфторӣ чунин мефармояд:

«Луфт кун, лутф, ки бегона шавад ҳалқа ба гӯш»; «Бо дӯст ва душман тариқи эҳсон пеш гир, ки дӯстонро меҳру муҳаббат биафзояд ва душманонро кину адоват кам шавад» [25, с.24].

Як хусусияти ҷолиби услуби Ф.Муҳаммадиев он аст, ки дар нутқи персонажҳои асари мазкур воҳидҳои муроҷиате корбаст гардидаанд, ки ҳатто дар вазъияти муътадили муошират тобиши маънои эҳтирому самимият дар онҳо эҳсос мегардад. Албатта, омили муҳимми дарки тобиши маъно дар одоби муҳоварат талаффузи ифодаҳо аст. Ҳангоми гуфтор оҳанги баён аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Масалан, дар порчаи зерин, ки муколамаи муқаррарӣ ва маъмулие, ки дар зиндагии ҳаррӯза ба он дучор шудан мумкин аст, тасвир карда шудааст.

*– Чӣ хизмат, **барнойигит**?*

*– **Елизавета Ивановна**, якта карточкаро ёфта медидед…*

…– Ба назди ӯ пагоҳ, рӯзи равшан равед, дер мешудааст?

– Ман ба ягон ҷой рафтанӣ нестам.

– Набошад, карточка чӣ лозим?

– Елизавета Ивановна…

*– **… Елизавета Ивановна, барака ёбед, азоб надиҳед.** Ба акаам худатон нагӯед, кӣ хабар медиҳад?..*

– Хайр, ҳозир. Аз афташ, «Дидам ҷамоле, абрӯ ҳилоле…» А! Ёфтам?...

– Боз чиҳо навишта шудааст дар карточкаатон? – пурсид Иброҳимҷон.

*– Ҳа, ҳа … мақсад маълум… «Дил пора кард холи сиёҳ…» – ба ноҷӯриаш нигоҳ накарда, Иброҳимҷонро масхаракунон замзама мекард зан. **– Шодиёна, барнойигит.** Хиромоннисо, ё Хиромонбибӣ шавҳар надоранд… Акнун надоранд..*

–Акнун?

– Ҳа, доштааст. Аз қайди никоҳ бароварда шудааст.

*– **Раҳмат, Елизавета Ивановна. Елизавета Ивановна, илоҳо саратон дардро набинад*** [ФМ, ПК, 17].

Калимаи ***барнойигит,*** ки нависанда дар забони яке аз персонажҳои худ (дар синну сол аз шахси муроҷиатшаванда калонтар), истифода бурдааст, дар муносибат ба мардони ҷавон мухотаби хеле муносибу мувофиқ аст. Нависанда ифодаи мазкурро шояд дар радифи ибораи русии «молодой человек» сохта бошад, зеро аз муколама маълум аст, ки яке аз мусоҳибон зани рус аст. Илова бар ин, назар ба маълумоти дар даст доштаи мо дар забони тоҷикии солҳои 60-80-уми асри гузашта муроҷиат бо ному насаб дар системаи одоби муошират тоҷикӣ низ хеле маъмул гашта буд. Дар асари мазкур низ, тавре ки аз мисолҳои дар боло овардашуда маълум мегардад, ин навъи мухотаб серистеъмол буда, бамаврид ба кор бурда шудааст. Як ҷиҳати ҷолиби чунин навъи муроҷиат он аст, ки муносибати адресант (гӯянда)-ро ба адресат (шунаванда) муътадил ифода менамояд. Мутаассифона, чунин навъи муроҷиат аз байн рафта бошад ҳам, бар ивази он воҳидҳои муроҷиати мувофиқ пайдо нагардиданд. Имрӯзҳо ҳатто дар муассисаву корхонаҳо дар муроҷиат ба ҳамдигар аз мафҳумҳои хешутаборӣ, аз қабили ***апа, ака, хола, таго*** истифода бурда мешавад, ки дар мошрати расмӣ қобили қабул нест.

Мафҳумҳои хешутабориро дар забони персонажҳои Ф.Муҳаммадиев зиёд дучор шудан мумкин аст. Махсусияти истифодаи ин гуна воҳидҳо дар таркиби номҳои хос ба кор бурда шудани онҳо аст. Ба назари мо, дар асари бадеӣ барои табиӣ ва воқеӣ баромадани нутқи қаҳрамонҳои асар истифодаи ин навъи ифодаҳо ҷоизанд. Чунончи,

*Ҷисми ӯ, ба қавли ҳамхонаи наваш **Ивон-амак**, ҳавосанҷ шудааст* [ФМ, ПК: 6].

*Иброҳимҷон пагоҳӣ, аснои берун рафтани **Ивон-амак** пурсид, ки чаро номи мӯйсафедро вайрон талаффуз мекунанд.*

*–Вайрон не, – ба лаҳни ҳукми қатъии баҳснопазир ҷавоб дод Носир Аббос. – Талаффузи қадимии тоҷикиаш ҳамин. **Ивон-амак**ро нисфи республика мешиносад. Вай як вақтҳо **Вана** буд, сони **Ивон** шуд, баъдтар – **Ивон-ака**, ҳоло – **Ивон-амак**. Умед ҳаст, ки **Ивон-бобо** ҳам шавад...* [ФМ, ПК: 57].

Мувофиқи тасвири аснои муошират одамон дар кӯчаву бозор ва дигар ҷойҳое, ки одамон ғайриихтиёр ба доираи муошират ворид мешаванд, аз ҷониби нависанда маълум мегардад, ки мафҳумҳои хешутаборӣ дар ин гуна мавридҳо фаровон истифода мешудаанд:

Мебахшед, ***писар****, – вай аз бистараш бархоста, ба наздиктари Иброҳимҷон омад, ин кори шахсии шумо, аз як тараф, лекин ба ин масъала ҷиддӣ муносибат кардан лозим. Ҳангоми суҳбати духтур ба вай киноямез луқмаҳо партофтанатон, рости гап, ба ман маъқул нашуд [ФМ,ПК: 38].*

Сар то сари бозори карамро давр зада, тӯдаеро хуш намуд ва ба соҳиби он рӯй оварда:

*–****Ака,*** *савдо карда намешинем. Ба нархи бозор ҳисобӣ мекунем. Чӣ гуфтед?*

*–Албатта, ба нархи бозор****, хоҳар,*** *– гуфт деҳқон дар ҳолате ки аз муомилаи ғайриоддии ин ҷавонзан ба ҳайрат афтода буд, илова ба ин аз андоми хуши ӯ чашм канда натавониста, гӯё шах шуда меистод* [ФМ, ПК: 180].

Як махсусияти воҳидҳои одоби муҳоварат дар «Палатаи кунҷакӣ» он аст, ки баъзе аз ифодаҳое, ки дар алоҳидагӣ маъмулан маънои эҳтиромро ифода менамоянд, бо оҳанги киноямез низ ба кор бурда мешаванд.

«*Ин суҳбатҳо, бешак, фоиданоканд, ҳатто мароқованд, – аз дил гузаронд Иброҳимҷон. – Лекин мақоле ҳаст, ки себама хӯрдӣ, гоз деҳ. Баъд* ***ин олими муҳтарам*** *хоҳад гуфт, ки ана ман барномаро баён кардам, ҳатто ҷузъиёти ҳодисаро фаҳмонда додам, акнун навбат ба шумо. Марҳамат, саргузашти худро нақл кунед…»* [ФМ, ПК: 33].

Зотҳое ҳастанд, ки чизеро бо қайчӣ буридан шаванд, албатта даҳонашонро баробари тегҳои қайчӣ ҳаракат медиҳанд, – дилтангона фикр мекард Иброҳимҷон. – Набзшумории ***ин ҷаноб*** *ҳам ба даҳонкаҷкунии ҳамон қайчибадастон мемонад…»* [ФМ, ПК: 21].

Ҳоло барои таҳқиқу тадқиқи касалиҳо ҳамаи шароит муҳайёст. Лекин ***табибони арҷманд маъзур медоранд****, Иброҳимҷон вазифаи калламуши таҷрибавиро ба зима гирифтан наметавонад. Барои ин хидмат ягон зоти соддатарро ёфтан лозим меояд* (ФМ, ПК: 11).

Чунин навъи ифодаҳо дар “Палатаи кунҷакӣ” зиёд ба чашм мерасанд. Ба назари мо, ҳатто дар ҳолатҳои асабонияту озурдагию норозигӣ корбаст шудани воҳидҳои дар мисолҳои боло зикргардида нишони он аст, ки дар ин марҳилаи инкишофи муносибатҳои байниҳамдигарӣ сатҳи маърифати одамони ин давра баланд будааст. Барои муқоиса ҳусни муносибатҳоро дар замони муосир ёдрас шудан бамаврид аст, зеро костагии одоби муҳоварат қариб дар тамоми сатҳу соҳаҳо ба назар мерасад. Ба андешаи мо, ба ҷойи ифодаҳои дар асл ифодакунандаи эҳтиром, аммо ба таври киноямез истифодагардидаи ***ин олими муҳтарам, ин ҷаноб, табибони арҷманд маъзур медоранд*** имрӯз гуфтори бебокона, ошкоро ва ҳатто дурушту дағалу ба мақсад мувофиқтар дониста мешавад.

Таҳлили маводи забонӣ нишон дод, ки дар нутқи персонажҳои “Палатаи кунҷакӣ”-и Фазлиддин Муҳаммадиев усули афзоиш (ба ҳам овардани шаклҳои мухталифи мафҳуми хушмуомилагӣ) васеъ истифода мешавад. Дар нутқи гӯянда ба шунаванда ба як воситаи ифодакунандаи эҳтиром боз дигар воситаҳо низ илова мегарданд: мухотаб, ҷонишини “Шумо” (барои ифодаи маънои субъективии эҳтиром нисбат ба як шахс), феъл дар шакли ҷамъ, маҷмӯи калимаҳо (бо маънои эҳтиром, хоксорию фурӯтанӣ ва м.и.):

Духтари зебо, *– ҷавон боз ба гап даромад, – номатон чист?*

- Зевар.

- Зевар. Ин чӣ маънӣ дорад ба тоҷикӣ?

- Ҳамту асбоби ороиш.

- ***Шуморо зеби дунё, ороиши рӯзгор гӯянд, меарзад****...* [ФМ, ПК: 131].

Ҳамин тариқ, механизми ифодаи хушмуомилагӣ (эҳтиром) дар қолаби муайян зоҳир мешавад. Қолаби хушмуомилагӣ (эҳтиром) аз се ҷузъ иборат аст: 1) мухотаб – номи адресат дар шакли ягона; 2) зикри мухотаб – адресат – шакли ҷонишини шахсии "шумо"; 3) амали субъект – адресат - шакли ҷамъи феъл (хабари ҷумла).

Муқарриз: ***Ҷӯраева М.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Акишина А.А. Русский речевой этикет. Учебное пособие для студентов-иностранцев. Изд. 2-е, испр. / А.А. Акишина, Н.И. Формановская. – Москва, 1978.
2. Алпатов, В.М. Категория вежливости в современном японском языке / В.М. Алпатов. - Москва: Наука, 1973. - 109 с.

3. Амлоев А.Я. Словообразование имён существительных в художественной прозе Фазлиддина Мухаммадиева: дис. канд. филол. наук / А.Я. Амлоев. - Душанбе, 2014. – 229 с.
4. Бакаева М.Т. Художественные функции реалий в произведениях Фазлиддина Мухаммадиева и особенности воспроизведения их национального колорита в русских переводах: дис. докт. филол. наук / М.Т. Бакаева. - Душанбе, 2021. - 164 с.
5. Балакай А.Г. Русский речевой этикет и принципы его лексикографического описания: дис. докт. филол. наук / А.Г. Балакай. - Новокузнецк 2002.
6. Балакай А.Г. Словарь русского речевого этикета / А.Г. Балакай. – Москва, 2001. – 669 с.
7. Винокур Т.Г. Говорящий и слушающий: варианты речевого поведения / Т.Г. Винокур. - Москва: Наука, 1993. – 171 с.
8. Гольдин В.Е. Обращение: теоретические проблемы Саратов / В.Е. Гольдин. – Саратов: Изд-во Саратовского ун-та, 1987. – 127 с.
9. Джураева М.Р. Коммуникативно-прагматический анализ устойчивых формул общения в средствах массовой информации Таджикистана: дис. докт. филол. наук / М.Р. Джураева. - Душанбе, 2017. – 320 с.
10. Зубарева А.А. Формулы русского речевого этикета: социолингвистическое исследование: автореф. дис. канд. филол. наук / А.А. Зубарева. – Пермь, 2007. – 32 с.
11. Камолиддинов, Б. Ҳусни баён / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1989. – 118с.
12. Карнеги, Д. Как завоевать друзей и оказывать влияние на людей / Д.Карнеги. – М.: Прогресс, 1992. – 356 с.
13. Костомаров В.Г. Русский речевой этикет. Обращения, формулы приветствия, прощания, благодарности / В.Г. Костомаров. - М., 1972.
14. Кременцова О.В. Одоби муошират / О.В. Кременцова. – Душанбе: Маориф, 1985. – 92с.
15. Крысин Л.П. Язык в современном обществе / Л.П. Крысин. – Москва: Просвещение, 1977. – 191 с.
16. Ларина Т.И. Категория вежливости и стиль коммуникации. Сопоставление английских и русских лингвокультурных традиций / Т.И. Ларина. – Москва, 2009.
17. Леонтьев А.А. Национальные особенности коммуникации как междисциплинарная проблема / А.А. Леонтьев // Национально культурная специфика речевого поведения. - М., 1977. – С.5-23
18. Луцева О.А. Речевой этикет [категория вежливости] и его изменение на стыке двух эпох [конец XIX первая четверть XX века]: дисс. канд. филол. наук / О.А. Луцева. - Таганрог, 1999. - 151 с.
19. Турсунов Ф.М. Лексико-семантический анализ пословиц и поговорок в таджикском и русском языках: На материале произведений Фазлиддина Мухаммадиева: дис. канд. филологических наук / Ф.М. Турсунов. - Душанбе, 1999. – 158с.
20. Федорова Т.В. Семантика вежливости и средства ее выражения в современном русском языке [на материале произведений современной драматургии]: дисс. канд. филолог, наук / Т.В. Федорова. - Брянск: БГУ, 2004. – 199 с.
21. Формановская Н.И. Вы сказали: «Здравствуйте!» (речевой этикет в нашем общении) / Н.И. Формановская. – Москва, 1989. – 172 с.
22. Формановская Н.И. Русский речевой этикет: лингвистический и методический аспекты / Н.И. Формановская. – Москва, 1982. – 462 с.
23. Н.И. Формановская, Культура общения и речевой этикет / Н.И. Формановская. – Москва, 2005. - С.69-70.
24. Хомидова М.И. Особенности изображения и эволюция восприятия в произведениях Фазлиддина Мухаммадиева: дис. канд. фил. наук / М.И. Хомидова. – Душанбе, 2019. - 165 с.
25. Шоев М.Э. Жанрово-тематические особенности очерков Фазлиддина Мухаммадиева: дис. канд. филол. наук / М.Э. Шоев. - Душанбе, 2003. – 165 с.
26. Ҷӯраева М.Р. Воситаҳои ифодаи эҳтиром ва фурӯтанӣ дар забони тоҷикии асри XVI: дис. номз. илм. Фил. / М.Р. Ҷӯраева. - Душанбе, 1998. – 146 с.

МАХСУСИЯТҲОИ КОРБАСТИ ВОҲИДҲОИ ОДОБИ МУҲОВАРАТ ДАР «ПАЛАТАИ КУНҶАКӢ»-И Ф.МУҲАММАДИЕВ

Дар мақола яке аз мавзӯъҳои мубрами илми забоншиносии муосир – одоби муошират ва масъалаи корбасти воҳидҳои одоби муҳоварат мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифи мақола андешаҳои забоншиносони маъруфи русу ватониро ба асос гирифта, дар атрофи мавзӯи мазкур мулоҳизаронӣ кардааст. Аҳаммияти мавзӯи мақола аз он иборат аст, ки дар он таҳлили воҳидҳои одоби муҳоварат, воситаҳои ифодаи категорияи эҳтирому самимият аз рӯйи маводи забони персонажҳои асари безаволи Ф.Муҳаммадиев «Палатаи кунҷакӣ», ки инъикоскунандаи тамоюлҳои забонӣ ва муайянкунандаи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистони асри XX мебошанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Агар зери мафҳуми одоби муошират тартиби муқарраршудаи рафтор фаҳмида шавад, пас мафҳуми одоби муҳоварат моҳиятан мафҳуми васеътар буда, якнавохт нест. Ба таври мухтасар, мафҳуми одоби муҳоварат дар аснои муайяни нутқ ба таври автоматӣ ба кор бурдани қолабҳои устувор аст. Агар муфассалтар тафсир диҳем, одоби муҳоварат интихоби воситаҳои муносиб ва мувофиқро аз ҷониби шахс нисбат ба адресати мушаххаси худ дар ҳолати муайян, асно ва муҳити мушаххаси муошират танзим мекунад. Одоби муҳоварат як соҳаи васеи қолабҳои маъмули муошират мебошад. Дар раванди тарбия ва мавқеи иҷтимоӣ пайдо кардани одам ҳангоми ба мақоми шахсият доро шудан ва ҳарчи бештар аз худ кардани забон ӯ меъёрҳои ахлоқии муносибатро бо атрофиён, аз ҷумла муносибатҳоеро меомӯзад, ки тариқи нутқ сурат мегиранд, ба ибораи дигар, фарҳанги муоширатро аз худ мекунад. Таҳқиқи илмии корбасти воҳидҳои одоби муҳоварат аз ҷониби Ф. Муҳаммадиев барои муайян ва муқаррар кардани манзараи муносибатҳои

байниҳамдигарии одамон ва ҳусни баёнро дар сатҳҳои гуногуни одоби муошират, ки мувофиқи нақшҳои коммуникативии иҷтимоии иштирокчиёни ҷараёни муошират сурат мегирад, аҳаммияти амалӣ дорад.

Калидвожаҳо: одоби муошират ва масъалаи корбасти воҳидҳои одоби муҳоварат, забони персонажҳои асари безаволи Ф.Муҳаммадиев «Палатаи кунҷакӣ», тамоюлҳои забонӣ, қолабҳои устувор.

ОСОБЕННОСТИ ПРИМЕНЕНИЯ ЕДИНИЦ РЕЧЕВОГО ЭТИКЕТА В «УГЛОВОЙ ПАЛАТЕ» Ф. МУХАММАДИЕВА

В статье анализируется одна из важнейших тем современного языкознания – этика общения и использование единиц речевого этикета. Автор статьи опирается на взгляды известных российских и отечественных лингвистов и размышляет над этой темой. Значение статьи определяется тем, что в ней анализируются единицы речевого этикета, средства выражения категории уважения на основе языка персонажей «Угловой палаты» Ф. Мухаммадиева, отражающая языковые тенденции и определяющая социально-экономическую и культурную жизнь Таджикистана XX века. Если понятие этики общения означает установленный порядок поведения, то понятие речевого этикета по своей сути намного шире и неоднозначно. В целом, понятие речевого этикета – это автоматическое применение устойчивых шаблонов в определенные моменты речи. В частности, речевой этикет регулирует выбор адресантом наиболее подходящих и необходимых средств по отношению к его или ее конкретному адресату в конкретной ситуации, времени и среде. Речевой этикет – это обширная область распространенных коммуникативных моделей. В процессе воспитания и обретения социального статуса, по мере того, как человек приобретает статус личности и максимально изучает язык, он изучает моральные нормы отношений с другими, в том числе отношения через речь, иными словами, изучает культуру речи и общения. Научная интерпретация использования единиц коммуникативной этики Ф. Мухаммадиевым является важным для определения картины межличностных взаимоотношений в различных ситуациях общения, что происходит в соответствие с социальными коммуникативными ролями участников процесса общения.

Ключевые слова: этика общения и использование единиц речевого этикета, язык персонажей «Угловой палаты» Ф. Мухаммадиева, языковые тенденции, устойчивые шаблоны.

FEATURES OF APPLICATION OF ETHICS IN THE "CORNER CHAMBER" F. MUKHAMEDIEV

The article analyzes one of the most important topics of modern linguistics - the ethics of communication and the use of units of speech etiquette. The author of the article relies on the views of well-known Russian and domestic linguists and reflects on this topic. The significance of the article lies in the fact that it analyzes the units of speech etiquette, means of expressing the category of respect and sincerity based on the language of the characters of F. Mukhammadiev's "Corner Chamber", reflecting the Tajik language and economy. trends are analyzed. If the concept of ethics of communication means an established order of behavior, then the concept of speech etiquette is inherently much broader and ambiguous. In general, the concept of speech etiquette is the automatic application of stable patterns at certain moments of speech. In particular, speech etiquette regulates a person's choice of the most suitable and necessary means in relation to his or her specific addressee in a specific situation, time and environment. Speech etiquette is a vast area of common communication patterns. In the process of upbringing and acquiring social status, as a person acquires the status of a personality and learns the language as much as possible, he studies the moral norms of relations with others, including relations through speech, in other words, he studies the culture of speech and communication. The scientific interpretation of the use of units of communicative ethics by F. Mukhammadiev is important for determining the picture of interpersonal relationships in various communication situations, which occurs in accordance with the social communicative roles of participants in the communication process.

Key words: ethics of communication and the use of units of speech etiquette, the language of the characters of F. Mukhammadiev's "Corner Chamber", linguistic tendencies, stable patterns.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Файзова Таҳмина*** - Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур, унвонҷӯйи кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734017, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 146

Сведения об авторе: ***Файзова Тахмина*** - Таджикский аграрный университет им. Ш.Шотемура, соискатель кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734017, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 146

Information about the author: ***Fayzova Takhmina*** - Tajik Agrarian University named after Sh.Shotemura, applicant for the Department of the Tajik language. **Address:** 734017, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 146

УДК: 491.550-3

ВИЖАГИҲОИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ ЛЕКСИКАИ СОҲАИ ЧОРВОДОРӢ ВА ПАРАНДАПАРВАРӢ ДАР ГӮЙИШИ ТОҶИКЗАБОНОНИ ВОДИИ ҒОРОН

Шердилова С.Ф.
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев

Водии Ғорон чун дигар минтақаҳои Тоҷикистон барои парвариш ва нигоҳубини чорво шароити мусоид дошта, мардуми он шароити хуби ҷуғрофии мавзеи мазкурро ба ҳисоб гирифта, ҳанӯз аз замонҳои қадим ба парвариши чорво машғул шуда, ин соҳаи ҳаётан муҳимми зиндагиро то имрӯз ҳаматарафа ривоҷу равнақ дода истодаанд.

Вобаста ба ин лексикаи соҳаи чорводории мардуми Ғорон рангоранг ва пурғановат буда, дорои калимаву истилоҳоти зиёде мебошад, ки бархе аз онҳо дар дигар шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ вуҷуд надоранд.

Аз ин рӯ, луғати ин соҳа назар ба дигар соҳаҳо бойтару ғанитар аст. Лексикаи соҳаи чорводорию парандапарварӣ дар асоси маводи ин ё он лаҳҷаи забони тоҷикӣ то имрӯз пурра омӯхта нашудааст. Танҳо аз рисолаҳои Р.Л. Неменова ва Ғ. Ҷӯраев «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» [1980, с.166-172], Ш. Исмоилов «Лексикаи лаҳҷаи Қаротегин» [1982, с.9], Н. Гадоев «Лексикаи лаҳҷаи Тагнов» [2012, с.84-86], Р. Сангинова «Лексикаи лаҳҷаи Конибодом» [2012, с.92], И. Сулаймонов (Лексикаи чорводорӣ дар лаҳҷаи кӯҳистони Ҳисор, [2010, 85-89], С. Раҳматуллозода «Баррасии лингвистии гурӯҳҳои мавзӯии таркиби луғати лаҳҷа» [2014], каму беш оид ба ин мавзӯъ маълумот пайдо кардан мумкин аст. Инчунин А. Мирбобоев оид ба «Лексикаи чорводорӣ дар забони вахонӣ» (1991), Г. Неъматов «Лексикаи чорводории забони Яғнобӣ» (1998) ва М. Аламшоев «Лексикаи чорводорӣ дар забони шуғнонӣ» (2007), таҳқиқоти пурраи этнолингвистӣ бурдаанд.

Вожаҳое, ки дар ин соҳа мавриди истифода қарор доранд, дар ин гӯйиш аз нигоҳи теъдод хеле зиёд буда, аслан, умумитоҷикианд ва тафовут фақат дар шакли лаҳҷавии онҳо дида мешавад.

Дар гӯйиши тоҷикзабонони водии Ғорон барои ифодаи умумии ҳам ҳайвоноти хонагӣ ва ҳам ҳайвоноти ваҳшӣ, калимаи ***айwон*** (ҳайвон), **мол, лағна** истифода мешавад, ки аз инҳо калимаи ҳайвон дар забони адабии тоҷик ва дар гӯйиши тоҷикони водии Ғорон **мол** ва **лағна** серистеъмол мебошанд. **Аму лағнора ба ow бъбар.** (Ҳамон ҳайвонотро ба обхурӣ бар).

Дар забони вахонӣ низ барои ифодаи умумии ҳайвонот ҳамин се калима истифода мешавад [2, с.43]. Вожаи **айвон** (ҳайвон) аслан калимаи иқтибосӣ буда, он аз забони арабӣ тавассути забони тоҷикӣ ба лаҳҷаҳо гузашта, дар гӯйиши тоҷикзабонони Ғорон дар шакли ***айwон*** васеъ корбурд мешавад.

А. Мирбобоев истифодаи вожаи **лағнаро** ба таври муқоиса дар забони тоҷикӣ ва дигар забонҳо нишон дода, қайд намудааст, ки вожаи мазкур дар аксар мавридҳо ба маънои маҳдуд – «хароб», «лоғар» (нисбати чорвои хурд) истифода мешавад (шуғнонӣ, бачуӣ: лоғар, тоҷикӣ: лоғар «хароб», афғонӣ: леғ «хурдӣ», «камӣ») [2, с.49].

Вожаи мазкур дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин шарҳ дода шудааст: «Ҳайвон – зинда, ҷондор; ҷондори безабон» [8, с.718]. Калимаи **«мол»** дар гӯйиши тоҷикони Ғорон ба ғайр аз маънои «бойигарӣ», «чизу чора» ба маънои “ҳайвоноти хонагӣ” васеъ корбурд шуда, ҳам маънои кулл ва ҳам ҷузъро ифода мекунад. Истилоҳи «мол» ба маънои кулл ҳам барои чорвои хурд ва ҳам барои чорвои калон истифода мешавад. Чунончи: **моли майда** (бузу гӯсфанд) ва **моли калон** (гов, хару асп).

А. Мирбобоев дар рисолаи номзадии худ дар мавзӯи «Лексикаи чорводорӣ дар забони вахонӣ» оид ба корбурди вожаи «мол» дар забони вахонӣ ва баъзе диалектҳо чунин қайд намудааст: «мафҳуми «ҳайвоноти хонагӣ», «чорво» дар забони вахонӣ бо калимаи «мол» ифода карда мешавад... дар бархе аз гӯйишҳои шеваҳои марказӣ ва ҷанубӣ, маънои умумиистеъмолиро ифода мекунад. Ҳамин тавр метавон хулоса кард, ки маънои дуюми лексемаи «чорво» дар забони вахонӣ аз забони тоҷикӣ гузаштааст» [2, с.44-47].

Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон мафҳуми умумии ҳайвони хурд (бузу гӯсфанд) бо калимаи ***мол*** ифода карда мешавад. Инчунин, барои фарқ намудани чорвои хурд аз чорвои калон ибораи ***моли майда*** – чорвои шохдори хурд истифода мешавад.

Г. Неъматов дар рисолаи номзадии худ "Лексикаи чорводорӣ дар забони яғнобӣ" қайд кардааст, ки дар забони яғнобӣ ҳайвони хурд бо калимаи ***"буз"*** ифода карда мешавад [6, с.24]. Аммо дар гӯйиши тоҷикзабонони водии Ғорон аз рӯйи ҷинсият ва синну сол ҳайвонот ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд: **бъзина** (буз), **мешина** (гӯсфанд), **барабъча** (барраву бича), **нарина** (нар), **модина** (мода).

Дар гуйиши мардуми Ғорон калимаи ***чаранда*** низ серистемол мебошад. Ин калима маънои ҳайвони алафхӯрро дорад, яъне мечарад. **Мешо да зъмино чаридаистодан** *(Гӯсфандон дар заминҳо алаф чарида истодаанд (хӯрдаистодаанд)*.

М. Аламшоев оид ба истилоҳи **чаранда** ва истифодаи он дар забони шуғнонӣ ва дигар забонҳои помирӣ чунин қайд намудааст: "...лот. чаринда "ҳайвони алафхӯр буда, ки мечарад", он ба гурӯҳи забонҳои эронӣ дохил шавад ҳам, дар забони шуғнонӣ ва дигар забонҳои помирӣ бо тағйирёбии фонетикӣ (садонокҳои: а, і, ā) истифода мешавад [1, с.34].

Номи ҳайвоноту парандаҳои хонагӣ. Вожаҳои ба номи ҳайвонот ва парандаҳои хонагӣ мансуббударо ба зергурӯҳҳо ҷудо намудан лозим аст:

Вожаҳои мансуб ба гов ва навъҳои он: Дар водии Ғорон ба парвариши гов бисёр диққат медиҳанд, чунки заминҳоро ба воситаи гов ҷуфт мекунанд, аз маҳсулот ва шираш бештар истифода мебаранд. Вожаи гов барои ҳамаи тоҷикон калимаи умумиистеъмолӣ буда, дар лаҳҷаи ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ бо ҳамин маъно ифода меёбад.

Вожаи ***гов*** (гов) маънои куллро ифода намуда, мафҳуми ҳайвоноти калонро дар бар мегирад. Аммо дар вақти таъкиди аломати онҳо (ранг, сиёқ, ҷинс, ҷасад ва ғайра) вожаи мазкур бо калимаҳои дигар омада, мафҳуми ҷузъро мефаҳмонад. Масалан: ***гови шохдор*** "гове, ки шох дорад", ***модагов*** "гови мода", ***пиргов*** "гове, ки пир шудааст".

М. Ҳасандӯст дар «Фарҳанги решашиносхти забони форсӣ» вожаи говро ба таври зайл шарҳ додааст: "Гов **/gäv/,** пистондори нешхоркунанда ва алафхӯр, ки шохҳои бешоха ва тӯхолӣ дорад ва аз муҳимтарин чорпоёни аҳлӣ аст, ки аз пӯст, шир ва гӯшти он истифода мекунанд." Инчунин, муаллифи Фарҳанги мазкур истифодаи вожаи **говро** дар забонҳои қадим ва ҳозира нишон додааст [16, с.2336].

Дар гӯйиши ғоронӣ барои ифодаи ҷамъи ҳайвони калон (гов) вожаи ***пода*** истифода мешавад. Мисол: ***Подара ба пъшта бърдан*** (Подаро ба пушта бурданд). Вожаи **пода** дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" чунин шарҳ дода шудааст: "Пода – галаи гову буз ва ғ., ки ҳар як деҳа алоҳида барои чаро ташкил мекунад" [9, с.105]. Дар забони тоҷикӣ бо роҳи калимасозӣ бо калимаи **пода** калимаҳои мураккаби **подабон, подабонӣ, подабаро** ва ғ. сохта шудааст, ки вобаста ба мазмун мафҳуми алоҳидаро ифода мекунанд. Вожаи **подабонӣ** дар гӯйиши ғоронӣ бо калимаи ***нубат*** ифода меёбад. Мисол: *Бачо ба нубат рафтан* (Бачаҳо подабонӣ рафтан).

Дар водии Ғорон ва дигар ноҳияҳои Бадахшон **подаро** ҳар хонавода ба навбат як рӯз подабонӣ мекунад. Аз ин рӯ, калимаи **нубат** шакли таҳаввулёфтаи **"навбат"** мебошад.

С. Хоркашев оид ба умумиистеъмол будани вожаи **гов** дар забонҳои эронӣ чунин қайд намудааст: "...вожаи умумиистеъмолии гов барои ҳамаи забонҳои оилаи забонҳои эронӣ умумӣ аст ва на танҳо дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ, балки барои ҳамаи тоҷикон вожаҳои **барзагов, модагов, ҷавона**, **ғуноҷин, гӯсола, пиргов, қисир, тайлоқ** умумиистеъмоланд" [15, с.143].

Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон гови нари ноахташударо **бъқа** мегӯянд. Инчунин, аз рӯйи синну сол ҳам навъҳои он фарқ мекунанд. **Бъкъл** (гӯсолаи дусолаи нар), **чъwона** (буққаи наре, ки ҳоло ба шудгор намудани замин нарасидааст). Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ баъзе аз анвоъ бо талаффузи шевагиашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ба ин вожаҳо: **чъwона//ҷавона, чуҳуна, чуна, ҷавона** [14, с.15].

Аз рӯйи ранг: Дар гӯйиши тоҷикони водии Ғорон барои ифодаи гови сафеду сиёҳ истилоҳи **гови ала** (алобуло), дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ **гови мийонакол**, дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб **гови қашқа** ва дар шеваи ҷануби шарқӣ **гови ала-була** ифода меёбанд. Дар водии Ғорон истилоҳи **гови рахш** маъмул буда, ки дар дигар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ низ ба ҳамин маъно ифода меёбанд. Фарбеҳию харобии чорвои калон дар Ғорон

чун ҳайвоноти боркаш бо калимаҳои зерин ифода карда мешавад: ***бақъwат, ялтаст, ҷаласт лъмбък, лъшм*** (нисбати фарбеҳӣ), ***лоша, хароб, лосък*** (нисбати харобӣ).

Вожаҳои ***ялтаст, ҷаласт, лъшм*** нисбати ҳайвоне, ки аз фарбеҳӣ мӯйи тахтапушташ ҷило медиҳад ва гӯшти баданаш меларзад, истифода мешаванд.

Вожаҳои ***лоша, хароб, лосък*** нисбати гове, ки дар баданаш равған нест ва тамоман гӯшти кам дорад, истифода мешаванд. **Гowои лошара ка-и зъйотар бъндозет, ки ҳол бъгиран** (Говҳои харобро коҳи зиёдтар диҳед, ки фарбеҳ шаванд).

Дар Ғорон гове, ки намезояд бо ибораи ***гови қъсър*** ифода меёбад. Дар лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ ва қаротегинӣ "модагови қисир" бо ибораи **гови фар** истифода мешавад [14, с.146].

Дар асари Г. Неъматов мафҳуми **"гови қисир"** нисбати говҳое, ки минбаъд насл намедиҳанд истифода шуда, калимаҳои **farda "субай"** нисбати говҳои нодушоӣ кор фармуда мешавад [6, с.44].

Вожаи **хашгов** (қутос) дар фарҳанги "Бурҳони қотеъ" дар шакли **ғажғов** ва **ғажгов** омада чунин шарҳ дода шудааст: "Ғажғов ба маънии ғажғо-ст, ки гови қутос бошад; ва баъзе думи он говро қутос мегӯянд ба ҷиҳати он ки асли ин луғат гажгов аст, яъне абрешумгов, чи гаж ба маънии абрешум ҳам омадааст". Вожаи ғажгов низ ба маънои гови қутос омадааст [5, с.280].

Бояд зикр намуд, ки дар забони ҳозираи тоҷик вожаи **қутос** истифода мешавад. Вале шакли классикии **ғажғов (гажгов)** дар забонҳои помирӣ, аз он ҷумла, дар гӯйиши ғоронӣ дар шакли **хашгов** нигоҳ дошта шудааст.

Ному намудҳои бузу гӯсфанди хонагӣ: Бузу гӯсфанд аз замонҳои қадим дар ҳаёти одамон нақши муҳим доранд. Онҳо барои маҳсулоти ширӣ, гӯшт, пашм ва пӯсташон истифода ва нигоҳубин карда мешаванд. Ин навъи ҳайвонот вобаста ба синну сол ва навъ (яъне гӯсфанд ва буз) аз ҳамдигар фарқ мекунанд: **така** (бузи нари ноахта), **нарбъча** (бузи яксола), **нарбъз** (бузи нари калон), **бъча** (бузғола), **ангорӣ** (навъи буз), **чапиш** (бузи модаи нозоида). Дар водии Ғорон аз ҷиҳати мӯй бузҳо ду навъ мешаванд: ангорӣ, ки мӯйи онҳо мулоим буда, онро барои тайёр намудани **ресмон/ришта** истифода мебаранд. Ин намуди муйро **тебът** меноманд. **Имсол ай бъзо 10 кг тебът гърфтъм** *(Имсол аз бузҳо 10 кг мӯйи тибит гирифтам)*. Дигар намуди бузҳо бошанд мӯяшонро бузму (бузмӯй) мегӯянд. Ин навъи мӯйро танҳо барои бофтани гилеми тоҷикӣ, ки дар хонаҳои бадахшонӣ бофта ва ҳамчун намад ё қолин истифода бурда мешаванд, тайёр карда мешавад. Истилоҳи **бъз** (буз) умумитоҷикӣ буда, дар ҳамаи лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва ҷанубу шарқӣ ба ҳамин маъно ифода меёбанд.

Гӯсфанд яке аз намуди ҳайвоноти хурд мебошад. Мардуми мо аз қадим онро ҳамчун ҳайвони хурди хонагӣ барои таъмини зиндагиашон аз шир, гӯшт ва пашму пӯст парвариш мекунанд. Дар гӯйиши тоҷикони водии Ғорон мафҳуми гӯсфанд бо калимаҳои ***гӯсфанд*** ва ***меш*** ифода карда мешавад. Калимаи ***меш*** назар ба **гӯсфанд** сериствъмол мебошад. Калимаи ***меш*** маънои "гӯсфанди мода, модагӯсфанд" - ро ифода мекунад. Дар лаҳҷаҳои Бухоро низ калимаи *меш* ба маънои "модагӯсфанд" шарҳ дода шудааст [4, с.150]. Албатта, чунин шарҳи муаллиф оид ба лексемаи ***меш*** ба гӯйиши тоҷикони Ғорон низ мувофиқат мекунад. Вожаи ***меш*** дар забонҳои дигари эронӣ низ корбурд мешавад: *язгуломӣ меш, шуғнонӣ маг, рӯшонӣ мев, бачӯй мав, вахонӣ мау, мунҷонӣ мэуа/мэа, афг. маз лот* [2, с.60]. Дар забони яғнобӣ мафҳуми **гӯсфанд** бо калимаи **сутур** ифода карда мешавад [6, с.24].

М. Ҳасандӯст дар «Фарҳанги решашинохти забони форсӣ» вожаи гӯсфанд ва мешро шарҳ додааст. "Меш (měš) "гӯсфанд, ба вижа гӯсфанди мода", "форсии миёна: **mēš,** ирониии бостон: **maiši-/-maiša,** санскрит: mĕsa, (музаккар) "фавҷ, меш," **mesī** (муаннас) "модаи гӯсфанд, меш", муштақанд аз ҳиндуурупоӣ: **moiso-s/maiso-s** "гӯсфанд; чарм, пӯст; лаҳистонӣ: **miech** "киса, гунӣ, машк", мивониёӣ: **maišas** "тӯбара, бузранг, ҷувол", лидунёӣ: **māiss** "гунӣ, киса", moisos/maisos (бо афзояи -s) зоҳиран муштақ аст аз решаи **меғ-mei** "моқ кашидан, баъ-баъ кардан" (қиёс санскрит: -mi, ma–, (mimāti), "ғуррӣ кардан, баъ-баъ кардан", низ қиёси авастоӣ: **maēša** "меш", **maēšī** (музаккар) "модаи гӯсфанд", **maēšina–** (сифат) мешин аз меш, мешӣ, портӣ: **"myš[mēš]",** сакоӣ: miña "мешин, аз **меш*maišin**y**ă (ka)...** хоразмӣ: **mh** "меш" **(*maišī), mhnȳk** "гӯсфанди нар, қӯч", пашту: **maǧ** "меш, қуч",

maǧa “модаи гӯсфанд”, суғдӣ: maγ, сарикӯлӣ: **mewl,** язғуломӣ: **maw** “меш” **(maiša),** яғнобӣ: **meš** “меш”, балучӣ: **“meš”** “меш”, гӯронӣ: **mäîä, mäî** “меш”, ошитиёнӣ: **miša** “меш” ... арманӣ: **mak’i** “меш”, ки муштақанд аз ҳиндуурупоӣ: **mek*** – бағ-бағ кардан, маъ-маъ кардан ...” [16, с.2485-2486].

Тибқи маълумоти Фарҳанги мазкур метавон хулоса кард, ки вожаи меш дар забонҳои зикргардида нисбати гӯсфанди мода истифода шудааст. Дар гӯйиши ғоронӣ низ вожаи меш нисбати гӯсфанди мода корбурд мешавад.

А. З. Розенфелд дар таҳқиқоти худ нисбати истифодаи вожаи ***меш*** чунин қайд кардааст, ки бо ин вожа тавассути пасванди **–ак (-ък)** лексемаи **мешак//мешък** сохта шудааст ва маънии “гӯсфанди кӯҳӣ”, архар; *мешаки нар* архар; *мешаки мода* архар”-ро дорад [7, с.113]. Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ бошад истилоҳи гӯсфанд серистеъмол мебошад. Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон бошад, бештар истилоҳи **меш** истифода бурда мешавад ва гӯсфанд калимаи умумитоҷикӣ буда, истилоҳи **меш** дар Ғорон боз навъҳои гуногун дорад. **Тарък** (баррачаҳои навзод), **нарбара** (гӯсфанди яксолаи нар), **ҷондор** (гӯсфанди калони нар), **търкӣ** (гӯсфанди думбадори калон), **бара** (барра), **баррабъча** (баррачаю бузичаҳои хурд).

Барои ифодаи ҷинси модаи гӯсфанд аз рӯйи фарқияти инкишофи синну сол калимаҳои ***нъзем, меш*** кор фармуда мешавад. Вожаи ***нъзем*** нисбати барраи аз дусола то сесола то давраи бори аввал зоиданаш истифода бурда мешавад. Дар гӯйиши мазкур нисбати гӯсфанди нар вобаста ба синну сол ахта ё ноахта буданаш калимаҳои ***нарбара, ҷондор, гър//гърк*** истифода мешавад. Вожаи ***нарбарра*** нисбати барраи нари аз 2 то 3 сола, ***ҷондор*** нисбати гӯсфанди аз 4 сола боло кор фармуда мешавад. Нисбати гӯсфанди нари ноахта вожаи ***гър//гърк*** истифода мешавад. Инчунин, барои нишон додани синну соли ҳайвоноти хурд аз ҷумла, гӯсфандон сифатҳои **майда, калон** ва **пир** истифода мешавад, ки ин вожаҳо умумиистеъмол мебошанд. Масалан: ***барраи майда*** – барраи хурд, ***меши пир*** – гӯсфанди пир, ***меши калон*** – гӯсфанди калон, ***майдамеш –*** гӯсфанди майда.

Дар водии Ғорон гӯсфанде, ки намезояд бо ибораи ***меши късър*** ифода меёбад. ***И нъзем имсол късър монд*** (Ин гӯсфанд имсол барра накард). С. Хоркашев қайд намудаанд, ки мафҳуми **“гӯсфанди қисир”** дар минтақаҳои Сарихосор ва Ховалинг бо ибора – истилоҳи **“гуспани сибай”** ифода меёбад [14, с.20].

Гӯсфандонеро, ки аз онҳо шир медӯшанд бо ибораи ***“меши душоӣ”*** ифода мекунанд. Масалан, ***Мешои душоира ка бъндозет*** (Ба гӯсфандони ширдор коҳ диҳед). Бояд қайд намуд, ки бо роҳи калимасозии сохта ва мураккаб нисбати гӯсфандони **ширӣ** калимаву истилоҳҳои зиёде кор фармуда мешавад. Масалан: ***“ширмак, ширдор, ширхор, ширдеҳ, ширмаст, сершир, камшир, бешир”*** ва ғ.

Калимаи ***ширдор*** нисбати гӯсфандон ва дигар намуди ҳайвоноти ширдиҳанда васеъ истифода мешавад. Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” вожаи **ширдор** ба чунин маъно омадааст: ширдор – моле, ки шир медиҳад, моле, ки шири зиёд дорад [12, с.676].

Нисбати гӯсфандоне, ки шири зиёд доранд, вожаи ***сершир*** корбаст мешавад, ки калимаи мазкур дар забони адабӣ низ ба ҳамин маъно истифода мешавад.

Дар гӯйиши ғоронӣ вожаи ***ширмаст*** дар соҳаи чорводорӣ васеъ истифода мешавад. Вожаи мазкур нисбати баррaҳои навзоде, ки шири модарашонро ба серӣ хӯрда фарбеҳ ва чолок мешаванд, корбурд мешавад.

Вожаи **ширмаст** дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” низ ба ҳамин маъно шарҳ дода шудааст: “**ширмаст** – бачаи бузу гӯсфанд ва ғ.., ки чолок ва шӯху бозингар аст” [12, с.591].

Вожаи **ширмак** дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” чунин шарҳ дода шудааст: ширмак – бачаи одам ё ҳайвоне, ки шири модар мемакад [12, с.549]. Истилоҳи мазкур нисбати баррачаҳои навзод ва то яксола, ки шир мемаканд корбаст шуда, ба шарҳи мазкур мувофиқат мекунад.

Дар водии Ғорон вобаста ба шароити маҳал асосан зоти *бузҳои ҷойдорӣ* парвариш карда мешавад. Дар давраи ҳозира, инчунин, зоти *бузҳои ангорӣ,* ки бузмӯйи маҳин (тибит) доранд, дар хоҷагиҳо парвариш карда мешаванд. Вожаи мазкур дар забонҳои дигари помирӣ чунин шакл дорад: шуғ. ангори ваз, рӯш. ангорау ваз, ишк. ангори вэз.

Қайд кардан ба маврид аст, ки бузи ангориро асосан барои **тибит** парвариш мекунанд, чунки аз он ҳар гуна либосворӣ тайёр мекунанд. Вожаи мазкур дар гӯйиши ғоронӣ дар шакли ***тебът*** ифода меёбад.

Вожаи **тибит** дар фарҳанги "Бурҳони қотеъ" чунин маънидод шудааст: "тибит - пашми нарме бошад, ки аз буни мӯйи буз ба шона барованд ва аз он шоли нафис бофанд" [5, с.269].

Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон пашмтароширо **wъреш** меноманд. Касе, ки ба ин касб машғул бошад, он касро **wърешкън** меноманд. Дар гӯйиши тоҷикзабонони Вахон низ ба ҳамин маъно ин калима ифода меёбад.

Ному намудҳои ҳайвоноти кӯҳӣ: **нахчир** (оҳу), **ранг** (бузи кӯҳӣ), **ҷондор** (гӯсфанди нари калон).

Номи ҷойҳои нигоҳдории чорво ва хӯроки онҳо: ағел/ағил (оғил), **эчък** (эча), **тесък** (ҷойи нигоҳдории барраву бузғолаҳо), **кадон** (коҳдон, ҷойи нигаҳдории алафи зимистона), **охър** (чуқурие, ки дар он гов алаф мехӯрад), **эчък** (ҷойи тухмгузории мурғ), **мърғечък** (ҷойи нигоҳдоии мурғҳо), **шола** (оғили тобистонаи ҳайвонот). Калимаи **эчък** дар дигар лаҳҷаҳои ҷанубӣ дар шакли **эчък/ҳеча** истифода бурда мешавад.

Номи ашхосе, ки ба парвариши чорво машғуланд: Дар гӯйиши ғоронӣ ҷиҳати ифодаи номи умумии касбу кори чорводорӣ истилоҳи ***чупон*** кор фармуда мешавад. Вожаи мазкур дар адабиёти классикӣ дар шакли **шубон** истифода шуда, дар фарҳанги "Бурҳони қотеъ" чунин шарҳ дода шудааст: "шубон - чӯпонро гӯянд, ки чаронанда ва муҳофизаткунандаи гӯсфанд бошад" [5, с.204].

Бовариҳо ва таъбирҳои мансуб ба чорводорӣ: Бояд зикр намуд, ки ҳанӯз аз даврaҳои қадим дар байни мардуми Ғорон ҷиҳати парвариши ҳайвонот як қатор расму одат ва бовариҳо вуҷуд доштанд, ки имрӯз низ он расму русум дар байни мардум мавқеи махсус дошта, онро ба ҷо меоранд. Расму одати марбут ба чорводорӣ ҳангоми ба айлоқ бурдан, ба деҳа овардани чорво, дар деҳа ва дар айлоқ ба ҷо оварда мешавад.

Ҳангоми аз оғил баровардани ҳайвон (ба истифодаи муваққатӣ) соҳиби он аз пашм ва мӯйи баданаш (асосан аз қафои баданаш) каме гирифта, онро дар зери дари оғил таги хок мекунад, ки ин мавридро ***баракат*** ва мӯйиҳои кандашударо ***баракатӣ*** меноманд.

Рӯзҳои ҳафта ҳангоми ба ҷо овардани расму одати чорводорӣ нақши муҳим доранд. Масалан, баъди фасли зимистон ҳангоми чорворо аз оғил баровардан иборaи "рӯзи нек" кор фармуда мешавад. Ба ақидаи мардуми Ғорон рӯзҳои душанбе, чоршанбе, панҷшанбе **рӯзҳои нек** ҳисобида мешаванд. Рӯзҳои шанбе, якшанбе ва сешанбе барои чорво **рӯзи наҳс** мебошанд. Рӯзҳои мазкур нисбати одамон низ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Расми дигаре, ки нисбати чорво дар Ғорон умуман, дар Бадахшон хеле маъмул аст, ***курхат*** (кӯрхат) мебошад. Агар шабона чорво аз чарогоҳ наояд, бо мақсади муҳофизат аз ҳайвоноти даранда онро **кӯрхат** мекунанд. Дар муносибат ба ҳайвони майда аз гузаштагон расму одатҳои зиёде то имрӯз боқӣ мондааст, ки имрӯз дар байни мардуми Ғорон маъмул мебошанд. Масалан, ҳангоми бузу гӯсфандро ба куштан баровардан, ба фурӯш бурдан ва ё ба ягон кас додан аз пашму мӯйи он каме канда мегиранд ва дар тор ё зери дар мемонанд, то ин ки шумораашон кам нашавад.

Ҳангоми рӯзи аввал барои **хънък додан**и **барзавогҳо** (рӯзи аввали ба шудгор шурӯъ кардани замин) рӯз ва соат дида мешавад, вақти баровардани барзаговҳо ба замин ба шоҳҳои онҳо гард аз орд мепошанд, то ки шудгор ба хубӣ гузарад ва барзаговҳо осебе набинанд.

Калимаҳои ифодакунандаи шир ва маҳсулоти ширӣ. Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон номи умумии маҳсулоти ширӣ бо истилоҳи *ширу дуғ* (шир-дуғ) ва калимаи шир чун дигар шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ бо вожаи *шир* ифода карда мешавад.

Тибқи иттилои А. Мирбобоев дар лаҳҷаҳои поён низ нисбати маҳсулоти шири таркиби *шир – дуғ* истеъмол мешавад. Дар забони вахонӣ мафҳуми умумии шир ва маҳсулоти ширӣ бо истилоҳи *ганҷ* ифода карда мешавад [2, с.151]. Бояд зикр намуд, ки дар гӯйиши ғоронӣ низ дар гуфтугӯи калонсолон вожаи мазкур нисбати шир истифода мешавад. Вақте ки пистони гов варам мекунад, истилоҳи *"ганҷ хамбондаст"-ро* истифода мебаранд. Метавон хулоса кард, ки вожаи мазкур дар гӯйиши ғоронӣ низ мафҳуми шир ва маҳсулоти ширирo дар бар мегирад. Бояд зикр намуд, ки вожаи ганҷ дар фарҳангҳои муътабар ба маънои шир ва маҳсулоти ширӣ вонамехӯрад. Аз ҷумла, вожаи мазкур дар

“Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” чунин шарҳ дода шудааст: “**Ганҷ** – 1. тиллову нукра ва ҷавоҳироти дар зери хок пинҳонкарда. 2. хазина, махзан, ганҷина” [11, с.311].

Намудҳои алоҳидаи маҳсулотӣ ширӣ бо калимаву истилоҳоти ҷудогона ифода карда мешаванд: ***шир*** “шир”, ***қаймоқ*** “қабати ғафси болои шир”***, ҷурғот*** “бо роҳи турушонидани шир ҳосил мешавад”, ***дуғ*** “ҷурғоти тунуккардашуда”***, чака*** “аз дуғ бо роҳи чакидан ҳосил мешавад”***, қурут*** **(қурут)** “дуғи ҷӯшондашуда, ки дар офтоб хукш карда мешавад”***, кътах*** **(китах) “**дуғи ширин, ***маска (руған)*** “аз ҷурғоту дуғ ҷудо карда мешавад” ***панир*** “аз шири турушшуда тайёр мешавад”. ***Шира пазед, ки търъш наша*** (Ширро пазед, ки туруш нашавад). ***Ай янгам барои мемоно йак чини ҷурғот гъръфтъм*** (Аз янгаам барои меҳмонҳо як коса ҷурғот гирифтам). ***Чакара ба бозор бърда фърухтан*** (Чаккаро бурда ба бозор бурда фурӯхтанд). ***Апаи Зебогул широи търъшшъдагъра панир кард*** (Апаи Зебогул ширҳои турушшударо панир кард). ***Қърутора ай айлоқ хамбондан*** (Қурутҳоро аз айлоқ фуровардand).

Бояд зикр намуд, ки вожаҳои мазкур дар забонҳои дигари помир низ мавриди истифода қарор доранд. Масалан вожаи *дуғ*: тоҷ. дуғ., вах. диғ, шуғн. диғ. Калимаи *руған* - эр.қ. раугана, вах.руғн, ишк. реғн, тоҷ. равған.

Инчунин, баъзе номҳо бо ибораҳо ифода карда мешаванд, ки бо воситаи онҳо намудҳои гуногуни маҳсулоти ширӣ фаҳмида мешавад: *чаккаи дугӣ* “чаккаи аз дуғ тайёршуда”, қрути чакаги “қуруте, ки аз чакка тайёр шудааст”, руғани маска “равғани маска”, руғани зард (равғани зард) “равғани обакӣ ё обкардагӣ”.

Номи ашёҳое, ки ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти ширӣ истифода мешаванд, бо калимаву истилоҳоти алоҳида ифода ёфта, вобаста ба мақсад аз истилоҳоти гурӯҳи якум фарқ мекунанд. Дар ҳаёти мардуми тоҷик анъанаи аз шир ҷудо кардани равған амали қадимист.

Қисми асосии ин гурӯҳи истилоҳотро ашё ва асбобҳои равғанбарорӣ ташкил медиҳанд: **Хъмбък** “хуме, ки дар он дуғ мекашанд”, **парък** “чӯби сепояи махсус аст, ки чарх зада маскаро аз ҷурғот ҷудо мекунад”, ***чахтъкбанд*** “бандҳои махсуси тасмагӣ, ки бо чахтък баста шуда, чархро дар ҳолати амудӣ нигоҳ медоранд”, **чахтък** “ҳалқаҳои махсуси чӯбини бо чарх васлшуда”, **дуғтасма** “тасмае, ки аз ду тараф дастак дошта, бо парък васл намуда, онҳоро аз ду тараф мекашанд”, ***дуғсътънък/дуғсътън*** “чӯби рости на он қадар ғафс, ки чахтъкбандҳо ба он баста мешаванд”.

Инчунин, истилоҳҳои дигаре вуҷуд доранд, ки асбобҳои тайёр намудан ва нигоҳдории маҳсулоти шириро ифода мекунанд. Аз он ҷумла, ***чахсък/ ширчахсзанък*** (барои соф кардан (чахс задан)-и шир) ***чакахалта, сонхалта*** “халтаи карбосӣ, ки дар он дуғро барои чакидан меандозанд”, “халта аз сони сафед”, **тажбън*** “ҷой барои нигоҳдории равғани маска”, ***качоваи қурут*** “барои хушк кардани қурут”.

Вожаи **кaҷова** дар “Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ” чунин шарҳ дода шудааст: “каҷова (Бдх., Кҳ., Шк.) каҷова, як навъи сабади дарозрӯяи махрутшакл” [13, с.327].

Дар гӯйиши ғоронӣ истилоҳи **ширчахсзанък** ё **дасторък** (дока) барои соф кардан (чахс задан)-и шир) ва вожаи **мелок** (бештар дар айлоқҷойҳо истифода мешавад, ки пиразанҳо онро аз ресмон тайёр намуда, дар он зарфи пур аз ширро меовезанд) хеле маъмул мебошад. **Ширчахсзанъка ба мъ бъде, ки шира чахс бъзанъм** *(Ширполоро ба ман бидиҳед, ки шира соф кунам)*. Вожаи чахс дар “Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ” ба ҳамин маъно танҳо аз маводи Бадахшон оварда шуда, чунин шарҳ дода шудааст: “чахс//чаҕс (Бдх.) – ширполо (барои полудани шир), асбобест, ки барои софкорӣ кардани шир истифода мебаранд” [13, с.831]. Аз рӯйи шарҳи Фарҳанги мазкур метавон хулоса кард, ки вожаи мазкур ба ҳамин маъно дар Бадахшон маъмул буда, дар дигар лаҳҷаҳои ҷанубӣ роиҷ нест.

Бояд зикр намуд, ки лексикаи марбут ба маҳсулоти ширӣ ва зарфҳои нигоҳдории онро ба ғайр аз калимаву истилоҳоти тоҷикӣ ва худӣ, инчунин, калимаҳои иқтибосӣ низ

---

* **Тажбън** – ҷойи махсус барои нигоҳдории равғани маска, ки асосан дар айлоқ дар як гӯшаи кърич сохта мешавад. Дарашро бо санги ҳамвор мепӯшанд, ки ҳар кас онро намекушояд.

ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, вожаҳои туркӣ-ӯзбекӣ (қаймоқ, ҷурғот, қурут) мисол шуда метавонанд.

Истилоҳҳои марбут ба усулҳои коркарди шир. Ба ин гурӯҳи лексика истилоҳоте дохил мешавад, ки ҳолати шир, маҳсулоти ширӣ, ашё ва мафҳуми коркарди ширро ифода мекунанд. Вобаста ба маъно истилоҳҳои мазкур ба ду зергурӯҳ ҷудо карда мешаванд:

–Истилоҳҳое, ки ҳолати шир ва маҳсулоти ширро ифода мекунанд;

–Истилоҳҳое, ки ашё ва мафҳуми коркарди ширро ифода мекунанд.

Ба гурӯҳи аввал истилоҳҳои зерин дохил мешаванд: *търъш кардан "туруш шудани маҳсулоти ширӣ", хафък кардан "пайдо шудани кафк дар рӯйи дуғ", гъл задан "пайдо шудани маска дар рӯйи дуғ".*

Ҳамчунин, ҳиссаи номии баъзе феълҳои таркибиро исм ташкил медиҳад: *хафък кардан "хафък", "пайдо шудани кафк дар рӯйи дуғ", гъл задан "гъл", "пайдо шудани маска дар рӯйи дуғ".*

Ба гурӯҳи дуюм истилоҳҳое, дохил мешаванд, ки ашё ва мафҳуми ҷараёни тоза кардани ширро ифода мекунанд. Асосан ин гурӯҳи истилоҳҳоро феълҳои таркибӣ ташкил медиҳанд, ки қисми номии онҳо исм мебошад. Ин исмҳо вобаста ба маънои лексикӣ номгӯи маҳсулоти ширӣ мебошанд: ***ширҷӯшонӣ*** *(ширро ҷӯшондан)*, ***монъкънӣ*** *(турушондани шир),* ***ҷърғоткънӣ*** *(ҷурғот тайёр кардан),* ***дуғ дохтан*** *(ҷурғотҳоро дар дуғкашак якҷоя кардан),* ***дуғкашӣ*** *(тайёр кардани дуғ),* ***қърутҷушонӣ*** *(ҷӯшонидани қурут),* ***қърутвардорӣ*** *(қурутро аз деғ бардоштан),* ***поштъкънӣ*** *(қурутро барои хушк кардан кулулача кардан).*

Калимаҳои ифодакунандаи расму одат марбут ба маҳсулоти ширӣ. Дар байни мардум расму одати марбут ба маҳсулоти ширӣ ва коркарди он вуҷуд дорад. Яке аз маҳсулоти асосии ширӣ ин дуғ ба шумор меравад. Мавриди омода намудани дуғ дар айлоқ ҳамчун расм ба ҷо оварда мешавад. Занон бо навбат дар рӯзи муайян ба назди зане, ки дуғ дорад меоянд. Чунин расмро дар Ғорон ***дуғкашӣ*** меноманд. Зане, ки навбати дуғи ӯ мебошад ***дуғдор*** меноманд. Заноне, ки ба кърич[†] **дуғдор** меоянд, онҳоро ***дуғкаш*** меноманд. Ҳангоми дуғкашӣ чунин расм вуҷуд дорад, ки агар касе аз деҳа ба айлоқ биёяд, ӯ ба кърич зани дуғдор намедарояд. Гӯё ки дуғ дер тайёр мешавад ё маска аз дарунаш ҷудо намешавад.

Инчунин, дар гӯйиши ғоронӣ баъзе истилоҳҳо вобаста ба тайёр намудани дуғи якум, коркард ва истифодаи "шири аввал" вуҷуд дорад. Масалан, шири аввал, ки аз говои навзоида медӯшанд, **филла** номида мешавад, ки онро ба одамони бегона намедиҳанд, танҳо аҳли хонавода истифода мебарад. Дуғи якум ва маскаи бори аввал гирифтаро низ ба ҳамсояҳо намедиҳанд, ки гӯё файзу баракати он мепарад.

Ҳангоми ҷудо намудани маска аз дуғ зани дуғдор бори дуюм даруни дуғро бо дастонаш ҷудо карда мегирад.

Инчунин, мавриди равғанобкунӣ дар айлоқҷойҳо низ ҳамчун расм ба ҷо оварда мешавад. Равғанобкунӣ асосан рӯзи панҷшанбе ё ҷумъа охирҳои моҳи август иҷро карда мешавад. Дар байни занони айлоқдор чунин расм вуҷуд дорад, ки онҳо ба моҳ нигоҳ мекунанд, ки моҳ пурра шуда бошад, то ки маскаи ҷамъкардаашонро об кунанд. Агар моҳ пурра гирд нашуда бошад, гӯё ҷогаҳҳои равғанашон низ пур намешаванд. Рӯзи равғанобкунӣ ба ғайр аз занони равғанобкун дигарон аз назди **къричҳо** дур мераванд, то ки ҳама ҷо ором бошад ба онҳо халал нарасонанд. Дар гӯйиши ғоронӣ инро бо истилоҳи ***пай нашад*** ифода мекунанд.

Зани айлоқдор, ки тағриба дорад, маскаи ҷамъкардаро кам-кам ба деғ андохта, аловро паст меандозад, то ки равған тез об шуда нарезад. Равғани обшударо аз деғ бардошта, онро бо дока меполонанд, то ки равған тоза шуда, боқимондаҳои равғани обшударо аз нав ба деғ андохта, равғани онро ҷудо мекунанд. Боқимондаи равғани обкардашударо дар гӯйиши ғоронӣ ***търъшък*** меноманд.

Номи ҳайвонҳои боркаш. Аслан ҳайвони хонагии боркашро дар гӯйиши тоҷикони Ғорон ҳайвони саворӣ мегӯянд. Аз ҳайвоноти боркаш дар Ғорон асосан хар истифода

[†] Кърич – ҷойи муваққатии тобистонаи одамон дар айлоқ, ки дар он ҷо дуғ ва қурут меҷӯшонанд.

мешавад, ки онҳо боз хелҳои худро доранд ва бо калимаҳои гуногун ифода мешаванд: **хар**, **хотък** (курраи хар), **мочахар** (хари мода), **гурхар** (хари рах-рах), **нархар** (хари нар).

Дар гӯйиши ғоронӣ барои ифодаи ҷинси нарина вожаи ***нархар*** ва барои ҷинси модаи он вожаи ***мочахар*** чун дигар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷанубу шарқӣ истифода мешавад. Бояд зикр намуд, ки дар дигар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ вожаи **модахар низ** истифода мешавад. Дар гӯйишҳои марказии забони тоҷикӣ бошад, бештар вожаи **модиён** (**мочахар, модахар**) маъмул аст. С. Хоркашев оид ба истифодаи вожаи **модахар** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ чунин қайд намудааст: «... вожаи «**къчхар»** ба маънии «хари мода» истифода шавад ҳам, вожаи **мочахар** чун муродифи он ривоҷ дорад, вале модахар дар ин гурӯҳи лаҳҷаҳо мутадовил нест» [14, с.24].

Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон низ вожаи **модахар** корбурд намешавад. Вожаи **мочахар** аз ду калима – **моча** (бо тағйирёбии фонетикӣ шакли **«мода»** аст) ва **хар** таркиб ёфтааст. Вожаи **моча** дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ чунин шарҳ дода шудааст: «**моча** –1. хари мода. 2. таҳқ. зани бадкора, бероҳагард; мочахар – модахар, хари мода» [11, с.858]. Дар Ғорон ҳангоме ки хару аспро ба чаро мебаранд онҳоро бо занҷири махсус, ки бо оҳани ба мех монанд, бо номи ***гълмех*** маҳкам карда шудааст, дар марғзор мебанданд, яъне табела мекунанд. Вожаи **табела** дар гӯйиши ғоронӣ серистеъмол мебошад. Вожаи мазкур бештар нисбати ҳайвони боркаш корбурд мешавад. Дар «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» вожаи табела чунин шарҳ дода шудааст: «**табела** (Бдх.) – **задан** дар лаби ҷӯ ё марғзор, мех задани афсори сутур» [13, с.645]. Инчунин, истифодаи вожаи мазкур дар шакли **тавела//тавила** дар лаҳҷаи ҷанубу шимоли Кӯлоб, **тевала** дар вахиёӣ-қаротегинӣ (раштӣ) ва қаротегинӣ (раштӣ) ба таври зайл шарҳ дода шудааст: «тавела//тавила (Ҷк., Шк.), 1. арғамчин, банд, ресмони дарозе, ки бо он ҳайвоноти хонагӣ дар чарогоҳ баста мешаванд… 2. (Вқ.) саисхона, охтахона, аспхона; 3. (Бдх.) ба парастории касе супоридани касе, ба умеди касе шудан, бовар карда додан (касе ё чизеро)» [15, с.646]. Аз ин ҷо бармеояд, ки вожаҳои **табела/тавила** барои ҳамаи лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ хос мебошад.

Дар давраи ҳозира дар водии Ғорон навъи ҳайвони боркаш, асп парвариш карда намешавад. Аз ин рӯ, вожагони худии гӯйиши ғоронӣ марбут ба асппарварӣ дар байни мардум, хусусан, насли ҷавон он қадар маъмул намебошанд.

Дар маводи фолклорӣ ва нақлу ривоятҳои мардум оид ба асп ибораҳои тавсифӣ зиёд истифода мешаванд. Масалан: аспи абр, аспи бод “аспи бодпо, аспи тезпо”, аспи Дулдул “аспи афсонавии Ҳазрати Алӣ”, аспи тозӣ “зоти аспи арабӣ”.

М. Маҳмудов дар «Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро» намудҳои аспро чунин шарҳ додааст: «…**аспи бодпо** ниг. **аспи даванд:** аспи бодпо дошта бошӣ, ки да рӯз расӣ; аспи булул як хели асп, ки рангаш ба шишаи булӯр монанд бошад…» [4, с.35].

Бояд зикр намуд, ки бархе аз вожаҳое, ки нисбати намуди аспҳо дар лаҳҷаҳои Бухоро истифода мешаванд, дар гӯйиши ғоронӣ низ корбурд мешаванд. Дар гӯйиши ғоронӣ нисбати аспи навзоди то яксола вожаи ***къра*** “курра” истифода мешавад. Мисол: ***Аспи мо къра кардаст*** (Аспи мо зоидааст).

Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” вожаи курра чунин шарҳ дода шудааст: “курра – бачаи хар, асп, шутур ва ғайра, ки ҳанӯз ба саворӣ нарасидааст, хутик, той, тойча” [12, с.664]. Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ, шимоли Кӯлоб, қаротегинӣ низ нисбати бачаи навзоди хар ё асп вожаи ***къра*** кор фармуда мешавад [13, с.357].

Номи асбобҳое, ки барои ҳайвони боркаш истифода мешаванд: мех, гълмех (гулмех), **расан** (таноб), **хърҷин** (хурҷин), **зини асп, нал** (наъл), **занҷир, фъкбанд** (фукбанд), **ҷил** (анҷоми пушти хар ва асп), **лаҷом** (лаҷоми асп).

Номи намудҳои саг. Вожаи саг барои ҳамаи тоҷикон умумиистеъмолӣ буда, дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ серистеъмол мебошад. Калимаю истилоҳоти **кучък/кучук, сагбача, мочасаг, саги мода, саги нар**, **саги дайду** барои ҳамаи шеваҳои забони тоҷикӣ маъмуланд. Дар гуйиши тоҷикони Ғорон саги модаро **мочък** мегӯянд ва сагчаи майдаро **кучък** ном мебаранд. Истеъмоли калимаи саг дар ин гӯйиш зиёд ба кор меравад. **саги дайду** (саги беҷогард), **саги чупонӣ** (саги ҳайвонбинӣ), **саги вашӣ** (саги ваҳшӣ), **саги молхър** (саги ҳайвонхӯр**), саги куӣ** (саги кӯҳӣ).

Таркиби луғавии гӯйиши тоҷикзабонони Ғоронро истилоҳоти марбут ба парандаҳо хеле бою рангин сохтааст, зеро дар табиати кӯҳсори Ғорон барои парандагон шароити хуби зист ва анвои онҳо ниҳоят зиёд аст. Калимаҳои **зоғ, кабутар, чарда, уқоб, гунҷишк, турна, эзорсурхак, майна, боша, гълбък (акка), фароштурук, бълбъл (булбул), лочин, мурғобӣ, мусича, кawг (кабк)** ва даҳҳо навъи дигар табиати моро рангин сохтаанд.

Номи мурғҳои хонагӣ: мърғи ҷойдорӣ (мурғи ҷойдорӣ), **ҷуҷък** (ҷӯҷа), **мокък** (мурғи мода), **мърғи кръък** (мурғе, ки барои ҷӯҷабарорӣ хобидааст), **мърғи марҷон** (мурғи марҷон), **мърғи илол** (мурғи ҳилол), **мърғи дакан** (мурғи дакан), **мърғи русӣ** (мурғи русӣ), **мърғи ҷуҷъкдор** (мурғи ҷӯҷадор), **мърғи шондагӣ** (мурғе, ки дар тагаш тухм барои ҷӯҷабарорӣ гузоштаанд).

Номи ҳайвоноту дарандаҳои ваҳшӣ: **шер, паланг, гърг** (гург), **рубаҳ** (рӯбоҳ), **хорпъштак** (хорпушт), **сангпъшт** (сангпушт), **хирс, хук, ундък** (суғур), **нахчир** (оҳу, бузи кӯҳӣ).

Калимаҳои ифодакунандаи анвои ҳайвонот ва парандагон дар таркиби луғавии гӯйиши тоҷикзабонони водии Ғорон ҷойгоҳи махсус доранд ва яке аз қабатҳои асосии лексикаи шеваҳоро фаро гирифтаанд. Онҳо таърихи баромади қадимӣ доранд ва метавон гуфт, ки аксарияти онҳо ба фонди асосии луғати забони тоҷикӣ ва шеваҳо дохиланд.

Муқарриз: ***Ҳомидов Д.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Аламшоев М. Шугнанская животноводческая лексика в этнолингвистическом и сравнительно-историческом освещении / М. Аламшоев. – Душанбе: 2007. – 236 с.
2. Мирбобоев А. Лексика животноводства ваханского языка / А. Мирбобоев. – Душанбе:1991. – 195 с.
3. Мирбобоев А. Лексика животноводства ваханского языка / А. Мирбобоев. – Душанбе:1991. – 24 с.
4. Маҳмудов М. Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро / М. Маҳмудов, Б. Бердиев. – Душанбе: Дониш, 1989. – 278 с.
5. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони Қотеъ. Ҷ.3. / Бурҳон Муҳаммадҳусайн. – Душанбе: Адиб, 2014. – 398 с.
6. Неъматов Г. Лексикаи чорводории забони Яғнобӣ / Г. Неъматов. – Душанбе, 1998. – 215 с.
7. Розенфелд А.З. Говор Каратегина / А.З. Розенфелд. – Сталинабад: Тр АН Тадж. ССР, 1960. – 73 с.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. – М., 1969. – 965 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. – М., 1969. – 965 с.
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – 454 с.
11. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. – Душанбе, 2010. – 996 с.
12. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. – Душанбе, 2010. - 1095 с.
13. Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ. – Душанбе: Дониш, 2014. - 841 с.
14. Хоркашев С. (Раҳматуллозода С). Таҳлили лингвистии вожаҳои марбут ба ҳайвонот ва парандагон / С. Хоркашев. – Душанбе, 2020. – 57 с.
15. Хоркашев С.Р. Лексико - семантический и морфологический анализ предметной лексики в южных и юго - восточных говорах таджикского языка / С.Р. Хоркашев. – Душанбе, 2015. – 267 с.
16. Ҳасандӯст М. Фарҳанги решашинохти забони форсӣ / М.Ҳасандӯст. – Теҳрон, 1383. - 4553 с.

ВИЖАГИҲОИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ ЛЕКСИКАИ СОҲАИ ЧОРВОДОРӢ ВА ПАРАНДАПАРВАРӢ ДАР ГӮЙИШИ ТОҶИКЗАБОНОНИ ВОДИИ ҒОРОН

Калимаҳои ифодакунандаи анвои ҳайвонот ва парандагон дар таркиби луғавии гӯйиши тоҷикзабонони водии Ғорон ҷойгоҳи махсус доранд ва яке аз қабатҳои асосии лексикаи шеваҳоро фаро гирифтаанд. Онҳо таърихи баромади қадимӣ доранд ва метавон гуфт, ки аксарияти онҳо ба фонди асосии луғати забони тоҷикӣ ва шеваҳо дохиланд. Метавон гуфт, ки таркиби луғавии лексикаи гӯйиши тоҷикони Ғорон тавассути калимаҳои ифодакунандаи анвои ҳайвонот ва парандагон хеле бою рангин шудааст. Зиндагии инсонҳо бо ҳайвонот ва парандагон зич алоқаманд аст ва дар ҳаёти ҳаррӯза бо онҳо сару кор доранд. Барои ин, истилоҳоти ин гурӯҳ яке аз қабатҳои асосии лексикаи шеваҳоро фаро гирифтааст. Калимаҳои марбут ба ҳайвонот ва парандаҳо лексикаи шеваро бо калимаҳои хосси доираи кору фаъолияту муносибат ба онҳо ва сохтани вожаҳои марбута такмил додааст. Лексикаи чорводорӣ вобаста ба этнография гуногунранг буда, он ба расму одат ва анъанаи гузаштаи мардум алоқамандии ногусастанӣ дорад. Калимаву истилоҳоти таркиби лексикаи мазкур гуногунранг буда, таркиби луғавии лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикиро аз ҳисоби вожаҳои худӣ бою рангин мегардонанд. Водии Ғорон чун дигар минтақаҳои Тоҷикистон барои парвариш ва нигоҳубини чорво шароити мусоид дошта, мардуми он шароити хуби ҷуғрофии мавзеи мазкурро ба ҳисоб гирифта, ҳанӯз аз замонҳои қадим ба парвариши чорво машғул шуда, ин соҳаи ҳаётан муҳимми зиндагиро то имрӯз ҳаматарафа ривоҷу равнақ дода истодаанд. Бояд зикр намуд, ки вобаста ба шароити ҷуғрофӣ мардуми водии Ғорон бештар ба парвариши чорвои хурд машғул мебошанд, чунки ин намуди чорво камхарҷ ва сабукпо маҳсуб меёбад.

Калидвожаҳо: соҳаи чорводорӣ ва парандапарварӣ, хашгов (қутос), модагови дӯшоӣ, мочахар, говҷӯш, молдор, маска, саршир (қаймоқ), ғълбък (акка), чӯпон, ширдеҳ.

ЭТНОЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ СЛОВАРЯ ЖИВОТНОВОДСТВА И ПТИЦ В РЕЧИ ТАДЖИКОВ ГОРОНСКОЙ ДОЛИНЫ

Слова, обозначающие виды животных и птиц, занимают особое место в лексической структуре таджикоязычного диалекта Горанской долины и охватывают один из основных пластов лексических диалектов. История происхождения этих диалектов представляет собой долгую история и можно сказать, что большинство из них относятся к основному фонду таджикского языка и диалектов. Следует отметить, что лексическая структура таджикского диалекта Горан обогащена словами, выражающими различные виды животных и птиц. Человеческая жизнь тесно связана с животными и птицами и человек имеет дело с ними в повседневной жизни. По этой причине терминология этой группы охватывает один из основных пластов лексических диалектов. Слова, относящиеся к животным и птицам, расширили словарный запас диалекта за счет конкретных слов в объеме работы и отношении к ним, а также в построении связанных слов. Слова и термины этой лексики разнообразны и обогащают лексический состав южных диалектов таджикского языка за счет собственных слов. Лексика животноводства разнообразна в зависимости от этнографии и неразрывно связана с обычаями и традициями прошлого. Долина Горон, как и другие регионы Таджикистана, имеет благоприятные условия для разведения и ухода за скотом, а ее жители, учитывая хорошие географические условия местности, занимались животноводством с древних времен. Следует отметить, что в силу географических условий население Горанской долины в основном занимается мелким животноводством, так как этот вид скота недорогой и легкий.

Ключевые слова: животноводство, птицеводство, горный бык, дойная корова, ослица, доярка, скотовод, сливочное масло, сливки, ворона, пастух.

ETHNOLINGUISTIC FEATURES OF THE DICTIONARY OF LIVESTOCK AND BIRDS IN THE SPEECH OF THE TAJIKS OF THE GORAN VALLEY

Words designating species of animals and birds occupy a special place in the lexical structure of the Tajik-speaking dialect of the Goran Valley and cover one of the main layers of lexical dialects. The origin history of these dialects covers a long ancient history and we can say that most of them belong to the main fund of the Tajik language and dialects. It should be noted that the lexical structure of the Tajik dialect Goran is enriched with words expressing rich species of animals and birds. Human life is closely related to animals and birds and deals with them in everyday life. For this reason, the terminology of this group covers one of the main layers of lexical dialects. Words related to animals and birds expanded the vocabulary of the dialect due to specific words in the scope of work and in relation to them, as well as in the construction of related words. Depending on ethnography, and is inextricably linked with customs and vocabulary of animal husbandry is varied by the traditions of the past. Words and terms of this vocabulary are diverse and enrich the lexical composition of the southern dialects of the Tajik language at the expense of their own words. The vocabulary of animal husbandry is diverse depending on ethnography and is inextricably linked with the customs and traditions of the past. Words and terms of this vocabulary are diverse and enrich the lexical composition of the southern dialects of the Tajik language at the expense of their own words. The Goron Valley, like other regions of Tajikistan, has favorable conditions for breeding and caring for livestock, and its inhabitants, given the good geographical conditions of the area, have been engaged in animal husbandry since ancient times. It should be noted that due to the geographical conditions, the population of the Goran Valley is mainly engaged in small-scale livestock raising, since this type of cattle is inexpensive and lightweight.

Key words: livestock and industry poultry, mountain bull, milk cow, donkey, milkmaid, cattle breeder, butter, cream, crow, shepherd, milking milk.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шердилова Сурайё Фармонбековна*** – Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев, аспирант, мутахассиси раёсати кори таълимӣ-методӣ «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф». **Суроға:** 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хоруғ, кӯч.Ленин, 12. E-mail: **ssherdilova@Bk.Ru.** Тел.: **+(992) 934-02-77-88**

Сведения об авторе: ***Шердилова Сурайё Фармонбековна*** - Хорогский государственный университет им. М.Назаршоева, аспирант, специалист управления учеба методической работы «Республиканский институт повышения квалификации и переподготовки работников сферы образования». **Адрес:** 736000, Республика Таджикистан, г.Хорог, ул.Ленина 12. E-mail: **ssherdilova@Bk.Ru.** Тел.: **+(992) 934-02-77-88**

Information about the author: ***Sherdilova Surayo Farmonbekovna*** - Khorog State University named after M.Nazarshoeva, a post graduate, a specialist of department of training method work of state department Republican institute of professional development in education. **Address:** 736000, Republic of Tajikistan, Khorog, Lenin Str., 12. E-mail: **ssherdilova@Bk.Ru.** Tel.: **(+992) 934-02-77-88**

УДК: 811.222.1-8

ОМОНИМИЯИ ФЕЪЛҲОИ АРХАИСТӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ФОРСИИ МУОСИР ВА ТОҶИКӢ

Ахмедова М.Н.
Донишгоҳи федералии (Волга) Қазон, Русия

Бо мурури замон баъзе маъноҳои калимаҳо аз байн мераванд, фаромӯш мешаванд ва ҷойи онҳоро маъноҳои дигар мегиранд, яъне калимаҳои як давраи муайян аз ҷиҳати ифодаи маъно аз давраи дигар фарқ мекунанд. Бархе вожаҳо дар даврaҳои мухталифи таърихии забон гунаи қадимаи худро нигоҳ доранд ҳам, вале аз лиҳози тобишҳои маъноӣ дучори таҳаввулоти муайян гаштаанд. Забоншинос - А.Ҳасанов зимни баррасии ҳифозати вожаҳои қадимӣ дар гӯйиши шимолии забони тоҷикӣ, ки дар сарчашмаҳои қадими порсии дарӣ ва гузашта роиҷ буданд, зикр кардааст: «Аксари чунин вожаҳо дар давраи ҳозира аз доираи таркиби луғавии забони форсии муосир берун монда, ҷойи худро ба калимаҳои дигар додаанд ё кам истифода мешаванд» [17, с.12]. Ба андешаи муҳаққиқони рус М.Д.Степанова ва И.Т. Чернишева тағйироти забон ва кулли қисмҳои он: овоӣ, сарфу наҳвӣ, бахусус, таркиби луғавии он ҳангоми шиносоӣ бо ёдгориҳои даврaҳои қадими инкишофи он ба таври мушаххас маълум мегардад [11, с.153].

Мавҷудияти ихтилоф дар маънои ҳамон як калимае, ки аз замони қадим то ҳол вуҷуд дорад, дарки мазмуни осори пешинаро душвор мегардонад, бинобар ҳамин, зимни омӯзиши мутуни давраи классикӣ хусусиятҳои лексикӣ, тобишҳои маънои омонимии вожаҳоро дар мадди назар қарор додан аз манфиат холӣ нест.

Бархе аз вожаҳо дар гузашта ба як маъно ва ҳоло ба маъноҳои дигар роиҷанд. Чунин навъи омонимияро шартан омонимҳои таърихӣ ё архаистӣ меномем. Гурӯҳи муайяни омонимҳои архаистиро феълҳо ташкил додаанд. Масалан: масдари «**гаштан**» ва гунаҳои феълии он дар осори даврони классикӣ ба чунин маъниҳо ба кор рафтааст: **گشتن [гаштан]** I феъли замони ҳозираи он **گز** [**газ**] газ гирифтан ё неш задан аст; **گشتن** [гаштан] II феъли замони ҳозираи он **گند** [**ганд**] ба маънои гандидан, фосид шудан, мутааффин шудан аст, ки ба ин маъно ва дар гуфтугӯ бештар ба маънои зишту бад дар таркиби вожаҳои **ганда, гандагӣ** имрӯз мустаъмал аст; **گشتن** [гаштан] III феъли замони ҳозираи он **گرد** [**гард**] ва асоси замони гузашта **گشت** [гашт] ба анҷоми амали иҷрошуда далолат мекунад, ки ба ин маъно имрӯз ҳам роиҷ аст. П.Н.Хонларӣ дар шарҳи масдари «**гаштан**» зикр кардааст, ки ин феъл муодили «шудан» аст. Ӯ ҳамчунин ҳолоти корбурди ин масдарро дар таркиби феълҳои номӣ бо ҷузъи исм, сифат ва сифати феълӣ бар маънои «шудан» нишон додааст [19, Ҷ.1, с.154-157]. Дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» бар ин маъно омадааст: «Пас, Худойи азза ва ҷалла ҷонро ба одам ҷуфт гардонид. Ва чун ҷон бо ӯ ҷуфт гашт, он гаҳ мардум гашт…» [12, Ҷ.1, с.11].

Муаррихи асри XI Гардезӣ дар «Зайн-ул-ахбор» ин масдар ва асосҳои замонҳои феълии онро ба маънои мазкур истифода бурдааст. Муҳаққиқ М.Давлатова дар хусуси сермаъноии феълҳои содда дар «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ зикр кардааст: «Маънои аслии ин феъл аз забони ҳозира фарқ надорад: Бифармуд, то об афганданд ва осиёб бигашт» [3, с.140]. Зимни шарҳи маъноҳои феъл дар ин асар ифодаҳои дигари полисемии масдари «гаштан» қайд гардидааст, аз ҷумла:

а) Дар матн феъли «**гаштан**» ба маънои аз касе, аз ақидае рӯ гардонидан, баргаштан дучор меояд: «Чун ин нома ба Баҳром расид, бо пешравони лашкар бигуфт, ҳама хашм гирифтанд ва гуфтанд: ин хидматро, ки мо кардем, ин мукофот набошад, ки Ҳурмуз кард, ба як бор осӣ шуданд ва аз Ҳурмуз **бигаштанд»** [3, с.140].

б) Маънои дигари «**гаштан**» дар асар аз они касе шудан, ба касе тааллуқ доштан аст. Дар чунин сурат, маънои соҳибият «аз они» ба воситаи ҷонишини **ӯ** ва пасоянди **«-ро»** ифода мегардад: «Кобул ва Қандаҳор ӯро гашт ва андар ҳама ҷаҳон ӯро мухолифе намонд» [3, с.140]. Масдари «**гаштан**» ба маъноҳои омонимии I ва II дар осори классикон нисбатан кам истифода шудааст, ки ин нуктаро Масъуд Қосимӣ дар рисолаи худ нигоштааст: «Дархури зикр аст, ки масдари «гандидан» дар матнҳои классикӣ ба вижа

мутуни давраи аввал нисбат ба «гаштан» корбурди камтаре дорад: Бингар сӯйи таом ту ва шароб ту на гандида» [Табарӣ, 22, с.13].

Масдари «гандидан» ва гунаҳои феъли он «ганд, ганда» ба маънои мазкур дар осори давраи асримиёнагии забон низ ба чашм мехӯрад, чунончи дар «Тазкират-ул-авлиё» Шайх Аттор овардааст: «Ки ҳанӯз аз ту бӯйи ганди подшоҳӣ меояд» [1, с.90]. Ҳамчунин дар «Кимиёи саодат» сифати феълии ин масдар «ганда» ба кор рафтааст:

«Хофӣ гуфтӣ: Эй қурро, сафар кунед, то пок шавед, ки «об дар як ҷой бимонад, ганда шавад» [*Кимиёи саодат*, 16, Ҷ.1, с.418].

Ба ин маъно дар «Анвори Суҳайлӣ» низ омадааст: «Ва яке аз машоихи кибор ҷамъе аз муридони худро бад-ин рубоӣ бар сафар таҳриз мефармуд:

Ҳар кас, ки сафар кунад, писандида шавад,
Дар айни камол нури ҳар дида шавад.
Покизатар аз об набошад чизе,
«Як ҷо, ки кунад мақом, гандида шавад» [Анвори Суҳайлӣ,
16, Ҷ.1, с.418].

Имрӯза масдари «**гузидан**» **گزیدن** ва феъли замони ҳозираи он «**гузин**» **گزین** аз ин маъно хеле дур рафта, ба ифодаи интихоб кардан, пеша кардан, ё чизеро писанд кардан [24, с.934], ба мисли: накӯӣ гузин, яъне «кори некро пеша кун» ва ҳамчунин сифати феълии он – гузида **گزیده** ё баргузида **برگزیده** ба маънои писандида, интихобкарда ва дастчиншуда роиҷ аст. Бар ин маъно «**гузин**» дар таркиби феъли мураккаби «гузин кардан» дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ба кор рафтааст: «Пас, эшон аз миёни хеш панҷ тан, ки аз эшон фозилтар ва олимтар ва оқилтар ва донотар набуданд, аз миёни хеш гузин карданд…» [12, Ҷ.1, с.22]. Ба маънои «газ гирифтан» бошад, масдари «газидан» бо феъли замони ҳозираи он «газ, бигаз» ва сифати феълии он «газида» **گزیده** мавриди истифода мебошад. Муҳаммад Муин ин вожаҳоро чунин шарҳ додааст:

گزیده [گَ] نیش خورده. **گزیده** [گُ] پسندیده، انتخاب کرده. گزینش [گُ] برگزیدن، انتخاب کردن

[24, с.935].

Ҳамчунин масдари «**кардан**» низ аз зумраи феълҳои қадими забони форсӣ ва тоҷикӣ буда, дар ёдгориҳои хаттии давраи миёнаи забонҳои эронӣ дар аввал чун феъли мустақил роиҷ гардида, баъдан ба ҷуз вазифаи аслӣ ҳамчун феъли ёвар ба кор рафтааст. Аксари муҳаққиқон, аз ҷумла, В.С. Расторгуева ва А.Каримова дар китоби «Системаи феъли тоҷикӣ», муаллифони китоби «Забони адабии ҳозираи тоҷик», А.Ҳасанов дар асари таҳқиқотии худ «Унсурҳои луғавӣ ва баъзе қолабҳои сарфию наҳвии осори садаҳои X-XIII дар гӯйиши шимолӣ» зикр кардаанд, ки масдари «кардан» алҳол дар забонҳои муосири форсӣ ва тоҷикӣ дар радифи унсурҳои фаъоли феълсоз қарор дорад [4, с.274; 8, с.20; 9, Ҷ.2, с.828; 17, с.105]. Дар забони порсии миёна ду феъли ҳамгуни «**кардан**» мавриди истифода буда, ташхиси онҳо танҳо дар матн ошкор мегардад [17, с.31]. Ин вожа дар осори асримиёнагӣ ва фарҳангномаҳо ба маъноҳои: 1) ба ҷо овардан, анҷом додани коре; 2) сохтан, бино кардан; 3) тайёр намудан; 4) ҷой додан; 5) гузоштан ё даровардан (даст ё ангуштро) шарҳ ёфтааст [14, Ҷ.1, с.340]. Муҳаққиқ Д.Саймиддинов зимни шарҳи вожаҳои забони порсии миёна феъли «**кардан**»-ро чунин шарҳ додааст: «яке аз маъноҳои феъли **кардан** дар забони форсии миёна «**сохтан, бунёд кардан, эъмор кардан**» аст. Ин маъно дар матни паҳлавии «Шаҳристонҳои Эрон» бисёр истифода шудааст. Дар он ҷо, ки сухан аз сохтан ва бунёд кардани шаҳристонҳо меравад, танҳо феъли «кардан» истифода мегардад. Дар ҳамин маъно феъли мазкур дар забони форсии нав идома кардааст. Ин маъно дар ҳамин таркиб имрӯз низ дар забони тоҷикӣ ва бархе аз гӯйишҳои он мутадовил мебошад» [10, с.168]. Мавриди зикр аст, ки феъли «кардан» ба маънои «сохтан» ҳоло дар забони яғнобӣ низ истифода мегардад [23, с.213]. Зимнан, дар гӯйиши имрӯзаи мардуми шимоли Тоҷикистон ин феъл дар таркиби ибораи «хона кардан» ба маънои *зиндагӣ, оиладорӣ кардан*, дар сохтори феъли таркибии номии «курта кардан» ба маънои *дӯхтан* ва дар феъли «суманак кардан» ба маънои *пухтан, тайёр кардан* маъмул аст [17, с.31]. Дуруст аст, ки дар феълҳои таркибии номӣ феъли ёридиҳанда маънои аслии луғавии худро аксар вақт аз даст дода, фақат барои нишон додани шахсу шумора ва замонҳои феълӣ хидмат менамояд. Ин ҷо мо феъли “кардан” -ро бо назардошти маъноҳои луғавии таърихии он ба гурӯҳи омонимҳои архаистӣ дохил намудем.

Масдари «**часбидан**» ва асоси феъли замони гузаштаи он «**часб/ часп**» низ, яке аз вожаҳои омонимии архаистӣ маҳсуб мешавад. Ин вожа дар даврaҳои аввали адабиёти классикӣ ба маънои чафта, качу хамида ба кор рафтааст: «Феъли ***часб/часп***, ки масдари он ***часбидан/часпидан*** ба маънои аслии он «качу хамида шудан, мунҳариф шудан, ба як сӯ шудан, ба тараф ва сӯйи ғайри рост гаштан» аст, ба эҳтимоли зиёд, бо афзуда шудани ҷузъи бостонӣ, яъне s-(оғозӣ) мебоист асоси замони ҳозираи феъли ***чафт*** (масдараш ***чафтан***) бошад. Дар аксари осори куҳан (бавижа дар ҳавзаи Хуросони бузург ва Мовароуннаҳр) ***часбидан*** ва ***чафтан*** ва сохтҳои мухталифи онҳо ба маънои мазкур кор бурда шудааст: «Ба дурустӣ, ки он касҳо, ки награвиданд бад-он ҷаҳон, аз роҳи рост ***бичасбида*** ва гардидаанд» [Тафсири Қуръони карим, 5, с.7]. А.Деҳхудо зимни шарҳи ин масдар ба гунаҳои дигари он «часпондан, часпонидан, часпидан, чафсондан, чафсонидан, чафсидан» ва ба асоси замони ҳозираи он «часб, часп» ишора кардааст:

چسپاندن/ چسپانیدن و ملصف کردن. وصل کردن چیزی را به چیزی. چفساندن.|| نصب کردن|| بستن و مضبوت کردن|| به گزافه و دروغ سخنی یا عملی را به کسی نسبت دادن...

چسپیدن: اتصال یافتن و متصل شدن... [20،سی دی].

А.Деҳхудо аксар маъноҳои ин масдарро «пайвастан, муттасил кардан, васл кардан» шарҳ дода, ҳамчунин бо ишора ба «Бурҳони қотеъ» ва «Фарҳанги Онандроҷ» маъноҳои дигари ин масдарро овардааст:

چپسیدن. دوسیدن|| کژ شدن و چسبیدن||چیزی را محکم بدست گرفتن. بچنگ گرفتن چیزی || بزمین پیوسته و محکم شدن || کوتاه و قصیر شدن [20،سی دی].

Дар баёни маънои масдари «чафсидан» ба маънои «кач шудан, мунҳариф гаштан» ишора намудааст:

چفساندن/ چفسانیدن/ چفسیدن بمعنی چسبیدن:

در فناها این بقاها دیده‌ای بر بقای جسم خود چفسیده ای (مولوی)

|| میل کردن و منحرف شدن از راست: پس چون از آتش سخن بتفسید و از جاده آزرم بچفسید [مقامات حمیدی] ...[20،سی دی].

Дар осори даврони классикӣ масдари «чафтан» ва асоси замони гузаштаи он «чафт» ба маънои «качу мунҳариф гаштан» васеъ истифода гаштааст. Ҳамчунин ду маънои омонимии вожаи «чафт» мавриди истеъмол қарор дошт, ки дар «Луғатнома» зикр шудааст:

چفت [اسم] چوب بندی باشد که تاك انگور و بیاره کدو و امثال آن را بر بالای آن اندازند.|| تالاررا نیز گویند و آن عمارتی باشد که از چوب و تخته سازند... تالار و سقفی خمیده مانند طاق را چفته نیز گویند.

چفت [صفت] تنگ و چسبان باشد... جامه تنگ و چسبان را گویند ...[20، سی دی].

Дар «Фарҳанги луғот ва таркиботи Шоҳнома» масдари «чафтан ва чафтидан» бар маънои “хам шудан” ва “мунҳариф гаштан” шарҳ ёфтааст:

چفتن. خم شدن، دوتا شدن.

نخسبد روان چونکه بالا بچفت تو تنها ممان ز آنکه همراه رفت.

چفتیدن. خمیدن، خم شدن قامت یا پشت.

چو شد سال آن پادشه بر دو هفت بنالید و آن سرو نازان بچفت [21, с.187].

Дар осори куҳан бо вуҷуди он ки масдари «чафтан» зиёд ба кор рафтааст, вале шакли асоси замони гузаштаи феъл «часб - чафт» нисбат ба сифати феълии ***чафта*** бар маънои «качу мунҳариф гаштан» камтар аст:

1. Имрӯз ҳаме заиф бинӣ,
   Ин қомати чафтаи низорам [5, с.7].
2. Шудам пир бад-ин сону ту ҳам худ на ҷавонӣ,
   Маро сина пурандуҳу ту чун чафта камонӣ [7, с.274].

Дар «Бурҳони қотеъ» вожаи «чафта» чунин шарҳ ёфтааст: **чафта چفته** бар вазни **ҳафта**; сари гӯсфандро гӯянд; ва ба маънои хам ва хамида бошад; ва ба маънои буҳтон ва туҳмат ҳам омадааст; ва баробар ва қаринро низ гӯянд; ва чӯббандии токи ангур ва амсоли онро ҳам гуфтаанд;… ва токи айвон ва иморатро ҳам гӯянд [6, Ҷ.1, с.350]. Ҳамчунин дар ин фарҳанг ба қаринаи ин вожа «**чафда**» **چفده** ба маънои хамида ва хамшуда қайд шудааст [6, Ҷ.1, с.350].

Дар «Луғатнома» низ бар маъноҳои мазкур омадааст:

چفته [اسم] سر گوسفند.|| خمیده و دو تا و کژ بود... خمیده و کژ شده [20، سی دی].

Дар фарҳангҳои муосири дигари форсӣ ин масдар ва сифати феълии он «чафта» чунин шарҳ ёфтааст: **چفته** [чӑфте] I замони гузаштаи феъли **چفتن** [чӑфтӑн] қат шудан, хам гаштан; **چفته** [чӑфте] II айвонча, шипанг, чавкандӣ; **چفته** [чӑфте] III *в. куҳн.* қӯра [9, Ҷ.1, с.472]. М.Муин ба ду маънои омонимии ин вожа ва ба қаринаи он **چفده** ишора намудааст:

چفته (صفت مفعولی) خمیده، خم شده. **چفته** (اسم) دروغ، بهتان[24, с.444] .

Аммо дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» калимаи «**чафта**» ҳамчун вожаи сермаъно (полисемӣ) шарҳ ёфтааст, яъне «чафта» хамида, қомати чафта; «чафт» 1. чӯббанд, ҳавозае, ки шохҳои токро ба болои он мегузоранд; 2. толор, иморате, ки аз чӯбу тахта сохта мешавад ва сақфаш хамида; 3. туҳмат, буҳтон; 4. сари гӯсфанд [14, Ҷ.2, с.530]. Дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" низ бар маъниҳои мазкур шарҳ гардидааст [15, с.541]. Ба андешаи мо, маъноҳои ин калима, ки дар ФЗТ зикр гардидаанд, аз сермаъноӣ дида бештар ба омонимҳо мувофиқат мекунанд, аз ин рӯ, онҳоро дар бандҳои алоҳида бо ишораи рақамҳои римӣ овардан беҳтар аст.

Дар давраҳои миёнаи адабиёти классикӣ ин вожа ба маънои дигари омонимии худ «часпидан, пайвастан» ва қаринаи он «чафсидан» ва минбаъд дар шакли «часбидан» роиҷ гардидааст. Муҳаққиқ М.Қосимӣ бар ин андеша аст, ки: «феъли часбидан, ки асоси замони ҳозираи он часб ва асоси замони гузаштаи он чафт аст, дар забон ва осори гузаштагон ба маънои «хамидан, каҷ шудан, ба як сӯ гардидан, мунҳариф ва норост шудан» истифода гардида ва зоҳиран аз ҳудуди қарни XVII маънои маҷозии «пайвастан, муттасил шудан, васл гардидан, илсоқ»- ро пайдо мекунад (5, с.8). Масдари «часбидан/ часпидан» алҳол ба ин маъно дар забони форсии муосир ва тоҷикӣ зиёд ба кор бурда мешавад.

Вожаи дигари омонимӣ масдари «**пардохтан**» аст, ки Муҳаммадҳусайни Бурҳон онро дар шонздаҳ маъно шарҳ додааст:

Пардохтан پرداختن бар вазни сар бохтан; ба маънои фориғ гаштан аз алоиқ; ва бардоштан ва рафъ намудан; ва ба охир расидан… оростан; ва машғул шудан; ва таваҷҷуҳ намудан… ва навохтани соз ва хондани нағма; ва ҷило додан; ва мураттаб гардониданро низ гӯянд… [6, с.228]. Ҳамчунин дар ин фарҳанг қаринаи он «пардахтан» ва феъли асоси замони ҳозираи «пардос» низ зикр шудааст. Рӯдакӣ аз гунаҳои ин масдар, «пардахтан»-ро бар маънои маҷозии «сарф кардан, харҷ намудан» ба кор бурдааст:

Он рахти катони хеш ман руфтаму пардахтам,
Чун гард бимондастам танҳо ману ин боҳу [7, с.191].

Дар забони тоҷикӣ низ ин масдар унсури сермаъно маҳсуб гардида, дорои чунин маъниҳост: 1. холӣ кардан, тиҳӣ гардонидан, тоза кардан, пок намудан; 2. тамом кардан, ба анҷом расонидан, буд кардан; 3. *маҷозӣ* сарф кардан, харҷ кардан:

Напардозад ба кори ту тану ҷони фиребанда,
Агар мар илму тоатро ту ҷону тан напардозӣ (*Носири Хисрав*).

4. *маҷозӣ* тарк кардан, дур шудан, ҷудо гаштан; 5. сохтан, барпо кардан, муҳайё гардонидан; оростан, перостан; 6. сайқал додан, ҷило додан; 7. мурочиат кардан, рӯй овардан, таваҷҷуҳ кардан, майлу рағбат намудан; 8. супоридан, вогузор намудан, додан: Ҷойи ман бипардоз ва манзили ман холӣ кун (*Анвори Суҳайлӣ*); 9. машғул шудан:

Ба хонае, ки ту бошӣ, ба ҷон кӣ пардозад?
Зи дил кӣ гӯяду бо хонумон кӣ пардозад? *(Мушфиқӣ)*

10. *маҷозӣ* алоқа намудан бо касе; 11. фориғ шудан, осуда гаштан; 12. тартиб додан; 13. *маҷозӣ* сароидан, хондан (махсусан ғазалро); 14. навохтан (14, Ҷ.2, с.35). Устод Айнӣ дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ» ин масдарро бар ҳашт маънои сермаъноӣ шарҳ додааст: **Пардохтан**- 1) холӣ кардан. Ба ин маъно гуфта шудааст:

Биншин дар дили мо, к-аз ҳама пардохтаем,
Нозанино, дили худро ба ту холӣ кардаем.

2) адо кардани қарз ва супурдани ҳар маблағе, ки додани вай лозим бошад; 3) оростан. Дар ин маъно гуфта шудааст: Хона пардохта шуд, лек наёмад меҳмон; 4) ба коре машғул шудан; 5) таваҷҷуҳ кардан, илтифот намудан; 6) ҷило додан; 7) тамом кардан; 8) тарк кардан [13, с.32]. Дар осори адвори Сомониён бештар бар маънои машғул шудан ва анҷом

додани коре мустаъмал будааст: «Пас, Одам, алайҳи-с-салом, чун аз тавофи хона пардохта шуд, ҳаме гашт гирдогирди Макка…» [12, Ҷ.1, с.53]; «…ва он духтарро уқубат кард ва сабук ҷомаи пок бипӯшид ва ба ибодат машғул шуд. Чун бипардохт…» [12, Ҷ.2, с.128].

Дар «Фарҳанги масодири забонҳо ва гӯйишҳои эронии Тоҷикистон» чунин омадааст:

پرداختن ۱- ادا کردن، دادن، تادیهٔ وام.
۲- صیقل دادن، جلا دادن.
۳- مشغول شدن، سرگرم کاری شدن.
٤- آراستن، زینت دادن.
٥- نواختن ساز [23, с.52] .

Ба андешаи мо, масъалаи ҷудо кардани ҳудуди сермаъноӣ ва омонимия, махсусан, дар феълҳо ҳанӯз ҳам баҳсталаб бокӣ мемонад. Масалан, маълум нест, ки дар бархе аз фарҳангҳо ба кадом сабаб вожаи “пардохтан” фақат ҳамчун калимаи сермаъно шарҳ ёфтааст. Тамоми маъноҳои онро, ки дар боло овардем, ҳамчун маъноҳои ба ҳам робитадошта ба қалам додан басо мушкил аст. Аз ҷумла, оё метавон мафҳумҳои “пардохти маблағ”, “анҷом додани коре”, “ҷилову сайқал додан” ва ғайраро ҳамчун мафҳумҳои аз як маъно пайдошуда ва ё робитаи маъноӣ дошта шарҳ дод?

Ба ин маъно шарҳи ин вожа дар «Фарҳанги забони форсӣ» низ ноқис ба назар мерасад: **پرداختن** [пӑрдахтӓн] I асоси замони ҳозираи он [пӑрдаз] 1) харҷ кардан, додани маблағ; 2) ба коре шурӯъ кардан: 3) *кит.* анҷом додан, тамом кардан; **پرداختن** [пӑрдахтӓн] II 1) сайқал додан, ҷило додан, пардоз намудан; 2) *в. куҳн.* зинат додан, ороиш кардан [9, Ҷ.1, с.282-283].

Дар ин шарҳ маъноҳои аввали он 1) харҷ кардан, додани маблағ; 2) ба коре шурӯъ кардан; 3) *кит.* анҷом додан, тамом кардан низ на дар алоқаи сермаъноӣ, балки дар муносибати омонимӣ қарор доранд. Барои равшантар шудани тафовутҳои маъноии ин калима чанд мисол меорем:

Пизишк овардем ва ба дармон пардохтем [*М.Ҳиҷозӣ «Пизишки ҷавон»,18, с.241].*

Вале он рӯз, пеш аз ҳама, ба дабиристон расид ва гармтар ба муҳаббату ёрӣ пардохт [*М.Ҳиҷозӣ «Некӣ», 18, с.250*].

Ба гардиши бозору хиёбон мепардохтам, пинҳонӣ аз он ҳоли хушу зиндагии осон лаззат мебурдам [*М.Ҳиҷозӣ «Душманӣ», 18, с.260*].

…пас аз пардохти саҳми арбоб ба зӯр метавонист Ҷаъфар ва зану бачаашро сари по нигоҳ дорад [*Э.М.Беҳозин «Алимурод»,18, с.296*].

Тавре ки маълум аст, бештари маъноҳои ин вожа ба маъноҳои маҷозӣ дар осори давраи классикӣ мавриди истифода будаанд ва алҳол дар гуфтугӯ бештар ду маънои омонимии он маъмул аст. Ҳамчунин дар шеваҳои забони форсии муосир ин вожа ба маънои оростан, перостан, муҳайё намудан низ роиҷ аст. Дар таркиби ибораи «пардохтани қолӣ» ба маънои оростани қолӣ, яъне чидани сарриштаҳои зоиди қолин, ки ба василаи қайчӣ сурат мегирад, мустаъмал аст:

- Инҳош, қоличае, ки мегӯям ин аст. Албатта, ҳанӯз пардохт нашуда… [*Ф.Амузодаи Халилӣ, «Сафар ба шаҳри Сулаймон», 25, с.47].*

Раванди тағйири маъно дар феълҳои забони форсӣ ва тоҷикӣ яке аз роҳҳои пайдо шудани омонимҳо ба ҳисоб мераванд, ки қобили таваҷҷуҳ аст.

Донистани муродифҳои омонимӣ ба мо имкон медиҳад, ки зимни бозгардонӣ намудани мутуни давраи классикӣ ва тарҷумаи онҳо ба дигар забон дар ифодаи маъноҳои вожаҳо иштибоҳ накунем ва то андозаи муайян ин мушкилро осон намоем.

Муқарриз: ***Саломов А.Ҷ.*** **–** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Аттор, Ф. Тазкирату-л-авлиё (Баргардон ва омодакунандаи чоп Оқилова М.) / Ф. Аттор. - Хуҷанд: Ношир, 2008. - 663 с.
2. Ахмедова М.Н. Лексико-семантические особенности омонимов персидского языка: автореф.дисс…канд.филол.наук / М.Н. Ахмедова. – Душанбе, 2010 - 26с.
3. Давлатова М. Сермаъноии феълҳои содда дар «Зайну-л-ахбор»-и Гардизӣ / М.Давлатова // Масъалаҳои забоншиносии тоҷик. - Душанбе: Нашриёти АФ РСС Тоҷикистон, 1964. - С.139-146.
4. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ (муҳаррири махсус Ш.Рустамов). - Душанбе: Маориф, 1982. - 450 с.

5. Қосимӣ М. Перомуни чанд вожа / М.Қосимӣ // Номаи пажӯҳишгоҳ (Фаслномаи пажӯҳишҳои эроншиносӣ). - Душанбе, 2004. - №5. - С.5-18.
6. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони Қотеъ. Ҷ. 1 / Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. - Душанбе: Адиб, 1992. - 415 с.
7. Нуров А. Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ / А.Нуров. - Душанбе: Маориф, 1990. - 368 с.
8. Расторгуева В.С. Система таджикского глагола / В.С. Расторгуева, А.А. Керимова. - М.: Наука, 1964. - 288 с.
9. Рубинчик Ю.А. Персидско-русский словарь / Ю.А. Рубинчик. - М.: Русский язык, 1983. - Т.1. - 800 с.; - Т. 2. - 864 с.
10. Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна / Д.Саймиддинов. - Душанбе, 2001. - 310 с.
11. Степанова М.Д. Лексикология современного немецкого языка / М.Д. Степанова, И.И. Чернышева. - М.: Высшая школа, 1962. - 310 с.
12. Тарҷумаи Тафсири Табарӣ (Таҳия ва таълиқоти Н.Ю. Салимов ва диг.). - Хуҷанд: Нури маърифат, 2007. – К.1. - 784 с.; - К.2. - 784с.
13. Тиллохӯҷаева М. Вожаҳои сермаъно дар луғати нимтафсилии устод Айнӣ / М.Тиллохӯҷаева // Раҳоварди олимони ҷавон. Ҷ. 5. - Хуҷанд, 2002. - С.30-34.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М.: Советская энциклопедия, 1969. - Ҷ.1. - 952 с.; - Ҷ. 2. - 900 с.
15. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. - Ҷ.1. -950 с.; - Ҷ.2. - 945 с.
16. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. Ҷ. 1 / М.Фозилов. - Душанбе: Нашрдавлтоҷик, 1963. - Ҷ.1. - 951 с.; - Душанбе: Ирфон, 1964. - Ҷ.2. - 802 с.
17. Ҳасанов А. Унсурҳои луғавӣ ва баъзе қолабҳои сарфию наҳвии осори садаҳои X-XIII дар гӯйиши шимолӣ / А.Ҳасанов. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 253 с.
18. Ҳикояҳои нависандагони муосири Эрон. Иборат аз ду ҷилд (Мураттибон ва муаллифони муқаддимаву тавзеҳот Д.Икромӣ ва М.Муллоаҳмадов). - Душанбе: Адиб, 1988. - Ҷ.1. - 336 с.
19. خانلری، پرویز ناتل. تاریخ زبان فارسی. چاپ هفتم.- تهران: فرهنگ نشر نو، ۱۳۸۲، جلد ۱.- ٤١٤ ص؛ جلد ۲.- ٤٠٨ ص؛ جلد ۳.- ٤٩٠ ص
20. دهخدا، علی اکبر. لغتنامه. جلدهای ۱-۵۰.- تهران، ۱۳۳۷-۱۳۷۵ (سی دی).
21. شامبیاتی، داریوش. فرهنگ لغات و ترکیبات شاهنامه. چاپ اول.- تهران: آران،۱۳۷۵.- ٥٦٥ ص.
22. قاسمی، مسعود. لغت فعل در آثار دورهٔ اول زبان فارسی (تاجیکی). رساله برای دریافت درجهٔ علمی نامزد علم فیلولوژی.- دوشنبه، ۱۹۹۸.- ۲۱۰ ص.
23. قاسمی، مسعود و دیگران. فرهنگ مصادر زبانها و گویشهای ایرانی تاجیکستان. (۲ جلد).- دوشنبه: پیوند، ۱۳۷٦. جلد۱.- ۲۱۳ ص؛ جلد ۲.- ۲۷۰ ص
24. معین، محمد. فرهنگ فارسی معین (یك جلدی). چاپ یازدهم.- تهران، ۱۳۸٦.- ۱۲۳۲ ص.
25. هستم اگرمی روم . مجموعهٔ داستان های نوجوان ایرانی (به انتخاب میترا بیات).- تهران: چاپخانهٔ وزارت فرهنگ و ارشاد اسلامی ایران، ۱۳۷۸.- ۱٤۸ ص.

ОМОНИМИЯИ ФЕЪЛҲОИ АРХАИСТӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ФОРСИИ МУОСИР ВА ТОҶИКӢ

Дар забон ҳодисае рӯй медиҳад, ки айни як вожа дар баробари зуҳури таърихӣ ва таҳаввулот дар сохти иҷтимоӣ аз доираи истифодаи худ мебарояд ва ё маънои дигарро касб менамояд. Бо мурури замон баъзе маъноҳои калимаҳо аз байн мераванд, фаромӯш мешаванд ва ҷойи онҳоро маъноҳои дигар мегиранд, яъне калимаҳои як давраи муайян аз ҷиҳати ифодаи маъно аз давраи дигар фарқ мекунанд. Бархе аз ин вожаҳо дар гузашта ба як маъно ва ҳоло ба маъноҳои дигар роиҷанд. Чунин навъи омонимияро шартан **омонимҳои таърихӣ ё архаистӣ** меномем. Гурӯҳи муайяни омонимҳои архаистиро феълҳо ташкил додаанд. Раванди тағйири маъно дар феълҳои забони форсӣ ва тоҷикӣ яке аз роҳҳои пайдо шудани омонимҳо ба ҳисоб мераванд, ки қобили таваҷҷуҳ аст. Бештари калимаҳои омонимӣ хусусиятҳои сермаъноӣ дошта бошанд ҳам, намояндаи ҳар як забон бо кадом маъно истеъмол шудани онро аз матн ба осонӣ муайян карда наметавонад. Ба андешаи мо, масъалаи ҷудо кардани ҳудуди сермаъноӣ ва омонимия, махсусан, дар феълҳо ҳанӯз ҳам баҳсталаб боқӣ мемонад. Масалан, маълум нест, ки дар бархе аз фарҳангҳо бо кадом сабаб вожаи "**пардохтан**" фақат ҳамчун калимаи сермаъно шарҳ ёфтааст. Тамоми маъноҳои онро, ҳамчун маъноҳои ба ҳам робитадошта ба қалам додан басо мушкил аст. Аз ҷумла, оё метавон мафҳумҳои "**пардохти маблағ**", "**анҷом додани коре", "ҷилову сайқал додан**" ва ғайраро ҳамчун мафҳумҳои аз як маъно пайдошуда ва ё робитаи маъноӣ дошта шарҳ дод?

Калидвожаҳо: забони форсии муосир, забони тоҷикӣ, лексика ва лексикология, сохтори луғавии забони форсии муосир, вожаҳои омонимӣ, омонимияи феълҳо, омонимҳои архаистӣ.

ОМОНИМИЯ АРХАИЧНЫХ ГЛАГОЛОВ В СОВРЕМЕННОМ ПЕРСИДСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В диапазоне лексических пространств языка иногда происходят явления, когда одна конкретная единица в результате воздействия исторических фактов или изменения в социальном строе выходит за горизонты своего употребления или использования и обретает иной смысл. Со временем одни значения слов исчезают, заменяются другими значениями, то есть слова одного периода отличаются от другого по значению. Подобные единицы в прошлом употреблялись в одном значении, а ныне обрели другую семантику. Указанный тип омонимов условно можно характеризовать как **исторические или архаические.** Определенная группа архаичных омонимов образована глаголами. Процесс изменения значения персидских и таджикских глаголов - один из способов появления омонимов, что привлекает внимание. Хотя большинство омонимических слов обладают множеством семантических особенностей. Определить значение каждого слова в тексте непросто. На наш взгляд, вопрос о разделении семантических границ и омонимов, особенно в глаголах, до сих пор остается дискуссионным. Например, непонятно, почему в некоторых толковых словарях единица «**пардохтан**» объясняется только как

многозначное слово. Передать все его значения как взаимосвязанные значения очень сложно. В частности, могут ли термины «оплата», «выполнение чего-либо», «полировка» и т.д. быть интерпретированы как синонимы или семантически связанные значения?

Ключевые слова: современный персидский язык, таджикский язык, лексика и лексикология, лексическая структура современного персидского языка, омонимические слова, омонимия глаголов, архаические омонимы.

HOMONYMY OF ARCHAIC VERBS IN THE MODERN PERSIAN AND TAJIK LANGUAGES.

In the range of lexical spaces of any language, phenomena sometimes occur when one specific unit, as a result of the impact of historical facts or changes in the social system, goes beyond the horizons of its usage and acquires a different meaning. Over time, some meanings of words disappear,or they are replaced by other meanings, that is, words of one period differ from another in meaning. Similar units in the past were used in one meaning, but now they have acquired a different semantics. The indicated type of homonyms can be conditionally characterized as historical or archaic ones. A certain group of archaic homonyms is formed by verbs. The process of changing the meaning of the Persian and Tajik verbs is one of the ways in which homonyms appear. Although most homonymic words have many semantic features, it is not easy to determine the meaning of each word in a text. In our opinion, the issue of the separation of semantic boundaries and homonyms, especially in verbs, is still controversial. For instance, the reason is not clear why in some explanatory dictionaries the unit “pardokhtan” is explained only as a polysemantic word. It is very difficult to convey all its meanings as interrelated ones. In particular, the terms "pay", "do something", "polish", etc. can be interpreted as synonyms or semantically related meanings?

Key words: modern Persian language, Tajik language, vocabulary and lexicology, lexical structure of the modern Persian language, homonymic words, homonymy of verbs, archaic homonyms.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ахмедова Мастура Неъматҷоновна*** - Донишгоҳи федералии (Волга) Қазон, дотсенти кафедраи шарқшиносӣ, африқошиносӣ ва исломпажӯҳии Донишкадаи равобити байналмиллалӣ. **Суроға**: 420111, Русия, Ҷумҳурии Тотористон, ш.Қазон, кӯч. Кремлёвская, 18

Сведения об авторе: ***Ахмедова Мастура Негматджоновна*** - Казанский федеральный (Приволжский) университет, доцент кафедры востоковедения, африканистики и исламоведения Института международных отношений. **Адрес:** 420111, Россия, Республика Татарстан, г. Казань, ул. Кремлевская, 18

Information about the author: ***Akhmedova Mastura Negmatdzonovna*** - Kazan Federal University, Associate Professor of the Department of Oriental and African Studies, and Islamic Studies of the Institute of International Relations. **Address:** 420008, Russian Federation, Republic of Tatarstan, Kazan, Kremlyovskaya Str., 18

УДК: 42:491.550.5

ОИД БА БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ТАРҶУМАИ ВОҲИДҲОИ ГРАММАТИКИИ БЕМУОДИЛ АЗ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА БАРЪАКС

Соҳибназарова Ҳ.Т.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар замони муосир зуҳур намудани илми тарҷумашиносӣ ва тарҷума инсониятро ба марҳилаҳои сифатан нави муоширати байни миллату давлатҳо ворид гардонида, ба одамон дастрасӣ ба фарҳанги дигаронро таъмин намуд ва мубодилаи адабиёту фарҳанг ва дигар ҷанбаҳои иҷтимоӣ дар байни онҳо имконпазир гашт.

Тарҷума ҳамчун муоширати байни одамони забонашон гуногун амал карда, вазифаи муҳимми иҷтимоиро дар байни онҳо иҷро менамояд. Пас аз интишор ёфтани тарҷумаҳои хаттию шифоҳӣ фазои якдигарфаҳмӣ ва ҳусни тафоҳум тоза ва беғубор гашта, раванди муносиботи дипломатии байни давлатҳо вусъати бештар пайдо кард.

Бояд тазаккур дод, ки сифат ва мукаммалии тарҷума, пеш аз ҳама, дар мувофиқат ва ҷобаҷогузории дурусти он бо матни асл зоҳир мегардад. Аслан, дар ҳамаи забонҳои дунё як идда воҳиду ибораҳоеро вохӯрдан мумкин аст, ки дар дигар забон муодили худро надоранд. Аз ин ҷост, ки тарҷумаи матнҳои гуногун як қатор мушкилиҳоро ба бор меорад ва бартараф намудани он вақти зиёдро талаб менамояд.

Ба ақидаи А.В. Фёдоров «Зуҳуроти грамматикии ин ё он забон, ки бо қонунияти сохти ӯ алоқамандӣ дорад ва аз ӯ вобаста аст, дар маҷмӯи умумияти худ аз зуҳуроти забонҳои дигар фарқ мекунад» [7, с.170].

Дар мақолаи мазкур оид ба хусусияти тарҷумаи баъзе воҳидҳои грамматикии бемуодил дар доираи ду забон сухан меравад.

Чунон ки аз маълумоти назариявии тарҷумашиносӣ бармеояд, «воҳидҳои бемуодил воҳидҳои забоние мебошанд, ки хосси як забон буда, дар забонҳои дигар муодил надоранд» [6, с.40].

Ба ақидаи тарҷумашиноси тоҷик Ф.М. Турсунов «яке аз масъалаҳои асосӣ ҳангоми тарҷума аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ин мавҷуд набудани як қатор категорияҳои грамматикии забони англисӣ дар забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Дар ҳақиқат, як қатор шаклу сохторҳои грамматикӣ вуҷуд доранд, ки танҳо хосси забони англисианд» [5, с.47-51].

Ҳамчунин, ҳангоми тарҷумаи матн ҳолатҳоеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки «мутобиқати пурра ва комили тамоми унсурҳои забон (лексика, грамматика, семантика…) хеле кам ба назар мерасанд. Бинобар ин, масъалаи мувофиқати байни ин ё он қисми матни асл ва матни тарҷума ва роҳҳои ҳалли номувофиқатиҳо ба миён меояд» [4, с.137].

Бо вуҷуди ин, ҳангоми тарҷума намудани матнҳои гуногун дар баъзе мавридҳо зарурият пайдо мешавад, ки дар онҳо тағйирот ворид карда шавад, яъне қисматҳои матни асл дар аксар вақт бо сабабҳои мухталиф ихтисор (эллипсис) шаванд.

Натиҷаи ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки баъзе воҳидҳои грамматикиро бо якчанд варианти тарҷума муқоиса кардан мумкин аст.

Пас, воҳидҳои грамматикии бемуодил инҳо - «шакл ва сохти грамматикии матни асл, ки дар матни тарҷумашуда таносуби якхела надоранд» мебошанд [4, с.407].

Ба ақидаи И.С. Алексеева «шарти ногузири интиқоли хусусиятҳои грамматикии воҳидҳои бемуодили матни асл сатҳи интиқоли воситаҳои забонӣ ҳам дар ҷодаи матни асл ва ҳам дар ҷодаи матни тарҷумашаванда мебошанд, ки асоси ташкилоти назариявии ин ду забонро дар бар мегирад» [1, с.289].

Ҳамчунин, ҳангоми тарҷумаи матн ҳолатҳоеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки «мутобиқати пурра ва комили тамоми унсурҳои забон (лексика, грамматика, семантика…) хеле кам ба назар мерасанд.

Бинобар ин, масъалаи мувофиқати байни ин ё он қисми матни асл ва матни тарҷума ва роҳҳои ҳалли номувофиқатиҳо ба миён меояд» [9, с.137].

Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар илми тарҷумашиносӣ се намуди асосии интиқол додани воҳидҳои грамматикии бемуодил вуҷуд дорад:

1) тарҷумаи таҳтуллафзӣ ё сифрӣ (нулевой перевод);

2) тарҷумаи наздик (приближенный перевод);

3) тарҷумаи трансформатсионӣ (трансформационный перевод).

Тарҷумаи таҳтуллафзӣ тарҷумае маҳсуб меёбад, ки дар раванди он тарҷумон аз тарҷумаи баъзе аз воҳидҳои грамматикӣ даст мекашад. Азбаски мавзӯи баррасишаванда баъзе воҳидҳои грамматикии бемуодилро дар бар мегирад, пас мо ҷумларо пурра таҳлил нанамуда, он қисме, ки дар он воҳидҳои грамматикии бемуодил истифода шудааст, мавриди баррасӣ қарор медиҳем:

-Do you think it will make **a** difference to us?

-A difference! It'll make the difference.

Тарҷума:–Ту фикр мекунӣ, ин барои мо ягон арзиш**е** дорад?

-Ягон (арзиш). Ба ҳамин тамом (Ин арзиши **бузург** хоҳад дошт).

Дар ҷумлаи якум артикли номуайянии «а» ба забони тоҷикӣ чун «-е» тарҷума шудааст, ки ин аз нигоҳи мазмун ва сохтор ба матни асл мувофиқат мекунад. Дар ҷумлаи дуюм истифода набурдани артиклҳо номумкинанд, чунки онҳо дар ин ҷо мафҳуми дақиқиро ифода менамоянд. Аз ҳамин сабаб, ҳангоми тарҷума ба забони тоҷикӣ маънои артикл на аз рӯйи сохтор, балки аз рӯйи маъноҳои лексикӣ интиқол меёбад, яъне калимаҳои «ягон намуд» ва ё ин ки «бузург», ки дар забони англисӣ оварда нашудаанд, мавриди истифода қарор мегиранд.

Мисоли дигар,

He went to the theatre every Sunday last year.

Дар ҷумлаи мазкур шакли замони гузаштаи ***went*** бояд ҳамчун феъли давомдор интиқол дода шавад: *Соли гузашта ҳар рӯзи якшанбе ӯ ба театр мерафт.* Дар сурате, ки дар ҷумлаи *«When he had finished his work last night, he went to the theatre»* ҳамон шакли *went* бояд ба таври мутлақ интиқол дода шавад: *Дирӯз бегоҳ корашро ба итмом расонида, ӯ ба театр рафт.* Дар ин мисолҳо дар бораи хислати ҷоришавии амал дар ҷумлаҳои забони англисӣ дар шакли худи феъл маълумот дода намешавад, балки дар бораи шакли феъли муайнкунии ҳол маълумот дода мешавад. Модоме ки дар ҷумлаи дуюми пайрави ҳол *When he had finished his work last night* яке аз замонҳои муайянро дар гузашта мефаҳмонад, дар ҷумлаи якум every Sunday мафҳуми такрори амалро мефаҳмонад. Аз ҳамин сабаб, дар тарҷумаи забони тоҷикӣ дар ҳолати якум танҳо шакли давомдор истифода бурда мешавад, яъне аз маъноҳое, ки такрори амали чандинкаратаро нишон медиҳад *(Дирӯз бегоҳ корашро ба итмом расонида, ӯ ба театр мерафт* гуфтан мувофиқ нест*)*.

Ин гуна ҳолатҳо, албатта, барои тарҷума мушкилие эҷод намекунанд.

The second prisoner waited under the trees, with two men to watch him [12, с.71].

Тарҷума: ***Асири дигар*** дар ҳамин ҷо ба навбати худ нигарон шуда меистод [3, с.45].

Дар ин ҷумла артикли муайянии *the* шаклан интиқол нашуда бошад ҳам, маънои *«дигар»* –ро ифода карда метавонад, чунки маънои худи артикл мафҳумҳои *«дигар», «як», -«е»* ва амсоли инҳоро медиҳад. Вале дар ин ҷумла як нозукӣ ба чашм мерасад, ки калимаи *«дигар»* ба ҷойи мафҳуми *«second»* омадааст, на ба ҷойи артикли муайянии *the*. Яъне, дар ин кисмати ҷумла тарҷумон ба тарҷумаи таҳтуллафз роҳ додааст, вале ин қисмати ҷумла низ дуруст тарҷума шудааст, чунки маънои артикли муайянии the ишора ба маҳбуси дуюм аст.

Аз ин бармеояд, ки тарҷумон дар ҷумлаи мазкур ба тарҷумаи таҳтуллафз ва наздик даст задааст.

Тарҷумаи наздик тарҷумае аст, ки дар раванди он воҳидҳои грамматикии матни асл ба матни тарҷумашаванда қисман мутобиқат мекунанд.

Масалан, дар забони англисӣ баъзе шаклҳои грамматикӣ ба монанди герундий, баъзе шаклҳои замонӣ (замони ҳозира ва гузаштаи мутлақ), артикл ва амсоли инҳо вуҷуд доранд, ки дар забони тоҷикӣ мушоҳидаи онҳо ғайриимкон аст. Дар забони тоҷикӣ ин гуна воҳидҳои грамматикӣ вуҷуд надоранд, аммо роҳҳои ифодаи онҳо ба таври гуногун мавриди истифода қарор мегирад ва онҳо гуногун тарҷума мешаванд:

The film was over, we began to go. *(Филм ба охир расид, мо ба рафтан шурӯъ кардем)*.

Ҷумлаи мазкурро метавон бо роҳҳои гуногун, яъне мукаммал тарҷума кард (Пас аз оне, ки филм ба охир расид…; пас аз анҷоми филм… ва амсоли инҳо).

Suddenly, ***the prisoner*** **turned and ran** [12, с.27].

Тарҷума: …ӯ ба ***суръати фавқулода рӯ ба гурез ниҳод*** [3, с.132].

Дар ҷумлаи мазкур ҷумлаи мураккаби пайвасти нопурраро мушоҳида кардан мумкин аст. Ин ҷумла тавассути пайвандаки пайвасткунандаи *and* ифода ёфта, дар қисми дуюми ҷумла мубтадо аз сабаби такрор омадан ба ҳодисаи эллипсис (ихтисоршавӣ) дучор шудааст, яъне *he ran*. Дар ин ҷо калимаи *turned*, ки маънои «*тоб хӯрдан*»- ро ифода мекунад, ба маънои «*суръати фавқулода*» омадааст.

Дар сурате дар ҷумла воҳидҳои грамматикӣ ба таври дигар интиқол шуда бошанд ҳам, ҷумла аз ҷиҳати семантика маънои худро иваз накардааст. Ҳамчунин, тарҷумон дар ҷумла ба ҷойи мубтадои *the prisoner* ҷонишини ***ӯ-ро*** истифода бурдааст, ки аз ин мазмун ва сохтори ҷумла тағйир намеёбанд ва шояд дар матни асл пеш аз ин калимаи мазкур як бор истифода шудааст.

Тарҷумаи трансформатсионӣ – гуфта тарҷумае дар назар дошта шудааст, ки баъзе қисмҳои грамматикии ҷумла дар матни тарҷумашуда муодили худро наёфта, сохти грамматикии худро гум мекунанд:

*Ман дар ин коҳиш акаамро **ҳақнок медонистам**, лекин гарданам **ёрӣ намедод*** [8, с.23].

***I knew** he **was right**, but my pride **kept** me from admitting it*… [8, с.24].

Мисоли дигар,

*Once I **could see** quite well in the dark. Not in the absolute dark. But almost as a cat **sees*** [8, с.86].

*Замоне ман ҳам дар торикӣ хеле хуб **медидам**. Албатта, дар торикии мутлақ **не**, аммо биноям қариб ки мисли **гурба буд*** [8, с.87].

Гарчанде ҳамаи қисматҳо ва аъзои ҷумлаҳои зикршуда дар забони тоҷикӣ пурра тарҷума шуда бошанд ҳам, аз ҷиҳати сохтор дар онҳо тафовут дида мешавад. Бояд дар хотир нигоҳ дошт, ки мукаммалии раванди тарҷума бояд ба ҳисоб гирифта шавад, зеро ҳолатҳоеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки ҳангоми тарҷумаи мукаммал тағйироти сохтори ҷумла пурра ва қисман нигоҳ дошта мешавад ва муҳтавои матни асл мукаммал интиқол меёбад. Аз ин рӯ, ҳангоми тарҷумаи мукаммал на ба сохтори ҷумла, балки ба мазмуни он диққати бештар бояд дод.

Таҳлили ҷумлаҳои дар боло зикршуда нишон медиҳад, ки ҷумлаи мисоли якум дар забонҳои мавриди назар ҷумлаи мураккаби пайваст буда, дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз ду ҷумлаи сода таркиб ёфтааст. Ҳангоми тарҷумаи калима ба калима аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ мазмуни ҷумла тағйир ёфтааст. Дар ин ҳолат, тобишҳои маъноии ҷумла бо тағйири мазмуни ҷумлаи сода дар таркиби ҷумлаи мураккаб нигоҳ дошта мешаванд.

Дар ҷумлаи забони тоҷикӣ хабарҳои ҷумларо калимаҳои *ҳақнок медонистам, ёрӣ намедод (считал правым, не позволял)* ташкил медиҳанд. Ҳангоми тарҷума ба забони англисӣ ҳарду хабар шакли худро дар шаклҳои (he) *was right* ва (pride) *kept me* нигоҳ доштаанд.

Аз ҷумлаҳои мисоли дуюм маълум аст, ки дар онҳо асоси грамматикии қисмати аввали ҷумла *could see* қисман вазифа ва маънои худро нигоҳ дошта, *медидам* тарҷума карда мешавад ва ҳамзамон қисмати модалии вай (*дида метавонистам*) интиқол наёфтааст. Бо вуҷуди ин, мазмуни ҷумлаи матни асл ба куллӣ ба мазмуни ҷумлаи асари тарҷумавӣ мувофиқат мекунад. Ҳамчунин, ибораи *not in the absolute dark* ва ҷумлаи *but almost as a cat sees* ҳангоми тарҷума ба забони тоҷикӣ сохтори худро гум карда, ба ҷумлаи мураккаби пайваст табдил меёбанд. Мазмуни хабари ҷумлаи мазкур *see* ба забони тоҷикӣ *мисли гурба буд* (монанди биноии гурба буд) тарҷума карда шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки барои ба даст овардани тарҷумаи мукаммал бояд воҳидҳои забонӣ аз ҷиҳати сохт ва маъно ба ҳам мувофиқат кунанд. Масалан,

*1. The clouds over the land now **rose** like mountains*… [8, с.42]. - *Абрҳо ҳоло дар болои замин чун силсилакӯҳҳо **баланд мешуданд*** [8, с.43].

*2. The old man **looked** at him with his sun-burned, confident loving eyes* [8, с.10]. – *Пирамард бо чашмони офтобхӯрда ва мутмаину бамеҳраш ба ӯ **нигарист*** [8, с.11].

Аз таҳлили мисолҳои мазкур бармеояд, ки ҷумлаҳои хабарии забони англисӣ калима ба калима тарҷума шуда, дар онҳо ҳама қисм ва аъзоҳои ҷумла нигоҳ дошта шудаанд. Асоси грамматикии ҷумлаи аввал ***clouds rose*** – вазифа ва маънои худро ҳангоми тарҷума нигоҳ дошта, ***абрҳо баланд мешуданд*** тарҷума карда шудааст. Чӣ тавре ки қайд карда гузаштем, дар ҷумлаҳои забонҳои мавриди назар, тартиби калима устувор нигоҳ дошта шудааст, яъне сараъзоҳои ҷумла ҷойи худро нигоҳ доштаанд.

Трансформатсияи сифриро, яъне тағйироти ҷиддӣ надидани сохтори ҷумларо дар ҷумлаҳои саволӣ ва водоркунӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан:

*“How **did** you **sleep** old man?” the boy **asked*** [8, с.30]. – *Чӣ хел **хоб кардӣ**, бобо, - **пурсид** писарак* [8, с.31].

***Have faith** in the Yankees my son* [8, с.16]. – *Ба Янкиҳо **эътимод дошта бош**, писарам* [8, с.17].

Can** I **go out to get** sardines for you for tomorrow? “No. **Go** and **play** baseball* [8, с.10]. - ***Мехоҳӣ** барои фардо сардина **биёрамат**? Не. **Бирав**, бейсбол **бозӣ кун [8, с.11].

Дар раванди тарҷума аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ҳолатҳои трансформатсияи грамматикӣ, яъне ивази ҷумлаи сода ба мураккаб ва баръакс, мушоҳида карда мешавад. Ҷумлаҳои англисӣ, ки дар худ ибораҳоро бо сифати феълӣ, герундий ва масдар ифода мекунанд, ҳангоми тарҷума ба забони тоҷикӣ шакли ҷумлаи мураккаби тобеъро мегиранд ва ин намуди ивазшавӣ дар раванди тарҷумаи ҷумла бо шаклҳои тасрифнашавандаи феъл мушоҳида карда мешавад.

Пас аз таҳлил ва тадқиқи мавзӯи мазкур маълум гашт, ки тарҷумаи воҳидҳои грамматикии бемуодил яке аз роҳҳои душвор ва мураккаби тарҷума ба шумор рафта, барои тарҷумон мушкилиҳои зиёдеро ба бор меорад ва вазифаи тарҷумон дуруст ва саҳеҳ пайдо намудани мазмуну муҳтавои ягона дар байни матни асл дар матни тарҷумавӣ мебошад.

Муқарриз: ***Турсунов Ф.М.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДДЗТ ба номи С.Улуғзода.

А Д А Б И Ё Т

1. Алексеева, И.С. Введение в перевод введение. Пособие для студ. филол. и линг. фак. высш. учеб. Учеб.заведений / И.С. Алексеева. - СПб.: Филологический факультет СПб ГУ; - М.: Издательский центр «Академия», 2004. - 352 с.
2. Бархударов, Л.С. Язык и перевод / Л.С. Бархударов // Вопросы общей и частной теории перевода. - М.: Международные отношения, 1975. – 187 с.
3. Даниэл, Д. Робинзон Крузо / Д. Даниэл. - Душанбе, 1990. - 205 с.
4. Комиссаров, В.Н. Теория перевода (лингвистические аспекты) / В.Н. Комиссаров. - М.: Издательство «Высшая школа», 1990. – 176 с.
5. Турсунов, Ф.М. Воҳидҳои грамматикии хоси забони англисӣ ва хусусияти тарҷумаи онҳо ба забони тоҷикӣ / Ф.М. Турсунов // Вестн. Тадж. гос. ин-та языков. - Душанбе, 2012. - № 3. - С.47-51.
6. Турсунов, Ф.М. Безэквивалентная лексика в переводе (на материале английского и таджикского языков). Монография / Ф.М. Турсунов. - Душанбе, 2015. - 432 с.
7. Фёдоров, А.В. Основы общей теории перевода / А.В. Фёдоров. - М., 1983. - 170 с.
8. Хемингвей, Э. Пирамард ва баҳр / Э. Хемингвей; бо заб. англ. ва тоҷ. - Душанбе, 2014. - 167 с.
9. Швейцер А.Д. Перевод и лингвистика / А.Д. Швейцер. - М.: Воениздат, 1973. – 278 с.
10. Ҷамшедов, П.Ҷ. Типологияи мукоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / П.Ҷ. Ҷамшедов. – Душанбе: Минвуз, 1978. – 178 с.
11. Ямшанова, В.А. Инструментальность и субъектно-объектные отношения / В.А. Ямшанова // Теория функциональной грамматики. – СПб.: Наука, 1992. – С.167-188.
12. Defoe, D. Robinson Crusoe /D. Defoe. Aerie Books. -Lts, 1719.-289p.
13. www.bookshop.ru
14. www.allwords.com
15. www.etymonline.com
16. www.wikipedia.org

ОИД БА БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ТАРҶУМАИ ВОҲИДҲОИ ГРАММАТИКИИ БЕМУОДИЛ АЗ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА БАРЪАКС

Мақолаи мазкур ба масъалаи тарҷумаи баъзе хусусиятҳои тарҷумаи воҳидҳои грамматикии бемуодил дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шуда, доир ба хусусият, умумият, тафовут ва роҳҳои ифодаи онҳо сухан меравад. Ҳамчунин, муаллиф дар мақола бо мисолҳои мушаххаси ду забон роҳҳои интиқоли воҳидҳои грамматикии бемуодилро нишон додааст. Раванди тадқиқ нишон дод, ки гарчанде забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба гурӯҳи забонҳои аналитикӣ дохил шаванд ҳам, таърихан тартиби калима дар онҳо нисбатан устувор аст. Аз ин рӯ, ҳангоми тарҷума аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ва баръакс, дар доираи қонунҳои грамматикии ҳар як забон тағйироти сохторӣ ва маъноӣ ба амал меояд. Ҷойгиршавии аъзои ҷумла вазифаи функсионалӣ ва маъноии онро муайян мекунад. Трансформатсияи грамматикӣ яке аз усулҳои тарҷумае мебошад, ки ҳангоми нигоҳ доштани тобиши маъноӣ дар сохтори ибораю ҷумла ва ҷобаҷогузории аъзои он тағйирот ба амал меояд. Ин таҳлили қисман ва пурраи ҷумла, ивази ҳиссаҳои нутқ ва дигар аъзои ҷумла дар раванди тарҷума ба ҳисоб меравад. Истифодаи васеи трансформатсияи грамматикӣ дар раванди тарҷума маънои онро дорад, ки ҷумла дар забонҳои мавриди назар метавонад дар баъзе ҳолатҳо аз ҷиҳати сохтор мувофиқат накунад: тартиби дигар калимаҳо, ҷойгиршавии аъзоҳои ҷумла-сараъзо, аъзоҳои пайрав

ва туфайлӣ. Бояд тазаккур дод, ки барои ба даст овардани тарҷумаи мукаммал бояд воҳидҳои забонӣ аз ҷиҳати сохт ва маъно ба ҳам мувофиқат кунанд.

Калидвожаҳо: воҳидҳои бемуодил, тафоввут, умумият, роҳҳои тарҷума, мувофиқат, воҳидҳои грамматикӣ, хусусият.

ОСОБЕННОСТИ БЕЗЭКВИВАЛЕНТНЫХ ГРАММАТИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Статья посвящена особенностям перевода некоторых безэквивалентных грамматических единиц в таджикском и английском языках и их общность, различия и способы их передачи. В ней также автор показал на конкретных примерах способы трансформации грамматических безэквивалентных единиц. Процесс работы показал, что хотя таджикский и английский языки относятся к аналитическому типу языков, и исторически в них сложился относительно строгий порядок слов, при переводе с английского языка на таджикский язык и обратно неизбежны структурные преобразования, правда, в рамках грамматических законов каждого из языков. Положение члена предложения определяет его функциональную нагрузку и семантику. Грамматическая трансформация является одним из приемов перевода, заключающимся в изменении структуры предложения или словосочетания при сохранении семантической информации. Это полная или частичная реконструкция предложения, замена частей речи и членов предложения при переводе. Широкое использование грамматических трансформаций при переводе объясняется тем, что предложения в рассматриваемых языках могут не совпадать по своей структуре: другой порядок слов, другой порядок расположения предложений - главного, придаточного и вводного. Следует констатировать, что для адекватности перевода языковые единицы должны совпадать и по форме, и по содержанию, к чему обычно стремятся переводчики.

Ключевые слова: безэквивалентные единицы, различие, общность, способы передачи, соответствие, грамматические единицы, особенность.

THE FEATURES OF SPECIFIC GRAMMAR UNITS IN TAJIK AND ENGLISH LITERARY WORK

The article deals with the peculiarities of the translation of some specific grammar units and their community, distinction and the way of their transformation in Tajik and English languages. The author also showed with the specific examples the way of transformation of some specific grammar units. As the process of search showed, though the Tajik and the English languages belong to analytical type of languages and different word order appeared in them historically, while translating from English into Tajik and back structural transformations within the limits of grammatical laws of each language are inevitable. The position of the part of the sentences defines its functional loading and semantics. As it is known, grammatical transformation is one of the ways of translation, consisting in changing sentence structure or a word combination preserving its semantic information. It is full or partial reconstruction of the sentence, replacement of parts of speech and parts of the sentence during translation. Wide use of the grammatical transformations during the translation explains that the sentences in considered languages cannot coincide in the structure: other word order, other order of arrangement of the sentences: principal, subordinate and parenthetical clause. It is necessary to ascertain that for adequacy of translation the units of language should coincide both in form and in the meaning to which translators usually aspire to.

Key words: specific grammar units, distinction, community, the way of transformation, accordance, grammar units, features.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна*** - Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи англис. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев 17/6. E-mail: **havas3001@mail.ru.** Тел.: **(+992) 937-00-04-37**

Сведения об авторе: ***Сохибназарова Хавасмох Тиллоевна*** - Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзода, кандидат филологических наук, доцент кафедры английской филологии. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. E-mail: **havas3001@mail.ru.** Тел.: **(+992) 937-00-04-37**

Information about the author: ***Sohibnazarova Havasmoh Tilloevna*** - Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda, Ph.D in Philology, Associate Professor, of the Department of English Philology. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Srt., 17/6. E-mail: **havas3001@mail.ru.** Тел.: **(+992) 937-00-04-37**

УДК: 491.550-56

РОҲҲОИ СОХТА ШУДАНИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ФЕЪЛӢ БО ЯК ВОЖАИ МЕҲВАРӢ ДАР ТАЪРИХНОМАҲОИ ТОҶИКИИ ҚАРНҲОИ X-XIII

Ҷӯраева С.Б.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Таърихномаҳои асримиёнагӣ, бахусус осори таърихии қарнҳои X-XIII натанҳо аҳаммияти бузурги таърихӣ доранд, балки инъикоскунандаи беҳамтои имкониятҳои беохири забони ниёгонамон низ ба шумор мераванд. Дар чунин осор низ мисли таълифоти соҳаҳои дигари илм тамоми дороиҳои забони даврон, луғоту таркиботи тоҷикиасли ғанӣ гирд омада, муаллифони онҳо андешаҳои худро бо ниҳояти пухтагиву равонӣ ба қалам овардаанд. Чунин вижагии забони ниёгонро ҳам дар таърихномаҳои ба забони асл таълифшуда, ҳам дар осори таърихии аз забони арабӣ тарҷумагардида метавон эҳсос кард. Чунин дороии забони таърихномаҳои садаҳои X-XIII-ро метавон дар мисоли корбурди мувозиҳои ибораҳои фразеологии феълӣ нишон дод.

Хонанда дар ҷараёни мутолиаи ҳар ду навъи осор (ба забони асл таълифшуда ва осори тарҷумагардида) бо силсилаи калони ибораҳои фразеологии феълие метавонад дучор ояд, ки дастае аз онҳо дар як шакли мушаххас, қисми дигар дар ду ё беш аз он мувозӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ин ҷо имкони таҳлили кулли чунин ибораҳо нест, аз ин рӯ, танҳо ба баррасии чунин ибороти рехта бо ҷузъи *дил* маҳдуд хоҳем шуд, ки дар натиҷаи ивази феълҳои таркибашон, ё унсурҳои шаклсозу калимасозашон мувозиҳои мухталиф пайдо кардаанд. Лозим ба зикр аст, ки дар шаш таърихномаи мавриди таҳлил аз байни се навъи мувозиҳо: фонетикӣ, лексикӣ ва морфологӣ [10, с.60] ду хели охир маъмуланд.

Ташаккули мувозиҳои ибораҳои феълии дар таърихномаҳои зикрёфта мавҷуда бо чанд роҳ сурат гирифтааст ва онҳоро аз рӯйи хусусияташон метавон ба тариқи зайл гурӯҳбандӣ кард:

1.Пайдо гардидани мувозии ибораҳо дар натиҷаи ивази феълҳои таркиби онҳо. Барои хусусияти думувозигиро соҳиб шудани гурӯҳе аз ибораҳои фразеологии феълӣ ба якдигар ивазшавии феълҳои *шудан* / *гаштан, шудан* / *доштан, баргирифтан* / *бардоштан* ва м. инҳо басо калон аст. Чунончи, маънои «розӣ ва қонеъ сохтани дил»-ро соҳибони бархе аз таърихномаҳои ин даврон тавассути мувозиҳои *дил хуш шудан* ва *дил хуш гаштан* ифода намудаанд: Ҳурмузро *дил хуш шуд* ва ӯро шукр кард [2, Ҷ.1, с.605]. Бӯҷаъфар чун он бидид, *дилаш хуш шуд* [2, Ҷ.2, с.1427]. Ва якеро низ бихонд ва бинавохт, то ҳама *дилҳо хуш гашт* ва ҳама эмин шуданд [2, Ҷ.2, с.1539]. Акнун *дили ман хуш шуд* [13, с.56].

Аз қайду ишораҳои дар бархе фарҳангномаҳо зикргардида маълум мешавад, ки ин гуна ибораҳо фақат дар осори иддае аз аҳли қалам мавриди истифода қарор гирифтаанд [7, Ҷ.7, с.9661].

Вобаста ба корбурди қисме аз ибораҳои таърихномаҳои қарнҳои ёдшуда ин нуктаро таъкид намудан бамаврид аст, ки онҳо низ мисли калимаҳои муқаррарии забон метавонанд дар як давраи инкишофи забон маъмул шуда, дар даврони дигар тадриҷан камистеъмол гарданд ва тадриҷан аз доираи истифода хориҷ шаванд. Ба ин нукта ҳанӯз солҳои 80-уми садаи гузашта ишора карда, профессор Ҳ.Маҷидов чунин навишта буд: «Дуруст аст, ки як қисм воҳидҳои фразеологии дар фарҳангҳои пешин ва осори гузаштагонамон истифодашуда имрӯз ба кор бурда намешаванд, ё ин ки ба тағйиротҳои шакливу маънои дучор шудаанд. Ин ҳодисаи табиӣ аст…» [10, с.70].

Ба ин тариқ, дар таърихномаҳои ин давра корбурди бархе ибораҳои феълии рехтае ба мушоҳида мерасанд, ки шаклу маъноянашон аз забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ тафовут доранд. Ба сифати намуна метавон ибораи *дил машғул шудан* ва *дил машғул гаштан*ро зикр кард. Кулли вожаҳои таркиби ибораи фавқ барои хонандаи имрӯза фаҳмост, вале худи ибора дар чунин шаклу маъно дар айни ҳол аз истифода хориҷ шудааст ва онро мо аз фарҳангномаҳои рехтаи ҳозира пайдо карда наметавонем. Маънои вожаи *машғул*ро соҳибони луғатномаҳо «саргарми коре ё чизе, он ки бо коре банд аст; андармон, банд» шарҳ додаанд [15, Ҷ.2, с.782; 7, Ҷ.12, с.18507]. Мо тафсири ибораи *дил машғул гаштан*ро аз ҳеҷ кадом фарҳангҳои бароямон дастрас пайдо накардем. Аз маънои ҷумлаҳои зайл аён

аст, ки муаллифони таърихномаҳо ибораи фавкро ҳамчун муродифи ибораи *дилтанг шудан / гаштан* истифода намудаанд: То пайғомбар бишунид, *дилаш машғул шуд* [2, Ҷ.2, с.828]. Ва эшонро набояд ҷунбонидан, ки тарсам, ки моро *дил машғул доранд* аз ҳарби душман [2, Ҷ.2, с.1130]. Моро сахт *дил машғул шуд* ва бозгаштем сахт андешаманду ғамнок [1, с.116]. Фазл гуфт: «*Дил машғул мадор*, ки ман даристам…» [1, с.454]. Гуфтам: «*Дил машғул мадор*, ки ҳама хайру хубист» [1, с.607]. Бад-ин боб ҳеч *дил машғул набояд дошт*, ки ӯ он вайрон наёрад кард, ки онро Худованде тавоност, ӯро нагузорад ва ин хонаро нигоҳ дорад [13, с.52]. *Дил* бад-ин боб *машғул набояд дошт*, агар Эзид, таоло, хоҳад, тамом шавад ва ҳаққи ту бар мо воҷиб шуд, ки ёрону касҳои мо аз ту бисёр шукр карданд [13, с.141].

Аз мисолҳои фавқ равшан аст, ки дар баъзе осор, мисли "Тарҷумаи "Таърихи Табарӣ" ва "Таърихи Байҳақӣ" ҳар ду мувозии ибораи фавқ, дар дигаре, чун "Таърихи Систон" танҳо яке аз чунин қаринаҳо истифода шудааст.

Агар вожаҳои таркиби чанд воҳиди фразеологии таҳлилгардида бо ҳамдигар муқоиса карда шавад, аён хоҳад гардид, ки дар кулли онҳо *дил* ҳамчун калимаи меҳварӣ қарор дорад. Воқеан, унсурҳои луғавии соматикӣ на танҳо дар ташаккули чунин таъбирот як андоза нақши суробсозии фразеологизмҳоро дошта, бавуҷудорандаи мазмуни доимии онҳо маҳсуб мешаванд, балки боз ҳамчун воситаи луғавии ташаккулдиҳандаи образнокии воҳидҳои фразеологӣ хидмат мекунанд. Профессор Ҳ.Маҷидов дар натиҷаи ҳисоби оморӣ гурӯҳе аз воҳидҳои фразеологии дар "Фарҳанги ибораҳои рехта"-и М. Фозилов зикрёфта муайян намудааст, ки вожаҳои *дил* дар таркиби 212, *сар*-240, *чашм*-140 адади фразеологизмҳо ба кор рафтаанд [10, с.70].

Чанд ибораи дар фавқ таҳлилгардида дар кулли таърихномаҳои мавриди таҳлил танҳо дар ифодаи як маънои мушаххас омадаанд, вале набояд фаромӯш кард, ки хусусияти дугунагӣ фақат ба чунин ибораҳо хос аст. Дар ду шакл ё беш аз он ба кор рафтани ибораҳо дар радифи ибораҳои феълии рехтаи маҳдудмаъно ба ҳамин гуна ибораҳои сермаъно низ хос аст. Дар ин гуна мавридҳо унсурҳои созандаи вариант ба якдигар иваз шуда меистанд [8, с.107]. Ибораҳои *дил бад кардан* ва *дил бад доштан* намунаи ҳамин гуна таъбирот маҳсуб мешаванд. Мувозиҳои мазкур дар осори таърихии даврони номбурда дар ифодаи ду маъно ба кор рафтаанд: а) Нияти бад кардан: Ва Бӯмуслим гуфт: «Шумо аз Сулаймон растед ва ҳар кас, ки андар кори ин имом *дил бад кунад*, ҷони ӯро зӣ ман ин хатар нест» [2, Ҷ.2, с.1428]. Ва ӯро ҳам аз ин гуна бигуфт, то *дил*и Рашид бар Муҳаммад ибни ал-Лайс *бад кард* [2, ҷ.2, с.1537]. Ва баъд аз муддате ӯро маълум шуд, ки лашкари вай бо вай *дил бад кардаанд*…[11, с.173]. Донистаӣ, ки…дар корҳои султонӣ истиқсо кунам ва набояд, ки туро сурат бандад, ки аз ту озоре дорам ва ё қасде мекунам, то *дил бад надорӣ*, ки он ҷо, ки як маслаҳати худованд-султон бошад, дар он бандагони давлатро ҳеч чиз боқӣ намонад аз насиҳату шафақат [1, с.321]. Ҷавоб рафт, ки чунин рӯй дошт, то *дил бад дошта наёяд* [1, с.516].

б) Маъюс шудан, ноумед гаштан: Набийя гуфт: «Зиндагонии амир дароз бод, султон, ки бародар аст, ҳаққи амирро нигаҳ дорад ва меҳрубонӣ намояд, *дил бад набояд кард*…» [1, с.55]. Ҳорун гуфт: «Ай падар, сухан бар ин ҷумла магӯй ва *дил бад макун*, ки ҳоли туву фарзандони ту ҳамон аст, ки буд…» [1, с.458].

Ибораҳои фразеологии *дил танг шудан* / *гаштан* "малул, зиқ ва дилгир шудан" [ниг. 2, Ҷ.2, с.831, 1524, 1528, 1584, 1623; 13, с.228], *дил хуш кардан* / *гардонидан* «меҳрубонӣ кардан бо касе, хушнуд кардани касе» [ниг.2, Ҷ.2, с.1449, 1613, 1619; 11, с.118; 5, с.121, 125, 230, 296; 13, с.183, 234, 242; 1, с.514, 553, 577, 579, 611], *дил сард шудан* / *гаштан* [ниг.2, Ҷ.2, с.1144, 1159; 1, с.313], *дил рост гаштан* / *шудан* "якранг гаштан, мувофиқ будан" [ниг.2, Ҷ.2, с.1608; 13, с.264] ва ғайраҳо низ аз ҷумлаи чунин таъбирот ҳастанд.

2. Тавре ки дар боло ишорааш рафт, дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII бархе аз мувозиҳо дар натиҷаи дар шакли муқаррарии феълҳо ё ба онҳо ҳамроҳгардии пешванди *би-* ба вуҷуд омадаанд. Ҳамроҳ шудани пешванди шаклсози "би-" ё "бо-и таъкид"-ро муҳаққиқ М. Баҳор яке аз вижагиҳои намоёни забони насри даврони Сомониён ба шумор овардааст [4, с.282]. Роҷеъ ба вазифаи пешванди мазкур дар байни муҳаққиқон ақидаи ягона ба назар намерасад: бархе онро пешванди бахшандаи тобишу оҳанги адабӣ-китобӣ ба феъл ё "префикси оҳангбахш" номидаанд [6, Ҷ.1, с.189], дигаре унсури ифодакунандаи таъкид ҳисобидаанд [4, с.282; 17, с.51], сеюмӣ воситаи баёнкунандаи тобиши қатъитар итмомёбии амал ва таъкидкунандаи он ба шумор овардаанд [12, с.44]. Аз таҳлилу

муқоисаи маводи гирдомада метавон ба ин хулоса омад, ки *би-* дар вазифаи таъкиди амал меояд.

Дар таърихномаҳои ин давра асосан ҷузъи феълии чунин ибораҳо дар шакли муқаррарӣ истифода шуда, дар мавридҳои басо кам ба феълҳо пешванди *би-* ҳамроҳ шудааст. Ин ҳолатро дар мисоли таъбирҳои *дил ниҳодан* ва *дил биниҳодан*, ки луғатнигорон маъноашро "ризо додан, таслим шудан" эзоҳ додаанд [7, Ҷ.14, с.20231], метавон мушоҳида намуд: Ва *дил* бар марг *ниҳодаам*, дӯзах ҳаром шавад [2, Ҷ.1, с.756]. Яздгирдро сахт омад рафтан аз Мадоин, валекин ба нокомдил *биниҳод* ба рафтан [2, Ҷ.2, с.1008]. Чун Ҳаққоқ ин ҷавоб бишунид, донист, ки Абдуллоҳ *дил* ба марг *ниҳодааст* [2, Ҷ.2, с.1226]. Ва мардумони Ҳирот шиати Яъқуб гашта буданд аз пеш ва *дил* бар ӯ *ниҳода* [13, с.170]. Фоиқ аз илғои калима ва радди маъзарати ӯ ва хитобе, ки бо сафири ӯ рафт, дар хашм шуд ва *дил* бар он *ниҳод*, ки аз Ҷайҳун бигзарад...[19, с.99]. Гурӯҳеро ба меҳнат озмуда ва гурӯҳеро пироҳани неъмат пӯшонида, то хирадмандонро муқаррар гардад, ки *дил ниҳодан* бар неъмати дунё муҳол аст [1, с.416]. Гуфтам: «Ҳам навбатӣ боз тавон оварду ҳам вакил боз тавонад гашт, ки ба ҳеч ҳол то як-ду манзил ба роҳи Марв рафта наёяд, *дил* дар ин кор *натавон ниҳод*» [1, с.479].

Тавре ки мушоҳида мешавад, аз байни ҳафт ҷумлаи фавқ танҳо дар як ҷумлаи "Тарҷумаи "Таърихи Табарӣ" (агар тасҳифи котибон набошад) мувозии *дил биниҳодан* зикр шудааст.

Навъи дигари мувозиҳои морфологӣ дар натиҷаи дар шакли сохта мавриди истифода қарор гирифтани феълҳои чунин ибораҳо пайдо шудаанд. Чунончи, аз байни таърихномаҳои ин давра дар "Таърихи Байҳақӣ" ва "Таърихи Систон" маънои "қатъи алоқа кардан" бо ёрии ибораҳои рехтаи *дил баргирифтан* ва *дил бардоштан* (аз касе, чизе) ифода шудааст: Чун Амр ин байтҳо бихонд, навмед гашт ва *дил* аз ин ҷаҳон *баргирифт* [13, с.201]. Ва низ аз Бағдод ахбор расидааст, ки халифа ал- Қодир биллоҳ нолон аст ва *дил* аз худ *бардошта*ву корҳо ба Қоими писараш супурда…[1, с.338]. Чун амир *дил* аз вай *бардошт* ва ӯ он чӣ хифф буд ба Гузгонон ба вақти фурсат мефиристод ва зайъате неку харид он ҷо [1, с.399]. *Дил* аз Олтунтош *барбояд дошт*, ки моро аз вай низ хайре наёяд…[1, с.368]. Ва ин вазир сахт нолон аст ва *дил* аз хештан *бардошта*, мехоҳад, ки пеш аз гузашта шудан интиқоме бикашад [1, с.402]. Пас гуфт: «Ман хато кардаам…ва *дил* аз ҷон *бардоштаам*, аз иёлу фарзандон андеша бояд дошт ва Хоҷа маро биҳил кунад» [1, с.238].

Тавре ки мушоҳида мешавад, аз байни ду таърихнома истифодаи таъбири тазаккурёфта дар "Таърихи Байҳақӣ" бештар аст. Ин аст, ки дар бархе луғатномаҳо низ ағлаби шавоҳид аз таърихномаи номбурда оварда шудаанд [7, Ҷ.3, с.3939].

Агар мувозии *дил бардоштан*ро ҳам пеш аз муаллифони "Таърихи Байҳақӣ" ва "Таърихи Систон", ҳам пас аз онҳо аҳли адабе, чун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ҳилолӣ истифода карда бошанд [7, Ҷ.3, с.3939; 14, Ҷ.1, с.371], пас гунаи *дил баргирифтан*ро баъди соҳибони таърихномаҳои тазаккурёфта шоироне, мисли Масъуди Саъд, Низомӣ, Аммод, Саъдӣ мавриди корбаст қарор додаанд [7, Ҷ.3, с.4007-4008].

Як усули ташаккули мувозиҳои морфологии ибораҳои дар таърихномаҳои мавриди таҳлил мавҷуда бо роҳи ивази пешояндҳои таркиби онҳо сурат гирифтааст. Чунин мувозиҳо, дар навбати худ, ба ду навъ ҷудо мешаванд: 1) Бар ивази як пешоянд ба кор рафтани пешоянди дигар; 2) бар ивази шакли қадими ин ё он пешоянд мавриди истифода қарор гирифтани гунаи баъдии он. Намунаи навъи аввали ин гуна мувозиҳо ибораи *дил бастан* аст, ки он дар осори тазаккурёфта дар шакли *дил андар бастан* низ ба кор бурда шудааст: Гуфт: «Агар мо *дил* дар ин диёр *бандем*, кор душвор шавад ва чандин вилоят ба шамшер гирифтаем ва сахт боном аст» [1, с.64]. Ва Бӯсаҳлро *дил* бар ин муҳим *баста буд*, маро наздики вазир фиристод, то бозпурсам [1, с.651]. Ва Абӯаҳмад ал-Муваффақ хабар шунид аз ин, ки чунин ҳолҳо буд ва мардумони ҷаҳон *дил* бад-ӯ *андар бастанд* аз он чӣ ӯ одил буд ва ба ҳар ҷой, ки рӯй кард, касе бар ӯ барнаёмад [13, с.180]. Ва ман ҳеч ҷавоб накардам, ки маро *дил андар* ҳадиси он *баста буд*, ки то наздики Омина шавам ва нигоҳ кунам, то чӣ будааст [13, с.60].

Вобаста ба якдигарро иваз намудани пешояндҳо ёдовар шудан бамаврид аст, ки чунин хусусият ҳам дар таърихи забони адабии тоҷикӣ [9, с. 238], ҳам дар давраи ҳозираи инкишофи он ба мушоҳида мерасад. Дар бархе аз осори илмӣ ин ҳолатро муродифгардии пешояндҳо ҳисобида, таърихӣ будани он таъкид шудааст [6, с.292].

Усули зикршудаи мувозигардии ибораҳо намунаҳои зиёде дорад, вале мо ин ҷо ба хотири тӯлонӣ нашудани сухан танҳо бо зикри як мувозӣ: ибораи *ба дил андар афтодан* ва *андар дил афтодан* маҳдуд мешавем. Соҳибони бархе аз фарҳангномаҳо маънои ибораро «хутур кардан, илҳом шудан» шарҳ додаанд [7, Ҷ.7, с.9668]: Ва саҳму бим *ба дил*и мушрикон *андар афтод* ва ҳазимат шуданд [2, Ҷ.2, с.877]. Ва сабаб чунон буд, ки чун мардумони Бухороро он ҳол расид, ҳайбати Қутайба *ба дил*и мардумон *андар афтод* [2, Ҷ.2, с.1268]. Ва дӯстии банӣ Ҳошим *андар дилаш афтод* [2, Ҷ.2, с.1399].

Роҳи дигари ташаккули мувозии ибораҳои дар таърихномаҳои қарнҳои X-XIII мавҷуда, чунон ки қаблан ишора гардид, дар таркиби чунин унсурҳои луғавӣ ба кор рафтани ду шакли айни як пешоянд: *андар* ва *дар* аст, ки нахуст гунаи қадим ва дувумӣ шакли баъдист. Масалан, дар «Таърихи Байҳақӣ» (бештар) ва «Зайн-ул-ахбор» (дар як маврид) мувозиҳои *дар дил афгандан* ва *андар дил афгандан* дучор меоянд, ки дар иддае аз луғатҳо «ба дили касе хутур додан» эзоҳ ёфтаанд [7, Ҷ.7, с.9665]:…кори мулк аз чун Фахруддавлаву Соҳиб ибни Аббод ба заневу писаре оҷиз уфтод ва дастҳо ба Худой, азза ва ҷалла, бардошта, то малики исломро Маҳмуд *дар дил афганд*, ки ин ҷо омад ва эшонро фарёд расид…[1, с.67]. Ва аҷалаш фароз омада буд, руъбеву фазае (тарсу бим-Ҷ.С.) *дар дил афганда*, то навмед гашт [1, с.687]. Пас истионат хост аз Эзад, таоло, то ӯро зафар диҳад ва чун шаб андар омад, Эзад, таоло, раабе ва фазае *андар дили Нандо афганд* ва лашкар бардошту бигурехт [5, с.218].

Чунон ки мушоҳида мегардад, корбурди мувозии *дар дил афгандан* дар қиёс бо *андар дил афгандан* дар осори ин давра имтиёз дорад. Сабаби ин ҳолат ба ривоҷёбии гунаи тахфифёфтаи *андар*, яъне *дар* вобаста аст, ки ҳанӯз дар қарни X (шояд барвақттар) оғоз гардида буд.

Ба ин тариқ, усулҳои дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII мавҷудаи мувозии ибораҳои фразеологии феълӣ аз он дарак медиҳад, ки забони ниёгони тоҷикон на танҳо дорои захираҳои ғании луғавӣ аст, балки имконоти ифодаи матлаб карданро дар қолабҳои мухталиф низ соҳиб будааст. Ин гуна қолабҳо барои парҳез аз такрори айни як тарзи ифода, ки он аломати оҷизӣ, нотавонӣ ва аз имкониятҳои забон дуруст истифода карда тавонистан аст, мусоидат менамояд.

Муқарриз: ***Ҳасанзода А.А.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДДХ ба номи Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Байҳақӣ, Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн. Таърихи Байҳақӣ / Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақӣ; таҳиягари матн, муаллифи муқаддима, ҳавошӣ ва феҳристҳо С. Муллоҷон. - Душанбе: Бухоро, 2014. - 774 с.
2. Балъамӣ, Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад. Таърихи Табарӣ / Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақӣ; бо муқаддима ва тавзеҳоти М.Умаров ва Ф. Бобоев. - Теҳрон, 1380/2001. – Ҷ.1. - 817 с.
3. Баҳор, Рой Текчанд. Баҳори Аҷам. Фарҳанги луғот, таркибот, киноёт ва амсоли форсӣ / Рой Текчанд Баҳор; тасҳеҳи К. Дизфулиён.Ҷ.1-3. – Теҳрон: Тилоя, 1379-1380. - 2180 с.
4. Баҳор, Муҳаммадтақӣ. Сабкшиносӣ / Муҳаммадтақӣ Баҳор. - Душанбе: Бухоро, 2012. - 569 с.
5. Гардезӣ, Абӯсаид Абдулҳай. Зайну-л-ахбор / Абӯсаид Абдулҳай Гардезӣ. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 415 с.
6. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. Фонетика ва морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. – 355 с.
7. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатнома. Ҷилдҳои 3, 7, 12, 14. / Алиакбари Деҳхудо. - Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1373. – 21149 с.
8. Жуков В.П. Семантика фразеологических единиц / В.П. Жуков. - М.: ЛЕНАНД, 2019. – 158 с.
9. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик / М.Н. Қосимова. – Душанбе: ДМТ, 2012. – 566 с.
10. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ.Маҷидов. - Душанбе: УдТ, 1982. - 103 с.
11. Наршахӣ, Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро / Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ. - Душанбе: Пайванд, 2012. – 546 с.
12. Сиёев Б. Очерк доир ба таърихи феъли забони адабии тоҷик / Б.Сиёев. – Душанбе: Дониш, 1968. – 163 с.
13. Таърихи Систон / Таҳияи матн, муқаддима, тавзеҳот ва феҳристҳо аз М.Имомов ва А.Абдусаттор. – Душанбе: Бухоро, 2014. - 352 с.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М.: Советская энсиклопедия, 1969. - Ҷ.1. - 951 с.; - Ҷ.2. - 949 с.
15. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. - Душанбе, 2008. - 949 с.
16. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехта. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – Ҷ.1. - 952 с.; - Ҷ.2. - 1964. -802 с.
17. Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷик (асри X) / С.Ҳалимов. - Душанбе: УдТ, 1979. – 94 с.
18. Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои X1-X11) / С.Ҳалимов. - Душанбе, 2002. - 96 с.

19. Ҷурфодиқонӣ, Абушшараф Носеҳ ибни Зафар. “Тарҷумаи “Таърихи Яминӣ” / Абушшараф Носеҳ ибни Зафар Ҷурфодиқонӣ. - Хуҷанд: Ношир, 2013. – 416 с.
20. Шанский Н.М. Фразеология современного русского языка / Н.М. Шанский. - М.:ЛЕНАНД, 2014. – 265 с.

РОҲҲОИ СОХТА ШУДАНИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ФЕЪЛӢ БО ЯК ВОЖАИ МЕҲВАРӢ ДАР ТАЪРИХНОМАҲОИ ТОҶИКИИ ҚАРНҲОИ X-XIII

Мақола ба усулҳои арзи вуҷуд кардани мувозиҳо дар доираи воҳидҳои фразеологии феълии ҷузъи *дил* дошта бахшида шудааст. Муаллиф дар заминаи маводи шаш таърихномаи тоҷикии мансуб ба қарнҳои X-XIII кӯшиш ба харҷ додааст, ки нақши феълҳои мустақилмаънову ёвар, ҳиссаи унсурҳои морфологии забонро дар ташаккули мувозиҳои луғавӣ ва грамматикии ибораҳои рехтаи феълӣ ошкор намояд. Дар натиҷаи таҳлил ва муқоисаи гурӯҳе аз ибораҳои зикргашта нақши вожаи соматикии *дил* ҳамчун унсури суробсози ибораҳои устувор собит карда шуда, дар натиҷаи робита пайдо намуданаш бо як қатор феълҳо, амсоли *шудан-гаштан, шудан-доштан, баргирифтан-бардоштан* зуҳур кардани шаклҳои мухталифи айни як воҳиди фразеологӣ бо зикри далелҳои мушаххас ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Дар ҷараёни аз назари таҳлил гузаронидани қисме аз фразеологизмҳо муаллиф ба хулосае омадааст, ки бидуни пешванди *би-* ё бо он омадани феълҳо, инчунин ҳамчун муродифи якдигар ба кор рафтани пешояндҳои *ба*, *дар*, *андар* дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ боиси зуҳури мувозиҳои морфологӣ мешаванд.

Калидвожаҳо: таркиби ибораҳои фразеологии феълӣ, ибораҳои якмаъно ва сермаъно, мувозӣ, вожаҳои соматикӣ, таркиби лексикӣ, пешвандҳои шаклсозу калимасоз, феълҳои мустақилмаъно ва ёвар, таърихномаҳо, фарҳангномаҳо.

ПУТИ ФОРМИРОВАНИЯ ГЛАГОЛЬНЫХ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ С ОДНИМ СТЕРЖНЕВЫМ СЛОВОМ В ТАДЖИКСКИХ ИСТОРИЧЕСКИХ ТРАКТАТАХ X-XIII ВЕКОВ

Статья посвящена рассмотрению способов использования сравнений в рамках глагольных фразеологических единиц элемента *дил - сердце*. Автор на основе изучения материалов шести таджикских исторических трактатов X-XIII веков сделал попытку выявления роли полнозначных и вспомогательных глаголов, выявить вклад морфологических элементов языка в формирование словарных и грамматических сравнений глагольных фразеологических словосочетаний. В результате анализа и сравнения группы из указанных словосочетаний выявлена роль соматического слова *дил – сердце* как видообразующего элемента устойчивых словосочетаний и в результате приобретания связи с рядом глаголов такими как *шудан-гаштан, шудан-доштан, баргирифтан-бардоштан* проанализировано выявление различных форм как одной фразеологической единицы с приведением конкретных примеров. В процессе анализа части фразеологизмов автор приходит к выводу о том, что кроме предлога *би-* или его использования с глаголами, также использование предлогов *ба*, *дар*, *андар* друг с другом в составе фразеологических единиц становится причиной возникновения морфологических средств сравнения.

Ключевые слова: состав глагольных фразеологических единиц, однозначные и многозначные словосочетания, сравнения, соматические слова, лексический состав, формоообразующие и словообразующие предлоги, исторические трактаты, словари.

WAYS OF FORMATION OF VERBAL PHRASEOLOGICAL UNITS WITH A SINGLE CORE WORD IN TAJIK HISTORICAL TRACTS OF X-XIII CENTURIES

The article is devoted to the consideration of the ways of the existence of comparisons within the verbal phraseological units of the element dil - heart. Based on the study of materials from six Tajik historical treatises of the X-XIII centuries, the author tried to reveal the role of full-valued and auxiliary verbs, to reveal the contribution of morphological elements of the language to the formation of dictionary and grammatical comparisons of verbal phraseological phrases. As a result of the analysis and comparison of a group of these phrases, the role of the somatic word dil - heart as a species-forming element of stable phrases was revealed, and as a result of acquiring a connection with a number of verbs such as shudan-gashtan, shudan-doshtan, bargirifan-bardoshtan, the identification of various forms as one phraseological unit was analyzed indicating specific reasons. In the process of analyzing some of the phraseological units, the author comes to the conclusion that, in addition to the preposition bi- or its use with verbs, also the use of the prepositions ba, dar, andar with each other as part of phraseological units becomes the cause of the emergence of morphological means of comparison.

Key words: the composition of verbal phraseological units, unambiguous and polysemous phrases, comparisons, somatic words, lexical composition, formative and word-forming prepositions, historical treatises, dictionaries.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии фарҳангшиносӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузар. Мавлонбеков, 1. E-mail: **sarvinoz.79@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-774-05-01**

Сведения об авторе: ***Джураева Сарвиноз Бобокуловна*** - Худжандский государственный университет им. академик Б. Гафурова, кандидат филологических наук, доцент, заведующей кафедры культурологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова, 1. E-mail: **sarvinoz.79@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-774-05-01**

Information about the author: ***Juraeva Sarvinoz Boboqulovna*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, Associate Professor of Philological Science, head of chair of culturology. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, pr. Mavlyanbekova 1. E-mail: **sarvinoz.79@mail.ru.** Tel**.: (+992) 92-774-05-01**

УДК: 4/81.2. 19

МАВҚЕИ ВОЖАҲОИ АРАБӢ ДАР “СИЁСАТНОМА”-И ХОҶА НИЗОМУЛМУЛКИ ТӮСӢ

Маликова Н.Н.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Яке аз роҳҳои бой шудани фонди луғавӣ ва лексикаи ҳар забон, пеш аз ҳама, иқтибоси вожаву таркибҳо аз забонҳои беруна мебошад. Бар ин асос дар олам ҳеҷ забон нест, ки битавонад аз омехтагӣ ба забони дигар худро барканор дорад. Ба таъбири донишманди эронӣ Парвиз Хонларӣ “Ҳеҷ забоне аз забонҳои ақвоми мутамаддин аз луғати фаровони бегона холӣ нест ва иллати ин амр он аст, ки тамаддун аз иртибот ва бархӯрди миллатҳо бо якдигар тавсеа ва тараққӣ меёбад ва ғолибан он чӣ миллате аз миллати дигар иқтибос мекунад бо номи аслии он ҳамроҳ. Шояд танҳо чанд қабилаи ваҳшӣ битавон ёфт, ки дар забонашон лафзӣ бегона набошад ё кам бошад, зеро ки бо дигарон ошноӣ ва омезиш надошта ва аз эшон чизе наомӯхтаанд” [14, с.143].

Забони тоҷикӣ аз ҷумлаи забонҳоест, ки дар раванди инкишофи таърихии худ ба тағйиротҳои назаррас дучор гардидааст. Ҳарчанд ба забони тоҷикӣ аз забонҳои мухталиф калимаҳо иқтибос гардидаанд, вале он дар таърихи худ аз ҳеҷ забоне ба монанди забони арабӣ иқтибос нанамудааст.Дар ин маврид забоншинос А.С. Пейсиков мегӯяд: «Дар байни забонҳои Шарқи Наздик ва ҳам Шарқи Миёна, ки ҳамаи онҳо таҳти забони арабӣқарор доштанд, аз ҳама бештар калимаҳову истилоҳоти арабӣ ба забони тоҷикӣ ворид шудаанд» [8, с.36].

Ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ ворид гардидани калимаҳои арабӣ сабабҳои муайяни таърихӣ дорад. Забони арабӣ, ки пас аз зуҳури Ислом ва кишваркушоиҳои араб ҳамчун забони дин ва хилофат дар олам муътараф гашт, дар муддати кӯтоҳе омӯхтани он дар байни аҳли фазлу дониш ва бо он асарҳои илмӣ, таърихӣ ва бадеӣ эҷод намудан ва китобат кардан расмият ёфт. Ба ибораи дигар, дар асрҳои аввали ҳичрӣҳар нафаре, ки ба пояи баланди илмӣ расидан мехост ва ё ба даст ёфтани мансабу ҷойгаҳи назарраси сиёсӣ азм мекард, ҳатман ба омӯзиши забони арабӣ ва ба таври хуб фаро гирифтану маҳорати комил ёфтан дар он мепардохт, ки ин аз як тараф, ба суръати бештар ёфтани вуруди калимаҳову ибораҳои арабӣ ба забони тоҷикӣ мусоидат намуда, дар навбати худ таваҷҷуҳи мардуми Эрону Осиёи Миёнаро ба омӯзиши он бештар мекард [6, с.316]. Дар ин бора муҳаққиқ С. Ҳалимов чунин таъкид менамояд: «Яке аз сабабҳои истеъмоли калимаҳои арабӣ дар он аст, ки муаллиф фикру андеша ва воқеаро бо ҷумлаҳои мусаҷҷаъ баён карданӣ мешавад. Чун калимаҳои тоҷикӣ кифоя набудааст, бинобар ин, калимаҳои арабӣ дар ибораю ҷумлаҳои ҳамқофияву мусаҷҷаъ хеле зиёд ба кор бурда шудааст» [5, с.76-80].

Омӯзишу таҳқиқоти иқтибосот аз ҷанбаҳои муҳимми илми забоншиносӣ маҳсуб меёбад. Доир ба муносибатҳои байниҳамдигарии забони тоҷикӣ бо арабӣ, иқтибос шудани калимаҳои арабӣ ба забони тоҷикӣ як қатор корҳои назарраси илмӣ анҷом ёфтаанд. Дар ин ҷода саҳми пажӯҳишгарони тоҷик аз зумраи Т. Бердиева, С. Ҳалимов, М. Насруллоев, С. Сулаймонов ва дигарон калон аст.

Ҳамчунин паҳлуҳои гуногуни “Сиёсатнома”- и Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ аз тарафи муҳаққиқони зиёди ватаниву хориҷӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Аммо истифодаи вожаҳои арабӣ дар ин асар ҳанӯз аз масоили ҳалношуда маҳсуб меёбад. Дар мақолаи мазкур сайъ мешавад, ки миқдор ва дараҷаи истифода шудани калимаҳои иқтибосии арабӣ дар “Сиёсатнома”- и Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ мавриди баррасӣ қарор гирад.

Иқтибосоти арабӣ як қисмати назарраси“Сиёсатнома”–ро ташкил медиҳанд. Дар қатори ин зикри як нуқта зарур аст, киҳарчанд калимаҳои арабӣ дар асари мазкур зиёд ба кор бурда шудаанд, аммо сабку нигориши он хеле соддаву оммафаҳм мебошад.

Қисмати бештари калимаҳои арабии “Сиёсатнома”- ро вожаҳои арабие ташкил медиҳанд, ки дар забони тоҷикӣ дар қатори лексикаи аслии он қарор гирифтаанд ва дар

асл арабӣ будани онҳоро мо танҳо аз мақолоту асарҳои забоншиносӣ метавонем дарёбем. Масалан:

"...подшоҳ ӯро бар андозаи ӯ бар ***сабили шараф лақабе*** *диҳад ва ӯро аз миёни* ***ақрон*** *падид орад..." (7, с.122).*

Дар ҷумлаи зикршуда чор вожаи арабиасл истифода гардидааст, ки ҳамаи онҳо дар забони тоҷикӣ калимаҳои мустаъмал буда, бо ҳамон маъное, ки дар арабӣ истифода мешаванд, дар забони тоҷикӣ низ бо ҳамон маъно ба кор бурда мешаванд.

Чунин калимаҳои дар забони тоҷикӣ мустаъмал аксарияти калимаҳои иқтибосии асарро ташкил медиҳанд. Аз ҷумла калимаҳои: ***сират*** *(7, с.**13**),* ***ақл*** *(7, с.**14**),* ***адаб*** *(7, с.**13**),* ***неъмат*** *(7, с.**14**),* ***иморат*** *(7, с.**14**),* ***сиёсат*** *(7, с.**13, 14, 16, 18…**),* ***хулафо*** *(7, с.**15, 37, 56…**),* ***қиёмат*** *(7, с. **15, 72, 119…**),* ***қисса*** *(7, с. **16, 67, 85…**),* ***хабар*** *(7, с.**16, 18,**),* ***одил*** *(7, с. **16, 18, 19…**)* ***дин*** *(7, с.**18. 56, 176….**),* ***таъмир*** *(7, с.**16, 33**),* ***мамлакат*** *(7, с.**17, 23, 26…**),* ***гофил*** *(7, с.**16, 20, 23…**),* ***ҳикоят*** *(7, с.**15, 16, 17…**),* ***малик*** *(7, с.**15, 17, 38…**),* ***давлат*** *(7, с.**17,20,21…**),* ***воҷиб*** *(7, с.**38, 42, 44…**),* ***гулом*** *(7, с.**34, 38, 64…**),* ***ровӣ*** *(7, с.**103, 108, 167**),* ***неъмат*** *(7, с.**69, 76, 103**),* ***иззат*** *(7, с.**42, 76, 77**),* ***ҳукм*** *(7, с.**15, 16, 106…**),* ***олим*** *(7, с.**42, 56, 57**),* ***аҳвол*** *(7, с.**24, 26, 27**)* ва ғайра.

Ҳамчунин дар "Сафарнома" калимаҳои арабие ба назар мерасанд, ки дар забони тоҷикӣ аз калимаҳои камистеъмол маҳсуб меёбанд. Вожаҳои арабии дар забони тоҷикӣ камистеъмол ақаллияти иқтибосоти арабии асарро ташкил медиҳанд. Аз ҷумла дар "Сиёсатнома" **78** адад калимаҳои кам истифодашаванда мавриди корбарӣ қарор гирифтаанд. Ба монанди ***маъзул, маврус, ибқо, иқтоъ, итлой, лобуд, мақтеъ, даммоъ, сувқ, игмоз, шореъ, айима, занн, широъ, инбисот*** ва амсоли инҳо. Маврид ба зикр аст, ки калимаҳои ***занн*** (гумон), ***игмоз*** (туҳмат кардан, бадзабонӣ), ***инбисот*** (кушода шудан), ***широъ*** (харид), ***сувқ*** (бозор) дар "Сафарнома" – и Носири Хусрав, ки ҳар ду асар дар давраи аввали салтанати Салҷуқӣ таълиф гардидаанд, бисёр ба назар мерасанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки калимоти дар боло қайдшуда аз нигоҳи забони адабии имрӯз калимаҳои камистеъмол ба ҳисоб мераванд, аммо ин вожаҳо дар замони муаллиф калимаҳои мустаъмал ва ба мардуми авом фаҳмо шуморида мешуданд.

Қисмати дигари иқтибосоти арабӣ дар "Сафарнома", ин вожаҳои арабӣ дар шакли ҷамъи тақсир ва занонаи солим мебошад. Аз ҷумлаи:

"...имзову ҳашмати ӯ дар ***қулубу уюни халоиқ*** бигустаронад, то мардумон дар сояи адлу паноҳи риояти ӯ рӯзгор мегузаронанд ва эмин ҳамебошанд..." [7, с.14].

Дар ҷумлаи овардашуда се калимаи арабӣ дар шакли ҷамъ мавриди истифода қарор гирифтааст, яъне қулуб ҷамъи қалб, уюн ҷамъи айн ва халоиқ ҷамъи халқ.

Дар "Сиёсатнома" навъҳои ҷамъбандии арабӣ зиёд ба назар мерасанд. Аз ҷумлаи ***амвол, аъмолаҷдод, аҳвол, мулук, уммол, авлод, айём, вузаро, халоиқ, умаро, хулафо, муфассидин, русум, билод, ҷуюш, салотин, улум, вилоёт, масоҷид, уммол, ҳукамо,*** ва ғайра. Бо истифода аз методи оморӣ метавон зикр кард, ки дар асари мазкур 98 адад иқтибосоти арабӣ дар шакли ҷамъ мавриди корбарӣ қарор гирифтаанд.

Ҳамчунин дар "Сиёсатнома"-и Низомулмулк баъзе калимаҳои арабӣ бо шакли дугонаашон, яъне мусанно ҷой дода шудаанд. Шакли мусанно яъне дугона хосси забони арабӣ мебошад, вале новобаста аз ин, калимаҳо дар шакли дугонаашон вориди фонди луғавии забони тоҷикӣ гаридаанд. Чунин калимаҳо дар "Сиёсатнома" ҷой дода шудаанд, вале онҳо ақаллияти калимаҳои арабии ин китобро ташкил медиҳанд. Ба монанди ***тарафайн, волидайн, валадайн*** ва ғайра.

Қисми дигари калимаҳои арабии дар "Сиёсатнома" овардашуда калимаҳое мебошанд, ки аз феълҳои ёридиҳандаи тоҷикӣ ва калимаҳои арабӣ феълҳои номии таркибӣ сохтаанд. Масалан:

"... халале дар мулк дарояд ва хостанд мардум ***талаф шаванд*** ва бузургони давлат озурда гарданд" [7, с.136].

Ё дар ҷойи дигар:

"Ҳар чӣ ситадаем, ба Исмоил додаем. Аз ӯ***талаб кунед***, ки ман тоқати ҷавоби хасмон надорам" [7, с. 25].

Дар "Сиёсатнома" ин гуна феълҳо зиёданд, ба монанди: ***эҳсос кард*** *(7, с.**67**),* ***воқеъ гаштааст*** *(7, с.**156**),* ***талаф шуд*** *(7, с.**89**),* ***тасвир шудааст*** *(7, с.**147**),* ***эмин бошад*** *(7, с.**33**)* ва ғайра.

Қисмати калони иқтибосоти арабие, ки дар “Сиёсатнома”-и Низомулмулк истифода шудааст, мураккабот, яъне ба ибораи дигар, ибораҳои арабӣ ташкил медиҳад. Мавриди зикр аст, ки мураккаботи арабӣ гурӯҳи калони иқтибосоти арабиро дар забони тоҷикӣ ташкил медиҳанд, ки бештар дар осори шоирону нависандагони асрҳои қаблӣ ба назар мерасанд. Ба қавли Ҳ. Маҷидов “Баробари калимаҳои аслии арабӣ ба тоҷикӣ як идда мураккаботи ин забон, яъне таркиб, ибора ва ҷумлаҳои калимашудаи он низ ворид гаштаанд. Ба ин гурӯҳ ибораҳои изофӣ, таркибҳои гуногуни хабарӣ ва ҷумлаҳои пурраи ба калимаҳо мубаддалшуда дохил мешаванд” [6, с. 67].

Дар “Сиёсатнома”- и Низомулмулк низ миқдори ин навъи ибораҳо хеле зиёд ба чашм мерасад. Масалан:

“Аз *амиралмуъминин* Алӣ *алайҳассалом* пурсиданд, ки аз мардони мард кадом муборизтар? ” [7, с.89].

Ё дар мисоли дигар:

“... аз Макка ба Мадина рафтам ва зиёрат кардам ҳазрати ***расулуллоҳро***...” [7, с. 65].

Дар “Сиёсатнома” беш аз **15** мураккаботи арабӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Аз ҳама бештар ***қозиюлқуззот*** (8 маротиба) ва ***амиралмуъминин*** (11 маротиба) мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтааст. Бояд қайд намуд, ки Низомулмулк дар “Сиёсатнома” мураккаботи арабиро бештар ҳамчун муродифи калимаҳои дигар истифода бурдааст. Масалан, ибораи ***байтулмол*** муродифи ***хазина***, ***раъйулайн*** муродифи ***мушоҳида***, ***дорулкуфрро*** ҳамчун муродифи ***буткада*** оварда шудааст.

Ҳамчунин дар “Сафарнома”- и Носири Хусрав **2** ҷумлаи пурра бо забони арабӣ оварда шудааст:

“Ли кулли амалин риҷолу”

“Кам мин фиатин қалилатин ғалабат фиатан касиратан биизниллоҳи валлоҳу маа-с-собирин”.

Мавриди таъкид аст, ки яке аз нишонаҳои асосии азхудшавии иқтибосот дар забони иқтибосгиранда иштироки онҳо дар раванди калимасозии забони иқтибосгиранда мебошад. Аз ҷиҳати калимасозӣ азхудшавии иқтибосот дар забони иқтибосгиранда аз забони иқтибосшаванда дар мавриде ҷой дошта метавонад, ки агар аз забони иқтибосшаванда адади фаровони калимаҳо, яъне маҷмӯи калимаҳое, ки шакли асосии онҳо дар забони иқтибосшаванда зинда буда, баъди воридшавӣ ба забони иқтибосгиранда аз нав гӯё зинда мегарданд, мавриди истифода қарор гиранд.

Баъди таҳлилу баррасии ҳамаи иқтибосоти арабии “Сиёсатнома”чунин навъҳои калимасозии забони тоҷикӣ тавассути иқтибосоти арабӣ ва пасванду пешвандҳои калимасози тоҷикӣ мушоҳида гардид. Аз ҷумлаи пасвандҳои сермаҳсули тоҷикӣ, ки дар таркиби иқтибосоти арабии забони тоҷикӣ фаъолона ширкат меварзанд, пасванди ***–гар, -ак,-он, -гон –ӣ, -тар, -истон, -ин, -гин, -манд*** ва ғайра мебошанд. Мисол:

“Хазинадорро *гӯ, кисаи зар биёрад ва тарозу биёраду дувист динори халифатӣ биёрад ва бисанҷаду ба ман диҳад”* (*7, с.*74)

Ё дар ҷумлаи дигар:

“Гуфтанд, инон ***ҳаммазҳабони*** *дайламонанд ва ҳавохоҳи эшон чун пой устувор кунанд, кори туркон базиён ованд*” (*7, с.*122)

Аз ҷумлаҳои фавқуззикр маълум мегардад, ки калимаҳои арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ фаъолона иштирок менамоянд ва боиси ғанӣ гардидани таркиби луғавии забони тоҷикӣ шудаанд. Далели ин гуфтаҳо метавонад, калимоти ҷамъоварда аз “Сиёсатнома”- и Низомулмулк бошад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқот нишон дод, ки забони арабӣ дар осори насрии давраи Салҷуқиён аз ҷумла дар “Сиёсатнома”- и Низомулмулки Тӯсӣ таъсири амиқи худро гузоштааст. Пас аз таҳқиқи ин асар ҳаминро метавон қайд намуд, ки калимаҳои арабӣ дар асари мазкур қисмати назаррасеро ташкил намудаанд. Муаллиф дар асараш на танҳо калимаҳо, балки мураккаботи арабӣ ва ҳамчунин ҷумлаҳои пурраро ба забони арабӣ истифода намудааст. Бо истифодабарии методи оморӣҳаминро метавон қайд намуд, ки Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ дар китобаш 60% калимаҳои арабиро мавриди истифода қарор додааст. Дар пайи ин зикри як нуқта зарур аст, ки новобаста аз орӣ набудан аз вожаву таркибҳои арабӣ, асари мавриди таҳқиқи мо қарор гирифта фаҳмову оммафаҳм эҷод шудааст. Масалан, ошноии сатҳии мо бо дигар осори мансури аҳди салҷуқӣба монанди

“Таърихи Байҳақӣ”-и Абулфазли Байҳақӣ, “Чаҳор мақола”- и Низоми Арӯзии Самарқандӣ, “Насиҳат-ул-мулук”-и Муҳаммад Ғаззолӣ, “Сафарнома” – и Носири Хусрав, ки дар соли навишт бо “Сиёсатнома” баробар аст, нишон дод, ки “Сиёсатнома” хеле соддаву муъҷаз эҷод гардидааст.

Муқарриз: ***Қӯзиева Н.М.*** – номзади илмҳои филологӣ, ДДХ ба номи Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Бердиева Т. Иқтибос ва рушди забон / Т.Бердиева // Мактаби советӣ. 1989. - №2. - С.20-22.
2. Бердиева Т. Назарияи иқтибос. Калимоти арабӣ дар забони тоҷикӣ / Т.Бердиева. - Душанбе,1991. – 128 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ. 1. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 356 с.
4. Ковалев А.А. Учебник арабского языка / А.А. Ковалев, Г.Ш. Шарбатов. - Москва, 1960. – 687 с.
5. Қосимова М. Таърихи забони адабии тоҷик / М.Қосимова. –Душанбе, 2003. – 490 с.
6. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик Ҷ.1 Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. - Душанбе, 2007. – 242 с.
7. Низомулмулк. Сиёсатнома / Таҳиягар А. Девонақулов. - Душанбе, 1989. – 200 с.
8. Пейсиков Л.С. Лексикология современного персидского языка / Л.С. Пейсиков. - Москва; Изд-во МГУ, 1975.
9. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёти Эрон. Ҷ.1 / Забеулло Сафо. - Теҳрон: Интишороти Фирдавсӣ. 1371. – 816 с.
10. Саломов А. Тағйироти фонетикии иқтибосоти арабӣ дар забони тоҷикӣ / А.Саломов // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2020. - № 3. - С.72-76.
11. Саломов А. Ифодаи ҷамъбандии иқтибосоти арабӣ дар забони тоҷикӣ. / А.Саломов // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2019. - № 8. - С.76-80.
12. Тоҳирова Қ. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / Қ.Тоҳирова. – Душанбе, 1967. – 80 с.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1-2. - Душанбе, 1969. – 951 с.; - 950 с.
14. Хонларӣ П. Қавоиди луғати форсӣ / П.Хонларӣ. - Қоҳира, 2005. - 499 с.
15. Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои 11-12) / С. Ҳалимов. - Душанбе, 2002. – 96 с.

ИСТИФОДАИ КАЛИМАҲОИ АРАБӢ ДАР “СИЁСАТНОМА”-И НИЗОМУЛМУЛКИ ТӮСӢ

Дар мақола роҷеъ ба таъсири забони арабӣ ба яке аз асарҳои машҳури садаи 11-ум “Сиёсатнома”-и Низомулмулки Тӯсӣ маълумот дода шудааст. Таъсири забони арабӣ нисбат ба дигар забонҳо ба забони тоҷикӣ равшантар зоҳир гаштааст. Ин таъсирот пас аз кишваркушоиҳои араб оғоз гардида, унсурҳои арабӣ ботадриҷ дохили забони тоҷикӣ гардиданд. Забони арабӣ дар муддати кӯтоҳ дар байни аҳли фазлу дониш муътараф гаштаву бо он асарҳои илмӣ, таърихӣ ва бадеӣ эҷод гардиданд. Ин гуна навовариҳо дар қарни панҷуми ҳиҷрӣ, яъне дар замони ҳукмронии империяи Салҷуқиён ба назар мерасад. Дар аҳди салтанати Оли Салҷуқ таъсири забони арабӣ нисбат ба қарнҳои гузашта равшантар зоҳир шудааст. Унсурҳои забони арабӣ дар осори насрии ин давра бештар инъикос шудаву, таъсири забони арабӣ дар осори насрии давраи Салҷуқиён дар мисоли “Сиёсатнома” – и Хоҷа Низомулмулк амиқтар мушоҳида мешавад. Дар “Сиёсатнома”-и Низомулмулк низ миқдори калимаҳои иқтибосии арабӣ як гурӯҳи калонро ташкил медиҳад. Дар мақолаи мазкур иқтибосоти арабӣ аз якчанд ҷиҳат таҳқиқ шудаанд. Гурӯҳи аввали иқтибосоти арабие, ки дар асар истифода шудаанд, калимаҳое мебошанд, ки пурра мутобиқи забони тоҷикӣ гардидаандва арабӣ будани онҳоро танҳо мутахассисони соҳа метавонанд муайян намоянд. Гурӯҳи дуюмро иқтибосоте ташкил медиҳанд, ки бо шакли “мусанно” яъне дугона ба кор бурда шудаанд. Қисмати дигари калимаҳои арабиро вожаҳое ташкил медиҳанд, ки дар забони тоҷиқи қариб истеъмол намешаванд. Дар натиҷаи таҳқиқ, бо истифодаи методи оморӣ маълум гардид, ки дар асар тақрибан 60% калимаҳои арабӣ истифода шудаанд. Вале бо вуҷуди зиёд будани калимаҳои арабӣ дар Сиёсатнома, он хеле соддаву равон ва оммафаҳм мебошад.

Калидвожаҳо: Сиёсатнома, Низомулмулк, насри арабӣ, калимаҳои аслӣ, иқтибосоти арабӣ, таъсиррасонӣ, калимаҳои мураккаб, муарработ.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ АРАБСКИХ СЛОВ В «СИЯСАТНАМЕ» - НИЗАМ АЛ-МУЛКА ТУСИ

В статье дается обзор влияния арабского языка на одно из самых известных произведений X1-го века “Сиясатнаме”(Книга о правлении) Низам ал-Мулк Туси. Влияние арабского языка на таджикский язык более выражено, чем на любой другой язык. Это влияние началось после арабских завоеваний и арабские слова постепенно стали частью таджикского языка. Арабский язык за короткий промежуток времени стал популярен среди ученых. С их помощью создавались научные, исторические и художественные произведения. Такие нововведения наблюдаются в V веке по хиджре, во времена правления империи Сельджуков. В период правления Сельджуков влияние арабского языка стало более выраженным, чем в предыдущие века. Элементы арабского языка в большой степени отражены в прозе этого периода, и это влияние можно рассмотреть на примере “Сиясатнаме” Низам ал-Мулка. В “Сиясатнаме” тоже использовано множество арабских слов и элементов. В статье арабские заимствованные слова рассматриваются несколькими способами. Первая группа арабских слов в данной книге - это слова, полностью адаптированные к таджикскому языку и их арабская идентичность может быть определена только специалистами в данной области. Второя группа состоит из арабских слов, используемых в форме “мусанно”, то есть в двойственномчисле. Другая часть арабских заимствований состоит из слов, которые почти не используются в таджикском языке. В результате исследования с использованием статистического метода было установлено, что в данной книге было использовано около 60% арабских заимствований.

Однако, несмотря на обилие арабских слов, эта книга написана ясно и доходчиво.

Ключевые слова: Сиясатнаме (Книга о правлении), Низам ал-Мулк, арабская проза, слова, арабские заимствования, влияние, сложные слова, исконные слова, арабизированные слова.

USAGE OF ARABIC WORDS IN «SIYASATNAMA» BY NIZAM al-MULK TUSI

This article gives information about the influence of Arab language in one of the well-known books of 11 century «Siyasatnama»(Book of Government) byNizam al-Mulk Tusi. The influence of Arab language on Tajik language is bigger than any other languages. That had begun influencing during and after arab conquests. Arab lexis and culture gradually got into Tajik language. During a very short time Arab language had become popular among poets, writers and scientists, so they created their scientific, historical and literary works in Arabic. Such innovation are observed in the 5th century of the Hijra, during the reign of the Seljuk empire. During the seljukid period, the influence of the Arabic language became more pronounced than in previous centuries. Elements of the Arabic language are more reflected in the prose of this period and this influence can be considered on the example of Nizam al-Mulk's «Siyasatnama». In «Siyasatnama» there are a lot of Arab borrowed words. In the article Arabic borrowing are considered in several ways. The first groups of Arabic words in this book are words that are fully adapted to the Tajik and their Arabic identify can only be determined by specialists in this field. The second group consists of Arabic words used in the form "musanno" that is dual. Another part of Arabic borrowings consists of words that are almost never used in the Tajik language. As a result of the research using the static method, It was found that about 60% of Arab borrowings were used in this book. But in spite of using a lot of Arab words, the book is simple and fluent.

Key words: «Siyasatnama»(Book of Government), Nizam al-Mulk, Arab prose, original words, Arabic borrowing, influence, complex words, Arabized words.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Маликова Нигина Насриддиновна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, докторанти кафедраи грамматикаи забони арабӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, кӯч. Мавлонбекова, 1. Тел.: **(+992) 92-722-08-33**

Сведения об авторе: ***Маликова Нигина Насриддиновна*** - Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, докторант кафедры грамматики арабского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлонбекова, 1. Тел.: **(+992) 92-722-08-33**

Information about the author: ***Malikova Nigina Nasriddinovna*** - Khujand State University named after B. Gafurov, doctorant of Arabic grammar department. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, pas. Mavlonbekov 1.Tel.: **(+992) 92-722-08-33**

УДК: 491.550-4

МАВҚЕИ КАЛИМАҲОИ КУҲНАШУДАИ ИФОДАКУНАНДАИ МАФҲУМҲОИ ҲУНАРМАНДӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ВОДИИ ҲИСОР

Абдуллоева Г.З.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Ҳунармандӣ аз қадимулайём шуғли асосии мардуми тоҷик буда, ӯро миёни халқҳои дигар боз ҳам шуҳратмандтар гардонида буд. Гарчанде дар ҷомеаи имрӯза аксарияти лавозимоти ниёзи мардум тавассути мошинаву дастгоҳҳо истеҳсол карда мешаванд, аммо бо мурури замон ашёҳое, ки ҳунармандон истеҳсол менамоянд қурби худро гум накарда, баръакс талабгорони зиёд пайдо карда истодаанд.

Рушди ҳунармандӣ на танҳо омили пешравии ҷомеа ва некуаҳволии халқ мегардад, инчунин ин падидаи нек боиси ташаккулу такомули таркиби луғавии забон низ шуда метавонад. Таркиби луғавии забонамон қомуси азимест, ки дар он олами маънавии халқ, таъриху тафрибаи зиндагии вай, урфу одат ва хислату хусусиятҳои он дар қолаби калимаҳои ҷудогона сабт ёфтаанд. Маҳз ба воситаи калимаҳои забонамон мо ба ин боигариҳои маънавии гузаштагони худ соҳиб мешавем [6, с.39].

Бо рушди саноату ҷаҳонигарой аксарияти вожаҳое, ки дорои маҳфумҳои ҳунармандӣ буданд бо гузашти айём мавқеи худро аз даст дода ба ҷои он истилоҳу калимаҳои нав вориди забон гардиданд. Вақте калимае, унсуре ё қоидаи забоние, ки аз доираи истифода дур мегардад, мавқеи пешинаи худро аз даст медиҳад, ба захираи ғайрифаъолу маҳдуд ва эҳтиётии забон ворид мешавад. Хусусан, калимаҳо умри дароз дида, шояд вазифаи худро адо карда, ҷойи худро ба калимаҳои дигар медиҳанд [16, с.240].

Ин раванд ба луғати соҳаи ҳунармандӣ низ бетаъсир намонд. Баъзе унсурҳое, ки дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор маҳфумҳои ҳунармандиро ифода менамуданд оҳиста- оҳиста мавқеи истеъмоли худро аз даст доданд. Вале бо фаро расидани даврони истиқлол ва махсусан, эълон гардидани солҳои 2020 - 2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ” аз ҷониби Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боиси он гардид, ки мо тоҷикон ба асли худ баргардем. Он анъана ва суннатҳои мардумие, ки доштем аз нав зинда гардонем. Рушди забон бо таърихи халқ, бо фарҳанги он, бо санъат, бо анъана, урфу одат ва расму оини он алоқаи ногусастанӣ дорад [15, с.13].

Тавре ки маълум аст, ҳангоми инкишофи ҷамъият ва масъалаҳои мубраме, ки дар ҷомеа пайдо мешаванд, дар забон калимаҳои нав пайдо мешаванд, ки мафҳумҳо ва ҳодисаҳои навро ифода мекунанд. Дар ин маврид аксарияти вожаю истилоҳоти пешина ҷойи худро ба калимаҳои нав медиҳанд.

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки иқдоми неки Сарвари кишвар боиси зинда шудани баъзе аз калимаҳо низ гардид. Ҳунармандон дар ин давра фаъолияти худро ҷиддитар ба роҳ монда, он ҳунарҳое, ки дар як давраи муайян истифода намегардиданд, аз нав зинда шуданд. Масалан, дар Қаратоғи водии Ҳисор ҳунари *лачакдӯзӣ* аз нав инкишоф ёфта, вожаи *лачак* боз ба гурӯҳи калимаҳои серистеъмол дохил шуд.

Аслан, калимаи лачак дар забони тоҷикӣ синонимҳои зиёд дорад, аз қабили *руймол/ нумол, сарбанд, сарпечак, қарс, уребча* ва инчунин калимаҳои иқтибосии *шарф ва касинка* низ ҳамин мафҳумро ифода карда метавонанд, ки дар айни замон дар ин лаҳҷаҳо хеле серистеъмоланд. Бояд ҳаминро иброз намоем, ки гарчанде калимаи *лачак* дар забони тоҷикӣ корбаст мешуд, аммо дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” тафсир нашудааст, аммо устод Айнӣ оид ба вожаи “ лачак “ чунин овардааст: “*Лачак*" парчае буд, ки занон дар мӯй ва зери гулӯ мебастанд [1, с.180]. "Лачакдӯз" шахсе буд, ки лачак медӯхт. Ҳоло ин калима аз истеъмол баромада куҳна шудааст. Таҳлилҳо собит намуданд, ки калимаи *лачак* дар фолклори ин мавзеъ истифода шудааст:

Лачаки сарат аз рангаки нофармон,
Аз ишқаки ту ман сарсону сарвайрон.
Гар салту сувайтии ман бепоён,
Хонатон раван бо лаъливу дъстурхон.

Лачаки сари духтара бин пилагӣ,
Дустут, ки надошт накун дигар хирагӣ.
Ин дилаки ту моил ба мани маҷнун боша,
Келини очамай ин духтари ваъдагӣ.

Истилоҳи *қасобадӯзӣ* низ марбут ба ҳунармандони қаратоғии водии Ҳисор буд, зеро ҳунари қасобадӯзӣ низ миёни занҳои ин мавзеъ хеле рушд карда буд ва қасобаҳои дӯхтаи занони қаратоғӣ дар бозорҳо харидорони хеле зиёд доштанд. Гарчанде вожаи *лачак* дар " Фарҳанги забони тоҷикӣ тафсир нашудааст", аммо оид ба калимаи "*қасоба*" ишора шудааст, ки ба луғати забони арабӣ шомил аст ва чунин тафсир шудааст: *қасоба*- матое, ки дар сар мебанданд (махсуси занҳо). Қасобабанд - он, ки ба сараш қасоба мебандад:

Ҳама сарболову гесукаманданд.
Ҳама париёнпӯшу *қасобабандан* [10, с.678].

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки барои занҳои ҳунарманди қаратоғӣ калимаи *қасоба бо* мафҳуми "*матоеро, ки дар сар мебанданд*" бегона буда, маънои "*тоқии баланди зардӯзӣ кардашуда"* - ро мефаҳмонад, ки арӯсон дар тӯйи арӯсиашон ба сар мепӯшанд. Гарчанде ҳунари қасобадӯзӣ солҳои тӯлонӣ аз миён рафта, ин калима низ бо баробари аз байн рафтани ин ҳунар аз истеъмол баромада буд, бо баробари эҳё гаштани ҳунари қасобадӯзӣ ин калима боз зинда шуд.

В стихах, которые мы привели в качестве примера, повторения по строкам стиха не только создают игривость в стихах, но также выражают чувства радости и печали поэта.

Ягуб Махир - поэт с богатым словарным запасом. В своем творчестве он ответственно подошел к языковым вопросам, уделяя особое внимание простоте стихотворения, поэтому в его стихах нашли отражение все тонкости разговорного языка. Наравне с особенностями содержания стихотворений, была и простота языка, которая заставляла шекинцев полюбить поэта. Рамиз Орсар, один из талантливых поэтов литературной среды Шеки, высоко оценил познание поэтом глубин искусства речи и написал: «Ягуб Махир - также мастер слова. Он может утешить себя, утешая волнение души словом » [13, с.3].

Для каждого читателя, читающего стихи поэта, неоспоримо, что он - поэт, отражающий в своих стихах все богатства родного азербайджанского языка. В произведениях Ягуба Махира игра слов организована таким образом, что слово углубляет своё значение. Что делает Махира дорогим для своих читателей, так это то, что он национальный поэт от своей клетки до своей крови. В его стихах сразу привлекает внимание сладость шекинского диалекта. Поэт использовал в своих стихах «встать спозаранку»*(“Obaşdan durmaq”)*, «вдруг исчез, обернувшись хлебом»*(“birdəncə o itdi, bir əppək oldu”),*«щепки»*(“qıxmıx”),* «палки-

щепки»*(“taxta-tuxta”),* «Всё в руках ладится» *(“Əlindən dürr tökülür”)*[13, с.36], «Эта девушка, словно забытый мешок в углу»*(“O qız çuval təki bir küncdə qalıb”)*[13, с.16], «Сердце дрожит как осиновый лист» *(“ Nanə yarpağıtək ürəyim əsir”)* [13, с. 90], «Ох, прямо дым столбом пошёл из головы»*(“Eh, təpəmdən çıxdı tüstüm”)*[13, с.103], «Разве не должно быть капли совести в человеке ?» (*Adamda heç insaf olmazmı bəyəm?”),* «Раньше, чем с допотопных времён» *(“idimsizdən lap əzəldən”)* [13, с.129], «Тем, что Бог послал»*(“Olandan, olmazdan, Allah verəndən”)*[13, с.76], «Я изнываю по твоему голосу»*(“Tamarzıyam mən sənin səsinə”)* [13, с.81], « Не ругайся и не ссорься, устраивая заваруху»*(“qatı-qutu salıb söymə, dalaşma”)* [13, с.84], «Хорошо, кому повезло »*(“Yarıyanın xoş halına”)*(13, с. 62), «Боль пронзает голову, стоит лишь подумать» *(“Fikr etdikcə ağrı qopur başımdan”)* [13, с.65], «Каждый в этой жизни обидчив» *(“Kim olsa həyatda bil, dəymə-düşər”)* [13, с.88], «Откуда мне знать, губительница сердец»*(“Ovcumu iyləmədim, mən nə biləydim, ey afət!”)* [13, с.142], «О девица, да растворюсь в твоих глазах» *(“Ay qız sənin gözuu yiyim”)*[13, с.160], «Опора разрушенному дому» *(“Yıxıq evin dirəyidir”)*[13, с.9], «Не ползал бы я на коленях» *(“Sürünməzdim dizin-dizin”)* [13, с.12], «Едва открыв глаза, попал в переполох» *(“Göz açandan darmacala düşmüşəm”)* [15, с.26] и так далее. Такие слова и стихи показывают глубокое знание диалектных особенностей родного азербайджанского языка.Таких примеров много из произведений поэта разных жанров.

Благодаря независимости, обретенной в конце XX века, появление нашей независимой литературно-лингвистической и лингвистической науки создало условия для интернационализации словарного запаса нашего языка, и новые слова русского и европейского происхождения были добавлены в словарь нашего языка. Как и его современники, Ягуб Махир обогатил свой литературный язык словами русского и европейского происхождения: «Дитя Мехди, подобное цветку, солистка Зейнаб ханум» *(“Mehdinin gül balası, Zeynəbin **solisti** xanım”)* [15, с.45], «А его жене досталась премягкая норка»*(“Amma ki, xanımına yumyumşaq **norka** düşüb”)* [15, с.45], «Бедному Махиру, братец мой, ярмарка досталась» *(“Binəva Mahirə də, ay qadası, **yarmarka** düşüb”)* [15, с.45], «Вчерашний попрошайка стал бизнесменом, о Боже» *(“Dünən dilənən **biznesmen** olub, aman Allah”),* [15, с.45], «Дядя купил мобильный телефон»*(“**Mobil telefon** aldı dayı”)* [15, с.45], «Клянусь Аллахом, это всё мафия привела к недостатку» (“**Mafiya** hər şeyi vallahi çıxardıb qəhətə”) [15, с.80], «Бизнес повернул вспять колесо мельницы народа» (“**Biznes** tərs dəyirman açır bu el-obanın başına”) [15, с.80], «Эсэмэски – бьющий родник для богатых» (“İmkanlılara axar bulaqdı o **esemes**”) [15, с.90] и др. Такие слова, как «***солист», «дефицит», «норка», «ярмарка», «бизнесмен», «мафия», «эсэмэс»*** в стихах привлекают внимание как слова русского и европейского происхождения.

В поэзии Ягуба Махира контраст также широко используется как средство художественного выражения языка: таким образом поэт выбрал антонимы как средство создания контраста.

Заметка:

*Y**o**l g**e**d**i**rəm g**e**cələr**i**,*
*G**ü**nd**ü**z**ü**mə q**a**t**a**-q**a**t**a**,*
*G**a**h g**e**d**i**rəm q**a**ç**a**-q**a**ç**a**,*
*G**a**h g**e**d**i**rəm y**a**t**a** – y**a**t**a*** [14, с.46].

Ночами иду по дорогам я,
И перемежая их с днём,
То иду бегом,
То иду в полусне **(Подстрочный перевод)**

Если мы посмотрим на приведенные выше примеры, то невозможно не увидеть, что маневр поэта по усилению контраста путем повторения одних и тех же слов очевиден.

*Gah **şirinsən**, gah **acı**, gah da **kəm,***
*Həyat səndə nə **yaxşı**dı, nə **pis**di?*
*Biri **gülür**, yüzü çəkir **dərdü-qəm,***
*Həm **soyuq**san, həm mötədil, həm **isti*** [15, с.161].

То ***сладкая,*** то ***горькая***, то ***обычная,***
Жизнь, что ***плохое*** , что ***хорошее*** в тебе?
Один **смеётся**, а сотни погружены в ***горе - печаль ,***

То ***холодна,*** то умеренна, то ***тепла*** **(Подстрочный перевод).**

В то время, когда одним была сладка жизнь, а другому грустна, а один смеялся и сотни людей тонули в море печали, поэт не ускользнул от его внимания.

Ягуб Махир, хорошо знавший теоретические основы литературы, также использовал художественный вопрос как средство описания в своем творчестве. Теория литературы учит, что «художественные вопросы и восклицания как поэтический образ создают высокую интонацию, пафос в поэзии и служат для широкой передачи идей. Художественный вопрос усиливает идею» [7, с.110]. Ягуб Махир также применил эти поэтические образы, которые широко распространены в поэзии, к технике поэзии:

Beş günlük qonağıq biz bu dünyada,
A gözəl, həmdəminolum-olmayım?
Oxşayırcəmalın o parlaqAya,
Baxıb, ilhamımıalım-almayım?[13, с.173].

Мы гости в этом временном мире,
О красавица, быть ли в жизни твоей попутчиком мне?
Твой образ подобен светлой луне,
Могу ль я, глядя на тебя, черпать вдохновение? **(Подстрочный перевод).**

Афоризмы известны по содержательным особенностям, что они являются художественным средством лаконичного, содержательного и точного выражения жизни. Язык поэзии Ягуба Махира не выходит за рамки такой мудрости. Такие выражения встречаются в более поучительных стихах поэта. В стихах поэта **«**Знай, что беда приходит к человеку из-за его жажды желаний» *(“İnsanabəlabilki, gəlirnəfsi üzündən”)* [13,с.85], «Умного унесёт, дурака оставит *»(“Aqili aparar, saxlayar zayı”)* [13, с. 115], «Бесчестен тот, кто теряет честный хлеб»*(“ Namərd olar düz-çörəyi itirən”)* [13, с.173], «Если хочешь быть нужным кому-то в этом мире, ровней красавице»(*“İstəsən gələsən aləmdə kara, özünə bab olan bir gözəl ara”)*[13, с.58] афористические стихи показывают мудрость поэта и глубину его мыслительного мира.

Ягуб Махир обращал внимание на рифму как на поэтический элемент поэзии. Как известно, «в поэзии близкие по произношению и звуковому составу слова называются рифмами» [8, с.41]. По мере того как рифма завершает мысль стиха, она вносит в него гармонию, очарование. Говоря о соотношении содержания и рифмы в поэзии, Буало, видный деятель средневековой эстетики, пишет, что «мысль - властитель рифмы, а рифма - покорный раб мысли. Однако, если пренебречь этим рабом, которого называют рифмой, и дать ему немного свободы, раб восстанет против своего долга, ослушается, и уму понадобится много времени, чтобы найти и схватить его» [4, с.21].

Известный русский литературовед А.И. Николаев высоко оценил роль рифмы в поэзии: «Рифма не просто фонетически облагораживает стих, делает его более музыкальным, но и подчеркивает вертикальные связи, в том числе и смысловые. Рифмованные слова оказываются выделенными в своей связанности, между ними устанавливаются контакты. Чем устойчивее и привычнее рифма, тем эти связи ожидаемее и прочнее» [9, с.75].

Стихи, развитые в поэтическом наследии Ягуба Махира, отличаются поэтичностью и оригинальностью. Литературная критика требует, чтобы «рифмы разных слов, образованные из разных сочетаний и пропорций, неожиданные и новые для читателя, считались смелыми и поэтичными, сильными в искусстве речи» [7, с.130]. В поэзии Ягуба Махира изобилуют коренные, древние, богатые рифмы. Рассмотрим пример:

İdrakın, sönməyən ***çırağın*** *olsun,*
Çalış ki, sənətə ***marağın*** *olsun,*
Yaxşılıq əlində ***yarağın*** *olsun,*
Pisliyi çıxmaqçün başa tələsmə [14, с.36].

Пусть разум твой твоим неугасимым светом будет,
Старайся, чтоб и интерес к ремёслам был.
И добродетель оружием твоим пусть будет,
И не спеши ты злом других превосходить **(Подстрочный перевод)**

Он увеличил выразительную нагрузку стихотворения, придав богатство мысли богатым рифмам «лампа», «интерес», «оружие», извлеченным из поэта « Не торопись» (“Tələsmə”) .

Ягуб Махир, имя которого живет в его сердце как народного поэта и чьи стихи распространяются на разных языках, умело использовал рифмы в своих стихах благодаря своей мудрости и прекрасному знанию народного искусства. Рассмотрим следующий раздел, состоящий из синонимов или фонетических изменений:

Qadan alım, sən məni ***az qına****, yar.*
Aşiqini oxşatma ***azğına,*** *yar.*
Bundan ötrü məni qanmaz ***qınayar,***
Qoy qınasın, neynək, məndə dözüm yar [14, с.35].
Прошу, любимая, ты меньше осуждай меня,
Не считай влюбленного заблудшим,
В этом меня попрекнёт глупец,
Ничего, пусть упрекает, я вынесу **(Подстрочный перевод).**

Использование инверсии как средства художественного выражения также очень распространено в произведениях Ягуба Махира:

Bürünəndə *tənin tülə,*
Bənzəyirsən *qızılgülə,*
Dönüb *şeyda bir bülbülə,*
Bağçanıza qonan mənəm [14, с.39].
Когда ты укутываешься в тюль,
То бываешь розе подобна,
А я застыл как безумно влюблённый соловей,
Залетевший в ваш сад **(Подстрочный перевод)**

В завершение можем сказать, что в Шекинской литературной среде XX века Ягуб Махир прославился как талантливый поэт-лирик и замечательный мастер сатиры. Основными свойствами поэзии Ягуба Махира, выделяющими поэта среди других стихотворцев его современником, были искренность, простота, глубокий лиризм. Поэзия его, прежде всего, привлекает общественным содержанием, духом подлинной народности, сопричастностью художника-гуманиста к судьбе народа. В лирическом творчестве поэта также важное место занимают стихи, написанные в стиле народно-ашугской поэзии. Махир еще с юных лет слышал в Шеки от ханенде и ашугов песни, написанные на основе произведений ашугской поэзии и стихов Ашуга Алескера и Молла Дужуму. Источниками вдохновения поэта была реальная жизнь, конкретные люди, встречающиеся на его жизненном пути, национальный дух, с которым он был рожден и вскормлен. Независимо от жанра и объема, они привлекают своим мастерством, виртуозностью и гражданской позицией. Даже самые незначительные детали и события в произведениях Махира проникнуты чувствами и переживаниями людей, отражая пульс времени.

Практическое значение статьи заключается в том, что представленная информация может быть полезна для преподавания различных курсов, для ученых, исследователей лингвистики.

Таким образом, приходим к выводу о том, что поэтическое наследие Ягуба Махира богато множеством метафор и выразительных фраз. Мы полагаем, что будет проведена обширная исследовательская работа над языком произведений этого мастера слова, демонстрирующего высокое мастерство в своем художественном творчестве. Мирза Алекпер Сабир, будучи продолжателем традиций Алиага Вахида с его терпеливыми и глубокими газелями, займет достойное место в нашей литературной истории.

Рецензент: ***Зайниддинзода М.*** – кандидат филологических наук, доцент ТНУ.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Адиширинов К.Ф. Сатирическое традиции Мирза Алекпера Сабира в Шекинской литературной среде: Монография. – Баку: Наука и образования . 2020. – 448 с.
2. Адилов М.И. Язык и стиль в классической литературе. - Баку: Маариф . 1991. - 234 с.
3. Ахундов М.Ф. Избранные философские произведения. – Баку: Азернешр. 1982. - 340 с
4. Буало Н. Искусство поэзии. - Баку: Восток-Запад , 2006. - 112 с.
5. Гачев Г.Д., Кожинов В.В. Содержательность литературных форм // Теория литературы. Основные проблемы в историческом освещении. М., 1964. - Кн. 2. - 486 с
6. Джаббаров Х.М. Образность в художественной литературе. - Баку: Язычы , 1982. - 210 с.
7. Мир Джалал, Халилов П.И. Основы литературоведения: Учебник для вузов. - Баку: Маариф . 1988. - 279 с.

8. Микаилов Ш. Теория литературы: Учебник. - Баку: Маариф .1986. - 188 с.
9. Николаев А.И.Основы литературоведения: учебное пособие для студентов филологических специальностей. – Иваново: ЛИСТОС, 2011. – 255 с.
10. Рафили М. Введение в теорию литературы: Учебник для студентов педагогических вузов. - Баку.1958. - 275 с.
11. Фесенко Э.Я. Теория литературы: Учебное пособие для вузов . – М.: Академический проект: Фонд «Мир», 2008. – 780 с.
12. Эфендиева Т. Средства художественного выражения азербайджанского языка. - Баку: Эльм. 1973. – 75 с.
13. Ягуб Махир. Махирнаме: Стихи.-Мингечаур: Мингечаурское полиграфическое предприятие. - 200 с.
14. Ягуб Махир. Шекинцы: стихи и сатира.- Баку: Кавказ, 1998. - 140 с.
15. Ягуб Махир. Шекинские красавиц: стихи. – Баку , 2013. - 120 с.

ҶАНБАҲОИ ЛИНГВИСТИИИ НАЗМИ ЯҚУБ МОҲИР

Дар мақола ҷанбҳои лингвистии шоири ҳаҷвнигор-лирик Яқуб Моҳир мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки дар нимаи дуюми асри XX – оғози асри XXI дар муҳити адабии Шеки ъолият намудааст. Муҳаққиқ ба ҳайси объекти омӯзиш забони назм ва махсусияти услуби Яқуб Моҳирро гирифтааст, ки донандаи хуби калом дар муҳити адабии минтақаи иқоматаш мебошад. Сохтори шеърии асарҳои шоир исбот менамояд, ки Яқуб Моҳир ҳамчун адабиётшиноси боистеъдод қоидаҳои назмро хеле хуб медонист ва ба шаклҳо ва ченакҳои шеърӣ дар сохтори матнии асарҳои худ муносибати дуруст менамуд. Дар рафти таҳлил муҳаққиқ кӯшиш менамояд исбот созад, ки шоире, ки ба бадеӣ будани назми худ риоя менамояд ва он нишондиҳандаи асосии санъати назм буда, хусусиятҳои бадеии асарҳои худро беҳтар намуда, ғояҳои худро аз афкори шеърӣ бою ғанӣ гардондааст. Тамоми андозаҳои фонетика ва синтаксиси шеърӣ дар шеърҳои Яқуб Моҳир бо таври маҳдуд мавриди истифода қарор гирифтаанд Як қатор истиора, ташбеҳ ва метонимҳое, ки шоир дар асарҳои худ мавриди истифода қарор додааст, ки пешафии онҳо семантикаи хонанда-муаллифро пурзӯр намуда, сифати шакл ва мазмуни асарҳои ӯро баланд бардоштааст. Бо туфайли ин махсусият муҳаққиқ боварӣ дорад, ки дар нимаи дуюми асри XX дар муҳити адабии Шеки, ки барои оғози асри XXI хос аст, дигар шоире вуҷуд надошт, ки асарҳои онро ба монанди ашъори Яқуб Моҳир мепазируфтанд . Мубрамият ва навгонии мақола бо он шартнок гардидааст, ки муаллиф аввалин бор таҳлили маҷмӯии асосҳои лингивистиии ашъори Яқуб Моҳирро анҷом додааст.

Калидвожаҳо: Яқуб Моҳир, воситаҳои тасвири бадеӣ, воситаҳои ифодаи бадеӣ, саволи адабӣ, хитоби бадеӣ, фонетикаи назмӣ, синтаксиси назмӣ.

ЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ПОЭЗИИ ЯГУБА МАХИРА

В статье исследуются лингвистические аспекты сатирическо-лирического поэта Ягуба Махира, писавшего и творившего во второй половине XX - начале XXI века в литературной среде Шеки. Исследователь в качестве объекта изучения берёт язык поэзии и особенности стиля Ягуба Махира, являвшегося мощным знатоком слова в литературной среде региона проживания. Поэтическая структура произведений поэта доказывает, что Ягуб Махир, как талантливый литературовед, прекрасно знал каноны поэзии, правильно следовал поэтическим формам и измерениям в текстовой структуре своих произведений. В ходе анализа исследователь пытается доказать, что поэт, придерживающийся поэтической образности, которая является основным показателем искусства, улучшил художественные особенности своих произведений, построив свои идеи на поэтическом смысле. Все параметры поэтической фонетики и поэтического синтаксиса использовались локально в стихотворениях Ягуба Махира. Ряд совершенных метафор, эпитетов и метонимов, используемых поэтом в своих произведениях, их лидерство усилило семантику читателя-автора, повысив качество формы и содержания его произведений. Благодаря этим особенностям исследователь убежден, что во второй половине XX века в литературной среде Шеки, характерной для начала XXI века, не было другого поэта, чьи произведения любили и читали так, как Ягуба Махира. Актуальность и научная новизна статьи обусловлены тем, что автором впервые проведен комплексный анализ лингивистических основ поэзии Ягуба Махира.

Ключевые слова: Ягуб Махир, средства художественного описания, средства художественного выражения, художественный вопрос, художественное восклицание, поэтическая фонетика, поэтический синтаксис.

LİNGUİSTİC FEATRUES OF YAGUB MAHİR`S POETRY

The article examines the linguistic features of poetic heritage of Yagub Mahir,a satirical-lyrical poetwho wrote and created in the literary environment of Sheki in the second half of the XX century and the beginning of the XXI century.The poetic structure of the poet's works proves that Yagub Mahir, as a talented literary specialist, perfectly knew the canons of poetry,and correctly followed the poetic forms and dimensions in the text-structure of his works. During the analysis, the researcher tries to prove that the poet, who followed the poetic imagery,which is the main indicator of figuretiveness,more than the usual informational expression,improved the theoretical quality of his works by building his ideas on poetic meaning.All parameters of poetic phonetics and poetic syntax were used professionally in Yagub Mahir's poems. The series of perfect metaphors, epithets,and metonyms used by the poet in his works, and their colorfulness strengthened the reader-author semantics by increasing the quality of form and content of his works. Due to these features, the researcher is fully convinced that, in the literary environment of Sheki in the second half of the XX century and the beginning of the XXI century, there was no other poet whose works were loved and read as much as Yagub Mahir. Our analysis shows that Yagub Mahir's literary language theoretically reflects all issues, and the poet differs from his contemporaries due to his unique style and imagery and simplicity.

Key words: Yagub Mahir, figurative language, forms of literary expression, artistic question, artistic exclamation, poetic phonetics, poetic syntax.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Комил Фикрат оглу Адиширинов*** - Маркази илмии минтақавии Шекини Академияи миллии илмҳои Озарбойҷон, номзади илмҳои филологӣ. **Суроға:** AZ- 5500, Ҷумҳурии Озарбойҷон, Шекин, кӯч. Лутфалӣ Абдуллоев-24. E-mail: **Kamil.adisirinov@mail.ru**.
Тел.: **(+994) 0556241229**

Сведения об авторе: ***Камил Фикрет оглы Адиширинов*** - Шекинский региональный научный центр при Национальной академии наук Азербайджана, кандидат филологических наук. **Адрес:** AZ- 5500, Азербайджанская Республика, г. Шеки, ул. Лютфали Абдуллаева-24. E-mail: **Kamil.adisirinov@mail.ru.** Тел.: **(+994) 0556241229**

Information about the authors: ***Kamil Fikrat Adishirinov*** - Leading Scientist of Sheki Regional Scientific Center at the national Academy of Sciences of Azerbaijan, Candidate of Philological Sciences. **Adress:** AZ - 5500, Azerbaijan Republic, Sheki, Str. Lutfali Abdullayeva-24. E-mail: **Kamil.adisirinov@mail.ru.**
Тел.: **(+994) 0556241229**

АДАБИЁТШИНОСӢ-ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

УДК: 891.550

КОРБУРДИ САНЪАТИ «ФАСЛУ ВАСЛ» ДАР «АЛ-КАШШОФ» -И МАҲМУДИ ЗАМАХШАРӢ

Очилова М.И.
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент

Шояд аз қадимтарин сухане, ки китобҳои адабиёт барои мо дар мавзӯи фасл (ҷудонамоӣ) ва васли (пайвастшавӣ) калом ривоят намудаанд, ин ривояти Ҷоҳиз дар китоби «ал-Баён ва табйин» мебошад, ки дар он ҳодисаи мардеро меорад, ки он мард як либосе дошт, ки Абӯбакри Сиддиқ (р) ба ӯ пешниҳод кард, ки он либосро намефурӯшӣ? Ва он мард посух дод: « На, омурзад туро Худованд» пас Абӯбакр (р) аз ин ҷавоби он ранҷид, зеро он лафз чунон менамуд, ки ӯ бар зиддаш дуо карда истодааст. Ва Абӯбакр (р) гуфт: Бояд бигӯӣ, ки: «На, ва биёмурзад туро Худованд» (Худо туро биёмурзад) [1, с.241].

Олимони балоғат каломеро дар мавзӯи «фаслу васл» зикр намудаанд, ки қадимтарини он ба ривояти Ҷоҳиз мерасад, ки ӯ аз суханвари форсӣ гирифта буд. Ин олим тамоми илми балоғатро дар «фаслу васл» хулоса намуда буд.

Устод Хулӣ ба ин сухан эътироз намуда, мегӯяд, ки маънои ин сухан ин аст, ки магар арабҳо қабл аз форсҳо ба ин таваҷҷуҳ накардаанд? Сипас аз сухани Аскарӣ, ки аз Аксам ибни Сайфӣ ривоят намудааст, истидлол менамояд, ки ӯ дар китобаш овардааст: «Байни ҳар ноқизкунандаи маъно ҷудоӣ (фасл) биёред ва аммо калом агар мисли хамир бошад (яъне ба ҳам алоқаманд бошад) онро васл намоед» [15, с.174]. Пас, дар замони ҷоҳилият дар бораи фаслу васл сухан гуфтаанд. Ва ин сухани балоғии қадим: «Каломи ба ҳам алоқамандро пайваст кунед», дар дохилаш тасаввури возеҳе барои алоқамандии ҷумлаҳо ба назар мерасад, ки гуё онон як чизанд.

Агар ба гуфтаҳои Абӯҳилол назар андозем, мебинем, ки ривоёти балоғиҳо ва суханварон дар бораи фаслу васли калом ба қоидаҳои фаслу васли Қуръони карим, ки аз тарафи донишмандони Қуръон муайян карда мешаванд, шабоҳати зиёд доранд. Аҳнаф ибни Қайс Амр ибни Осро мадҳ намуда мегӯяд, ки: «Мардеро дар мавзӯи вақф дар байни порчаҳои калом беҳтар аз Амр ибни Ос (р) надидам ва ҳеҷ кас ҳудуди онро мисли Амр (р) риоя намекунад. Ва агар ӯ сухан мегуфт, ҳангоми сухангӯӣ порчаҳову қитъаҳои онро ҷустуҷӯ менамуд ва ҳаққи ҳама мақомҳоро медод. Маониро бо беҳтарин ваҷҳ истихроҷ менамуд ва ҳар вақте ки таваққуф мекард, байни он сухан ва сухани дигараш ҷудо менамуд» [3, с.350].

Паёмбар (с) чӣ гунае, ки аз Муъовия ривоят аст, ба ҷузъҳои сухан таваҷҷуҳ менамуд… Абдулҳамиди Котиб агар дар номааш аз касе аҳволпурсӣ мекард, пас чунин менавишт: «хабарат… ва аҳволат… саломатиат…» байни ин калом ҷудоӣ меовард ва мегуфт, ки акнун ҳамаи нутқ ҳолати худро комил кард ва байни онон фасл ба вуҷуд омад. Солеҳ ибни Абдурраҳмони Тамимӣ байни тамоми оятҳо ва равиши онон дар навиштан фасл мегузошт ва мегуфт, ки ҳар калимае, ки пас аз ҳиссачаи **«أن»** *(ки)* биёяд, бояд фасл шавад. Ва Ҷабал ибни Язид байни тамоми ҳиссачаҳои **«ف»** *(пас)*-ро фасл менамуд. Аммо Маъмун бошад, фаслро пас аз ҳиссачаи **«حتى»** *(то, то ки)* зарурӣ мешуморид.

Чуноне ки мепиндорем, фасл дар навиштан ин гузоштани аломатҳои китобатист, аммо дар талаффуз вақф мебошад ва ба таври умум он комил шудани ибора ва ҷумларо муайян мекунад, ки ин таъриф ба маънои илмии балоғии он хело наздик аст. Аммо ин тавр нест, зеро фасл аз нигоҳи мо тарки васл аст. Ва шояд аз сабаби алоқаи зиёд доштани калом ва ҳамоҳангии он ё аз сабаби дурию ихтилофаш мебошад.

Агар мо дар мавзӯи васлу фасл он гунае, ки дар китобҳои балоғӣ зикр шудааст, баҳси илмӣ намоем, пас ҳеҷ маводи муътамаде пеш аз қарни панҷум ба даст оварда наметавонем, ба ҷуз ин ишораҳое, ки аз тарафи Румонию Боқилонӣ сурат гирифтааст, ки онҳо таваҷҷуҳи зиёде ба ин масъала надодаанд. Устод Комили Хулӣ мегӯяд, ки: «Агар мо дар бораи мавзӯи фаслу васл ҷустуҷӯ кунем, ҳеҷ маҳсуле пайдо нахоҳем кард, инчунин агар ба таълифоти қарни дуюм, ки мавриди таҳқиқи балоғӣ қарор гирифтаанд, мисли

китоби «Маҷози-л-Қуръон»-и Абӯубада, «Маони-л-Қуръон»-и Фарроъ ва «Таъвили мушкили-л-Қуръон» -и Ибни Қутайба низ назар кунем, дар ин масъала ҳеҷ чиз пайдо карда наметавонем» [2, с.41].

Аз зумраи ин ишорот назароти Шарифи Муртазо дар навиштаи он таъвили ин оят аст, ки: **«...وَمَا يَعْلَمُ تَأْوِيلَهُ إِلَّا اللَّهُ وَالرَّاسِخُونَ فِي الْعِلْمِ يَقُولُونَ آمَنَّا بِهِ كُلٌّ مِنْ عِنْدِ رَبِّنَا ...»** *(...ва собитқадамон дар илм мегӯянд: «Ба ин (муташобеҳ) имон овардем, ки ҳама аз назди Парвардигори мо аст…)* **(**Оли Имрон, 7**)** [10, с.51]. Муртазо мегӯяд, ки метавонад калимаи собитқадамон ба калимаи пеш аз ӯ пайваст карда шавад ва исботи илм ба муташобеҳ ба вуҷуд ояд, ки овардани ҷумлаи «мегӯянд: Имон овардем» аз овардани ҳарфи атф сарфи назар намудааст, ҳамон гунае, ки дар ояти **«سَيَقُولُونَ ثَلَاثَةٌ رَابِعُهُمْ...»** *(Мегӯянд сетоянд, чорумашон...)* (Каҳф, 22) [10, 297], [11, с.96]. Ин таҳқиқот ба таҳқиқоти Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ хело наздик аст: Бояд тазаккур дод, ки ҷумлаҳое, ки ба вазифаи бадал, ё баён, ё таъкид меоянд, мисли атф ҳамчун истиъноф муаррифӣ кардаанд ва ҳамаи ин гуфтаҳои онон сарчашмае барои омӯзиши мавзӯи фаслу васл дар китобҳои балоғиён гардидааст. Аз ин рӯ, дар ин мавзуъ он чӣ ки аз Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ дар ин боб зикр менамоем, сарчашмааш аз китобҳои забоншиносон аст. Вале ба ҳар ҳол Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ нахустин нафаре буд, ки дар ин мавзӯоти наҳвӣ рӯҳи балоғатро дамид.

Замахшарӣ нахуст дар бораи аҳаммияти шинохти ин мавзӯъ суҳбат менамояд, ки бояд пайвастшавӣ ва ҷудошавии ҷумлаҳоро шинохт ва мегӯяд, ки ин амр ҷуз ба нуктасанҷон ноил намегардад. Сипас, риштаи суханашро ба самти калимаҳо мебарад, ки ин (калимаҳо) дар ҳукм бо ҷумла шариканд, яъне агар ҷумла як маҳалли эъробии махсусеро дошта бошад, ҳукмаш ҳукми калима аст ва агар ширкат хоҳад, онро атф (пайваст) менамояд ва агар ширкатро нахоҳад, фасл карда мешавад, ки масъала дар ин бора саҳлу осон аст. Ва масъалаи мушкилтар он аст, ки ба ҷумла бе мавқеи эъробӣ ҷумлаи дигар пайваст карда шавад. Ба монанди «Зайд рост аст» ва «Амр нишаста», «Илм хуб асту ҷаҳл бад» [1, с.178].

Сипас муқаррар менамояд, ки атф танҳо ба ҳарфи «вов» сурат мегирад, на ба ҳарфҳои атфи дигар, зеро ин ҳарфҳо (ҳиссачаҳо) ҳар як маонии хосси худро доранд. Масалан, ҳарфи атфи **«ف»** *(пас)* барои тартиби бидуни дер кардан аст, ҳиссачаи **«ثُمَّ»** *(сипас, пас)* барои тартиби бо тадриҷ аст, ҳиссачаи **«أو»** *(ё)* барои шубҳаи феъл дар байни ду чиз аст, ҳамин тавр ҳамаи ҳиссачаҳои атф мисли вов барои иштирок буда наметавонанд ва агар ҳукми эъробӣ набошад, ишкол пайдо мешавад.

Бо ин меъёре, ки ҷумлаҳои дорои маҳалли эъробӣ ва инчунин ҳиссачаҳои атфи ғайри вовро баровардааст, Замахшарӣ фаслу васлро дар ин доира муайян намудааст, ки олимони дигари балоғат пас аз ӯ ба равиши ӯ амал намудаанд. Дар бораи зарурати гӯяндаи ду ҷумла суҳбат мекунад, ки сабаби ду ҷумлаи дигар мешавад. Бо ин сабаб Абӯтамомро бо ин байти гуфтааш нақд намудаанд, ки:

لا والذي هو عالم أنّ النوى صبر وأن أبا الحسين كريم.[7, с.259]

(На, савганд ба оне, ки олим аст, ин ки ҳаста сабур аст ва Абулҳасан карим).

Аввалан ин ки дар ин байт ду ҷумла ба ҳам дар маъно мутааллиқ ҳастанд (яъне ҳамчун таъкид, ё ҳамчун сифати ҳамдигаранд), пас набояд атф дар он ворид карда шавад, зеро таъкиду сифат мутааллиқ бар муаккад ва дар зоти худашон мавсуфанд ва тааллуқи зоти аз лафзе, ки далолати тааллуқ кунад, бениёз аст. Агар гӯйӣ, ки «Зайд қадбаланд аст ва Амр шоир» ин хилоф аст. Ва ҷумлаи амр, то агар ду маъно бо ҳам омехта набошад, намеояд. Масалан, Зайду Амр ё бародар бошанд, ё ҳамто бошанд, ё аҳволашон ба ҳам омехта бошад, ки ҳар яки он ҳангоми қиёму нишастан ва ё монанди ин дигар афъол дар нафс дохил бошад. Ва ба ин монанд дар исмҳои дигар мисли ҷумлаи «Илм хуб асту ҷаҳл бад», ки дар ҳар як нафс (зеҳн) хубии илм ва бадии ҷаҳл маълум ва ворид аст [16, с.147-148].

Сипас, Замахшарӣ такя бар Ҷурҷонӣ карда мегӯяд: «Агар дар ду ҷумла он исме, ки дар бораш хабар дода мешавад, як исм бошад, мисли ин ки «вай мегӯяд ва мекунад ва зарар мерасонад ва фоида мерасонад…» маънои ҷамъ устувортар ва равшантар мегардад». Ва агар ду феъл дар монанди ин мисол алоқаманд бошанд, дахолат ва часпиш зиёд мешавад. Мисол: «Аҷиб аст, ки ту некӣ кардию бадӣ», «Магар мешавад, ки як чизи мункарро наҳӣ кунӣ ва худ онро анҷом диҳӣ» [8, с.1105]. Ва ин назароти муҳиммест, ки

ҷудо кардани калом ба табақаҳо ва таҳлил намудани мустаҳкамии инҳисор (маҳдудсозӣ) ва неруи сабк ва ғайра мумкин аст.

Маълум аст, ки ҷумлаҳое, ки мавқеи эъробӣ доранд, дар онҳо ҳеҷ мушкили вуҷуд надорад, вале Замахшарӣ дар бораи онон сукут менамояд.

Сипас, ӯ сабабҳои фаслро баррасӣ намуда, дар ин масъала амр дар ҷумларо ба амр дар калима қиёс намуд. Ва чӣ гунае, ки сифат ниёзе ба васлкунанда надорад, ки маънои онро ба предмети пеш аз ӯ буда пайваст кунад, зеро ӯ худ дар худ маънӣ дорад ва ҳеҷ ниёзе ба пайвасткунанда надорад. Бо ин минвол ҷумларо муқоиса намудааст, ки бо ҷумлаи қабл аз худ буда алоқаи сифату мавсуфро дорад, ки бидуни пайвасткунанда аст. Ва дар ин росто аз оятҳои зерин истидлол намудааст: «(2) **ذَٰلِكَ الْكِتَابُ لا رَيْبَ فِيهِ هُدًى لِلْمُتَّقِينَ** » **الم** (1) *(Алиф.Лом. Мим. Ин китоб, (ки) дар он ҳеҷ шубҳа нест)* (Бақара 1, 2) [10, с.3]. « **خَتَمَ اللَّهُ عَلَى قُلُوبِهِمْ وَعَلَى سَمْعِهِمْ وَعَلَى أَبْصَارِهِمْ غِشَاوَةٌ وَلَهُمْ عَذَابٌ عَظِيمٌ**» *(Ҳар оина барои онҳое, ки кофир шудаанд, баробар аст: онҳоро битарсонӣ ё онҳоро натарсонӣ-имон намеоранд. Худованд бар дилҳояшон ва бар гӯшҳояшон муҳр ниҳод; ва бар чашмҳояшон пардае ҳаст; ва барои онҳо азоби бузург (дар пеш) аст)* (Бақара, 7) [10, с.4]. « **وَمِنَ النَّاسِ مَنْ يَقُولُ آمَنَّا بِاللَّهِ وَبِالْيَوْمِ الْآخِرِ وَمَا هُمْ بِمُؤْمِنِينَ** » *(Ва аз мардумон касоне ҳастанд, ки мегӯянд: «Ба Худо ва рӯзи бозпасин имон овардем)* (Бақара, 8**)** [10, с.4]. « **وَإِذَا تُتْلَى عَلَيْهِ آيَاتُنَا وَلَّى مُسْتَكْبِرًا كَأَنْ لَمْ يَسْمَعْهَا كَأَنَّ فِي أُذُنَيْهِ وَقْرًا فَبَشِّرْهُ بِعَذَابٍ أَلِيمٍ** » *(Ва чун оёти Мо бар ин шахс хонда шавад, такаббуркунон рӯй бигардонад, гӯё онро нашунидааст, гӯё дар гӯшҳои вай гароние ҳаст)* (Луқмон, 7) [10, с.412]. Ҳамаи инро таҳлили дақиқ ва мӯшикофона намудааст ва робитаҳои дақиқи онро баён намудааст, ки дар тамоми он ба аҳволи маонӣ ва муносиботи он байни ҳам ва тафовутҳояшон огаҳии комил доштааст. Ва сухани «**гӯё дар гӯшҳои вай гароние ҳаст**» нисбат ба сухани «гӯё, ки онро нашунидааст» балеғтар аст. Ва қавли «**Имон намеоранд**» таъкиде бар сухани «**Баробар аст: онҳоро битарсонӣ ё онҳоро натарсонӣ**» мебошад. Ва сухани «**Худованд бар дилҳояшон муҳр задааст**» таъкиди дувум ва балеғтар аз аввал аст. Ва қавли «**ҷуз ин нест, ки мо тамасхур мекунем**» айнан маънои «**Ҳамоно мо бо шумоем**» аст, яъне мо ҳанӯз яҳудиятро тарк накардаем [1, с.180].

Агар алоқаи маъно ба қавли пеш аз худ будаи худ дарбаргирандаи чанд маънӣ бошад, ки Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ ба он ишора намудааст, (чӣ гунае, ки дар оёт ишора намудааст): « **مَا هَذَا بَشَرًا إِنْ هَذَا إِلَّا مَلَكٌ كَرِيمٌ** » *(Ин (навҷавон) одамӣ нест; ин ба ҷуз фариштаи гиромӣ шахсе нест)* (Юсуф, 31) [10, с.240] ва қавли «**ин ба ҷуз фариштаи гиромӣ шахсе нест**» шабеҳи «**Ин (**навҷавон**) одамӣ нест;**» мебошад. Ва аз се ҷиҳат дар баргирандаи он маънист, ки дутояш монандӣ дар таъкиди он ва ҷиҳати сеюм ин ки монандии он дар сифат менамояд. Ва яке аз он ду ваҷҳе, ки дар таъкид буд, ин аст, ки: агар ӯ малоика бошад, пас инсон нест ва агар чунин бошад, исботи малоика будани он пеш меояд ва таъкид бар ҷумлаи инкории инсон будани он мешавад. Ва ваҷҳи дуюм ин равиши одатии мардум, ки агар гӯянд, ки ин инсон нест, ин малоика аст, нишондиҳандаи азамат ва тааҷҷуб аст, ки агар дар як инсон покии ахлоқу зебогии суратро бубинанд, чунин мегӯянд. Яъне мақсад аз ин калом ин аст, ки ӯ бо ин калима кунния бигирад, ки вақте ки мафҳуми ин лафз зикр мешавад, таъкиде бар номи ӯ мегардад. Ба монанди лафзи кулли онон, ки дар ҷумлаи **«Қавм ба куллӣ омаданд»** таъкид аст. Агар калимаи **«кулл»** дарбаргирандаи маънои қавм намешуд, таъкид намешуд. Аммо ваҷҳи сеюм, ки он сифат аст, ин аст, ки он инсон будани онро инкор кард ва ҷинси дигареро барояш исбот кард, зеро имконнопазир аст, ки аз ҷинси инсон барояд ва дар ҷинси дигар ворид нашавад. Ва ҳангоме ки чунин аст, малоика будани он таъйин ва баёнсозист, ки ин сифат аст [16, с.150].

Замахшарӣ дар бораи тарк кардани атфи (пайвастани) ҷумлае, ки ҳолаш ҳамроҳ бо ҷумлаи қаблӣ бошад, ишора менамояд. Ва дар ин бора мисоле аз Қуръони карим меорад, ки: **«اللَّهُ يَسْتَهْزِئُ بِهِمْ وَيَمُدُّهُمْ فِي طُغْيَانِهِمْ يَعْمَهُونَ»** *(Худованд бар онон истеҳзо мекунад (яъне посухи тамасхурашонро медиҳад) ва ба онҳо дар гумроҳияшон муҳлат медиҳад, (то) саргашта шаванд)* (Бақара, 15) [10, с.4]. Дар зоҳир чунон ба назар мерасад, ки гӯё ин сухан ба сухани **«إِنَّا مَعَكُمْ إِنَّمَا نَحْنُ مُسْتَهْزِئُونَ»** *(Ҳамоно ҷуз ин нест, ки мо тамасхур мекунем)* (Бақара, 14) [10, с.4] маътуф (пайваст) аст, ки ин ба монанди оёти зер аст**: «**إِنَّ الْمُنَافِقِينَ يُخَادِعُونَ اللَّهَ وَهُوَ خَادِعُهُمْ**»** *(Ҳамоно мунофиқон мекӯшанд, то Худоро фиреб кунанд, вале Худованд посухи фиреби ононро медиҳад)* (Нисо, 142) [10, с.102], « **وَمَكَرُوا وَمَكَرَ اللَّهُ وَاللَّهُ خَيْرُ الْمَاكِرِينَ** » *(Онон макр карданд ва Худованд найрангашонро хунсо кард)* (Оли Имрон, 54) [10, с.58]. Ба ин монанд хело зиёд

аст, ки аҷз (қисмати охири ҷумла) бар хилофи садр (қисмати аввал) меояд. Ва дар ин оёт атфро тарк намудааст, зеро қавли «**Ҳамоно, мо тамасхуркунандаем**» ҷумлаи ҳикоягӣ ҳикояте аз онон аст ва ояти **«الله يستهزئ بهم»** *(Худованд ононро истеҳзо мекунад, яъне посухи тамасхурашонро медиҳад)*, хабаре аз ҷониби Худованд аст. Ва дар ин ҷо имконнопазир аст, ки хабари Парвардигор бо ҳикояти онон атф бошад [1, с.151].

Ва ин чунин оятро зикр мекунад, ки: « **وَإِذَا قِيلَ لَهُمْ لا تُفْسِدُوا فِي الأَرْضِ قَالُوا إِنَّمَا نَحْنُ مُصْلِحُونَ** (11) **أَلا إِنَّهُمْ هُمُ الْمُفْسِدُونَ وَلَكِنْ لا يَشْعُرُونَ** (12) » *(Ва чун ба онҳо гуфта шавад: Дар замин табоҳкорӣ макунед, ҷуз ин нест, ки мо ислоҳкорем. Огоҳ шав, ки ба ҳақиқат, табоҳкорон онҳоанд, валекин хабар надоранд)* (Бақара, 11,12) [10, с.4] ва дар ин ҷо баён намудааст, ки иллати манъ будани атфи «**Ҳамоно онон табоҳкоранд**» бо «**Ҳамоно мо ислоҳкорем**» мисли сабаби ояти собиқ аст, ки якеаш хабар аз ҷониби Парвардигор аст, дигаре ҳикоят аз онон.

Инчунин атф байни ҷумлаи **«الله يستهزئ بهم»** *(Худованд ононро истеҳзо мекунад, яъне посухи тамасхурашонро медиҳад)* бар ҷумлаи **«قالوا»** *(гуфтанд)* номумкин аст, зеро атф онро ҳукми шартро медиҳад, чунки ҷумлаи **«قالوا»** *(гуфтанд)* ҷавоби **«وإذا خلو إلى شياطنهم»** *(Ва чун бо шайтонҳояшон хилват кунанд)* мебошад.

Пас аз ин умури дақиқ Замахшарӣ ваҷҳи сеюмро дар бораи қатъу аз навшурӯъкунӣ зикр менамояд, ки он воқеъ шудани калом ҳамчун ҷавоби суол аст. Ва дар ин бора шеъри машҳуреро, ки бештар мисол оварда мешавад, зикр менамояд:

زعم العواذل أنني في غمرة صدقوا ولكن غمرتي لاتنجلي.[5, с. 477]

(Маломаткунандагон гумон карданд, ки ман дар авҷ расидаам, онон рост гуфтанд, вале авҷи ман ҳанӯз тулӯъ нанамудааст).

Ва шеъри дигар, ки:

زعم العواذل أن ناقة جندب بجنوب خبت عريت وأجمت
كذب العواذل لو رأينا مناخنا بالقادسية قلن لجّ وزلت [7, с.951]

(Сарзанишкунандагон Ҷандабро сарзаниш карда гуфтанд, ки уштураш дар самти ҷануб дар таги замин бараҳна хоб аст (яъне ӯ сафарро тарк кардааст) Онон дурӯғ гуфтанд, зеро агар макони моро дар Қодисия медиданд, мегуфтанд, ки уштурон дар даруни баҳр ғарқ шуда ҳамзадаанд).

Сипас, дар ду байти охир мулоҳиза намудааст, ки дар он маънои зиёдатӣ оварда шудааст, ки дар байти собиқ нест. Ва он гузоштани исми зоҳир дар макони исми музмар (пӯшида) ба хотири таъкид намудани амри қатъист.

Сипас, қавли дигареро зикр мекунад, ки:

زعمتم أن إخواتكم قريش لهم إلف وليس لكم إلاف [6, с.739]

(Гумон мекунед, ки бародаронатон –Қурайшиҳо- улфат доранду шумо на).

Дар ин байт баён намудааст, ки байни мисраи якуму дуюм вожаи «дурӯғ гуфтед» маҳзуф аст, зеро агар онро зоҳир мекард чунин мешуд, ки «шумо гумон мекунед, ки Қурайш бародарони шумоанд, дурӯғ гуфтанд», ки ин ҷавоби шарт мешуд.

Инчунин ин ду байтро овардааст, ки:

ملكته حبلي ولكنه ألقاه من زهد على غارب
وقال إني في الهوى كاذب انتقم الله من الكاذب[4, с.854]

(Ресмонамро ба ӯ додам, валекин ӯ онро аз рӯйи зуҳд бар гарибе партофт. Ва гуфт, ки ман ба ҳавои нафси худ дурӯғ гуфтам, ки Худованд аз дуруғгӯ интиқом гирифт).

Ва ин байтҳоро беҳтарин ва латифтарин байт дар истиъноф мешуморад.

Замахшарӣ дар бораи «истиъноф» (аз нав шурӯъ кардан) далелҳои зиёдеро ворид намудааст ва чӣ гунае ки дидем, дар ҳар як мисол мулоҳиза овардааст. Аз ин мулоҳизаҳо ин зарурати такрор кардани феъл дар ҷавоби суоли муқаддар (зеҳнӣ) аст, ки дар ин қавли шоир омадааст:

وما عفت الرياح له محلا عفاه من حدا بهم وساقا.[6, с.231]

(Боду шамол ба ҷуз осори ин теппа ҳамаро нобуд кард ва бо бурдани асари ин теппа осори зиёди гузаштагони онро пайдо карданд).

Ва ин сухани шоир:

عرفت المنزل الخالي عفا من بعد أحوال
عفاه كل حنان عسوف الوبل هطال [6,с. 624]

(Манзили холиеро дарёфтам, ки аз сифоти аҳволам офият буд, чӣ гуна офият? Чӣ офияте, ки меҳрубонону золимон ҳеҷ коре ба он накардаанд).

«Бидон, ки суол агар зоҳир ва мазкур бошад, ғолибан набояд феъл дар ҷавоби он зикр шавад ва танҳо бояд бар исм маҳдуд монад, аммо бо вуҷуди музмар овардан (дар зеҳн гирифтан) ҷоиз нест, ки ба ҷуз феъл чизи дигаре зикр шавад. Тафсири ин қавл ин аст, ки метавонӣ, бигӯйӣ, ки «Агар онро бод вайрон накард, пас чӣ нобуд кард?» вале намегӯӣ, ки ӯро «Аз байн бурд ӯро касе, ки нобуд кард» [16, с.152].

Замахшарӣ инчунин муқаррар менамояд, ки фасл дар услубҳои гуфтугӯйӣ низ мавҷуд аст ва дар ин бора мисолҳои зиёде аз Қуръони карим зикр намудааст. Мисли: **« قَالَ فِرْعَوْنُ وَمَا رَبُّ الْعَالَمِينَ** (23) **قَالَ رَبُّ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَمَا بَيْنَهُمَا إِنْ كُنْتُمْ مُوقِنِينَ** (24) **قَالَ لِمَنْ حَوْلَهُ أَلَا تَسْتَمِعُونَ** (25) **قَالَ رَبُّكُمْ وَرَبُّ آبَائِكُمُ الْأَوَّلِينَ** (26) **قَالَ إِنَّ رَسُولَكُمُ الَّذِي أُرْسِلَ إِلَيْكُمْ لَمَجْنُونٌ** (27) **قَالَ رَبُّ الْمَشْرِقِ وَالْمَغْرِبِ وَمَا بَيْنَهُمَا إِنْ كُنْتُمْ تَعْقِلُونَ** (28) **قَالَ لَئِنِ اتَّخَذْتَ إِلَهًا غَيْرِي لَأَجْعَلَنَّكَ مِنَ الْمَسْجُونِينَ** (29) *(Фиръавн гуфт: «Парвардигори ҷаҳониён чист?» (Мӯсо (а) гуфт : «Агар яқинорандаед, Парвардигори осмонҳову замин аст ва он чӣ дар байни онҳост» (Фиръавн) ба онон, ки дар атрофаш буданд, гуфт: «Оё намешунавед?» (Мӯсо) гуфт: «Парвардигори шумо ва Парвардигори падарони пешини шумо аст» (Фиръавн) гуфт: «Ҳамоно пайғамбари шумо, ки ба сӯйи шумо фиристода шудааст, девона аст» (Мӯсо) гуфт: «Агар ба ақл дармеёбед, Парвардигори Машриқу Мағриб аст ва он чӣ дар миёни инҳост)* **(**Шуаро оятҳои 23, то 29**)** [10, с.151].

Сипас, натиҷаи ин баҳсро бо суханони зерин хулосагирӣ намудааст:

«Ҳамоно дарк кардӣ, ки усули ин қавонин дар бораи фаслу васл дар ҷумла чист ва бидон, ки мо дар ин баҳс ба хулосае омадем, ки ҷумлаҳо бар се навъанд: Якум ин ки ҷумла аҳволаш бо аҳволи қабл аз худаш аҳволи сифату мавсуф, ё таъкиду таъкидшаванда ҳеҷ гоҳ атф намешаванд. Ва ин ба хотири он аст, ки он дар худ монандии атф дорад. Дуюм, ҷумлае, ки аҳволаш ба моқаблаш аҳволи исмест, ки бо он тафовут дорад, вале дар ҳукм ба он шарик аст ва дар маъно ба ҳам мепайванданд. Монанди ин ки ҳар ду исм фоил бошанд, ё мафъул бошанд ва ё муайянкунанда бошанд, ки ҳаққи онон атф кардан аст. Сеюм навъи ҷумла ҷумлаест, ки аз ду аҳволи дар боло зикршуда холӣ аст, яъне он мисли исмест, ки бо исми моқаблаш на алоқаи маъноӣ дорад на ҷузъе аз он аст ва исми моқаблаш зикр шавад, ё нашавад, ҳардуяш яксон аст. Ва ҳаққи ин, албатта, адами атф аст. Зеро тарк намудани атф ё аз сабаби расидан ба ҳадафи баён аст, ё аз сабаби инфисол аз он. Ва атф худ воситае байни ин ду амр аст, ки аз ин ду ҳол яктояшро мегирад [1, с.183].

Ин ҳамон усулест, ки Замахшарӣ ва олимони баъдӣ қавонини худро аз он истинбот намудаанд, ки дар он усул ҷуз тақсиму ҷузъбандӣ чизи дигаре илова нанамудаанд. Ва ин аз далелҳое, ки матраҳ намудем, равшан шуд.

Муқарриз: ***Гаффорова Умеда Абдуллоевна*** - доктори илмҳои филологӣ, директори ИИТ улуми ҷомеашиносии ДДХба номи академик Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Абӯмӯсо, Муҳаммад Ҳусайн. Ал-балоғатул Қуръония фӣ тафсирил Замахшарӣ / Ҳусайн, Абӯмӯсо Муҳаммад. - Қоҳира-Миср: Дорул мутазомин, 1988. - С.-753. *(ба забони арабӣ)*
2. Алавии Яманӣ, Яҳё ибни Ҳамза. Алтурос-ул-мутазаммин ли асрори-л-балоuати ва улуми ҳақоиқи-л-эъҷоз / Яҳё ибни Ҳамза Алавии Яманӣ. - Миср, 1914. - С.-560. *(ба забони арабӣ)*
3. Аскарӣ, Абӯҳилол. Саноъатайн (таҳқиқи Муҳаммад Баховӣ ва Муҳаммад Абӯфазли Иброҳим) / Абӯҳилол Аскарӣ. - Қоҳира, 1952. - С.-238. *(ба забони арабӣ)*
4. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. ал-Кашшофу ан ҳақоиқи ғавомизи-т-танзил ва уюни-л-ақовил фӣ вуҷуҳи-т-таъвил (тарҷумаи Масъуди Ансорӣ). Ҷ.1 / Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ. - Теҳрон: Қуқнус, 2011. - С.-854. *(ба забони форсӣ)*
5. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. ал-Кашшофу ан ҳақоиқи ғавомизи-т-танзил ва уюни-л-ақовил фӣ вуҷуҳи-т-таъвил (тарҷумаи Масъуди Ансорӣ). Ҷ.2 / Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ. - Теҳрон: Қуқнус, 2011. - С.-888. *(ба забони форсӣ)*
6. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. ал-Кашшофу ан ҳақоиқи ғавомизи-т-танзил ва уюни-л-ақовил фӣ вуҷуҳи-т-таъвил (тарҷумаи Масъуди Ансорӣ). Ҷ.3 / Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ. - Теҳрон: Қуқнус, 2011. - С.-839. *(ба забони форсӣ)*
7. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. ал-Кашшофу ан ҳақоиқи ғавомизи-т-танзил ва уюни-л-ақовил фӣ вуҷуҳи-т-таъвил (тарҷумаи Масъуди Ансорӣ). Ҷ.4. - Теҳрон: Қуқнус, 2011. - С.-1147. *(ба забони форсӣ)*
8. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. ал-Кашшофу ан ҳақоиқи ғавомизи-т-танзил ва уюни-л-ақовил фӣ вуҷуҳи-т-таъвил / Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ. - Бейрут: Дорул-китоб ал-арабӣ, 2006. - С.-1806. *(ба забони арабӣ)*
9. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. ал-Кашшофу ан ҳақоиқи ғавомизи-т-танзил ва уюни-л-ақовил фӣ вуҷуҳи-т-таъвил (Ҳошия: Сайид Шариф Ҷурҷонӣ) / Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ. - Бейрут: Дорул-фикр, 2008. - С.-567. *(ба забони арабӣ)*

10. Қуръони маҷид / Тарҷумаи Абулмуҳаммади Оятӣ (баргардон Мирзо Комрон). - Теҳрон: Воҳидҳои эҳёи ҳунарҳои исломӣ, 1371. - С.-610. *(ба забони тоҷикӣ)*
11. Муртазо, Саид. Амомил Муртазо. (падидовар: Абулфазл Муҳаммад Иброҳим).Ҷ.1 / Саид Муртазо. - Қоҳира-Миср: Дорул фикр ал-арабия, 1998. - С.-654. *(ба забони арабӣ)*
12. Окилов М. “Атвак-уз-захаб” Замахшари, (научное исследование, перевод на узбекский язык и его толкование) / М.Окилов. - Худжанд: Меърадж, 2012. - С.-157. *(ба забони русӣ)*
13. Очилова М. Корбурди киноя дар тафсири «Кашшоф»-и Ҷоруллоҳ Замахшарӣ / М.Очилова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе: Сино, 2018. - №6. - С.257-260. *(ба забони тоҷикӣ)*
14. Очилова М. Таҳқиқи забон ва вижагиҳои услубии эҷодиёти муфассир Ҷоруллоҳ Маҳмуди Замахшарӣ / М.Очилова Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). - Душанбе: Дониш, 2018. - №2 (250). - С.133-138.
15. Ҷурҷонӣ, Абдулқоҳир. Асрор-ул-балоға (таҳқиқи Аҳмад Мустафо Марағибек) / Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ. - Қоҳира: Матбаи Истиқомат, 1947. - С.296. *(ба забони арабӣ)*
16. Ҷурҷонӣ, Абдулқоҳир. Далоилул эъҷоз / Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ. - Қоҳира: Мактабатул ҷончӣ матбаатул маданӣ, 2011. С.-723. *(ба забони арабӣ)*

КОРБУРДИ САНЪАТИ «ФАСЛУ ВАСЛ» ДАР «АЛ-КАШШОФ» -И МАҲМУДИ ЗАМАХШАРӢ

Мақола ба баррасии корбурди санъати фаслу васл дар асари “Аль-Кашшофи”Маҳмуди Замахшарӣ бахшида шудааст. Шояд аз қадимтарин сухане, ки китобҳои адабиёт барои мо дар мавзӯи фасл (ҷудонамоӣ) ва васли (пайвастшавӣ) калом ривоят намудаанд, ин ривояти Ҷоҳиз дар китоби «ал-Баён ва табйин» мебошад. Муаллиф қайд менамояд, ки фасл дар навиштан ин гузоштани аломатҳои китобатист, аммо дар талаффуз вақф мебошад ва ба таври умум он комил шудани ибора ва ҷумларо муайян мекунад, ки ин таъриф ба маънои илмии балоғии он хело наздик аст. Аммо ин тавр нест, зеро фасл аз нигоҳи мо тарки васл аст. Ва шояд аз сабаби алоқаи зиёд доштани калом ва ҳамоҳангии он ё аз сабаби дурию ихтилофаш мебошад. Замахшарӣ нахуст дар бораи аҳаммияти шинохти ин мавзӯъ суҳбат менамояд, ки бояд пайвастшавӣ ва ҷудошавии ҷумлаҳоро шинохт ва мегӯяд, ки ин амр ҷуз ба нуктасанҷон ноил намегардад. Сипас, риштаи суханашро ба самти калимаҳо мебарад, ки ин (калимаҳо) дар ҳукм бо ҷумла шариканд, яъне агар ҷумла як маҳалли эъробии махсусеро дошта бошад, ҳукмаш ҳукми калима аст ва агар ширкат хоҳад, онро атф (пайваст) менамояд ва агар ширкатро нахоҳад, фасл карда мешавад, ки масъала дар ин бора саҳлу осон аст. Ва масъалаи мушкилтар он аст, ки ба ҷумла бе мавқеи эъробӣ ҷумлаи дигар пайваст карда шавад.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ХУДОЖЕСТВЕННОГО ПРИЕМА «ФАСЛУ ВАСЛ (РАЗДЕЛЕНИЯ И СВЯЗИ)» В «АЛЬ-КАШШОФ» МАХМУДА ЗАМАХШАРИ

В статье рассматривается искусство использования художественного приёма “фаслу васл” (разделения и связи) в произведении Махмуда Замахшари “Аль-Кашшоф”. Вероятно, самое древнее повествование, переданное нам литературными книгами на предмет разделения и связи слова, - это повествование аль-Джахиза в книге “аль-Баян ва Табйин”. Автор подчеркивает, что письменный раздел - это размещение библейских знаков, но по произношению это вакф, и в целом он определяет совершенство фразы или предложения, что очень близко к ее научному смыслу. Но это не так, потому что с нашей точки зрения разделение является отречением связи. Возможно, это потому, что в этом слове много связи и гармонии, а может быть, это из-за отдаленности или противоречия. Замахшари сначала говорит о важности распознавания предмета, необходимости распознавать связь и разделение предложений и говорит, что это может быть достигнуто только с помощью знаков препинания. Затем он направляет свою речь в направлении слов, которые являются частью предложения, то есть, если предложение имеет определенную огласовку конечных звуков, то оно является словом, если не может связать это, может быть разделен, и эта задача непростая, так как еще сложнее связать другое предложение с предложением без склонения.

Ключевые слова: Замахшари стилистика и поэзия, «аль-Кашшаф», художественные приемы, разделение и связь, арабская грамматика, арабский язык и литература.

USE OF THE ARTISTIC TECHNIQUE "FASLU WASL (SEPARATION AND CONNECTION)" IN "AL-KASHSHOF" MAHMUD ZAMAHSHARI

The article examines the art of using the artistic technique “faslu wasl” (separation and connection) in the work of Mahmud Zamakhshari “Al-Kashshof”. Probably the oldest narrative transmitted to us by literary books on the subject of the division and connection of the word is the narration of al-Jahiz in the book “al-Bayan wa Tabyin”. The author emphasizes that the written section is the placement of biblical signs, but in terms of pronunciation it is waqf, and in general it determines the perfection of a phrase or sentence, which is very close to its scientific meaning. But this is not so, because from our point of view, separation is a renunciation of connection. Perhaps this is because there is a lot of connection and harmony in this word, or maybe it is because of remoteness or contradiction. Zamakhshari first talks about the importance of recognizing the subject, the need to recognize the connection and separation of sentences, and says that this can only be achieved with punctuation marks. Then he directs his speech in the direction of the words that are part of the sentence, that is, if the sentence has a certain vocalization of final sounds, then it is a word, if it cannot connect it, it can be divided, and this task is not easy, since it is even more difficult to connect another sentence with a sentence without declension.

Key words: Zamakhshari stylistics and poetry, "al-Kashshaf", artistic devices, separation and connection, Arabic grammar, Arabic language and literature.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Очилова Мехринисо Илҳомовна*** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷӣ, мудири кафедраи забони англисӣ. **Суроға:** 735500, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Панҷакент, хиё.Рӯдакӣ, 106. E-mail: **ochilova.86@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-900-00-95**

Сведения об авторе: ***Очилова Мехринисо Илхомовна*** - Педагогический институт Таджикистана в г.Пенджикент, кандидат филологических наук, доцент кафедры иностранных языков, заведующая кафедрой английского языка. **Адрес:** 735500, Республика Таджикистан, г.Пенджикент, пр.Рудаки, 106. E-mail: **ochilova.86@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 92-900-00-95**

Information about the author: ***Ochilova Mehriniso Ilkhomovna*** - Pedagogical Institute of Tajikistan in Penjikent, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Foreign Languages, Head of the Department of English. **Address:** 735500, Republic of Tajikistan, Penjikent, Rudaki Ave., 106. E-mail: **ochilova.86@mail.ru.**
Tel.: **(+992) 92-900-00-95**

УДК: 801.733

ҶОЙГОҲ ВА МАҚОМИ ЗАН ДАР «АВАСТО»

Маликшоева Ш.Х.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҷойгоҳ ва мақоми зан дар тамаддунҳои бостонӣ, аз ҷумла дар тамаддунҳои ҳиндӣ, чинӣ, ориёӣ, мисрӣ, юнонӣ, румӣ ва дигар тамаддунҳои ҷаҳонӣ, ки тавонистаанд таҳаввулоти назаррас ба бор оваранд, хеле бузург аст. Дар аксари тамаддунҳо зан дар мақомҳои изад, шоҳ, малика, маслиҳатдеҳи шоҳ, гоҳе вазир, мутафаккир, олим, шоир, нависанда, сарлашкар, ҷанговар, қаҳрамон, нигаҳбони хона ва кадбону омадааст. Ба мақому мартабаи зан, махсусан дар динҳои гуногун, эътибори хосса дода шудааст.

Ба ҷойгоҳ ва мақому мартабаи зан, модар дар китоби муқаддаси «Авесто», ки яке аз қадимтарин ёдгории адабиёти бостонии халқи тоҷик маҳсуб меёбад, таваҷҷуҳи хосса зоҳир шудааст. Вожаи «Авасто» дар паҳлавӣ «*Апастак»*, дар таърихномаҳои исломӣ «*Авасато»*, «*Абасто»*, «*Апасто»*, «*Исто»*, «*Усто»*, «*Васто»* омадааст.

Сардафтари адабиёти класскикии форсу тоҷик – Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз «Авасто» чунин ёд кардааст:

Ҳамчу муаммост фахру ҳиммати ӯ шарҳ,
Ҳамчу Абастост фазлу сирати ӯ Занд [11, с.95].

Ин вожа аз пешванди «а» ва сифати «веста» ба маънии шинохтан, донистан гирифта шудааст. Доктор Алиакбар Ҷаъфарӣ бар ин назар аст, ки вожаи «Авасто» аз пешванди «а» ва «веста» гирифта шуда, он маънии «сухани сарбаста, гавҳари нуҳуфта, рози ниҳонӣ, каломи осмонӣ, рамзи ботинӣ ва болотар аз фаҳми норасои ҷаҳониён» аст.

Зартушт бо фармони шоҳ Виштосп Авасторо, ки аз 1200 боб иборат буд, дар рӯйи тахтачаҳо бо хатти заррин менависад ва онро дар оташкада мемонанд. Дар «Динкард» омадааст, ки пас аз навиштан бо фармони Виштосп як нусхаи матни «Авасто» дар Шиз (Ганҷи Шойгон), нусхаи дигараш дар «Дижи нипишт» – китобхонаи Истахр ва нусхаҳои дигараш дар китобхонаҳои дигар ва оташкадаҳо ҷой дода шудаанд. Пас аз ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ юнониҳо як нусхаи онро сӯзонда, нусхаи дигарашро бо худ бурда, ба забони юнонӣ тарҷума намуда, матни асли китобро нобуд мекунанд. Сипас, дар замони Ашкониён шоҳ Валахш фармон медиҳад, то сурудҳои Авасторо аз ҳофизаи мӯбадон ҷамъоварӣ намуда, дар шакли китоб мураттаб созанд.

Писари Ҳурмузд – Шопур фармон медиҳад, то китоби «Авасто»-ро аз нав такмилу таҳрир намоянд ва ин корро Озарбади (Атурпати) Меҳраспандон анҷом медиҳад. Пас аз ин, дар замони Хусрави Парвиз китоби «Авасто» бо забони паҳлавӣ тарҷумаву тафсир мешавад, ки онро «Занд» меноманд. Ин китоб аслан аз бисту як баҳш иборат будааст, ки то имрӯз танҳо шаш баҳши он боқӣ мондааааст: «Гоҳон», «Йасно», «Йаштҳо», «Вандидод», «Виспарад», «Хурда-Авасто». Ду нусхаи муътабари ин китоб ҳоло дар китобхонаи шаҳри Копенгагени Дания маҳфуз аст.

Китоби «Авасто» аз нигоҳи мазмун ва мундариҷа бой буда, чун қомуси зиндагии халқҳои ориёӣ, дониши андӯхтаи онҳо аз илмҳои гуногун, аз ҷумла фалсафа, дин, таърих, ҳуқуқ, тиб, ҷуғрофиё, нуҷум, ҳандаса, риёзиёт, забон ва адабиёт дар давраи бостон шинохта шудааст.

Он аз нигоҳи истифодаи санъатҳои бадеӣ ниҳоят бой буда, баъзе порчаҳои он дар вазни ҳиҷоӣ суруда шудаанд, ки онро яке аз сарчашмаҳои пайдоиши насри мусаҷҷаъ, чи дар адабиёти форс-тоҷик ва чи дар адабиёти араб метавон ном бурд, ки аз арзиши бузурги адабӣ баҳраманд мебошад. Дар ин китоб номҳои гуногуни мардону занони ориёӣ, номҳои асотирӣ ва таърихии мардумони ориёинажод ёдрас шудаанд. Дар саросари китоб, ҳар ҷое ки сухан аз номи зан меравад, он ҳамчун поктарини покҳо ва намунаи олии ростиву некукорӣ ва отифа васф мешавад.

Ба мақоми зани ориёӣ, махсусан дар давраи Ҳахоманишиҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир шудааст. Зеро дар ин давра бо зуҳури дини зардуштӣ ва ба расмият шинохтани он дар рӯзгори занон таҳаввулоти азиме ба миён омад. Албатта, занон пеш аз ин ҳам дар замони давлатдории Модҳо соҳиби мартаба ва мақоми махсусе буданд, ки ҳамсари Куруши Кабир, модари Камбуҷия, ки аз табори Модҳо буд, аз қабили онҳост. Аммо дар замони

Ҳахоманишиён мақоми занҳо ҳам аз нигоҳи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳам аз нигоҳи ҳуқуқӣ комилан ҷойгоҳи хоссеро касб кард. Онҳо дигар озодона дар миёни мардҳо кору фаъолият мекарданд. Маҳз дар ҳамин давра ҷашне бо номи «Ҷашни Исфандгон» (муждагирон ё муздгирон) барои бузургдошти зан ва замин баргузор мешавад, ки он минбаъд ҳар сол дар рӯзи панҷуми моҳи исфанд ҷашн гирифта мешуд. Зеро аз нигоҳи онҳо зан ва замин ҳар ду намунаи бороваре будаанд, ки зиндагӣ бе онҳо вуҷуд дошта наметавонист. Муҳаммадҷаъфари Ёҳақӣ дар «Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ» перомуни ин ид навиштааст: «Сипандармаз дар «Исфанднома» ид аст ва ба иллати татобуқи номи рӯз ва моҳ ин рӯз ба «иди занон» ва ё мардгирон (маздгирон) маъруф аст ва то рӯзгори Абӯрайҳон дар Исфаҳону Рай ба ҷой будааст [14, с.495].

Бузургдошти рӯзи мазкур ҳамчун иди туҳфа супурдан ба занон дар шеъри классикӣ низ зиёд ба чашм мерасад.

Абӯрайҳони Берунӣ менависад, ки ин ҷашн ба вижа хосси занон буда, дар он аз шавҳарони хеш ҳадя дарёфт мекардаанд ва аз ин рӯ, онро ҷашни «Муздгирон» низ мехондаанд. Дар ин рӯз занҳоро бар тахт мешинондаанд ва барои онҳо бахшишҳо мекардаанд.

Дар «Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ» қайд шудааст, ки: «…бархе аз муҳаққиқон ин расмро дар қарни ҳозир ба минтақаи курднишини Қафқоз нисбат додаанд, дар ҳоле ки дар соири навоҳии Эрон ҳам маъмул аст» [14, с.310].

Дар «Авасто” ҳар гоҳе дар баробари мардҳо занҳо низ ёд мешаванд.

Зан дар «Авасто» бо унвони *Ritasya Bhanu* (ё Аша Бону) ёд шудааст, ки маънои «дорандаи фурӯғи ростӣ ва порсоӣ» аст. Модар дар «Авасто» бо унвони «*Matri»* (парваришдиҳанда) ва хоҳар бо унвони *Svâsri* (вуҷуди муқаддас) омадааст. Зани шавҳардор бошад, бо унвони «*Nmâno Patni»* (нигаҳбони хона), баъдан кадбону ёд шудааст.

Дар «Авасто» зан баробари дигар хислатҳои ҳамида, инчунин тимсоли покӣ ва парҳезкорӣ, некӣ ва накукорӣ васф шудааст. Масалан, дар бахши дувуми фаргарди IX чунин омадааст:

«Эй Спитамон Зартушт!

Касе, ки поккунандаро хушнуд кунад, оташро хушнуд мекунад; обро хушнуд мекунад; хокро хушнуд мекунад; дарахтонро хушнуд мекунад; ашаван мардон ва ашаван занонро хушнуд мекунад» [1, с.548].

Дар Йаснои 16 чунин омадааст: «Ҳамаи обҳоро меситоем. Ҳама гиёҳонро меситоем. Ҳама мардони некро меситоем. Ҳама занони некро меситоем. Ҳама изадони менуӣ ва ҷаҳонӣ – он некибахшандагони ашаванро меситоем» [1, с.80].

Зан дар давраи бостон дар баробари мардҳо кору фаъолият дошт, дар ҳама гуна маросимҳо ҳамроҳи мардҳо ширкат меварзид, ҳатто дар ҷангу шикор низ. Дар хона озодии иқтисодӣ дошт.

Дар китоби «Авасто» ҳам занҳои асотирӣ ва ҳам воқеии таърихиро вохӯрдан мумкин аст. Зан дар он бо номҳои «модар», «фаришта», «изадбону», «хоҳар», «зан», «ҳамсар», «бону», «кадбону», «хонахудо», «духтар», «духт», «дӯшиза», «духтари дӯшиза», «бонуи ҷавон», «пирзан», «кампир» ва ғ. омадааст. Масалан, вожаи «модар» дар Йаснои 23 чунин омадааст:

«Хостори ситоишам фравашиҳои ононро, ки пеш аз ин дар ин хонумонҳо, рустоҳо, шаҳрҳову кишварҳо буданд; онон, ки осмонро нигоҳдорӣ карданд; обро нигоҳдорӣ карданд; заминро нигоҳдорӣ карданд; ҷонварро нигоҳдорӣ карданд; кӯдакро дар заҳдони модари бордор нигоҳдорӣ карданд, то намирад» [1, с.90].

Ё дар Йаснои 38 чунин ситоиш карда шудааст:

«Эй обҳои борвар!

Шуморо ба ёрӣ ҳамехонем; шуморо, ки ҳамчун модаред; шуморо, ки ҳамчун гови ширдеҳ парастори бенавоёнед ва аз ҳамаи ошомиданиҳо беҳтару хуштаред.

Шумо неконро бо родии баландбозу ба-д-ин ҷо [ҳамехонем] то дар ин тангно моро подош диҳед ва ёрӣ кунед, шумо, эй модарони зинда!» [1, с.122].

Вожаи «ҳамсар» низ чандин маротиба истифода шудааст:

«Эй Дрвасп! Эй нек! Эй тавонотарин!

Маро ин комёбӣ арзонӣ дор, ки ман бар Ажидаҳок – [Ажидаҳоки] сепӯзаи секалаи шашчашм, он дорандаи ҳазор [гуна] чолокӣ, он деви бисёр зӯрманди Дуруҷ, он дурванди осебрасони ҷаҳон, он зӯрмандтарин Дуруҷе, ки Аҳриман барои табоҳ кардани ҷаҳони Аша, ба патёрагӣ дар ҷаҳони астуманд биофарид – пирӯз шавам ва ҳар ду ҳамсараш Сангҳавак ва Аренавакро, ки барозандаи нигоҳдории хонадон ва шоистаи зоишу афзоиши дудмонанд– аз вай бирубоям» [1, с.258].

Омӯзиши исмҳои хосси дар «Авасто» ёдшуда низ ҷолиби диққат аст, ки баъдтар ба ин масъала ручӯъ менамоем. Ин ҷо ишора ба қиссаи Ажидаҳок (Заҳҳок) аст, ки пас аз чирагӣ бар Ҷамшед хоҳарон ё духтарони ӯро Сангҳавак ва Аренавакро (Арнавоз ва Шаҳрноз)-ро ба занӣ мегирад.

Ду покиза аз хонаи Ҷаммишед,
Бурун ояриданд ларзон чу бед.
Ки Ҷамшедро ҳар ду хоҳар буданд,
Сари бонувонро чу афсар буданд.
Зи пӯшидарӯён яке Шаҳриноз,
Дигар моҳрӯе ба ном Арнавоз [15, с.69].

Пас аз он ки Фаридун бар Заҳҳок пирӯз мешавад, ду хоҳар (дар нусхаҳои гуногуни «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ гоҳе хоҳар ва гоҳе духтар омадааст)-и Ҷамшедро озод мекунад ва онҳоро ба никоҳи худ медарорад. Аз Шаҳрноз ду писар бо номҳои Салму Тур ва аз Арнавоз писаре бо номи Эраҷ ба дунё меояд. Фаридун ҷаҳонро миёни он се писар тақсим мекунад.

Вожаи «зан» (занон) низ дар ин китоб зиёд ба назар мерасад:

«Ӯро эдун ба номҳои поки аҳуроӣ ва [номҳои] писандидаи маздоӣ меситоем.

Ӯро бо дилу ҷони хеш меситоем.

Ӯ ва фравашиҳои ашаванмардон ва ашаванзанонро меситоем» [1, с.48].

Гоҳе дар шакли «хонахудо» ва «бонуи хонавода» низ меояд:

«Ҳар гоҳ хонахудо ё бонуи хонавода бимирад, онон то кай бояд дар апаман бошанд?

То кай барои некукор ва то кай барои гуноҳкор?

Аҳура Маздо посух дод:

Барои некукор шаш моҳ ва барои гуноҳкор як сол бояд дар апаман бошанд» [1, с.559].

Дар мисоли «дӯшиза»:

«…дӯшизае зебо, дурахшон, сапедбозу, неруманд, хушчеҳра, бурзманд, бо пистонҳои бар омада, некутан, озодаву нажода, ки понздаҳсола менамояд ва пайкараш ҳамчанди ҳамаи зеботарин офаридагони зебост» [1, с.400].

Вожаҳои «аму» (амма), «доя», «хола»:

«Ҳар гоҳ аму ё амма ё дойӣ ё холаи касе бимирад, то кай бародарзода ё хоҳарзодаи нарина барои аму ё дойӣ ва бародарзода ё хоҳарзодаи модина барои амма ё хола бояд дар апаман бошад?

То кай барои некукор ва то кай барои гуноҳкор?

Аҳура Маздо посух дод:

Барои некукор бист рӯз ва барои гуноҳкор чиҳил рӯз бояд дар апаман бошад» [1, с.559].

Вожаи «духтар» ва «бону» низ дар ин китоб ниҳоят зиёд аст:

«Агар он духтар ё бону аз шарми мардум ба обу гиёҳ дар худ даштони нобаҳинҷор падид оварад, гуноҳе бар гардани ӯст» [1, с.576].

Вожаи «бону» бештари маврид дар қисмати охири исмҳои занона низ меояд.

Вожаҳои «духтар» ва «бону» баъзан шакли «духтари дӯшиза» ва «бонуи ҷавон»-ро мегиранд. Масалан, дар бахши якуми фаргарди XV чунин омадааст:

«Агар марде бо духтари дӯшиза ё бонуи ҷавон – хоҳ он духтар ё бону вобаста ба солори хонавода бошад ё на, хоҳ ба шавҳар дода шуда бошад ё на– ҳамхобагӣ кунад ва он духтар ё бону аз ӯ обистан шавад, набояд аз шарми мардум бо обу гиёҳ дар худ даштони нобаҳинҷор падид оварад» [1, с.576].

Вожаи хоҳар низ дар ин китоби муқаддас хеле зиёд истифода шудааст. Ва ҳар гоҳе ин вожа оварда мешавад, мебинем, ки он бо эҳтиёт ва бо ситоиш истифода мешавад. Масалан, дар фаргарди XIV:

«Ӯ бояд ашаванона ва парҳезгорона духтари дӯшизаи марднодидаеро чун товоне ба равони саги обӣ ба ашаван марде бидиҳад.

Эй додори ҷаҳони астуманд! Эй ашаван!

Чӣ гуна духтаре?

Аҳура Маздо посух дод:

Яке аз хоҳарон ё духтарони ҷавони вай, ки аз марзи понздаҳсологӣ гузашта ва гӯшвораҳое дар гӯшҳо дошта бошад» [1, с.574].

Чунон ки дар фавқ зикр кардем, дар «Авасто” гоҳе исмҳои занони асотирӣ ва гоҳе занони таърихӣ ёдоварӣ шудаанд. Ба сифати ин гуна номҳо номи изадон, исмҳои асотирии занона ва гоҳе комилан таърихӣ низ оварда шудааст. Номи занони изадӣ бо исми Изадбону ёдоварӣ шудаанд.

Номи нахустин зан – Машиёна дар «Авесто»-и кунунӣ нест. Лекин тибқи навиштаи «Динкард» дар яке аз наскҳои гумшудаи «Авасто»-и куҳан «Чеҳрдод-наск» исмҳои Машӣ ва Машиёна зикр шудаанд.

Аредвисура Аноҳита: номи изадбонуи обҳост. Дар паҳлавӣ Аноҳид ва дар арманӣ Аноҳит ва дар форсӣ Ноҳид шуда ва номи ситораи Зуҳра аст. Вожаи Обон, ки дар «Авасто» зикр ёфтааст (дар паҳлавӣ Опон), даҳумин рӯзи моҳ ва ҳаштумин моҳи сол буда, номи менуии ҳамаи обҳо ва сифати изадбону Ардевисура Аноҳита аст. Бо лақаби Ноҳид низ омадааст. Номи даҳуми ҳар моҳ ва моҳи ҳаштуми сол ба шумор мерафт. Номи Обон дар «Авасто» зиёд ёд шудааст. Ва барои ӯ суруди алоҳидаи «Обон Яшт» бахшида шудааст.

«[Рӯзи] Обони неки маздоофарида. Оби Аредвисура Аноҳитаи ашаван, ҳамаи обҳои маздоофарида ва ҳамаи гиёҳони маздоофарида» [1, с.455].

Дар Кардаи 30:

«Бад-он барсуми дар дарст-ш,
ба гӯшвори зар, чортарка,
баростӣ шигарфу зебост
ӯ бонуи бас фарҳихта[`ст]
Ардвисура Аноҳита.
Або синарези гардан-ш.
мийони ҳамора баста-ш
то монад [мудом] барҷаста
ӯро хубофарид пистон-ш
128. Ардвисур Аноҳитро
гирди сар [ст] печида дайҳим -
садситора [ст] зарандуд,
ҳаштпарр, ҳаванди гардун
бо нивори сурҳану хуб
чамбаре баста аст озин.
129. Ардвисура Аноҳитро
бар танаш пӯстини бабр аст
пӯстине [як] зи сесад пӯст-
зи бабри чор шикам зода-
ки зеботарин бабр аст
ва аз ҳама низ пашмвараст
(-ҳар чӣ аз бабрҳои обӣ-)
ки ба вақташ хиринд хӯрда» [1, с.238].

Олиҳаи ишқу зебоӣ аслан дар асотири халқу миллатҳо гуногун будааст. Масалан, Аредвисура Аноҳита дар асотири ориёӣ, Афродита худои ишқу зебоӣ дар асотири Юнон, Венера дар асотири Рум, Хатор дар асотири мисриҳо, Иштар дар асотири аккадӣ, Инанна дар асотири Шумериҳо, Лада ва Леля дар асотири халқҳои славянӣ. Бартарии Аредвисура Аноҳитаро аз Афродита ва Венера, ки аз машҳуртарин олиҳаҳои ишқу зебоӣ ба шумор мераванд, Назри Яздонӣ дар китоби «Ҳикмати озодагон» бо факту далел нишон додааст: «Аноҳито савори гардунаест чаҳораспа, Афродитову Венера гардунаи дуаспа доранд. Пироҳани Афродитову Венера дар қиёси пироҳани Аноҳито бараҳнагиҳои бештар дорад. Дар сухантасвирҳо ва муҷассамаҳо, Афродитову Венера монанди Аноҳито бурзманду барумсанд нестанд. Яъне тарбияи ҷисмонии ориён барои марду зан баробар буд, ҳар як

зан монанди ҳар як мард тарбияти ҳатмии аспсаворӣ, найзаварӣ, камонварӣ, шамшерзанӣ мегирифт...

Сухантасвири Аноҳито дар «Обоняшт» дусад солу чанде муқаддамтар аз тасвирҳои Афродитову Венера аст. Тасвирҳои қадимтар аз «Обоняшт» дар дастраси мо нест, аммо дар назди илм мусаллам аст, ки решаҳои воқеии ҷаҳонбинии авастоӣ аз ҷаҳонбинии адолатпешагон (пешдодиён) баҳра гирифтааст, ки чанд садсола, то авастоиён роиҷу маъмул буд» [17, с.100].

Тибқи ақидаи баъзе муҳаққиқон (аз ҷумла олими олмонӣ Х. Нюберг) парастиши Аредвисура Аноҳита ҳамчун илоҳаи об миёни бошандагони соҳилҳои Сирдарё ба вуҷуд омадааст [9, с.100].

Аши. Аши дар паҳлавӣ Арт, Ард-номи изадбонуи тавонгарӣ ва подошу ганҷури Аҳура Маздо мебошад. Аширо духтари Аҳура Маздо ва Спандармад, хоҳари Дин гуфтаанд. Бародаронаш Сурӯшу Рашну Меҳрро гуфтаанд [9, с.142; 145].

«Аҳура Маздоро ради хонахудо, ради деҳхудо, ради шаҳрбону ради шаҳриёр мехонам. Дини маздопарастӣ ва Ашии неку Поренди ва он зани ашавану ин замини дарбаргирандаи моро ради занон мехонам» [1, с.76].

Вожаи мураккаби «амшоспандбонувон» дар ин китоб хеле зиёд ба чашм мерасад, ки ишора ба гурӯҳи сегонаи Спандармад, Хурдод ва Амурдод буда, намоди Модархудоии офаридгоранд.

Спандармад дар «Авасто» «сипинта» ормаитӣ ва дар паҳлавӣ «спандормат» ва дар форсӣ «исфандормаз» ё «исфанд» аст, ки маънии фурӯтанӣ, фидокориву бурдбориро ва дар маҷмӯъ маънии «хирадӣ комил»-ро дорад. Ӯ духтари Аҳура Маздо ва Обон аст.

Хурдод дар «Авасто» «ҳаурватат» ва дар паҳлавӣ «ҳурдод» ё «хурдод» ба маънии «камолу расоӣ ва сиҳҳатию бемаргии ҷовидонӣ» [14, с.53] аст. Дар ҷаҳони астуманд нигаҳбони об аст.

Амурдод дар «Авасто» «амеретата», дар паҳлавӣ «амурдод» ва дар форсӣ «амурдод» ё «мурдод» аст, ки маънии «ҷовидонагӣ» ва «бемаргӣ»-ро дорад. Амурдод дар ҷаҳони асотирии менуӣ намояндаи пойдориву ҷовидонагии Аҳура Маздо ва дар ҷаҳони астуманд ба маънии «нигаҳбони гиёҳону хӯрданиҳо»-ст.

Номҳои Спандармаду, Хурдоду Амурдод дар «Авасто» аксар маврид якҷоя зикр мешаванд:

«Баҳманро меситоем. Ардибиҳиштро меситоем. Шаҳриварро меситоем. Спандармади некро меситоем. Хурдодро меситоем. Амурдодро меситоем. Дар китоб ҳамчунин номи ҳамсари Зартушт ва духтарону писарони ӯ омадаанд» [1, с.80].

Поренди номи изадбонуест монанди Аши нигоҳбони ганҷу дороиву неъмат аст. Номи ӯ гоҳе бо Аши ҳамроҳ меояд.

Дрватат изади тандурустӣ аст. Дар «Виспарад» номи ин изад бо сифати нек ва ҳамроҳи номи изад Ода, Аши ва Чисти омадааст.

Саока (дар паҳлавӣ Суог), изадбонуи нигоҳбони хушиву болидану парвариш ва намоди хушии изадист.

Срутатфидри (ба маънии «дорандаи падаре номӣ ва баландовоза»), номи модари Ҳушедар.

Ерети номи яке аз изадбонувони дини маздопарастист, ки дар гузориши паҳлавии «Авесто» ба Рас табдил шудааст. Чун номи ӯ ғолибан ҳамроҳ бо Расастату Аши ва Чиста меояд, ногузир метавон пиндошт, ки аз ҳамкорону ёварони онон аст.

Чиста (дар паҳлавӣ фарзонак ба маънии «донишу огоҳиву фарзонагӣ»), номи изадбонуи донишу фарзонагист.

Ҳутаоса (дар «Авесто» Ҳутаоса аз хонадони Нузар), номи ҳамсари Гуштосп аст. Дар «Шоҳнома» аз ин ном нишонае намебинем ва ҳамсари Гуштосп Катоюн духтари қайсари Рум аст.

Ҳвови номи духтари Фрашаоштра ва ҳамсари Зартушт аст.

Ҳамчунин исмҳои духтарони Зартушт низ ёд шудаанд: Френи (духтари бузурги Зартушт), Трити (дувумин духтари Зартушт), Пуручиста (ҷавонтарин духтари Зартушт).

Дар «Авасто» инчунин исмҳои дигари хосси **Аредатфидри, Дин** (духтари Аҳурамаздо), **Варидкана, Ҳумой** (духтарони Гуштосп), **Сангҳавак** ва **Аренавак** (хоҳарони Ҷамшед) ва дигарон оварда шудаанд.

Ҷаҳӣ (Ҷаҳика): (дар паҳлавӣ Ҷеҳ ба маънии зани фурӯмояву бадкор ва русапӣ), номи духтари Аҳриман аст, ки Аҳриманро ба тохтан ба ҷаҳони аҳуроӣ бармеангезаду ба ӯ ёрӣ мерасонад.

Дар китоб инчунин одатҳои мардуми ориёӣ дар он даврон ёд шудаанд. Зартушт дар мавриди интихоби шавҳар ба духтари худ ва дигар духтарон муроҷиат менамояд, ки марди ҳушёру доноро интихоб намоянд. Синни издивоҷ дар замони Зартушт аз понздаҳсолагӣ боло будааст. Дар он даврон духтар дар интихоби шавҳар озод будааст. Яъне агар падар ё модар ё бародар касеро интихоб намояд, ки ба духтар писанд нест, духтар ҳақ дорад, ӯро рад намояд ва хостаи худро интихоб намояд. Аммо хостаи ӯ бо розигии падару модар беҳтар дониста мешавад.

Дар «Авасто» зани зебову хушсурат низ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст:

«Ишонро занони дӯстдор
шиштаанд дар гоҳҳои хеш-
гоҳҳои бо сурҳану зебо,
бо зарринҳалқа болиштҳо-
нозанда бо синарези зар-
чоргӯшаву
гӯшвораҳо,
ҳамдигарро ин ҳаме гуён:
“кай шавад, то биёяд
сӯи мо сарвари мон-мон,
шодӣ у физойад бар мо
ҳаловат бар ҳама танҳо
ӯҳоро ки ҳамраҳ-шон бошӣ;…
Ёри ман бош ту биҳ Аши
ай фаровон (?), амаванд.
11. Ишонро ситодаанд духтҳо-
ҳалқабапой, бастамийон,
хубпой, ангуштдироз,
бо қадду баст бас зебо,
шавқи бинандаро физо
ӯҳоро ки Аши ҳамраҳ ст.
Ёри ман бош ту биҳ Аши
ай фаровону (?) амаванд» [1, с.368].

Дар давраи бостон ҳатто занон аз байни мӯйҳои худ фарқ мебаровардаанд ва гесувони худро ба монанди юнониён орову торо медодаанд ва чодаре бар пушти сар мениҳодаанд, аммо рӯй ва гесувони онҳо намоён будаанд. Аз ин бармеояд, ки оини ороиши тарзи юнонии мӯйҳо хеле пештар миёни занони ориёӣ ҷорӣ будааст. Ин тарзи ороиш аслан миёни занони ашрофзода маъмул будааст, аммо занони одӣ низ дар пӯшок ва ороиш аз онҳо фарқи андаке доштаанд. Умуман, оид ба тарзу услубҳои либоспӯшӣ, ороиши занона ва дигар унсурҳои хосси занон дар номаҳои бостон, таърихномаҳои он даврон, осори даврони миёна далелҳои ҷолиберо ёфтан мумкин аст, ки таҳлилу баррасии васеи онҳо бар нафъи кор хоҳад буд.

Ба сифати намунаи изади зебоӣ аксар Анаҳито Ардвисура оварда мешавад. Дар Кардаи 30 чунин омадааст:

«Ва маро ҳамора бистой,
Зардуҳушто, Сипитамо,
Анаҳита Ардвисурро -…
126. Намоён ситод' аст [ин дам]
Ардвии сурҳан Аноҳита
духтаре нозанин, зебо,
рехтаву бо буланд боло,
таҳам, камар баста буланд,
тандуруст, озода, ройманд,
ҷомаи бад гирон бар тан
зарнигор бо ҳизор озин» [1, с.237-238].

Дар Кардаи 16:

Ардвисура ҳувайдо гашт
духти зебо, шигарф, хубруй,
таҳам, камар баста буланд,
тандуруст,озода, ройманд,
кашида низ то шитоланг
мукии бомӣ, заринбанд
расид он ҷо чунон нореш
дуруст чунонки буд у пеш» [1, с.226].

Файласуф Назри Яздонӣ дар мавриди ҷомаи Аредвисура Аноҳита чунин қайд намудааст: «Ардвисура Аноҳито ҷомае аз пӯсти бабар пӯшида, аз пӯсти сесад модабабар, ки ҳар як чаҳор бача зоид; аз он рӯй, ки бабари мода зеботарин ҷонварест, ки мӯйе анбуҳ дорад» [17, с.513].

Умуман, таҳқиқи васеи мавзӯи либосу ороишоти занони ориёӣ дар даврони бостон ва баъд аз он гирехи масъалаҳои зиёдеро кушода метавонад.

Аз таҳлилу баррасии мавзӯъҳои марбут ба мақому манзалати зан дар “Авасто” метавон чунин хулоса кард, ки мавқеи зан дар “Авасто” ва умуман дар давраи бостон гоҳе ҳатто аз мардҳо низ болотар гузошта шуда, онҳо чун нигоҳдорандаи обҳо, росттарини ростҳо ва поктарини покҳо, изадбону, нигаҳбони хона, омӯзанда ва парҳезкор зикр шудаанд. Бо ифтихор метавон гуфт, ки саҳми тамаддуни аҷдодони тоҷик – тамаддуни ориёӣ дар бузургдошти мақоми зан дар ҷомеа ва истиқрори он беш ва пеш аз ҳар тамаддуни дигар аст ва он тавонистааст на танҳо дар арҷгузории мақому мартабаи зани ориёӣ ҳамчун тимсоли покиву офарандагиву дигар хусули ҳамида саҳмгузор бошад, балки ба кулли занони сайёра новобаста аз миллату нажод арҷгузорӣ кардааст, зеро тамаддуни ориёӣ бо осори гаронарзиши адабиву фарҳангӣ, хоссатан китоби пураризиши “Авасто” ва “Эъломияи Куруши Кабир” баробарии ҳуқуқу озодиҳои ҳама инсонҳоро новобаста аз ҷинсу миллат баробар арҷ гузоштаанд.

Муқарриз: ***Абдулҳадов Ҷ.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Авасто. Китоби 1. - Душанбе: Бухоро, 2014. - 839 с.
2. Авесто: Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ. - Душанбе: Қонуният, 2001. - 792 с.
3. Авесто – китоби муқаддаси зардуштиён: Феҳристи адабиёт. - Душанбе: Ҳумо, 2001. - 28 с.
4. Бобохонов Б. Луғати Авесто / Б.Бобохонов // Ҷумҳурият. - 2001. -2 окт.
5. Брагинский И.С. От Авесты до Айни / И.С. Брагинский. - Душанбе: Ирфон, 1981. - 256 с.
6. Деҳхудо, А. Луғатнома. Иборат аз 50 ҷилд / А. Деҳхудо. - Теҳрон, Сирус, 1343.
7. Крымова С. Вольтер, ты не прав!: О выходе в изд-ве «Адиб» священной книги зароастризма «Авеста». Поиск / С.Крымова. - 1990. -19-25 илюя.
8. Мифы и легенды народов мира / Сост.: Н. Будур, И. Панкеев. – М.: ОЛМА-ПРЕСС. Т. 2: Средневековая Европа. - 2000. - 816 с.
9. Мифы народов мира: Энциклопедия: В 1 т. / Гл. ред. С.А. Токарев. – 2-е изд. – М.: Сов. Энцикл., 1987. - 671 с.
10. Мифы народов мира: Энциклопедия: В 2 т. / Гл. ред. С.А. Токарев. – 2-е изд. – М.: Сов. Энцикл., 1987. - 719 с.
11. Рӯдакӣ. Ашъор. – Душанбе: Адиб, 2007. - 416 с.
12. Страбон. География в 17 книгах Авесты / Пер. с греч. статья и коммент. Г.А. Стратановского; под пер. проф. С.Л. Утченко; ред. пер. проф. О.О. Крюгер. - Л.: Наука, 1964. - Кн. XV. - 943 с.
13. Тиллаева М.Б. Собственные имена в «Авесте» [Текст] / М.Б. Тиллаева, С.Б. Курбанова // Актуальные проблемы филологии: материалы II Междунар. Науч. конф. (г. Краснодар, феврал 2016 г.). - Краснодар: Новация, 2016. - С.117-119.
14. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ. – Душанбе: Бухоро, 2014. - 748 с.
15. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома. Ҷ. 1 / А.Фирдавсӣ. – Душанбе: Ирфон, 1964. - 468 с.
16. Ҷамшедов, П. Зардушт ва Бадахшон: («Авесто»-и 2700-сола) / П.Ҷамшедов // Ваҳдат. - 2000. - №5.-5. - май.
17. Яздонӣ, Н. Ҳикмати озодагон / Н.Яздонӣ. - Хуҷанд: Хуросон, 2017. - 528 с.

ҶОЙГОҲ ВА МАҚОМИ ЗАН ДАР «АВАСТО»

Дар ин мақола ҷойгоҳ ва мақому мартабаи зан дар китоби «Авасто» мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Дар мақола намунаҳои мушаххаси эҳтироми зани ориёӣ дар китоби муқаддаси «Авасто» оварда шуда, мартабаи баланди ӯ дар давраи бостон нишон дода шудааст. Номи занҳои асотирӣ ва таърихӣ зикр гардидаанд, ки ҳар яке дар фарҳангу маданияти ориёӣ мақоми хос доштаанд. Ҷустуҷӯҳо нишон доданд, ки

мақому мартабаи зан дар дини зардуштӣ, умуман дар давраи бостон миёни мардуми ориёитабор хеле баланд будааст. Ҳамчунин ошкор гардидааст, ки тарзи ороиши мӯй, ки имрӯз ҳамчун тарзи ороиши юнонӣ шинохта шудааст, ҳанӯз чандин сол пештар аз юнониҳо миёни занони ориёӣ маълуму машҳур будааст. Дар ин таҳқиқоти кӯчак аз давраҳои гуногуни таърихи ҷашни «муждагирон» ёд шудааст, ки ҳанӯз дар даврони Ҳахоманишиён ин идро ҷашн мегирифтаанд. Дар бораи занони асотирӣ ва таърихӣ маълумоти кӯтоҳ оварда шудааст. Баъзе аз онҳо бо мисолҳои мушаххасу қатъӣ аз фаслҳои гуногуни «Авасто» ёдоварӣ шудаанд. Таҳқиқоти анҷомёфта нишон дод, ки мақому мартабаи зани ориёӣ ҳанӯз пеш аз давраи ислом хеле баланд будааст.

Калидвожаҳо: ориёиҳо, «Авасто», зани ориёӣ, занҳои таърихӣ, Аноҳито, давраи бостон, намунаҳои мушаххас, мақому мартабаи зан, фарҳангу маданияти ориёӣ, забон, дин.

РОЛЬ И СТАТУС ЖЕНЩИНЫ В «АВЕСТА»

В данной статье рассматриваются вопросы роли и статуса женщины в «Авесте». В статье приводятся конкретные примеры уважения к арийской женщине в священной книге «Авесты» и показан ее высокий статус в древние времена. Упоминаются мифологические и исторические имена женщин и указывается, что каждое из них имеет особое место в арийской культуре и цивилизации. Поиски показывали, что роль и статус женщины в зороастрийской религии, в целом, в древности среди арийских народов были очень высоки и значимы. Также стало известно, что прическа, которая сейчас известна как греческий стиль, была известена арийским женщинам за много лет до греков. В этом небольшом исследовании упоминаются различные периоды в истории праздника «муждагирон», который отмечался еще в период Ахеменидов. Даны краткие сведения о мифических и исторических женщинах. Некоторые из них упоминаются с конкретными примерами из разных разделов «Авесты». Исследование показало, что статус арийских женщин был очень высок еще до исламской эпохи.

Ключевые слова: арийцы, «Авеста», арийская женщина, исторические женщины, Анахито, древность, конкретные примеры, место и положение женщин, арийская цивилизация, язык, религия.

ROLE AND PLACE OF WOMEN IN AVESTA

This article examines the role and status of women in the Avesta. The article provides specific examples of respect for the aryan woman in the holy book of the Avesta and shows her high status in ancient periods. Mentions the mythological and historical names of women, had a special place in the arian culture and civilization. Researches showed that the place and status of women in the zoroastrian religion, in general, in the ancient period among the aryan peoples was wery high. It also became known that the hairstyle that is now known as the greek style was known to aryan women for many years before the greeks. This small study mentions different periods in the history of the holiday "muzhdagiron", which was celebrated in the Achaemenid period. Brief information about mythical and historical women is given. Some of them are mentioned with specific examples from different sections of the Avesta. Research has shown that the status of Aryan women was very high even before the islamic era.

Key words: aryans, aryan woman, historical women, Anahito, ancient period, specific examples, place and position of women, aryan civilization, language, religious.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Маликшоева Шобегим Хайруллоевна*** - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, садори шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Саид Носир, 33. E-mail: **becim1991@mail.ru.** Тел: **(+992) 985-11-84-70**

Сведения об авторе: ***Маликшоева Шобегим Хайруллоевна*** - Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат филологических наук, зав. отделом подготовки научно и научно педагогических кадров. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, Саид Носир, 33. E-mail: **becim1991@mail.ru.** Тел: **(+992) 985-11-84-70**

Information about the author: ***Malikshoeva Shobegim Khayrulloevna*** – Academy of Public administration under the Prezident of the Republic of Tajikistan, candidate of philology, head of department of preparing of scientific and scientific-pedagogical staff. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir, 33. E-mail: **becim1991@mail.ru.** Tel.: **(+992) 985-11-84-70**

УДК: 891.550-1

МАҚОМИ ЗАН-МОДАР ДАР ШЕЪРИ ИМРӮЗИ ТОҶИК

Ҳадиятуллоҳи Амриддин
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шоирону нависандагон ва соҳибони завқи салим дар тамоми даврaҳои инкишофи адабиёт ва эҷоди осори мондагори худ дар васфу ситоиши зан-модар шеърҳо сурудаанду асарҳо эҷод кардаанд. Шоирон барои офаридани образҳои ҷовидона аз ишқу зебоӣ ва қадрдонии мақому манзалати зан-модар зеботарин вожаҳоро интихоб ва гуворотарин ифодаҳоро корбаст намудаанд, ки сар то сари адабиёти форсӣ-тоҷикиро ашъори ба ин мавзӯъ бахшидаи онҳо зинат медиҳад.

Адибони форс-тоҷик то ба имрӯз дар васфи зан-модар ҳазорон ғазалу қасида, рубоиву дубайтӣ ва садҳо достону қиссаҳо офарида, ҳар яке мувофиқи табъу завқи худ ва аз дидгоҳи тафаккуру андешаи хеш ин офаридаи волои илоҳиро тавсиф кардаанд. Гуногунрангиву бисёрпаҳлу будани мавзӯи зан-модар ба ҳунари шоирӣ, нигоҳи тоза, андешаи баланд, умқи тафаккур, сеҳри суханофарӣ ва қалами муъҷизаофари шоир вобаста мебошад.

Зан-модар дар адабиёти мо гоҳе ошиқ асту гоҳе маъшуқа, даме вазифаи ҳамсариро иҷро менамояд ва замоне дигар рисолати бузурги модарӣ бар дӯш дорад. Дар ҷое дилсӯзу меҳрубон аст ва дар ҷое тарбиятгари фарзандон, замоне намунаи олии зуҳду парҳезгорист ва замоне иҷтиноб аз ӯ амри зарурист.

Мавзӯи зан-модар дар шеъри замони истиқлоли Тоҷикистон яке аз мавзӯъҳоест, ки бархӯрди шоирон ба он хеле густурда ба назар мерасад. «Мавзӯи зан аз бешбасомадтарин мавзӯоти мавриди руҷӯи шеъри тоҷик аст. Дар шеъри Тоҷикистон зан бештар дар ҳайати як модар чеҳра менамояд. Камтар маҷмӯаи шеърӣ метавон ёфт, ки дар он шеър ё шеърҳое ба модар ихтисос наёфта бошанд» [15, с.111].

Бояд гуфт, ки адабиёти тоҷики замони истиқлол вақте шурӯъ мешавад, ки Тоҷикистон дар оташи ҷанги таҳмилӣ месӯхт. Аз ин хотир, симои зан-модар дар оғози шеъри ҷадиди тоҷик хеле ҷонсӯз, ошуфта, парешон, оҷизу нотавон ва афсурдаву парешонхотир тасвир ёфтааст.

Ҷойгоҳи зан-модарро дар шеъри имрӯзи тоҷик аз ду паҳлу метавон баррасӣ кард: яке дар шеъри шоирони мард ва дигаре дар шеъри шоираҳо. Ҳамчунин ин мавзӯъро ба қисматҳое ҳамчун: зан ба таври мутлақ, зан ба унвони модар, зан ба унвони маъшуқа ва ғайра метавон тақсим ва таҳлил кард.

Зан ба таври мутлақ:

Зани тоҷик дар даҳаи аввали асри Х1Х шоҳиди ҷанги хунини кишвар буда, тамоми гирудори он рӯзгорро бо чашм дида ва ғами аз даст додани фарзанд, марги шавҳар ва шикасти пайвандонро бисёр хӯрдааст. Замоне ки дарди бештареро эҳсос мекарду фарёдрасе надошт:

Ман як шаҳиди зиндаам аз ҷанги кишварам,
Фарёди дил ниҳон кашам аз додгустарам.
Дар пойи гоҳвораи дарду ғами дилам,
Лологӯи модаре бо ҳоли музтарам [14, с.60].

Ҳамчунин, зан дар шеъри М. Қаноат, Бозор Собир, Гулрухсор, Гулназар, Фарзона, Алимуҳаммад Муродӣ, Шаҳрия, Зулфия, Низом Қосим, Муҳаммад Ғоиб, Камол Насрулло, Ҳақназар Ғоиб, Раънои Мубориз, Озар ва дигарон даме аз қудрати худ меболад ва лаҳзае аз ғаму андуҳи рӯзгор шиква менамояд ва ё гоҳе мардонавор по ба зинаҳои зиндагӣ гузошта, фурсате аз нотавонӣ ва яъсу ночорӣ менолад. Ӯ замоне ба қудрати бозуи худ мефахрад ва ниёз ба касе надорад, зеро ризқи худро аз обилаи дасти худаш меёбад:

Ба мисли барзгар ман дона корам
Ва ризқам мерасад аз панҷаи худ.
Надорам чашм бар хони касе ман,
Ки дорам боварӣ бар ранҷаи худ [13, с.12].

Воқеан, чашми зан оламро мунаввар мекунад ва аз зулфонаш мушк мерезад. Аз лабонаш калимот чун шаҳд мечаканду ҳаётро ширу шакар мекунанд. Шоми торро

равшанӣ аз нури зан аст ва пирӯзии мард аз пайки пайғоми ӯст. Зан аст, ки худро фидо месозад, то мардро тоҷ бар сар кунад. Чунончи хонум Шаҳрия мегӯяд:

Хок бар сар мекунад зан хешро,
Мардро то тоҷ бар сар мекунад.
Ҳар ки гардад аз сари зан як сафар,
Чил тавофи Ҳаҷҷи акбар мекунад [14, с.12].

Зан аст, ки лаҳзае оҳу дард озораш медиҳаду ҳангоме шодиву хурсандӣ сурураш мебахшад. Дарвоқеъ, зан офаридаест, ки замоне бо лабханди зебо ғаму дардашро пинҳон мекунад ва гоҳе бо ашк шодияшро ифшо месозад. Ӯ метавонад хеле қоҳиру ғазабнок бошад, аммо бар эҳсосаш мусаллат аст ва зӯри озурдани мӯреро ҳам надорад, дар ҳоле ки аз рӯҳи ӯ кӯҳи имдод офариданд:

Надорам зӯри мӯри роҳ, лекин
Зи рӯҳам кӯҳи имдод офариданд.
Зи хомӯшии исёни ҳақирон
Маро як мушт фарёд офариданд! [4, с.74].

Бо ин ҳама, имрӯз занҳо дар арсаҳои мухталифи кору рӯзгор ҳамқадаму ҳамнафаси мардонанд. Паҳлу ба паҳлуи мардон бори вазнини зиндагиро мекашанд. Масъулияти тарбияи фарзанд ва таъмини шикасту рехти зиндагиро бар дӯш доранд ва посдории фарҳангу маънавиёти ҷомеаро низ аз рисолоти хеш медонанд, то ҷое ки сари андеша нишаста аз асли худ пурсон мешаванд:

Хастаам аз бозиҳои зиндагӣ,
Боядо як сӯй бигзорам ниқоб.
Ман зан астам! Пас чаро дар ҳар қадам
«Мард ҳастам» - гуфта бинмоям хитоб?
Ман зан астам…
Гаҳ ба дӯши нарми ман
Бори дунё бас гаронӣ мекунад.
Ман агар пинҳон кунам чашми тарам,
Кӣ диламро меҳрубонӣ мекунад? [1, с.128].

Оре, бори зиндагӣ гоҳо бар дӯши зан вазнинӣ мекунад, зеро ӯ мисли гул нозук аст ва тоқати ин ҳама шикасту рехтро надорад. Ҳамин аст, ки оқибат зан барои худ паноҳгоҳе меҷӯяд, то дар сояи ҳимояти он оромиши хотир ёбад. Дар ҳамин такопӯст, ки барои оромиши худ дареро мекӯбад, ки он ҷо даргоҳи марди асил аст:

Сари танҳои маро бинвоз, эй мард,
Ки дарди зиндагонӣ гашта афзун.
Биё бар ҷони сардам шуълае рез,
Шабеҳи оташӣ марди пурафсун [14, с.35].

Ва гоҳе мешавад, ки дигар бо ҳузури мард ҳам ӯ эҳсоси танҳоӣ мекунад ва дигар ҳеҷ илоҷе надорад, маҷбур аст, охирин силоҳи хеш, яъне ашкро санҷиш кунад:

Гоҳи хурӯҷи дард
Ё ки гаҳи набард,
Ҳангоми ҳар шикаст
Аз баъди оҳи сард,
Ҳангоми ҳар фишор,
Ҳангоми гиру дор
Ҳангоми хастагӣ
Ё дилшикастагӣ,
Эй ашк!
Ҳастӣ ту охирин сипари ман,
Силоҳи ман,
Балки силоҳи зан! [7, с.46].

Аммо бар хилофи шоирони зан дар шеъри даврони истиқлоли тоҷик, шоирони мард ба мавзӯи зан ба таври мутлақ хеле камаҳаммиятанд. Онҳо ба зан бештар ба унвони модар ва маъшуқа назар андӯхтаанд. Ва гоҳ-гоҳе аз бузургӣ ва азамати зан ёд мекунанд ва эҳтироми ӯро шарти зарурӣ медонанд.

Зану мард нисбат ба ҳамдигар як ниёзи фитрӣ доранд, ки бе якдигар наметавонанд зиндагӣ кунанд. Дар бурду бохти зиндагӣ ҳамеша мард ба дилбардориҳо ва сухани ширини зан эҳтиёҷ дорад. Зиндагии ширини мард ба ақлу тадбир ва фаросату меҳрубониҳои ӯ сахт вобастагӣ дорад. Ҳақназар Ғоиб ниёзмандиҳои мардро нисбат ба зан дар шеъре чунин ба риштаи тасвир кашидааст:

Нигаҳи ташнаи мо ҳар нафасе сӯйи зан аст,
Ишқи мо шуълае аз дидаи ҷодуи зан аст.
Рӯзгорони хуши мо зи хушии суханаш,
Беҳтарин ганҷи сухан аз ҳаваси рӯйи зан аст.
Нафаси гармаш агар нест, ҷаҳон сард бувад,
Гармии зиндагӣ аз хандаи дилҷӯйи зан аст.
Ақлкӯтоҳ бигуфтаст варо ҳар кӣ, хатост,
Ақли дунё ҳама дар чашми сухангӯйи зан аст [6, с.46].

Рустам Ваҳҳобзода низ бузургӣ ва азамати занро дар донишмандӣ ва хиради волои ӯ дида, чунин мегӯяд:

Занонро гар зи дониш зеваре ҳаст,
Умеди рӯзгори беҳтаре ҳаст.
Агарчи аз занон пайғомбаре нест,
Ҳама пайғамбаронро модаре ҳаст [3, с.222].

Зан ба унвони модар:

Зан ба унвони модар дар шеъри тоҷик собиқаи пешин дошта, имрӯз ҳам адибон дар ин мавзӯъ шеърҳо ё маҷмӯаҳои зиёд иншо мекунанд. Модар дар назми замони истиқлол ҳамчун як фариштаи пок, вафодори ҳамсару ғамхори фарзандон, пешбарандаи зиндагӣ ва тарбиятгари насли имрӯзу фардо тасвир ёфтааст. Ҳеҷ шоире дар ин замон ёфт намешавад, ки дар васфи модар шеъре нагуфта бошад, ҳатто адибон ба хотири эҳтироми ӯ маҷмӯаҳои шеърии худро бо шеъри модар оғоз мебахшанд. Бар хилофи назми классикӣ, ки баъзан дар он дурӣ ҷустан аз занро шарт медонанду гаҳе иштироки ӯро дар корҳои рӯзмарра нолозим шуморида, танҳо дар хона нишастану таваллуди фарзандро вазифа ва масъулияти ӯ медонанд, дар назми даврони нав модар дар зиндагӣ мавқеи арзанда дорад.

Симои модари тоҷик дар ин давра гаҳе шоду масрур ва фохир аз зиндагии обод ва баъзан дардноку аламдида аз ранҷҳои зиндагист, лаҳзае худ барои хушбахтии хеш заҳмат мекашад ва даме аз ночорӣ менолад ва дар ҷое аз гузашти умри хеш афсӯс мехӯрад. Воқеан, модар шахси ниҳоят меҳрубон ва фидокори беминнат аст. Меҳри беҳамтои модар тимсоли хуршеди оламорост, ки ба тамоми дунё саховатмандона нур мепошад, ишқи поки модар ба монанди чашмаҳои пурҷӯшест, ки дашту биёбонро гулистон мегардонад. «Зан-модар, ки сарчашмаи ишқи инсонӣ ва меҳри заминист, ин ҳама бо шири пистони ӯ ба фарзанд мегузарад. Фақат аз фаровонии раҳмати ӯст, ки хун ба шир табдил ёфта, боиси рушду камоли одамӣ мегардад», – навиштааст Ю. Бобоев [2, с.180].

Худованд бо офаридани зан-модар тамоми махлуқоти худро дар рӯйи замин зинат дода, сабабгори бардавомии насли одамӣ гардонид. Ҳамин аст, ки модар ҳамеша ва дар назди ҳама мавқеи хосса дошту дорад. Тамоми дину мазҳабҳо нисбат ба модар эҳтироми хоссаро қоил буда, такриму таъзими ин фариштаро муҷиби растагорӣ дар дунёву охират медонанд. Аз ҷумла дини мубини Ислом барои модар ҷойгоҳи рафеъро ихтисос додааст: «…фа-инна-л-ҷанната таҳта риҷлиҳо», «…ба таҳқиқ, ки ҷаннат зери пойи ӯст (модар)» [9, с.357], ки ин аз эътирофи бузургӣ ва фазилати модар шаҳодат медиҳад. Фарзона низ тамоми ҳастии худро аз вуҷуди модар медонад ва омодааст, ки ҳарчи дорад, барои ӯ фидо кунад, муҳим ин аст, ки модар барои равнақу барори ӯ дуо кунад:

Ҳарири ҷон ба роҳат густарам, фармой, модарҷон,
Бад – он ҳастии зебо ҳастиям орой, модарҷон.
Нарав, сармад бимону офтобона ба рӯйи мо
Дари фардову фардои дигар бикшой, модарҷон.
Кушоиш хостам дар ин гузаргоҳи гиреҳбаста,
Дуъо кун, эй накӯфоли муборакрой, модарҷон [12, с.188].

Дар аксари шеърҳои шоирони имрӯз модари тоҷик модари хонашин аст. Модаре, ки фақат вазифаи тарбияти фарзандон, нигоҳубини хона ва амонатдори шавҳару ғамхори аҳли пайвандон аст. Аммо чунонки маълум аст, имрӯз модари тоҷик дар тамоми соҳаҳои

рӯзгор фаъолият дорад. Зани тоҷик муаллима, зани тоҷик духтур, зани тоҷик сиёсатмадору муҳандису кишоварз ва дар самтҳои дигари кору рӯзгор ҳамқадами мардон аст, ки ба ин масъала адибон камтар аҳаммият додаанд. Онҳо танҳо модарро як шахсияти хеле муҳтарам тасвир кардаанд, ки танҳо бояд эҳтиромаш кард. Ва дар аксари вақт аз хазони умри онҳо қисса мекунанд ва барояшон таҳсинҳо мегӯянд ва аз ҳалиму ғамхор ва меҳрубон будани онҳо ёд мекунанд. Муҳаммад Ғоиб мегӯяд:

Дар ҷаҳони меҳрубонӣ беназирӣ, модарам,
Дар диёри бовафоён ту амирӣ, модарам.
Хонашиниҳои ту моро ҷаҳонбин кардааст,
Баҳри озодии мо дар худ асирӣ, модарам.
Зуд гарди осиёби умр бар мӯят нишаст,
Аз ҷавонӣ аз ғами мо ранги пирӣ, модарам.
Имтиҳони маргро дар зиндагӣ биспурдай,
Зиндагибахшандаӣ, ҳаргиз намирӣ, модарам [5, с.485].

Модар неъматест аз ҷониби Парвардигор барои фарзанд ва амонатест барои имтиҳони фарзанд ва роҳест барои хушбахтӣ ва наҷоти ӯ дар дорайн. Модар пайки хушбахтист, ки як бор рух менамояд ва дигар такрор намешавад. Аз ин рӯ, адибони тоҷик дар эҷодиёташон нисбат ба модар беҳтарин сифатҳоро муносиб дидаанд. Такриму тақдиси модарро аз ҷумлаи ибодот дониста, ҳатто ӯро шабеҳи фариштагон донистаанд. Озар басо хуб гуфтааст:

Модар фариштa буд, фақат болу пар надошт,
Шояд, ки дошт болу пар, аммо хабар надошт.
Ё дошт огаҳӣ зи пару боли хеш, лек
Майли ҷудо шудан зи ману аз падар надошт.
Дар кӯдакӣ ба модари худ хостам барам
Як ҳадя, лек ҷайби ман он лаҳза зар надошт.
Зар ёфтам ба гоҳи ҷавонию он замон
Ҷуз ишқи ёр сина ҳавои дигар надошт.
Вақте ба ёди ҳадя фитодам, ки модарам
Рӯйи лабаш ба ғайри «видоъ, эй писар» надошт…
Модар фариштa буд, пари худ кушоду рафт,
Азбас илоҷ пеши қазову қадар надошт.
Модар фариштa буд, дақиқан, фариштa буд,
Ҳатто ба дӯш болу паре ҳам агар надошт [10, с.8].

Зан ба унвони маъшуқа:

Зан ба унвони маъшуқа, яке аз серистеъмолтарини мавзӯоти адабиёти форсӣ-тоҷикӣ буда, тамоми шоирон ба зан, бештар аз ҳамин ҷабҳа назар кардаанд. Қисмати зиёди шеъри классикӣ ва муосири моро ишқ ба зан ташкил медиҳад. Агарчанде ишқи ирфониро, ки ишқ нисбат ба Худо буд, сарфи назар кунем, боз ҳам ишқи заминӣ, яъне ишқ ба зан мавқеи хеле калонро дар адабиёти мо соҳиб мебошад. Дар ҳоле ки ишқи ирфонии адабиёти мо ҳам аглаб сифоти занона дорад.

Дар назми имрӯзи тоҷик низ адибон ба ин мавзӯъ сахт аҳаммият додаанд. Қисмати зиёди девони шоиронро имрӯз ҳам ҳамон ишқи заминӣ ташкил медиҳад. Дар ин давра ишқи ирфонӣ ба таври ангуштшумор вуҷуд дорад, ки он ҳам ниёз ба нигариши дақиқ дорад. Мавзӯи зан ба унвони маъшуқа давомдиҳандаи ҳамон ишқи заминии шеъри классикӣ аст, яъне дар ин давра ҳам бештар маъшуқа бевафоӣ мекунад ва ошиқро дар ҳаҷри худ месӯзонад ва ё гаҳе бевафоӣ аз ҷониби ошиқ сар мезанад ва баъзан дигар омилҳои иҷтимоӣ садди роҳи ишқи онҳо мешавад. Бозор Собир гуфтааст:

Аз доғи ту дам ба дам дилам месӯзад,
Аз бахти пиёдаам дилам месӯзад.
Беҳ! Чашми маро намекушодӣ дар ишқ,
Аз чашми кушодаам дилам месӯзад [11, с.47].

Маъшуқа касест, ки гоҳ аз дасти бетаваҷҷуҳиву бевафоии ӯ шикоят мешавад ва даме аз зебоӣ, меҳрубонӣ, қади мавзуну сурати зебо, аз зулфи парешону чашмони обияш сухан ба миён оварда мешавад. Ва ё ошиқ тамоми вуҷудашро аз файзи қадами ӯ мебинад:

Моҳтобӣ мешавад дил аз ту, эй рӯъёи ишқ,

Мешавад обӣ дил аз мавҷи ту, эй дарёи ишқ.
Офтоби рӯзи дил торик бошад бе рухат,
Лек равшан мешавад дил бо ту дар шабҳои ишқ.
Дар лабат ширинии лабҳои ишқам хуфтааст,
Лаб бубахшою бидеҳам шаҳд аз лабҳои ишқ [6, с.235].

Баъзан ишқ як муносибати муваққатӣ аст ва бо гузашти муддате ошиқ ба худ меояд, ки дигар дер шудааст. Дар ин ҳолат ошиқ дар олами хаёлот ба даврaҳои ҷавонӣ ва айёми ишқу ошиқӣ рафта, ёди рӯзгори пешин мекунад:

Ишқи аввал аз сарам чун ширмаҳтобе гузашт,
Ширмоҳӣ гашту бо дарёи тезобе гузашт.
Хобҳои ошиқии худ саҳар гуфтам ба об,
Ишқи аввал ташналаб ҳамроҳи хезобе гузашт.
Зери дандони садаф лабчанг мезад ёри ман,
Ишқи аввал ҳамчу оҳанги табу тобе гузашт.
Масти маст аз бӯсаҳои аввалину охирин,
Ишқи аввал чун хумори бодаи нобе гузашт [8, с.277].

Ҳамин маъшуқа аст, ки шоир гуворотарин таркибот, шевотарин иборот ва бо саховатмандии беандоза ҳама ҳастияшро фидояш мекунад. Ошиқ аст, ки розӣ аст арзишмандтарин доштаашро ба ӯ бахшад ва ҳатто тамоми шеъру девонашро фидои як лабханди маъшуқа кунад ва бигӯяд: ҳеҷ байте хуштар аз соқи ту нест:

Сар то қадами ту назми берамз аст
Назме, ки дар он тапидани набз аст,
Назме, ки ба он ҳаме расонам лаб,
Назме, ки ба он ҳаме расонам даст.
Аз байти сафеди соқи ту хуштар
Байте набувад ба ҳеҷ як дафтар,
Аз ҷумла сафедиҳо, ки ман дидам,
Ин байти сафед монда дар хоти(а)р [11, с.67].

Умуман, мавзӯи зан-модар дар адабиёти замони истиқлол аз паҳншудатарин мавзӯот аст. Вале бо ин ҳама бештари шеърҳои ба ин мавзӯъ бахшидашуда як баёни умумӣ аз мақоми зан-модар буда, аксаран орӣ аз тасвирҳои диданӣ ва ибороти дилчасп ҳастанд. Ҳамон ташбеҳоти забонзади чашму абрӯ, зулфи печону қомати сарви зан аст, ки дар шеъри шоирон ба як маром такрор мешаванд. Зани даврони истиқлол дар шеъри тоҷик то ҳол мисли гузашта дар ғаму дард аст, дар корҳои сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа фаъол нест, ҳанӯз ҳам вазифаи ӯ дар кунҷе нишастану аз ҷабри чархи фалак нолидан аст. Гӯё ки адибони мо бо ҳаёти воқеии занон аз наздик шинос нестанд ва ё аз ғами модароне, ки фарзандонашон дар кишварҳои дигар барои таъмини рӯзгор рафта, аз сахтиҳои кор ва мушкилоти дигар ҷон ба ҷонофарин месупоранд, хабар надоранд.

Дар шароити ҳозира шоирони хурду бузургро лозим аст, ки ба мавқеи иҷтимоии занон рӯ оваранд ва симои ҳақиқии ин сарчашмаи ҳаёти инсониро барҷастатару матлубтар қаламкашӣ намоянд.

Муқарриз: ***Кӯчарзода А.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Атоӣ, З. Ишқи як зан / З.Атоӣ. – Душанбе: Ноҳид, 1992. – 160 с.
2. Бобоев, Ю. Эстетика ва қадамҳои насру назми тоҷик / Ю.Бобоев. – Душанбе: Адиб, 1988. – 608 с.
3. Ваҳҳоб, Р. Салом / Р.Ваҳҳоб. – Душанбе: Адиб, 2015. – 256 с.
4. Гулрухсор. Офтоб дар соя. – Душанбе: Адиб, 2016. – 157 с.
5. Ғоиб, М. Девон / М.Ғоиб. – Душанбе: Пайванд, 2009. – 1015 с.
6. Ғоиб, Ҳ. Нафас то бар нафас овози вақт аст / Ҳ.Ғоиб. – Душанбе: Нур, 2005. – 418 с.
7. Мубориз, Р. Навои найсон / Р.Мубориз. – Душанб: Адиб, 2004. – 104 с.
8. Назрӣ, Р. Замзама / Р.Назрӣ. – Душанбе: Бухоро, 2017. – 554 с.
9. Нуъмонӣ, М.М. Маориф-ул-ҳадис / М.М. Нуъмонӣ. – Зоҳидон: Форуқи аъзам, 1380 ҳ. қ. – 579 с.
10. Озар. Модар фариштa буд... // Адабиёт ва санъат. 6-уми апрел, 2017. - №14. - С.-1.
11. Собир, Б. Фасли занона / Б.Собир. – Теҳрон: Таборак, 1379. – 120 с.
12. Фарзона. Девон. Ҷ-2. – Хуҷанд: Ношир, 2014. – 520 с.
13. Ҳадиса. Сояи мижгон. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 246 с.
14. Шаҳрия. Зане дар асорати танҳоӣ. – Душанбе: Деваштич, 2002. – 84 с.

15. Шеърдӯст, А. Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик / А.Шеърдӯст. – Теҳрон, 1376. – 327 с.

МАҚОМИ ЗАН-МОДАР ДАР ШЕЪРИ ИМРӮЗИ ТОҶИК

Зан-модар дар адабиёти мо гоҳе ошиқ асту гоҳе маъшуқа, даме вазифаи ҳамсариро иҷро менамояд ва замоне дигар рисолати бузурги модарӣ бар дӯш дорад. Дар ҷое дилсӯзу меҳрубон аст ва дар ҷое тарбиятгари фарзандон, замоне намунаи олӣ аз зуҳду парҳезгорист ва замоне иҷтиноб аз ӯ амри зарурист. Дар адабиёти даврони истиқлоли Тоҷикистон низ ин мавзӯъ мақому мартабаи хешро аз даст надода, адибон бо офаридани образҳои мондагор, тобишу ҷилваҳои ҳунарӣ идомадиҳандаи назми классик мебошанд ва манзалати зан-модарро дар ҷомеа баланд бардоштаанд. Ҷойгоҳи зан-модарро дар шеъри имрӯзи тоҷик аз ду паҳлу метавон баррасӣ кард, яке дар шеъри шоирони мард ва дигаре дар шеъри шоираҳои тоҷик. Ҳамчунин ин мавзӯъро ба қисматҳое ҳамчун: зан ба таври мутлақ, зан ба унвони модар, зан ба унвони маъшуқа ва ғайра метавон тақсим ва таҳлил кард. Васфу ситоиши зан-модар дар шеъри замони истиқлоли Тоҷикистон фаровон ба назар мерасад, ки аксар умумигӯӣ ва такрори якдигаранд. Дар қисмати зиёди ашъори ба модар бахшидашудаи ин давра ҳамон занеро мушоҳида мекунем, ки дар шеъри классик аст, ҳол он ки мақоми иҷтимоии зан имрӯз тамоман дигар гаштааст. Ва занон дар тамоми ҷабҳаҳо ҳамқадами мардонанд. Ин хусусиятро дар шеъри замони истиқлол кам мушоҳида мекунем.

Калидвожаҳо: зан, модар, истиқлол, мақом, образ, шоирон, маъшуқа.

ОБРАЗ ЖЕНЩИНЫ-МАТЕРИ В СОВРЕМЕННОЙ ТАДЖИКСКОЙ ПОЭЗИИ

Женщина-мать в нашей литературе иногда играет роль возлюбленной и любимой, иногда исполняет свои материнские обязанности и иногда-роль верной жены. Где-то она добра и любезна и воспитывей детей, а где-то – пример благочестия и покорности. В литературе эпохи независимости Таджикистана эта тема не потеряла свою важность и многие таджикские литераторы создали выдающиеся образы женщины-матери. Место женщины-матери в современной таджикской поэзии можно изучить двояко: в стихах поэтов - мужчин и в стихотворениях поэтесс. Также эту тему можно анализировать как женщину - мать, возлюбленную. Воспевание и восхваление женщины-матери в современной поэзии очень часто повторяется и говорится о женщине общими словами. В большинстве произведений, посвящённых матери, можно видеть женщину, которая присутствовала в поэзии классиков, но социальный статус современной женщины совсем другой и женщины, наряду с мужчинами, трудятся во всех сферах производства. Воспевание этого в современной поэзии встречается очень редко.

Ключевые слова: женщина, мать, место, независимость, образ, поэты, возлюбленная.

THE STATUS OF WOMAN - MOTHER IN TODAY'S TAJIK POETRY

A woman-mother sometimes plays the role of a lover and a beloved in our literature and she sometimes fulfills her maternal obligations and sometimes the role of a faithful wife. Someplace she is kind and gracious and raising children, and somewhere is a high example of piety and asceticism. In the literature of the epoch of independence of Tajikistan, this topic has not lost its importance, and many of our writers have created outstanding images and the character of a woman - the mother in society was highly proclaimed. The place of women - mothers in modern Tajik poetry can be studied from two sides, one in the poems of male poets and the other in the poems of the female poets. Also, this topic can be analyzed as a woman in a fashionable character, a woman as a mother, more beloved, etc. The description and praise of a woman - mother is often found in the poetry of Independence Tajikistan period frequently, it usually repeats and speaks of a woman in common. In the majority of creative works devoted to the mother of the modern era, you can see a woman who was in the classic poetry, but the social status of a modern woman is completely different. The women, along with men, work equally in all spheres. This quality is very rare in the poetry Independence period.

Key words: woman, mother, independence, a place, image, poets, beloved.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҳадиятуллоҳи Амриддин*** - Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакӣ, АМИТ, унвончӯй. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 21. Тел.: **(+992) 918-26-80-83**

Сведения об авторе: ***Хадиятуллох Амриддин*** - Института языка и литературы им. А.Рудаки НАНТ, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 21. Тел.: **(+992) 918-26-80-83**

Information about the authors: ***Hadiyatulloh Amriddin*** - Institute of Language and Literature named after Rudaki of the National Academy of Sciences of Tajikistan, a post-graduate student. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. Tel.: **(+992) 918-26-80-83**

УДК: 891.43

ҲИКОЯИ «ШОҲЗОДАИ САНГИН»-И ҶИЛОНИ БОНУ

Амиршоева М.П.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Нимаи дуюми қарни ХХ дар таърихи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву адабии Ҳиндустон марҳилаи тақдирсозе ба шумор меравад. Ба ин маънӣ, ки маҳз дар ҳамин давра Ҳиндустон пас аз муддати тӯлонии зери истеъмори бегонагон будан, истиқлолият касб намуд. Бо тағйири вазъи сиёсиву иҷтимоӣ, таҳаввулоти васеъ дар тамоми соҳоти иҷтимоъ, аз ҷумла дар адабиёт ба вуҷуд омад. Маълум аст, ки ба даст овардани истиқлолияту озодӣ кори як рӯзу ду рӯз набуд ва дар заминасозиву амалӣ гардидани он намояндагони тамоми қишрҳои иҷтимоӣ, касбу кори гуногун саҳмдор буданд. Нависандагону шоирон низ бешак аз ин радиф мустасно набуданд. Тавре ки аз осори таҳқиқии муҳаққиқони адабиёти Ҳинду Покистон бармеояд, шурӯъ аз солҳои поёнии қарни XIX ба баъд дар адабиёти мардуми Ҳиндустон як давраи тозае дар иртибот бо таҷдиду бозсозии адабиёт оғоз гардид. Ба дигар сухан, як давраи гузариш ба марҳилаи нав шурӯъ мешавад, ки метавонад тамоми монеаҳои мавҷуди аз асрҳои миёна ба меросмондаро бартараф намояд ва роҳро барои пешрафту тараққии борвар, бо пайравӣ ва таъсирпазирӣ аз адабиёти миллатҳои пешрафта ҳамвор созад.

Дар нахустин даҳсолаи қарни ХХ дар адабиёти ҳиндиву урду як навъ дуршавӣ, канорагузории қонунҳову низоми расмиятёфтаи асримиёнагӣ оғоз мегардад. Ҷараёнҳои наве ба зуҳур мерасанд, ки мақсади аслиашон инъикоси воқеияти айнӣ, тасвири ҳақиқатнигоронаи ҳаёт аст. Дар таҳкиму устувор гаштани ин ҷараёнҳо, албатта, вазъи сиёсии мамлакат ва падидаҳое, ки дар чаҳорчӯби он ба вуқӯъ мепайвастанд, таъсири калон доштанд.

Қобили зикр аст, ки дар бозтобу инъикоси ҳақиқати замон нависандагону шоирони қавму миллатҳои мухталиф - чи Ҳинду чи урду нақши муҳим доштаанд. Ба андешаи мо дар илми шарқшиносӣ яке аз самтҳои афзалиятноки соҳа омӯзиши масоили адабиётшиносии ҳиндӣ ва урду мебошад. Маълум аст, ки адабиёти урду дар қиёс бо адабиёти ҳиндӣ риштаи ҷавонтар аст. Вале ба ин нигоҳ накарда гурӯҳи бузурге аз нависандагони урдузабон тавонистанд, бо эҷоди осори арзишманд таъсири амиқе дар раванди умумии адабиёти ҷаҳон бигузоранд. Бо назардошти ин метавон гуфт, ки омӯзишу баррасии зиндагӣ ва осори намояндагони таъсиргузори адабиёти урдузабон ниҳоят муҳимму мубрам ба назар мерасад.

Яке аз нависандагони маъруфи урдузабони Ҳиндустон, ки зиндагиву осораш қобили омӯзишу таҳқиқ аст, Ҷилони Бону мебошад, ки ӯро метавон ба радифи нависандагони таъсиргузори даврони пас аз озодӣ шомил намуд. Ҷилони Бону дар адабиёти урду аз пурмаҳсултарин нависандагон ба шумор рафта, он чи номи ӯро забонзаду шуҳратёр намуда, ҳикояҳои вай аст. Аз сӯйи дигар, нақши ӯ дар рушду камоли ҳикояи урду ва ҷанбаҳои ҳунарии он ниҳоят чашмрас мебошад.

Саҳми Ҷилони Бону дар тасвири воқеияти бараҳнаи замон вазъи зиндагӣ, рӯҳияту зеҳнияти мардуми одӣ, мушкилоти иҷтимоӣ, масоили марбут ба ҳуқуқу ҷойгоҳи замон бисёр арзишманд аст.

Ҷилони Бону - яке аз адибаҳои шинохтаи урдузабони Ҳиндустон аст, ки бо осори ғании худ дар адабиёти муосири урду ҷойи намоёнеро соҳиб гаштааст.

Агар мо ба таърихи адабиёти урду назар андозем, он гоҳ мебинем, ки дар ибтидои жанри роман ва ҳикояи урду дар қатори нависандаҳо боз якчанд адибаҳое низ ба чашм мехӯранд, ки бо ашъорашон хазинаи адабиёти урдуро ғанӣ гардонидаанд. Аз аввал то ба имрӯз ин адибаҳои хушсалиқаву зирак дар эҷодиёташон мавзӯъҳоеро пешкаши хонандагон гардонидаанд, ки марбут ба зан, ҷомеъа ва зиндагии онҳо мебошанд.

Ин адибаҳо бо қалами тези хеш тамоми масоилҳои мусбату манфии ҷомеъаро инъикос намуда, дар қатори он тарзи амали намудани онро ба ҷомеаи имрӯза раҳсипарӣ мекунанд.

Нависандагоне, ки дар майдони адабиёти муосири Ҳиндустон бо забони урду эҷод намуданд, пуршуморанд. Бидуни шак яке аз машҳуртарини онҳо Ҷилони Бону мебошад,

ки дар адабиёти имрӯз мақому манзалати хосса дорад. Ҷ. Бону солҳои чилуми қарни сипаришуда ба ҳикоянависӣ оғоз намуд буд. Соли 1954 нахустин ҳикояи хешро бо номи «Зебоии нафис» («موم کی مریم») ба табъ расонид. Нашри ҳикояи мазкур дар зиндагии ӯ нақши сарнавиштсозе дошт. «Рушнике минор» («روشنی کے مینار») (1958) нахустин китоби ҳикояҳои номбурда аст, ки бо интишораш сабабгори маъруфияту шуҳрати нависанда гардид.

«Шоҳзодаи сангин» («پتھر کا شہزادہ») ҳикояи дилчаспест аз Ҷилони Бону, ки дар китоби «Суҳбати гулҳо» («بات پھولوں کی») мунташир шудааст.

Ҳикояи мазкур мустақиман бо муколимаи қаҳрамонон оғоз мегардад. Хонанда аз ҳамон оғоз бо ҷаҳони ботинии қаҳрамонон, дидгоҳҳои онҳо нисбат ба масъалаҳои тасвиршаванда дар матни ҳикоя ошно мешавад. Ин ошноӣ зина ба зина зимни гуфтугузоре, ки миёни қаҳрамонон сурат мегирад, вусъату умқ пайдо менамояд, вале номи қаҳрамонон то поёни ҳикоя барои хонанда пинҳон мемонад. Шояд ба доштани номи мушаххас зарурат ҳам нест. Танҳо аз матну мавзӯи гуфтугӯ равшан мегардад, ки қаҳрамони аслӣ мардест, ки дар як осорхонаи маъруфи Ҳиндустон роҳбалад аст. Перомуни ҳар асару ашёи намоишии осорхона маълумоти кофӣ дорад. Ду қаҳрамони дигар як зану писараш низ бенаманд ва ба хотири тамошои музей қарибиҳои шом ба осорхона омаданд.

Аслан замони тӯлонист, ки дар шаҳрҳои хурду бузурги дунё таъсису бунёди анвои мухталифи музейҳо, осорхонаҳо марсуму маъмул аст ва осорхонасозӣ низ пешинаи зиёди таърихӣ дорад. Маҳзи хотири ин сухан аз осорхона боз кардан дар назари аввал гӯё тозагиву маҷзубияти хоссе надорад. Вале дар асл масъаларо дигаргуна бояд баррасӣ намуд. Тамошо кардан, боздид намудан аз як музей як тарафи масъала аст, ки бо гом ниҳодан ба остонаи ҳар осорхонае ҳал мешавад. Вале муҳим натиҷа аст. Ба ин маънӣ, ки ин боздид чӣ аҳаммияту суде барои тамошобин дорад. Ба дарку тасаввури ӯ аз раванди ҳастӣ чӣ чизеро изофа мекунад. Пас аз боздид чӣ тағйире дар ҷаҳонбинии бинанда ба вуҷуд меовард?

Асоси паёми нависанда Ҷилони Бону дар ҳикояи мазкур посухёбӣ ба пурсишҳои мазкур аст. Дар ҳикоя дар чаҳорчӯби осорхона осори намоишӣ, ки аксар симои воқеӣ доранд, адворе аз таърихи миллатро пеши назари хонанда бозсозӣ мекунанд. Саҳнаҳои хубу зишти зимомдорони вақтро бозгӯ мекунанд. Хатти баёну андешаи қаҳрамони ҳикоя зеҳни хонандаро аз паси худ мекашонад ва оҳиста-оҳиста маҷбур месозад, ки дар бораи онҳо бияндешад, ки чӣ нақше дар рӯзгор гузоштанд.

Тавре ки гуфтем, ҳикоя бо истиқболи гарми роҳбалад аз ду тамошобини тозаворид, зану фарзандаш шурӯъ мешавад. Поёни рӯз аст ва расидани шому торик шудан як каме хонуми тамошобинро нигарон месозад. Ӯ бо нигаронӣ аз роҳбалад мепурсад: «Ҳоло рӯз, ки бегоҳ шудааст?» [7, с.152]. - Роҳбалад зимни ин ки гузашти рӯзро тасдиқ мекунад ба ду мабдаъ ё сарчашмаи калидӣ ишора мекунад, ки дархури посухи муносибест ва аз сӯйи дигар андешабарангез:

«-Бале хонум. Шом меояду боз рӯз мешавад ва ин ҳолат такрор меёбад. Шарқ ҳар рӯз офтобро бо нури нав ва неруи гармӣ таъмин намуда, ба сӯйи аҳли олам гусел мекунад. Ғарб бошад ҳар рӯз онро ба сӯйи торикӣ, ба ғуруб мебарад. Ҳа-ҳа-ҳа. Шумо дар ин бора фикри беҳуда накунед, пеш аз фаро расидани шаб ба манзилатон хоҳед расид» 7[, с.152].

Ду мабдае, ки зикраш рафт, мафҳуми Шарқу Ғарб аст, ки ҷузъе аз ҳикоя аст ва дар назари аввал ба маънии аслӣ корбурд шудааст. Вале ошноӣ бо муҳтавои комили ҳикоя хонандаро хоставу нохоста бо ҳамин ду мафҳум бармегардонад.

Аз ин равшан мегардад, ки Шарқу Ғарб ҷузъи содае дар сохтори умумии ҳикоя нестанд. Аз сӯйи дигар, ҷузъиёт ҳамчун истилоҳи зебошинохтӣ дар омӯзиши сохтори адабӣ баёнгари чунин бахшҳое аз асарҳо мебошанд, ки онҳоро метавон ҳамчун бахшҳои созандаву муҳимми таркибу сохтори асар ҷудо намуд. Дар як асари адабӣ ба сифати ҷузъиёти зоҳирӣ метавон аз унвони бахшҳо, ҳатто калимаҳову иборoти алоҳида истифода намуд. Ба ҷуз ин унсурҳои сохтори дарунии асар мисли сужа, мавзӯъ, қаҳрамононе алоҳида метавонанд нақши ҷузъиёти корсозро бозӣ кунанд.

Аз ин нуктаи назар агар ба мафҳуми Шарқу Ғарб нигоҳ кунем, заминаҳои зеҳнии дигаре пеши назар ҷилвагар мешавад. Гап дар ин аст, ки дар адабиёти бадеӣ ва таҳқиқии мавҷуд замоне ки сухан аз ҳастии башар дар саросари дунё дар миён меафтад, ҷомеаи

инсониро ба ду бахши бузург Ғарбу Шарқ ҷудо месозанд. Ин гурӯҳбандӣ дар имтидоди замон ба ин ду мафҳум ё истилоҳи сиёсӣ ё ҷуғрофӣ ба андозае умқу вусъати маънӣ бахшидааст, ки ҳамзамон бо шунидани номи онҳо мавзӯоти мухталифе ба зеҳн зуҳур мекунад.

Ҷаҳони Ғарб бахше аз қудрати ҷаҳон ва гурӯҳбандии сиёсии он канори гурӯҳи сиёсии дигаре бо номи «ҷаҳони Шарқ» маҳсуб мешавад. Аз сӯйи дигар, Ғарб дар адабиёти ирфонии мо ба унвони мафҳуме рамзӣ ва киноӣ фаҳмида мешавад. Ё мағриб ба сифати рамз ба маънии ибҳом, торикӣ, ғуруби офтоби ҳақиқат, дур афтодан аз Ҳаққу ҳақиқат ва фурӯ рафтан дар зулмат омадааст.

Ин рамз, ки ба маҷоз аз гардиши хуршед ва баромадану фурӯ рафтани он интихоб шуда, гоҳ дар баъзе аз осор маънои равшани ҷуғрофиёӣ низ ёфтааст, ки ба ду навъ биниши башарӣ ишора мекунад, ки сарчашмаи яке Юнону фалсафаи он ва сарчашмае дигаре сарзаминҳои осиёӣ ва ҳикмати он мебошад.

Дар он Шарқ мазҳари биниши ирфонӣ ва таваҷҷуҳ ба ботину дил ва софиву равшанӣ дар партави тобиши нури ҳақиқии олам аст.

Тавре ки дар боло тазаккур додем, ном бурдани қаҳрамон аз Шарқу Ғарб дар нигоҳи аввал иқтизои пурсиши матраҳшуда ба дид меояд, вале амалиёти бадеӣ, пайванди мавзӯъҳои мавриди назарро бо он мафҳумот собит месозад, зеро «дар музей ашёву асбобҳои нодир аз ҳар гӯшаву канори дунё ҷамъоварӣ шудаанд».

Бинои осорхона боқимонда аз қасри подшоҳест, ки замоне шукӯҳу шаҳомат, низоми хос, ғуломони пуршумор доштааст.

Нахустин экспонати музей, ки бояд тамошои бинандагон аз дидани он оғоз гардад, муҷассамаи ғуломони ҳабашист, ки назди дарвозаи музей гузошта шудааст.

Чашмони маҳзуну ғамбори ғуломон, ки бо сабаби лоғарӣ аз косахонаи сар берун ҷастаанд, аз сарнавишти талху низоми ваҳшатбору нангини замоне ҳоким бар қасри подшоҳ гувоҳӣ медиҳад. Роҳбалад низ мехоҳад дар лаҳзаҳои аввалини вуруд ба марзи печидаву торики таърих таваҷҷуҳи тамошобинонро ба ҳамин нуқта ҷалб кунад: «Онҳо (яъне, ғуломон - А.М.) аз мардонагии худ маҳрум шудаанд. Чунки ҳарамсарои шоҳро муҳофизат мекарданд» [7, с.153].

Ҳарчанд баёни иллати ин падида аз тарафи роҳбалад васеъу доманадор нест, вале иттилои кӯтоҳи ӯ инсонро маҷбур месозад, ки лаҳзае дар атрофи ваҳшонияти инсон андеша кунад. Ба ин маънӣ, ки фарзанди Одам ба хотири манфиати хеш, рафъи ниёзҳои худ ба чӣ аъмоли дадманишонае қодир аст.

Назди дарвозаи қаср ҳамрадифи муҷассама тӯпҳои бузургҷусса ҳамчун асбоби намоишӣ гузошта шудаанд ва хеле зуд ҷалби назар мекунад. Роҳбалад бо дарки ин эҳсос раванди пешрафтаи инсонро дар риштаи аслиҳасозӣ ёдовар мешавад. Пешрафте бимзову тарсафкан, хатарзо.

Санг нахустин силоҳи инсонҳо дар низоъу ҷангҳои байниҳамӣ буд, ки бо гузашти замон ба шамшер, ба тиру тӯп иваз шуд, вале имрӯз «бошад ба сари мардуми бегуноҳ бомбаи атомиро партоб мекунанд. Афсӯс, афсӯс» [7, с.154].

Шарҳи муъҷази роҳбалад бозтоби торҳои нозуки эътирозу норизоятӣ аз чунин пешрафте дар арсаи силоҳсозӣ аст. Пешрафте, ки оқибати харобиоваре дорад.

Роҳбалад бо ҳамин ҳолу ҳаво бинандагони тозаворидро ба дохили осорхона мекашонад, то онҳоро бо таърих ва чеҳраҳои машҳури он рӯ ба рӯ созад.

Пойафзоли шоҳ Бобур, тоҷи шоҳ Ҷаҳонгир, ғилофи шоҳ Акбар, хобгоҳи подшоҳе номаълум, ки дар рӯ ба рӯяш муҷассамаи 7 дӯшизаи сархам истодаанд. Роҳбалад перомуни ҳар асбоби намоишӣ маълумоту назари хос дорад. Аз сӯйи дигар, худи ашё гӯё мазҳари зиндагии подшоҳону ҳукмфармоёни пешин аст.

Дар радифи асбобҳои мутааллиқ ба шоҳон муҷассамаи гадое дар ҳоли садақа пурсидан мавҷуд аст. Ин амр низ метавонад боиси андешаву тааммул бошад. Дар музей ба сифати ёдгор тоқии шоири маъруф Мирзо Асадуллоҳ Ғолиб гузошта шуда ва тоқии хеле калон аст. Роҳбалад бо шӯру шавқи хос иттилоъ медиҳад, ки аксари шоироне, ки вориди осорхона мешаванд, талош меварзиданд боре ба хотири пайравӣ аз шоир тоқии ӯро ба сар кунанд «аммо вакте тоқиро ба сар мегузаронанд, чашму гӯш ва ҳатто биниашонро низ мепӯшонад» [7, с.154-155].

Қаҳрамони ҳикоя оҳиста-оҳиста чашму зеҳни бинандагони осорхонаро ба толори мусаввараҳо равона месозад, то онҳоро ба тарзи зиндагӣ, воқеияти замони пеш, фазои қасру дарбор ошно созанд.

Роҳбалад аз миёни мусаввараҳои мавҷуд дар осорхона танҳо ба мусавварае ишора месозад, ки дар он шоири маддоҳе дар васфи подшоҳи худ мадҳ хонда истодааст. Қаҳрамон ба ин тоифа назари хуше надорад ва хушомад гуфтанро дар пешрафти ҷомеа хушоянд намедонад. Ин андеша аз шеваи баёни андешааш равшан мегардад: «Даҳони ин шоир аз дурру ҷавҳар пур карда мешавад. Дар он замон инъоми шоирон аз ҷониби подшоҳ ба ҳамин тариқа сурат мегирифт» [7, с.155].

Дар ҳикоя нависанда гоҳо пӯшида ва танзомез ба баъзе аз ҷанбаҳои муҳимми зиндагии инсонӣ ва мушкилоте, ки ҷомеа ба он гирифтор аст, ишорат менамояд. Яке аз падидаҳои маъмулу озмудашудаи рӯзгори одамӣ ҳимоят аз ҳақиқат аст. Мафҳуме, ки вуҷудашро ҳама хоҳонанд, вале гуфтанаш, ҳифзаш барои шахси гӯянда ё ҷонибдори он холӣ аз хатару бим нест.

Қаҳрамони асосии ҳикоя замоне ки муҷассамаи Суқротро тафсиру шарҳ медиҳад, хотирнишон месозад, ки Суқротро барои ҳақиқатгӯйӣ маҷбуран ҷоми заҳр нӯшониданд. «Ҳақиқатро гуфтан дар замони мо ҷиноят шумурда мешавад» [7, с.156].

Ин натиҷаи одии зеҳни қаҳрамон аст, вале бозтобдиҳандаи мушкили бузурги ҷомеаи инсонист.

Яке аз хусусиятҳои ҳунарии Ҷ. Бону аз он иборат аст, ки ӯ ба мақсади барҷаста тарсим намудани тарҳи ҳикояи худ ҳодисаҳои зиёдеро интихоб менамояд, зимни густаришу домана пайдо кардан тарҳи комили ҳикояро фароҳам месозад. Вале ба хотири он ки чунин тарҳе ба вуҷуд биёяд, бояд ҳодисаву ашёе интихоб гарданд, ки ба вазъу ҳолу ҳавои ҳикоя созгор бошанд.

Дар ҳикояи «Шоҳзодаи сангин» низ тамоми ашёи намоишии осорхона тарзе ҷойгузин шуда, ки мазҳари зиндагии инсонро дар имтидоди таърих равшану возеҳ нишон медиҳад. Тарзи зиндагии ҳокимони давр ва шеваи салтанати онҳо бозтоби бадеӣ меёбад.

Ҳар як мусаввара ё муҷассама саҳифае аз зиндагии шоҳонро пеши назари бинанда ҷилвагар менамояд. Дидани ҳар саҳнае бинандаро ба чунин хулоса меорад, ки ҷаҳон аз бунёд бо хишту санги беадолатӣ, зулму тааддӣ сохта шудааст. Қонуну низоми зистан гӯё барои ҳар табақае аз пеш таъйин шудааст. Ин фармонҳои шоҳи номаълуме, ки дар мусавварае фармонҳояш дарҷ шуда гувоҳи ин матлаб аст: «Озодӣ барои ҳамаи вазирон. Хилъат ва инъом барои шоҳзодаҳо. Ҷазову сазо барои ҷавонони ҳақиқатҷӯ. Барои исёнкорону саркашон бошад, зиндони тангу торики дӯзахмонанде сохта шавад» [7, с.157].

Дар осорхона муҷассамаи шахсони таърихӣ мисли Гитлер низ гузошта шудаанд. Симои сангини ҳар муҷассамае саропо роз аст. Розе, ки бояд бо чашму зеҳни хонанда боз шавад. Хонанда худ бо худ дар атрофи вуҷуди онҳо андеша кунад, сабақ бардорад, ки амали нораво чӣ оқибатҳое метавонад дошта бошад.

Дар ҳикоя аксар муқобилгузории некиву бадӣ, зулму адолат, воқеияту дурӯғ сурат гирифтааст. Мурури ҳикоя ба чунин назар мерасонад, ки дар ин ҷаҳон метавон ба гунаи дигаре зист. Онро ба чашми дигаргуна нигарист.

Беҳуда нест, ки қаҳрамони роҳбалад оқибат тамошобинонро ба муҷассамаи «Маҳатма Гандӣ» ҳидоят менамояд. Зиндагӣ ва фаъолияти Маҳатма тавре ки маълум аст, моломоли саҳифаҳои ибратомӯз аст.

Нависанда бо тасвири муҷассамаи Маҳатма симои ӯро бо дигар муҷассамаҳои мавҷуд дар осорхона ба таври пӯшида муқобил мегузорад: «Муҷассамаи баланди Маҳатмаро мебинед. Ба кадом тарафе, ки равад, ӯ Шуморо бо нигоҳи худ таъқиб мекунад: «Чашматонро пӯшед ва бо диққат гӯш кунед. Муҷассама ба Шумо мегӯяд…» [7, с.157].

Бояд зикр намуд, ки дар хотимаи достон баён намудани симои Маҳатма бесабаб нест. Зеро ин авҷи ҳикоя аст, ки бояд барҷастатар аз дигар қисматҳо бошад. Гузашта аз ин, нависанда мехоҳад ба мухотабон бифаҳмонад, ки он чӣ ки пойдевори ҷаҳонро истеҳком мебахшад, некиву аъмоли нек аст, на зулму бадкорӣ.

Муқарриз: ***Кӯчарзода А.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Глебов Н. Литература урду / Н.Глебов., А.Сухочев. - М., 1967. – 230 с.

2. Елизарова Р.А. Прогрессивные писатели Пакистана: (на материале литературы урду) / Р.А.Елизарова, А.С. Сухочёв. - Ташкент: Фан Узб.ССР, 1978. - 176 с.
3. Нурова, М. Сравнительное изучение современной таджикской прозы и прозы хинди / М. Нурова. - Душанбе: Дониш, 2017. - 245 с.
4. Полинова, О.С. Реализм в современном индийском романе: (На прим. хинди, урду и бенгал. лит.) / О.С. Полинова. - Ташкент: Фан, 1984. – 108 с.
5. Холов, Ҷ. Адабиёти урду дар садаи бистум / Ҷ. Холов. – Душанбе, 2010. - 154 с.
6. خورشید احمد – اردو کی ممتاز خورتیں افسانہ نگاروں کا تنقیری مطالعہ- علیگڑھ- 1995-493 ص-
7. بانو جیلانی //دہلی 1999- 245 ص-- /بات پھولوں کی جیلانی بانو
8. سلیم اختار – اردو ادب مختصرترین اغاز سے 2000 تک -/اختار سلیم- سنگ میل پبلی کیشنز:لاھور-718ص-
9. گوپی چندر نارنگ- آزادی کے بعد اردو افسانہ-/ گوپی چندر نارنگ، اوتضی کریم، اسلم جمشید پوری- – دہلی-، 2003-837ص-
10. محمد حسن- جدید افسانوی ادب، عصری ادب- / حسن محمد- دہلی-، 1970- –250- ص-
11. نیم قریشی- اردو ادب کی تاریخ/ قریشی نیم- – لکھنؤ-، 1961-272ص-
12. وقار عظیم- دکستان سے افسانے تک- / عظیم وقار- –علی گرھ، 2003- - 374ص-
13. وقار عظیم- نیا افسانہ- / عظیم وقار- –علی گرھ، 1996- – 695.ص-
14. وہاب اشرفی- جیلانی بانو کے تخلیق جہات // شب- دہلی- – 1998- – دسمجر- –56 ص-
15. www.rkhta.ur.

ҲИКОЯИ «ШОҲЗОДАИ САНГИН»-И ҶИЛОНИ БОНУ

«Шоҳзодаи сангин» («پتھر کا شہزادہ») ҳикояи дилчаспест аз Ҷ. Бону, ки дар китоби «Суҳбати гулҳо» («بات پھولوں کی») мунташир шудааст. Ҳикояи мазкур аз нигоҳи фарогирии мавзӯъҳои мухталиф, ки бо ҳам дар маҷмӯъ пайванду алоқаи мустаҳкам доранд, ҷалби диққат мекунад. Ҳикоя бе муқаддимачинӣ, ки хосси аксари осори мансур аст, мустақиман бо муколимаи қаҳрамонон оғоз мегардад. Хонанда аз ҳамон оғоз бо ҷаҳони ботинии қаҳрамонон дидгоҳҳои онҳо нисбат ба масъалаҳои тасвиршаванда дар матни ҳикоя ошно мешавад. Ин ошноӣ зина ба зина зимни гуфтугузоре, ки миёни қаҳрамонон сурат мегирад, вусъату умқ пайдо менамояд, вале номи қаҳрамонон то поёни ҳикоя барои хонанда пинҳон мемонад. Шояд ба доштани номи мушаххас зарурат ҳам нест. Танҳо аз матну мавзӯи гуфтугӯ равшан мегардад, ки қаҳрамони аслӣ мардест, ки дар як осорхонаи маъруфи Ҳиндустон роҳбалад аст. Перомуни ҳар асару ашёи намоишии осорхона маълумоти кофӣ дорад. Ду қаҳрамони дигар як зану писараш низ бенаманд ва ба хотири тамошои осорхона қарибиҳои шом ба он ҷо омаданд. Аслан замони тӯлонист, ки дар шаҳрҳои хурду бузурги дунё таъсису бунёди анвои мухталифи осорхонаҳо марсуму маъмул аст ва осорхонасозӣ низ пешинаи зиёди таърихӣ дорад. Маҳзи хотири ин сухан осорхона боз кардан дар назари аввал гӯё тозагиву маҷзубияти хоссе надорад. Вале дар асл масъаларо дигаргуна бояд баррасӣ намуд. Тамошо кардан, боздид намудан аз як осорхона як тарафи масъала аст, ки бо гом ниҳодан ба остонаи ҳар осорхонае ҳал мешавад. Вале муҳим натиҷа аст. Ба ин маънӣ, ки ин боздид чӣ аҳаммияту суде барои тамошобин дорад. Ба дарку тасаввури ӯ аз раванди ҳастӣ чи чизеро изофа мекунад. Пас аз боздид чи тағйире дар ҷаҳонбинии бинанда ба вуҷуд меовард? Асоси паёми нависанда Ҷилони Бону дар ҳикояи мазкур посухёбӣ ба пурсишҳои мазкур аст. Дар ҳикоя дар чаҳорчӯби осорхона осори намоишӣ, ки аксар симои воқеӣ доранд, адворе аз таърихи миллатро пеши назари хонанда бозсозӣ мекунанд. Саҳнаҳои хубу зишти зимомдорони вақтро бозгӯ мекунанд. Хатти баёну андешаи қаҳрамони ҳикоя зеҳни хонандаро аз паси худ мекашонад ва оҳиста-оҳиста маҷбуран месозад, ки дар бораи онҳо бияндешад, ки чи нақше дар рӯзгор гузоштанд.

Калидвожаҳо: Ҷилони Бону, адабиёт, ҳикоя, Ҳиндустон, ҳақиқатнигорӣ, таърих, инсон, зулму бадкорӣ, осорхона, зиндагӣ.

ПРИВЛЕКАТЕЛЬНЫЙ РАССКАЗ ДЖ.БАНУ «ШОҲЗОДАИ САНГИН» («پتھر کا شہزادہ») (КАМЕННЫЙ ПРИНЦ)

Данный рассказ, с точки зрения охвата разнообразных тем, которые в совокупности твердо связаны между собой, привлекает внимание. Рассказ начинается не с введения, что свойственно большинству прозаических произведений, а сразу с диалога персонажей. Читатель там же знакомится с внутренним миром героев, их взглядами относительно поднимаемых вопросов в рассказе. Это знакомство, при беседах, постепенно возрастает, однако имена героев до конца рассказа остаются неразглашенными. Возможно в имении особого имени нет надобности. Лишь благодаря диалогам выясняется, что главный герой – мужчина, работающий гидом в одном известном музее Индии. Он имеет исчерпывающие знания о всех представленных предметах. Два других героя, женщина со своим сыном, пришедшие вечером в музей, также безымяны. Вообще уже давно как в больших и малых городах планеты создание разнообразного количества музеев стало привычным делом, постройка же музеев имеет давнюю историю. Раскрытие музейной темы на первый взгляд не имеет новизны и не обладает особой привлекательностью. Однако на самом деле, этот вопрос стоит пересмотреть по-иному. Приходить в музей, смотреть – что интересного в этом посетителю. Что прибавится в его внутреннем мире от увиденного. Какие изменения произойдут в мировоззрении посетителя после посещения музея? Основа послания Дж.Бану в названном рассказе является нахождение ответов на эти вопросы. В рассказе, в пределах стен музея выставлено наследие, преимущественно имеющее отношение к реальности, возрождающие перед посетителем эпоху истории нации. Положительные и негативные сцены гласят о правителях разных времен. Направление слов и раздумий героя рассказа манят за собой сознание посетителей и постепенно заставляют их размышлять о том, что же они сделали в жизни.

Ключивый слова: Джилани Бону, литература, рассказ, Индия, реалист, история, человек, угнитение и зло, музей, жизнь.

AN ATTRACTIVE STORY TO J.BANU "SHOXZODAI SANGIN" ("تهر کا شہزادہ") (STONE PRINCE)

"The Stone Prince" is Jiloni Bonu's wonderful short story which was published in the book "The Conversation of the Flowers". This story attracts the attention because it deals with the various topics which generally have strong relationship with each other. The story begins without the special feature of the prose - preface only with the conversation of the heroes. The reader introduces with the heroes' inner life, their point of view to the problems described in it from the very beginning of the story. At the same time the friendship between the heroes during their conversation develops step by step but the heroes will be hidden till the end of the story to the reader. Probably there is no necessity to have an exact name. Only from the content of the text it will be clear that the real hero is the man who is the guide in one of the famous museums of India. He has enough information about each of the museum pieces. Two other heroes – a woman and her son are also nameless and they came to the museum almost in the evening. Actually the founding and building of the various types of museums in small and big cities around the world is very popular for a long time and building the museums has a great history. Only for this reason opening the museums is not new development action from the first sight. But this issue must be interpreted another way. To see and to pay a visit to the museums is one side of the problem which is resolved by taking a step there. But the result is important. It means what benefits it gives to the visitor. What do they add to their imagination of the life? What changes appear in the world vision of the visitor? The main idea of the author Jiloni Bonu in this story is finding answers to the above mentioned questions. In the frame of the museum the exhibits of which have real image open a little period of the national history to the visitor. They retell the good and bad actions of the rulers. The style of the story and the thought of the heroes attract the reader's attention and gradually make them to think about their contribution to the history.

Key words: Jiloni Bonu, literature, story, India, truthfulness, history, human, oppression, museum, life.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Амиршоева Манзура Пирмуҳаммадовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи филологияи ҳинд. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **man74@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 904-50-55-50**

Сведения об авторе: ***Амиршоева Манзура Пирмухаммадовна*** - Таджикский национальный университет, старший преподаватель индийской филологии. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **man74@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 904-50-55-50**

Information about the author: ***Amirshoeva Manzura Pirmukhammadovna*** – Tajik National University, teacher of the Department of Indian Philology of the Faculty of languages Asia and Europa. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **man74@inbox.ru.** Tel.: **(+992) 904-50-55-50**

УДК: 891.550

АНДЕШАҲО ПЕРОМУНИ САБК ВА ҲУНАРИ ШОИРИИ БЕДИЛ

Муродов Б.С.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Аз оғози садаи бист то ба имрӯз масъалаи хусусиятҳои сабки Бедил ва равишҳову ҷараёнҳои усули таъсирпазирии шоирони Мовароуннаҳр, ба хусус, доираҳои адабии шаҳрҳои Бухорову Самарқанд ва Хуҷанду водии Фарғона дар бедилшиносии Тоҷикистон ба таври мушаххас баррасӣ нашудааст. Вале дар ин замина баъзе муҳаққиқон зимни арзёбии масъалаҳои дигари вобаста ба ҳаёт ва эҷодиёти Бедил дар мавридҳое баъзе нуқтаҳоро оиди ин масъала баён доштаанд.

Аввалин андешаро оид ба сабки Бедил ва моҳияти ҳунарии он устод Айнӣ ҳанӯз дар соли 1912 дар мактубе, ки бо хоҳиши шарикдарси тотораш дар мадрасаи Бухоро Олимҷон Идрисӣ навишта буд, баён кардааст. Айнӣ дар ин мактуб навишта буд, ки “Забони модарии Мирзо забони урду буд. Ӯ форсиро баъдтар таҳсил кард. Бинобар фавқулода закӣ ва муқтадир буданаш ин забони таҳсилкардаашро ба дараҷае тавсеъ намуд, ки миқдори истилоҳоти адабии ихтироъ ва истеъмолкардааш ба миқдори хеле бузург болиғ аст”. Дар ҷойи дигари ин мактуб Айнӣ “ибораҳои бағоят муғлақ ва мушкил”-и баъзе навиштаҳои Бедилро зикр карда, амалан сабки шоирро ба содда ва мураккаб ҷудо мекунад [1, с.224-223]. Айнӣ дар шинохти сабки Бедил ба тақозои маҳдудияти жанрии мактуб шояд натавонистааст аз ин фаротар равад.

Баъдтар, яъне соли 1926 устод Айнӣ дар “Намунаи адабиёти тоҷик” ба ин масъала бозмегардад ва вақте доир ба эҷодиёти шоирони пайрави Бедил сухан мекунад, ба таври мухтасар баъзе паҳлуҳои ин масъаларо шарҳ медиҳад, ки нахустин дидгоҳ оид ба сабки Бедил ва равишҳои таъсирпазирӣ аз шеъри Абулмаонӣ мебошад. Дар ин замина устод Айнӣ бо зикри ном ва осори шоироне мисли Қозӣ Лутфуллоҳ Шокири Бухороӣ, Мавлавӣ Шарифи Бухороӣ, Мутрибии Бухороӣ, Муъмини Самарқандӣ, Киромии Бухороӣ, Роқими Самарқандӣ, Субҳонқулихон Волии Бухороӣ, Носири Бухороӣ, Шавкати Бухороӣ, Сайидои Насафӣ ва даҳҳо шоири дигар дар боби сабки ҳиндӣ ва аз ин шева кор гирифтани шоирони ёдшуда сухан кардааст.

Устод Айнӣ дар “Намунаи адабиёти тоҷик” оид ба ҳаёт ва эҷодиёти пайравони Бедил, аз ҷумла Садри Сарир, Сипандӣ, Бебок, Исо Махдум, Савдо, Возеҳ, Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ, Зуфархон Ҷавҳарӣ, Парии Ҳисорӣ, Ҳасрати Ҳисорӣ, Ҳодии Самарқандӣ, Ҳайрати Бухороӣ ва дигарон сухан карда, дар баъзе мавридҳо тамоюли таъсирпазирии пайравони Бедилро низ мухтасаран шарҳ додааст, ки дар шинохти сабки Бедил ва пайравони он ҳарфи аввал аст. Аз ҷумла вақте дар бораи Асирии Самарқандӣ сухан мекунад: “Дар назм ва баъзан дар наср тамоман муқаллиди Бедил” [2, с.372] будани ӯро таъкид карда, зайли намуна ба осори ӯ мисол мезанад. Ба ин тарз дар бораи Исо Махдум Муфтии Бухороӣ низ сухан карда менависад, ки “Исо аз ҷумлаи мутасаввифин аст, аксар абёташ низ дар мазоқи сӯфия иншод ёфтааст. Ба Бедил пайравӣ ва тақлид мекунад, аммо тақлидаш ба камоли муваффақият аст” [2, с.372]. Айнӣ дар “Намунаи адабиёти тоҷик” аз осори ба тарзи Бедил навиштаи Исо порае иқтибос ҳам кардааст. Айнӣ Муҳаммад Нақибхон Туғрали Аҳрориро низ аз “муқаллидони Бедил” дониста менависад, ки “дар ин пайравӣ ҳеҷ муваффақ нашудааст. Истеъдоди Туғрал бисёр комил ва хаёлаш мустаиди болоравӣ буд. Агар табъи худро дар асорати тақлиди Бедил намеандохт ва ҳам ба ҳаққи худ бисёр некбин намебуд, аз саромадони замони худ шуданаш муҳаққақ буд”. Айнӣ дар фароварди ин баҳс меафзояд, ки “Туғрал соҳиби девон аст. Аксар абёташ дар пайравӣ ва тазмини Бедил иншод шудааст” [2, с.209].

Баъдтар дар атрофи чунин арзёбиҳои Айнӣ дар бораи Туғрал баҳсу мунозираҳо ба вуҷуд омада, баъзеҳо, аз ҷумла Абдулҳамид Пулодов ва Асрор Раҳмонов “ғазалиёти берун аз асорати тақлиди Бедил” эҷодкардаи ӯро “зиёдтару қобили таваҷҷуҳ” [3, с.22] донистаанд. Дар ҳошияи ин мунозираҳо ҳангоми тавсифи дафтари мусаввадаи Туғрал академик Абдулғанӣ Мирзоев чунин навишта буд: “Бисёрии шеърҳои чопнашудаи шоир дар услуби Бедил намебошанд ва чунин маълум мешавад, ки Туғрал дар аввали марҳилаи шеърсароии худ аз услуби Бедил - “сабки ҳиндӣ” дур воқеъ шуда, ба ин услуб баъдтар

қадам гузоштааст” [3, с.23]. Муаллифони сарсухани китоби Туғрал “Гиёҳи меҳр” ба ин гуфтаи А. Мирзоев афзудаанд, ки “Гузашта аз ин, дар охири чанд ғазал аз Бедил ном бурдану иқтибос овардану дар татаббӯи вай арзи матлаб намудани Туғралро падидаи тақлидкории маҳзи шоир пиндоштан амри ғалат мебуд. Ин унсури эҷодиро як навъ усули адабӣ ва хусусияти хосси усули фардии Туғрал бояд донист, зеро ӯ, зоҳиран, дар тазмину пайравии Бедил сухан гӯяд ҳам, фикри худу андешаи худ, дарди худу дармони худ, омоли худу армони худ ва шахси худу инсони худро мустақилона баён месозад” [3, с.25].

Дар солҳое, ки пайравӣ ё худ ба таъбири маъмул тақлид ба Бедил нописандида шинохта мешуд ва ин дидгоҳ зери таъсири адабиётшиносии синфиятгаро амал мекард, Айнӣ барин шахсиятҳо воқеиятро ба хости назарияи ҳоким таъбир ва тавсиф мекарданд. Ҳамин ҳодиса сабаб шуд, ки осори адибони зиёде нашинохта ва нашр нашуда монд. Кор ба ҷое расид, ки номи Бедил дар адабиёт то ҷое табу гардид ва ҳар гоҳ сухан аз пӯшидагии маъно, печидагии баён, душвории забон ва мураккабии услуб ба миён ояд, шеъри Бедил ба ёд меомад. Вале дар баъзе тадқиқотҳо, аз ҷумла мақолаи А. Деҳотӣ ва М. Раҳимӣ “Мирзо Абдулқодири Бедил” моҳияти таҷрибаи шеърии Бедил мухтасар бошад ҳам дуруст таъбир гардид. Муаллифони мақолаи зикршуда навиштаанд, ки “Бедил барои эҷодиёти худаш як услуби нави ба худ махсус ихтироъ кард, ки он хеле мураккаб ва душворфаҳм аст. Вай барои ҷой гирондани мақсади худаш дар асарҳояш як олам философия, киноя ва ташбеҳҳои мушкил, муболиғаҳои фавқулода, маҷоз ва истиораҳои аҷиб кор мефармояд. Таассурот, фикр ва муҳокимаҳои худашро ба ҳар ранг дароварда, бештар торик ва сарбаста карда менависад”. Нуктаи муҳим дар андешаи ин муаллифон дар бораи тарзи нигориши Бедил ин аст, ки онҳо “ин мураккабии услуб ва душворфаҳмии ифодаҳои Бедил”-ро “беҳуда ва бемаънӣ” надониста, “балки як санъати ба худаш хос” таъбир кардаанд ва афзудаанд, ки “Ба чӣ сабаб чунин як услуби мураккаб ва душворфаҳмро пеш гирифтани вай ба мо равшан нест. Бинобар ин ҳам, дар пайравӣ ва тақлидҳои худ то чӣ андоза муваффақ шудан ё нашудани тақлидкунандаҳо ва пайравони Бедилро ҳукм кардан ҳоло аз имконият берун аст” [4, с.24].

То нашри китоби устод Айнӣ “Мирзо Абдулқодири Бедил” вазъи шинохти сабки Бедил ва моҳияти ҳунари пайравон ё худ муқаллидони Бедил чунин буд. Айнӣ дар фаслҳои “Забон, услуб ва санъати шеърии Бедил”, “Мактаби Бедил дар услубшиносӣ” ва “Таъсири Бедил дар Осиёи Миёна”-и ин китоб баъзе паҳлуҳои маҳорати шоирии Бедил, сабк, мактаб ва таъсирпазирии шоирони минтақаро аз тарзи нигориши вай мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор дода, баъзе паҳлуҳои ин масъаларо равшан сохтааст.

Устод Айнӣ ду тарзи нигоришро дар таҷрибаи шеъри Бедил мушаххас сохта, якеро “аз нуқтаи назари луғатҳои ҷудогона” [5, с.104] сода, дигареро дар заминаи “ҷумлабандӣ, ташбеҳот, киноя ва истиорот” душвор мешиносад. Ин андешаи Айнӣ ҳам ба забон ва ҳам ба тарзи нигориши Бедил дахл дорад. Барои таъйид кардани содагии забон ва тарзи тасвири Бедил устод Айнӣ аз шеъри шоир “суханҳои гуфтугӯии халқи тоҷик”, аз ҷумла: “ҳай кардан” - ба маънои рондани асп ё дигар ҳайвонот, “сар додан” ба маънои озод кардан, “киро намекунад” - ба маънои намеарзад, “ишкол” ба маънои занҷири пойбанд ва ғайраро мисол меоварад. Дар заминаи тарзи нигориши Бедил бо таҳлили байте аз Бедил забони ӯро “душвортарин забони адабии тоҷик” унвон карда, дар қатори “шеърҳои душворфаҳми печ дар печ” боз “шеърҳои сода, равон, дилчасп ва бо ташбеҳҳои нав зинатдодашуда”-и Бедилро низ зикр мекунад [5, с.104-105]. Айнӣ дар баробари содагиҳои баъзе шеърҳои Бедил забони насри ӯро “аз ҳад зиёда душвор” шинохта, “ҷумлаҳои дарози силсиладор бо ташбеҳҳои мураккаб ва истиораҳои печ дар печ”-ро омили аслии душворӣ ва нофаҳмии ин навъи эҷоди ӯ медонад ва меафзояд, ки “Мо тоҷикони Осиёи Миёна, ки аз забони устод шикоят мекунем, норизоии мо аз тарзи ҷумлабандии ӯ дар наср ва аз ташбеҳот ва истиороти мураккаб ва печ дар печи ӯ дар назм аст”. Айнӣ “ихтироти дилчасп”-и Бедилро “табрик ва таҳсин” карда, сипас “иқтидори шеърии” ӯро дар эҷоди анвои шеър, аз ҷумла ғазал, қасида, рубоӣ, “вазнҳои ғайримаъруф,” “лафзҳои шеърӣ”, шеъри “муфрад ва мураккаб” ба таври мушаххас арзёбӣ менамояд. Коре, ки Айнӣ дар он рӯзгор анҷом дод, аввалин арзёбии забон ва тарзи нигориши Бедил дар бедилшиносии тоҷик буд, ки ҳоло ҳам пуразиш аст.

Чунон ки ишора шуд, Айнӣ дар хусуси сабку услуби Бедил сухан карда, забони осори ӯро “душвортарин забони адабии тоҷик” унвон намуда буд. Минбаъд ин хулосаи Айниро

А. Мирзоев ва Н. Маъсумӣ низ тасдиқ карда, ҳар се омили душвории услуби шеъри Бедилро “шароити ба худ хосси таърихӣ, табиӣ, иҷтимоӣ ва мадании Шарқ” [6, с.8] ва “муҳити сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҳиндустон” таъбир карда буданд. Сонитар бедилшинос Бобобек Раҳимӣ навишт, ки: “Албатта, муҳити зист, тарзи зиндагӣ, урфу одати халқу манзараҳои табиии ин ё он кишвар ба асаре, ки дар он муҳит эҷод шудааст, таъсир накарда наметавонад. Вале ин таъсир асосан дар мазмун ва муҳтавои асарҳо зоҳир мегардад, на дар сабку услуб. Аз ин рӯ, онро омили асосии тафовути сабки ҳиндӣ аз дигар сабкҳо ҳисобидан саҳеҳ нест” [7, с.349]. Б. Раҳимӣ барои таъйиди ин андешаи худ ба шеъри шоироне мисол мезанад, ки бо Бедил муосир будаанду “ашъорашон ба тарзи қудамо” будааст ва шоироне, ки “симоҳои машҳури сабки ҳиндӣ” бошанд ҳам, берун аз Ҳиндустон зиставу эҷод кардаанд.

Дар ин замина назари аввал ва муътамадро Айнӣ баён карда, аз ҷумла навишта буд: “Баъзе тазкиранависон ва танқидчиён мегӯянд, ки Бедил барои ифодаи таълимоти фалсафиаш ба ихтиёр кардани ин услуб маҷбур шудааст. Ин фикр як дараҷа дуруст аст. Чунки ифодаи маъниҳои дақиқи махсус таъбирҳои душвори махсусро талаб мекунад, хусусан, вақте ки муаллиф маъниҳои фалсафиашро дар пардаи сӯфизм печондан хоҳад, ин печдарпечӣ дучанд мегардад”. Вале Айнӣ ин гуна душворӣ ва мураккабии забону услубро “дар мактубҳои одӣ ва таҳрири саргузаштҳояш ҳам” [5, с.108] ба мушоҳида гирифтааст. Аз таҳлилҳои Айнӣ бармеояд, ки агар душвории забон ва услуби Бедил, аз як тараф, ба мазмуну муҳтавиёти осори ӯ вобаста бошад, аз сӯйи дигар, натиҷаи навҷӯиву навпардозиҳояш низ мебошад.

Аз муҳаққиқони дигар Холида Айнӣ низ сабабҳои душвории забон ва услуби Бедилро арзёбӣ карда, дар рисолаи “Бедил ва достони ӯ “Ирфон” тахмин намудааст, ки Бедил шояд барои пинҳон доштани ақоиди даҳриёнаи худ ин услуби душворро ба кор бурда бошад. Вале ин омилро Холида Айнӣ сабаби мураккабии сабки Бедил намедонад. Ба назари ӯ сабаби асосӣ, ҳамоно, кӯшиши бартарӣ ҷустани шоир бар муосиронаш будааст. Илова бар ин, Холида Айнӣ услуби Бедилро на танҳо як ҷузъи сабки ҳиндӣ ба шумор меоварад, балки ба сабки шеъри ҳиндузабони Ҳиндустон низ қаробат доштани онро таъкид намуда, сабаби тозакориҳои шоирро дар эҷоди баъзе образҳо ва тарзи тасвир дар ҳамин медонад [8, с.86].

Бобобек Раҳимӣ “умдатарин сабаби душвории шеъри Бедил”-ро дар такя ба андешаи Айнӣ ва донишманди Афғонистон Халилуллоҳ Халилӣ “ба мазмун ва маънии худи он алоқаманд” дониста, навиштааст, ки: “Шоир дар бахше аз осори худ масъалаҳоеро ифода намудааст, ки бе дониши муайян ва бе омодагии пешакӣ фаҳмидани онҳо душвор аст” [7, с.357]. Сипас, ин муҳаққиқ дар такя ба афкори адабии Бедил “сабаби душвории маънӣ ва мушкилии матлаб”-и шеъри шоирро, ки ба сабки нигориши ӯ вобастагӣ дорад, шарҳ медиҳад. Муҳаққиқ дар заминаи андешаҳои Бедил ва таҳлили байтҳои ҷудогонаи ӯ “сабабҳои душвории маънӣ ва мушкилии матлаб”-и шеъри шоирро ба тариқи зер дастабандӣ кардааст:

-Аз забони дигар кас, аз забони маҳбуб, маҳбуби ҳақиқӣ сухан гуфтани шоир (Ғаври маъниям душвор, фаҳми матлабам мушкил, Бедил, аз забони ӯст, ин мане, ки ман дорам);

-Нарасидани фаҳми хонанда ба маънии ӯ (Маънӣ аз ҳавсалаи фаҳм бурун афтодаст, Хирмани маҳ ҳамон донакашонаш мӯранд);

-Нозукии маъно, ки аз хонанда тааммул ва тафаккур мехоҳад (Ғунча шав, бӯи гули тарзи каломам нозук аст, Бе тааммул нест мумкин кас ба ин иншо расад);

-Ранги мазмунро дигар кардани калимаву ибораҳои нозук (Бедил ашъори ман аз фаҳми касон пӯшида монд, Чун иборат нозук афтад, ранги мазмун мешавад);

-Ибтикорот ва тасарруфот дар забон, яъне аз ҷузъҳои алоҳидаи калимаҳо сохтани калимаҳои мураккаби серҷузъа (Саъйи дайру ҳарам баҳонаи мо, Бурд моро бурун зи хонаи мо).

-Ибораҳои изофии серҷузъа (кабоби хомсӯзи оташи ҳасрат, ҷоми умеди назаргоҳи хумор, муқими пардаи номуси фақр, шарми рӯсиёҳии аъмоли зишт ва ғайра).

Бобобек Раҳимӣ дар радифи сабабҳои ёдшуда, “як сабаб ё худ як омили дигарро низ” ном бурда, менависад: “Ин омил он аст, ки Бедил дар баъзе мавридҳо ихтиёран ё худ қасдан ба баёни душвори фикр ва ифодаи печдарпечи мақсад рӯй овардааст. Яъне ӯ кӯшиш кардааст, ки “ғаври маъниаш душвор” ва “фаҳми матлабаш мушкил” бошад. Ӯ ин

тарзи баёнро зоҳиран бо мақсади нишон додани ҳунари шоириаш ихтироъ кардааст. Ҷолиби диққат он аст,ки ӯ аз ин мақсади худ хоннандаро баъзан огоҳ низ намудааст. Чунончӣ, дар байти зерин навиштааст, ки мақсади маъниҳои равшанро бо имову ишора ифода карданаш санҷидани фитрати ёрон аст:

Ҷуз имтиҳони фитрати ёрон мурод нест,
Бепарда маънире, ки ба имо навиштаем [7, с.362-363].

Омили ниҳоии печидагӯйиҳои Бедилро Б. Раҳимӣ “намояндаи сабки ҳиндӣ ба шумор” омадани шоир дониста, “печидагии маъно ва душвории мазмун”-ро “аз мушаххасоти сабки мазкур” таъбир мекунад [7, с.363], ки ба мушоҳидаи ӯ дар ин гуна ашъор Бедил нуфуз доштааст.

Масъалаи хусусияти сабки Бедил ва таъсирпазирии шоирони пайрави тарзи нигориши ӯ дар рисолаи ёдшудаи Н. Нуров ба таври дақиқ ва фарогир таҳқиқ шуда, муҳаққиқ дар заминаи андешаҳои тазкиранигорон, аз ҷумла Хушгӯ, Ғуломалихони Озод, Муҳаммад Афзали Сархуш, Сироҷиддин Алихони Орзу ва донишмандоне монанди Шафеии Кадканӣ, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Тақии Пурномдориён, Асғари Додбеҳ, Сируси Шамисо ва дигарон навиштааст, ки “Ҳароина, бо таваҷҷуҳ ба масоили назарии поэтикаи қадимии ҳиндӣ ва муқоисаи он бо ибтикороти Бедил метавон ба натиҷае расид, ки Абулмаонӣ бо огоҳии комиле, ки ба ии назариёт дорад, ҳарчанд худ дақиқан ишорате ба он накарда, аммо барои таҳаввулоти сабк ва забони шеъри худ аз онҳо фаровон истифода кардааст. Дар навбати аввал маълум аст, ки унсури меҳварии поэтикаи қадимаи ҳиндӣ забон ба шумор меравад ва Бедил низ муҳимтарин ибтикорот ва инқилобро дар забон ба вуҷуд оварда, ба қавли аҳли тазкира “чизҳои ғариб дар забони форсӣ офарид”. Ин донишманд таъсири назариёти шеъри қадимии ҳиндиро низ, ки ба маонии пӯшидаву мубҳам дар шеър арҷ медод, дар шаклгирии сабки Бедил таъсиргузор мебинад ва меафзояд, ки “шояд бо такя бар ҳамин назария Бедил низ ба истиқболи” ин назария рафт ва “ин роҳро дар шеъри тоҷикӣ тачриба намуда, ба қавли худаш ба эҷоди забони бедилӣ ҳам муваффақ гардид. Пажӯҳиши авомили интисоби печидагӯйӣ ба шеъри Бедил, ки ин шеваро худи вай низ эътироф намудааст, бояд аз ин равзана сурат гирад, ки бегумон дар гузашта дар шумули яке аз рукнҳои аслии шеър шинохта шудани маонии мастур Абулмаониро барои татбиқ ва озмоиши ин тачрибаҳо дар шеъри форсӣ кашонидааст” [9, с.102-103].

Дар асоси чунин дидгоҳҳо ва татбиқи вежагиҳои муҳимми поэтикаи қадимаи ҳиндӣ дар шеъри Бедил муҳаққиқ тарзи нигориши шоирро дар заминаи вожаҳо дар коргоҳи хаёл, воситаҳои тасвири бадеӣ, фарҳанги суннат, вожа ва таркибҳои мардумӣ дар девони Бедил таҳқиқ ва арзёбӣ кардааст, ки иқдоми нав дар шинохти ҳунари шоирии Бедил ва кашфи моҳияти печидагӯиҳои ӯ дар бедилшиносӣ мебошад.

Таҳқиқи вожаҳои алоҳида ва мавқеи онҳо дар коргоҳи хаёли шоир паҳлуи дигари таҳқиқоти ин муҳаққиқро дар шинохти мушкилоти сабкии ғазалҳои Бедил нишон медиҳад, ки дар мисоли вожаи нафас анҷом гирифтааст. Муҳаққиқ барои моҳияти ҳунарии шоирро муайян намудан, ҳамчунин таркибҳоеро, ки бо ин вожа Бедил дар шеъраш сохтааст, аз қабили нафаси вопасин, оина ҳар нафас намудан, нафасозмо, нафас дар хун тапидан, нолаи хомӯшнафасон, нафасе занг бурун омадан, қиёмати тӯфоннафас, фусуни нафас ва ғайра таҳлил ва маънии онҳоро дар матни шеъри шоир бозкушоӣ карда, бо ин усули таҳлилу таҳқиқ яке аз омилҳои ҳунарии душворписандии Бедилро ошкор намудааст. Аз таҳқиқи қиёсии Н. Нуров бармеояд, ки тақвият ва вусъати такмили маъноии ин вожа ва бисёре аз вожагони дигар яке аз сабабҳои печидагӯии шоир ва ба ҳама дастрас набудани маънии шеъри ӯ будааст [9, с.104-130] .

Мутаассифона, масъалаи сабки Бедил ва мушаххасоти он дар бедилшиносии тоҷик ҳанӯз ба тавре ки лозим аст, таҳқиқ ва баррасӣ нашудааст. Андешаҳо дар ин боб гирди як масъала-душворӣ ва содагӣ, печидагӯӣ ва содабаёнии шоир гирд мегарданд, ки реша дар андешаи тазкиранигорон ва муосирони Бедил ва чустуҷӯҳои аввалини устод Айнӣ дорад. Шинохти сареъи сабки Бедил ба бозхонии шеъри ӯ аз манзари зебоишиносии мудерн шояд баъзе масъалаҳои мушкилии шеърашро ҳал кунад.

Ҳамчунон ки Маҳмуди Футуҳӣ эътироф кардааст, “Бедил ба хубӣ огоҳ аст, ки идроки маонии шеъраш осон нест: “тасвири ман андаке тааммул дорад”(Тасвири ман андаке тааммул дорад, Эй килки хаёл як ду мӯ нозуктар). Ва набояд аз дастандозиҳои

душвор дар шеъраш ғофил шуд, зеро чунин навоеро кам навохтаанд (Мабош ғофил аз андозаи шеъри мо Бедил, Шуниданӣ аст навое, ки кам навохтаанд)". Бинобар ин, хонандаро ба озодии дарёфти сухани ҳайратофарини хеш даъват мекунад ва мегӯяд дар тааммул ҳар мазмун, ки дилат хост биёвар, зеро номаи шоири ҳайраткалом печидааст (Ту ҳар мазмун, ки мехоҳӣ дилат нақли тааммул кун, Лаби ҳайраткаломон номаи печидае дорад) ва чи зебо хонандаи муддаиро, ки бо мӯшикофӣ ва таҳқиқ қасди таҳлили шеърашро дорад сахра мегирад. Ӯ ро ба домоди бевуқуф дар ҳуҷлаи наварӯс ташбеҳ мекунад:

Шеърам ба мушикофии таҳқиқи муддаъие,
Хандад чу наварӯс ба домоди бевуқуф" [10, с.376].

Аз таҳлил ва арзёбии таҳқиқи сабки Бедил ва таъсирпазирии шоирони Мовароуннаҳр аз ӯ дар бедилшиносии тоҷик хулоса ин аст, ки ҳанӯз пеш аз инқилоби русӣ ин масъала мавриди таваҷҷуҳи устод Айнӣ қарор гирифта, минбаъд муҳаққиқоне мисли Абдусалом Деҳотӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Холида Айнӣ, Расул Ҳодизода, Турақул Зеҳнӣ, Садрӣ Саъдиев, Бобобек Раҳимӣ, Нуралӣ Нуров ва дигарон паҳлуҳои гуногуни ин мавзӯъро баррасӣ намудаанд. Дар ибтидо зери нуфузи адабиётшиносии синфиятгарои Шӯравӣ таъбири пайравӣ ё худ тақлид ба Бедил мувофиқи хости идеологияи ҳоким таъбир ва тавсиф гардида буд. Зери таъсири ин ҷараёни манфӣ осори адибони зиёде ношинохта ва нашр нашуда монд. Баъдтар аз мақолаи А. Деҳотӣ ва М. Раҳимӣ "Мирзо Абдулқодири Бедил" сар карда, дидгоҳҳо оид ба сабки Бедил ва равиши таъсирпазирӣ аз ӯ тадриҷан дигар шуд ва консепсияи илмии таҳқиқи ин мавзӯъ низ такмил ёфт. Дар ин замина рисолаи устод Айнӣ "Мирзо Абдулқодири Бедил" равиши тозаи дарки илмии мавзӯъро асос гузошт ва минбаъд бо ҷустуҷӯҳои илмии Р. Ҳодизода, Б. Раҳимӣ ва Н. Нуров ташаккул ва таҳаввул пайдо кард.

Муқарриз: ***Собиров Ҳ.Ю.*** – номзади илмҳои филологӣ, ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Б. Ҷӯрахон, М. Шакурӣ. Аввалин фикру мулоҳизаҳои устод айнӣ дар бораи Бедил / Ҷӯрахон Б., Шакурӣ, М.. - Душанбе: Адиб, 1987. – С.224-223.
2. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик / С.Айнӣ. - Теҳрон: Порсиён, 1385.
3. Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ. Осори мунтахаб / Аҳрорӣ, Нақибхон Туғрал. – Душанбе: Ирфон, 1986.
4. Деҳотӣ А., Раҳимӣ М. Намунаҳои адабиёти тоҷик / А. Деҳотӣ, М. Раҳимӣ. - Душанбе, 1940.
5. Айнӣ, С. Мирзо Абдулқодири Бедил / С.Айнӣ. - Душанбе: Адабиёти бачагона, 2020.
6. Маъсумӣ Н. Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ. Мунтахаботи ашъор (бо иловаи хотираҳо дар бораи Туғрал) / Н. Маъсумӣ - Душанбе: Ирфон, 1964.
7. Раҳимӣ Б. Ошноӣ бо Бедил / Б. Раҳимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2009.
8. Холида Айнӣ. Бедил и его поема / Айнӣ, Холида. – Сталинобод: Ирфон, 1956.
9. Нуров Н. Поетикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил / Н.Нуров. – Хуҷанд: Ношир, 2020.
10. Маҳмуд Футӯҳӣ. Балоғати тасвир / Футӯҳӣ, Маҳмуд. - Теҳрон: Сухан, 1375.
11. Нуров Н. Традиции и специальные течения бедилеведения в Таджикистане и мире / Н. Нуров // Тезисы докладов (Пятый международный съезд преподавателей персидско-таджикского языка и литературы). - Душанбе, 9-10 марта 2006. - С.121-123.
12. Хамдамов Б. Мирзо Бедил и тематико-стилевые особенности таджикской поэзии Х1Хв.: автореф. дис… канд. филол наук / Б.Хамдамов. – Худжанд, 1997.
13. Шукуров Ш. Жанровые и идейно -художественные особенности лирики Бедила: дисс.на соискание уч.степ.д-ра филолог.наук (Рукопись) / Ш.Шукуров. - Душанбе, 1985.
14. Шукуров Ш. О созвучии и идейно-художественной близости рубай Омара Хайяма и Бедила / Ш. Шукуров // 1У всесоюзной научной конференции по иранской филологии.(Тезисы докладов). – Ташкент, 1964. - С.62-63
15. Шукуров Ш. Вопросы этики в четверостишиях Бедила / Ш. Шукуров // Некоторые вопросы узбекской классической и советской литературы. - Ташкент: Фан, 1966. - С.118-127(Узб.яз.); Концепция человека в поэзии Бедила // Садои Шарк, 1978. - № 5. - С.140-146.(Тадж.яз)

АНДЕШАҲО ПЕРОМУНИ САБК ВА ҲУНАРИ ШОИРИИ БЕДИЛ

Аз оғози садаи бист то ба имрӯз масъалаи хусусиятҳои сабки Бедил ва равишҳову ҷараёнҳои усули таъсирпазирии шоирони Мовароуннаҳр, бахусус, доираҳои адабии шаҳрҳои Бухорову Самарқанд ва Хуҷанду водии Фарғона дар бедилшиносии Тоҷикистон ба таври мушаххас баррасӣ нашудааст. Вале дар ин замина баъзе муҳаққиқон зимни арзёбии масъалаҳои дигари вобаста ба ҳаёт ва эҷодиёти Бедил дар мавридҳое баъзе нуктаҳоро оиди ин масъала баён доштаанд. Дар мақола зикр мегардад, ки аввалин андешаро оид ба сабки Бедил ва моҳияти ҳунарии он устод Айнӣ ҳанӯз дар соли 1912 дар мактубе, ки бо хоҳиши шарикдарси тотораш дар мадрасаи Бухоро Олимҷон Идрисӣ навишта буд, баён кардааст. Муаллиф иқтибосҳо аз устод Айнӣ, ки дар мактуби мазкур дарҷ намудааст, ба гунаи мисол "забони модарии Мирзо забони урду буд. Ӯ форсиро баъдтар таҳсил кард. Бинобар фавкулода закӣ ва муқтадир буданаш ин забони

таҳсилкардаашро ба дарачае тавсеъ намуд, ки миқдори истилоҳоти адабии ихтироъ ва истеъмолкардааш ба миқдори хеле бузург болиғ аст" овардааст. Бо ҳамин тартиб саъй шуда, ки дар мақола андешаҳои Айнӣ, ки дар "Намунаи адабиёти тоҷик" ба мавзӯи мазкур баргаштаву ба таври мухтасар баъзе паҳлуҳои ин масъаларо шарҳ медиҳад, дар радифи дигар тазаккуроти муҳаққиқон аз даврони Шӯравӣ то замони Истиқлол қиёс карда шавад. Ин таҳқиқотро муаллиф нахустин дидгоҳ оид ба сабки Бедил ва равишҳои таъсирпазирӣ аз шеъри Абулмаонӣ тавзеҳ додааст. Ба назари муаллиф масъалаи сабки Бедил ва мушаххасоти он дар бедилшиносии тоҷик ҳанӯз ба тавре ки лозим аст, таҳқиқ ва баррасӣ нашудааст. Андешаҳо дар ин боб гирди як масъала-душворӣ ва содагӣ, печидагӯӣ ва содабаёнии шоир гирд мегарданд, ки реша дар андешаи тазкиранигорон ва муосирони Бедил ва ҷустуҷӯҳои аввалини устод Айнӣ дорад. Шинохти сареъи сабки Бедил ба бозхонии шеъри ӯ аз манзари зебоишиносии мудерн шояд баъзе масъалаҳои мушкилии шеърашро ҳал кунад. Аз таҳлил ва арзёбии таҳқиқи сабки Бедил ва таъсирпазирии шоирони Моваруннаҳр аз ӯ дар бедилшиносии тоҷик муаллиф чунин хулоса бароварда, ки ҳанӯз пеш аз инқилоби русӣ ин масъала мавриди таваҷҷуҳи устод Айнӣ қарор гирифта, минбаъд муҳаққиқоне мисли Абдусалом Деҳотӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Холида Айнӣ, Расул Ҳодизода, Турақул Зеҳнӣ, Садрӣ Саъдиев, Бобобек Раҳимӣ, Нуралӣ Нуров ва дигарон паҳлуҳои гуногуни ин мавзӯъро баррасӣ намудаанд. Ба андешаи муаллиф дар ибтидо зери нуфузи адабиётшиносии синфиятгарои Шӯравӣ таъбири пайравӣ ё худ тақлид ба Бедил мувофиқи хости идеологияи ҳоким таъбир ва тавсиф гардида буд. Изҳор мегардад, ки зери таъсири ин ҷараёни манфӣ осори адибони зиёде ношинохта ва нашр нашуда монд. Баъдтар аз мақолаи А. Деҳотӣ ва М. Раҳимӣ "Мирзо Абдулқодири Бедил" сар карда, дидгоҳҳо оид ба сабки Бедил ва равиши таъсирпазирӣ аз ӯ тадриҷан дигар шуд ва консепсияи илмии таҳқиқи ин мавзӯъ низ такмил ёфт. Дар ин замина рисолаи устод Айнӣ "Мирзо Абдулқодири Бедил" равиши тозаи дарки илмии мавзӯъро асос гузошт ва минбаъд бо ҷустуҷӯҳои илмии Р. Ҳодизода, Б. Раҳимӣ ва Н. Нуров ташаккул ва таҳаввул пайдо кард.

Калидвожаҳо: сабк, Бедил, адабиёт, Олимҷон Идрисӣ, вожа, бедилшиносӣ, сулҳи кулл, таъсирпазирӣ, истиора, тасвир, тазкира, мунаққид, ҳамгироии иҷтимоӣ, таҳқиқ, поетика, иттиҳоди Шӯравӣ, шеър, таърихи адабиёт, маонии пӯшидаву мубҳам, моҳияти ҳунарии шоир, таркиб ва ғайра.

МЫСЛИ О СТИЛЕ И ПОЭТИЧЕСКОМ ИСКУССТВЕ БЕДИЛЯ

С начала XX века и до наших дней особенности стиля Бедиля, а также методы и процессы влияния поэтов Трансоксианы, особенно литературных кругов Бухары, Самарканда, Худжанда и Ферганской долины, специально не рассматривались таджикским бедиловедением. Однако в этом контексте некоторые ученые, оценивая другие вопросы, связанные с жизнью и творчеством Бедиля, иногда высказывали некоторые замечания по этому поводу. В статье упоминается, что первое представление о стиле Бедиля и его художественной сущности выразил Устад Айни в 1912 году в письме, написанном Олимджоном Идриси в медресе Бухары по просьбе его партнера. В этом письме автор цитирует Устада Айни в качестве примера: «Родным языком Мирзо был урду. Позже он изучал персидский язык. Благодаря своему необычайному интеллекту и силе он настолько развил изучаемый им язык, что количество литературных терминов, которые он придумал и использовал, было огромным». Таким образом, в статье делается попытка сопоставить взгляды Айни, вернувшегося к этой теме в «Образце таджикской литературы», и кратко разъяснить некоторые аспекты этой проблемы, а также другие замечания исследователей от советской эпохи до независимости. Это исследование объясняет первое понимание автором стиля Бедиля и способов влияния на поэзию Абулмаани. По мнению автора, вопрос стиля Бедиля и его специфики в таджикском бедиловедении не изучался и не рассматривался должным образом. Мысли в этой главе вращаются вокруг проблемы - сложности и простоты, сложности и простоты поэта, уходящей корнями в идеи комментаторов и современников Бедиля и первых исследований Устада Айни. Быстрое признание стиля Бедиля в чтении его стихов с точки зрения современной эстетики может решить некоторые проблемы его поэзии. На основании анализа и оценки изучения стиля Бедиля и влияния поэтов Трансоксианы на таджикское бедиловедение, автор приходит к выводу, что еще до русской революции эта проблема интересовала Устада Айни, а также более поздних исследователей, таких как Абдусалом Дехоти, Мухаммаджон Рахими, Холид Айни, Туракул Зехни, Садри Садиев, Бобобек Рахими, Нурали Нуров и других, которые обсуждали различные аспекты этой темы. По словам автора, вначале под влиянием советской классической литературы он интерпретировал Бедиля как последователя или подражателя в соответствии с пожеланиями господствующей идеологии. Утверждается, что под влиянием этой негативной тенденции остались без внимания произведения многих неизвестных и неопубликованных писателей. Далее в статье А. Дехоти и М. Рахими «Мирзо Абдулкодир Бедиль», постепенно изменил свои взгляды на стиль и подход Бедиля, и национальная концепция исследования по этому вопросу была улучшена. Исходя из этого, трактат Айни «Мирзо Абдулкодир Бедиль» положил начало новому подходу к научному пониманию предмета, а затем и научным исследованиям Р. Ходизода, Б. Рахимова и Н. Нурова.

Ключевые слова: стиль, Бедиль, литература, Олимджон Идриси, слово, бедиловедение, всеобщее применение, восприимчивость, метафора, изображение, летопись, критик, социальная интеграция, иследование, поэтика, советский союз, стих, история литературы, двусмысленный и скрытый стилистика,сущность мастерство поэта, структура и.т.д.

THOUGHTS ON BEDIL'S STYLE AND POETIC ART

From the beginning of the twentieth century to the present day, the peculiarities of Bedil's style, as well as the methods and processes of influence of the poets of Transoxiana, especially the literary circles of Bukhara, Samarkand, Khujand and the Fergana Valley, were not specially considered Tajik bedilology. However, in this context, some scholars, evaluating other issues related to Bedil's life and work, sometimes made some comments on

this matter. The article mentions that the first idea of Bedil's style and its artistic essence was expressed by Ustad Aini in 1912 in a letter written by Olimjon Idrisi in the Bukhara madrasah at the request of his partner. In this letter, the author cites Ustad Aini as an example: “Mirzo's mother tongue was Urdu. Later he studied Persian. Thanks to his extraordinary intelligence and strength, he developed the language he studied to such an extent that the number of literary terms that he invented and used was enormous". Thus, the article attempts to compare the views of Ayni, who returned to this topic in "Sample Tajik Literature", and briefly clarify some aspects of this problem, as well as other observations of researchers from the Soviet era to independence. This study explains the author's first understanding of Bedil's style and how he influenced Abulmaani's poetry. According to the author, the question of Bedil's style and its specificity in Tajik bedilology has not been studied and considered properly. The thoughts in this chapter revolve around the problem - the complexity and simplicity, the complexity and simplicity of the poet, rooted in the ideas of commentators and contemporaries of Bedil and the first studies of Ustad Aini. The rapid recognition of Bedil's style in reading his poetry from the point of view of modern aesthetics may solve some of the problems of his poetry. Based on the analysis and assessment of the study of the Bedil style and the influence of the poets of Transoxiana on Tajik bedilology, the author comes to the conclusion that even before the Russian revolution, this problem was of interest to Ustad Aini, as well as later researchers, such as Abdusalom Dehoti, Muhammadjon Rahimi, Kholid Aini, Turakul Zehni, Sadri Sadiev, Bobobek Rahimi, Nurali Nurov and others who discussed various aspects of this topic. According to the author, at first, under the influence of Soviet classical literature, he interpreted Bedil as a follower or imitator in accordance with the wishes of the dominant ideology. It is argued that this negative trend has left the works of many unknown and unpublished writers. Further in the article by A. Dehoti and M. Rahimi "Mirzo Abdulkodir Bedil" gradually changed his views on the style and approach of Bedil, and the national concept of research on this issue was improved. Proceeding from this, Aini's treatise "Mirzo Abdulkodir Bedil" laid the foundation for a new approach to the scientific understanding of the subject, and then the scientific research of R. Khodizoda, B. Rakhimov and N. Nurov was formed and developed.

Key words: style, Bedil, literature, Olimon Idrisi, words, bedilology, general application, receptivity, metaphor, image, chronicle, critic, social integration, research, poetics, Soviet Union, poetry, history of literature, ambiguous and hidden stylistics, essence singing skill, structure, etc.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муродов Бахтиёр Сайалиевич*** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, унвонҷӯйи кафедраи назария ва таърихи адабиёт. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Ф. Муҳаммадиев 17/6. E-mail: **murodi.1980@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-537-52-25**

Сведения об авторе: ***Муродов Бахтиёр Сайалиевич*** – Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзода, аспирант кафедры теории и истории литературы. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул.Ф.Мухаммадиев 17/6. E-mail: **murodi.1980@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-537-52-25**

Information about the author: ***Murodov Bakhtiyor Sayalievich*** - Tajik State Institute of Languages named after S.Ulugzoda, postgraduate student of the Department of Theory and History of Literature. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, F. Mukhammadiev Str., 17/6. E-mail: **murodi.1980@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-537-52-25**

УДК: 891.550

МУҚОИСАИ МАТНШИНОСИИ ДУ НАШРИ ТОҶИКИСТОНИИ «РИСОЛАИ ДИЛКУШО» - И УБАЙДИ ЗОКОНӢ

Ашурова А.Х.
Колеҷи омӯзгории назди Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар замони муосир ба ҳуруфи имрӯзаи тоҷикӣ (кириллик) баргардон, таҳия ва нашр намудани осори асримиёнагии ниёконамон аз масъалаҳои мубрам ва бисёр пурмасъулият ба ҳисоб меравад. Бо чунин кори муҳим, албатта, бояд мутахассисони матншинос машғул шаванд, то дар ҳалли дурусти имконоти баргардони матн дар намонанд. Вале, мутаассифона, дар шароити имрӯз теъдоди чунин коршиносони асил ангуштшуморанд. Бинобар ин, ҳар каси бо адабиёти классикӣ сарукордошта бо баргардони матни осори гузаштагон машғул мешавад ва чунин кори душвору масъулиятнокро аз рӯйи салоҳдиди худ анҷом медиҳад. Хосса ҳоло тасҳеҳу таҳияи матнҳои илмию адабӣ мушкилоти бештаре дорад, зеро баргардони онҳо аз хатти арабӣ ба кириллӣ саҳву иштибоҳҳоро дар матнҳои осори бадеӣ зиёд намудааст. Таҳиякунандаи матн бояд аз тамоми хусусиятҳои хатти арабӣ бохабар бошад, зеро маҳз аз надонистани хусусиятҳои хосси ин хат ғалатҳои зиёд дар матн пайдо мешавад. Аммо дар баробари ин, дидаву дониста низ бо мақсадҳои номаълум матни аслӣ аз ҷониби муҳаққиқону таҳиягарон таҳриф мешавад. Ин нуктаро матншиноси тоҷик, профессор, А. Кӯчаров дуруст қайд кардааст, ки «асари адиб баъди дахолати нусхабардор «таҳрир» ёфта, баъзан ба ҳадде мерасад, ки бо воридоти беруна пурра махлут мешавад» [3, с.3].

Бояд эътироф кард, ки аксари ғалатҳои осори ба кириллӣ баргардоншуда аз дуруст нафаҳмидани маънои вожаҳо ва саҳеҳ хонда натавонистани онҳо падид омадаанд. Нуқси кори таҳиягарони матн дар даврони шӯравӣ, ки нашри аввали объекти муқоисаи мо маҳз дар ин давра интишор ёфтааст, як иллати дигар низ дошт, ки ин ақидаи идеологии он замон ва сиёсати вақт буд. Сиёсати давлати ҳамонвақта талаб мекард, ки олимон ҳама мусаллаҳ бо мафкураи марксистӣ матни қадимаро низ бо мақсадҳои мафкуравӣ таҳриф намоянд. Сабаб ҳамин аст, ки гоҳо дарахти сершоху барги асари адабиро камшоху камасар нишон медоданд.

Агар дар матн калимаву таркиб ва баъзан ҷумлаҳои ифодакунандаи маъниҳои динӣ, ки адабиёти классикиро бе он тасаввур кардан ғайриимкон аст, бошанд, ҳазф мекарданд ва ё тағйир медоданд. Албатта, чунин корҳо ҳангоми таҳияи матн нораво мебошад. Ҳоло вақти он расидааст, ки осори ниёгонамон дар шакли аслиашон, бидуни таҳрифу ихтисороти бемаънӣ ба чоп расонида шаванд.

Мо дар таҳқиқи кӯчаки худ, ду нашри тоҷикистонии як асари Убайди Зоконӣ – «Рисолаи Дилкушо» - ро аз нигоҳи матншиносӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор дода, фарқу бадалҳои онҳоро нишон медиҳем.

Мавлоно Низомуддин Убайдуллоҳи Зоконӣ дар асри XIV, замони ниҳоят ноороми нобасомон зиндагӣ кардааст. Дар он рӯзгор вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ниҳоят сахту пурталотум буд. Фиребу найранг, дурӯғгӯӣ, туҳмат, хиёнат ва дигар хислатҳои пасту разила боло гирифта буд. Қадри илму дониш поин омада буд. Ахлоқи иҷтимоӣ ва инфиродии одамон коҳиш ёфта буд, ки адиб дар асарҳои худ маҳз ҳамин камбудиҳои ҷомеаи замонашро тариқи ҳаҷв зери тозиёнаи танқид кашидааст.

Дар байни мероси гаронбаҳои адабии Убайди Зоконӣ «Рисолаи Дилкушо» мақоми бузург дорад. Ин асари насрӣ, аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ҳаҷвӣ буда, ҳикоя ва латифаҳои он аҳаммияти бузурги иҷтимоиву сиёсӣ доранд. Ғайр аз ин, ин асар аз аҳаммияти баланди адабӣ-бадеӣ бархӯрдор аст. Бинобар ин, асари мазкур ҳам дар таркиби куллиёти адиб ва ҳам дар сурати алоҳида дар тӯли қарнҳо хеле зиёд китобат ва паҳн шудааст. Азбаски Убайди Зоконӣ яке аз адибони маҳбуби мардуми эронитабор аст, осори ӯ ва аз ҷумла, рисолаи мавриди назари мо дар Эрон борҳо чопи интиқодӣ шудааст [8].

«Рисолаи дилкушо» дар байни хонандагони тоҷик низ маълуму машҳур аст. Дар Тоҷикистон бори аввал ин рисоларо адабиётшиноси тоҷик Холиқ Мирзозода соли 1963

дар байни куллиёти мунтахаби адиб ҷой дода бо теъдоди 7000 адад нашр намудааст [9, с.52-96].

Кайҳост, ки нашри мазкур хеле нодир ва камёфт шудааст, бинобар ин, соли 2009 китоби мазкур бо тағдиди назар дар таҳияи муҳаррири калони нашриёти Маориф ва фарҳанг Музаффар Холов нашр шуд [10, с.4-66].

Акнун саволе ба миён меояд ки рисолаи тозанашри Убайди Зоконӣ айни нашри пешина аст ё баъзе фарқҳо вуҷуд дорад. Дар мавриди нашри ахир то ҳол дар матбуот тақризе чоп нашудааст ва суханшиносон расман назари худро изҳор накардаанд. Мо дар ин кори худ бо истифода аз равиши муқоисавӣ – тадқиқӣ (компаративӣ) кӯшиш менамоем, ки тафриқаҳои ҳар ду нашрро таъйин намоем.

Дар он тақризҳое, ки ба нашри Х. Мирзозода чоп шудаанд, дар мавриди нуқсе ё камбудие сухан нарафтааст. Б. Худойдодов дар тақризе, ки ба ин нашр дар рӯзномаи "Комсомолии Тоҷикистон" навиштааст, таъкид кардааст, ки «Х. Мирзозода дар тартиб додани куллиёти мазкур хуб заҳмат кашидааст. Ӯ аз мероси адабӣ ва гуногунжанри Убайди Зоконӣ беҳтарин ҳикоёту латифа, байту қитъа, порчаҳои шеърие интихоб кардааст, ки сазовори эътироф аст» [14].

Дар тақризи дигаре, ки аз ҷониби Н. Сатторӣ дар маҷаллаи Мактаби Советӣ навишта шудааст, хизмати беандозаи Х. Мирзозода таъкид гардида, аз ҷумла омадааст, ки «Мероси маънавии Убайди Зоконӣ, ки аз тарафи тартибдиҳандаи китоб ба тафсил қайд шудааст, ба мутолиакунандагон ёрӣ мерасонад, ки бо проблемаҳои сиёсӣ – иҷтимоӣ, ҷаҳонбинии пешқадам ва маҳдудиятҳои фикрии адиб шинос шаванд» [6].

Албатта дуруст аст, ки устоди фақид Х. Мирзозода барои хонандаи тоҷик хизмати шоиста кардааст, зеро дар он давра, ки ҳокимияти шӯроҳо буд, имкони баргардон ва чоп кардани осори классикон кори саҳле набуд. Бо вуҷуди ин Х. Мирзозода тавонист, ки осори мунтахаби яке аз адибони бузурги форсу тоҷикро ба хонанда муаррифӣ кунад. Вале новобаста аз ин, мо наметавонем ба он саҳву иштибоҳе, ки ин донишманди бузург бо сабабҳои муаяйн дар ин китоб роҳ додааст, чашм пӯшем. Зеро он метавонад хонандаро гумроҳ сохта, ба андешаву хулосаҳои ғалат баровардан равона созад. Мақсади мо аз ин кор маҳз ҳамин аст, ки то кадом андоза саҳеҳ будани чопи аввал ё дуюмро нишон диҳем. Бо ин мақсад, матни ҳар ду чопро муқоиса карда, муайян кардем, ки иштибоҳот дар нашри аввал қиёсан бо нашри дуюм хеле зиёданд. Пас аз муайян намудан ғалатҳоро ба якчанд гурӯҳ тақсимбандӣ кардем:

1. Гуногунхонии матн аз ҷониби таҳиягар

Дар ин маврид мо чанд иштибоҳоти барҷастаро нишон медиҳем:

Дар дебочаи рисола байтеро дар ду нашр мухталиф хондаанд.

Нашри Х.Мирзозода:

Ҳазл ҳамасола ҷони мардум бархурад,
Ҳазл ҳамаруза оби мардум бубарад [9, с.52].

Нашри М.Холов:

Ҷидди ҳамасола ҷони мардум бих(в)арад,
Ҳазл ҳамаруза оби мардум бибарад [10, с.4].

Бо кадом сабаб Х.Мирзозода калимаи «ҷид»- ро «ҳазл» хондааст, номаълум аст. Зеро ин ду калима на танҳо ба ҳам наздикии шаклию маъноӣ надоранд, балки антоними якдигаранд. Бо ин ғалат таҳиякунандаи матн маънии шеърро тамоман коҳиш додааст. Бояд гуфт, ки дар байти мазкур дар нигориши Х. Мирзозода ғалати дигаре низ ба назар мерасад, ки он дар хондани «вов»-и калимаи охири мисраи аввал зоҳир гардидааст. Дар ин маврид ҳарчанд маъно халалдор нашуда бошад ҳам ба вазни шеър каме костагӣ ворид гардидааст.

Дар ҳикояе «пушк»-ро «пишак» хондани Х.Мирзозодаро фаҳмидан мумкин аст, зеро ин ду калима дар хатти арабӣ як тарзи навишт доранд.

Нашри Х.Мирзозода:

«… Дар хоб дидам, ки аз пишак шутурбуроне месозам…» [9, с.53]

Нашри М.Холов:

«… Дар хоб дидам, ки аз пушки шутур буронӣ месозам…» [10, с.14].

Ин ҷо маълум, ки дар тарзи нигориши Х.Мирзозода маъно хароб гаштааст, зеро калимаи «пушк» дар луғат «саргини ғелону гирдаки гӯсфанд, буз, шутур, оҳу ва ғайра» [9] маънидод шудааст ва дар ин маврид истифода бурдани калимаи «пишак» маъниро коста кардааст. Аз ин рӯ, ғалати мазкурро иштибоҳ хондан кам аст, он ғалати илмӣ мебошад (чунин ғалатҳо ҳамчунин дар саҳифаҳои 55, 56, 60, 62, 63… низ ба мушоҳида мерасанд.)

2. Ғалатҳои имлоӣ

а) **нодуруст хондани калимаю ибора ва таъбирҳои динӣ** қисмати дигари ғалатҳои нашри якумро ташкил медиҳад. Дар ин маврид надонистани забон ва хатти арабӣ боиси роҳ ёфтани чунин ғалатҳо дар нашри асар шуда наметавонад, аммо чунин донишманде ба мисли Х.Мирзозода, ки бевосита ба адабиёти классикӣ сару кор дошт, наметавонист хатту калимоти арабиро надонад. Аз ҳамин лиҳоз, ба осонӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки нодуруст хонда шудани калимаҳои арабӣ дар асар бевосита ба сиёсати замон рабт дошт. Вале дар ҷойи дигар ғалат дар хондани калимаҳои арабӣ аз ҷиҳати як будани шакли калимаҳо рух додааст.

Нашри Х.Мирзозода:

«Шахсе аз хатибе савол кард, ки «ва-с-самои Зот-ал-ҳабк» чӣ маънӣ дорад?...» [9, с.71].

Нашри М.Холов:

«Шахсе аз хатибе савол кард, ки «ва-с-самои Зот-ал-ҳубук» чӣ маънӣ дорад?...» [10, с.36].

Тавре ба мушоҳида мерасад ин ҷо калимаҳои «ҳабк» ва «ҳубук» аз сабаби шакли якхела доштанашон дар хатти арабӣ ба ду тарз хонда шудаанд. Дар ҳар ду нашр ҳам ин ҷумла ба таври зайл маънидод шудааст: «Осмон зоти устувор ва неку бунёдкардашуда». Яъне, ин ҷо гуногунхонии ин калима маъниро умуман халалдор накардааст (Ғалат хондани калимаву ибораҳои динӣ дар саҳифаҳои 61, 80, 92…-и нашри Х.Мирзозода ба мушоҳида мерасанд).

б) навъи дигари ғалатҳои имлоии дар ин асар роҳёфта, ин **нодуруст хондани калимаҳо аз ҷиҳати сохт** (решаҳои калимаҳои мураккабро ҷудо кардан ё ду калимаи мустақилро як калимаи мураккаб хондан) мебошад.

Мисол:

Нашри Х.Мирзозода:

«… Мешунавам, ки фосиқ аст ва ғуломборзани ӯ намешавам…» [9, с.74].

Нашри М.Холов:

«… Ман мешунавам, ки фосиқ асту ғуломбора зани ӯ намешавам…» [10, с.39].

Х. Мирзозода ин ҷо ду калимаи мустақил «ғуломбора» ва «зан»-ро ба шакли як калимаи мураккаб овардааст, ки хонанда барои дарки маънӣ ва фаҳмидани мақсади адиб душворӣ мекашад.

в) дигар аз саҳвҳое, ки таҳиягари матни аввал роҳ додааст, **нодуруст хондани ҳарфи «вов»** (пайвандаки пайвасткунанда) аст. Ҳарчанд ин навъи ғалат ба мазмуну муҳтавои ҳикояҳо таъсир намерасонад, вале баъзан то ҳадде пайвандаки «ва» истифода шудааст, ки талаффузаш дағал мешавад [9, с.60-72].

г) қисмати дигарро ғалатҳое ташкил медиҳанд, ки дар онҳо **нодуруст хондани калимаҳои дорои артикли номуайянӣ** (-е) ба назар мерасад. Ба ин гурӯҳ калимаҳое дохил мешаванд, ки дар онҳо ба ҷойи артикли «е», «и» ё «ӣ» хонда шудааст ё баръакс.

Шерозӣ- шерозие, қазвинӣ –қазвиние [9, с.68-69].

Сабаби ба чунин ғалат роҳ додани таҳиякунандаи матн дар он аст, ки дар хатти арабӣ ин ду ҳарф як тарзи навишт доранд ва ҳангоми хондан ба чунин ғалат роҳ додан мумкин аст. Вале таҳиягар мебояд дар ин маврид бисёр бодиққат бошад, чунки чӣ гуна хондани онро танҳо аз рӯйи мазмун метавон муайян кард.

ғ) **нодуруст хондани исмҳои хос** низ аз ғалатҳои чашмраси матни Х. Мирзозода ба шумор меравад.

Мисол дар нашри Х. Мирзозода Азудиддин, Алоиддин, Ризоиддин, Маҷидиддин омадааст [9, с.78, 85, 89]. Ба андешаи арабшиносон вақте артикли «ал» бо пасванди «дин» ояд «уддин» хонда мешавад. Дар нашри дуюм бошад М. Холов ин хусусиятро ба назар гирифтааст ва ин ғалатро ислоҳ карда, онҳоро ба таври зайл овардааст:

Азудуддин, Алоуддин, Ризоуддин ва Маҷдуддин.

3. Ҳазф кардани унсури матн

Ҳазф шудани қисми матни ҳикояҳо дар нашри якум дар якчанд ҳикоя ба назар мерасад. Дар ҷое калимае ва дар ҷое ҷумлае ҳазф шудааст:

Нашри Х. Мирзозода:

Хуросонӣ харе дар корвон гум кард. Хари дигаре бигрифт, ки аз они ман аст. Ӯ инкор кард. Гуфтанд:

- Хари ту нар буд ё мода?

Гуфт:

- Нар.

Гуфтанд:

- Ин мода аст.

Гуфт:

- Хари ман ончунон нар ҳам набуд [9, с.73].

Нашри М.Холов:

Хуросоние харе дар корвон гум кард. Хари дигареро бигрифт ва бор бар ӯ ниҳод. Худованди хар харро бигрифт, ки аз они ман аст. Ӯ инкор кард. Гуфтанд:

- Хари ту нар буд ё мода?

Гуфт:

- Нар.

Гуфтанд:

- Ин мода аст.

Гуфт:

- Хари ман ончунон нар ҳам набуд [10, с.38].

Бо ҳамин қаноат карда, аз зикри партофта шудани калимаю ибораҳо, ки аз ҷониби Х. Мирзозода роҳ дода шудааст сарфи назар мекунем, зеро онҳо хеле зиёданд ва дар саҳифаҳои 55, 63, 65, 69, 72, 77, 88 ва ғайра низ дида мешаванд.

Сабаби роҳ ёфтани ин гуна ғалатҳо хонда натавонистани матн бошад ва ё чизи дигаре барои мо номаълум монд. Дар ин росто бояд таъкид кард, ки М. Холов нуҳ ҳикояи нашри аввалро, ки мазмунашон аз доираи ахлоқ каме берун аст, дар нашри дуюм ҷой надодааст ва чунин кор саҳеҳ ба назар мерасад. Вале дар ин нашр ӯ тарҷумаи мунтахаби ҳикоёти арабии «Рисолаи Дилкушо»-ро ҷой кардааст. Ин қисмати рисола аз 29 ҳикояи интихобгардида иборат буда, тарҷумаи ҳикоёти бо забони арабӣ эҷоднамудаи Убайди Зокониро дар бар мегирад.

Хулоса, дар раванди омӯзишу таҳқиқ ба мо маълум гардид, ки дар ду нашри тоҷикистонии «Рисолаи дилкушо»-и Убайди Зоконӣ, ки ба хатти кириллӣ сурат гирифтаанд, фарқу бадалҳои зиёд ба назар мерасанд. Ҳамчунин маълум гардид, ки дар таҳияи аввал ба кӯшиши донишманди маъруф Х. Мирзозода аз ҳама бештар ба ғалатҳои гуногунхонӣ роҳ дода шудааст. Бояд гуфт, ки ғалатҳои роҳёфта бори хотири хонанда мешаванд ва ба дуруст фаҳмидани мақсади муаллиф ба хонанда халал мерасонанд. Ғалатҳои имлоӣ низ дар нашри аввал хеле зиёд аст. Гуфтан ба маврид аст, ки бо роҳ додани ин гуна саҳву иштибоҳот костагӣ на танҳо дар маъно, балки дар сабку услуби асар низ ворид гардидааст. Ҳазфи матн низ гарчанде нисбатан кам ба назар мерасад, вале ба дарки мазмуну мундариҷаи ҳикояҳо монеаҳои бузург эҷод кардааст.

Маълум гардид, ки нашри дуюм дар асоси нашри аввал тартиб дода шудааст, вале мураттиб дар натиҷаи муқоисаи он бо чопҳои интиқодии эронӣ ва коргирӣ аз луғатҳои тафсирӣ заҳматҳои зиёди дарёфти тарзи саҳеҳи хонишро дар вуҷуди худ ҳамвор намуда, бештари ғалатҳоро бартараф карда, матни саҳеҳи рисолаи машҳури Убайди Зоконӣ – «Рисолаи дилкушо»- ро ба хонандагон пешниҳод намудааст.

Муқарриз: ***Кӯчарзода А.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоев А., Саъдиев С. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри Х1 ва аввали асри Х11 / А. Абдуллоев, С.Саъдиев. - Душанбе: Дониш, 1979.
2. Забеҳуллоҳи Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон / Сафо Забеҳуллоҳ. – Теҳрон, 1351. – Ҷ.3.
3. Кӯчаров А. Масъалаҳои матншиносии ададбиёти муосири тоҷик / А.Кӯчаров. - Душанбе: Маориф, 1994. – С.3.

4. Кучаров А. Текстологические и художественные особенности повести С. Айни "Одина" Опыт текстол. анализа / А.Кӯчаров. - Душанбе: Дониш, 1982. - 146 с.
5. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 2 / Х.Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1989. – 394 с.
6. Сатторӣ Н. Куллиёти мунтахаби Убайди Зоконӣ / Н.Сатторӣ // Мактаби Советӣ, 1964. - №6. - С.24-26.
7. Т. Миров, С. Давлатзода. Таърихи адабиёти тоҷик / Миров Т., Давлатзода С. – Душанбе: Маориф, 2014. - 351 с.
8. Убайди Зоконӣ. Куллиёт; бо кӯшиши Парвизи Атобакӣ. - Чопи чаҳорум. - Теҳрон: Интишороти Заввор, 1384 ҳ.ш.
9. Убайди Зоконӣ. Куллиёти мунтахаб; бо муқаддима ва интихоби Х. Мирзозода. - Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. - С.52-96.
10. Убайди Зоконӣ. Осори мунтахаб; бо тасҳеҳи М. Холов. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2009. - С.4-66.
11. Убайди Зоконӣ. Ҳикоёти латиф. Дастур-ул-мулук. - Душанбе, 1990. - 160 с.
12. Убайди Зокони. Рисолаи Дилкушо. – Душанбе, 1991. - 24 с.
13. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ: иборат аз ду ҷилд. Нашри дуюм. – Душанбе, 2010. - Ҷ.2.
14. Худойдодов Б. Куллиёти Убайди Зоконӣ / Б. Худойдодов // Комсомоли Тоҷикистон, 12.06. 1963.
15. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди III. – Душанбе, 2004. – 551 с.

МУҚОИСАИ МАТНШИНОСИИ ДУ НАШРИ ТОҶИКИСТОНИИ «РИСОЛАИ ДИЛКУШО» - И УБАЙДИ ЗОКОНӢ

Мақолаи мазкур ба баррасии масъалаҳои муҳимми матншиносии муосир бахшида шуда, муаллиф вижагиҳои ин самти бисёр нозук ва дар айни замон мушкилу заҳматталабро муайян кардааст. Чунончи дар мақола ба бознашр кардани асарҳои адабиёти асримиёнагӣ ишора шуда, мушкилоту махсусиятҳои он аз ҷониби муаллиф дуруст баён мешавад. Дар заминаи омӯзиши осори илмии соҳавӣ ва матнҳои мухталифи осори адабии асримиёнагӣ муайян шудааст, ки «аз надонистани хусусиятҳои хосси ин хат (арабӣ) ғалатҳои зиёд дар матн пайдо мешавад. Аммо дар баробари ин, дидаву дониста низ бо мақсадҳои номаълум матни аслӣ аз ҷониби муҳаққиқону таҳиягарон таҳриф мешавад». Дар мақолаи «Муқоисаи матншиносии ду нашри тоҷикистонии «Рисолаи Дилкушо» - и Убайди Зоконӣ» ду нашри тоҷикистонии «Рисолаи дилкушо» - и Убайди Зоконӣ муқоиса шуда, бурду бохти ин нашрҳо нишон дода шудааст. Муҳаққиқ бо истифода аз равиши муқоисавӣ – тадқиқӣ (компаративӣ) тавонистааст ғалатҳои роҳёфта дар нашри аввали асари мазкурро нишон диҳад. Ҳамчунин ғалатҳо гурӯҳбандӣ карда шудаанд, ки ин таваҷҷуҳи хонандаро ба гуногунхониву хусусиятҳои хосси хатти арабӣ ва нодуруст хондани он аз ҷониби мураттибон ҷалб менамояд. Муаллиф бо овардани мисолҳои дақиқ дар мақолаи «Муқоисаи матншиносии ду нашри тоҷикистонии «Рисолаи Дилкушо» - и Убайди Зоконӣ» муайян кардааст, ки нашри дувум пас аз чандин соли нашри аввали асари мазкур, бо тасҳеҳу ислоҳи камбудиҳои зиёд барои хонандаи тоҷик ба чоп расонида шудааст. Аҳаммияти илмии мақола инчунин дар он зоҳир мешавад, ки он алоқамандони адабиёти классикиро ба мутолиаи асари нисбатан мукаммалмазмун ва ба нусхаи асл наздик роҳнамоӣ мекунад ва дар айни замон мураттибони асарҳои адабиёти асримиёнагиро барои бознашр кардани дигар асарҳо ба дақиққорӣ талқин менамояд.

Калидвожаҳо: Убайди Зоконӣ, Рисолаи дилкушо, матншиносӣ, кириллик, ғалатҳои имлоӣ, гуногунхонӣ, адабиёти классик, матнҳои асл.

ТЕКСТОЛОГИЧЕСКОЕ СРАВНЕНИЕ ДВУХ ТАДЖИКСКИХ ИЗДАНИЙ «РИСОЛАИ ДИЛКУШО» УБАЙДА ЗОКОНИ

Данная статья посвящена рассмотрению важных вопросов современной текстологии и автор в нём определяет нюансы этого сложного и трудного направления. Как описывается в этой статье, перепечатка произведений средневековой литературы очень сложная и трудоемкая работа, которая требует от авторов книг большого внимания. Автор на основе изучения научных трудов определяет, что из-за незнания особенностей арабской графики, появляется много ошибок в классических текстах. Осознавая это, некоторые исследователи умышленно изменяли текст. В статье «Текстологическое сравнение двух таджикских изданий «Рисолаи Дилкушо» Убайда Зокони» сравниваются две таджикистанские издания «Рисолаи дилкушо» Убайда Зокони, где показаны недостатки и достижения данных публикаций. Используя сравнительный анализ, исследователь смог показать ошибки, обнаруженные в первом издании этой работы. Ошибки также классифицираванны, при этом обращается внимание читателя на разнообразие и особенности арабской графики. В данной статье определяется, что второе издание спустя некоторое время после первой публикации напечатано с исправлением недостатков. Научное значение статьи также отражается в том, что она побуждает читателей классической литературы обратить внимание на более полное и близкое к оригиналу произведение и в то же время призывает составителей средневековой литературы проявить больше внимания и осторожности во время переиздания других произведений.

Ключевые слова: Убайди Зокони, Рисолаи Дилкушо, текстология, кириллица, орфографические ошибки, чтение, оригинальные тексты, классическая литература.

TEXTOLOGICAL COMPARISON OF TWO TAJIK EDITIONS "RISOLAI DILKUSHO" UBAIDI ZOKONI

This article discusses the most important issues of the modern textology, and the author identifies the nuances of this very delicate and at the same time difficult and laborious field. For example, the article refers to the republishment of a works a medieval the classical literature, and the author correctly describes its problems and nuances. On the basis of the study of sectoral scientific works and various texts of medieval literary works, the author determined that “due to ignorance of the peculiarities of this (Arabic) script, many errors appear in the text.

But at the same time, the original text is being deliberately distorted by researchers and developers for unknown purposes. The article Textological comparison of two Tajik editions "Risolai Dilkusho" Ubaidi Zokoni compares the two Tajik editions of Ubaidi Zokoni's “Risolai dilkusho” and shows the successes and failures of these editions. Using a comparative approach, the researcher was able to show the errors found in the first edition of this work. Errors are also grouped, which draws the reader's attention to the variety and peculiarities of Arabic script. The article states that the second edition was published several years after the first edition of this work, with the correction of many shortcomings for the Tajik is editions. The scientific significance of the article is also reflected in the fact that it encourages readers of classical literature to pay attention to a more complete and close to the original work and at the same time calls on the compilers of medieval literature to show more attention and caution when republishing other works.

Key words: Ubaidi Zakani, Risolai Dilkusho, textology, Cyrillic, orthography mistakes, reading, original texts, classical literature.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ашурова Адолат Халиловна*** - Колеҷи омӯзгории назди Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, ассистенти кафедраи забон. **Суроға:** Ҷумхурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯч.С.Сафаров 31. Тел.: **(+992) 987-24-21-26**

Сведения об авторе: ***Ашурова Адолат Халиловна*** - Педагогический колледж при КГУ им. А. Рудаки, ассистент кафедры языка. **Адрес:** Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. С.Сафарова, 31.
Тел.: **(+992) 987-24-21-26**

Information about the author: ***Ashurova Adolat Khalilovna*** - Pedagogical College at KSU named after A. Rudaki, Assistant at the Department of Language. **Адрес:** Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov Str., 31.
Tel.: **(+992) 987-24-21-26**

УДК: 891.550

БОЗТОБИ САРГУЗАШТ ВА ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ А. ЛОҲУТӢ ДАР МАКТУБҲОЯШ БА С. АЙНӢ

Наимова Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар адабиёти муосири тоҷик нома ҳамчун анъанаи дерин дар сурати нав ва ниёзҳои ҷомеаи муосир идома ёфтааст, ки беҳтарин намунаи онро мо дар фаъолияти ҳадафмандонаи устод Садриддин Айнӣ ва А. Лоҳутӣ, инчунин дигар адибони тоҷик мебинем.

Мукотибаи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ, махсусан аз А. Лоҳутӣ ба С. Айнӣ саҳифаҳои тозаеро дар адабиётшиносии муосир кушода, бисёре аз масъалаҳои баҳсталаби таърихи адабиёти тоҷикро ба хонандаи худ равшан менамояд. Мукотибаи ин ду саромади адабиёти муосири тоҷик дарбаргирандаи муҳимтарин масъала ва муаммоҳои адабӣ, эстетикӣ, фарҳангӣ мавқеи иҷтимоию адабӣ, хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, одоби хуби муколама, фаъолияти серсоҳа ва ниҳоят муборизаи адолатхоҳонаи ин ду суханвари бузургро барои миллату Ватан ва адабиёти тоҷик бозгӯ мекунад.

Ҳар як мактубе, ки А. Лоҳутӣ ва устод Айнӣ барои ҳамдигар равон мекарданд, бештар сари масъалаҳои эҷодкориҳояшон мегуфтанд, суҳбатҳо мекарданд ва камбудию норасогии эҷоди худро муайян карда, аз комёбии якдигар низ шод мегардиданд, ки ин ҳолат барои рушду пурбаракат шудани кори эҷодиашон мусоидат мекард.

Номаҳои устод Айнӣ ва А. Лоҳутӣ нависандагону адибони ояндаро дар роҳи эҷодӣ метавонанд ба сифати як роҳнамои хуб дар роҳи дуруст муайян кардани тартиби кори эҷодӣ ёрирасон бошанд. Ин мардони неруманди адаби халқи тоҷик ҳамеша ҷонфидои миллат ва умуман сарсупурдагони адибиёти муосири тоҷик буданд.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар мукотиботи устод Лоҳутӣ инъикоси саргузашту фаъолияти эҷодии ӯ мебошад. Ӯ низ ба монанди С. Айнӣ дар чандин мактубҳояш оид ба ҳамин масъала ба олимону адибони тоҷик ва хориҷӣ, аз қабили Х. Мирзозода, А. Деҳотӣ, М. Турсунзода, Н. Шанбезода, Р. Ҷалил, Б. Раҳимзода, М. Миршакар, Э. Муллоқандов, А. Бухоризода, М. Занд, В. Вишневский, З. Г. Османова, С. Б. Бону, Б. Робиа, Б. Жола, Я. Исоев, Ш. Шоҳмуҳаммадов, А.Туқумбоев, Р. Роллан, Г. Севиевич ва дигарҳо изҳори ақида кардааст. Лекин дар масъалаи бозтоби саргузашт ва фаъолияти эҷодии А. Лоҳутӣ беш аз ҳама мактубҳои ӯ ба устод Айнӣ маводи пурқиматро дар худ фароҳам овардаанд. Дар ин номаҳо устод Лоҳутӣ аз ҳолати рӯҳӣ дар вақти эҷод ва тарзи зиндагиашро дар солҳои гуногун ба устод Айнӣ иброз доштааст. Дар онҳо боз ҳамон вазъияти бағоят мураккаб ва солҳои шиддати шахспарастӣ, ки устод Айниро тарафдорӣ карда, ҷасорати суботкорона ва ҷидду ҷаҳди беандозаи А. Лоҳутӣ ба устод Айнӣ дида мешавад, ки худи устод Лоҳутӣ низ ба шубҳаи солҳои 30-юм гирифтор шуда буд. Аз ҳамин сабаб, номаҳои ӯ баёни мақсади вазъу ҳолати давраи зиндагии адибро нишон медиҳанд.

Дар бораи саргузашт ва фаъолияти эҷодии А. Лоҳутӣ дар адабиётшиносӣ-лоҳутишиносӣ асару мақолаҳои зиёде ҳам аз тарафи донишмандони ватанӣ ва ҳам аз ҷониби олимони хориҷӣ ба табъ расидаанд, ки ин ҷо номгӯи баъзеашонро аз рӯйи хронология дар поварақ овардем, ки таълифоти С. Айнӣ[‡], Е. Э. Бертелс[§], С. Табаров[**], М. Занд[††], З. Османова[‡‡], Я. Исоев[§§], Х. Мирзозода[***], А. Насриддинов[†††], М. Давлатов[‡‡‡], С.

[‡]С. Айнӣ. Абулқосими Лоҳутии Кирмоншоҳӣ // Намунаи адабиёти тоҷик.-М.: Чопхонаи Марказии халқи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сусиёлистӣ. 1926.-С. 464-467.

[§]Е. Э. Бертелс. Лоҳутӣ // Девони Лоҳутӣ. -М.: Нашриёти давлатии адабиёти бадеӣ, 1939.-С. 5 - 26.

[**]С. Табаров. Абулқосим Лоҳутӣ // Материалҳо оид ба омӯхтани адабиёти советии тоҷик. -Сталинобод: Нашрдавитоҷик., 1948.-С. 49. Боз нигаред аз ҳамин муаллиф. Адиби сухандон ва муборизи майдон.-Душанбе: Дониш, 1986.-30 с.

[††]М. Занд. Абулкосим Лахути.-Сталинабад: Таджикгосиздат., 1957.-122 с.

[‡‡]З. Г. Османова. Абулкасым Лахути // Советское востоковедение.-1957.-№6.- С. 74-86. Боз нигаред аз ҳамин муаллиф. Абулкасым Лахути // Вместе с народом (Сборник статей).-М.: Сов. писатель, 1959.- С. 228 -291; Жизнь и творичество Абулкасима Лахути. Избранное. Перевод с персидского.-М.:ГХИЛ., 1959.-С. 5-12.

[§§]Я. Ф. Исоев. Салом ба ҷавонӣ (А. Лоҳутӣ) // Комсомоли Тоҷикистон. 1962.– 23 декабр.– С. 3.

Давронов[§§§], З. Ворожейкина[****], А. Абдуманнонов[††††], Ӯ. Кӯҳзод[‡‡‡‡], Х. Асозода[§§§§], А. Кӯчаров[*****], А. Маҳмадаминов[†††††] ва дигарон аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Илова бар ин, саргузашти А. Лоҳутӣ ва фаъолияти эҷодии ӯ, пеш аз ҳама, дар мактубҳояш аз ҷониби ӯ ҳамаҷониба баён шудаанд ва нуктаҳое ҳастанд, ки ҳоло дар лоҳутишиносӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд. Барои ҳаматарафа нишон додан, воқеиятро баён кардан, шарҳи ҳол, ҷараёни зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии А. Лоҳутиро равшан кардан, мактубҳои ӯ ҳуҷҷати пурбаҳое мебошанд, махсусан номаҳое, ки аз ҷониби устод Лоҳутӣ ба устод Айнӣ ирсол шудаанд, маводи пурқиматро дар худ фароҳам овардаанд. Аммо ҷузъиёту фаъолияти эҷодӣ ва ҷараёни зиндагии устод Лоҳутӣ, ки дар мактубҳояш аст, ба ин дараҷа дар дигар мақолаҳову асарҳои алоҳида матраҳ нашудаанд. Яъне, мактубҳои А. Лоҳутӣ барои таҳқиқи рӯзгор ва осори ӯ ба сифати яке аз манбаъҳои муътамад ва пурқимат хизмат мекунанд. На фақат корномаи худи устод Лоҳутӣ, балки дар айни замон фаъолияти эҷодиву муборизаи суботкоронаи дигар зиёиёни тоҷик, ки дар ҳамон солҳо ба ҳама гуна мураккабиҳову душвориҳо нигоҳ накарда, ҷоннисориҳову фидокориҳо кардаанд, дар мактубҳои устод Лоҳутӣ равшан баён шудаанд.

Номаҳои нависандагону адибон дорои як хусусияти ба худ хос мебошанд, ки аз номаҳои муқаррарӣ фарқи калон доранд. Тафовути онҳо дар ин аст, ки дар онҳо сухан доир ба тарзи эҷоди асарҳову шеърҳои худи онҳо меравад ва баъд аз мутолиаи онҳо хонандаро ба замони таълифи чунин эҷодкорӣ далолат месозанд, диққаташро бештар мекашанд ва эҳтиромаш нисбати онҳо бештар аз пештар зиёд мегардад.

Вақте ки ба номаҳои ирсолнамудаи устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ ё аз А. Лоҳутӣ ба устод Айнӣ менигарем, дар дили худ мафтунии чунин суханрониҳои ин ду адибро пайдо карда, муҳаббати худро нисбати онҳо бештар эҳсос мекунем.

Бояд ёдовар шуд, ки шумораи номаҳои равонкардаи А. Лоҳутӣ ба суроғаи С. Айнӣ қариб 60 ададро ташкил кардаанд, ки аз соли 1927 шурӯъ шуда то соли 1953 давом мекунанд ва аксарияти онҳо доир ба ҳаёту эҷодиёти устод Лоҳутӣ маълумот медиҳанд. Дар онҳо дар боби таърихи ин ё он асар (22августи 1927, 18 июни 1931, 4 ноябри 1932, 9 июни 1938 боз июн ё июли 1938, 25 июли 1938, 5 декабри 1938, 28 декабри 1938, 9 январи 1939, 1 феврали 1939, 1 марти 1939, 6 марти 1939, 12 марти 1939 боз 12 марти 1939, 30 марти 1939, 2 апрели 1939, 7 апрели 1939, 14 майи 1939, 27 январи 1940, 26 августи 1940, 26 октябри 1940) ва шеърҳои эҷодкардаи А. Лоҳутӣ маълумот дода шудааст ва мавриди зикр аст, ки ҳамаи ин номаҳо бо як самимияту муҳаббат навишта шудаанд. Пас маълум мешавад, ки А. Лоҳутӣ нисбат ба дигар адибон ба устод Айнӣ бештар иззат ва эҳтироми махсус доштааст. «Номаҳо ҳама бо самимият, ҳарорати дил ва эҳтироми махсус навишта

[***]Х. Мирзозода. Абулқосим Аҳмадзода Лоҳутӣ // Абулқосим Лоҳутӣ. Куллиёт, ҷ. 6 (Тартибдиҳандагон: С. Бону- Лоҳутӣ ва А. Розенфелд).-Душанбе: Нашрдавтоҷик., 1963.- 216 -217.

[†††]А. Насриддинов. Поэт, гуманист и революционер // Коммунист Таджикистана.-1967.-12 декабря. Боз нигаред аз ҳамин муаллиф. Абулқосим Лоҳутӣ.-Душанбе: Дониш, 1968.-44 с.

[‡‡‡]М. Давлатов. Чанд сухан роҷеъ ба ғазалиёти А.Лоҳутӣ // Маориф ва маданият.-1967.-25 ноябр. Боз нигаред аз ҳамин муаллиф. Ғазал ва анъанаи он дар эҷодиёти устод Абулқосим Лоҳутӣ.-Душанбе: Дониш, 1973.-190 с.; Сарояндаи инқилоб.-Душанбе: Ирфон, 1985.-56 с.

[§§§]С. Давронов. Вазни ашъори Абулқосим Лоҳутӣ (Оид ба проблемаи анъана ва навоварӣ дар назми советии тоҷик).-Душанбе: Дониш, 1974.-164 с.

[****]З. Ворожейкина. Абулкасым Лохути // Лохути. Стихотворения и поэмы.-Л.: Сов. писатель, 1981.-С. 5-40.

[††††]А. Абдуманнонов. Лирика // А. Абдуманнонов, Х. Отахонова, Ҳ. Шодиқулов. Абулқосим Лоҳутӣ (Очеркҳои мухтасар).-Душанбе: Адиб, 1987.-С. 3-70. Боз нигаред аз ҳамин муаллиф. Саҳифаи дурахшон // Адабиёт ва санъат.-1987.-9 июл.-№28 (300).-С. 11; Равияҳои услубӣ дар ғазалиёти Лоҳутӣ (Ба тариқи гузориши масъала) //Нуқтаи назар.-Душанбе: Адиб, 1990. -С. 34-49.

[‡‡‡‡]Ӯ. Кӯҳзод. Разми ранҷбари замон // Лоҳутӣ ва баъди ӯ.- Душанбе: Чопхонаи осорхонаи миллии Тоҷикистон, 2002.-С. 3-9.

[§§§§]Х. Асозода. Саргузашти устод Лоҳутӣ.-Душанбе: Деваштич, 2009.-303 с. Боз аз ҳамин муаллиф. Абулқосим Лоҳутӣ // Таърихи адабиёти тоҷик.-Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014.-С. 288-348.

[*****]Х. Асозода. А. Кӯчаров. Абулқосим Лоҳутӣ // Адабиёти тоҷик (Давраи нав). Китоби дарсӣ барои синфи 11.-Душанбе: Тайфун –менеҷмент, 2007. –С.116 -124.

[†††††]А. Маҳмадаминов. Сухан аз корномаи устод Лоҳутӣ.- Душанбе: Эҷод, 2007. -100 с.

шудаанд,-қайд мекунад академик Х. Отахонова,- онҳо нишон медиҳанд, ки Лоҳутӣ ва Айнӣ нахустин хонанда ва мунаққиди асарҳои ҳамдигар будаанд» [7, с.3-4].

Воқеан, дар номаҳои устод Лоҳутӣ доир ба хислатҳои хосси фардии ӯ, санаи вуқӯи эҷоди ин ё он асару шеърҳояш, коргоҳи эҷодии нависанда ва дигар ҳодисаҳои аз сар гузаронидаи адиб маълумот дода шудааст. Мо дар ин мақола мактубҳои А. Лоҳутиро, ки ба мавзӯи мазкур алоқамандand ба тариқи таърихӣ (хронологӣ) таҳлил намудем, ки ду сабаб доранд: нахуст пайдарпайии номаҳо, дувум ба инобат гирифтани воқеаҳои аз сар гузаронидаи адиб. Мактубҳои аввалинро бо тартиби солу моҳ меоварем, ки А. Лоҳутӣ дар номаҳои аввалинаш ба устод Айнӣ пеш аз ба навиштани асарҳояш пардохтан маслиҳат мепурсад ва шеърҳои эҷодкардаашро аз таҳрири устод низ мегузаронад. А. Лоҳутӣ дар атрофи эҷод дар бисёри мактубҳояш бо устод Айнӣ машварат мекунад. Қайдҳои устод Айнӣ барои А. Лоҳутӣ аз ин ҷиҳат аҳаммиятнок аст, ки барои пешрафти эҷодиёташ ӯро ҳавасманд мегардонад, роҳашро кушода мекунад ва барои ислоҳу илова кардан бештар эътибор медиҳад. Мегузарем ба номаҳое, ки А. Лоҳутӣ доир ба эҷоди асарҳояш дахл мекунад. Аз ҷумла 18 июни 1931 устод Лоҳутӣ ба устод Айнӣ нома фиристода, аз ӯ китобҳоеро хоҳиш мекунад, ки барои аз нав чоп кардани китоби «Малая Советская Энциклопедия», ки ба зимма гирифтааст, кумак расонад. Дар мактубаш аз вазъи аҳволаш низ менависад ва аз ҷумла мегӯяд: «Устоди муҳтарам Садриддини Айнӣ! «Малая Советская Энциклопедия» - ро аз нав чоп карда баровардanӣ ҳастанд, ки як мақолаи хурд роҷеъ ба шумо бидиҳам, ки дар он чоп кунанд. Барои ин кор лозим аст, ки шумо ба саволҳое, ки дар варақи махсус навишта ва ҳамроҳи ин хат мефиристам, ҷавоб диҳед» [5, с.4].

Чунонки зикр кардем, дар мактубҳояш А. Лоҳутӣ мулоҳизаҳои устод Айниро доир ба кори эҷодиаш меписандид ва онҳоро бесаброна мунтазир мешуд. Таҷрибаи адабии устод Айнӣ барои ӯ муҳим буд ва андешаи ӯро муътабар медонист.

Ба ҳамин мазмун боз аз устод Лоҳутӣ дархост намудаанд, ки бо алифбои лотинӣ як китоби аввали дарсӣ (алифбо) ва як китоби хониш тартиб диҳад, ки дар ҳамон вақт эрониёни хоки шӯравӣ хатти лотиниро пазируфта буданд. Мувофиқи гуфтаи худи А. Лоҳутӣ дархости ӯ ба устод Айнӣ ин аст: «...Агар барои шумо мумкин шавад, як китоби «Алифбо» -и тоҷикӣ ва як китоби хониши соли аввал барои ман бифиристед. Хеле муташаккир мешавам» [5, с.4]. Дар идома барои баҳрачӯӣ аз ақидаи китобҳои интихобнамудае, ки бояд устод Айнӣ ба ӯ бифиристад, устод Лоҳутӣ низ менависад ва интизори вақти мусоид барои анҷом додани инро бо сарфарозӣ дар фарҷоми нома қайд мекунад [5, с.4].

Ҳар як мактубе, ки А. Лоҳутӣ ва устод Айнӣ барои ҳамдигар равон мекарданд, бештар сари масъалаҳои эҷодкориҳояшон мегуфтанд, суҳбатҳо мекарданд ва камбудию норасогии эҷоди худро муайян карда, аз комёбии якдигар низ шод мегардиданд, ки ин ҳолат барои рушду пурбаракат шудани кори эҷодиашон мусоидат мекард.

Ҳарчанд А. Лоҳутӣ ҳанӯз ҳам бо маҳорати баланд шеър мегуфт, аммо завқу шавқи суханони устод Айнӣ ва фармудаҳои ӯро боз ҳам дар номаҳо интизор мешуд. Бо вуҷуди ин, ӯ чандин маротиба аз тарафи устод Айнӣ дар эҷодиёташ ба муваффақиятҳо дучор мешуд, аммо суханони хушнудонаи устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ бештар ривоҷу равнақ мебахшиданд. Ба ин маънӣ дар номаи 4 ноябри соли 1932 ба устод Айнӣ менависад: «Ин шеърро, ки фиристодам, марҳамат карда ба рафиқ Садрулин диҳед ва фармоед, ки бидуни хато чоп кунад. Ман махсусан ҷасорат карда барои Шумо мефиристам, чаро ки аз ҳама шеърҳое, ки то кунун гуфтаам, дар назари ман, беҳтар аст. Мехоҳам фикри Шуморо дар ин (бора) бидонам. Албатта, худам айбҳои онро фаҳмида наметавонам. Ҳоло соати 8 -и шаби 4-ум аст. Мунтазирам, ки Бону омада онро ба тарҷума диҳам» [5, с.11].

Дар ин мактуб шахсият ва хислатҳои инсонии А. Лоҳутӣ ба устод Айнӣ ва дилбастагӣ ба ақидаи устод Айнӣ ва эҷодиёти худаш низ маълум мегардад. Дар мактубҳои устод Лоҳутӣ ба устод Айнӣ бозтоби ҳар дақиқаи рӯзгору осорашро дидан мумкин аст, ки аҳаммияти таърихӣ ва фарҳангӣ доранд, гузашта ва имрӯзаро дар худ зоҳир мекунанд. Мустаҳкам намудани робитаи эҷодии ҳарду дар номаҳо бо дастгирӣ аз ақидаҳои пуразиши гаронбаҳояшон далели он аст, ки мустаҳкам намудани пояҳои таърихи адабиёти навини форсии тоҷикӣ аз онҳо вобастагии қавӣ дорад. А. Лоҳутӣ дар таърихи 9 июни 1938 боз номае ба устод Айнӣ фиристода, доир ба мавзӯи андозгирии давраи амирӣ,

ки ба асари навиштаниаш муҳим будааст, аз ӯ мисолҳои зеринро пурсон шудааст: «Муаллими муҳтарам, як хоҳиш дорам: дар ҷавоби ҳамин хат ба ман бинависед, ки дар давраи амири Бухоро чанд хел нолугҳо (налог) аз деҳқон мегирифтанд, бо чӣ номе ва чӣ қадар. Сонӣ барои шариат чӣ мегирифтанд. Ҳамин тавр косибони шаҳрӣ... санъатгарон ва савдогарон чӣ молиётҳо медоданд. Умед аст, ки инро зудтар ба банда бинависед, чаро ки мехоҳам як асаре бинависам ва ин иттилоот барои он даркоранд. Ин хатро бо аҷала навишта мефиристам. Ба бачаҳо чудогона хат мефиристам» [7, с.47-49].

Сабаби бо аҷала ҷавоби онро аз устод Айнӣ хостани А. Лоҳутӣ дар он аст, ки нақшаи эҷодиаш пеш аз сафар баромадан анҷом ёбад, чунки ӯ дар Украина наздики шаҳри Киев қарор доштааст ҳангоми омодаи аз сафар баргаштанаш будааст. Ва боз муҳимтар ҷавоби мактуби устод Айниро гардониданаш ҳам сабаб шудааст, чунки адибони варзида барои посухи номаро баргардонидан ҳамчун иззату икроми якдигарро вазифаи муқаррарӣ медонистанд» [7, с.50, 53].

А. Лоҳутӣ бисёр ба завқ эҷодкорӣ менамуд. Ӯ ҳар дақиқаи рӯзгорашро барои эҷодкорӣ самаранок истифода менамудааст ва фаҳмиши бадеию идроки устод Айниро барои илҳоми эҷоди худ дар ҷойи аввал мегузорад. Аз ҳамин сабаб дар охири мактуб бо қатъияту ҷиддият аз шавқ ва рағбат барои зудтар ҷавоби мактубашро гирифтан ба устод Айнӣ огаҳӣ намудааст, ки мабодо дар садоқаткории ӯ шакке кунад» [7, с.50-53].

Номаҳои адибон дорои чандин ҷиҳатҳои шавқангезе ҳастанд, ки эҷодиёту рӯзгор, шахсият, бунёдкории мадании онҳоро то андозае ошкор месозанд, ки ҷараёни зиндагии онҳо боз ҳам хубтар намоён мегарданд.

Устод Айнӣ аз сабаби беморие, ки куҳна дар вуҷуди ӯ маскан гирифта буд ва ба дигар мушкилиҳо дучор шуданашро дар ҷавоби мактуби А. Лоҳутӣ бо изҳору узрхоҳӣ қайд кардааст ва бо вуҷуди ин ҳам, ҷавоби хоҳиши А. Лоҳутиро мукаммал ва бо тартиб навишта равон намудааст.

Ҷавоби мактуби А. Лоҳутӣ, ки аз тарафи устод Айнӣ доир ба андози давраи амирӣ навишта шудааст, таърихи 12 июли 1938- ро дорад. Дар ин мактуб тақрибан дар ҳаҷми чор саҳифа устод Айнӣ доир ба андози давраи амирӣ ба А. Лоҳутӣ маълумот ва маслиҳатҳо медиҳад. Дар охири нома хулосаи фикрашро устод чунин қайд мекунад: «...тартиби нолуги амирро, ки ниҳоят бетартиб ва печ дар печ буд, ба як рӯйхат гирифтан қариб мумкин нест. Мумкин аст, ки инҳо ба тарзи ҳикоя дар зимни асарҳои адабӣ баён ёбад, барои инҳо боз як бор хонда дидани қисми дувуми «Ғуломон» ва ду - се қисми аввали «Одина» ва саргузашти дар кӯҳистон гузаронидаи Одинаро хоҳишмандам» [7, с.50-53].

Мутолиаи ҷавоби мактуби устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ, ки дар он масъалаҳои андозгирии давраи амирӣ гуфта шудааст, ба хонанда аз таърихи ҳамон давр дарак медиҳад. Аз ин мактубҳо ба мо маълум шуд, ки А. Лоҳутӣ устод Айниро ба сифати донандаи таърихи қадими тоҷику форс медонистааст ва аз ҳамин сабаб номаи ҷавобиашро бесаброна интизор шудааст.

А. Лоҳутӣ миннатдории хешро дар ҷавоби ин нома ҳам баён кардааст ва доир ба ҳолату вазъияти оилавии худ қайд мекунад, ки: «Беҳад муташаккирам аз масъалаи нолугҳои давраи амир, ки навишта будед, махсусан дар ин ҳоли касал, авф кунед, домулло, ки заҳмат додам. Ман ҳам гирифтори муолиҷаи бачаҳо ҳастам. Имсол вақтам тамоман гум шуд. Ҳеҷ чиз навиштан натавонистам. Ҳамин масъала боиси зарар ба сиҳатам шуд» [7, с.54].

Ҳар як мактуби А. Лоҳутӣ чунонки дар номаҳо воҳӯрдем, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки шоир аз суханони арзишманд ва роҳнамоиҳои ин пири хирад баҳраи вофир мебурдааст.

Бояд қайд кард, ки бозтоби эҷодии устод Лоҳутӣ дар номаҳо бо дастгирӣ аз ақидаҳои пуразиши гаронбаҳои С. Айнӣ далели он аст, ки мустаҳкам намудани пояҳои таърихи адабиёти навини форсии тоҷикӣ низ аз мактубҳои ӯ вобастагии қавӣ дорад.

Ҳаминро низ бояд ёдовар шуд, ки аз мактубҳое, ки А. Лоҳутӣ ба устод Айнӣ мефиристад, як қатор андешаҳо доир ба шеър ва нуқтаи назари устод Айнӣ дар назми А. Лоҳутиро дидан мумкин аст. Ҳангоме ки устод Лоҳутӣ бо устод Айнӣ соли 1925 замони тартиби «Намунаи адабиёти тоҷик» робитаи наздикӣ пайдо намуданашон, якчанд шеъри А. Лоҳутӣ ба китоби мазкур аз тарафи устод Айнӣ ворид шуд. Минбаъд ҳар як шеъри тозаи А. Лоҳутӣ зери таҳрири устод Айнӣ қарор мегирифт. А. Лоҳутӣ бештар ба

шеърҳояш тағйиру иловаҳо ворид мекард ва дарҳол ба тариқи нома нисбати онҳо фикри устодро гирифтан мехост ва аз назари устод, ки таҳрири дуруст мегирифтанд, ба идомаи онҳо бештар ва бо ҷиддияти том мепардохт.

Дар номаи аз таърихи 9 январи соли 1939 А. Деҳотӣ аз А. Лоҳутӣ хоҳиш намудааст, ки ба ғазали:

«Ёр аз дили ман хабар надорад,
Ё сӯзи дилам асар надорад» [7, с.64]

се байт изофа кунад. Мувофиқи талаби бастакор (композитор) бояд 6 мисраъ зам мешуд. А. Лоҳутӣ мегуяд: «Баъд аз тамом кардани корҳои ҳаррӯза, бисёр кӯшиш кардам, ки хоҳиши Деҳотиро анҷом диҳам, нашуд. Ҳоло соати 5 вақте ки тамоман маъюс шуда машғули корҳои дигар шудам, се байти зерин «худ ба худ» омаданд. Дар ҳоли навиштани онҳо хатти шуморо хондам (2-1» ва ин байтҳоро навиштан гирифтам. Намедонам меписандед ё не?

«Ё васли ту қисмати башар нест,
Ё толеи ман ҳунар надорад.
Ё ишқ хатти амон ба ӯ дод,
Ё дил зи шарар ҳазар надорад.
Ё мавсими сабри ман хазон шуд,
Ё нахли умед бар надорад» [7, с.64].

Агар инҳоро лоиқ донед, он вақт мумкин аст, ки ҳавсала пайдо шавад, ки як ғазал кунам» [7, с.64].

А. Лоҳутӣ бисёр ҳам ангезаи аҷибе доштааст, ки дар нома аз гуфтаҳояш бар меояд, дар айни эҷод дар хусуси байтҳо, бе он ки худро побанди дунёи шеър кунад, худ ба худ илҳомашро чунин мисраъҳои дилнишин банд менамудааст, ки боиси шеър гуфтан мешудааст. Дар ин бора адиб ва шогирди ӯ Р. Ҳошим аз ёдоварии худ ҳангоми шеър ба вуҷуд овардани устодро чунин қайд мекунад: «...Одатан дар атрофи байтҳои ҷудогонае, ки аксар бадоҳатан мегуфт, баъд ғазалҳо ва манзумаҳои лирикиаш ба вуҷуд меомаданд» [11, с.77].

Яъне, аксар вақт бетааммул шеърҳояш аз ӯ сар мезадааст ва дар зимн боз назари устод Айниро барои ҳавсалаи хуб пайдо кардан интизор мешудааст. Доир ба ин масъала дар идомаи шеъри мазкур устод Лоҳутӣ аз 1 феврали соли 1939 вақте ки ғазалро ба итмом мерасонад, ба устод Айнӣ мактуб навишта равон мекунад. Дар он чанд мисраи дигар дар хотираш омадаро мувофиқи ин ғазал намеҳисобад, бо вуҷуди ин, андешаи С. Айниро мехоҳад бидонад, ки байтҳои мазкур ин гунаанд:

«Ё бози ситам ҳаво гирифтаст,
Ё тоири сидқ пар надорад.
Ё ҷинси вафо шудаст нобуд,
Ё ҷайби замона зар надорад.
Ё гӯши суханшунав намондаст,
Ё гуфтаи ман асар надорад» [7, с.66].

Устод Айнӣ дар ҷавоб менависад: «Ҳарчанд баҳо додан ба шеърҳои шумо бо дастхатҳои худатон аз ғунҷоиши иқтидори ман берун аст, ба мазмуни «алмаъмур маъзур» амал намуда, маҷбур шудам, ки нуқтаи назари худро баён кунам» [7, с.66].

Устод Айнӣ, ки шеърҳои Лоҳутиро зиёд меписандид, эҳтироми ҳалимонаи худро зикр намуда, дар идома баҳои сазовори шоиронаро ба ӯ тақдим менамуд.

Мулоқоти устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ дар номаҳо бисёр вақтҳо ба тахайюлоти тозаи шеърӣ ва эҷодӣ ӯро раҳсипор намуда, аксаран аз шавқ сабаби пайдоиши тозае ба шоир мегардид, ки инро худи А. Лоҳутӣ дар номаҳо гуфтааст.

Яъне, устод Лоҳутӣ пай дар пай номаҳои фиристодаашро аз устод мунтазир мешавад, чунки ба фикри наве дар шеъри пештар фиристодааш дучор шуда ва боз хоҳиш мекунад, ки мисраеро дар шеъраш ворид кунад ва ба устод Айнӣ 6 марти соли 1939 дар номааш мухтасаран бо аҷала дар ғазали «Кораш ҳама ноз аст..» мисраи «Ҷон медиҳамаш дар ивази бӯсаву гӯяд» - ро бо мисраи «Ҷон дар ивази як нигаҳаш додаму гӯяд» иваз намояд [7, с.70].

А.Лоҳутӣ аз ҳаваскорӣ доштанаш нисбат ба шеър вазъи ҳол ва саломатиашро ба риштаи назм кашида, ба устод Айнӣ аҳволи бемориашро дар шеъраш зоҳир намудааст, ки ин ҳам дар номаи 10 марти соли 1939 возеҳтар аст ва дар ҳолати беморӣ қувваи шеъргӯйии баланди пуртаъсири ӯ дар шеъраш чунин тасвир ёфтааст: «... соати 4-5 субҳ. Бо 40 дараҷа таб дар санотурӣ:

Чӣ дарди сахтею оташфишон табе дорам,
Саҳар намешавад асло, аҷаб шабе дорам!

Рафиқи муҳтарам Айнӣ, бешубҳа шумо бидуни тавзеҳи ман ҳис кардед, ки ин ғазал аз байти 2 шурӯъ шудааст. Сахтии ҳолатам дар он шаб аз мазмуни ин байт ҳам болотар буд. Ҳоло (рӯзи 10 феврали 1939 беҳтар шудам, 37, 5 таб дорам» [5, с.25].

Аз ин мактуб табъи хуш ва истеъдоди шеъргӯйии дилкаш доштани устод Лоҳутӣ маълум мешавад, ки дар ҳолати маризӣ ва бемадорӣ ҳам тавонистааст бо майлу рағбат дар эҷод пардозад ва ӯ бо мояи дилхушӣ давом дода менависад: «Хушбахтам, ки ман метавонам ба шумо ин хатчаро нависам» [5, с.26].

Чи навъе ки аз ин мактубҳо маълум мегардад, устод Лоҳутӣ ҳар фикри наверо, ки нисбати шеърҳояш ба ӯ сар мезадааст, дарҳол қайд менамуд ва назари устодро боз дар ин бора мехост. Устод Айнӣ хушпазироии чунин эҷодкории устод Лоҳутиро бо хурсандӣ ва шавқи беандоза бо тааммул дар ҷавоби мактубаш аз 12 марти соли 1939 изҳор намудааст. Яъне, бо усулу равишҳои таҳқиқии худ устод Айнӣ бори дигар ба шеърҳо баҳои баланд гузоштааст.

Ин мисраъҳо устод Айниро ба қавли худаш «девона» кардааст, ки ба он «шоҳғазал» [7, с.73] ном гузоштааст. Ҳатто сазовори болонишинӣ гуфтааст.

Мушоҳидакорӣ як ҳунари муҳимме буд аз тарафи А. Лоҳутӣ, ки ҳар сухани С. Айниро бо диққат назаргирӣ намуда, дар иҷрои он бо эҳтиёткорӣ амал менамуд. Дар як шеъре, ки бо номи «Достони гул» эҷод намудааст, фикри устод Айниро донистан мехоҳад, ки ба мудофиаи Михоэлс ном ҳунарманди театри яҳудиёни Москва навишта шудааст. Ин шеърро ба номи Сталин равон кардааст. А. Лоҳутӣ Сталинро боғбон ва Михоэлсро чун яке аз гулҳои шукуфони боғи ӯ тасвир кардааст ва аз боғбон хоҳиш намудааст, ки ба хазон шудани ин гул иҷозат надиҳад.

Устод Айнӣ ба баландии ин шеър баҳои арзишнок гузошта, ҳатто аз тавоноии инсонӣ берун ҳам гуфта бошад, лекин дар номи шахс (Михоэлс) ба ҷуз шахсони муқаррарӣ мухолифат нишон додааст. Устод Лоҳутӣ дар ҷавоби мактуб 18 феврали соли 1939 ба устод Айнӣ ҷавоб навишта, чунин менигорад: «Дар масъалаи ном набурдан дар шеър тамоман дуруст мегӯед ва баъд аз ин номи ҳеҷ ҷунбандаро (номи муайяни як кас) дар шеър нахоҳам гуфт. Кӣ медонад паҳлавони имрӯз фардо ба чӣ ранг медарояд?

Дар масъалаи: «Ё қалъаи васл дар надорад».

Ба фикри ман, «Синаи дил»-ро ҳеҷ кас то кунун нагуфтааст.

Ё гуфтаву ман хабар надорам,
Ё гуфтаву дил хабар надорад.

Ин як байтест, ки нахостам онро аз миён барам» [7, с.69].

Аз мактубҳо сухандонии А. Лоҳутӣ нисбат ба шеър возеҳ аст, ки бо ҳиссиёти баланд ва пурҷӯшу хурӯши худ бетаъхир калимаҳои зебову муносиб пайдо менамудааст. Дар ин шеъраш содагии забон ва тарзи баён, дар айни замон бо устуворӣ ва пухтагӣ сухангӯии ӯ ба мо маълум шуд. Вақту замон нисбат ба адиб, умуман, эҷодкор бо риояти тамоми талаботи нигорандагӣ қимати аввалиндараҷест, ки инро аз мактубҳои А. Лоҳутӣ ба С. Айнӣ мушоҳида мекунем.

Ҳар як мактубе, ки А. Лоҳутӣ доир ба шеърофаринии худ ба С. Айнӣ мефиристод, аз онҳо, пеш аз ҳама, қимати вақт, расидан ба қадри якдигар, умуман, ҳиммати олӣ ва эҳсоси худшиносию худогоҳиро пай бурдан мумкин аст. Аз ҳамин сабаб, дар номаҳои ҷавобии С. Айнӣ ба А. Лоҳутӣ дараҷаи олии ҳаяҷон ва шӯру эҳсосот зоҳир намудаи С. Айнӣ ошкор мегардиданд. Баъд аз мутолиаи мактубҳо устод Айнӣ шеърҳои А. Лоҳутиро хуш пазирофӣ намуда, онҳоро ба «оби шарарбор» ташбеҳ додааасту сазовори болонишинӣ гуфтааст.

Дар номаи 2 апрели 1939 А. Лоҳутӣ аз ин гуфтаҳои устод Айнӣ сипосгузорӣ карда, шеъреро бо унвони «Мубориза» эҷод намуда равон мекунад. Чунки аз ишқпарвар ва ҳассос будани худ бо ҳамин рӯҳия шеърро ба вуҷуд овардааст [7, с.77].

А. Лоҳутӣ дар айни эҷодкорӣ дар ҳолати ботинӣ ва ҳаяҷони сахт чунон ба завқ меомадааст, ки бо гилаву мубориза бештар майлу рағбаташ ба шеъру ғазалҳояш иқдом менамудааст. Р. Ҳошим, ки айёми шеърофаринии устод Лоҳутиро аз наздик ба мушоҳида гирифта буд, чунин хотиррасон мекунад: «Лоҳутӣ ҳам замоне ки фикраш бо шеъри наве обистан мешуд, лаҳзае ба пешониаш чин меомад, чашмонаш ба нуқтае дӯхта мешуданд ва баъд шеър, чун борони ҷонбахш ва тароватафзои баҳорӣ аз табъаш равон мегардид, пайи ҳам дилнишин, фараҳафзо ҷорӣ мешуд. Пас аз он чеҳраашро нуре фаро мегирифт, гӯё ифтихори суханаш вуҷудашро мепечид ва боз хандону рӯҳбаланд ба гап давом мекард» [15, с.88].

Устод Лоҳутӣ тамоми шеъру ғазалҳояшро бо ҳиссиёти баланд, табъи оташбор ва истеъдоди комилу рӯҳи пурисён ба вуҷуд меовард, ки барои устод Айнӣ мақбулу писандида буданд.

Устод Лоҳутӣ дар соҳаи санъати театрӣ низ қиссаву шеърҳо ба вуҷуд меоварду ба устод Айнӣ пешкаш менамуд. Ӯ ба достонҳои театрӣ майлу рағбат дошт ва чи хеле ки Ш. Раҳмон қайд мекунад: «Чун театр ба номи ӯ гузошта шуд, бо дилу ҷон ба кори он пайваст. Минбаъд бо хоҳиши дӯстону роҳбароне ба мисли Ҳ. Неъматуллоев намунаи зиёди асарҳои театрии ҷаҳонӣ аз ҷониби ӯ тарҷума шудан гирифтанд. А. Лоҳутӣ як силсила либретто, ба мисли «Коваи оҳангар»- ро навишт» [13, с.4].

Ӯ ба навиштани намоишнома ва мусиқӣ шурӯъ намуданашро 5 декабри соли 1938 ба устод Айнӣ менависад ва боз бо таассуф, аз сабаби монеаҳои ба фикраш омада дар вақташ фиристода натавонистани китоби нав нашршудаашро қайд карда, як ҷилди онро хостааст ҳадяи устод кунад: «Ҳоло ман ба давом додани пйеса ва навиштани сенария сар кардам. Аммо ҳанӯз ба ин кор гарм нашудаам. Дар Сталинобод ба воситаи гирифториҳои фикр ва беморӣ ғафлати калоне аз ман сар зад, ки китоби худро ба Шумо тақдим накардам. Ҳоло як ҷилд ёфта ба шумо мефиристам. Умед аст, ки онро қабул кунед» [5, с.21].

Устод Лоҳутӣ ҳар асар ва китоби аз чоп мебаромадагиашро ба устод Айнӣ туҳфа менамуд. Дар баробари ин, таҷриба ва амалиёти худро санҷидан дар соҳаи намоишномаҳо ва мусиқиҳои эҷодкардааш, назари устод Айниро дар онҳо хоҳиш мекард. Ӯ 17 августи соли 1940 4 моҳ қабл коното барои барномаи мусиқии Тоҷикистон навишта бошад ҳам, танҳо моҳи гузашта дилосудагии худро қайд мекунад ва онро анҷомёфта донистааст. Дар охир чунин менависад: «Ман як нусхаи онро барои Шумо мефиристам ва хоҳиш мекунам, ки назарияи худатонро марҳамат карда ба ман менависед» [5, с.33].

Ҳаминро бояд қайд намоем, ки дар таърихи адабиёти тоҷик возеҳ аст, ки соли ноҳуши 37 аз қисмату маишати талхи адибоне ҳикоят мекунад, ки бо гумони бади манфиатдӯстону туҳматгароён гирифтор шуда буданд. Устод Лоҳутӣ дар номаҳо ба устод Айнӣ дифоъ аз ӯ, бо мақсади аз ранҷу шиканҷа раҳо намудан дар солҳои фоҷиабори шиддати шахспарастӣ, сухан меронад. Махсусан, суханронии худро, ки дар правленияи Иттифоқи нависандагони СССР баррасӣ намуда буд, вақте ки тамоми чораҳои дидаашро нисбат ба устод Айнӣ ҳалшуда мебинад, дар таърихи 4 апрели соли 1938 дар мактубаш ба устод Айнӣ башорат медиҳад.

Дар мактубҳои устод Лоҳутӣ низ ба монанди устод Айнӣ ҳамон айёми фишору зӯроварӣ, туҳмату бухтонҳои беасоси ба сари ӯ омада низ ба мушоҳида мерасанд. Нисбати А. Лоҳутӣ ҳам беэҳтиромӣ зоҳир менамуданд. Аммо чи хеле ки худ дар номааш ба устод Айнӣ менависад, ин гуна амалҳои номатлуб барояш аҳаммияте надошт. Моҳи май ва июни соли 1938 ба устод Айнӣ нома фиристода менависад: «Тоҷикистон қадрдонии худашро кунад. Ҳукуматдорони он ҷумҳурият алоқаи шахсӣ надоранд. Майлаш, раҳмат. Ман дилам осуда ва фикрам солим аст. Таърих хомӯш нахоҳад шуд ва халқ нахоҳад мурд. Мардум хидмати адабии маро ба Тоҷикистон медонанд ва раҳбари мардум-Фирқаи Коммунистӣ ҳам медонад. Аммо як чизро дилам мехост, ки бидонам: Махсусан ин ки чӣ баҳона доштаанд ва иғвогарӣ дар шакл ва ба чӣ иборат будааст.

Агар инро ба банда менавиштед, мамнуни абадӣ мешудам. Боқӣ кори халқ аст, ба номи ҳар кас, ки мехоҳад колхози худашро меномад. Шумо менависед, ки дар Сталинобод ҳанӯз театру кӯча ба номи ман боқӣ аст: Боқӣ намонад ҳам, домулло, аҳаммият намедиҳам. Аммо аҳаммият барои номи Тоҷикистон дорад. Дар Маскав ҳеҷ мунтазири ин хабар набудам. Ҳоло ки шуд, хайр шавад. Охир ки партия инро хоҳад шунид ва фикри худашро хоҳад гуфт. Ман хомӯш менишинам» [5, с.18].

Устод Лоҳутӣ таҳаммулпазирӣ пеша карда, ба хидматҳои адабии худ боварии комил дошт. Лекин дар охири мактуб шикоят аз иғвогарии адиб Деҳотӣ мекунад ва киноямезона бо кулфат мегӯяд: «Ин хел бачаҳо тараққии худро дар ин гуна «садоқаткориҳо» медонанд» [5, с.18].

Устод Айнӣ дар ҷавоби мактуб фақат ҳаминро аз таҷрибаи ба сари худ омада дар мактуби 25 майи 1938 таъкид мекунад, ки ягон шахси мухолиф на дар воқеъ «...балки дар зери доман ба роҳбарони он колхоз дар ҳаққи Шумо ягон хабари нописанд гуфта бошад...» [5, с.46].

Устод Лоҳутӣ ба кори хоинонаи он иғвогарону мунофиқон ва бахилону ҳасудон, ки туҳматҳои беасос дар ҳаққи ӯ низ раво дониста буданд, ба устод Айнӣ дарди дил мекунад ва шикоят аз сабабу далел ва ҳолатҳои фишори рӯҳии ба сараш омадаро меҷуст. Махсусан, мактуби 7 апрели соли 1939 навиштааш ба шоири турк Туйғун аст, ки бар зидди устод Лоҳутӣ мубориза мебурд, аммо Лоҳутӣ инро ҳамчун сафсатаи бемаънӣ медонист.

Устод Лоҳутӣ, ки бо устод Айнӣ чанд муддате ҳангоми дар Тоҷикистон буданаш мулоқоти наздик доштанд ва баъд аз ин доир ба рӯзгору фаъолияти ҳаррӯзаи худ дар номаҳо суҳбат менамуданд. Дар ин мактубаш А. Лоҳутӣ бо далел ҳақ будани худро низ исбот карда мегӯяд: «Шумо ёдатон ҳаст рафиқ Айнӣ, чӣ қадар ману Шумо протест кардем... Бруйдо ҷиддан протести моро рад кард... Дар зимни ҳамин кор ман аз Сталинобод рафтам ва то Бруйдо секретари СК буд, дигар ба он ҷо барнагаштам. Ҳоло виз - визи ин пашшаи беномус ду соли дароз маро азоб дод ва намедонистам, ки ин таъқиб ва бадрафторӣ аз куҷост» [5, с.28].

Лекин бо дилпурӣ устод Лоҳутӣ ҷойи дигар менависад: «Дар ҳар ҳол ҳақиқат қавитар аз туҳмат аст. Бубахшед, ки нороҳат кардам» [5, с.28].

Номаҳо аз розҳои ниҳонӣ ва ҷонфидоиҳои ин пештозони адабиёти муосири тоҷик моро воқиф менамоянд. Ва онҳо равшангари саҳифаи ҳаёту талошҳои ин фозилони давр дар роҳи устувор кардани ҳақиқати таърих барои тараққиву инкишофи адабиёти навини форсии тоҷикӣ ҳастанд. Лаҳзаҳоеро дар рӯзгори онҳо аз номаҳо пай бурдем, ки аз даврaҳои туҳматҳои тезутунди замони шахспарастӣ дарак медиҳанд ва дар он тарафдории онҳо аз якдигар дар он рӯзҳои мушкилтарин дида мешавад. Чунки дар ин мактубҳо барои шинохтани адиб ва маҳорати эҷодкории ӯ то андозае маълумот дода шудааст. Бояд ёдовар шуд, ки маълум кардани тартиби кори эҷодии А. Лоҳутӣ дар мактубҳо дар адабиёти имрӯзаи тоҷик як падидаи нав мебошад.

Ба ин тариқ, дар номаҳои ба устод Айнӣ ирсолнамудаи А. Лоҳутӣ муҳимтарин лаҳзаҳои фаъолияти эҷодӣ ва корномаи пурсамари ин шахсияти бузурги адабӣ бо тамоми ҷузъиёт бозтоб гардидаанд, ки барои омӯзиши рӯзгор ва осори ӯ ба сифати сарчашмаи пурқимат хидмат мекунанд.

Муқарриз: ***Кӯчарзода А.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Абулқосими Лоҳутии Кирмоншоҳӣ / С.Айнӣ // Намунаи адабиёти тоҷик. – М., 1925. - С.464-467.
2. Асозода Х. Саргузашти устод Лоҳутӣ / Х.Асозода. - Душанбе: Деваштич, 2008. - 300 с.
3. Давлатов М. Ғазал ва анъанаи он дар эҷодиёти устод Абулқосим Лоҳутӣ / М.Давлатов. - Душанбе: Дониш, 1973. - 190 с.
4. Давлатов М. Сарояндаи инқилоб / М.Давлатов. - Душанбе: Ирфон, 1985. - 56 с.
5. Лоҳутӣ, А. Номаҳо (Мураттиб ва муаллифи тавзеҳот: Х. Отахонова) / А.Лоҳутӣ. - Душанбе: Адиб, 2004. - 112 с.
6. Маҳмадаминов А. Сухан аз корномаи устод Лоҳутӣ / А.Маҳмадаминов. - Душанбе: Эҷод, 2007. - 100 с.
7. Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ. Нашри дувум бо такмил ва иловаҳо (Ба чоп тайёркунанда ва муаллифи тавзеҳот: Х. Отахонова). - Душанбе: Деваштич, 2003. - 140 с.
8. Отахонова Х. Абулқосим Лоҳутӣ ва Садриддин Айнӣ / Х. Отахонова // Падидаҳои навҷӯӣ. – Душанбе: Ирфон, 1972. - 175 с.
9. Отахонова Х. С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ / Х. Отахонова // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи III. – Душанбе: Дониш, 1966. - С.22-32.
10. Отахонова Х. А. Лоҳутӣ ва С. Айнӣ / Х. Отахонова // Маориф ва маданият. - 1967. - 25 декабр. - С.3.
11. Отахонова Х. Чанд сухан аз мураттиб / Х. Отахонова // Абулқосим Лоҳутӣ. Номаҳо. – Душанбе: Адиб, 2004. – С.3-4.
12. Раҳмонов Ш. Шеър ва таҳрир / Ш.Раҳмонов // Шеър ва Айнӣ. - Душанбе: Маориф, 1994. - 190 с.
13. Раҳмонов Ш. Мактаби бузурги маҳорати адабӣ / Ш.Раҳмонов // Адабиёт ва санъат. - 2017. - 30 ноябр. - С.4-5.

14. Табаров С. Адиби сухандон ва муборизи майдон / С.Табаров. - Душанбе: Ирфон, 1986. - 30 с.
15. Ҳошим Р. Сарояндаи ишқу озодӣ / Р.Ҳошим // Сухан аз устодон ва дӯстон. - Душанбе: Ирфон, 1983. - 272 с.

БОЗТОБИ САРГУЗАШТ ВА ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ А. ЛОҲУТӢ ДАР МАКТУБҲОЯШ БА С. АЙНӢ

Дар ин мақола саргузашту фаъолияти эҷодии устод Лоҳутӣ дар мактубҳояш ба устод Айнӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар онҳо маҳорати эҷодкории устод Лоҳутӣ ва дар айни замон, хизмати муҳарририи С. Айнӣ, ки бешубҳа шефтаи қалами сеҳрнигор ба шоири мумтоз гардида буд, таҳлил шуданд. Аз мактубҳо сухандонии А. Лоҳутӣ нисбат ба шеър возеҳ аст, ки бо ҳиссиёти баланд ва пурҷӯшу хурӯши худ бетаъхир калимаҳои зебову муносиб пайдо менамудааст. Дар ин шеърҳояш содагии забон ва тарзи баён, дар айни замон бо устуворӣ ва пухтагӣ сухангӯии ӯ ба мо маълум шуд. Вақту замон нисбат ба адиб умуман, эҷодкор бо риояти тамоми талаботи нигорандагӣ қимати аввалиндараҷест, ки инро аз мактубҳои А. Лоҳутӣ ба С. Айнӣ мушоҳида мекунем. Ҳар як мактубе, ки А. Лоҳутӣ доир ба шеърофаринии худ ба С. Айнӣ мефиристод, аз онҳо, пеш аз ҳама, қимати вақт, расидан ба қадри якдигар умуман, ҳиммати олӣ ва эҳсоси худшиносию худогоҳиро пай бурдан мумкин аст. Аз ҳамин сабаб, дар номаҳои ҷавобии С. Айнӣ ба А. Лоҳутӣ дараҷаи олии ҳаяҷон ва шӯру эҳсосот зоҳир намудаи С. Айнӣ ошкор мегардиданд. Баъд аз мутолиаи мактубҳо устод Айнӣ шеърҳои А. Лоҳутиро хуш пазироӣ намуда, онҳоро ба «оби шарарбор» ташбеҳ додаасту сазовори болонишинӣ гуфтааст. Ин мактубҳо ҷараёни эҷодкориву саргузашти А. Лоҳутиро дар ҳолатҳои гуногуни ҳаёти аз сар гузаронидааш, хусусан солҳои 30- юм нишон медиҳанд, ки беандоза қобили диққат мебошанд.

Калидвожаҳо: А. Лоҳутӣ, С. Айнӣ, номаҳо, ҳаёту рӯзгор, фаъолияти эҷодӣ, шеъру шоирӣ, рӯзгору осор.

ОТРАЖЕНИЕ ЖИЗНИ И ТВОРЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ А.ЛАХУТИ В ПИСЬМАХ К С.АЙНИ

В статье автором подвергнуты рассмотрению и изучению жизнь и творческаядеятельность Абулькасыма Лахути в письмах к Садриддину Айни. В них проанализированы творческое мастерство, а также редакторская заслуга С.Айни, который был поражен поэтическим мастерством поэта. Из писем становится понятным мастерство поэта в красноречии, который использует красивые и соответствующие слова В этих поэтических произведениях выявляется простота языка и манера изложения стиха, а такжк устойчивость и зрелость его красноречия. Время для поэта с соблюдением всех требований поэтического сочинения является первоочередной ценностью, который можно наблюдать из текста писем А.Лахути к С.Айни. В каждом письме, которое А.Лахути отправлял С.Айни относительно своих поэтических трудов, в них можно увидеть ценность времени, уважение к друг другу, высокое чувство самосознания и самопознания. Поэтому, ответные письма С. Айни А. Лахути свидетельствуют о проявлении высшей степени волнения и возбуждения. После прочтения писем С.Айни очень хорошо воспринимал стихотворения А.Лахути и сравнивал их со «сверкающейся водой», заслуживающих наивысших похвал. . Эти письма показывают творческий процесс в жизни и А.Лахути в различных ее ситуациях, в особенности в 30- ых годах прошлого столетия, что вызывает наибольший интерес читателя.

Ключевые слова: А. Лахути, С. Айни, письма, жизненный путь, творческая деятельность, проза и стихотворство, жизнь и деятельность.

REFLECTION OF LIFE AND CREATIVE ACTIVITIES OF A. LAHUTI IN LETTERS TO S. AINI

In the article, the author examines and studies the life and creative activities of Abulkasim Lakhuti in letters to Sadriddin Aini. They analyzed the creative skill, as well as the editorial merit of S. Aini, who was amazed at the poet's poetic skill. From the letters it becomes clear the poet's skill in eloquence, who uses beautiful and appropriate words. These poetic works reveal the simplicity of the language and the manner of presenting the verse, as well as the stability and maturity of his eloquence. Time for a poet in compliance with all the requirements of poetry is the primary value, which can be observed from the text of the letters of A. Lakhuti to S. Aini. In every letter that A. Lakhuti sent to S. Aini regarding his poetic works, one can see in them the value of time, respect for each other, a high sense of self-awareness and self-knowledge. Therefore, the letters from S. Aini to A. Lahuti indicate the manifestation of the highest degree of excitement and excitement. After reading the letters, S. Aini perceived A. Lakhuti's poems very well and compared them with "sparkling water" deserving the highest praise. ... These letters show the creative process in life and A. Lakhuti in its various situations, especially in the 30s of the last century, which arouses the greatest interest of the reader.

Key words: A. Lakhuti, S. Aini, letters, life path, creative activity, prose and poetry, life and work.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Наимова Фарзона*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17

Сведения об авторе: ***Наимова Фарзона*** **–** Таджикский национальный университет, аспирант кафедры теории новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17

Information about the author: ***Naimova Farzona*** - Tajik National University, post-graduate student of the Department of Theory of Contemporary Persian-Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 891.550

ТАЪСИРИ МУТАҚОБИЛАИ МАКТАБИ АДАБИИ ҲИРОТ ВА ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ

Назари Муҳаммадхоҷа
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар бораи Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва фаъолияти гуногунпаҳлуи вай пажӯҳишоти фишурдаву густардаи бисёре анҷом ёфта ва собиқаи ин таҳқиқотҳо ба замони дар қайди ҳаёт будани худи нависанда бармегардад. Қадимтарин ва нисбатан комилтарин сарчашмаи шарҳи ҳоли Кошифӣ ва таълифоту шахсияти ӯ осори таърихнависи муътабари муосири ӯ Хондамир ба ҳисоб меравад. Ин донишманду адиби тавоно дар китобҳои «Маосир-ул-мулук», «Хулосат-ул-ахбор», «Ҳабиб-ус-сияр» оид ба рӯзгору осор ва фаъолияти илмиву фарҳангии Ҳусайн Воизи Кошифӣ маълумоти ҷолибу зарурӣ дарҷ кардааст. Китобҳои «Маосир-ул-мулук» ва «Хулосат-ул-ахбор», бинобар ин, ки панҷ сол қабл аз марги Кошифӣ навишта шудаанд, фарогири гузоришоти мустақим аз даврони камолу пухтагии Кошифӣ бояд пазируфта шаванд. Китоби «Ҳабиб-ус-сияр» солҳо пас аз марги Кошифӣ таълиф гардида бошад ҳам, матолиби он яке аз маъхазҳои аслии тазкиранависони қадим ва таърихи адабиётшиносии ҷадид буд ва ҳаст, зеро Хондамир бевосита ба шахсияти Ҳусайн Воиз ошно буда, ӯро аз наздик мешинохтааст.

Дигар муаллифони сарчашмаҳои ҳамзамони Ҳусайн Воизи Кошифӣ, ба монанди Амир Алишери Навоӣ, дар тазкираи «Маҷолис-ун-нафоис», Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ», Фахриддин Алии Сафӣ дар «Рашаҳоти айнулҳаёт», Абдулвосеъ Низомии Бохарзӣ дар китоби «Мақомоти Ҷомӣ», Хондамир дар ҷилди ҳафтуми китоби таърихии «Равзат-ус-сафо фӣ сират-ил-анбиё ва-л-мулук ва-л-хулафо» дар бораи шахсияти Ҳусайн Воизи Кошифӣ, равиши зиндагӣ ва осору таълифоти ӯ, аксар ба таври иҷмолӣ ва баъзан нисбатан ба таври ҷомеъ ва муфассал ахбори судманд дарҷ кардаанд.

Шарҳи ҳол ва маълумотҳое, ки аз асарҳои муаррихону тазкиранигорон ва нависандагони муосири Ҳусайн Воиз ба даст меояд, бештар ба ҷойгоҳ ва мақоми илмии адиб бармегарданд. Дар мавриди ҳаёту фаъолияти Ҳусайн Воизи Кошифӣ пажӯҳиши бисёре анҷом дода шудаанд, ки онҳо дар якҷоягӣ тамоми паҳлуҳои рӯзгор ва фаъолияти илмии ӯро фарогир буда, асосан чизи норавшан ва ё нуктаи баҳсноке дар ин мавридро боқӣ нагузоштаанд.

Агарчи Абдуқодирзода Саидмукаррам дар рисолаи доктории худ дар мавзӯи «Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ» менависад, ки «мо дар ягон сарчашмаи асримиёнагӣ ва ё таҳқиқоти донишмандони муосир зиндагиномаи муфассали Ҳусайн Воизи Кошифиро пайдо карда натавонистем» [1, с.12], мавҷуд будани маълумоти дақиқ ва дурусти ҳамзамонони худи Кошифӣ – Хондамир, Амир Алишери Навоӣ, Фахриддин Алии Сафӣ ва ҳамчунин ҷустору пажӯҳишоти мусташриқону муҳаққиқон Шарл Шифер, Ҳазратӣ, Ҷалоли Ноинӣ, Силвестер де Сосӣ, Ҳусейн Хусравҷурдӣ, Маҳдӣ Фарҳонии Мунфарад, Алӣ Аминизода, Муҳаммад Алии Ранҷбар, Мирзо Аҳмадов, Раҳими Мусулмониён, Урватулло Тоиров, Мисбоҳиддини Нарзиқул дар боби зиндагӣ ва рӯзгори Кошифӣ ин иддаои муаллифро зери суол мебарад. Ба ҳамин далел, мо аз додани маълумот дар бораи рӯзгору фаъолияти Кошифӣ худдорӣ карда, дар мавриди таъсири мутақобилаи мактаби адабии Ҳирот ва Ҳусайн Воизи Кошифӣ якчанд нуктаҳои норавшан ва дар айни замон судмандеро баён мекунем.

Марги Темур ва оғози ҳукумати Шоҳрух дар Ҳирот фасли ҷадиде дар ҳаёти дерпойи ин шаҳр эҷод кард. Шоҳрухро яке аз бартарин салотини асри темурӣ метавон донист, зеро ӯ илова бар диёнат ва тақвое, ки бо онҳо шуҳрат дошт, сулҳҷӯву бахшанда, илмдӯст, адабпарвар, ҳунарҳоҳ буд ва харобиҳои зиёдеро, ки сабабгори он юришҳои Темур буд, мараммат ва бозсозӣ намуд [9, с.138; 13, с.572-573].

Баъд аз он ки Шоҳрух бар хилофи Темур ба ҷойи Самарқанд Ҳиротро ба унвони пойтахти худ интихоб кард, ин шаҳрро маркази ҳузури асҳоби илм ва фарҳанг сохт. Бино ба назари аксари муҳаққиқон, даврони фармонравоии Шоҳрух дар Ҳирот муқаддимаи даврони бошукӯҳ ва пуразамате шуд, ки метавон аз он ба унвони «растохези фарҳангии»

аҳди темурӣ ёд кард. Бад-ин тариқ, муқаддимоти наҳзати амалӣ, адабӣ ва ҳунарии бузурге эҷод шуд, ки дар даврањои баъд ба авҷу таолии бемонанде даст ёфт [6].

Дарвоқеъ, шаҳри Ҳирот дар рӯзгори Шоҳрух аз беҳтарин марказҳо ва ба унвони «гулистони пурнақшу нигори Осиё» ва маркази иҷтимоии аҳли илм, дониш ва ҳунар ба шумор мерафт [18, с.21; 10, с.127]. Аз ин рӯ, Ҳофизи Абрӯ, муаррихи шаҳири давраи темурӣ, дар бораи равнақ ва ободонии Хуросон ва ба вижа Ҳирот ашъореро дар соли 1411 сурудааст, ки баёнгари азамати ин шаҳр дар рӯзгори Шоҳрух мебошад:

Гар касе пурсид зи ту, к-аз шаҳрҳо хуштар кадом,
Гар ҷавоби рост хоҳӣ дод ӯро гӯ Ҳурӣ.
Ин ҷаҳон чун баҳр дон, дар вай Хуросон чун садаф,
Дар миёни ин садаф шаҳри Ҳиро чун гавҳаре [2, с.12-12].

Бо ин ҳол равнақ ва ободонии шаҳри Ҳирот танҳо дар сояи таваҷҷуҳи Шоҳрух зуҳуру буруз накард, балки дигар дарбориён ва бавижа ҳамсараш Гавҳаршод низ ба ин масъала таваҷҷуҳ ва иноятии хос дошт ва дар сохтану ба истифода додани биноҳои хайриявӣ, эҷоди марказҳои илмӣ, фарҳангӣ ва мазҳабӣ дар ин шаҳр нақши бориз доштааст [16, с.1087; 14, с.167].

Давраи ҳукумати нисбатан тӯлонии султон Ҳусайн Бойқароро наметавон аз лиҳози сиёсӣ-низомӣ чандон нуқтаи азиме ба шумор овард, аммо дар муқобил ба лиҳози илмӣ ва адабӣ яке аз барҷастатарин ва дурахшонтарин эъсори фарҳангу тамаддуни тоҷикон маҳсуб мешавад, зеро дар замони ӯ дарбори Ҳирот табдил ба яке аз қонунҳои адаб ва ҳунар дар сартосари қаламрави темурӣ шуд. Ҳукумати Ҳусайн Бойқаро дар ин замина таъсири босазое дошт, чаро ки ба ҷуз ҳамла ба ӯзбекон дар авохири ҳаёташ ва исёни фарзандонаш, ки баъд аз солҳои 1496 оғоз шуд, давраи ӯ бо оромиши нисбие ҳамроҳ буд ва ҳимояти густурда аз аҳли фарҳанг бистари муносибе ҷиҳати парвариши улум ва фунуни мумтози ононро фароҳам оварда буд. Ҳамчунин дар ин шукуфоӣ Амир Алишери Навоӣ вазири донишманд ва илмдӯсти Султон Ҳусайн Бойқаро нақши вижае бар уҳда дошт. Дар сояи ин тавҷеҳот Ҳирот табдил ба яке аз марказҳои дурахшони илмӣ ва бистарсози рушди шахсиятҳои барҷастаи ин аср гардид [14, с.89; 5, с.318].

Ҳамин буд, ки дар Ҳирот мадорис, хонақоҳҳо ва китобхонаҳои бисёре фаъолият мекард ва донишмандону олимон аз сартосари ҷаҳони ислом ба он марказ рӯй оварданд ва бад-ин тариқ, ҳимояти дарбори Султон Ҳусайн ва Навоӣ шомили ҳоли онон гардид ва ҳалқаҳои фаровоне аксаран бо ҳузури дарбориён барпо гардид ва дар натиҷа, олимон ва ҳунармандони барҷаста мавриди луфт ва иноятии Султон қарор гирифтанд [12, с.66-67].

Дар давраи 36-солаи фармонравоии Султон Ҳусайни Бойқаро Ҳирот бешакку тардид маркази наҳзатҳои ҳунарӣ ва фарҳангӣ талаққӣ мешуд, ба ҳадде ки бо пешрафтатарин пойтахтҳои аврупоӣ дар қарни вусто баробарӣ мекард. Ободонӣ, имрон ва рифоҳи ин аср ба ҳадде расида буд, ки ҳеҷ як аз воқеанигорон натавонистаанд аз зикри он худдорӣ кунанд. Ин ҳама сабаб шуда буд, то беҳтарин мударрисон, ҳунармандон ва сухандонон дар ин маҳдуд рушд ва ба ҷойгоҳи азими илмиву фарҳангӣ бирасанд [18, с.18-19].

Қазвинӣ дар «Назҳат-ул-қулуб» Ҳирот дар асри Темуриёнро дорои «дувоздаҳ ҳазор дӯкон, сесаду чиҳилу ҳашт ҳазор хона ва сесаду панҷоҳ мадраса ва хонақоҳ» муаррифӣ кардааст [8, с.348].

Суннати ҷамъоварии пешаварон, ҳунармандон ва олимон ва арҷгузорӣ ба илму ҳунар аз Темур ба фарзандонаш низ ба мерос расид. Мирзо Шоҳрух, Бойсунғур Мирзо, Султон Ҳусайн Мирзо Бойқаро ва Улуғбег ва ҳамчунон вазири донишманди Бойқаро Амир Алишери Навоӣ шахсиятҳои фарҳехтае буданд, ки қадру манзалати ҳунар ва илмро амиқан дарк мекарданд ва худ дар яке аз риштаҳои ҳунар ва илм машғулият доштанд.

Султон Ҳусайн Бойқаро, ки худ ба форсӣ ва арабӣ шеър мегуфт, мусалламан аз зарфияти олии ҳунарӣ бархӯрдор буд. Тасодуфӣ нест, ки ин шоҳи илмпарвар ба Мавлоно Ҷомӣ иродати хос дошт ва ҳангоми вуруди Ҷомӣ ба дарбор ӯ аз тахт фуруд меомад ва шоирро дар канори худ ҷо медод [11, с.387].

Амир Алишери Навоӣ ин шоири зуллисонайн дар айни ҳол хаттот ва мусиқидони барҷастаи асри худ буд. Дар дарбори чунин шоҳон ва вазирон табиист, ки ҳунар ва адаб рушд мекунад ва ҳунарманди олим аз қадр ва манзалати дархури эшон бархӯрдор мегардад.

Дар арсаи меъморӣ, хаттотӣ, миниатюрӣ, ҳунари китобсозӣ, таърихнигорӣ, мусиқӣ ва тасниф ҷараёнҳои неруманде арзи ҳастӣ намуданд ва муддатҳо идома доштанд. Шоҳони темурӣ мадорис, хонақоҳ ва китобхонаҳоро мустақиман ё ғайримустақим ёрӣ ва донишмандонро ташвиқи моддӣ ва маънавӣ мекарданд. Дар мадориси он замон донишмандоне ҳамчун Мавлоно Саидуддини Тафтозонӣ, Қутбиддини Чаштӣ, Муҳаммад Тармадии Ҳиравӣ, Ҳофизи Абрӯ, Муиниддин Муҳаммади Воҳӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ тадрис мекарданд [6, с.200-212].

Дар арсаи улуми риёзӣ, ҳикмат, нуҷум ва тиб низ муҳити фарҳангии Ҳирот донишмандони номдоре чун Шарафиддини Омулӣ, Низомиддин Аҳмади Ҷелонӣ, Кошифӣ, Мавлоно Қосим, Хоҷа Неъмат, Ғиёсиддини Муҳаммад, Мавлоно Баҳлул, Дарвеш Алии Табиб ва даҳҳо донишмандони дигарро тарбият намудааст [6, с.215-235].

Тасаввуф дар давраи Темуриён низ бар хилофи давраҳои пешин рӯҳияи созандагӣ дошта, Хоҷа Баҳоуддини Муҳаммад бо шиори «хилват дар анҷуман ва сафар дар ватан» тасаввуфро бо мардум даромехт ва дар хидмати боландагии иҷтимоъ қарор дод. Ҷомӣ – халифаи тариқати нақшбандия дар Ҳироти он замон буда, Султон Ҳусайн Бойқаро, Абӯсаид ва Амир Алишер Навоӣ дар зумраи иродатмандони ӯ буданд.

Китоб ва китобхона дар давраи Темуриён аз чунон ҷойгоҳи бузурге бархӯрдор буданд, ки дар мавриди аҳаммияти он метавон ҷудогона баҳс кард. Дар китобхонаи султонӣ, ки Мираки Наққош ва баъдтар Камолиддини Беҳзод онро идора мекарданд, наққошон ва тазҳибкорони зиёде ба халлоқияти ҳунарӣ мепардохтанд. Дар китобхонаи Амир Алишер Навоӣ низ чунин ҷараёне вуҷуд дошт. Аз осори ҳунарии ин давра, ки ба таври асафангез истеъморгарон аз кишвар берун кардаанд, бештар аз 2500 маҷмӯаи ҳунарӣ дар музейҳои ҷаҳон мавҷуд аст, ки ҳудуди 50-60 маҷмӯа чоп гардидааст [3, с.96-102].

Дар арсаи мусиқӣ рисолаҳои арзишманде тавассути Ҷомӣ, Биноӣ, Миртоз ва Баёнӣ офарида шудааст. Ҳунари наққошӣ дар давраи Темуриён аз чунон азамат ва ҷойгоҳе бархӯрдор аст, ки метавон иддао кард, ки на қабл аз ин давра ва на баъд аз давраи темурӣ аз чунин ҷойгоҳе бархӯрдор нашудааст [12, с.5].

Осори наққошии Мираки Наққош, Мавлоно Ҳоҷӣ Муҳаммад, Қосим Алии Ҳиравӣ ва Махсусан Камолиддини Беҳзод дар авҷи камол қарор дошта, аз ифтихороти ҷовидонаи давраи темуриён маҳсуб мегардад.

Шеър ва адаб, ки дар Моваруннаҳру Хуросон ва Озарбойҷон мароҳили боландагиро тай мекард, дар Ҳирот таҳти ҳимояти Шоҳрух ва шоҳони баъдтар аз вай қарор гирифт. Замони салтанати Шоҳрух давраи рушд ва шукуфоиии адабиёт, аҳди султон Ҳусайни Бойқаро даврони камоли адабии Ҳирот маҳсуб мегардад. Мавлоно Ҷомӣ ва Навоӣ – зимомдорони шеър ва адаб марказиятро аз Моваруннаҳр ва дигар нуқот ба Ҳирот бурданд. Мавлоно Ҷомӣ, Навоӣ, Кошифӣ, Мавлоно Латифӣ, Биноӣ, Осафӣ, Ҳотамӣ, Ҳилолӣ, Суҳайлӣ аз роҳиёни барҷастаи ин корвон буданд.

Бо таваҷҷуҳ ба дастовардҳои азими ҳунарӣ ва фарҳангӣ метавон мутазаккир шуд, ки давраи Темуриён яке аз давраҳои дурахшони адабу ҳунари форсии тоҷикӣ баъд аз Сомониён ва Ғазнавиён аст.

Аммо чӣ гуна дар давраи кӯтоҳ ва садсолаи темуриҳо чунин ренесонсе ба вуҷуд омад ва Ҳироти вайроншуда тавассути Чингиз ва Темур ба унвони «нигини Осиёи Марказӣ» «маркази ренесонси Шарқ» [16, с.7] «қалби Хуросон», «гӯшвораи орини замин», «ситораи Шарқ» [16, с.45] «калиди Осиё» ва «маркази навзоии Осиёи Миёна» [16, с.91] дар арсаи олам табдил ёфт? Пажӯҳишгарон чанд аслро дар ин росто мушаххас кардаанд:

1. Мероси шукӯҳманди гузаштагон. Аз Авесто то Ибни Ҳавқал ва Муқаддисӣ сухан аз азамати Ҳирот овардаанд.
2. Муҳити мусоид. Фазои амни баъд аз Темур ва суннати ҷамъоварӣ ва арҷгузории ҳунармандон тавассути Темур замина ва сармашқе шуд барои шукуфоии Ҳирот ва бузургдошти ҳунару ҳунармандӣ ва илму олим.
3. Фарҳехтагии шоҳон. Шоҳзодагони темурӣ – Мирзо Шоҳрух, Бойсунғур, Султон Ҳусайн ва ҳамчунон вазири ӯ Навоӣ донишманд, шоир, хаттот, ҳунарманд ва ҳатто мусиқидон буданд [17, с.200]. Вақте Ҳусайн Бойқаро дар шеъри дарӣ ва арабӣ бо Мавлоно

Ҷомӣ рақобат мекард, лоҷарам зарфиятеро дошт, ки посдори хирадмандон бошад [9, с.537].

4. Ташвиқи моддӣ ва маънавӣ. Шоҳзодагони темурӣ дар канори рафъи ниёзҳои моддии ҳунармандон ҳар якро мутобиқи шаъну фазилаташон арҷ мегузоштанд. Мегӯянд, вақте Ҷомӣ дар маҷлис дохил мешуд, Султон Ҳусайн ӯро дар канори худ ҷо медод. Ва агар Ҷомӣ дар пойини маҷлис зону мезад, султон аз тахт фуруд меомад ва дар паҳлуи ӯ менишаст.

Чунин вижагиҳо буд, ки адаб ва ҳунар ва маънавиятро дар аҳди Темуриён боланда сохт ва бо ручӯъ ва парвариши нухбагон мактаби адабӣ ва ҳунарии Ҳирот ҳастӣ ёфт ва бузургони бештареро барои рушди истеъдодҳо тақдими таърихи фарҳанги тоҷикон кард.

Мактаби ҳунарӣ ва адабии Ҳирот дар садаи XV ҳамчунон ки саранҷоми фарозманди адаби классикии моро аз сар гузаронид, дар арсаҳои меъморӣ, наққошӣ, хаттотӣ, миниатюрӣ, ҳунари китобсозӣ, таърихнигорӣ, мусиқӣ ва тасаввуф низ ҷараёнҳои нерумандеро ҳастӣ бахшид, ки муддатҳо идома ёфт ва баъд аз он аср дар ин арсаҳо дигар чунин ҷараёнҳои пурқувват ва ба ҳадди бузург эътирофшудае пайдо нагашт.

Шоҳони темурӣ се ҳаста ё ниҳодро барои таҳаққуқи омоли хеш пайрезӣ ва самимона ёрӣ карданд: мадраса, хонақоҳ ва китобхона.

Дар Ҳирот мадрасаҳои мухталиф эҷод гардид, то барои донишмандон ва адибон ва мударрисон пойгоҳе бошад. На танҳо Мирзо Шоҳрух ва Султон Ҳусайн мадрасаҳо сохтанд, балки Мавлоно Ҷомӣ худ низ мадрасаҳоеро таъсис дод ва ба тадриси донишҷӯёни илму адабу ҳунар оғоз намуд. Чунин буд, ки мадориси зиёде ба унвони академияи илмҳои мухталиф дар Ҳирот арзи вуҷуд кард.

Ҳамчунон дар арсаи илмҳои риёзӣ, ҳикмат, нуҷум ва тиб низ муҳити фарҳангии Ҳирот бо донишмандоне чун Мир Миртоз, Шарафиддини Омулӣ ва монанди онҳо муҷаҳҳаз буд [4, с.91].

Темуриён хонақоҳҳо ва лангархонаҳо сохтанд. Аммо тасаввуфи аҳди темурӣ бар хилофи замони баъд аз Чингиз, ки ба қаландарӣ ва инзивогароӣ гароида буданд, рӯҳияи созанда ва ошкоро дошт.

Дар Ҳирот адибони зиёде аз тамоми гӯшаву канорҳои мамлакат ҷамъ шуда, доираи пурқувватеро ба вуҷуд оварданд. “Дар байни адибони Ҳирот парваришёфтагони доираҳои адабии Самарқанд, Табрез, Бухоро ва Марв, Бадахшон ва Ҳисор, Хуҷанд ва Тошканд, Андиҷон ва Хоразм, Қаршӣ ва Балх, Шероз ва Машҳад, Қазвин ва Қум, Шероз ва Нишопур низ вуҷуд доштанд» [4, с.102]. Ва ин сухани муаллифи «Ҳабиб-ус-сияр» ба гунаи фишурда вазъи адабии он рӯзгорро баён менамояд: «Аз ҷумлаи 210 тан шуарои давраи темурӣ фақат 23 тан мутааллиқ ба давраи зиндагии Темур ва боқӣ ҳама мутааллиқ ба давраи бозмондагони ӯ буданд» [14, с.5].

Ҳоло ин суол дар зеҳни мо сар мезанад, ки асоси иллати равнақи фарҳангии ин давра бо таваҷҷуҳ ба ин ки Темуриён охирин солҳои ҳокимияти худро дар Хуросон сипарӣ мекарданд ва дигар аз он иқтидори нахустин бархӯрдор набуданд, чӣ буд? Усулан миёни заъфи иқтидори сиёсӣ бо равнақи фарҳангии ин аҳд чӣ робитае метавон барқарор кард?

Дар посух ба ин пурсишҳо бар асоси мабоҳиси зикршуда метавон гуфт, оромиш ва амният аз иллатҳои нахустини тараққӣ ва рушди фарҳангӣ маҳсуб мегардад ва бо вуҷуди ин ки ҳукумати Шоҳрух ва Султон Ҳусайн нисбат ба даврони Темур аз иқтидори сиёсии чашмгире бархӯрдор набуданд, тавонистанд ҳадди ақал дар муддати ҳукмронии худ амнияти нисбиеро барқарор созанд. Чунонки ба унвони намуна амалкарди Султон Ҳусайн дар заминаи сиёсати хориҷӣ бар асоси тадбирҳои ҳушёрона буд. Ӯ бо ҳамсоягонаш ба гунае рафтор мекард, ки ҳамвора бо онон равобити мусоламатомезе дошта бошад, чаро ки медонист дар чунин шароите сиёсати тавсеаталабӣ ба зарари ӯ хоҳад анҷомид. Аз ин рӯ, ӯ танҳо ба ҳифзи қаламрави худ дар Хуросон кифоят кард.

Дар ин замон табақаи ҳоким тавонист ба дур аз диктаторӣ бо доштани рӯҳияи ҳамдигарфаҳмӣ ва то андозае таҳаммулпазирӣ бо додани озодиҳои фарҳангӣ ва мазҳабӣ ба парвози тафаккурҳоро роҳ кушояд. Мусалламан, дар чунин ҷомеа пешрафти фикрӣ ва фарҳангӣ эҷод мешавад ва дар мисоли ҳамин таърихи ҳукуматдории Темуриҳо метавон ба ин натиҷа расид, ки қуввати фарҳангӣ метавонад сабаби пӯшиши заъфҳои сиёсӣ гардад.

Илова бар ин, метавон баён дошт, ки ҷудоӣ аз амният ва оромиш ва эътои озодиҳои фарҳангӣ ва мазҳабӣ, Султон Ҳусайн ва наздикони ӯ, бахусус Навоӣ дар сохти иморатҳои

омӯзишӣ ва истироҳатӣ таваҷҷуҳи вижае доштанд ва аҳли дониш чӣ аз лиҳози моддӣ ва чӣ маънавӣ мавриди ҳимояти онон буданд.

Бо ин авсоф агар аҳолӣ фикр ва фарҳанги худро ба дарбор наздик намекарданд, қодир ба нишон додани истеъдодҳо ва қобилияти хештан набуданд. Ҳамин тариқ, тамоми ин хусусиятҳо ва ҷозибаҳои Ҳирот буд, ки сабаб гардид, ин шаҳр мавриди таваҷҷуҳи андешамандон ва донишварон ва ҳунармандон қарор гирад ва дар он мактаби Ҳирот дар ду ҳавза – ҳунарӣ ва адабӣ таҷаллӣ кунад.

Ҳирот, ки ҳамеша аз шаҳрҳо ва манотиқи бузурги Хуросон буд ва дар аксари давраҳо пойтахт ва дорулмулуки салотини он маҳсуб мегардид, бо ба сари қудрат расидани Султон Ҳусайни Бойқаро пас аз Абӯсаид, пураҳаммияттарин ва мубаддал ба конуни фарҳанги Хуросон шуд. Ба ҳар рӯй, даврони ҳукумати вопасин ҳукмронони темурӣ дар Ҳирот нуқтаи атф дар рӯзгори фармонравоии темуриён буд, чунонки ба унвони намуна Султон Ҳусайн бо эҳтимом ва таваҷҷуҳи хос нисбат ба ин шаҳр тавонист зимни барҷой ниҳодани номи нек аз худ, манзалат ва равнақи рӯзафзуни Ҳиротро фароҳам намояд, ки билохира воситаи чунин бистар заминаи рушди аҳли фарҳанг ва ҳунар ва бавижа се тан аз бузургони он давра – Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ ва Ҳусайн Воизи Кошифӣ фароҳам оварда [14, с.214-215].

Бо ин ҳол, ҳимоят ва таваҷҷуҳи давлатмардон ва дарбори темурӣ ба аҳли ҳунар ва адабро наметавон сирфан ба алоқаҳои онон иртибот дод ва ҳадафҳои сиёсии аз ин рӯйкард бадастовардаи ононро нодида гирифт. Побарҷо мондан дар арсаи қудрат бавижа дар асре, ки ҳузури қудратманде мавсуф ба Сафавиён бешак аз дағдағаҳои аслии ҳукуматдорони темурӣ буд. Аммо сарфи назар аз дидгоҳҳои сиёсӣ ва ҳақиқатҳои таърихӣ бақо ва ҷовидонагии номи худи ниёкон аз тариқи ҳимоят ва омодасозии заминаҳои рангоранги фарҳангӣ аз сӯйи бархе давлатмардони темурӣ дар ин рушд ва тараққӣ муассир аст, ки намешавад инкор кард.

Бо таваҷҷуҳ ба мавзӯоти матраҳшуда метавон ин пурсишро матраҳ кард, ки оё миёни мавқеияти илмӣ – фарҳангии мумтози Ҳирот ва ҷойгоҳи баланди Кошифӣ пайванде вуҷуд дорад? Ё ба сухани дигар, оё сиёсатҳои эъмолӣ аз сӯйи ҳукмронони як минтақа метавонад заминасози рушд ва боландагии афрод дар ҳавзаҳои гуногун гардад?

Бо нигоҳе ҳамаҷониба ва жарф метавон баён дошт, ки бидуни тардид омилҳои мазкур дар ҳадди қобили таваҷҷуҳе шуҳрат ва эътибори афродро суръат бахшида, ҳаёти ҳунарӣ ва адабии фаъолонро дар ин ҳавза дигаргун мекунад. Агарчи наметавон инкор кард, ки истеъдодҳои зотӣ ва дарунӣ дар канори алоқа ва пушткори афроди худ омили муҳимме дар касби эътибор ва ҷойгоҳи афрод аст, аммо дар баробари ин, омилҳои муҳитӣ ва моддӣ низ ба унвони як омили муҳим бояд мавриди таваҷҷуҳ ва пажӯҳиш қарор гирад.

Шояд битавон афродеро баршумурд, ки истеъдодҳои зотӣ ва дарунии онҳо дар канори пушткор ва алоқаи эшон мӯҷиб шуда, то аз маҳбубият ва мақбулияти зиёде бархӯрдор шаванд, вале ҳар гоҳ омилҳои муҳитӣ ва берунӣ дар канори омилҳои дарунӣ қарор гиранд, бетардид масири пешрафт ва тараққӣ ҳамвортар мегардад.

Бар ин асос бояд ин омилҳоро мукаммали якдигар донист. Худи Ҳусайн Воизи Кошифӣ, нависанда, муфассир, адиб ва суханвари тавоно аз он даста афроде аст, ки бахши қобили таваҷҷуҳе аз шуҳрат ва эътибори иҷтимоии ӯ бояд мадюн ва марҳуни омилҳои берунӣ ва муҳитӣ, аз қабили авзои илмӣ-фарҳангии беназири Ҳирот ва ба иборати дигар, ҳимояти моддӣ ва маънавии ҳокимон ва фармонравоёни донишпарвар ва олимдӯсти темурӣ ва субот ва оромиши сиёсии ҳоким бар Ҳирот донист.

Дар хусуси зиндагонии Ҳусайн Воизи Кошифӣ маълумоти кофӣ ва, пеш аз ҳама, муътамад дар дасти адабиёт бокӣ мондааст. Баъзе аз паҳлуҳои зиндагии Ҳусайн Воизи Кошифӣ, ки ҳанӯз ҳам атрофи он баҳсҳои пажӯҳишгарон тамом нашудааст, ба мисли санаи таваллуд, кай ба Ҳирот расидан ва аз кадом устодоне баҳраманд шудани ӯ, ба худии худи масъалаҳои муҳим ва калидӣ нестанд. Бо ин ҳама, охирин пажӯҳиши фарогире, ки дар мавриди зиндагонӣ ва рушду камолоти Ҳусайн Воизи Кошифӣ сурат гирифтааст, аз ҷониби Абдулқодирзода Сайидмукаррам дар рисолаи доктории ӯ «Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигорӣ дар асри XV» анҷом пазируфтааст.

Маълум аст, ки Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар нимаи аввали асри XV дар Сабзавор ба дунё омада, баъди касби илм ва то андозае ба воизӣ шуҳрат ёфтанаш ба Ҳирот меояд ва то

охири умр ба ҷуз аз як-ду сафари муваққатӣ дар он ҷо монда, солҳои 1504-1505 вафот мекунад.

Дар мавриди ангезаи сафари Ҳусайн Воиз ба Ҳирот фарзандаш Фахриддин Алии Сафӣ дар китоби «Рашаҳоти айн-ул-ҳаёт» чунин мегӯяд: «Мегуфтанд, ки дар санаи ситтин ва самонимиа дар Машҳади муқаддас ҳазрати имоми ҳумом Алиризо, алайҳи-т-таҳийят ва-с-саломро дар воқиа дидам, ки аз равза қадам берун ниҳодам. Азизе дар баробари ман пайдо шуд, бағоят нуронӣ, бо шукӯҳе тамом... Пеши эшон рафтаму салом кардаму ниёзмандии тамом намудам. Ҷавоб дода ва илтифот карда, фармуданд, ки: «Ба ин шаҳр кай омадаӣ?». Гуфтам: «Ду-се рӯз шуд, ки омадаам». Гуфтанд: «Куҷо нузул кардаӣ?». Гуфтам: «Фалон ҷо». Гуфтанд: «Бираву аҳмолу асқоле, ки дорӣ, биёр ва дар манзили мо нузул кун, ки барои ту ҷойи нек муқаррар кардаем». Гуфтам: «Банда шуморо мулозимат накардаам». Фармуданд, ки: «Маро Саъдуддини Кошғарӣ мегӯянд, зуд бошу худро ба манзили мо бирасон». Ин гуфтанду равон шудем ва ман бедор шудам» [7, с.144-145].

Мо дар ин бахши кор ба ҷойи такрор кардани зиндагиномаи Ҳусайн Воизи Кошифӣ маҳз ба паёмади ҳамин сафари ӯ ба Ҳирот ва таъсири Ҳирот ба фаъолиятҳои ӯ дар асоси он чӣ дар бахшҳои гузашта дар мавриди асри темуриҳо, вазъи фарҳангӣ-адабии Ҳирот ва ҷойгоҳи илму маърифат дар Ҳироти даврони Ҳусайн Бойқаро гуфта будем, мепардозем.

Воқеан, таърихи асрҳои миёнаи тоҷикон ва умуман мардуми Хуросону Эрони бузург ва Туркистону Ҳинд давраҳои оромишу осоишро кам дидааст. Ҳамин нукта боис шудааст, ки дар тӯли таърих агар дар ҳар нуктае аз ин сарзаминҳо заминаи рушд ва тавсеаи илму фарҳанг пайдо шавад ва илму дониш дар ҳар куҷо ва аз тарафи ҳар дарбор, ки ҳимоят ва тақвият ёбад, он ҷо аз ҳар гӯшаву канори ин сарзаминҳо донишмандону бузургони илм ва маърифат ҷамъ меомаданд ва ё мехостанд худро ба чунин маҳалле бирасонанд. Мо қаблан ба ин нукта таъкид кардем, ки фазои фарҳангиву илмӣ ва маърифатие, ки дар Ҳироти замони Шоҳрух, Бойсунғур ва Мирзо Ҳусайни Бойқаро ба вуҷуд омад, тӯли таърих ҳамто надоштааст. Бесабаб нест, ки Фредерик Старр дар китоби беназири худ «Маърифати гумшуда» Ҳироти ин давронро ба Ренесонси Аврупо баробар мекунад [13, с.549].

Аз ин рӯ, омадани Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба Ҳирот сарфи назар аз он чӣ фарзандаш нақл мекунад, бо назардошти ҳақиқати таърихии рӯзгори донишмандони мо як амри табиист. Агар бигӯем, ки маҳз ҳамин сафари Ҳусайн Воизи Кошифӣ бузургтарин заминаро барои пуркорӣ ва сермаҳсулии ӯ фароҳам овардааст, заррае ҳам иблоғ нахоҳад шуд. Зеро, бе ёрӣ ва кумаки моддӣ ва дастгирии маънавиву фарҳангии мактаби Ҳирот ва ниҳоди дарбор таълифи ин ҳама асар, ки ба Ҳусайн Воизи Кошифӣ нисбат дорад, амри маҳол мебуд.

Воқеан, мактаби фарҳангӣ-адабии Ҳирот аз ҷиҳати ҳаҷми тавлиди корҳои илмӣ, адабӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ дар тӯли таърихи мо назир надорад. Таълифи фақат худи Кошифӣ дар заминаҳои адаб («Анвори Суҳайлӣ»», «Равзат-уш-шуҳадо», «Ҳотами Тойӣ»), нақди адабӣ (“Бадоеъ-ул-афкор”), тафсири Қуръон («Ҷавоҳир-ут-тафсир ли туҳфат-ил-Амир», «Мухтасар-ул-ҷавоҳир», «Ҷомеъ-ус-ситтин», «Мавоҳиби Алийя»), тафсири аҳодис («ар-Рисолат-ул-алийя фӣ-л-аҳодис-ин-набавийя», «Расоил дар адвору адъия»), нуҷум («Лавоеҳ – ул - қамар», «Маёмин – ул - Муштарӣ», «Қавотиъ – ул - Миррих», «Лавомеъ – уш - Шамс», «Маноҳиҷ – уз - Зуҳра», «Манойиҳ – ул - Уторуд», «Мавоҳиб-уз-Зуҳал»), ахлоқ («Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи муҳсинӣ»), шарҳи адабӣ («Лубоб-ал-маънавӣ», «Лубби лубоб»), илоҳиёт («Марсад-ул-асно фӣ истихроҷ-ил-асмо-ил-ҳусно»), ирфон («Усули нақшбандия»), ҳисоб («Рисола дар илми аъдод»), иншо («Махзан-ул-иншо», «Саҳифаи шоҳӣ») дар зеҳни кас ин суолро бедор месозад, ки чӣ чизе муҷиби ин ҳама сермаҳсулии донишмандони ин мактаб шудааст?

Ба назари мо, чанд омил дар ин амр вуҷуд дорад, ки посӯхгӯйи пурсиши боло буда метавонанд.

Аввал, чунон ки таъкид кардем, дастгирӣ ва ҳимояти ниҳоди дарбор аз илм ва ёриҳои моддии бебозгашт ва беғарази он. Дар гузашта расми дарбор ин буд, ки вақте атрофи худ донишмандон ва аҳли адабро ҷамъ мекард, аз онҳо тақозо дошт, ки мувофиқ ба диду назар ва завқи онҳо ва мутобиқ ба сиёсат ва хостаҳои давлатиашон фаъолияти худро ба роҳ монанд. Аммо дар Ҳироти даврони темурӣ нисбатан ин амр вуҷуд надошт. Дарбор вақте аз бузургони илму адаб ҳимоят мекард, таваққуи мадҳу сано ва васфу ситоиши беҷову баҷои онҳоро надошт. Масалан, асарҳои «Саҳифаи шоҳӣ», «Рисолаи

Ҳотамия», «Махзан-ул-иншо», «Лубоб-ал-маънавӣ» бо хоҳиши дарбор аз ҷониби Ҳусайн Воизи Кошифӣ навишта шудааст, ки худи нависанда дар муқаддимаи ҳар яке аз онҳо аз ин амр огоҳӣ додааст. Аммо ин хоҳиши дарбор на бад-ин поя будааст, ки бар иваз дастгириҳои моддии худро талаб кунад, балки Ҳусайн Бойқаро ҷойи ҳамчунин асарҳоро холӣ ёфта, барои пур кардани ин холигоҳ Кошифиро раҳнамун сохтааст.

Дувум, омили пуркорӣ ва сермаҳсулии мактаби Ҳирот рақобати байни донишмандону олимони он будааст. Чунон ки пештар гуфта шуд, маҳз дар ҳамин мактаб суннати ҷавоб гуфтан ба осори гузаштагон ва ҳамасрони худ ба авҷи таърихӣ расидааст. Ин амр на танҳо дар сухани бадеъ роиҷ буд, балки тазкиранависӣ, таърихнигорӣ, муншаот ё номанигорӣ ҳам дар рақобати шадид қарор доштааст. Падид омадани осори бисёре дар ин замина на бад-он сабаб аст, ки эҳсоси камии ин таълифот ҷо дошт, балки як навъ рақобати пинҳонии худи донишмандону аҳли илму адаб аст.

Аммо бояд таъкид кард, ки рақобати шадиди донишмандони мактаби Ҳирот ба фарқ аз даврони гузашта ва оянда як рақобати солим ва созанда будааст. Таърих дар мавриди ба бухлу ҳасодат ва рақобати душманонаи ҳамдигар дучор гаштани шоирону адибон ва бузургонамон шавоҳиди бисёр дорад, ки ҳатто бузургтарин ҳамосасарои адабиёти асрҳои миёнаи ҷаҳон – Абулқосим Фирдавсӣ аз ин амр ранҷу азобҳои беҳисоб кашидааст. Пас омили солим будан ва созанда будани рақобат дар мактаби Ҳирот чӣ будааст?

Мо дар боло гуфтем, ки ёрии моддии дарбори темурӣ ва махсусан дарборҳои Шоҳрух, Улуғбек ва Ҳусайн Бойқаро ёрии беминнат ва бебозгаште будааст, ки ҳар каси соҳибистеъдод метавонист аз он баҳравар шавад. Аз он ҷо, ки дарбор маҳз ба хотири мадҳу санои худ аз аҳли илму адаб ҳимоят накарда, балки олимону адибонро дар роҳи эҷод озодии комил дода буд, ҳеҷ кас аз беҳимоят ва дастхолӣ мондани худ дар ҳарос набуд ва дар натиҷа фақат бар ин мекӯшид, ки беҳтар ва зеботар аз дигарон асаре биофарад.

Сеюм, омили пуркории мактаби Ҳирот ва аз ҷумла Ҳусайн Воизи Кошифӣ сатҳи бисёр пойини таассуби динӣ дар фазои онвақтаи ин шаҳр буд. Чунон ки Аълохон Афсаҳзод қайд мекунад, ҳаракати Нақшбандия дар Ҳирот, ки дар садри он Абдурраҳмонӣ Ҷомӣ меистод, бисёре аз назарҳои мутаассибонаи равияҳои гуногуни диниро канор зада, бо таҳаммулгароӣ месохт. Ин шеъри Ҷомӣ ҳам дар ин маврид бисёр машҳур аст, ки:

Эй муғбача, аз меҳр бидеҳ ҷоми маям,
К-омад зи низои сунниву шиа қаям.
Гӯянд, ки Ҷомиё, чӣ мазҳаб дорӣ?
Сад шукр, ки сагсунниву харшиа наям.

То имрӯз ҳам дар байни пажӯҳишгарон дар мавриди мазҳаби Ҳусайн Воизи Кошифӣ баҳсҳо идома доранд. Махсусан, пажӯҳишгарони эронӣ дар ин замина бисёр кӯшидаанд, ки шиъа будани ӯро ба исбот расонанд. Аммо дар тамоми осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ, баргирифта аз тафсирҳо ва таълифоти ахлоқиву динии дигари ӯ то «Равзат-уш-шуҳадо» чизе аз таассуби мазҳабӣ ҷой надорад.

Пажӯҳишгари эронӣ Расул Ҷаъфариён дар мавриди зиндагии Ҳусайн Воиз менависад: «Аз он ҷо, ки вай (Ҳусайн Воизи Кошифӣ) гароиши сареҳе дар тасаннуну ташайюъ надошта ва усулан осораш низ дар заминаҳое ҷузъи мабоҳиси имомату вилоят буда, осори ӯ дар саросари манотиқи форсизабон шуюъ ёфтааст» [1, с.23].

Мо медонем, ки нуфуз ва эътибори Абдурраҳмони Ҷомӣ дар мактаби Ҳирот беандоза бузург будааст, пас мантиқан мактаби фарҳангӣ-адабии Ҳирот, ки ҳамагӣ ӯро устоди муршиди худ донистаанд аз таассуби мазҳабӣ орӣ бояд бошад.

Албатта, чунин нест, ки Ҳусайн Воизи Кошифӣ фақат аз мактаби Ҳирот баҳравар шуда, дар муқобил коре барои он анҷом надодааст. Агар аз як тараф, офаридани осори бисёре аз ҷониби ӯ сабаби пуррангтар ва пешрафтатар гаштани мактаби Ҳирот шуда бошад, аз тарафи дигар, маҷлисҳои ваъз ва панду ахлоқӣ ва маҳфилҳои адабии ӯ дар Ҳирот, кори тадрис дар мадрасаҳо ва парвариши шогирдон аз ҷониби Кошифӣ таъсири шахсияти ӯро ба мактаби фарҳангиву адабии Ҳирот ошкор мекунад.

Ҳамин тавр, маълум мешавад, ки агар аз як тараф, истеъдоди беназир ва шавқи беандоза доштани Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба омӯзиш ва андӯхтани илм боиси таълифоти бисёр густардаи ӯ шуда бошад, аз тарафи дигар, мусоидат ва ёрии моддии ниҳоди дарбор ва ҳимояти маънавии мактаби Ҳирот аз тамоми донишмандони ин шаҳр боиси баракоти пурмоя дар офаридани осори Кошифӣ гардидаанд.

Муқарриз: ***Нуриддинова Ш.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ (асрҳои X-XV): автореф. дисс... док. и. фил. (10.01.01) / Саидмукаррам, Абдуқодирзода. – Душанбе, 2020. – 56 с.
2. Абрӯ Ҳофиз Абдуллоҳ ибни Лутфуллоҳ. Зубдат-ут-таворих; тасҳеҳ ва таълиқоти Камол Ҳоҷӣ Саййиди Ҷаводӣ. – Теҳрон: Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, 1372 ҳ.
3. Амирхонӣ Ғуломризо. Таълиф ва тадвини китоб дар китобхонаҳои давраи темурӣ. – Теҳрон, 1379 ҳ. - Фаслномаи «Китоб». - Шумораи 41. - С.96-102.
4. Афсаҳзод, Аълохон. Рӯзгор ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ / Аълохон Афсаҳзод. – Душанбе: Дониш, 1980. – 276 с.
5. Девғулот Ҳайдар Мирзо. Таърихи рашидӣ / Мирзо, Девғулот Ҳайдар; тасҳеҳи Аббоси Қулӣ Ғаффории Фард. – Теҳрон: Мероси мактуб.
6. Иброҳимзодаи Омулӣ. Баррасии сайри таҳаввули таърихии ҳунар дар давраи ҷонишинони Темур: ренесонси ҳунар дар асри темурӣ / Омулӣ, Иброҳимзода. – Қум. Бидуни иттилооти нашр. Бетаърих.
7. Кошифии Сабзаворӣ Фахриддини Алӣ. Рашаҳоти айнулҳаёт / Сабзаворӣ, Кошифӣ; ба кӯшиши Алиасғари Муъиниён. - Теҳрон: Бино, 1365 ҳ.
8. Мир Ҷаъфарӣ, Ҳусайн. Таърихи таҳаввулоти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Эрон дар давраи Темуриён ва Туркмонон / Ҳусайн, Мир Ҷаъфарӣ. – Исфаҳон: Донишгоҳи Исфаҳон, 1388 ҳ.
9. Мирхонд Муҳаммад ибни Ховандншоҳ. Равзат-ус-сафо фӣ сират-ул-анбиёи ва-л-мулук; тасҳеҳ ва эҳтимоми Ҷамшед Каёнфар. – Теҳрон: Асотир, 1385 ҳ.
10. Отобой Бадрӣ. Нигоҳе ба гӯшаҳое аз таърихи Эрон / Бадрӣ, Отобой. – Теҳрон: Дунёи китоб, 1389 ҳ.
11. Фароҳонӣ Мунфарад Маҳдӣ. Пайванди сиёсат ва фарҳанг дар асри заволи Темуриён ва зуҳури Сафавиён. Чопи аввал / Маҳдӣ, Фароҳонӣ Мунфарад. – Теҳрон: Анҷумани осор ва мафохири фарҳангӣ. – 1381 ҳ.
12. Фаррухӣ, Маҳдӣ. Ҳикояти ранг: нигоҳе ба мактаби Ҳирот, шоҳкори аҳди темурӣ / Маҳдӣ Фаррухӣ. - Бидуни иттилооти нашр. Бетаърих.
13. Фредерик Старр. Маърифати гумшуда. Асри тиллоии осиёи Миёна аз истилои араб то Темурланг / Старр Фредерик. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 692 с.
14. Хондамир Ғиёсиддин. Ҳабиб-ус-сияр фӣ ахбори афрод-ил-башар / Ғиёсиддин Хондамир; тасҳеҳ ва таҳшияи Ҷамшед Киёнфар. – Теҳрон: Асотир, 1385 ҳ.
15. Хофӣ Аҳмад ибни Муҳаммад. Муҷмали Фасеҳӣ; тасҳеҳи Муҳсин Ноҷии Насрободӣ. – Теҳрон: Асотир, 1386 ҳ.
16. Ҳабибӣ, Абдулҳай. Ҳунари аҳди Темуриён / Абдулҳай Ҳабибӣ. – Теҳрон: Бунёди фарҳанги Эрон, 1356. – 1018 с.
17. Ҳофиз Абрӯ Абдуллоҳ ибни Лутфуллоҳ. Ҷуғрофиёи Ҳофизи Абрӯ (қисмати рубъи Хуросони Ҳирот); бо кӯшиши Наҷиб Моили Ҳиравӣ. – Теҳрон: Бунёди фарҳанги Эрон, 1379 ҳ.
18. Эътимодӣ Сурури Гӯё. Обидоти нафисаи Ҳирот / Сурури Гӯё, Эътимодӣ. - Кобул: Анҷумани Ҷомӣ, соли 1343.

ТАЪСИРИ МУТАҚОБИЛАИ МАКТАБИ АДАБИИ ҲИРОТ ВА ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ

Ҳусайн Воизи Кошифӣ яке аз бузургтарин суханварони асри XV аст, ки рӯзгору фаъолияташ то имрӯз пажӯҳишгарон ва муҳаққиқони адабиётшиносӣ ва таърихнигориро ба худ ҷалб намудааст. Агарчи рӯзгори ин адиби бузург ба таври васеъ ва ҳаматарафа омӯхта шудааст, аммо масъалаи таъсири мутақобилаи мактаби адабии Ҳирот ва Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз назари пажӯҳишгарон дур монда, дар ин маврид чизи қобили таваҷҷуҳ ёфтан душвор аст. Бо таваҷҷуҳ ба осори бисёр ва дар айни ҳол гуногунҷанбаи Кошифӣ муаллифи ин мақола кӯшидааст, ки пайванди ин сермаҳсулӣ ва пуркории Ҳусайн Воизи Кошифӣ бо мактаби фарҳангӣ-адабии Ҳироти асри XV-ро дарёбад. Зимни баррасии аҳволи мактаби илмӣ-фарҳангии Ҳироти асри Кошифӣ маълум гардид, ки дарбор ҳамчун такягоҳи ниҳодҳои фарҳангӣ ва илмӣ барои пешрафти илм дар Ҳирот саҳми бузург доштааст. Ҳамин ҳимоят ва дастгирии моддӣ ва маънавии дарбор олимон ва донишмандонро имконият додааст, ки масоили маишии рӯзгори худро сарфи назар карда, умри бобаракати хешро ба омӯзиш ва парвариш сарф кунанд. Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз дастгириҳои моддӣ ва маънавии ин мактаб баҳраҳо бурда, бо истифода аз ҳимоят ва пуштибониҳои ниҳоди дарбор умри хешро сарфи илмҳои гуногун менамояд ва дар ин ҷода осори бисёреро ба мерос мегузорад. Аз як тараф, истеъдоди беназир ва шавқи беандоза доштани Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба омӯзиш ва андӯхтани илм боиси таълифоти бисёр густардаи ӯ шуда бошад, аз тарафи дигар, мусоидат ва ёрии моддии ниҳоди дарбор ва ҳимояти маънавии мактаби Ҳирот аз тамоми донишмандони ин шаҳр боиси баракоти пурмоя дар офаридани осори Кошифӣ гардидаанд.

Калидвожаҳо: Ҳусайн Воизи Кошифӣ, мактаби адабии Ҳирот, осор, фазои фарҳангӣ, истеъдод, шавқ.

ОБОЮДНОЕ ВЛИЯНИЕ ГЕРАТСКОЙ ЛИТЕРАТУРНОЙ ШКОЛЫ И ХУСАЙНА ВОИЗА КОШИФИ

Хусайн Воиз Кошифи является выдающимся ученым и литератором XV века. К вопросам жизни и творчества Кошифи до сих пор обращаются многие ученые-литературоведы и историки литературы. Несмотря на наличие огромного количества исследований по поводу литературного и культурного наследия Кошифи, однако, вопрос о взаимовлиянии литературной школы Герата и творчества Кошифи остается по настоящее время незатронутым. Исходя из этого, автор статьи попытался найти ответ на вопрос о влиянии литературно-культурной школы города Герата на многогранное и плодотворное литературно-философское

творчество Хусайна Воиза Кошифи. При жизни Кошифи Герат, как столица династии Тимуридов, был процветающим и довольно развитым городом. Дворец династии Тимуридов, как своеобразный институт культурных и научных учреждений всего Хорасана, внес большой вклад в развитие науки и культуры. Материальная и духовная поддержка двора позволила ученым и культурным деятелям игнорировать проблемы повседневной жизни и проводить активную жизнь в русле научных изысканий и преподавания в учебных заведениях города. Хусейн Воизи Кошифи, находясь в тесной связи с двором, получал материальную и моральную поддержку этой школы, и с помощью и поддержкой двора написал большое количество работ по этике и литературе, а также знаменитый комментарий к Корану именуемой «Мавохиби Алийя». Таким образом, с одной стороны, выдающиеся способности и большое дарование самого Кошифи, а с другой стороны – материальная и духовная поддержка представителей литературной школы Герата стали предпосылками особой популярности и величия личности Кошифи как выдающегося культурного деятеля и ученого своего времени.

Ключевые слова: Хусайна Воиза Кошифи, Гератская литературная школа, произведения, культурное среда, талант, интерес.

MUTUAL INFLUENCE OF HERATHIAN LITERARY SCHOOL AND HUSAIN VOIZ KOSHIFI

Husain Voiz Koshifi is an outstanding scientist and writer of the 15th century. Many literary scholars and literary historians still address questions of the life and work of Koshifi. Despite the presence of a huge amount of research on the literary and cultural heritage of Koshifi, however, the question of the mutual influence of the literary school of Herat and the work of Koshifi remains unaffected to this day. Based on this, the author of the article tried to find an answer to the question about the influence of the literary and cultural school of the city of Herat on the multifaceted and fruitful literary and philosophical work of Husain Voiz Koshifi. During the life of Koshifi, Herat, as the capital of the Timurid dynasty, was a prosperous and fairly developed city. The palace of the Timurid dynasty, as a kind of institute of cultural and scientific institutions of the whole Khorasan, made a great contribution to the development of science and culture. The material and spiritual support of the court allowed scientists and cultural figures to ignore the problems of everyday life and lead an active life in line with scientific research and teaching in educational institutions of the city. Hussein Voizi Koshifi, being in close connection with the court, received the material and moral support of this school, and with the help and support of the court wrote a large number of works on ethics and literature, as well as the famous commentary on the Koran called "Mavohibi Aliya". Thus, on the one hand, the outstanding abilities and great talent of Koshifi himself, and on the other hand, the material and spiritual support of the representatives of the literary school of Herat, became the prerequisites for the special popularity and greatness of Koshifi's personality as an outstanding cultural figure and scientist of his time.

Key words: Husayna Voiza Koshifi, Herat literary school, works, cultural environment, talent, interest.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Назари Муҳаммадхоҷа*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, омӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17

Сведения об авторе: ***Назари Мухаммадходжа*** - Таджикский национальный университет, преподаватель кафедры методики преподавания таджикского языка и литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17

Information about the author: ***Nazari Mukhammadkhoja*** - Tajik National University, lecturer at the Department of Methods of Teaching the Tajik Language and Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 891.550

ФАХРИЯ – ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАФОХУР АЗ ҲУНАРИ ШОИРӢ ВА ХУДОГОҲИИ ЭҶОДӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САЪДИИ ШЕРОЗӢ

Абдуманнонзода Муҳаммадсиддиқ
Донишгоҳи давлатии Данғара

Фахрия чун вижагии назарраси мавзӯии шеъри форсӣ дар эҷодиёти суханварони классикӣ мавриди истифода қарор гирифта, якҷо бо такомулу тараққии шеър мароҳили рушду инкишофи худро тай намудааст. *Фахрия* ба ҳайси истилоҳи адабиётшиносӣ ва хасисаи сухани манзум, чунонки Акбари Беҳдорванд ба таври муъҷаз қайд кардааст, «мубоҳот ба аслу насаб ва ситоиши қудрати шоирии хештан» мебошад, ки шоир аз тариқи анвои гуногуни шеърӣ онро ба судур меовард (1, наваду чаҳор). Маънои луғавии худи вожаи *фахр* ҳам наздик ба истилоҳии он аст, чун он дар кутуби луғат, аз ҷумла дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" ба маънои нозиш, мубоҳот кардан, болидан ба доштани чизе омадааст [7, с.427].

Дар таърихи адабиёти классикии форсу тоҷик шоирони зиёде дар ҳама сабкҳо фахрияро дар эҷодиёти хеш мавриди корбурд қарор додаанд. Шояд аз шумори аввалин намунаҳои фахрия дар шеъри классикии форсу тоҷик битавон суханҳои матбӯи устоди соҳибқирон Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро эътироф кард, ки дар ҷо-ҷойи эҷодиёти вай ва бахусус дар қасидаи "Шикоят аз пирӣ"-яш ба чашм мерасад. Пас аз устод Рӯдакӣ фахрия ё тафохур аз ҳунару истеъдод ва мақому манзалати иҷтимоӣ дар ашъори кулли шоирони баландпоя амсоли Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Аттори Нишопурӣ, Саноии Марвазӣ, Ҷалолуддини Балхӣ, Фахруддини Ироқӣ, Шайх Саъдии Шерозӣ, Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ ва дигар суханварони ҳунарманди адаби форсӣ ба таври назаррас мушоҳида мегардад. Дар эҷодиёти шоирони сабки ҳиндӣ фахрия ба ҳайси яке аз назаррастарин вижагиҳои шеърӣ шинохта мешавад. Ин хасиса махсусан дар эҷодиёти суханварони баноми сабки мазкур – Назирии Нишопурӣ, Соиби Табрезӣ ва Калими Кошонӣ мақоми хосса дорад.

Фахрия ба ҳайси ифодаи махсуси фикр дар ашъори суханварони порсигӯй бо роҳҳои гуногун матраҳ гардида, шоирон тавассути бакоргирии он афкору андешаҳо ва мазомину матолиби мухталифро ифода мекарданд. Аммо, марказитарин мавзӯоти фахрия дар нигоҳ бар ашъори классикон – инҳо фахру нозиш ё мубоҳот аз пояи сухан ва мақоми иҷтимоии хеш мебошанд. Худситоии мақоми иҷтимоӣ ҳам, дар ниҳояти худ, ба ҳунару истеъдоди суханварон тааллуқ мегирад, зеро онон, пеш аз ҳама, тавассути малакаву маҳорати суханварии хеш дар замон ва ҷомеаи худ мақому манзалат пайдо карда, дар муҳити дарборҳо ва миёни мардум мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирифтанд.

Бад-ин тариқ, ин нозишу болиданҳоро метавон тафохури эҷодӣ ва нозиши ҳунарӣ унвон дод. Дар фахрия шоир шинохти муҳаққиқонаи хешро нисбат бар пояи ҳунараш баррасӣ намуда, онро ба таври қиёс, яъне дар муқоиса ба суханони шоирони дигар афзалтару бартар мешуморад. Ҳамин нуқта, яъне шинохти аслии шеър ва ҳунари шоирии худ яке аз нуқоти меҳварӣ дар фахрия ба ҳисоб рафта, дар такя бар он суханвар далелу бурҳонҳои гуногунро дар тафзили истеъдоди хеш нисбат бар ҳунари дигар суханварон меовард. Муҳаққиқ Озод Саидҷаъфаров дар таҳқиқоте, ки оид ба вижагиҳои сабкии яке аз бузургтарин суханварони сабки ҳиндӣ Назирии Нишопурӣ анҷом додааст, ин нуктаро дар иртибот бар фахрия ба таври қобили таваҷҷуҳе қайд намудааст: "Бояд қайд кард, ки фахрияҳо, яъне худтаърифкуниҳои Назирӣ худогоҳии эҷодӣ доранд ва дар маҳдудаи таърифи хушку бемантиқ қарор нагирифтаанд. Бинобар ин, фахрияҳои Назирӣ воситаи ифодаи назар ба шеъри худ ва шинохти сабки худ мебошанд ва, ба дигар маънӣ, худтаърифкуниҳои шоир воситаи шинохти худи вай аз ҳунар ва сабкаш ба ҳисоб мераванд [4, с.105].

Дар эҷодиёти Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ ҳам, махсусан дар ғазалиёти ӯ, фахрия аз мақоми арҷманде бархӯрдор аст ва онро метавон ба ҳайси яке аз назаррастарин хусусиёти сабкии он эътироф намуд. Фахрияҳои Шайх Саъдӣ ҳамчун беҳтарин намунаҳои худситоиҳову воситаи ифодаи ҳунари шоирии вай ба ҳисоб мераванд. Дар эҷодиёти Саъдӣ

фахрия дар жанри ғазали ӯ ҷилваи махсус дорад. Девони ғазалиёти Шайх Саъдиро дар ин маврид метавон маҷмӯаи зебое аз тафохурҳои шоиронаи вай қаламдод кард.

Зимнан, қайд кардан бамаврид аст, ки фахрия – ба ҳайси ифодаи махсуси фикр дар иртибот бар чигунагии ҳунари шоирӣ дар ғазалиёти Шайх Саъдӣ бо гунаҳои вижа матраҳ гардидааст. Вижагии якум дар ин бобат зебоии фикр ва қудрати неруи мухаййила, яъне тахайюлоти шоирии Саъдӣ аст, ки тавассути он вай тавониста тафохуроти шоиронаи хешро бо зеботарин ваҷҳе тарсиму тасвир намояд. Насируддини Тусӣ дар асари маъруфи худ «Асос-ул-иқтибос» шеърро, аслан, иборат аз неруи тахайюл зикр карда, ин неруро мабдаи шеър донистааст ва зикр намудааст, ки ҳар он чӣ ифодакунандаи тахайюле бошад ва дар он бар асари ин неру зебойие ба вуҷуд оварда шавад, он шеър аст [6, с.342, 586].

Дар аксари фахрияҳои Шайх Саъдӣ ҳам қудрати неруи тахайюл мушоҳида мешавад. Саъдӣ тавониста, ки дар тафохуроти шоирона ва нозишҳои ҳунарии хеш тахайюлотеро тарсим намояд, ки дархури ҳунари на ҳар шоир аст. Баъзан дар фахрияҳои шоир тафохури шоирона чунон нозук ифода гашта, ки гоҳо хонанда онро дарк наменамояд ё бар асари хондани он эҳсосоти нохушоянде дар хештан пайдо намегардад. Аз ҷумла абёти зерин аз зумраи ҳамин қабил тафохуроти малеҳу нозук ба ҳисоб мераванд:

Чашми Саъдӣ дар умеди рӯйи ёр
Чун даҳонаш дурфишонӣ мекунад.
Ҳам бувад шӯре дар ин сар бехилоф,
К-ин ҳама ширинзабонӣ мекунад [8, с.276].

Чунонки дида мешавад, дар фахрияи боло таърифоти шоир аз ҳунари хеш ба таври махсус анҷом пазируфтааст, Саъдӣ якбора ҳунари хешро таъриф накарда, тавассути “чашм” ва “шӯри сар” руҷӯъ ба тафохур намудааст.

Дар байти зерин Саъдӣ фахрияро тавассути “гиристани шамъ” ва “хандидани наззорагиён” матраҳ кардааст, ки дар натиҷаи ғайбати Саъдӣ ба вуҷуд омадаанд:

Маҷлиси ёр чу бе нолаи Саъдӣ хуш нест,
Шамъ мегиряду наззорагиён механданд [9, с.202].

Дар тахайюли Саъдӣ гиристани шамъ, ки киноят аз фироқи шамъ дар ёди шоир (агарчи он аслан киноят аз гирён шудан ва рӯшноӣ додани шамъ аст) ва хандидани наззорагиён, ки киноят аз мазоҳу масхараи ҳуззори маҷлис аст (ба ин маънӣ, ки маҷлис бе ҳузури Саъдӣ ширину маза ё обе надорад), мӯҷиби тафохури вай гардидаанд.

Тахайюли Саъдӣ баъзан ҷиҳати тафохуроти ҳунарияш фарози арзишҳои дунявӣ убур менамояд. Ӯ дар ин маврид имдод аз биҳишту тааллуқоти он меҷӯяд, балки онҳоро дар қиболи булбуле ҳамчун худ ҳақир мешуморад. Масалан, ӯ дар фахрияи зерин худро булбуле таъриф менамояд, ки ҳатто дар биҳишт ҳамсони он вуҷуд надорад ва мегӯяд, ки кош дар боғу бӯстони биҳишт булбуле монанди Саъдӣ вуҷуд медошт:

Кош, боре боғу бӯстонро, ки таҳсин мекунанд,
Булбуле будӣ чу Саъдӣ бо гуле чун рӯйи дӯст [8, с.217].

Яке аз вижагиҳои фахрияҳои ғазалиёти Шайх Саъдӣ дар он ҷилвагар мегардад, ки баъзан онҳо чандин абётро дар бар гирифта, то ба байти ихтитомӣ – мақтаъ имтидод ёбанд. Ин ҳолат, масалан, дар ғазале, ки шоир бо матлаи “Бод омаду бӯи анбар овард, Бодом шукуфа бар сар овард” суруда, дида мешавад. Дар ғазали мазкур, ки аз 10 байт иборат мебошад, оғоз аз байти 8-ум то байти мақтаъ фахрияи шоир корбаст шудааст. Вижагии ин абёти фахриявӣ дар он инъикос мегардад, ки тахаллуси шоир дар байти оғозини он (на дар мақтаъ) истифода гардидааст. Аммо вижагии асосии абёти мазкур дар татовури васоити тасвир мунъакис мегардад, чун дар он навъҳои гуногуне аз санъатҳои бадеӣ ба таври басо моҳирона корбаст шудаанд:

Саъдӣ, дили равшанат садафвор
Ҳар қатра, ки хӯрд, гавҳар овард.
Ширинии духтарони табъат
Шӯр аз мутамаййизон бароварад.
Шояд ки кунад ба зинда дар гӯр,
Дар аҳди ту ҳар кӣ духтар овард [8, с.251].

Санъатҳои бадеӣ тафохуроти шоиронаи Саъдиро боз ҳам зеботару муассиртар намуда, онҳоро ҷолибтару ҷаззобтар гардонидаанд. Хусусияти назарраси фахрияҳои Шайх Саъдӣ ҳам ҳамин корбурди бас таъсирбахшу ҳунармандонаи васоити тасвири бадеӣ

амсоли истиораву ташбеҳ, киноявy тамсил ва монанди инҳо мебошад. Чунончи дар абёти фахриявии фавқуззикр ибораи “дили равшан” истиораи киноӣ, “садафвор” ташбеҳи сареҳ (чун шоир дили равшанашро ба садаф шабеҳ кардааст), “гавҳар” киноят аз шеъри ноб, “духтарони табъ” истиораи киноӣ, “шӯр баровардан” ҳам муболиға ва ҳам киноя, “зинда дар гӯр кардан” – кинояти тамсилӣ аз ривояти аъроби ҷоҳилият, ки духтарони худро зинда дар гӯр мекарданд.

Истифодаи мутааддид аз васоити тасвири бадеӣ фахрияҳои Саъдиро боз ҳам зебо гардонида, ҷанбаи бадеӣ-эстетикии онҳоро басо зиёд намудаанд. Бо ин ки баъзан дар як фахрия шоир чандин санъати тазайюнии суханро корбаст намудааст, аммо ин тазоюди истифода аз васоити мазкур ба ҳеҷ вақт бар зебоии он костагӣ ворид насохтааст. Аз ҷумла дар абёти фахриявии зерин корбурди санооте амсоли истиора, ташбеҳоти музмару сареҳ, ташхис ва киноят аз як сӯ авомили зебоӣ, аз сӯйи дигар, таъсирбахшоии суханони шоирро ба бор овардаанд:

Саъдӣ, андоза надорад, ки чӣ ширинсуханӣ,
Боғи табъат ҳама мурғони шакаргуфторанд.
То ба бӯстони замират гули маънӣ бишукуфт,
Булбулон аз ту фурӯ монда чу бутеморанд [8, с.270].

Чунонки дида мешавад, ҳар ду байти фавқ ҷанбаи худситоӣ дошта, бар тафохури ҳунарии шоир иртибот доранд. Дар ин худситоӣ шоир васоити тасвири бадеиро ба ҳайси василаи ситоиш қарор додааст. Аз ҷумла, *боғи табъат, бӯстони замир* ва *гули маънӣ* – санъати истиора, *мурғони шакаргуфтор* – ташбеҳи зимнӣ ё пӯшидаву музмар, ибораи мазкур дар навбати худ санъати ташхис (чун булбулон гуфтор надоранд ва гуфтор танҳо ба инсон хос аст), *бишкуфтани гули маънӣ* – киноят аз эҷоди мазомини бикр, *булбулон* – киноят аз суханварони хушқареҳа, *фурӯ мондани булбулон* – киноят аз боз мондани онон аз суханварӣ, *чу бутемор* (фурӯ мондани булбулон) ташбеҳи кушод ё сареҳ ба ҳисоб меравад, ки тавассути адод матраҳ гардидааст.

Яке аз вижагиҳои қобили таваҷҷуҳ дар фахрияҳои Саъдӣ – ин тарзи малеҳ ва нозуки гуфтор мебошад. Дар аксари фахрияҳои Саъдӣ афкори фохиронаи вай дар ғояти камол ва ниҳояти зебоӣ матраҳ гардидаанд, ки махсус бар ҳунари шоиронаи танҳо ӯянд. Муҳаққиқи эронӣ Абдулҳодии Қандил яке аз вижагиҳои асосии жанри ғазалро дар истифодаи калимоти хуш ва маонии равон зикр намудааст, ки қобили таваҷҷуҳ аст [2, с.167]. Дар ғазалиёти Шайх Саъдӣ ҳам, бахусус дар абёти фахриявии шоир вожаҳову ибороти зебову равон ба таври вижае чида шуда, маониву мазомини умумии матни ғазалиёти ӯро боз ҳам зеботар менамоянд. Аз ҷумла дар байти зерин Саъдӣ ба гунаи бас малеҳу нозук сухани худро киноятан марвориди гӯшҳои маъшуқ қаламдод намуда, зебоии маъшуқро хосса дар ҳолати дар гӯш кардани ин марворид бештар ҳисобидааст:

Сухани Саъдӣ бинӯшӣ, ки ту худ зебоӣ,
Хосса он вақт ки дар гӯш кунӣ марворид [8, с.294].

Дар байти зер бошад, Саъдӣ бо назокати махсус дар диёраш паҳну машҳур шудани суханонашро бо чунин тарз баён кардааст:

Оташи ишқат зи фикр меҷаҳад андар вуҷуд,
Оби равонат зи табъ меравад андар диёр [8, с.305].

Дар фахрияи поён худ ва маъшуқро ба тарзи басо малеҳ мавриди ситоиш қарор додааст:

Манам имрӯзу ту ангуштнамои зану мард,
Ман ба ширинсуханӣ, ту ба накуӣ машҳур [8, с.309].

Малоҳатгуфториҳои Саъдӣ дар аксари маворид дар омезиш бо воситаҳои тасвири бадеӣ малоҳату таъсири дигаре пайдо менамоянд. Масалан, дар байти зерин ҳамин ҳолат ба назар мерасад. Саъдӣ таъсири суханони худ бар дигаронро ба таври малеҳ тавассути истиораҳои “гӯши қабул”, “дафтари ваъз” ва ташбеҳи “дафи тар” баён намудааст:

Ҳар кӣ ба гӯши қабул дафтари Саъдӣ шунид,
Дафтари ваъзаш ба гӯш ҳамчу дафи тар шавад [8, с.292].

Яъне, ҳар он ки суханони Саъдиро аз рӯйи ихлосу муҳаббат шунавад ё хонад, ҳамчун дафи тар дар ҳолати шарму хиҷолат монад.

Фараҳ Ниёзкор бар девони ғазалиёти Шайх Саъдӣ шарҳу тавзеҳоти хубе навишта, дар муқаддимаи шарҳномаи шоир нубуғи забонии Саъдиро иборат аз суҳулат, сароҳат ва

садоқат донистааст [3, с.36]. Он чӣ муҳаққиқи мазкур дар мавриди нубуғи забонии Шайх Саъдӣ оварда, қобили қабул аст. Дар ин маврид метавон назокати гуфтор ё малоҳат дар тарзи баёнро дар иртибот бо забони Саъдӣ илова намуда, ки аз хусусиёти нишондодаи муҳаққиқи эронӣ фарқияти назаррасе дорад. Бо малоҳату назокат пардохтани тафохуроти шоирона ва нозишҳои ҳунарӣ дар ғазалиёти Шайх Саъдӣ мукаррар ба чашм мерасанд. Аслан, саропойи маҷмӯаи ғазалиёти Саъдӣ мамлу аз малоҳатгуфториву нозукбаёнӣ аст, аммо ин равиш хосса дар абёти махсуси шоир, ки бештар дар қисмати мақтаоти онҳо истифода шуда, эҳсос мешавад.

Масалан, дар ин ғазал мавзӯи он тавсифи зебоии маъшуқ буда, Саъдӣ дар байти охири он, бе он ки мавзӯи тавсифи ёрро қатъ кунад, ба таври марғубе фахр аз гуфтори ширини худ менамояд ва онро *дур* ва *зар* меномад:

Саъдиё, гуфтори ширин пеши он кому даҳон,
Дур ба дарё мефиристӣ, зар ба маъдан мебарӣ! [9, с.34].

Робитаи фахрияҳои навъи дувуми ғазалиёти Саъдӣ бо муҳтавои асосии он мустақим набуда, шоир онҳоро дар дохили мақтаи ғазал ҷойгузин намудааст ва дар бисёр мавридҳо вазифаи ҳусни мақтаъро иҷро менамоянд. Аз ҷумла дар байти зерин, ки дар яке аз ғазалҳои шоир ҳукми мақтаъро дорад, ҳамин хусусият ба назар мерасад, зеро байти мазкур бо мундариҷаи умумии ғазал, ки иборат аз баёни ниёзмандиҳои ошиқонаи Саъдӣ аст, робитаи мустақим надорад. Шоир дар он якбора санъати гурезро ба кор бурда, аз баёни ниёзмандӣ ба ситоиши хеш пардохтааст:

Сухан ширин ҳамегӯӣ ба рағми душманон, Саъдӣ,
Вале бемори истисқо чӣ донад таъми ҳалворо [9, с.59].

Дар фахрияҳои Саъдӣ иддаои хушқареҳагӣ ва сухантирозӣ дар мадди аввал қарор доранд. Ба василаи ин иддао шахси шоир ва ҳувияти адабии ӯ инъикос гашта, сабку қареҳаи шоирии вай мавриди тавсиф қарор мегиранд. Фахрияҳои Саъдӣ мазмуну мундариҷаи холисона доранд. Дар онҳо Саъдӣ танҳо руҷӯъ ба шахси худ менамояд ва ба танқиду таҳқири шахсияти дигар шоирон намепардозад. Агарчи дар аксари фахрияҳои шоир мубоҳоту муболиға мақоми назаррас доранд, вале дар ин маврид ҳам Саъдӣ сарҳади эътидолу меъёрро рахна наменамояд. Ҷанбаи латофати гуфтору нозукадоӣ дар ҷамеи фахрияҳои шоир ба таври назаррас ҷилвагар мебошад. Ин ҷиҳат сабаб мегардад, ки хонанда дар фахрияҳои шоир муболиғаву мубоҳотро он қадар эҳсос наменамояд. Вуҷуди муболиғаву мубоҳот дар фахрияҳои шоир ҳам, аз сӯйи дигар, арзандаи суханони ширину латифи ӯянд ва дар баробари ҳунари шеърпардозии вай то ҷое ноаён ҳам ҳастанд; зеро он чӣ Саъдӣ тавсифу таъриф аз шеъри худ менамояд, ҳақиқати воқеӣ дорад ва ҳама онро эътироф менамоянд.

Як хусусияти фахрия, махсусан фахрияҳои Шайх Саъдӣ дар он инъикос мегардад, ки аксари онҳо дар қисмати мақтаи ғазалҳо мавриди корбурд қарор гирифтаанд. Ҳамин малоҳатгуфторӣ дар фахрияи мақтаоти ғазал баъдан дар ашъори шоирони бузурги ғазалсаро, аз ҷумла Шайх Камоли Хуҷандӣ ва Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ мавриди пайравӣ қарор гирифта, зинати ғазалҳои ононро бештар намудааст. Аз ҷумла, дар байти зерини Хоҷа Ҳофиз, ки ҳукми фахрияи қисмати мақтаъро дорад, камоли малоҳатгуфторӣ эҳсос мешавад, чун бар асари ин тарзи гуфтор худситоии шоир басо кам эҳсос мешавад:

Кас чу Ҳофиз накушод аз рухи андеша ниқоб,
То сари зулфи суханро ба қалам шона заданд [10, с.34].

Яке аз вижагиҳои дигари корбурди фахрия дар матни ғазалҳои Саъдӣ дар абёти мобайнии ғазал, қабл аз байтҳои ихтитомии он истифода кардани он мебошад. Ин хасисаро метавон яке аз ибтикороти шоирии Шайх Саъдӣ талаққӣ кард, чун дар ғазалиёти аксари шоирони ин жанр фахрия чун анъана дар аксари маворид дар қисмати мақтаъ корбурд мешуд. Аммо дар девони ғазалиёти Саъдӣ абёти зиёдеро метавон пайдо намуд, ки мавзӯи онҳо ба тафохуроти шоирона ва нозишҳои ҳунарӣ бахшида шуда ва дар абёти ғайримақтаӣ истифода гардидаанд. Аз ҷумла абёти зерин, ки аз се ғазали алоҳидаи шоир мебошанд, ба фахрия тааллуқ дошта, ба абёти ихтитомии ғазал рабте надоранд:

Мутриби ёрон, бигӯй ин ғазали дилпазир,
Соқии маҷлис, биёр он қадаҳи ғамгусор [8, с.305].

Ва:

Шунидаӣ, ки мақолоти Саъдӣ аз Шероз,

Ҳамебаранд ба олам чу нофаи хутанӣ [9, с.231].

Ва:

Манам имрӯзу ту ангуштнамои зану мард,
Ман ба ширинсуханӣ, ту ба некуӣ машҳур [8, с.309].

Дар интиҳо бояд зикр намуд, ки дар фахрияҳои Шайх Саъдӣ се нуктаи муҳим мушоҳида мешаванд: 1) неруи қавии тахайюли шоирона дар матраҳ кардани мавзӯи тафохуроти ҳунарӣ; 2) корбурди зиёд аз васоити тасвири бадеӣ ҷиҳати таъмини ҷанбаи ороишӣ-эстетикӣ; 3) малоҳату нозукии гуфтор дар ситоишҳои ҳунари шоирӣ. Ҷуз аз нуктаҳои мазкур агарчи дар матни ашъори Саъдӣ нукоти дигар ҳам мушоҳида мешаванд, чунончи чанде аз онҳо дар мақола зикр гардидаанд, аммо онҳо бастагӣ бо сохтору шакли абёти фахриявии шоир доранд, ки ба ҷиҳати мавзӯъ ниёз бар таҳқиқоти ҷудогунаву густурдатарро доранд.

Муқарриз: ***Пирхонова Қ.*** – номзади илмҳои филологӣ, ДДД.

А Д А Б И Ё Т

1. Беҳдорванд, Акбар. Муқаддима / Акбари Беҳдорванд // Зухурии Таршезӣ. Девони ғазалиёт. - Теҳрон: Интишороти “Мавло”, 1388 ҳ.ш. - С. навад – яксаду сиву чаҳор.
2. Қандил, Асъод Абдулҳодӣ. Фунуни шеъри форсӣ / Асъод Абдулҳодии Қандил; тарҷумаи Фотима Сӯҳонфикр. - Теҳрон: Андешаи ҷавон, 1369. - 302 с.
3. Ниёзкор, Фараҳ. Шарҳи ғазалиёти Саъдӣ / Фараҳ Ниёзкор. - Теҳрон: Ҳурмус, 1396 ҳ. - 1488 с.
4. Саидджафаров О.Ш. Стиль персидско-таджикской газели в XVI- XVII вв. (на примере творчества Фигани, Назири и Саиба): дисс. д-ра филол. наук: 10. 01. 03 / О.Ш. Саидджафаров. - Душанбе, 2015. - 300 с.
5. Саъдӣ. Куллиёт; мусаҳҳеҳ: Муҳаммадалии Фурӯғӣ. - Теҳрон: Паймон, 1380. - 1000 с.
6. Тусӣ, Насириддин Муҳаммад ибни Муҳаммад ал-Ҳусайн. Асос-ул иқтибос; ба тасҳеҳи Мударриси Разавӣ. Чопи савум. - Теҳрон: Донишгоҳ, 1361. - 631 с.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ). - М: Советская энциклопедия, 1969. - Ҷ. 2. - 948 с.
8. Шерозӣ, Саъдӣ. Куллиёт / Саъдии Шерозӣ.- Ҷилди I. Мураттиб ва муаллифи сарсухан: Саҳобиддин Сиддиқов.- Душанбе: Адиб, 1988.- 430 саҳ.
9. Шерозӣ, Саъдӣ. Куллиёт / Саъдии Шерозӣ; мураттибон: Саҳобиддин Сиддиқов, Назира Қаҳҳорова. - Душанбе: Адиб, 1989. – Ҷ.II. - 414 с.
10. Шерозӣ, Хоҷа Шамсуддин Муҳаммад Ҳофиз. Девон / Хоҷа Шамсуддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ. - Теҳрон: Интишороти “Ҳофиз”, 1369 ҳ. - 440 с.
11. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-аҷам. Дар 5 ҷилд / Шиблии Нуъмонӣ. - Теҳрон: Меҳр, 2337 ҳ. - Ҷ.5. - 190 с.
12. Шамисо, Сирус. Сайри ғазал дар шеъри Форсӣ / Сирус Шамисо. - Теҳрон: Фирдавс, 1380ҳ. - 185 с.
13. Фурӯғӣ, Муҳаммадалӣ. Саъдӣ ва осори ӯ. Муқаддима / Муҳаммадалии Фурӯғӣ // Саъдӣ. Куллиёт. - Теҳрон: Паймон, 1380. - С.5-13.
14. Футӯҳӣ, Маҳмуд. Балоғати тасвир / Маҳмуд Футӯҳӣ. - Теҳрон: Сухан, 1385. – 461 с.
15. Хонларӣ, Парвиз Нотил. Вазни шеъри форсӣ / Парвиз Нотили Хонларӣ. - Теҳрон: Донишгоҳ, 1367 ҳ. - 304 с.

ФАХРИЯ - ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАФОХУР АЗ ҲУНАРИ ШОИРӢ ВА ХУДОГОҲИИ ЭҶОДӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САЪДИИ ШЕРОЗӢ

Фахрия барои шоирони классикии форсу тоҷик - ин воситаи таърифу ситоиш аз ҳунари шоирӣ ва василаи ифодаи худогоҳии эҷодӣ ба ҳисоб меравад. Дар фахрия шоир назари хешро нисбат ба пояи суханварияш мутамарказ гардонида, ҳунару истеъдоди шоирии худро дар маърази ситоиш қарор медиҳад. Фахрия дар шеъри классикӣ бештар дар жанрҳои қасида, маснавӣ, ғазал ва хусусан жанри охир истифода мешуд. Дар эҷодиёти ғазалсароёни бузурги адабиёти классикии форсу тоҷик фахрия – чун василаи ситоиш аз ҳунару истеъдоди шоирӣ ҷилваи махсус дорад. Ин хусусиятро дар ашъори намояндагони ҳама сабкҳои адабӣ: хуросонӣ, ироқӣ ва ҳиндӣ метавон ба таври басо назаррас пайдо намуд. Дар эҷодиёти Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ ҳам, ки аз чеҳраҳои намоёни сабки ироқӣ ва яке аз бузургтарин ғазалсароёни кулли адабиёти форсӣ ба шумор меравад, фахрия мақоми хос дорад. Дар иртибот бар ин, фахрияро метавон ба ҳайси яке аз назаррастарин вижагиҳои сабкии эҷодиёти Саъдии Шерозӣ эътироф кард. Дар фахрияҳои Саъдӣ, чанд нукта қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Якум, ин ки дар фахрияҳои Саъдӣ тахайюл ва фикрбофиҳои шоирона мақоми назаррас доранд. Дар абёти тафохурӣ шоир афкору мазоминеро банду баст дода, ки бас зебову ҷолибанд ва маҳсули эҷоди худи шоир ба ҳисоб мераванд. Дувум, дар худситоиҳои Саъдӣ тарзи баёни махсуси фикр мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар ин маврид корбурди бас ҳунармандона аз васоити тасвири бадеӣ ба чашм мерасанд. Ташбеҳу истиораҳои зебо, ташхису киноя, муболиға, талмеҳ ва дигар санъатҳои пардози сухан бар фахрияҳои шоир ҳусни бештар афзуда, онҳоро марғубтару ҷолибтар намудаанд. Саввум, дар фахрияҳои Саъдӣ лаҳни гуфтор ва оҳанги мулоим ба таври муассир эҳсос мегарданд. Саъдӣ бо зеботарин тарз тафохур аз ҳунари шоирии хеш намудааст, ки намунаҳои онҳоро дар ашъори дигар шоирон бисёр кам метавон вохӯрд. Дар ин маврид Саъдӣ кӯшида, то тавассути худситоиҳои малеҳонаи хеш ба кибру ғурур, ки боиси ранҷишу малоли хонандагон мегардад, роҳ надиҳад.

Калидвожаҳо: Саъдии Шерозӣ, ғазал, фахрия, худогоҳии эҷодӣ, тафохур аз ҳунари шоирӣ, тахайюли шоирона, гуфтори малеҳ, санъатҳои бадеӣ, ташбеҳ, истиора, киноя, талмеҳ.

“ФАХРИЯ” – КАК СРЕДСТВО ВОСХВАЛЕНИЯ ПОЭТИЧЕСКОГО МАСТЕРСТВА И ТВОРЧЕСКОГО САМОСОЗНАНИЯ В ГАЗЕЛЯХ САДИ ШИРАЗИ

По словам автора статьи, “фахрия” (самовосхваление) для персидско-таджикских поэтов-классиков является средством восхваления поэтического мастерства и способом выражения творческого самосознания. В “фахрии” поэт, концентрируя взгляд на стихосложении, выставляет как бы на показ своё поэтическое мастерство. “Фахрия” в классической персидской поэзии в большинстве своем использована в жанрах касыды, месневи и газели. В творчестве выдающихся мастеров жанра газели “фахрия” – как средство восхваления поэтического дара представляется по-особому. Эту особенность можно выявить в творчестве почти всех представителей трёх известных стилей классической персидско-таджикской литературы: хорасанский, иракский и индийский стили. Как отмечает автор, в творчестве Шейха Муслихаддина Саади Ширази, являющегося видным представителем иракского литературного стиля и одним из выдающихся мастеров жанра классической персидской газели, “фахрия” имеет особое место. В этой связи “фахрия” можно признать одной из самых заметных стилевых особенностей творчества Саади. В “фахрии” Саади,- отмечает автор,- некоторые черты привлекают особое внимание. Первое, в его “фахрии”-самовосхваление поэтическое воображение имеет особое место. В восхвалительных бейтах Саади описываются красивые и привлекательные смыслы и мотивы, являющихся плодами его поэтического воображения. Второе, в “фахрии” поэта использован особый метод выражения мысли. В нём мастерски применены средства художественного изображения. Привлекательные сравнения и метафоры, персонификации и метонимии, преувеличения, указания и другие средства поэтического описания, послужив еще большему украшению “фахрии” поэта, удвоивают их привлекательность. Третье, в “фахрии” Саади ощущается особый тон и изящная мелодия. Саади должным образом восхваляет свое поэтическое мастерство, примеры которых можно редко встретить в творчестве других поэтов. В своих “фахриях” Саади, нежно и изящно восхавляя себя и свой поэтический дар, старается избегать эгоистических мыслей.

Ключевые слова: Саади Ширази, газель, фахрия, поэтическое самосознание, восхваление поэтического мастерства, поэтическое воображение, нежное выражение, художественное искусство, сравнение, метафора, метонимия, указание.

"FAKHRIYA" - AS A MEANS OF PRAISING POETIC SKILL AND CREATIVE SELF-AWARENESS IN THE GAZELLES OF SAADI SHIRAZI

According to the author of the article, honor for classical Persian and Tajik poets is a means of praise for the art of poetry and a means of expressing creative self-awareness. In honor, the poet focuses on the basis of his speech and praises his poetic skills. glorious in classical poetry was mostly used in the genres of satirical poem, poetry consisting, lyric poem and especially the last genre‹ In the works of the great lyric poem singers of classical Persian and Tajik literature, pride has a special place as a means of praise for the poetic art and talent. This feature can be found in the poetry of all literary styles: Khorasani an, Iraqi and Indian. As the author points out, in the works of Sheikh Muslihiddin Saadi Sherozi, who is one of the prominent figures of the Iraqi style and one of the greatest lyric poem singers of all Persian literature, honor has a special place. In this regard, honors can be considered as one of the most notable features recognized the creative style of Saadi Sherazi. In Saadi's poems, the author notes, there are a few points of interest. First of all, imagination and poetic ideas have a significant place in Saadi's poems. In the verses of contemplation, the poet wraps up the thoughts and ideas, which are very beautiful and interesting and are the product of the poet's own creation. Second, in Saadi's self-praise, a special way of expressing thought is used. In this case, the use of bass art can be seen from the means of artistic depiction. Beautiful allusions and metaphors, allusions and allusions, exaggerations, allusions and other arts of speech are the pride of the poet. more and more, making them more interesting and appealing. Thirdly, in Saadi's poems the tone of speech and soft tone are effectively felt. Saadi described the art of poetry in the most beautiful way, the examples of which can rarely be found in the poetry of other poets. At the same time, Saadi tried not to allow the arrogance of his readers through his arrogant boastfulness.

Key words: Saadi Shirazi, gazelle, fakhriya, poetic self-awareness, praise of poetic skill, poetic imagination, gentle expression, art, comparison, metaphor, metonymy, indication.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдуманнонзода Муҳаммадсиддиқ*** - Донишгоҳи давлатии Данғара, муаллими калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷик. **Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Данғара, кӯч. Марказӣ, 25. E-mail: **abdulmanonzoda92.@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-29-74-74**

Сведения об авторе: ***Абдулманнонзода Мухаммадсиддик*** - Дангаринский государственный университет, старший преподаватель кафедры таджикского языка и литературы. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, ул. Маркази, 25. Тел.: **(+992) 985-29-74-74**

Information about the author: ***Abdulmannonzoda Muhammadsdiddik*** - Dangara State University, Senior Lecturer for the Tajik language and literature department. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Markazi, Str., 25. E-mail: **abdulmanonzoda92.@mail.ru.** Tel.: **(+992) 985-29-74-74**

УДК: 891.55

МАВҚЕИ ҲАҶВ ДАР ЭҶОДИЁТИ ҒАФУР МУЛЛО

Раҳмонов М.Б.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Ҳаҷвнигорӣ дар адабиёти тоҷик таърихи қадима дошта, то имрӯз мавқеи худро нигоҳ доштааст. Ҳамин аст, ки донишманди маъруфи тоҷик Воҳид Асрорӣ таъкидан чунин гуфтааст: «Ҳаҷв дар адабиёти тоҷик таърихи дуру дарозе дорад. Муайян кардани таърих ва хусусияти ба худ хосси ин намуди адабӣ дар фолклор, дар адабиёти пеш аз инқилоб, дар адабиёти муосири тоҷик ҳар кадом кори махсуси илмӣ – тадқиқотӣ ва хеле муҳим мебошад» [1, с.235].

Дар осори Ғафур Мулло (1922 - 1992), ки аз солҳои 50-уми асри гузашта ба майдони эҷод ворид гардида, ҳатто аз рӯзҳои нахустини эҷодӣ ба офаридани осори ҳаҷвӣ маъруфияти хосса касб кардааст, ашъори ҳаҷвӣ мавқеи назаррас дорад.

Шоири халқии Тоҷикистон Ашӯр Сафар ба фаъолияти эҷодии Ғафур Мулло баҳои арзанда дода, ӯро на танҳо дар офаридани шеърҳои лирикӣ боистеъдоду тавоно, балки дар эҷоди ашъори ҳаҷвӣ низ яке аз шоирони бомаҳорати давр донистааст: «Ӯ (Ғафур Мулло – М.Р.) на танҳо шеърҳои лирикӣ мегӯяд, инчунин дар эҷоди шеърҳои ҳаҷвӣ низ маҳорат дорад» [4, с.47].

Ашъори ҳаҷвии Ғафур Мулло инъикоскунандаи камбудию норасоиҳои рӯзгор, хислатҳои ношоистаи одамӣ ва дигар нуқсонҳои ҷомеа буда, ин аъмоли нописанд аз тарафи шоир бо суханҳои таҳдор, бо рамзу киноятҳои ҷолиб тасвиру мазаммат шудаанд. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки Ғафур Мулло дар офаридани осори ҳаҷвӣ низ дасти тавоно доштааст.

Солҳое, ки шоир дар рӯзномаю маҷаллаҳо ҳамчун рӯзноманигор фаъолият мекард, тавассути рӯзномаҳои даврӣ ва маҷаллаи маъруфи ҳаҷвии – «Хорпуштак» ҳамвора ашъори ҳаҷвии ӯ ба чоп расида, пешкаши хонанда мегардид.

Соли 2018 бо кӯшиши профессор Ҳасани Муродиён ва инҷониб маҷмӯаи ашъори ҳаҷвию бачагонаи Ғафур Мулло бо номи «Булбул, бисаро!» аз чоп баромад. Албатта, чопи маҷмӯа иқдоми хайру савоб буда, ашъори ҳаҷвии он бори дигар тасдиқ менамояд, ки Ғафур Мулло дар офаридани осори ҳаҷвӣ маҳорати хуб дорад: «Дар шеърҳои ҳаҷвии шоир (Ғафур Мулло – М.Р.) талаботи нисбат ба ҳаҷв роиҷбудаи адабиёти шӯравӣ ба назар расад ҳам, дар аксари ин шеърҳо маъниҳои нав, тахайюли шоирона ва хулосабарории мантиқан саҳеҳ дида мешавад. Ин мисолҳо дар якҷоягӣ ҷаззобият ва муассирии ҳаҷви шоирро афзудаанд ва водораш кардаанд, ки дар ҷамъбасти андешаву муҳокимаҳояш ба навпардозӣ даст ёбад» [9, с.3].

Махсусияти мундариҷавию услубии ҳаҷви Ғафур Муллоро тасвир ва танқиди хулқу атвори ношоями одамони бадкирдору зишт ташкил додаанд, ки шоир мехоҳад тавассути ин гуна шеърҳои ошкорсозандаву ислоҳҷӯёнаи худ шахсиятҳои бадгӯю бадкор, ношукру носипос, манфиатҷӯю тамаллуқпеша, дурӯяву дурӯғгӯйро ба ростию растагорӣ, ҳақиқату инсондӯстӣ ҳидоят намояд: «Ҳаҷви Ғафур Мулло гоҳо танқидӣ, гоҳо истеҳзоомез ва дар мавриди дигар маҳкумкунанда аст. Аммо, дар маҷмӯъ, ҳадафи шоир ислоҳи камбудиҳои ҷомеа ва тарбияи инсонҳост» [9, с.3].

Муҳаққиқ Фарҳод Шафиев оид ба махсусиятҳои шаклию мундариҷавии ашъори ҳаҷвии Ашӯр Сафар чунин мегӯяд: «Шоир дар шеърҳои ҳаҷвияш одамони бепарво, мусолиҳакор, муғамбиру танбал, хушомадгӯю тамаллуққор, коргурезу лаганбардор, булҳавасу оилабезор ва умуман, шахсонеро, ки ба пешрафти кору зиндагии ҷомеаи инсонӣ халал мерасонанд, ҳадафи тири танқид қарор додаст» [15, с.82].

Бешубҳа, гуфтан мумкин аст, ки гуфтаҳои болоии муҳаққиқ Фарҳод Шафиев ба ашъори ҳаҷвии Ғафур Мулло низ татбиқшаванда мебошад.

Шоир дар шеъри «Сарбор шудӣ» касонеро, ки тамоман таҷрибаи корӣ надошта, ҳатто аз зинаву дараҷаҳои корӣ нагузашта, фаҳмишу фаросати корӣ надоранд ва ба воситае мансабҳои болоро соҳиб гардидаанд, ба зери тозиёнаи танқид кашидааст:

Бесар будӣ ту, валек сардор шудӣ,
Нокас будӣ ту, ки мардумозор шудӣ.

Дар панҷаи рӯзгор озах шудӣ боз,
Андар сари раҳ чу буттаи хор шудӣ [9, с.51].

Қобили зикр аст, ки ашъори ҳаҷвии Ғафур Мулло бо оҳанги сурудҳои ҳазломези халқӣ эҷод шуда, аз кинояву тамасхур, ибораҳои пурзарофат ва суханҳои нешдору намакин ороставу пероста шуда, ин ороятҳои адабӣ муҳтавои ашъори ҳаҷвии шоирро рангин намудаанд. Масалан, шоир дар шеъри «Муш гӯш дорад» - и худ одамонеро, ки ба суханчинию хабаркашӣ, дурӯягию ҷосусӣ машғуланд, мазаммату сарзаниш намудааст:

Аз халқи бузургам ин мақол аст,
Дар зиндагӣ панди безавол аст:
«Девори шикаста муш дорад,
Мушест дар он, ду гӯш дорад» [3, с.160].

Аз мутолиаи шеъри боло пай бурдан мумкин аст, ки шоир донандаи хуби мақолу зарбулмасалҳои халқӣ мебошад ва тамоми осори худ, махсусан, ҳаҷвиёти худро дар асоси адабиёти шифоҳию хаттии мардумӣ офаридааст. Шоир дар шеъри фавқуззикр аз санъати тазмин моҳирона истифода намудааст, яъне дар байти дуюми шеър шоир зарбулмасали маъмули **«Девор муш дорад, муш гӯш дорад»** - ро дар шакли «Девори шикаста муш дорад, Мушест дар он ду гӯш дорад» истифода бурдааст.

Дар шеъри «Порахӯр» шоир касонеро, ки аз пайи нафси худ ҳаросон, дар ҷустуҷӯйи пора саргардон ва фармонбари балои нафсанд, танқиду мазаммат намуда, онҳоро ба калхоти лошахӯр шабоҳат додааст:

Аз пайи нафсаш ҳаросон порахӯр,
Баҳри пора боз сарсон порахӯр…
Ту қанотак мезанӣ дар боли нафс,
Ҳамчу калхоте шитобон, порахӯр [9, с.53].

Шеъри зерини шоир низ ба ҳамин мазмун иншо шудааст:

Бандаи ҳирсию шайтон, порахӯр,
Ришва меҷӯйӣ ҳаросон, порахӯр.
Аз қафои нафс то мурдан давӣ,
Мисли калхоте шитобон, порахӯр
Шуд хари тозӣ буҷулат, эй лаин,
То ба кай монӣ ту ин сон, порахӯр [9, с.54].

Дарвоқеъ, касони порахӯру тамаъкор ҳамеша ба чизу чора ва молу ҷоҳи мардум ҳарисона менигаранд, ҳатто аз ғаспи моли ночизи гадою бечорагон рӯй намегардонанд.

Дар шеърҳои «Дар сояи аграном», «Шикоятнома», «Ваъдабоф», «Балои нафс», «Бетараф», «Хабаркаш», «Корам кашола» ва монанди инҳо шахсони танпарвар, дурӯя, туҳматчӣ, танбалу коргурез ва лаққию серҷоғ мавриди танқиду масхара қарор гирифтаанд.

Ғафур Мулло соҳибдилиро ба сарватпарастӣ, сиратро ба сурат, ҳақиқатро бар дурӯғ муқобил гузошта, талош меварзад, ки дар мамлакат ростию ҳақиқатнигорӣ, инсондӯстию мардумпарварӣ ҳукмфармо бошад. Шоир хислатҳои манфии одамонро ба зери тозиёнаи танқид мегирад, то ки ҷамъият аз нопокҳо, мардумфиребон, пулпарастон ва бефитратон озод гардад. Шоир дар шеъри «Арзи говҳо» шахсони соҳибмансаб, холабеғам, бепарво, манфиатҷӯй ва қаллобу ҳаққимардумхӯрро дар мисоли мудири фермаи ҳарису тамаъпеша, бепарвою манфиатҷӯ, ки дар фикри боигарии худу хароб кардани анбори давлат ва талаву тороҷ кардани моликияти ҷамъиятист, бо истифода аз санъати ташхис аз забони худи ҷонварон чунин мазаммату сарзаниш намудааст:

Ҷонварони шохдорем, эй мудири камнамо,
Лек чун мурғобӣ мегардем дар «кӯл» - и шумо.
То миёни мост оғилхонаҳо аз обу лой,
Бепарасторем мо дар кунҷи оғилхонаҳо.
Сад дареғ, аз ҳоли мо доим ҳастед бехабар,
Лоғару камқувватем аз гӯшнагӣ мо доимо [9, с.45].

Маълум аст, ки ҳарисию тамаъпешагӣ, манфиатҷӯию мардумфиребӣ аз хислатҳои манфуртарини одамӣ ба ҳисоб мераванд ва Ғафур Мулло низ ба рафтори ин гуна одамон бо чашми нафрат нигариста, онҳоро дар шеъри худ мавриди танқиду мазаммат қарор додааст.

Шоир дар шеъри «Ҳарфи ноҳақ» касонеро, ки аз ҳақиқатгӯйӣ дур монда, ноҳақию фитнаҷӯиро пешаи худ кардаанд ва ин амали онҳо боиси ранҷишу малоли дигарон мегардад, чунин гуфтааст:

Чаро ғамгин будам дирӯз, ёрон,
Чаро пешонии ман танг гардид?
Парешон шуд чу боде хотири ман,
Ту гӯйӣ, чеҳраам камранг гардид.
Чаро? – Пурсед аз ман гар, бигӯям:
– Шунидам ҳарфи ноҳақ аз забоне [3, с.152].

Дақиқан гуфтан мумкин аст, ки Ғафур Мулло офаридани осори ҳаҷвиро аз устодони маъруфи адабиёти муосири тоҷик, ба мисли устод Садриддин Айнӣ, Абдусалом Деҳотӣ ва чандин тани дигар омӯхта, дар ин самт ба онҳо пайравӣ намудааст. Махсусан, шоир ҳангоми мутолиаи ашъори рангину баландмояи гузаштагон агар аз як ҷиҳат, маҳорати шоирии худро сайқал дода бошад, аз тарафи дигар, аз муъҷизакориҳои устодони маъруфи адабиёти гузаштаи миллати худ мафтун гардида, ба ашъори баъзеи онҳо мухаммасу назираҳо навиштааст. Ба ин гуфтаҳо шеъри ҳаҷвии «Гуфт, ки ҳарду»- и шоир дар пайравӣ ба ғазали маъруфи Шайх Камоли Хуҷандӣ эҷод шуда, дар он унсурҳои назира то қадри имкон риоя шудааст.

Агар Камоли Хуҷандӣ ёри худро сутуда бо лутфу назокат аз бевафоии ӯ гиллагузорӣ карда бошад, пас Ғафур Мулло дар шеъри худ хислатҳои пасту ношоистаи одамӣ, аз қабили қаллобию ҳиллагарӣ, булҳавасию дарбадарӣ, майхорагию майзадагӣ, туҳматпешагию фитнагариро мавриди танқиду ҳаҷв қарор додааст:

Гуфтам: пакарӣ, ё ҳакарӣ? – Гуфт, ки ҳарду,
Қаллоб ва ё ҳиллагарӣ? – Гуфт, ки ҳарду.
Гуфтам, ки ту овора шуда хонабадӯшӣ,
Ё булҳавасу дарбадарӣ? – Гуфт, ки ҳарду.
Гуфтам, ки сари риштаи савдои сарат ку?
Ё майзада ё дарди сарӣ? – Гуфт, ки ҳарду.
Гуфтам, ки чаро ҳарфи ғараз гӯӣ ба мардум?
Туҳматчиӣ ё фитнагарӣ? – Гуфт, ки ҳарду.
Гуфтам, ки туро дом бувад дидаю гӯшат,
Дар зиндагӣ ё кӯру карӣ? – Гуфт, ки ҳарду [9, с.50].

Аз шеъри боло маълум мегардад, ки Ғафур Мулло дар офаридани осори ҳаҷвӣ маҳорат дошта, предмети асосии тасвир ва танқидро дар ин шеърҳо хислатҳои манфури одамӣ ташкил медиҳад. Шоир кӯшиш намудааст, ки бо ин гуна тасвироти ҳаҷвии худ дар дили хонанда нисбат ба ин қабил одамон нафрату адоват парварад.

Ғафур Муллоро яке аз шоирони бомаҳорати ҳаҷвнигори тоҷик номидан мумкин аст, чунки ҳаҷвиёти ӯ созгор ба табъу завқи хонандаанд.

Шоир дар шеъри «Ба сар зад» ҳолату аҳволи майпарастонеро, ки аз майнӯшии зиёд дар пойи худ рост истода натавониста, афтону хезон роҳ мераванд, тасвир намудааст:

Шудам ҳайрони рафтори арақнӯш,
Парид аз дидани ӯ аз сарам ҳуш.
Канори раҳ ба пушт афтида буд ӯ,
Ба чангу хоки раҳ ҷӯлида буд ӯ.
Ҷаҳиду хест аз ҷояш банохост,
Паланги бешае гӯӣ ту бархост.
Хурӯшон шуд, дарахтеро ба сар зад,
Ҳамоно дар чуқурии дигар зад [9, с.43].

«Дар солҳои 80-уми асри гузашта камбудию норасоиҳои иҷтимоию иқтисодӣ тамоми соҳаҳои ҷомеаро фаро гирифта буд, – мегӯяд муҳаққиқ Фарҳод Шафиев, – дар ин айём ашъори ҳаҷвии Ашӯр Сафар низ гуногунпаҳлу ва серҷабҳа мегардад» [15, с.89]. Ғафур Мулло ҳам, ки фарзанди замони худ буд, ҳамчун шоир баробари ҷомеа қадам монда, ба ҳама бурду бохт ва шикастурехти он бо назари амиқ менигарист. Аз ин рӯ, як қатор ашъори ҳаҷвии шоир ҳаёти фарҳангии мардумро дар худ таҷассум намуда, камбудию норасоиҳои соҳа мавриди ҳаҷву танқиди шоир қарор гирифтаанд. Ба ин гуфтаҳо шеъру манзумаҳои ҳаҷвии шоир ба мисли «Булбул, бисаро!», «Гуфт: Омин», «Шоиртарош» ва

монанди инҳо мисол шуда метавонанд, ки дар охирҳои солҳои 80-уми қарни гузашта суруда шуда, тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла ҳаёти фарҳангии ҷомеаро фаро гирифтаанд.

Масалан, шоир дар шеъри «Булбул, бисаро!» касонеро танқиду мазаммат намудааст, ки тамоман донишу ҳунари овозхонӣ надошта, аз худ дастаи ҳунарӣ сохтаанд. Онҳо дар тӯю маъракаҳои мардум баромад мекунанд ва ба ин васила маблағи муфт ба даст оварда, зиндагии худро пеш мебаранд:

Булбул бисаро, ки акка шақ - шақ дорад,
Қурбоққа тамоми рӯз вақ - вақ дорад.
Посурхака бин, нишаста дар кундаи бед,
Бо нӯли дарози хеш тақ - тақ дорад.
З - ин нағма ба рақс омада лак - лаки маст,
Қарсакзание қумрии аҳмақ дорад.
Ёрон, ба чунин намоиши бемаънӣ
Нафрат бикунад агар касе, ҳақ дорад [9, с.36].

Шоири халқии Тоҷикистон Ашӯр Сафар ба ашъори ҳаҷвию ибратбахши Ғафур Мулло баҳои баланд дода, аз ҷумла шеъри мазкурро чунин шарҳу маънидод намудааст: «Ин шеър («Булбул, бисаро!» – М.Р.) хело пеш гуфта шуда бошад ҳам, ҳанӯз нав аст. Хонанда аз мутолиаи он ҳофизони тӯйгардро, ки аз беҳунарӣ дастаи ҳунарӣ сохта, аз пайи даромади муфт метозанд, пеши назар меорад» [4, с.48].

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки шоир дар офаридани осори ҳаҷвӣ низ маҳорат дошта, шеъри мазкурро бо истифода аз санъати ташбеҳ, киноя ва тавсиф иншо намудааст. Инчунин, нақшофарии парандагону хазандагон дар сурати тамсил ва овозу гӯйиши онҳо ҳамчун калимаҳои тақлидии **шақ - шақи** акка, **вақ - вақи** қурбоққа, **тақ - тақи** посурхак ба шеър оҳангу равонии хосса бахшидаанд.

Шоир дар шеъри «Шоиртарош» касонеро, ки аз қоидаҳои одитарини шеъру шоирӣ огоҳ набуда, мехоҳанд шеър нависанду ба шоирӣ ном бароранд, мавриди ҳаҷву мазаммат қарор додааст:

Гуфт: мехоҳам, ки шеър иншо кунам,
Сатрҳоро кардаам пайванду соз.
Гарчи маънӣ нест, аммо сатрҳо
Мисли арғамчини бобоям дароз.
Бандубастам нест ҷорӯби фарош,
Маънии шеърам магӯед дилхарош.
Шоирӣ гар кори ҳар фарзона нест,
Ҳарчи бодо, ман шудам шоиртарош [9, с.87].

Умуман, дар ашъори ҳаҷвии шоир ашхоси беҳунару худнамо, ҳавобаланду бекорагард ҳадафи аслии ҳаҷви шоир қарор гирифта, ба ин васила тири ҳаҷви шоир нишонрас гардидааст.

Зимни таҳлилу баррасии ашъори ҳаҷвии шоир маълум гардид, ки як қатор шеърҳои шоир бо истифода аз санъатҳои тамсилу ташхис эҷод шудаанд. Ба ин гуфтаҳо манзумаю шеърҳои ҳаҷвии «Шикояти ғӯза», «Арзи говҳо», «Зоғе буд», «Тақсими сайд», «Шуъла ва дуд», «Ҷонварон», «Мор ва каждум» ва монанди инҳо мисол шуда метавонанд, ки бо забони содаю равон, вале ҳадафрасу таъсирбахш иншо шудаанд. Масалан, шоир дар шеъри «Зоғе буд» аз санъати тамсил истифода кардааст. Дар шеър зоғ ба монанди инсон ба сухан медарояд, даъвою ҳавобаландӣ мекунад, бо овози баланд **қар - қари** худро аз садою овози маҳини булбули хушилҳон боло шумурда, худро сарвари мурғону соҳиби боғу бӯстон медонад:

Як зоғ ба кунҷи боғ қар- қар мекард,
Бо қар - қари худ гӯши ҳама кар мекард.
Мегуфт гаҳе: – Булбули хушлаҳҷа манам!
Гаҳ таъна ба парвози кабӯтар мекард.
Он зоғаки дилсиёҳ худро ба чаман,
Бар ҷумлаи мурғакон сарвар мекард.
Бо ин ҳама кару фару бо дағдағаҳош,
Наззора ба захми сағрии хар мекард [3, с.156-157].

В той мере, в какой газель служит примером переводимости лирики, она процветает в контексте культурного пересечения. Русско-персидская газель оживает в многоязычных встречах, поскольку она противостоит «стремлению сгладить мировую литературу и сделать ее монологичной» с жизненным опытом переводимых текстов. Хотя настоящее обсуждение касается гибридной формы, которая, как мы увидим, скорее русская, чем персидская, тем не менее необходимо в общих чертах обрисовать контуры классического персидского жанра, который служит его источником вдохновения и в некотором отношении его прототипом.

Чтобы исследовать более глубокие структурные и эстетические проблемы, стоящие на кону в лирической переводимости необходимо дать анализ газели архетипического персидского лирического поэта Хафиза с нескольких сторон: реконфигурация (пространства и времени), порядок стихов и роль припева, придающего стихам последовательность, которая намекает на работу рифмы в европейских языках, но в конечном итоге расходится с ней. Обсуждаемая газель принадлежит к жанру персидской поэтики «вопрос и ответ «савалваджаваб»» - он построен как диалог между поэтом и его возлюбленной. Говоря о реконфигурации пространства и времени газели, что отражено в ее первом стихе:

(Я сказал, что страдаю из-за тебя. Он / она сказал: «Твои страдания пройдут. Я сказал: « Стань моей луной ». Он / она сказал: « Да взойдет луна », мой друг. Я сказал: « Узнай обычай верности от любовников »). Она сказала: «Среди лунолицых такое бывает редко».

Особая трудность перевода этой (и любой другой) газели связана с местоимением третьего лица, которое в персидском языке не имеет родовой принадлежности. Я использовал раздвоение «он / она», чтобы передать эту внутреннюю двойственность и предвидеть последующие российские столкновения. Хотя такой перевод неправелен с точки зрения художественного перевода, он напоминает нам о двусмысленности персидского оригинала и о проблемах, которые он создает для лирической переводимости. Отнюдь не отчуждающий читателя, общий и нерешенный статус говорящих имеет эффект обобщения пространства, которое их окружает. Он генерирует текст на пересечении абстрактных знаков и материальных пространств. Основа для переводимости лирики уже активирована внутри самой газели, благодаря двусмысленности гендерных разделений.

Этот вступительный диалог, который следует формату традиционного жанра «вопрос-ответ», воспроизводится в ряде вариаций в последующих стихах. Диалог Хафиза между двумя влюбленными продвигается вперед из-за напряжения между ними, которое находится в мире абстрактных знаков и невосприимчиво к любым внешним процессам и временным движениям. Стихи действуют в подвешенной географии, занятой только двумя

влюбленными, что противоречит повседневным условностям пространства и времени. Абстракция от внешнего мира характеризует эту литературную форму.

Абстракция от пространства и времени, очевидная в этом диалоге влюбленных, формализована через последовательность, которая определяется слуховыми качествами, а не тематикой. содержание стиха. Эта особенность, которая поддерживает аргумент Джонатана Каллера о том, что лирика «более открыто демонстрирует свою фигуру, свое риторическое постулирование вместо аргумента или демонстрации», является второй составляющей чертой газели Хафиза, которая позже была передана русским поэтам девятнадцатого и двадцатого века. веков.

Персидская лирика в русскоязычной среде второй половины XIX века и первой половине XX века, оказалась особенно благоприятна для ассимиляции в русском языке, т.е. радиф как основа персидской лирики и поэтический прием, который, как мы уже упоминали выше поэт С. Есенин начал использовать для расширения возможностей русской поэтики.

Одна из наиболее отличительных и узнаваемых черт персидской поэтики, радииф вошел в историю литературы в отличие от арабских поэтических норм. В XII веке н.э. персидский поэт-критик Рашид ад-Дин Ватват посвятил особый раздел своего риторического трактата «Сады магии в нюансах поэзии» объяснению этого литературного приема. Определяя радииф как «слово или более одного слова, которое повторяется после рифмующегося слова», Ватват отметил, что арабы «не используют радиифы, за исключением недавних новаторов, демонстрирующих свою виртуозность». Возводя радииф к золотому стандарту поэтического совершенства, Ватват добавил, что талант (таб) и превосходство (бастат) поэта «становятся очевидными, когда он сочиняет стихи с радиифом».

В то же время, когда формализация радиифов в рамках литературно-критической традиции была провозглашена Ватватом, персидские поэты все чаще обращались к этому литературному приему для развития ресурсов персидского литературного языка в том виде, в каком он сам себя определял, против - и внутри - жанров и норм арабской поэзии. . Технически радииф - это формальный прием, который следует за рифмованной буквой (известной по-персидски как рави) и закрывает каждую двустишию в классическом персидском стихе. Он повторяется сразу после рифмующейся буквы, дважды в первом двустишии и в конце каждого последующего. Radif действует как рифма, усиливая звучание стиха.

Помимо технической виртуозности, которую он дает, радииф важен с точки зрения сравнительной поэтики: он связывает форму с содержанием и бросает вызов распространенным представлениям о том, «что можно собрать и удержать» в пространстве одного стихотворения. Семантическая рифма широко используется в русской поэзии, как и во многих европейских поэтических традициях. Тем не менее, радиф продвигает идею семантической рифмы на один шаг вперед, делая ее доминирующей чертой стихотворения и расширяя ее за пределы отдельной словарной единицы.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Акимова, Н.Н. Ф.В. Булгарин в литературном контексте первой половины XIX века: автореф. дис… д-ра филол. наук: 10.01.01 / Н.Н. Акимова. – Спб, 2003. – 24 с.
2. Булгарин, Ф.В. Сочинения Фаддея Булгарина / Ф.В. Булгарин. – Спб, 1830. - Часть 5. – 226 с.
3. Гумилев, Н. Дитя Аллаха / Н. Гумилев [Электронный ресурс] Электронное собрание сочинений. Режим доступа: https://gumilev.ru/plays/5
4. Каганович С.Л. Русский романтизм и Восток / С.Л. Каганович. - Ташкент: Фан, 1994. - 113 с.
5. Рахманов, Б.Р. Персидско-таджикская литература в контексте русско-восточных литературных связей первой трети XIX века: монография / Р.Б. Рахманов. – Душанбе: РТСУ, 2020. – 325 с.
6. Рахмонов Б.Р. Проблемы русско-восточных литературных связей в контексте творчества В. А. Жуковского и Д.П. Ознобишина. Монография / Р.Б. Рахманов. – Душанбе: РТСУ, 2015. – С.70-77.
7. Саади, М. Гулистан. Памятники литературы народов Востока / М.Саади; критический текст, перевод, предисл. и примеч. Р.М. Алиева. – М.: Издательство Вост. лит-ры, 1951. – 233 с.
8. Саади Шерази. Бустан / Шерази, Саади; перевод В. Державина; сост., предисл. и комм. Р. Алиева. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 450 с.
9. Самадова, З.С. Традиции персидско – таджикской назидательной литературы в учебниках Льва Толстого: автореф. дисс. … канд. филол. наук / З.С. Самадова. – Душанбе, 2000. – 22 с.

10. Томилова, Н.А. Мотив дервишества в русской литературе: на материале творчества Сухбата Афлатуни, Тимура Зульфикарова, Александра Иличевского: диссертация ... кандидата филологических наук: 10.01.01 / Н.А. Томилова; [Место защиты: Моск. гос. ун-т им. М.В. Ломоносова]. - Москва, 2014. - 181 с.
11. Хамидова, Н.Ш. Некоторые вопросы художественного перевода поэзии в современной таджикской литературе: на примере переводческой деятельности Лоика Шерали и переводов его поэзии на русский язык: диссертация ... кандидата филологических наук: 10.01.03 / Н.Ш. Хамидова; [Место защиты: Худжан. гос. ун-т им. Б.Г. Гафурова]. - Худжанд, 2009. - 167 с.
12. Холмухамедова Н.Н. Русско – восточные литературные связи в первой трети XIX века (Восток и декабристы) / Н.Н. Холмухамедова // Закономерности развития русско-восточных литературных связей (сборник научных статей). – Душанбе: ТПИРЯЛ им. А.С. Пушкина, 1992. 3 – 22 с.
13. Целикова, Е.В. Пародийная личность А.А. Фета в творчестве поэтов "Искры": диссертация ... кандидата филологических наук: 10.01.01 / Е.В. Целикова. - Череповец, 2007. - 267 с.
14. Шабанова, Н.А. Традиционное и индивидуальное в семантической структуре символа: На материале символа роза в русской поэзии: диссертация ... кандидата филологических наук: 10.02.01 / Н.А. Шабанова. - Саратов, 2000. - 231 с.
15. Хафиз Ширази. Сборник сочинений / Ширази, Хафиз. - Душанбе: Ирфон, 2003. - 669 с.

ДАР МАСЪАЛАИ АЗХУДКУНИИ ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ ДАР АДАБИЁТИ РУС

Раванди адабии рус бинобар мавқеи ҷуғрофии худ байни Ғарбу Шарқ, аз рӯи таърифи нависандаи ва назариётчии романтизми рус А. Бестужев-Марлинский, ба мисли Януси мунофиқ, ҳам бо фарҳанги аврупоӣ ва ҳам бо фарҳанги шарқӣ алоқаманд буд. Асарҳои классикони форсу тоҷик бо тағйирёбии эҳсосот ва ҳиссиёт, ачибии сужа, фаровонии мавзӯъ ва симоҳои худ хонандаро ба худ ҷалб мекунанд. Асарҳои Фирдавсӣ бо симоҳои қаҳрамонҳояш мондагор гардидааст, Саъдӣ бошад бо шоҳкориҳои пандомези худ диққатҷалбкунанда буда, Ҳофиз ба парастиши шодмонӣ ва ишқ хонандаро мафтуни асарҳои худ месозад. Дар таҳқиқоти худ оиди омӯзиш ва баррасии эҷодиёти Ҳофиз аз ҷониби адабиётшиносони рус мо ба махсусияти дарки Булбули хушоҳанги Шарқ аз ҷониби онҳо рӯ овардаем. Асарҳои Ф.В. Булгарин ва Н.Гумилёв намунаи рангини ин гуфтаҳо мебошад. Дар достони Ф.В. Булгарин "Адолат ва хизмати шоиста" (Правосудие и заслуга) мавзӯи мавқеи шоир дар ҷомеа баррасӣ гардидааст, ки ҳам барои адабиёти Шарқ ва ҳам барои адабиёти Аврупо хос аст. Ба ҳокимон дастгирии одамони бомаърифат зарур аст ва онҳо бояд ба донишмандони ҷомеа такя кунанд, аз ин рӯ, подош ба Ҳофизи хирадманд дар достони шарқии Ф.В. Булгарин дар мувофиқа бо адабиёти Шарқ табиӣ мебошад. Н.Гумилёв дар песаи "Зодаи Аллоҳ" дар намояндаи адабиёти классикии форсу тоҷик Ҳофиз шоири ба мисли осмон софу покро дид, ки ба ӯ Худо хирадмандиву оқилиро ато намудааст, ки дорои забони муъҷизот аст, ки қодир ба эҳё кардани инсон мебошад. Вай лаззатҳои заминӣ ва зебоиро месарояд, ӯ мураббии ҷавонон ва сарояндаи ишқ аст.

Калидвожаҳо: робитаҳои адабии русӣ-шарқӣ, адабиёти форсу тоҷик, рушд ва дарки Ҳофизи Шерозӣ, достони шарқии Ф.В. Булгарин, песаи Н.Гумилёв "Фарзанди Аллоҳ".

К ПРОБЛЕМЕ ОСВОЕНИЯ ХАФИЗА ШИРАЗИ РУССКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Русский литературный процесс в силу географического положения между Западом и Востоком, по определению теоретика русского романтизма и писателя А.А. Бестужева-Марлинского, подобно двуликому Янусу, был связан и с европейской, и с восточной культурой. Персидско-таджикская классика привлекает калейдоскопом эмоций и чувств, экзотикой сюжета, обилием тем и образов. Фирдоуси запомнился читателю героикой, Саади привлекает внимание дидактизмом, очаровывает культ веселья и любви Хафиза. В своем исследовании об освоении творчества Хафиза русским литературным процессом обращаем внимание на особенность восприятия русскими писателями сладкозвучного Соловья Шираза. Ярким примером стали произведения Ф.В. Булгарина и Н. Гумилева. В повести Ф.В. Булгарина «Правосудие и заслуга» затрагивается тема поэта в обществе, которая характерна как восточной литературе, так и европейской литературе. Правителям необходима поддержка образованных людей, они должны опираться на ученых общества, поэтому награда мудрому Гафизу в восточной повести Ф.В. Булгарина закономерна в соответствии с восточной литературой. Н. Гумилев в пьесе «Дитя Аллаха» в персидско-таджикском классике Хафизе увидел поэта небесной чистоты, наделенного Всевышним мудростью, обладающего Языком Чудес, который способен воскресить человека.

Ключевые слова: русско-восточные литературные связи, персидско-таджикская литература, освоения и восприятие Хафиза Ширази, восточная повесть Ф.В. Булгарина, пьеса Н. Гумилева «Дитя Аллаха».

TO THE PROBLEM OF HAFIZ SHIRAZI DEVELOPMENT IN RUSSIAN LITERATURE

The Russian literary process due to its geographical position between the West and the East, according to the definition of both theorist of Russian romanticism and writer A.A. Bestuzhev-Marlinsky, like the two-faced Janus, was associated with both European and Eastern culture.Persian-Tajik classics attract with a kaleidoscope of emotions and feelings, exotic plot, an abundance of themes and images. The reader for his heroism remembered Firdousi, Saadi attracting attention to didacticism, fascinates with the cult of Hafiz's fun and love.In our study of mastering Hafiz's work by the Russian literary process, we draw attention to the peculiarity of mellifluous Nightingale Shiraz the perception by Russian writers. The works of F.V. Bulgarin and N. Gumilyov. F.V. Bulgarin's story "Justice and Merit" touches upon the theme of the poet in society, which is characteristic of both oriental and European literature. The rulers need the support of educated

people, they must rely on the scientists of the society, and therefore the reward to the wise Hafiz in the eastern story of F.V. Bulgarin is natural in accordance with oriental literature.N. Gumilyov in the play "Child of Allah" in the Persian-Tajik classic Hafiz, saw the poet of heavenly purity, endowed with the wisdom of the Almighty, possessing the Language of Miracles, capable of resurrecting a person. He sings earthly pleasures and beauty, he is a mentor of youth and a singer of love..

Key words: Russian-Eastern literary ties, Persian-Tajik literature, development and perception of Hafiz Shirazi, oriental story by F.V. Bulgarin, play by N. Gumilyov "Child of Allah".

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Дилрабои Одил*** -Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D кафедраи адабиёти ҷаҳон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 888-87-03-70**

Сведения об авторе: ***Дилрабои Одил*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры мировой литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 888-87-03-70**

Information about the author: ***Dilraboi Odil*** - Tajik National University, Ph.D. candidate of the Department of World Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17 Тел.: **(+992) 888-87-03-70**

ЖУРНАЛИСТИКА

УДК: 654.19(575.3)

ТАЪСИС ВА ТАШАККУЛИ РАДИОИ «АВРУПОИ ОЗОД»/РАДИОИ «ОЗОДӢ»

Муқимов М.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Радиои «Аврупои озод»/Радиои «Озодӣ» - расонаи хабарӣ аст, ки бо сармоягузории Конгресси ИМА тавассути Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ (USAGM) фаъолият мекунад. Ба гуфтаи маъмурияти РАО/РО он талош мекунад, ки ба баландтарин меъёрҳои журналистикаи объективӣ ҷавобгӯ бошад ва хабару маълумотро бе тарс аз фишор ё талоши таъсиррасонӣ пешкаш бикунад [5].

Ба қавли маъмурияти Радиои «Аврупои озод»/Радиои «Озодӣ» он аз лиҳози касбӣ озод буда, бо 27 забон барнома пахш мекунад ва ҳар ҳафта беш аз 41,1 миллион нафарро дар 23 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла Русияву Украина ва Эрону Афғонистон фаро мегирад.

Аз соли 1995 маркази барномасозӣ ва пахши РАО/РО дар бинои собиқ Парламенти Ҷумҳурии Чех, дар маркази шаҳри Прага ҷойгир буд. Пас аз ҳамлаи террористии 11 сентябри соли 2001 дар Маркази савдои шаҳри Ню-Йорк Ҳукумати ИМА дар паи ба ҷои амн кӯчонидани РАО/РО шуд. Ҳамин тавр дар канори шаҳр, дар кӯчаи Vinohradska 159 махсус барои радио бинои нав сохта шуд ва соли 2009 радио ба ин ҷо кӯчид.

Соли 1949 Раёсати марказии кашшофии ИМА Корпоратсияи «Европаи озод» (Fre Europe Ink)-ро таъсис дод. Ҳадафи корпоратсияи мазкур радиошунавонӣ ба ҷамоҳири сотсиалистии Аврупои Шарқӣ буд.

4 июли соли 1950 Радиои «Аврупои озод» пахши барномаҳои 30 дақиқагиро барои Чехословакия, 14 июл барои Руминия, 4 август барои Венгрия ва Полша, 11 август барои Булғористон оғоз намуд [18]. Нависандаи рус Александр Горянин аз қавли собиқадорони Радиои «Аврупои озод» мегӯяд: «аввалин барномаҳои радио дар Ню-Йорк ба лентаи магнитофон сабт гардида, аз он ҷо ба Германия, ба минтақаи ишғоли Америка барои пахш фиристода мешуданд» [4]. Танҳо соли 1952 дар шаҳри Мюнхен бинои пахши барномаҳои радио сохта шуд.

Соли 1951 Раёсати марказии кашшофии ИМА барои Иттиҳоди Шӯравӣ Корпоратсияи «Комитети Радиои «Озодӣ» (Radio Liberty Committee Ink)-ро таъсис дод. Аз 1 марти соли 1953 Радиои «Освобождение» (озодшавӣ) барои Иттиҳоди Шӯравӣ пахши барномаҳояшро шурӯъ кард [37]. Моҳи майи соли 1959 радио номашро ба «Радио Свобода» иваз намуд.

Радиои «Аврупои озод» нахуст барномаҳояшро аз шаҳри Берлин пахш карда, баъд ба шаҳри Мюнхен кӯчонида шуд. Он вақт ҳардуи ин радиостансияҳоро Конгресси ИМА аз тариқи Раёсати марказии кашшофӣ (РМК) маблағгузорӣ мекард.

25 январи соли 1971 сенатори республикачӣ К.П. Кейс дар ҷаласаи комиссияи корҳои хориҷии Конгресси ИМА бо изҳороти ҳангомавӣ маърӯза кард: «… Қисми асосии буҷаи Радиои «Аврупои озод» ва Радиои «Озодӣ», яъне ҳамасола беш аз 30 миллион доллар, бевосита аз ҷониби Раёсати маркази кашшофӣ маблағгузорӣ мешавад. Конгресс ягон вақт дар тақсими фонди эҳтиёҷоти Радиои «Аврупои озод» ва Радиои «Озодӣ» иштирок накардааст, агарчи дар 20 соли охир барои радиоҳои зикргардида аз фондҳои ҳукуматӣ садҳо миллион доллар харҷ шудааст» [38].

Изҳороти мазкур боиси таъсиси комиссияи тафтишотии конгресс оид ба фаъолияти радиоҳои номбурда гардид. Пас аз таҳқиқ комиссия ба хулоса омад, ки гуфтаҳои сенатор Кейс ҳақиқат доранд ва минбаъд маблағгузории Радиои «Аврупои озод» ва Радиои «Озодӣ» ба таври кушода сурат бигирад.

Соли 1971 пас аз моҷаро дар конгресси ИМА вобаста ба маблағгузории пинҳонии Радиои «Аврупои озод» ва Радиои «Озодӣ» Раёсати марказии кашшофӣ расман аз ширкат ва роҳбарӣ дар фаъолияти радиоҳои номбурда дур карда шуд ва вазифаи маблағгузорию назорати фаъолияти радиоҳои номбурда ба уҳдаи Шӯрои байналхалқии радиошунавонии ИМА (аз моҳи августи соли 2018 Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ) вогузор гардид.

1-уми октябри соли 1976 бо тасмими Шӯрои идораи радиошунавонӣ ҳар ду корпоратсия муттаҳид гардида, номи Радиои «Аврупои озод»/Радиои «Озодӣ (RFE, RL, Ink)-ро гирифт [36]. Олег Туманов, собиқ сармуҳаррири бахши русии Радиои «Озодӣ», ки 20 сол дар радио фаъолият кардааст, соли 1989 дар як мусоҳибааш ба хабарнигори рӯзномаи «Правда» гуфтааст, ки «Радиои «Озодӣ» чӣ тавре ки пеш буд, ҳамон хел радиостансияи ҷосусию тарғиботӣ боқӣ монд» [8].

«Тарғиб ба хориҷа бояд ҳамчун олоти ҷанг истифода шавад»-гуфта буд дар вақташ роҳбари разведкаи стратегии ИМА Уилям Донован. «Радиостансияҳои «Озодӣ» ва «Аврупои озод»-ро Раёсати марказии кашшофӣ таъсис дод, то зери боми онҳо тарғиб, тахрибкорӣ ва ҷосусиро муттаҳид бикунад» [9].

Яке аз ҳадафҳои радиоҳои мазкур таъсиррасонӣ ба тафаккури шунавандаҳо буду ҳаст. Раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон, доктори улуми фалсафа С. Ятимов дар мақолаи худ «Шуури ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ» шаклгирии шуури рӯзмараро ба ВАО иртибот дода, мегӯяд, ки ҳадафи ҳуҷуми иттилоотии душман маҳз ба шуури муқаррарӣ ва психологияи ҷамъиятии давлатҳои миллӣ равона карда шудааст.

Воқеан ҳам, шуури рӯзмарра доираи фаҳмишҳои омма мебошад, ки аз ҳар ҷиҳат осебпазир аст ва метавонад, зери таъсири тарғиботи расонаҳо ташаккул ёбад [32].

Бояд гуфт, ки солҳои аввали таъсисёбӣ ҳанӯз Радиои «Озодшавӣ» аз ҷиҳати техникӣ ва пахши барномаҳо чандон пурқудрат набуд. Ба қавли собиқ президенти Радиои «Аврупои озод», Радиои «Озодӣ» Сиг Михелсон моҳи марти соли 1954 Радиои «Озодӣ» («Озодшавӣ») аз 6 шӯъба иборат буда, дар як шабонарӯз 7 соат барнома ба 11 забон пахш мекард [35].

Оғози пахши барномаҳоро ба забони тоҷикӣ 15 ё 18 марти соли 1953 медонанд. Вале мантиқан гуфтаҳои Музаффар Орифӣ, ки пахши барномаҳо ба забони тоҷикӣ соли 1954 шуруъ шудааст, саҳеҳтар аст.

Собиқадори Радиои «Озодӣ» Музаффар Орифӣ (Маркиел Даниэл), ки аз соли 1977 то соли 1995 мудири бахши тоҷикӣ буд, дар сӯҳбат бо муаллифи ин сатрҳо соли 1998 ёдовар шуд, ки соли 1954 Радиои «Озодшавӣ» аз шаҳри Мюнхени Олмон ба забони тоҷикӣ ҳафтае 3 маротиба 5-дақиқагӣ барнома пахш мекард. Он вақт шуъбаи алоҳидаи тоҷикӣ вуҷуд надошт ва барномаҳо бо забони тоҷикӣ дар шуъбаи ӯзбекӣ таҳия мешуданд. Соли 1956 шуъбаҳоеро, ки барои ҷамоҳири Осиёи Марказӣ барнома таҳия мекарданд, муттаҳид намуданд ва як редаксияи «Туркистон»-ро таъсис доданд. Он вақт ҳаҷми барномаҳои тоҷикӣ 10 дақиқа гардида, ҳафтае 3 маротиба садо медоданд.

Ёдовар мешавем, ки 17 январи соли 1972 сенатор Фулбрайт ба унвони президенти ИМА Р. Никсон меморандум фиристод. Дар он аз ҷумла, омадааст: «Бо суханони дигар радиостансияҳои «Аврупои Озод» ва «Озодӣ» як қисми системаи дурӯғу фиреб, системаи сӯиқасдҳо буд, ки барои гумроҳ кардани на танҳо мардуми Америка, балки ҳар касе, ки онҳоро омодаи шунидан бошад, равона шудааст» [18].

Бояд гуфт, ки ҷанги тарғиботии 40-солаи Радиои «Аврупои озод»/ Радиои «Озодӣ» барабас нарафтааст. Соли 1991 яке аз кишварҳои абарқудрати ҷаҳон - СССР аз байн рафта, кишварҳои сотсиалистии дунё рӯ ба ҷомеаи сармоя оварданд. Нависандаи рус Александ Горянин дар таназзули системаи коммунистӣ саҳми Радиои «Озодӣ»-ро қайд кардааст [4].

Албатта, идомаи фаъолияти Радиои «Аврупои озод/Радиои «Озодӣ» баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ беҳуда нест. Александр Горянин мегӯяд: «Тасдиқ карда наметавонам, ки Америка радиоро барои мо ва дар бораи мо танҳо аз рӯи муҳаббати бародарона ба мо нигоҳ медошта бошад. Америкаро ба ин пеш аз ҳама манфиати худ водор мекунад» [4].

Дар як суҳбати ихтисосӣ моҳи апрели соли 2010 президенти вақти Радиои «Аврупои озод»/Радиои «Озодӣ» Ҷеф Гедмин ба сармуҳаррири рӯзномаи «Миллат» Адолати Мирзо дар бораи ҳадафҳои ин расонаи америкоӣ чунин гуфта буд: «Бисёриҳо бар ин назаранд, ки Радиои «Аврупои озод»/Радиои «Озодӣ» дар фурӯпошии низоми коммунистӣ дар Аврупои шарқиву Иттиҳоди Шӯравӣ кумаки калоне расондааст. Вале ман мехоҳам бигӯям, ки мо ҳозир ҳам ҳамон нақшеро мебозем, ки қаблан бозидаем. Он ҳам кумак ба расонаҳои озоду мустақил дар кишварҳоест, ки то ҳанӯз аз расонаҳои озоду мустақил баҳрабардории комил намекунанд. Бинобар ин, ҳанӯз ҳам вазифаи асосии мо кумак ба

ҷараёни озоди маълумот, иттилоот, хабар, баҳси озодии назарҳо мебошад, яъне бигзор мардуми озод, имкони озоди интихоби ҳукуматро дошта бошад» [27].

Пас аз он ки аксари кишварҳои сотсиалистии Аврупои Шарқӣ, ба қавле «демократӣ» шуда, узви блоки ҳарбии НАТО гардиданд, Радиои «Аврупои озод»/Радиои «озодӣ» пахши барномаҳояшро барои ин кишварҳо қатъ кард. Аз ҷумла, соли 1993 бахши маҷорӣ, соли 1997 умури лаҳистонӣ, соли 2002 бахши чехӣ, ки аз соли 1995 бо ҳамкории Радиои ҷамъиятии Чехия барнома пахш мекард, фаъолияташонро қатъ карданд. Баъдан, соли 2004 пахши барномаҳо ба Эстония, Латвия, Литва, Словакия, Булғористон ва соли 2008 ба Руминия хотима дода шуданд.

Бояд зикр кард, ки Радиои «Аврупои озод»/Радиои «Озодӣ» пас аз пошхӯрии давлатҳои сотсиалистии Аврупо сиёсати худро чандон тағйир надод. Аз ҷумла, моҳи январи соли 1994 РАО/РО барои қаламрави собиқ Югославия пахши барномаҳояшро шурӯъ кард. Ҳамчунин барои тақвияти тарғибот 30 октябри соли 1998 ду бахши нави радио, бахши форсӣ барои Эрон ва Радиои «Садои Ироқ» ба забони арабӣ ба фаъолият шурӯъ карданд. Соли 2015 Радиои «Садои Ироқ» бо Радиои «Сава», ки ба Идораи пахши барномаҳо барои Шарқи Наздик тааллуқ дорад, муттаҳид карда шуд. Моҳи декабри соли 2002 бахши форсӣ муштаракан бо Радиои «Садои Америка» барои Эрон Радиои «Фардо»-ро таъсис доданд. Аввали соли 2002 Радиои «Озодӣ» барои дастгирии нерӯҳои низомии ИМА пахши барномаҳояшро барои Афғонистон шурӯъ кард. Ҳамчунин 3 апрели соли 2002 бахши нави Радиои «Озодӣ» барои Кавкази Шимолӣ ба забонҳои аварӣ, чеченӣ, черкасӣ ва русӣ пахши барномаҳояшро оғоз намуд. Соли 2016 бошад, пахши барномаҳо ба забонҳои аварӣ ва черкесӣ қатъ карда шуданд, вале пахши барномаҳо ба забони чеченӣ идома дорад.

15 январи соли 2010 РАО/РО пахши барномаҳояшро ба шимолу ғарби Покистон алорағми исломиҳои ифротӣ ба лаҳчаҳои забони пашту бо номи Радиои «Машъал» оғоз кард.

Бо дигар шудани вазъи сиёсӣ дар дохили кишварҳо РАО/РО пахши барномаҳояшро моҳи январи соли 2019 ба Руминия ва Булғористон, моҳи сентябри соли 2020 ба Маҷористон аз нав оғоз кард.

Соли 2014, баъди бо раъйдиҳии умумихалқӣ ба ҳайати Федератсияи Россия дохил шудани нимҷазираи Қрим бахши украинии РАО/РО ба пахши барномаҳои махсус ба забонҳои тотории қримӣ, русӣ ва украинӣ шурӯъ кард. Ҳамчунин шуъбаи украинӣ баъдан пахши барномаҳои махсусро барои шарқи Украина - Донбасси ҷудоихоҳ оғоз кард. Дар солҳои 2016-2019 Радиои «Озодӣ» барои аҳолии Кавкази Шимолӣ, Поволжеи миёна ва шимолу ғарби Россия сомонаҳо таъсис дод [34].

Бояд гуфт, ки Радио «Озодӣ» нерӯи асосиашро барои бурдани ҷанги иттилоотӣ нисбати Русия равона кардааст. Масалан, ба маълумоти Newsru.com соли 2006 Радиои «Озодӣ» дар Федератсияи Русия 60 корманди штатӣ ва қариб 200 мухбири ғайриштатӣ дошт [3]. Соли 2019 бошад, дар ҳудуди Русия 100 мухбири штатӣ ва қариб 200 мухбири ғайриштатии радио кор мекарданд.

14-уми октябри соли 2014 Радиои «Озодӣ» дар ҳамкорӣ бо «Садои Амрико» барномаи нимсоатаи ҳаррӯзаи телевизионии«Настоящее время»ро бо сомонаи currenttime.tv. ба забони русӣ таъсис дод. Барномаи нимсоатаи ахбори ҳаррӯзаи он тавассути моҳвора ва шабакаи онлайнӣ пешниҳод мегардад [34]. Моҳи октябри соли 2016 лоиҳа тавсеа ёфта, ба шабакаи телевизиони рақамӣ табдил ёфт. 7-уми феврали соли 2017 бошад, он расман ҳамчун шабакаи телевизонӣ пахши шабонарӯзии барномаҳояшро оғоз намуд. Ҳоло телевизиони «Настоящее время» ба 26 кишвар барнома пахш мекунад. Барномаҳои он тавассути кабел, моҳвора ва платформаҳои рақамӣ ба забони русӣ дастрасанд.

Моҳи декабри соли 2017 Вазорати адлияи Россия РАО/РО ва 8 лоиҳаи русии он ва моҳи ноябри соли 2019 бошад, лоиҳаи «Север реалии»-ро ҳамчун «агенти хориҷӣ» сабти ном кард.

Президенти Русия Владимир Путин моҳи феврали соли 2021 қонунеро имзо кард, ки ҳаҷми ҷарима барои нақзи қонуни “агенти хориҷӣ”-ро муайян мекунад. Ба қавли Радиои «Озодӣ» ин қонунест, ки матбуот ва фаълони ҳукукро ҳадаф қарор медиҳаду ба ин хотир

бо интиқоду эътирозҳои ҷамъиятӣ рӯбарӯ шудааст, барои шахсони инфиродӣ ҷаримаро дар ҳаҷми 2500 рубл ($33.5) ва созмонҳо 500 ҳазор рубл ($6,720) муқаррар мекунад [21].

Қонуни Русия дар бораи “агенти хориҷӣ” соли 2012 қабул гардида, чандин бор таҳрир шуд. Ин қонун аз созмонҳое, ки бо кумаки хориҷӣ фаъолият мекунанд, тақозо мекунад, ки худро ба унвони “агенти хориҷӣ” сабти ном кунанд. Бар асоси таҳрирҳои нави ин қонун бахши русии Радиои «Аврупои озод»/Радиои «Озодӣ», ва идораҳои дигари марбут ба РАО/РО, аз ҷумла, ТВ «Настоящее время” ҳам “агенти хориҷӣ” номида шуданд. Воқеан, чунин қонун дар ИМА ҳанӯз моҳи сентябри соли 1938 қабул шуда, Foreign Agents Registration Act (FARA) номида мешавад ва ҷазои сахттарро пешбинӣ кардааст. Масалан, то 10 ҳазор доллар ва ё 5 сол аз озодӣ маҳрум кардани шахсони воқеиро дар назар дорад. Тибқи санади дигар - параграфи 951, қисми 18-и Кодекси ИМА бе сабт фаъолият кардани агентҳои хориҷӣ то 10 сол аз озодӣ маҳрум карда мешаванд. Ин амал тибқи қонун дар Россия аз озодӣ маҳрум карданро то 2 сол дар назар дорад.

Феълан Радиои «Аврупои озод»/Радиои «Озодӣ» аз 23 редаксияи алоҳида иборат буда, дар онҳо 623 нафар корманди штатӣ фаъолият мекунанд. РАО/РО ба 27 забони дунё ҳафтае беш аз 1200 соат барнома пахш мекунад ва он ҳафтае 41,1 миллион нафар муштарӣ дорад. Буҷаи РАО/РО дар соли 2021 117,4 миллион долларро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба буҷаи солҳои қаблӣ камтар аст. Масалан, буҷаи радиои мазкур дар соли 2017-118 миллион доллар, дар соли 2017 - 128 миллион доллар, дар соли 2019 - 124 миллиону 511 ҳазор доллар ва дар соли 2020 - 124,4 миллион доллар буд.

Моҳи марти соли 2019 маъмурияти президенти вақти ИМА Доналд Трамп кам кардани маблағгузории Радиои «Аврупои озод»/ Радиои «Озодӣ»-ро пешниҳод кард. Дар дархости худ ба буҷаи соли 2020 маъмурияти Трамп ба 22 фоиз коҳиш додани хароҷотро барои пахши расонаҳои хориҷӣ пешниҳод намуд. Тибқи пешниҳоди мазкур қатъ кардани фаъолияти бахши гурҷӣ, тотору бошқирдӣ ва «IdeL. Реалии» дар назар буд. Аз рӯи пешниҳоди мазкур буҷаи умумии РАО/РО дар соли 2020 бояд 87 миллион долларро ташкил медод [28]. Вале конгрессменҳо буҷаи радиоро кам накарданд.

Радиои «Озодӣ» дар фазои иттилоотии Тоҷикистон мавқеи муҳим дошта, аз нигоҳи фаннӣ, маблағгузорӣ ва пахши иттилоъ расонаҳои кишвар бо он рақобат карда наметавонанд. Ҳанӯз соли 2016 ҳафтаномаи «Нигоҳ» навишта буд, ки Радиои «Озодӣ» «дар пахши бисёррасонаӣ муваффақтарин маҳсуб мешавад. Буҷаи солонаи "Озодӣ" (1 миллиону 603 ҳазор доллари ИМА дар соли 2014. М.М.) аз буҷаи умумии "Ховар", "Озодагон", Ожонси "Азия плюс", "Авеста" ва «Тоҷнюс» 4 маротиба (!) зиёдтар асту ба истилоҳи иқтисодӣ ин расона беш аз 70 дарсади бозори истеҳсолу паҳн кардани ахбори Тоҷикистонро зери контрол дорад» [7].

Бояд гуфт, ки аксаран ҳангоми тасдиқи буҷа дар Конгресси ИМА барои расонаҳои тарғиботии ҷаҳонӣ аз маблағи дархостшуда бештар маблағ ҷудо карда мешавад. Масалан, соли 2019 барои умури Осиёи Марказии Радиои «Аврупои озод»/ Радиои «Озодӣ» 6 млн. 657 ҳазор доллар дархост шуда буд, вале дар асл 8,846 ҳазор доллар ҷудо гардид. Аз ҷумла, барои бахши тоҷикӣ соли 2019 1 млн. 483 ҳазор доллар дархост шуд, вале дар асл 2 млн. 089 ҳазор доллар ҷудо карда шуд. Дар соли 2020 барои бахши тоҷикӣ 1 млн. 976 ҳазор доллар ҷудо гардида, барои соли 2021 ҷудо кардани 1 млн. 264 ҳазор доллар ба нақша гирифта шудааст.

Ҳамин коҳиш додани маблағгузорӣ аз ҷониби маъмурияти президенти вақт Доналд Трамп, ки барои мубориза ба коррупсия ва самаранок истифода шудани маблағи андозсупорандагони ИМА равона шуда буд, ба баъзе мансабдорони РАО/РО мақбул набуд ва онҳо пайти интиқом меҷустанд.

Аз ҷумла, шӯрои таҳририяи Радиои «Аврупои озод»/Радиои «Озодӣ» (RFE/RL), ки ба 23 бахши гуногунзабони ин ниҳод раҳбарӣ мекунад, 30 декабри соли 2020 бо ирсоли як номаи эътирозӣ ба Сенат ва Конгресси ИМА, роҳбари Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ (USAGM) Майкл Пакро ба «истиқлолрабоӣ» гунаҳкор кард.

Дар ин нома Майкл Пакро, ки аз сӯи президенти ИМА Доналд Трамп ҳанӯз моҳи июни соли 2018 ба вазифаи директори иҷроияи Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ пешниҳод шуда, дар моҳи июни соли 2020 аз сӯи Сенати зери назорати ҷумҳурихоҳон таъйид шуда буд, ба талоши “таҳти назорати танҳо як ҳизби сиёсӣ” гирифтани Радиои “Аврупои озод”/Радиои “Озодӣ” муттаҳам мекунанд [25].

Дар вокуниш Майк Пак дар суҳбат бо телевизиони CNBC, ин номаро “пур аз хато” хондааст. “Ҳеҷ талоше барои хатар андохтани шабакаҳо аз нуфузи сиёсӣ нашудааст. Баръакс ҳамаи корҳое, ки анҷом додам, бар асоси масъулият ва ваъдаҳои ман барои амалӣ кардани рисолати аз тарафи конгресс додашудаи USAGM будааст”, - гуфтааст Пак.

Ин нома дар ҳоле пахш шуд, ки 20 январи соли 2021 дар ИМА қудрат ба дасти президенти навинтихоб Ҷо Байден мегузашт ва барои аз қудрат рафтани Доналд Трамп рӯзҳои башумор монда буд.

9 январи соли 2021 Радиои «Озодӣ» матлаберо бо унвони «Панҷ мудири собиқи Радиои Озодӣ ба Ҷо Байден нома фиристодаанд» нашр кард. Дар номае, ки рӯзи 8-уми январ ба президенти нави ИМА фиристода шудааст, мудирони собиқи Радиои «Озодӣ» гуфтаанд, амалкардҳои шахсӣ ва сиёсии Майкл Пак, роҳбари USAGM "барои бор кардани ранги идеологӣ дар барномаҳо ва таҳти назорати сахти ҳукуматӣ қарор додани расонаҳои байналмилалии Амрико равона шудааст ва эътибору самараи онҳоро зери хатар мегузорад” [19]. Дар ин матлаб ному насаби ин 5 нафар мудири собиқ зикр нашудааст. Ин албатта, мубориза барои пурра таҳти назорати худ қарор додани расонаҳои ҷаҳонии тарғиботии ИМА аз ҷониби дастаи Ҷо Байден мебошад. Вагарна, як сол қабл ягон нафар аз ҳайати таҳририяи РАО/РО ва мудирони собиқи радио чунин ҷуръат намекарданд.

Қобили зикр аст, ки кам ё зиёд шудани ҳаҷми барномаҳои РАО/РО аз сиёсати ИМА нисбат ба ин ё он кишвар вобаста аст. Масалан, соли 2020 радиои мазкур ҳафтае 1511 соату 8 дақиқа барнома пахш мекард. Дар соли 2021 бинобар коҳиш додани барномаҳо ба баъзе забонҳо пахши барномаҳо ҳафтае 1,232 соату 10 дақиқа ба нақша гирифта шудааст. Ин нишондиҳанда вобаста ба сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати ИМА метавонад кам ё зиёд гардад. Дар ҳамин ҳол пахши барномаҳо ба забони тоҷикӣ чанд соли охир тағйир наёфта, ҳафтае 42 соатро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, барномаҳо ба забони тоҷикӣ ҳар рӯз 6 соат буда, аз соати 6-и субҳ то 9-и субҳ ва аз соати 19 то 22-и шаб пахш мешаванд. Дар ҳамин ҳол барномаҳои шомгоҳӣ асл буда, субҳи рӯзи дигар онҳо такрор мешаванд.

РАО/РО нисбат ба Тоҷикистон ба кишварҳои ҳамсояи мо бештар барнома пахш мекунад. Масалан, ба забони туркманӣ солҳои 2019 ва 2020 ҳафтае 56 соат барнома пахш мешуд. Дар соли 2021 низ ин нишондиҳанда ба нақша гирифта шудааст. Ба забони қирғизӣ бошад, соли 2019 ҳафтае 68 соату 58 дақиқа барнома пахш мешуд. Соли 2020 ин рақам ба 69 соат расид ва соли 2021 низ ин нишондиҳанда ба нақша гирифта шудааст. РАО/РО ба забони ӯзбекӣ ҳафтае 168 соат барнома пахш мекунад, ки ин пахши шабонарӯзии барномаҳоро дар назар дорад. Радиои «Афғонистони озод» солҳои 2019 ва 2020 ба забонҳои дарӣ ва пашту ҳафтае 84 соат барнома пахш мекарданд. Дар соли 2021 низ ин рақам ба нақша гирифта шудааст. Ҳамчунин Радиои «Машъал» чун соли гузашта дар соли 2021 ба забони пашту ҳафтае 63 соат барнома пахш мекунад [33].

Дар як суҳбати ихтисосӣ президенти вақти Радиои «Аврупои озод»/Радиои «Озодӣ» Ҷеф Гедмин бо сармуҳаррири рӯзномаи «Миллат» Адолати Мирзо дар бораи ҳадафҳои ин расонаи америкоӣ чунин гуфта буд: «Бисёриҳо бар ин назаранд, ки Радиои «Аврупои озод»/Радиои «Озодӣ» дар фурӯпошии низоми коммунистӣ дар Аврупои шарқиву Иттиҳоди Шӯравӣ кумаки калоне расондааст. Вале ман мехоҳам бигӯям, ки мо ҳозир ҳам ҳамон нақшеро мебозем, ки қаблан бозидаем. Он ҳам кумак ба расонаҳои озоду мустақил дар кишварҳоест, ки то ҳанӯз аз расонаҳои озоду мустақил баҳрабардории комил намекунанд. Бинобар ин, ҳанӯз ҳам вазифаи асосии мо кумак ба ҷараёни озоди маълумот, иттилоот, хабар, баҳси озодии назарҳо мебошад, яъне бигзор мардуми озод, имкони озоди интихоби ҳукуматро дошта бошад» [27].

Бояд гуфт, ки бахши тоҷикии Радиои «Озодӣ» дар солҳои роҳбарии Соҷидаи Мирзо сиёсати пахши барномаҳояшро нисбати Тоҷикистон дигар намуда, камтар дар мавзӯъҳои сиёсӣ ҳангомаҷӯӣ мекард. Вале мавзӯъҳоеро расонаӣ мекард, ки ба вайрон кардани ахлоқи ҷомеа равона шудаанд. Масалан, расонаи мазкур солҳои охир мавзӯи ҳамҷинсгароёнро дар Тоҷикистон бардошта, онро як амали табиӣ ва маъмулӣ арзёбӣ мекунад. Аз ҷумла, танҳо дар моҳҳои октябру ноябри соли 2017 дар Радиои «Озодӣ» оид ба ин мавзӯъ 4 матлаб пахш шудааст. Ин амал ҳоло ҳам идома дорад. Аз ҷумла, 27 феврали соли 2021 сомонаи РО маводи навбатии худро бо номи «Даҳҳо ҳамҷинсгаро дар Тоҷикистон "муҳтоҷи кумаки башарӣ шудаанд" ба табъ расонид.

"Пандемияи коронавирус дар соли 2020 ба ҷомеаи ҳамҷинсгароён дар Тоҷикистон таъсири ҷиддӣ гузошта, 24 нафари онҳо дархости ёрии башарӣ ва ғизо кардаанд" [6]. Дар ин бора дар гузориши нави ILGA-Europe, ки 600 созмонро аз кишварҳои Аврупову Осиёи Марказӣ муттаҳид мекунад, зикр шудааст, гуфта мешавад дар ин матлаби радио.

Кормандони Радиои «Озодӣ» дар баробари пахши барномаҳо оид ба ҳамҷинсгароён дар Тоҷикистон ва тарғиби ин амали номатлуб дар ҷомеа, боз ба мавзӯъҳои дигаре даст мезананд, ки ба вайрон кардани ахлоқи наврасон равона шудааст. Аз ҷумла, моҳи январи соли 2013 сомонаи Радиои «Озодӣ» видеоеро пахш кард, ки гӯё дар телефонҳои мобилии наврасон гардон будааст. Дар ин навори 21-дақиқагӣ ду ҷавон бо муносибати маҳрамона машғуланд, ки гӯё дар ҳоҷатхонаи мактаби рақами № 44-и шаҳри Душанбе наворбардорӣ шудааст.

Баъди пахши ин навор маъмурият ва омӯзгорони мактаби рақами 44-и шаҳри Душанбе ба дафтари Радиои «Озодӣ» номае ирсол намуда, бӯҳтон будани онро баён намуданд. Дар номаи мазкур аз ҷумла чунин омадааст:

«Пас аз муоинаи наворҳо муайян гардид, ки наворҳои сабтгардида на ба хонандагони мактабу сокинони маҳалла ва на ба ҳоҷатхонаи мактаби № 44 таалluқ надорад ва нисбат додани ин амалҳои номатлуби бӯҳтонангез тӯҳмати маҳз мебошад ва асоси воқеӣ надоранд» [15].

Сафаралӣ Нуруллоев, директори мактаби мазкур дар суҳбат бо хабарнигори Радиои «Озодӣ» гуфтааст, ки нашри ин матлаб боиси он мегардад, ки волидайн пас аз хатми синфи 9 монеи идомаи таҳсили духтаронашон мешаванд.

Маъмурияти Радиои «Озодӣ» ин иштибоҳи худро дарк карда, аз ҳайати омӯзгорон ва кормандони мактаби миёнаи рақами № 44 узр пурсид.

Ба иддаои муассис ва сардабири сомонаи "Ахбор" Мирзои Салимпур Радиои «Озодӣ» баъзан хабари сомонаи ӯро истифода мекунад, вале сарчашмаи онро зикр намекунад. Масалан, Сомонаи "Ахбор" 2-юми ноябри соли 2017 хабареро бо суроғаи http://akhbor.com/-p4016-120.htm пахш кард, ки дар асоси нусхаи барқияи телефонии Кумитаи дини Тоҷикистон бо имзои муовини аввали раиси ин кумита Алибег Бегназаров таҳия гардида буд. Дар он аз идораҳои тобеи ин ниҳод талаб мешуд, то дар зарфи 15 рӯз ходимони динро, ки дар хориҷ таҳсил кардаанд, аз мақомҳояшон озод карда, ба ҷои онҳо "шахсони арзанда"-ро интихоб кунанд. Баъдан хабари мазкур дар сомонаи бахши тоҷикии Радиои «Озодӣ» пахш шуд ва ба гуфтаи Мирзои Салимпур он аз сомонаи "Ахбор" гирифта шудааст, вале манбаъ зикр нашудааст: «Бо он ки тамоми матлаби "Озодӣ" тақрибан рӯйбардор аз гузориши сомонаи "Ахбор" буд, дастандаркорони "Озодӣ" овардани исми манбаъро комилан сарфи назар карданд» [2].

Воқеан, дар РАО/РО ҳангоми бурдани тарғибот ба манфиатҳои ИМА вайрон кардани усулҳои асосии фаъолияти журналистӣ ва одоби рӯзноманигорӣ ба назар мерасад. Аз ҷумла, моҳи майи соли 2019 директори Агентии иттилоот ва коммуникатсияи оммавии (АИКО) Ҷумҳурии Ӯзбекистон Комил Алламҷонов аз усули кории бахши ӯзбекии "Радиои Озодӣ" изҳори нигаронӣ кард. К. Алламҷонов Радиои «Озодлик»-ро дар гузаронидани маъракаи иттилоотии манфӣ зидди роҳбарияти АИКО бо дастгирии 48 аккаунти қалбакӣ айбдор кард. Ӯ дар як навиштаи худ дар сафиҳаи Фейсбук фаъолияти «Озодлик»-ро маҳкум карда, усули кори радиоро хилофи меъёрҳои пазируфтаи одоби рӯзноманигорӣ номид. Маводҳое, ки дар саҳифаҳои сомонаи «Озодлик» нашр шудаанд, аксар вақт беэътимод ва ғаразноканд, гуфтааст К. Алламҷонов. Дар миёнаи моҳи августи соли 2019 бошад, АИКО «Озодлик»-ро бо кӯшиши паст задани эътибори Алламҷонов бо нашри як иқтибос аз мусоҳиба бо мансабдор, ки боиси тавзеҳи зиёди манфӣ дар Интернет шуд, айбдор кард.

Моҳи сентябри соли 2019 директори иҷроияи Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ Ҷон Лэнсинг ба изҳороти К. Алламҷонов вокуниш нишон дод. Ҷон Лэнсинг қайд кард, ки USAGM ҳама иттиҳомот дар бораи вайрон кардани ахлоқи рӯзноманигориро ҷиддӣ қабул мекунад, ғаразнок будани ягон хадамот ё рӯзноманигори Радиои «Озодӣ»-ро иҷозат намедиҳад ё сафед намекунад [1].

Дар ҳамин ҳол, 3 сентябри соли 2019 Ҷеймӣ Флай, президенти РАО/РО дар Твиттер гуфт, ки рӯзноманигорони хадамоти Радиои «Озодӣ» дар Осиёи Марказӣ зери фишори шадиди мақомоти кишварҳои ҳузурашон қарор доранд. "Онҳоро хадамоти амният таъқиб

мекунанд, мавриди ҳамлаи афроди ҷонибдори мақомот қарор мегиранд ва дар як қатор кишварҳо ба онҳо дастрасӣ ба иттилоот манъ карда шудааст ва онҳо маҷбуранд аз хориҷ кор кунанд." [24].

Гуфтаҳои мазкур як навъ сафед кардани ин амали номатлуб аст. Агар рӯзноманигорон зери таъқибу фишоранд, пас бояд дурӯғ гӯянд ё беғараз набошанд?! Журналистон бояд дар ҳама ҳолат беғаразона фаъолият бикунанд.

Қобили зикр аст, ки мухбирони бахшҳои гуногуни РАО/РО баъзан ҳангоми фаъолияти журналистӣ дар кишварҳои пахши барнома мавриди лату кӯб қарор мегиранд ё таҳдиди муҷозот мешаванд. Аз ҷумла, 4-уми марти соли 2021 дар маҳаллаи 33-юми шаҳри Душанбе, дар нуқтаи фурӯши сӯзишвории "Соро Ойл" ҳангоми таҳияи гузориш дар бораи афзоиши нархи сӯзишворӣ дар Тоҷикистон, хабарнигорони Радиои Озодӣ – Муллораҷаб Юсуфӣ ва Шаҳло Абдуллоева – ҳадафи ҳамла ва зарбу лат қарор гирифтанд [30].

Хабарнигорон гуфтанд, дар ҳоле ки онҳо назари як ронандаро ба гарон шудани нархи газу бензин мепурсиданд, як корманди ширкати "Соро Ойл" қатъи наворгириро талаб кард ва наворбардор Шаҳло Абдуллоеваро ба зарб тела дода, пеши камераи наворбардориро гирифт.

Вақте Муллораҷаб Юсуфӣ аз ин амал эътироз намуда, хостааст, саҳнаро телефонӣ ба навор гирад, ин мард ҳамла намуда ба ҷоғи ӯ мушт задааст.

Корманди нуқтаи сӯзишворӣ гуфтааст, ки бе ризояти роҳбарият хабанигорон ҳақ надоранд, идораи онҳо ва назарашонро сабт кунанд.

5-уми марти соли 2021 Президенти Радиои «Аврупои озод»/Радиои «Озодӣ» Ҷеймӣ Флай ҳамла ба ду хабарнигори бахши тоҷикии радиоро дар Душанбе маҳкум кард: "ҳамла ба ду хабарнигори мо дар Тоҷикистон, ки танҳо кори худро иҷро мекарданд, куллан ғайри қобили қабул аст" [20].

Бояд гуфт, ки имрӯз Радиои «Озодӣ» аз технологияҳои иттилоотии муосир васеъ истифода мебарад ва дар Тоҷикистон дар пахши иттилоъ ҳамто ва рақиби арзанда надорад. Ба қавли мудири вақти бахши тоҷикии Радиои «Аврупои озод»/Радиои «Озодӣ» Соҷидаи Мирзо миссия ё худ вазифаи аслии радио дар тӯли шаст сол тағйир наёфтааст. Ӯ мегӯяд: «… мо ҳоло аз фанноварихои муосир бештар аз дигарон истифода мебарем ва метавонем миссияи худро тавасссути ин платформаҳо (Интернет, видео, телефонҳои мобил, телевизионҳои моҳворавӣ) низ анҷом бидиҳем. Вазъи мо имрӯз беҳтар аз дигар расонаҳои хабарии Тоҷикистон аст» [22].

Баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ тарғиботи кишварҳои абарқудрати Ғарб ба давлатҳои соҳибистиқлоли миллӣ тавсеа ёфт. Аз ҷумла, баъди соҳибистиқлолияти Тоҷикистон пахши барномаҳои тоҷикии Радиои «Озодӣ» ба се соат ва баъдан ба шаш соат дар як рӯз расиданд.

Соли 2016 маъмурияти Радиои «Аврупои озод»/Радиои «Озодӣ» барои боз ҳам тавсеа додани тарғибот ба кишварҳои Осиёи Марказӣ лоиҳаи наверо бо номи Умури ахбори Осиёи Марказӣ роҳандозӣ намуд. Дар шуъбаи мазкур беш аз 10 нафар фаъолият мекунанд, ки ҳамашон донандаи забонҳои миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошанд. Умури мазкурро то (2 апрели соли 2019) директори бахши тоҷикии Радиои «Озодӣ» таъйин шуданаш журналисти тоҷик, Салими Аюбзод роҳбарӣ мекард.

Умури номбурда ҳамарӯза дар сомонаи худ - www.centralasian.org ахбор, акс ва маводи видеоии ройгонро нашр мекунад ва ба почтаи электронии обуначиён - журналистон ва ВАО-и Осиёи Марказӣ мефиристад. Дар ҳамин ҳол ВАО-и обуначӣ метавонад бе нишон додани сарчашмаи иттилоъ ва ё бо он маводи мазкурро озоду ройгон истифода барад. Маводи мазкур ба забонҳои қазоқӣ, қирғизӣ, ӯзбекӣ, тоҷикӣ ва русӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ғайр аз Туркманистон таҳия карда мешаванд [26]. Дар сомона бахши «Директ» - сервиси кушодаи рақамии маводҳои аудиовизуалӣ мавҷуд аст, ки барои телевизиону радио ва истифодаи рақамӣ пешбинӣ шудааст. Обуначиён худ метавонанд мустақиман маводи заруриашонро аз махзани «Директ» дастрас намоянд. Ба расонаҳои минтақа ҳақ дода мешавад, ки аз ин матлабҳо ба сурати комил ва ё ҷузъӣ истифода кунанд. Бо дархости муштариён ба онҳо шакли аслии наворҳои видеоӣ низ фиристода мешавад. Дар сомонаи www.centralasian.org гуфта мешавад, ки ҳадафи лоиҳа

мусоидат ба ҷамъоварӣ, пахши озоди иттилоъ ва кумак ба ВАО-и кишварҳои Осёи Марказӣ мебошад.

Маводи Радиои «Озодӣ»-ро ба ғайр аз сомонаи худи радио – www.ozodi.org боз дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба мисли «Фейсбук», «Одноклассники», «Твиттер», «Ютуб» дастрас кардан мумкин аст. Дар сомона бошад, ба ғайр аз мутолиаи матнҳо маводи радиоро метавон гӯш кард ё тамошо намуд. Ҳамчунин ҳар рӯз аз соати 17 то 17:15 пахши мустақими хабарҳои рӯзи Тоҷикистону минтақа ва ҷаҳон аз «Ozodi TV» сурат мегирад.

13 январи соли 2021 мудири бахши тоҷикии РАО/РО Салими Аюбзод дар саҳифаи фейсбукии худ навишт, ки шумораи пайравони «Инстаграм»-и "Озодӣ" (https://www.instagram.com/radioiozodi/?hl=ru) ба 1 миллион нафар расид. Моҳи апрели соли 2020 бошад, саҳифаи «Ютуб»-и Радиои «Озодӣ» ин қулларо гузашта буд. Дар як соли охир 518 000 кас мухлиси ин сафиҳа шуданд. Видеоҳои он дар як сол 75 миллион бор дида шуда, 7 миллиарду 250 миллион бор ба муҳтавои сафиҳа вокуниш кардаанд. Видеоҳои IGTV, яъне телевизиони ин сафиҳа 92 миллион бор дида шудаанд.

Бояд зикр кард, ки маводи Радиои «Озоди»-ро баъзе расонаҳои Тоҷикистон таблиғ мекунанд. Масалан, Сомонаи ОИ «Азия плюс» - news.tj ҳамарӯза сархати барномаҳои Радиои «Озодӣ»-ро бо унвони «Ахбори Радиои «Озодӣ»: Имрӯз дар Тоҷикистон ва ҷаҳон» анонс мекард [17].

Ба ғайри ин, Радиои «Имрӯз» чанд сол боз ҳар рӯзи корӣ аз соати 8:00 то соати 8:10 дақиқа рӯи мавҷи 107,4 FM ахбори Радиои «Озодӣ»-ро пахш мекунад.

Бахши тоҷикии Радиои «Озодӣ» 29 декабри соли 2020 як маълумотномаеро чун ҳисобот аз фаъолияташ дар соли 2020 ба нашр расонида, навишт, ки пандемияи коронавирус масири кори Радиои «Озод»-ро дар соли пурталотуми 2020 то андозае дигар карда, масъалаи саломатии одамон ба ҷойи аввал баромад [23].

Радиои «Озодӣ» аз аввалин расонаҳои тоҷикӣ буд, ки аз моҳи январи соли 2020 хабарҳоро оид ба коронавирус ба мухлисонаш дар Тоҷикистон расонид. Ҳамзамон дар пайи таҳияи огоҳнома ва роликҳои тавсиядиҳанда шуд, гуфта мешавад дар ин маълумотнома.

Қобили зикр аст, ки сабаби асосии ба расонаҳои хориҷӣ рӯ овардани аҳолии Тоҷикистон набудани эътимод ба ВАО-и кишвар аст. Мутаассифона, бо сабабҳои гуногун ВАО-и Тоҷикистон пахши иттилои воқеӣ ва беғаразро барои аҳолӣ таъмин карда наметавонад. Воқеан, то он вақте ки ВАО-и чи давлатӣ ва чи хусусии Тоҷикистон ба аҳолӣ сари вақт хабари воқеӣ ва беғаразро пешниҳод накунанд, муштариёни расонаҳои хориҷӣ коҳиш нахоҳанд ёфт.

А Д А Б И Ё Т

1. Агентство США по глобальным медиа ответило на заявления Алламжанова о нарушениях журналистской этики «Радио Свобода»/АИМК. – 2019. - [Манбаи электронӣ] – URL: https://uznews.uz/ru/article/16749 (Санаи мурочиат: 09.09.2019).
2. Боз як дуздии "Озодӣ" аз сомонаи "Ахбор"/akhbor.com. - 2017. - [Манбаи электронӣ] - URL: http://akhbor.com/-p4026-168.htm (Санаи мурочиат: 02.11.2017).
3. В России запрещена ретрансляция «Голоса Америки» и «Радио Свобода»/ NEWSru.com. – 2006.- [Манбаи электронӣ] - URL: http://www.newsru.com/russia/07jul2006/svoboda.html (Санаи мурочиат: 07.07.2006).
4. Горянин А. Старая и новая «Свобода»/ А. Горянин // Среда. - 1996.-№1.- С. 46-52.
5. Дар бораи Озодӣ/RFE/RL, Inc. 2020. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.ozodi.org/p/4447.html (Санаи истифодабарӣ: 25.10.2020).
6. Даҳҳо ҳамчинсгаро дар Тоҷикистон "муҳтоҷи кумаки башарӣ шудаанд" /RFL/RL. 2021. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.ozodi.org/a/31124863.html (Санаи мурочиат: 27. 02. 2021).
7. Зарба ба «чашму гӯши халқ» // Нигоҳ. - 2016.- 27 январ. - №43 (476).
8. Ларионова Н. «Свобода» в лицах / Н. Ларионова // Правда. - 1989.- 20 февраля.
9. Ларионова Н. Разговор без диктафонов / Н. Ларионова // Правда. - 1989.- 16 января.
10. Муким Дж. Радио «Свобода»: ложь и правда. Монография / Джовид Муким. - Душанбе, 2005. - 180 с.
11. Муқимов М.А. Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ / М.А. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, серияи илмҳои филологӣ. - Душанбе: Маркази табъу нашри ДМТ, 2020. -№5. - С. 315-320. ISSN 2413-516X.
12. Муқимов М.А. Радиои «Осиёи озод» дастгоҳи тарғиботии ИМА / М.А. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, серияи илмҳои филологӣ. - Душанбе: Маркази табъу нашри ДМТ, 2019. -№2. - С. 320 – 325. ISSN 2413-516X.
13. Муқим Ҷовид. Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ. Монография / Ҷовид Муқим. – Душанбе: Девештич, 2006.- 71 с.

14. Муқимов М.А. Ҷанги иттилоотӣ ва таъмини амнияти фазои иттилоотӣ / М.А. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, серияи илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2017.- 4/2. - С. 266.-271. ISSN 2413-516X.
15. Навори ҷанҷолбарангез ба мактаби 44-и Душанбе рабт надорад/RFE/RL, Inc.- 2007-2017. - [Манбаи электронӣ] - URL: http://www.ozodi.org/articleprintview/24840603.html (Санаи мурочиат: 17.01.2013).
16. Не стыдно смотреть в глаза соседям". Проекту Север. Реалии – год/ RFL/RL. - 2013. - [Манбаи электронӣ] - URL:https://www.severreal.org/a/30811415.html (Санаи истифодабарӣ: 01. 09. 2020).
17. Новости Радио «Озоди»: Сегодня в Таджикистане и мире:/ news.tj. 1997-2016. - [Манбаи электронӣ] – URL: https://www.news.tj/ru/news/tajikistan/20161027/novosti-radio-ozodi-segodnya-v-tadzhikistane-i-mire-27102016 (Санаи мурочиат: 27.10.2016).
18. Панфилов А. Ф. За кулисами Радио «Свобода» /А. Ф. Панфилов. - М.: Изд-во Международное отношение, 1974. - С. 21.
19. Панҷ мудири собиқи Радиои Озодӣ ба Ҷо Байден нома фиристодаанд/RFE/RL. 2020. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.ozodi.org/a/31039775.html (Санаи истифодабарӣ: 09.01. 2021).
20. Президенти Радиои Озодӣ ҳамла ба хабарнигоронро дар Душанбе маҳкум кард. ВИДЕО / RFE/RL, Inc. - 2021. - [Манбаи электронӣ] – URL: https://www.ozodi.org/a/31133388.html (Санаи мурочиат: 05.03.2021).
21. Путин ҷаримаҳои ҳангуфти қонуни баҳсбарангези "агенти хориҷӣ"-ро имзо кард/RFL/RL. - 2021. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.ozodi.org/a/31119346.html (Санаи мурочиат:24. 02. 2021).
22. Радиои «Озодӣ» 60-сола шуд/RFL/RL. - 2013. - [Манбаи электронӣ] - URL: http://www.ozodi.org/content/tajik-service-of-rferl-celebrates-60-years-on-air/24932256.html (Санаи истифодабарӣ: 15. 03. 2013).
23. Радиои Озодӣ дар соли пурталотуми 2020 чӣ корҳо кард? ВИДЕО/ RFE/RL, Inc.- 2020. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.ozodi.org/a/ozodi-dar-soli-purtalotum--chi-korho-kard/31023398.html (Санаи мурочиат: 29.12.2020).
24. Руководство Радио Свобода изучит жалобу Ташкента на «Озодлик»/ИА Фергана. - 2019. - [Манбаи электронӣ] – URL: http://www.fergana.agency/news/110633/?country=uz (Санаи мурочиат: 09.09.2019).
25. Рӯзноманигорони RFE/RL сарпарасти худро ба “истиқлолрабоӣ” айбдор карданд/ RFE/RL. 2020. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.ozodi.org/a/31028288.html (Санаи истифодабарӣ: 31.12.2020).
26. Служба новостей Центральной Азии:/ RFE/RL, Inc. 2016. - [Манбаи электронӣ] - URL: http://www.centralasian.org/p/4860.html (Санаи мурочиат: 10.10.2016).
27. Суҳбати ихтисосии Адолати Мирзо бо президенти Радиои Аврупои Озод- Радиои Озодӣ Ҷеф Гедмин //Миллат. - 2010.-14 апрел.
28. США нацелились в информационной войне на преимущественно русские регионы/ eadaily.com. - 2019. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://eadaily.com/ru/news/2019/09/21/ssha-nacelilis-v-informacionnoy-voyne-na-preimushchestvenno-russkie-regiony (Санаи истифодабарӣ: 21. 09. 2019).
29. СМИ: США намерены вести с Россией информационную борьбу в соцсетях:/ МИА «Россия сегодня». 2016. - [Манбаи электронӣ] – URL: https://ria.ru/society/20150414/1058384332.html#ixzz3XUmxJVI8 (Дата обращения: 14.04.2015).
30. Ҳамла ба хабарнигорони Радиои Озодӣ ҳангоми таҳияи гузориш дар Душанбе. ВИДЕО/ RFE/RL, Inc. - 2021. - [Манбаи электронӣ] – URL: https://www.ozodi.org/a/31133388.html (Санаи мурочиат: 04.03.2021).
31. Шаповал С. Я не верю в мир с границами / С. Шаповал // Независимая газета. -1996.-7 мая.
32. Ятимов С. Шуури ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ (шуури муқаррарӣ) [Текст] / С. Ятимов // Ҷумҳурият. – 2015. - 17 декабр.
33. Congressional FY 2021 budget justification/ USAGM. – 2021. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.usagm.gov/wp-content/uploads/2020/02/FINAL-USAGM-FY-2021-Congressional-Budget-Justification_2_9_2020.pdf (Санаи истифодабарӣ: 18.02.2021).
34. History/RFL/RL. 2020. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://pressroom.rferl.org/history (Санаи мурочиат:10. 01. 2021).
35. Mickelson S. Americas other voice / S. Mickelson. - Praeger, 1983. – P. 241.
36. Nelson M. War of the heavens / M. Nelson. - Brassey’s, 1997.- P. 199.
37. Sosin C. Sparks of Liberty / C. Sosin. - The Pennsylvania State University Press, 1999.-P. 2.
38. Radio Fre Europe and Radio Liberty, US senate, 92-d Congress, 1-st session, report № 92-319. - Calendar № 13.- P. 9-10.

ТАЪСИС ВА ТАШАККУЛИ РАДИОИ «АВРУПОИ ОЗОД»/РАДИОИ «ОЗОДӢ»

Дар мақолаи мазкур таърихи ташаккули Радиои “Аврупои озод”/Радиои “Озодӣ” ва фаъолияти он мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Радиои “Аврупои Озод”/Радиои “Озодӣ” расонаи хабарӣ аст, ки бо сармоягузории Конгресси ИМА тавассути Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ (USAGM) фаъолият мекунад. 4 июли соли 1950 Радиои “Аврупои озод”пахши барномаҳои 30 дақиқагиро барои Чехословакия, 14 июл барои Руминия, 4 август барои Венгрия ва Полша, 11 август барои Булғористон оғоз намуд. 1 марти соли 1953 Радиои «Освобождение» барои Иттиҳоди Шӯравӣ пахши барномаҳоро шурӯъ кард. Моҳи майи соли 1959 радио номашро ба «Радио Свобода» иваз намуд. 1-уми октябри соли 1976 бо тасмими Шӯрои идораи радиошунавонӣ ҳар ду корпоратсия муттаҳид гардида, номи Радиои «Аврупои озод»/Радиои «Озодӣ (RFE/RL, Ink)-ро гирифт. Кам ё зиёд шудани ҳаҷми барномаҳои РАО/РО аз сиёсати ИМА нисбат ба ин ё он кишвар вобаста аст. Масалан, соли 2020 радиои мазкур ҳафтае 1511 соату 8 дақиқа барнома пахш мекард. Дар соли 2021 бинобар коҳиш додани барномаҳо ба баъзе забонҳо пахши барномаҳо ҳафтае 1232 соату 10 дақиқа ба нақша гирифта шудааст. Ин нишондиҳанда вобаста ба сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати ИМА

метавонад кам ё зиёд гардад. Дар ҳамин ҳол пахши барномаҳо ба забони тоҷикӣ чанд соли охир тағйир наёфта, ҳафтае 42 соатро ташкил медиҳад. Радиои «Аврупои Озод»/Радиои «Озодӣ» бо 27 забон барнома пахш мекунад ва ҳар ҳафта беш аз 41,1 миллион нафарро дар 23 кишвари ҷаҳон фаро мегирад. Маводи Радиои «Озодӣ»-ро ба ғайр аз сомонаи худи радио – www.ozodi.org боз дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба мисли «Фейсбук», «Одноклассники», «Твиттер», «Ютуб» дастрас кардан мумкин аст. Дар сомона бошад, ба ғайр аз мутолиаи матнҳо маводи радиоро метавон гӯш кард ё тамошо намуд. Ҳамчунин ҳар рӯз аз соати 17 то 17:15 пахши мустақими хабарҳои рӯзи Тоҷикистону минтақа ва ҷаҳон аз «Ozodi TV» сурат мегирад.

Калидвожаҳо: ВАО, Вашингтон,ИМА, Прага, Радиои “Аврупои озод”/Радиои “Озодӣ,” СССР, тарғибот, Тоҷикистон, Фейсбук, USAGM.

СОЗДАНИЕ И СТАНОВЛЕНИЕ РАДИО "СВОБОДНАЯ ЕВРОПА" / РАДИО "СВОБОДА"

В данной статье анализируется история создание и становление Радио «Свободная Европа» / Радио «Свобода» (RFE / RL) и его деятельность. РСЕ/ РС финансируется Конгрессом США через Агентство США по глобальным СМИ (USAGM). 4 июля 1950 года Радио «Свободная Европа» начало вещание 30-минутных программ для Чехословакии, 14 июля для Румынии, 4 августа для Венгрии и Польши и 11 августа для Болгарии. 1 марта 1953 года Радио «Освобождение» начало вещание на Советский Союз. В мае 1959 года радио изменило название на «Радио Свобода». 1 октября 1976 года две корпорации объединились в Радио «Свободная Европа»/Радио «Свобода» (Radio Free Europe / Radio Liberty). Увеличение или уменьшение объема программ РСЕ/РС зависит от политики США по отношению к той или иной стране. Например, в 2020 году станция вещала 1511 часов 8 минут в неделю. В 2021 году в связи с сокращением программ на некоторых языках планируется транслировать 1232 часа 10 минут в неделю. Эта цифра может увеличиваться или уменьшаться в зависимости от политики, проводимой правительством США. При этом вещание программ на таджикском языке за последние годы не изменилось и составляет 42 часа в неделю. РСЕ/ РС вещает на 27 языках и еженедельно достигает более 41,1 миллиона человек в 23 странах. Помимо веб-сайта РСЕ/РС, www.ozodi.org, контент радио также доступен в социальных сетях, таких как Facebook, Одноклассники, Twitter и YouTube. На сайте, помимо чтения текстов, можно послушать или посмотреть контент. Ozodi TV также транслирует в прямом эфире новости из Таджикистана, региона и мира каждый день с 17 до 17:15.

Ключевые слова: СМИ, Вашингтон, Прага, пропаганда, Радио «Свободная Европа»/ Радио «Свобода», СССР, США, Таджикистан, Facebook, USAGM.

CREATION AND FORMATION OF RADIO "FREE EUROPE" / RADIO "LIBERTY"

This article analyzes the history of the creation and formation of Radio Free Europe / Radio Liberty (RFE / RL) and its activities. RFE / RL is funded by the US Congress through the US Agency for Global Media (USAGM). On July 4, 1950, Radio Free Europe began broadcasting 30-minute programs for Czechoslovakia, July 14 for Romania, August 4 for Hungary and Poland, and August 11 for Bulgaria. On March 1, 1953, Radio «Liberation» began broadcasting to the Soviet Union. In May 1959, the radio changed its name to Radio Liberty. On October 1, 1976, the two corporations merged to form Radio Free Europe / Radio Liberty. The increase or decrease in the volume of RFE / RL programs depends on the US policy towards a particular country. For example, in 2020, the station broadcast 1511 hours 8 minutes a week. In 2021, due to the reduction of programs in some languages, it is planned to broadcast 1232 hours and 10 minutes per week. This figure can increase or decrease depending on the policies pursued by the US government. At the same time, the broadcasting of programs in the Tajik language has not changed in recent years and is 42 hours a week. RFE / RL broadcasts in 27 languages and reaches over 41.1 million people weekly in 23 countries. In addition to the RFE / RL website, www.ozodi.org, radio content is also available on social networks such as Facebook, Odnoklassniki, Twitter and YouTube. On the site, in addition to reading texts, you can listen to or watch content. Ozodi TV also broadcasts live news from Tajikistan, the region and the world every day from 17 to 17:15.

Key words: mass media, Washington, Prague, propaganda, Radio «Free Europe» / Radio «Liberty», USSR, USA, Tajikistan, Facebook, USAGM.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муқимов Муҳамадӣ Аминович (Ҷовид Муқим)*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи байналхалқӣ. **Суроға:** Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиё. Рӯдаки, 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Мукимов Мухамади Аминович (Джовид Муким)*** - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры международной журналистики. **Адрес:** Таджикистан, 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

Information about the author: ***Muqimov Muhamadi Aminovich*** – Tajik national university, Doctor of Philology, Professor, Department of International Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

УДК: 002

ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ МАТБУОТИ ҲИЗБӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

Бобоева Б.Р.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Дар аввали солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон тағйиротҳои ҷиддӣ шурӯъ гардиданд, ҳаракати “бозсозӣ”, ки ҳанӯз солҳои 80-ум оғоз гардид ва ба бедории худшиносиву худогоҳии миллӣ замина гузошт. Дар баробари он як гурӯҳ зиёиёни тоҷик, ки ба сифати тарҷумону кормандон ба кишвари Афғонистон даъват шуда буданд, бо рӯҳияи нав ба Тоҷикистон баргаштанд. Ҳаракати “Рӯ ба рӯ” дар байни донишҷӯён пайдо шуд ва маҳфилҳои гуногун баргузор мегардид. Кишварҳои гуногун барои таъсиси аҳзоби сиёсӣ манфиатдор буданд. Ҳамчунин дар заминаи маҳал ҷамъиятҳои гуногун ба фаъолият шурӯъ карданд, ки манфиати худро доштанд. Дар ин раванд аввалин нишонаҳои гуногунандешӣ дар рӯзномаҳои аввал давлатӣ, ба монанди: “Комсомоли Тоҷикистон”, сониян, рӯзномаҳои хусусӣ: “Растохез”, “Чароғи рӯз” пайдо шуданд. Лекин таъсиси ҳизбҳои сиёсӣ расман дертар оғоз ёфт, зеро ҷанги шаҳрвандӣ ба ин ҷараён таъсири манфӣ расонд [2].

Равшан аст, ки аҳзоби сиёсӣ маҳз бо нашрия ва дигар васоити ташвиқотӣ ҳадафу ақоиди худро манзури ҷомеа месозанд, ки бо ин васила аҳли ҷомеа аз матлабу мақсади ин ё он ҳизб воқиф мегарданд. Аз ҳамин рӯ, баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар Тоҷикистон фазои нисбатан озод ва вазъияти ошкорбаёнӣ ба вуҷуд омад, ки ин ба таъсиси аҳзоби сиёсӣ низ таъсир гузошт. Таъсиси аҳзоби сиёсӣ дар ҳар мамлакат далели мавҷудияти демократия ва озодии ақоид аст. Агар ба таври умум ба матбуоти ҳизбҳои сиёсӣ назар афканем, маълум мегардад, ки ҳар кадоме маҳсули як давраи муҳимми сиёсӣ ва таърихӣ ҳастанд.

Яке аз нишонаҳои муҳимми ҷамъияти воқеан демократӣ озодии сухан, мавҷудияти матбуоти оппозитстонӣ, бемамониат фаъолият намудани ҳизбҳои гуногуни сиёсӣ мебошад. Ҳамаи ин дар Тоҷикистони имрӯза вуҷуд дорад ва касе онро инкор карда наметавонад.

Чуноне ки дар китоби худ “Бист қадами созанда” Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қайд намудааст: “Мехоҳам таъкид созам, ки дар шароити бисёрҳизбӣ ҳар як ҳизб ва созмони сиёсӣ бояд мавқеи худро муайян созад. Албатта, ҳар як ҳизб ҳадафу манфиатҳои худро дорад ва ин табиист.

Маҳз барои ҳамин яке аз принсипҳои асосии фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон эҳтироми ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳамаи ҳизбҳо ва созмонҳои сиёсие мебошад, ки дар доираи Конститутсия амал мекунанд. Умуман, дар шароити кунунӣ ягон ҳизб ва созмони сиёсӣ танҳо ба сари худ дар бунбаст вуҷуд дошта наметавонад. Қобили зикр аст, ки ҳизбҳои сиёсӣ барои ташаккул ва ифодаи иродаи халқ фаъолият намуда, ҳар яке аз онҳо ҷиҳати ба даст овардани боварии мардум ба майдони сиёсат ворид мешаванд. Ин раванд бояд як падидаи оддӣ ё маъмулӣ бошад, вале ҳатман дар доираи қонунҳои амалкунанда сурат гирад.

Асос ва ҷавҳари ин меъёри сиёсиро бояд риояву ҳифз намудани манфиатҳои олии миллӣ ва давлатӣ аз ҷониби ҳар як ҳизби сиёсӣ ва ҳар узви он ташкил диҳад, зеро Ватан, Миллат, Истиқлолият, Ваҳдати миллӣ ва оромиву осудагии ҷомеа муқаддастарин арзишҳое мебошанд, ки ягон ҳизб, гурӯҳ ё шахсе ҳаққи халалдор кардани онро надорад” [8].

Таъсисёбии нашрияҳои ҳизбҳои сиёсӣ маълум аст, ки ба густариши матбуот нақши босазо низ хоҳанд бозид. Аз ин рӯ, назар афкандан ба таърихи таъсисёбии нашрияҳои аҳзоби сиёсӣ аз муҳимтарин ҳадафҳо хоҳад буд. Нашрияҳои аҳзоби сиёсӣ дар Тоҷикистон ба таври зер ҳастанд, ки мо бо назаргирии мавқеъ ва мақомашон мавриди тавзеҳ қарор додем. **Ҳ**адафи асосии мо муайян намудани заминаҳои ташаккули нашрияҳои ҳизбӣ аст, ки мо ба таърихи таъсис ва ҳадафҳои ин рӯзномаҳо таваҷҷуҳ менамоем. Бояд қайд намуд, ки пайдоишу инкишофи матбуоти ҳизбӣ дар Тоҷикистон марбут ба воқеоти сиёсию

иҷтимоии ҷумҳурӣ дар ибтидои солҳои 90 - уми асри гузашта мебошад. Дар ин давра дар миқёси ҷумҳурӣ ҷунбишу ҳаракатҳои ҷамъиятию сиёсӣ рӯйи кор омаданд, ки ниёз ба матбуоти хеш доштанд.

Яке аз ин гуна ҳизбу ҳаракатҳо ин ҳаракати мардумии “Растохез” буд. Ҳаракати мардумии “Растохез” 14 сентябри соли 1986 дар Тоҷикистон ба амал омада буд. Мақсади ин ҳаракат дар Тоҷикистон бунёд кардани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ буд. Созмони “Растохез” масъалаи соҳибихтиёрии халқи тоҷикро бо сароҳат ба миён гузошт ва талош барои истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба мақсади асосии созмон табдил ёфт. Созмони “Растохез” мехост, ки дар Тоҷикистон забони тоҷикӣ забони давлатӣ бошад. Бо ин мақсад 25 феврали соли 1989 аввалин маротиба дар таърихи Тоҷикистони советӣ митинг баргузор гардид, ки иштирокчиёни асосии он донишҷӯён, устодон ва ходимони Академияи илмҳои Тоҷикистон ба шумор мерафтанд. Митингкунандагон талаб доштанд, ки дар Тоҷикистон ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода шавад.

Зоҳиран, ин ҳадаф хилофи Қонуни асосии кишвар набуд. Мувофиқи он Тоҷикистон яке аз ҷумҳуриҳои шӯрави маҳсуб мешуд, яъне як давлати миллӣ буд. Муҳимтарин нишонаи давлати миллӣ - доштани забону фарҳанги миллӣ аст. Пас, забони давлатии Тоҷикистон бояд забони тоҷикӣ бошад. Чунин ақида доштанд аъзоёни ин созмон.

Аъзо ва пайравони созмони “Растохез”, на танҳо равшанфикрон ва зиёиёни ҳамаи шаҳру деҳотҳои кишвар, балки шоирону нависандагон чун Сотим Улуғзода, Лоиқ Шералӣ ва Муҳаммадҷон Шукуров низ аъзои созмони “Растохез” буданд, ки барои амалӣ кардани ин ҳадаф фаъолият карданд.

Созмони “Растохез” рӯзномаи ҷамъиятӣ-сиёсие бо номи «Растохез» дошт, ки дар аввал ҳамчун варақа, баъдтар ҳамчун рӯзномаи мустақили Ҷунбиши мардумии «Растохез» нашр шуда буд. Шумораи нахустини «Растохез» бо ду забон-русӣ ва тоҷикӣ дар ҳаҷми 5-ҳазор нусха моҳи майи соли 1990 ҳамчун моҳона, берун аз Тоҷикистон дар Маскав нашр гардид. Шиори анъанавии «Растохез» - «Аз гавҳора то ба гӯр дониш биҷӯй» буд. Сармуҳаррири рӯзнома Аҳмадшо Комилов буд.

«Растохез» на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми Осиёи Марказӣ аввалин рӯзномаи озод ва мустақил шуморида мешуд.

“**Нидои ранҷбар**”. Нашрияи Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон аз моҳи феврали соли 1992 чоп мешавад. Зери рубрикаи “Андешаҳо”, “Ахбори ҳизбӣ”, “Акси садо”, “Доғи рӯз” ва ғайраҳо дар рӯзнома маводҳо чоп мешаванд. Рӯзнома ҳафтае як маротиба аз чоп мебаромад. Сардабирии рӯзномаро Ҳабибулло Ёров ба ӯҳда дошт. Ҳайати таҳририяи “Нидои ранҷбар” дар шумораи аввалааш 28 феврали соли 1992 ба хонандагонаш муроҷиат карда, аз ҷумла навиштааст: “Нидои ранҷбар” дар даврае ба гӯш мерасад, ки ҳизби коммунистро барои ҳарчи гунаҳкор кардан анъана шудааст. Албатта, ҳизби мо гуноҳҳо ва камбудиҳои ашхосеро, ки аз номи ҳизби коммунист “киштии моро ба рег нишониданд”, на танҳо рӯпӯш намекунад, балки фошу маҳкум менамояд ва яке аз умдатарин вазифаи мо низ ин аст. Аммо бисёр хоҳиш дорем, як ба оҳанги ҷорӣ онҳое, ки имрӯз ҳизби коммунистро наҳ мезананд, бадгӯӣ мекунанд, дақиқ таваҷҷуҳ кунед. Оё навад дар сади онҳо коммунистони собиқ ё худ онҳое, ки коммунист шуданӣ буданд, нестанд! Оре, онҳоеанд, ки имрӯз худро ба даргоҳи дигаре задаву вазифа гирифтанианд. Боварӣ ҳаст, вақт симои онҳоро равшантар мекунад.

Аммо на инкор, на хусумату бадгӯӣ ҳадафи ин нашрия нахоҳад буд. Балки мо ба умед қалам меронем, ки дар Тоҷикистони азиз сулҳу салоҳ бошад, ободӣ бошад, имон бошад, нону хона бошад, ба умед қалам меронем, ки хуни ноҳақ дигар дар замини тоҷик нарезад” [10].

Дар баробари “Нидои ранҷбар” Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон рӯзномаҳои “Голос Таджикистана” (ба забони русӣ), “Тожикистон овозӣ” (ба забони ӯзбекӣ) органи чопии худро соҳиб аст. Аммо пас аз соли 1998 миллӣ шудани моликияти Ҳизби Коммунистӣ вазъи матбуоти он хеле бад шуд ва дар асри ХХ1 онҳо аз рӯзнома дида ба моҳнома бештар монанд шуданд, даврияти маълумро риоя карда наметавонанд ва солона то 10-15 номгӯй мебаромад.

“Коммунисти Тоҷикистон” - органи нашриётии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон мебошад. Муассисаш Комитети Марказии ҳизби Коммунистии Тоҷикистон мебошад. “Коммунисти Тоҷикистон” таҳти рақами 009/Р3 аз 9-уми апрели соли 2009 бо забони

тоҷикӣ ва 9-уми марти соли 2009 таҳти рақами 0102/Р3 бо забони русӣ “Коммунист Таджикистана” дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Рӯзнома моҳе 1 ё 2 маротиба бо забони русӣ, ӯзбекӣ ва тоҷикӣ, дар ҳаҷми 8 ва баъзан 16 саҳифа бо теъдоди 3000 нусха аз чоп мебарояд.

Ба ҳайати таҳририяи рӯзнома Насимов А. котиби КМ ҲКТ, Мирасанова З. котиби КМҲКТ, Камолиддинов Л. сармуҳаррири рӯзномаи “Эътиқод” ва Ҳоҷиев М. узви Раёсати КМ ҲКТ шомил мебошанд. Аксари вақт 2 шумораи он дар як вақт (“5-6 (2017), №7-8 (2017), №3-4 (2018), №9-10 (2018), №11-12 (2018), (№1-2 (2019), №3-4 (2019) ва ғайра...) интишор мешавад [11], [12], [13], [14], [15], [16], [17].

“Эътиқод” - “Вера” - Нашрияи созмони вилоятии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон дар вилояти Суғд буда аз 4 июли соли 1992 зери шиори “Пролетариатҳои ҳамаи мамлакатҳо як шавед!” бо забони русӣ ва тоҷикӣ нашр мешавад.

Рӯзномаи мазкур бори аввал 14.06.1992 таҳти рақами 204 ва такроран 15.03.2017 таҳти рақами 0002/Р3-97 аз ҷониби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Сармуҳарририи онро Луқмониддин Камолиддинов ба уҳда дорад. Ба ҳайати таҳририяи рӯзнома Қ.Мирзоева, М.Раҳимова, И.Почоев, Ҳ.Тоатов, М.Маҳмудов ва А.Одинаев шомил мебошанд. Рӯзнома моҳе ду ё се маротиба дар ҳаҷми 4-саҳифа нашр мешавад.

Дар рӯзнома бештар масъалаҳои марбут ба ҳаёти ҳизб нашр мешаванд. Нашрияи “Эътиқод” зодаи даврони Истиқлолият аст. Аз унвони рӯзнома бармеояд, ки коммунистон ба ҳизби худ ҳанӯз ба ғояҳои абадзиндаи доҳии пролетариати ҷаҳон В.И.Ленин эътиқоди қавӣ доранду роҳи коммунистии худро дар пешрафти ҷомеа яке аз роҳҳои дурусту пешбаранда мешуморанд. Дар ҳама кунҷу канор мекӯшанд, то сохти имрӯзаро ба зери тозиёнаи танқид қарор дода, дар роҳи бунёди Иттиҳоди абадқудрат саҳм гузоранд.

“Минбари халқ”. Нашрияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон буда, аз 7 сентябри соли 1996 чоп мешавад. Рӯзнома фарогирии масъалаҳои гуногуни ҳаёти имрӯз мебошад. Рӯзнома таҳти рубрикаҳои “Хабар доред?”, “Акси садо”, “Мушкилоти рӯзгор”, “Шамъи хотира”, “Шинохти ҷаҳон” ва ғайраҳо мавод пешкаши муштариён менамояд. Адади нашри он соли 2007 бештар аз 21 ҳазор нусхаро ташкил медод. Аввалин муҳаррири он Бахтиёр Муртазоев мебошад. Баъдан Мансур Суруш вазифаи муҳаррирро иҷро кардааст. Имрӯз ин вазифа бар дӯши Бахтиёр Ҳамдамов аст ва тиражи газета зиёда аз 64 ҳазор гардидааст.

Нашрияи «**Сухани халқ»** чун нашрияи вилоятии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон 4-уми декабри соли 1993 аз чоп баромадааст. Сармуҳаррири нахустини он Муҳаммадӣ Салимов, ки он замон дар шуъбаи идеологияи ҳукумати вилояти Суғд кор мекард, таъйин шуд. Шумораҳои нахустинро асосан кормандони ҳафтаномаи «Нилуфар» бо сарварии Додохони Эгамзод ба чоп омода менамуданд. Дар солҳои аввал рӯзнома дар давоми сол ҳамагӣ 2-3 шумора мунташир мегардид, аз солҳои 2000-ум нашри мунтазами он ба роҳ монда шуд. Шумораҳои махсуси он бештар ба маъракаҳои интихоботӣ ва барномаҳои пеш аз интихоботӣ бахшида мешуданд. Вазифаи сармуҳарририро баъди М.Салимов то соли 2006-ум Додохони Эгамзод ба зимма дошт. Солҳои 2006-2007 Нарзулло Дадобоев, солҳои 2007-2012 Абдусабури Абдуваҳҳоб дар вазифаи сармуҳаррир фаъолият намуданд. Аз моҳи июни соли 2012-ум сармуҳаррири рӯзнома Мирзоаъзам Мақсудов буданд. Ҳоло бошад сармуҳаррири рӯзнома Қурбонов Бобоҷон мебошад.

То соли 2012-ум «Сухани халқ» моҳе ду маротиба дар ҳаҷми 16 саҳифа нашр мешуд. Баъди сармуҳаррир шудани М.Мақсудов он ба ҳафтанома табдил ёфт. Дар айни замон ҳар ҳафта дар ҳаҷми 8 саҳифа аз чоп мебарояд. Дар маҷмӯъ шумораи саҳифаҳои он кам нашудааст. Замимаи «Сухани донишҷӯ»-ро барои ҷавонон сармуҳаррир Нарзулло Дадобоев ташкил карда буд. Соли 2011 дар назди Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон «Созандагони Ватан» таъсис ёфт. Бинобар ин, номи «Сухани донишҷӯ» ба «Созандагони Ватан» иваз карда шуд. Бо назардошти 8-саҳифагӣ шудани ҳафтанома саҳифаҳои он низ аз 4 ба 2-то кам карда шуд. Айни замон нашрияи «Сухани халқ» бо 8815 нусха нашр мешавад. Дар вилояти Суғд ягон нашрияи дигар чунин адади нашр надорад. Ба таъсисёбии ҳафтаномаи «Сухани халқ» соли равон 23 сол пур мешавад. Рӯзномаи «Сухани халқ» бо гӯшаҳои«Рангорангии зиндагӣ», «Мушкилот»,

«Таҳлил», «Оинаи хирад», «Маънавиёт», «Ҳизб ва ҷомеа», «Изтироб», «Намуна», «Ҷашнвора», «Ҳамкорӣ», «Минбари баҳс», «Хандоханд», «Чеҳра», «Нигоҳ», «Ҳуввият», «Кишоварз», «Оинаи рӯз», «Маориф», «Илҳом аз паём», «Зан ва зиндагӣ», «Саломатӣ» ва ғайра маводи гуногуни иҷтимоиву сиёсӣ, иқтисодиву фарҳангӣ ва илмиву оммавиро нашр мекунад. Аз шумораи №13 (207), (10.07.2012) ин гӯшаҳо аз миён рафта, рӯзнома бидуни гӯша ба нашр мерасад. Ҳамчунин дизайни рӯзнома тағйир ёфтааст [18].

Ба андешаи мо, ин иқдом метавонад ба кам шудани хонандагонаш мусоидат намояд, зеро замимаи «Сухани донишҷӯ» ихлосмандони зиёд дошт. Дар саҳифаҳои ин рӯзнома оид ба соҳаҳои мухталифи вилояти Суғд, Тоҷикистон ва ҷаҳон ахбори гуногун мунташир мегарданд. Дар саҳифаи 11-уми рӯзнома зери гӯшаи «Навидҳо» хабарҳои таҳиянамудаи донишҷӯён ба табъ расидааст. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки саҳифаҳои 11, 12, 13 ва 14-ум «Сухани донишҷӯ» унвон дошта, дар он ҳамеша маводи донишҷӯён дар жанрҳои гуногун мунташир мегардад.

Дигар аз рӯзномае, ки дар муҳити иттилоотии Тоҷикистон амал мекард, ин рӯзномаи Ҳизби демократии Тоҷикистон **"**Адолат" буд. Рӯзнома нахустин бор 20 сентябри соли 1990 берун аз ҷумҳурӣ (дар шаҳри Вилнюси Литва) рӯйи чоп омад. Он ҳамагӣ 48 шумора чоп шуд. Зери рубрикаҳои "Нӯшбод", "Сиёсатнома", "Саҳифаи хунини таърихи Ватан", "Шумо медонед, ки", "Паёми рангин", "Ҳаҷв", "Акси садо" дар мавзӯъҳои сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ маводи зиёдеро пешкаши хонандагони худ гардонидааст. Имомназар Холназар сармуҳаррир, А.Очилов, Бозор Собир, В.Терлетский, Искандари Хатлонӣ, Муҳаммадалии Саидзода, Рустами Ваҳҳобиён, Раҳими Мусулмониён, Шодмони Юсуф, Абдунабии Саттор дар ҳайати таҳририяи ҳафтавор шомил буданд. Аҳли қалами нашрия Зулфиқор Исмоилиён, Рофеъ Рабеъ, Сабзалӣ Мурод, Саидқосим Қиёмпур, Шафкати Раҷабиён ва дигарон барои рӯзномаи мазкур дар мавзӯъҳои гуногун мавод менавиштанд.

Дертар фаъолияти ин нашрия барои вайрон кардани талаботи қонуни матбуот аз тарафи Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозdошта шуд. Аз 5 августи соли 2009 рӯзномаи "Истиқлол" дар Вазорати Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 0195 ба қайд гирифта мешавад. Сармуҳаррири рӯзнома Шаҳбози Аброр таъйин шуда, то соли 2015 фаъолият намудааст. Шиори рӯзнома «Пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек» ва ҳамчун рӯзномаи ҷамъиятию сиёсӣ худро муаррифӣ менамояд. Лекин дар шумораҳои он барномаи Ҳизби демократи Тоҷикистон, мусоҳиба бо раиси ҳизби мазкур, таърихи ҳизб нашр гардидааст. Дар шумораи № 2 (92) аз 30.12.2013 нашри махсуси рӯзнома номзади ҳизби демократи Тоҷикистон Саидҷаъфар Усмоновро ба мансаби Президенти кишвар муаррифӣ менамояд. Дар саҳифаи аввали рӯзнома шарҳи ҳол ва сурати Саидҷаъфар Усмонов ва баргузор гардидани Анҷумани XI ғайрнавбатии ҳизб маълумот дода мешавад. Қайд мегардад, ки Саидҷаъфар Усмонов аз соли 2006-2012 соҳибкор буд ва аз декабри соли 2012 раиси Ҳизби демократи Тоҷикистон интихоб гардидааст. Ӯ номзади илмҳои иқтисодист, оиладор, соҳиби 7 фарзанд мебошад. Рӯзнома аз 4 саҳифа иборат буда, аз рафти мулоқотҳои номзад ба мақоми Президентӣ, фаъолияти ситоди номзад, барномаи номзад ва мусоҳиба бо Таваралӣ Зиёзода, муовини раиси «ҲДТ-ро мисли фарзандам медонам» нашр шудааст [19]. Дар шумораи 1 (94) аз 6.02.2005, ки бахшида ба интихоботи парлумонӣ нашри махсус омода кардаанд, аз таърихи ҳизби демократи кишвар, номзадҳои онҳо ба интихоботи парлумонӣ маълумот медиҳад [20]. Қайд мегардад, ки аз соли 1990 то соли 2006 ҳафтаномаи «Адолат» органи нашриётии ҲДТ буд. Аз декабри соли 2012 органи нашриётии ҲДТ бо номи «Ошкоро» тасдиқ шудааст. Лекин муаррифии ҳизб ба воситаи рӯзномаи «Истиқлол» сурат мегирад. Аз ҷумла қайд мегардад, ки ба Саидҷаъфар Усмонов имконият шуд, ки аз се гурӯҳи мухталифи дохилиҳизбӣ як ҳизби эътирофшуда таъсис диҳад ва роҳбари он интихоб гардад. Дар интихоботи парлумонии соли 2015-2020 4 номзади ин ҳизб аз ҳавзаи умумиҷумҳуриявӣ ва 3 номзад аз ҳавзаи якмандатӣ пешниҳод гашта буданд, ки дар натиҷаи интихобот аз ҳавзаи якмандатии Фархор-34 Саидҷаъфар Усмонов вакил интихоб гардид. Маълум мешавад, ки рӯзномаи «Истиқлол» нашри доимӣ надошта, танҳо барои муаррифӣ ҳамчун нашри махсус чоп мешавад Шумораи дигари он 1 (96) 15.12.2019 доир ба Анҷумани XV ғайринавбатии Ҳизби демократи Тоҷикистон бахшида шуда, рӯзномаи анҷуман, таърихи мухтасари ҳизб, барномаи пешазинтихоботии ҳизб барои маъракаи интихоботи парлумонӣ, мусоҳиба бо раиси ҳизб ва андешаҳо оид ба фаъолияти ҳизб ва сурати аъзои

шӯрои сиёсии Ҳизби демократи Тоҷикистон нашр гардидааст. Теъдоди нашри он қайд нашудааст ва саҳифаи рӯзнома аз 4 ба 8 саҳифа расида сармуҳаррири он Аҳмадшоҳ Комилзода таъйин гаштааст. Шумораи охирини ин рӯзнома ҳамчунин нашри махсуси 1 (97) аз 22.08.2020 нашр шуда ба пешбарии номзад ба интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Мусоҳиба бо раиси ҳизби мазкурро Алишер Идизода анҷом додааст, дигар мавод такрори шумораи пешин аст [21].

Рӯзномаи "Меҳргон" органи нашриётии Ҳизби аграрии Тоҷикистон мебошад. "Меҳргон" рӯзномаи ҷамъиятиву сиёсӣ буда, соле як ё ду маротиба ба андозаи А–3 дар ҳаҷми 8-16 саҳифа ба забони русӣ ва тоҷикӣ нашр мешавад. Дар он доир ба ҳодисаву воқеот ва масъалаҳои мубрами сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ мавод нашр мешавад. Рӯзномаи Ҳизби аграрии Тоҷикистон «Меҳргон» таҳти рақами 0024РЗ дар Вазорати Фарҳанги ҶТ аз 08.10.2007 ба қайд гирифта шуда, теъдоди нашраш аз 2000 то 4000 нусха аст. Сармуҳаррири рӯзнома Зиё Раҳмон ва шиори рӯзнома дар аввал «Зиндагии арзанда ба ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон» буд, ки аз барномаи пешазинтихоботии номзад ба мансаби Президентии Тоҷикистон Бухориев Толибек Аҳмадович бармеомад. Дар шумораи №83 аз 30.10.2013 барномаи пешазинтихоботии номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ду забон: тоҷикӣ ва русӣ нашр гардидааст. Дар баробари он «аз сафари кории Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Восеъ», «Ифтитоҳи маркази тиҷорат ва хизматрасонии Султони Кабир дар ноҳияи Восеъ», «Нигаронии Убайдуллоев аз марказҳои дилхушӣ», «Суханони кӯтоҳ, вале пурмуҳтаво», «Фидоии касби хеш», «Эҳдо ба Ҳизби аграрии Тоҷикистон» чоп шудааст [22]. Шумораи навбатии рӯзномаи «Меҳргон» баъди як сол №84, декабри соли 2014 бахшида ба анҷумани VI ҳизби аграриӣ нашр мегардад. Дар ин шумора маърӯзаи иҷрокунандаи вазифаи раиси ҳизб Рустам Латифзода, хабарҳо аз чорабиниҳои КМИР, аз «натиҷаи фаъолияти комиссияи экологии парламент дар солҳои 2013-2014», минбари олим «моро чӣ интизор аст», «такя ба деҳотиён», дилномаи шоир ба анҷумани аграриён нашр шудааст. Дар шумораҳои минбаъда №88 аз 23.02.2015 муаррифии номзадҳои Ҳизби аграрии Тоҷикистон дар ҳавзаҳои якмандатӣ Зайнуддин Сафаров, Аҳмадҷон Қобилов, Ҷонона Холбобоева, Рустам Латифзода, Файзуллоев Абдукарим сурат мегирад [23]. Ҷолиби диққат аст, ки дар шумораҳои рӯзномаи «Меҳргон» рубрикаҳои гуногун ба монанди «Ахлоқ ва сиёсат», «тозаахбор», «замин-модари инсон», саҳифаҳои фарҳангӣ, нашри сканворд ба роҳ монда мешавад, ки рӯзномаро рангорангу хонданӣ мегардонад. Шумораи №90 аз 19 марти соли 2015 пурра ба чорабиниҳои наврӯзӣ бахшида шуда ҷуғрофияи рӯзнома васеъ мегардад. Мақолаҳои олимон, ҷомеашиносон нашр мегардад. Чунончи академик Кароматулло Олимов дар бораи «Наврӯз чӣ тавр ҷаҳонӣ шуд?» андешаҳои худро баён намудааст. Аслан рӯзномаи «Меҳргон» дар се моҳ як маротиба дар 8 саҳифа чоп мешавад. Шумораи №108-109-ро муттаҳид намуда дар ҳаҷми 16 саҳифа нашр мешавад, ки дар он маърӯзаи раиси ҲАТ Рустам Латифзода, хабарҳо аз конференсияҳои ҳизбӣ, барномаи пешазинтихоботии ҲАТ ба интихоботи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, хабарҳо, рубрикаҳои «иқтисодиёт», «андарзҳо», «амният» нашр гардидааст. Дар соли 2020 низ ду шумора нашр гардида, барномаҳои пешазинтихоботии ҳизби аграрӣ , аз фаъолияти фраксияи ҳизби аграрӣ дар Парламенти кишвар, «Тағйирёбии иқлим ва инноватсия дар кишоварзӣ», очерк дар бораи академик Комилзода Давлатҷон, «маслиҳати мутахассис» дар бораи кишти ҷуворимакка ва «саҳифаи фарҳангӣ» дарҷ намудааст. Минбаъд аз соли 2019 рӯзнома сармуҳаррир надошта Ахмедов М., Умеда Шодмонова, Ф.Икромов масъули чоп мебошанд. Рӯзнома маводи гуногун ба забони русӣ, бознашр аз рӯзномаи «Ҷумҳурият», аз китоби «Аз ману сомони ман» дорад. Дар шумораи 112 аз сентябри соли 2020 мусоҳиба бо раиси ҲАТ Рустам Латифзода «Як хонаи панҷҳуҷрагӣ дорам, замину бӯстонсаро надорам», ки Муллораҷаб Юсуфзод аз радиои "Озодӣ" таҳия намудааст, бознашр гардидааст. Боқимонда маводи рӯзнома бештар хусусияти илмӣ-соҳавии аграрӣ дорад. Суратгузориш аз маъракаи ҷамъоварии имзо барои пешниҳод ба мансаби Президентӣ ҷолиб мебошад [24].

Рӯзномаи Ҳизби ислоҳоти иқтисодӣ "Иқтисод ва ҳаёт" унвон дошта, бештар маводи иқтисодиро нашр намудааст, вале бо сабабҳои иқтисодӣ дигар нашр намешавад.

Рӯзномаи «Иттиҳод» (Единство) №61 (майи 2019) муассисаш Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон, гурӯҳи эҷодии рӯзнома сармуҳаррир Абдуҳаким Ғаффоров, котиби масъул:

Муртазо Аҳмадов, ҳайати таҳририя: Гулназар Келдӣ, Урватулло Тоҳирӣ, Маъруфҷон Юсупов мебошанд.

Рӯзнома таҳти рақами №369 соли 1997 дар Вазорати Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст.

Рӯзнома ба хотири таъмини гуногунандешӣ мақолаҳоеро низ ба дасти чоп медиҳад, ки бо муаллифон ҳамақида нест ва масъулияти онро ба дӯш намегирад. Рӯзнома дар чопхонаи "Мега-Принт" бо теъдоди 2000 нусха ба табъ расидааст. Дар шумораи №61 (майи 2019) мақолаи раиси Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон таҳти унвони "Ҳадаф-таъмини адолати иҷтимоӣ" чоп шудааст [25].

"Ҳизби моро, ки ҷавҳарашро адолати иҷтимоӣ ташкил медиҳад, маромаш бо нахустмоддаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки давлати моро давлати иҷтимоӣ эълон доштааст, як мебошад. Аз ин рӯ, мо ҳамеша дар талоши он ҳастем, ки адолати иҷтимоӣ дар Тоҷикистон таъмин мебошад. Ҳар як сокини кишвар новобаста аз табақаи иҷтимоиаш, бояд аз ҳуқуқҳои худ бархӯрдор бошад, ки инро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат медиҳад " қайд кардааст муаллиф.

Мавриди зикр аст, ки ҷараёни аъзошавӣ ба ҲСТ сол ба сол афзоиш дорад. Айни ҳол теъдоди аъзои ҳизб 21557 нафарро ташкил дода, зиёда аз 4500 нафари онҳоро дар хориҷӣ кишвар, аз ҷумла, дар шаҳру кишварҳои Федератсияи Россия (Москва, Санкт-Петербург, Челябинск, Новосибирск, Тула, Тотористон, Иркутс) кору фаъолият карда истодаанд. Аъзои раёсати ҳизб дар сафарҳои худ ба Федератсияи Россия бо аъзои ҳизб вохӯриҳо доир намуда, онҳоро бо вазъи сиёсӣ ва навгониҳои кишвар шинос менамоянд ва дар баробари ин, барои фаъолияти ҳизбиашон ёрии амалӣ мерасонанд.

Бояд таъкид кард, ки ҲСТ дар давраи мавҷудияти худ дар интихоботҳои парламентӣ ва президентии кишвар ширкат варзида, таҷрибаи бою амиқ пайдо намуда истодааст.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳифзи ҳувияти миллӣ ва арзишҳои фарҳангиву маънавӣ мақоми авлавиятро касб мекунанд. Рӯзнома зери гӯшаҳои "Раҳнамо", "Обу ободонӣ", "Ёдбуд" маводҳои ҷолиби хонданиро пешкаши хонандагонаш мегардонад.

Дар саҳифаи "Раҳнамо" мақолаҳо оид ба намояндагони сохторҳои гуногуни ҷомеа ва асосан Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр мешавад.

Масалан, дар саҳифаи мазкур дар шумораи №61 (майи 2019) мақолае бо номи "Сафири Хуршед" зери қалами кормандони рӯзномаи "Иттиҳод" рӯйи чоп омадааст. Дар мақолаи мазкур, оиди бесарусомониҳои солҳои 90-уми асри XX, ки дар ҳар шаҳру ноҳия ва минтақаҳои Тоҷикистон роҳбарон худро шоҳ меҳисобиданду касе ба касе итоат намекард, гурӯҳҳои яроқнок дар ҳар гӯшаю канори кишварро аз худ карда буданду ҳангоматалабона ба Ҳукумат итоат накарданд, сухан рафтааст.

Дар мақола аз ҷумла чунин омадааст:

"Истиқлолиятро бо лутфи таърих ба даст овардаему аз шаҳди меваш начашида, кишварро фарзандони бегонапарасту печида ба доми фиреби душманони берунаамон ба коми ҷанги шаҳрвандӣ кашидаанд. Зеро замона дигар гашта буду роҳбарони кишвар бо он шеваи пешин ва қолаби дигар кишварро идора карда наметавонистанд ва мардум акнун мисли пештара зиндагӣ кардан намехостанд.

Дар ҳамин айёми мушкил қуввае лозим буд, ки неруҳои мухолифро дар як ҷо ҷамъ овараду бо ҳам муттаҳид кунад ва кишварро, ки рӯ ба пошхӯрӣ оварда буд, аз вартаи муҳлик наҷот диҳад. Дар назди Президенти ҷавони ҷумҳурӣ масъалаҳои ҳалталаби басо муҳимму заруре меистоданд, ки таъхирнопазир буданд. Барои рафъи мушкилот аз ҳама имкониятҳои мавҷуда пурсамар истифода бурдан лозим буд.

Аввалин суханронии ин сарвари тозаинтихоби кишвар вакилонро ба якдилию якдигарфаҳмӣ ва ҳамкории беғаразона ҳидоят намудан буд. Ӯ сари зону зада ливои кишварро бӯсид ва иброз дошт, ки то як гурезаи тоҷик берун аз марзи кишвар аст, ӯ ором буда наметавонад ва ҳама кӯшишу ғайраташро ба он равона мекунад, ки ҳар яки онҳоро ба Ватан орад ва тадриҷан оромиву осудагии кишварро таъмин намояд. Кишвар бо сарварии Президенти ҷавон Эмомалӣ Раҳмон баъди талошҳо ва гуфтугузорҳои тӯлонӣ рӯ ба оромӣ овард", чунин менигоранд кормандони рӯзнома.

Дар мақолаи мазкур аз корнамоиву қаҳрамонӣ, ҷасуриву матониродагии сарвари давлат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сухан рафтааст.

Аз ҳамаи аҳзоби сиёсие, ки номбар гардид, Ҳизби Халқи Демократии Тоҷикистон сомонаи худро www.hamsafon.tj таъсис додааст. Сомонаи мазкур аз фаъолияти ҳизб, сабзқалам, ҷаҳони андеша, сохтор, созандагони ватан, робита саҳифа дорад ва ҳамарӯза мавод нашр мегардонад. Сафи хонандагони саҳифа дар як рӯз аз 64 то 200 мерасад. Аз ҷумла рӯзномаи "Минбари халқ" дар сомона ҷойгир карда шудааст, ки барои пайгирӣ дар ҳама гӯшаю канори дунё имконият медиҳад. Дигар ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон аз расонаҳои электронӣ танҳо аз шабакаҳои иҷтимоӣ истифода менамоянд. Дар баробари ин, дар маъракаҳои интихоботӣ расонаҳои мустақили Тоҷикистон ба фаъолияти аҳзоби сиёсӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Хусусан, радиои "Озодӣ" дар ин самт пешсаф аст. Масалан, радиои мазкур мусоҳиба бо намояндагони ду ҳизби рақибро соли 2012, 22.10 бо номи "Нигоҳ аз ду зовия" анҷом додааст, ки дар он Сӯҳроб Шарипов, намояндаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва Раҳматулло Зойиров – раиси Ҳизби сотсиал-демократи Тоҷикистон андешаҳои худро дар бораи қонун дар бораи интихобот баён намудаанд. Муаррифии андешаҳои ҳизбӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ яке аз самтҳои кори таблиғотиву ташвиқотии ҳизбӣ гардидааст. Хусусан, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, аз ҷумла сохторҳои шаҳриву ноҳиявии он дар Фейсбук саҳифаҳои худро доранд ва аз фаъолияти рӯзмарраи худ маълумот нашр менамоянд. Дар баробари он, дар 11 шаҳру ноҳия газетаҳои худро кумитаҳои иҷроияи ҳизбӣ барои аъзоёни ҳизб ва ҷонибдорони худ нашр мекунанд.

Аз гуфтаҳои боло метавон ба хулосае расид, ки халқи тоҷик дар марҳилаи аввали эҷоди ҷомеаи демократӣ қарор дорад. Барои ин таҷрибаи сиёсии кофӣ зарур аст, то ки фаъолияти ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ дар шароити ором бо риояи назокатҳои сиёсӣ ва ахлоқӣ ҷараён гирад. Бо ин воқеаҳои гузашта зарур аст, ки психологияи миллӣ, анъанаву суннатҳо, одобу ахлоқи таърихан ташаккулёфтаи халқамон дар назар гирифта шавад. Дар он таҷрибаи хубе андӯхта шудааст, ки барои мустаҳкам шудани асосҳои давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон хеле боарзиш аст. Бесабаб нест, ки таҷрибаи сулҳи Тоҷикистонро бисёр кишварҳои ғарбӣ ва созмонҳои байналмилалӣ фаъолият доранд ва ҳамкории сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ бо онҳо ҳамаҷониба идома дорад.

Дар Тоҷикистон дар шароити кунунии кишвар мақсади асосии ҳизбҳои сиёсӣ, ин дар назари ҷомеа кӯшиши муаррифии худ ҳамчун як неруи созанда аст, ки дар доираи қонунгузорӣ фаъолият менамояд. Бинобар ин, воқеияти сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа собит мекунад, ки ҳизбҳои сиёсӣ пешсафи равандҳои инкишофи ҷамъият гарданд ва фаъолона дар мустаҳкам намудани сохтори сиёсӣ, дар ташаккул ва рушди парламентаризм иштирок намоянд.

Аз ин бармеояд, ки баҳри иҷрои мақсадҳои худ онҳо ҳамкориро бо сохторҳои мақомоти давлатӣ вусъат диҳанд. Роҳбарони ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ бояд амиқ дарк намоянд, ки онҳо барои фардои давлату давлатдории тоҷикон, сулҳу субот, ваҳдату ягонагӣ ва барои ояндаи дурахшони Тоҷикистон ва нуфузи он дар ҷомеаи ҷаҳонӣ фаъолият менамоянд.

Аз таҳлилу баррасии пайдоиши матбуоти ҳизбӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол метавон чунин натиҷа гирифт, ки матбуоти ҳизбии тоҷик дар замони шӯравӣ шакл гирифта дар замони истиқлолияти давлатӣ густариш пайдо кардааст. Дар оғози истиқлолияти миллӣ таъсиси якчанд ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ сурат гирифтанд, ки дар рушди матбуоти ҳизбӣ низ заминаи мусоид фароҳам оварда шуд. Матбуоти ҳизбии тоҷик маҳз дар замони истиқлолияти миллӣ рушд кардааст ва фаъолияти матбуоти аҳзоби сиёсӣ журналистикаи тоҷикро гуногунранг ва пурмазмун намуда, барои плюрализми сиёсӣ замина мегузорад ва таваҷҷуҳ ба фаъолияти аҳзоби сиёсӣ дар дигар рӯзномаҳо низ сарчашмаи рушди журналистикаи сиёсӣ мегардад.

Таъсиси нашрияҳои ҳизбӣ аз муҳимтарин рӯйдодҳое ҳаст, ки барои пешрафти сиёсат ва дигар соҳаҳо муассир мебошад, зеро аз як ҷиҳат ҷомеаи демократиро муаррифӣ намояд, аз ҷониби дигар, дар таъмини озодии сухан заминагузор аст. Бешубҳа, нақши ҳизбҳо дар дигаргунии ҷомеа муҳим арзёбӣ мешавад.

Муқарриз: ***Қутбуддинов А.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Муродов, М. Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Эҷод, 2008. – Қ.2. – 68 с.
2. Нуралиев, А. Журналистикаи советии тоҷик / А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, У.Гулмуродов. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 173 с.
3. Нуралӣ Давлат Многопартийность по-таджикски, или фракция в масштабах страны электронный ресурс]. –Режим доступа: http://hews.tj/ru/hewspaper/article/
4. Раҳимов, А.А. Нақш ва аҳаммияти матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият баҳри ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ [Матн] / А.А. Раҳимов. – Душанбе, 2017. - С.160.
5. Самадова Д.Х. Таҳавули журналистикаи сиёсӣ ва баъзе масъалаҳои ВАО дар замони истиқлолияти миллӣ. [Матн] Номаи донишгоҳ. – 2017. - №2(51).
6. Саъдуллоев, А. Жанрҳои таҳлилии матбуот [Матн] / А. Саъдуллоев, П. Гулмуродов. – Душанбе: Сино, 1998. – 60 с.
7. Ш.Султонов, Очерки таърихи ҳизби коммунистии Тоҷикистон [Матн] / Султонов Ш. – Душанбе, 1980. - Қ.2.
8. Эмомалӣ Раҳмон. Бист қадами созанда. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – С.154-157.
9. “Эътиқод” №1 (340) феврали 2015.
10. “Нидои ранҷбар” 28.02.1992.
11. “Коммунист Таджикистана” №5-6 2017.
12. “Коммунист Таджикистана” №7-8 2017.
13. “Коммунист Таджикистана” №3-4 2018.
14. “Коммунист Таджикистана” №9-10 2018.
15. “Коммунист Таджикистана” №11-12 2018.
16. “Коммунист Таджикистана” №1-2 2019.
17. “Коммунист Таджикистана” 2019 №3-4
18. «Сухани халқ» №13 (207), 10.07.2012
19. “Адолат” № 2 (92) 30.12.2013
20. “Адолат” №1 (94) 6.02.2005
21. “Истиқлол” №1 (96) 15.12.2019
22. “Меҳргон” №83 аз 30.10.2013
23. “Меҳргон” №88 23.02.2015
24. “Меҳргон” №112, сентябри соли 2020
25. “Иттиҳод” №61 (61) майи соли 2019

ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ МАТБУОТИ ҲИЗБӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

Дар мақола заминаҳои пайдоиш ва ташаккули матбуоти ҳизбӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол баррасӣ шудааст. Матбуоти ҳизбии тоҷик дар замони шӯравӣ шакл гирифта, дар замони истиқлолияти давлатӣ густариш пайдо кардааст. Дар оғози истиқлолияти миллӣ таъсиси якчанд ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ сурат гирифтанд, ки дар рушди матбуоти ҳизбӣ низ заминаи мусоид фароҳам оварданд. Матбуоти ҳизбии тоҷик маҳз дар замони истиқлолияти миллӣ рушд кардааст ва фаъолияти матбуоти аҳзоби сиёсӣ журналистикаи тоҷикро гуногунранг ва пурмазмун намуда барои плюрализми сиёсӣ замина гузоштааст. Таъсиси нашрияҳои ҳизбӣ аз муҳимтарин рӯйдодҳое ҳаст, ки барои пешрафти сиёсат ва дигар соҳаҳо муассир мебошад, зеро аз як ҷиҳат ҷомеаи демократиро муаррифӣ намоянд, аз ҷониби дигар, дар таъмини озодии сухан заминагузор аст, ки ин бешубҳа, нақши ҳизбҳоро дар дигаргунии ҷомеа муҳим арзёбӣ мекунад, ки ҳамаи ин дар мақола нишон дода шудааст. Бояд қайд кард, ки барои дар амал татбиқ намудани ҳадаф ва мақсаду мароми ҳар ҳаракат ё ҷамъият ВАО воситаи асосӣ буда ва дар айни ҳол низ мавқеъ ва ҷойгоҳи худро ҳифз кардааст. Матбуот ҳамчун василаи пешкаш ва ташвиқу таблиғи ин ё он ҳадаф ва андешаву афкор миёни дигар воситаҳои ташвиқотӣ ҳанӯз ҳам нақши назаррас дорад. Аз ҳамин ҷиҳат, аҳзоби сиёсии ҷаҳон дар пиёдасозии аҳдофу афкори худ аз ин васила ба таври васеъ истифода намудаанд. Ба фаъолият шурӯъ намудани матбуот дар назди ҳизбҳо як навъ дар густариши журналистикаи ватанӣ таъсири хуб ҳам расонид, ки ҳамаи он дар мақола нишон дода шудааст. Бархе аз нашрияҳои ҳизбӣ аз фаъолият боз мондаанд ва баъзеи дигар, аз ҷиҳати сатҳу сифат ва тарзу пешниҳоди мавод мӯҷиби мушкилиҳо гардиданд. Баъзе нашрияҳои ҳизбҳо фаъолияти густурда аз худ зоҳир намуда, дар таъсиси нашрияҳои музофотӣ низ ноил гаштанд, ки аз ҳар ҷиҳат хуб ва шоистаи истиқбол аст. Дар маҷмӯъ, таъсис ва фаъолияти матбуоти ҳизбҳо дар пешрафти матбуоти даврии кишвар нақши назаррас доранд, ки дар мақола инъикос гардидааст.

Калидвожаҳо: ҳизбҳои сиёсӣ, таърихи матбуот, нашрияҳои ҳизбӣ, рӯзнома, журналистика, бозсозӣ, демократия, истиқлолият.

ПРЕДПОСЫЛКИ ВОЗНИКНОВЕНИЯ И СТАНОВЛЕНИЯ ПАРТИЙНОЙ ПРЕССЫ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ ТАДЖИКИСТАНА

В статье рассматриваются истоки и становление партийной прессы во времена независимости Таджикистана. Таджикская партийная пресса сформировалась в советское время и расширилась в период государственной независимости. В начале национальной независимости был создан ряд политических партий и общественных организаций, что также создало благоприятную среду для развития партийной прессы. Таджикская партийная пресса получила свое широкое развитие со времен обретения национальной независимости, а деятельность политических партий разнообразила и обогатила таджикскую журналистику

